АСКАР ҲАКИМ

# МАҶМӮАИ ОСОР

Иборат аз ҳафт ҷилд

Тадқиқоти илмӣ, нақди адабӣ, мақолаҳо

**Ҷилди IV**

Нашриёти «Ношир»
Хуҷанд

**АСКАР ҲАКИМ**

**ҶИЛДИ ЧАҲОРУМ**

**ТАДҚИҚОТИ ИЛМӢ,**
**Нақди адабӣ, Мақолаҳо**

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд**

ББК – 83.3 (2Т)
Ҳ – 27

***Ин «Маҷмӯаи осор» бо дастгирии Раиси вилояти Суғд, муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсони соҳибдил ва фарҳангсолор муҳтарам Абдураҳмон Қодирӣ ба нашр расидааст.***

**Аскар Ҳаким. МАҶМӮАИ ОСОР.**
– Хуҷанд: Ношир, 2017. – 564 саҳ.

ISBN 978-99975-60-07-0

**© Аскар Ҳаким, 2017**

# ТИМСОЛИ ШЕЪР ВА ШОИР
# ДАР ШЕЪРИ ҒИНОӢ

Ашъоре, ки шуарои тоҷик дар нимаи дуюми садаи бист эҷод кардаанд, бо вуҷуди гуногунии сабк ва мавзӯъву муҳтаво хусусияти муштараке доранд, ки он ҳарчи бештар мавқеи муҳим пайдо кардани инсон буда, дар суратҳои гуногун: шахсияти ғиноӣ, «ман»-и шоир, муаллиф, ровӣ  ва монанди инҳо зоҳир мешавад. Аз тимсоли шахсияти ғиноӣ, ки ба сурати як андоза умумии инсон рух намуда, баъзан бо шахси шоир як асту баъзан аз он фосила мегирад, низ назари шоир ба инсон, мавқеъ ва саҳми ӯ дар ҷомеа ошкор мебошад. Вале он нигоҳи бавоситаест, ки дар зимни он муносибати шахсияти ғиноӣ бо инсон ва олами шахсию шайъӣ нуҳуфтааст.

Дар байни шахсияти ғиноӣ ва шахси шоир дар шеър муносибати гуногунҷиҳати зиндае мавҷуд аст, ки ҳамеша метавонад тағйир хӯрад. Бад - ин ҷиҳат онҳоро ба ҳам набояд як донист ва ҳам набояд муқобил гузошт, зеро муносибати байниҳамдигарии онҳо хусусияти мутаҳаррике дорад.

Шахсияти ғиноӣ дар эҷодиёти ин ё он шоир дар асоси шахсият ва ҷаҳонбиниву дилбастагиҳои ӯ офарида мешавад, шахсияти муаллиф ҳам дар шеър фақат шахсияти тарҷумаиҳолии ӯ набуда, сифат ва моҳияти тимсоливу эҷодӣ касб менамояд, яъне онҳо ҳам хусусиятҳои муштарак ва ҳам фарққунанда доранд.

Шубҳае нест, ки ақидаи шоир оид ба мавқеъ ва моҳияти инсон ва махсусан, инсони эҷодкор, ки масъулияти тӯдакаширо низ бар дӯш дорад, дар ашъоре, ки бевосита бахшида ба шоир ё ба худ мегӯяд, равшантару барҷастатар ифода меёбад. Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки қариб ҳамаи шуарое, ки эҷодиёташонро дар ин таҳқиқот зери назар дорем, дар бораи худ ҳамчун шоир ё шоир ҳамчун худ ва ё дар тавсифи шеър ва ё шуаро шеър гуфтаанд, ки дар онҳо низ биниши онон аз шахсият ва мавқеи шоир дар ҷомеа ҳувайдост. Дар шеърҳое, ки шуаро дар бораи шоир мегӯянд, шахсияти ғиноӣ ба шахси шоир хеле наздик аст, балки дар аксари ҳолат худи ӯст. Дар шеърҳои насли сеюм, аз ҷумла М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода ва насли чаҳорум А.Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат шоир камтар ифодагари шуури шахсии худ буда, бештар ифодакунандаи шуури иҷтимоист.

Дар шеърҳои «Суруди ман» (с.1946), «Назмро ёд кардам» (с.1959), «Шоиро» (с.1962), «Таронаи ишқ» (с.1962), «Шеъри ман» (с.1972», «Гуфтугӯ бо худ» (с.1977) -и М. Турсунзода, ки дар байни бештар аз сӣ сол эҷод шуда, дар бораи мақому манзалат ва рисолати шеъру шоир мебошанд, сол ба сол дигартар шудани назари шоир ба ин масъалаҳо мушоҳида мешавад. Агар дар шеъри «Суруди ман» назари шоир ба рисолати суруд, яъне шеъраш тамоман умумии содагароёна бошад, мисли ин байтҳо:

*Ватанро қосиди ҳар фатҳи бобӣ,*
*Ба дасти кӯдакон хоно китобӣ,*
*Ба осонӣ ба ҳар дил роҳ ёбӣ,*
*Ба маҷлис гар равӣ, ҷӯши шаробӣ.*[1] –

дар шеъри «Назмро ёд кардам», ки пас аз сездаҳ сол навишта шудааст, каме ҳам бошад, мушаххастар шудани назари шоир ба рисолати шеъру шоир ҷой дорад. Дар ин ва дигар

---

[1] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди якум. Нашрдавтоҷ., Сталинобод, 1961, с. 88.

шеърҳое, ки М. Турсунзода дар он дар бораи худ суҳбат мекунад, ё шеърҳое, ки ба мавзӯи шоир ва ё  шеър бахшидааст, сифате, ки ҳамеша дар шоир ҳамчун муҳимтарин таъкид мешавад, ошиқпешагии ӯст. Дар шеъри «Назмро ёд кардам», ки аз масъалаи пайванди иҷтимоии шоир бо ҷомеа сухан мегӯяд, ҳангоме ки ҷараёни эҷоди шеър тасвир мешавад, – «Менавиштам ман дар ин ҳангом шеъру достон, // Ғарқ будам дар хаёли дилбари ширинзабон»[2] – шоир таъкид мекунад, ки ишқ оғози шоир аст ва шеърро бо ҳамин маъно ба охир оварда, аз забони маҳбуба мегӯяд: «Шоиро! Шеъре бихон, то ҳамдами розат шавам, // Дар китоби шеърҳои нав сароғозат шавам». Ва хулоса мекунад:

*Аз сари нав ҷӯш зад дил, шеър аз нав бофтам,*
*Чунки маҳбуби дилу ҷонро ниҳоят ёфтам!*[3]

Дар ин ҷо ҳам рисолати шеър дар он дида мешавад, ки ошиқро ошиқтар ва пайвандони ватанро ба ватан бештар пайванд кунад, вале мақсад хеле куллигароёна ба қалам омадааст, ҳарчанд ба ҳам омехтани ҳастии иҷтимоӣ ва шахсӣ дар шеърҳои дигари М. Турсунзода корбасти хуб дошта, аз аслӣ будани ин сифат дар истеъдоди шоир гувоҳӣ медиҳад.

Шахсияти ғиноӣ дар эҷодиёти М.Турсунзода танҳо дар солҳои 60-70 ба андешаҳои отифии худтаҳлилӣ меравад, ки мавзӯи онҳо ҳам чандон фарох набуда, бештар мавқеи шеъру шоирро дар ҷомеа дар бар мегирад. Аз шеъри «Шоиро» ба ин тараф андеша ва ҳиссиёти шоир оид ба ин масъала гармӣ, табу тоб ва мушаххасӣ пайдо мекунад. Шеъри «Шоиро» ва «Таронаи ишқ» ба ҳамдигар қаробат дошта, шоирро ҳамчун шахсияте, ки худрову шеърро дар сӯхтан меофарад, муаррифӣ менамоянд ва азбаски ин ду шеър дар атрофи як масъала – сӯхтани шоир мечарханд, аз куллигӯӣ наҷот ёфта, ҳиссиёти фардӣ ва шуури шахсии шоирро ба мо мерасонанд.

«Шоиро» яке аз хосиятноктарин шеърҳои М.Турсунзода аст, ки дар он шуури иҷтимоӣ бо шуури фардӣ, мавқеи ҷамъиятии эҷодкор бо ҳаёти шахсии ӯ пайванд гирифтааст. Шахси шоир, ки дар ин шеър гӯё ҷудо аз муаллиф вуҷуд дорад, мавриди хитоб қарор мегирад. Дар байти аввал мухотаби муаллиф бевосита шоир аст ва дар чаҳор байти баъдина аз чизҳое сухан меравад, ки маънии иҷтимоии ҳастии шоирро дар бар гирифта, аз сӯхтан пӯлод, аз шароре тоза гулхан офаридан, боиси зиндагӣ гаштани ҳарорати офтоб ва монанди инҳоро гӯшзад менамояд, ки ҳама бар ҳастӣ ва заҳмати шоир нисбат доранд.

*Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,*
*Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар.*
*Сӯхтан пӯлоду оҳан офарад,*
*Аз шароре тоза гулхан офарад.*[4]

Ин шеър, ки аз ангезаи ҳиссӣ оғоз гирифтааст, ба тариқи ифодаи амудӣ боло рафта, мисраъ ба мисраъ пуртабутобтар мешавад.  Ба шахсияти ғиноӣ, ки дар айни ҳол худи шоир аст, мансуб будани ин эҳсосоту андеша чеҳраи ӯро пуррангтар менамояд. Дар байти панҷум

---

[2] Ҳамон ҷо, с. 215.

[3] Ҳамон ҷо, с. 216.

[4] Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо Ватан. Душанбе, «Адиб», 2001, с. 114.

муаллиф боз ба усули мурочиати бевосита ба худи шоир бармегардад ва аз амалҳое сухан мегӯяд, ки ҳам ба ботини шоир тааллуқ доранду ҳам ба моҳияти ичтимоии ӯ. Ин мавзӯъро дар кӯраи дил гудохта пешниҳод кардан аст, ки маҳорат мехоҳад. Баъд аз ин ҳар байте, ки меояд, маънои таҳтонӣ ҳам пайдо намуда, бар аҳамияти ҳастии шахсӣ ва ичтимоии шоир далолат мекунад. Азбаски дар онҳо дар баробари мазмунҳои ошиқона мазмунҳои ичтимоӣ низ чойгузин карда шудаанд, онҳо дар як ҳолат, бо як тир ба ду нишон мерасанд, яъне ҳам эҳсоси ошиқона ва ҳам андешаҳои ичтимоиро ифода менамоянд. Вожаву таъбирҳое, аз қабили, фаввора, танӯри дил, оташпора, дили сангин, дили ёр, кор кардан ҳамин гуна хусусият пайдо кардаанд.

Дар шеъри «Таронаи ишқ» сухан умуман аз шоир ва маҳбуба аст, ки шахсияти ғиноӣ бардошти худро аз рисолат ва ҳастии ҳар дуи онҳо баён менамояд. Интихоби ингунаи мавзӯъ худ барои ифодаи як андоза куллии ҳиссиёту андеша сабаб мешавад. Ибрози шуури ичтимоӣ ҳам бар шуури шахсӣ боло мегирад, вале самимияте, ки сарчашма дар шахсияти шоир дорад, онро дилрас месозад, зеро шахсияти М. Турсунзода бо сифатҳои беҳтарини як нафари ичтимоӣ бисёр табиӣ ба ҳам омадааст.  Ӯ дар ин шеър дар бораи худ ҳамчун шоир сухан меронад ва бо ишора ба ин байти машҳури Ҳофиз: «Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро, // Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро»,[5] чунин мегӯяд:

*Холи ҳинду мулки дилҳоро гирифт,*
*Ҳам Самарқанду Бухороро гирифт.*
*Мо, ки аз шерозиён кам нестем,*
*Дар саховат камбағал ҳам нестем,*
*Ҳар чӣ хоҳад ёр инъомаш кунем,*
*Чону дилро садқаи номаш кунем.*[6]

Ва баъд ба тавсифи маҳбубааш мепардозад, ки ӯ ҳам нисбат ба сифати шахсии фардӣ бештар сифати ичтимоӣ дорад, ба назар сохтакорона намерасад, зеро ӯ ҳам маҳбубаест, ки «арзандаи дунё», «дар муҳаббат ҳокими мухтор», «ҳастияш субҳи шаби торик» мебошад ва шоир ҳам аз забони ӯ дар бораи «зебоӣ... доноӣ... озодӣ» - и ӯ ва дар ӯ будани «нури дониш, кудрати фан» сухан ронда, ба ӯ «Қитъаҳои Осиё, Африқаро»[7] ҳадя меорад, ки табиӣ менамояд, зеро барои онҳо замина гузошта шуд, ки он нисбат ба чеҳраи фардӣ бештар чеҳраи куллии ичтимоӣ доштани маҳбуба мебошад.

Ин гуна ба ҳам омезиш ёфтани шуури шахсии шоир бо шуури ичтимоӣ, дар айни ҳол, дарки озодии зан дар чомеа ва ифтихор аз фаъолиятмандии ӯ, барои М. Турсунзодаи шоир ва ҳамнаслони ӯ табиӣ ба назар меояд, зеро он яке аз дастовардҳои асосии замон ва чомеаи  наве буд, ки онҳо худ аз эчодкорони пешраваш буданд. Яке аз муҳимтарин сабабҳое, ки дар шуури муфради ғиноии ашъори онҳо шуури ичтимоии замон равшан акс андохтааст, низ дар ҳамин аст.

Дар «Шеъри ман» ва махсусан, «Гуфтугӯ бо худ», ки М. Турсунзода дар солҳои ҳафтод, дар охири умраш гуфтааст, сухан аз забони шахси шоир мебошад, ки шуури шахсии ӯ, дарки

[5] Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. Теҳрон. Нашри Замон, 1379 / 2001, с. 6.

[6] Мирзо Турсунзода. Ҳамон чо, с. 110-111.

[7] Ҳамон чо, с. 112.

фардии шоирро аз масъулияти шеъру шоир ифода менамоянд. Дар «Шеъри ман» шоир дар оғоз аз меҳнати сахту мушкили худ дар гуфтани шеър бо лаҳни воқеии самимӣ суҳбат мекунад:

*Шеъри ман!*
*Хуни ҷигар, ё пораи дил гӯямат,*
*Ё шитоби корвон дар роҳи манзил гӯямат,*
*Ё хурӯҷи мавҷ дар домони соҳил гӯямат,*
*Роҳатат аз ҳад зиёду заҳматат з - он бештар,*
*Мухтасар сар то ба по савдои мушкил гӯямат.*[8]

Ва чун ба банде мерасад, ки аз эҳтимоли «хомӯш» мондани шеър сухан ба миён меояд, он рангу равғани баланди хаёлпардозона гирифта, эҳсосоти шадид пайдо мекунад. Шоир бо бардоштҳои муболиғаомези ғулувӣ мехоҳад, аз як ҷиҳат, чӣ андоза муҳим будани кори шеърро барои худ таъкид кунад ва, аз ҷиҳати дигар, арзиши баланди онро дар ҷомеа гӯшзад намояд. Агар шахсияте ҳамчун Турсунзода барои шеър ба ҳамон қадар меҳнату корҳои хориқулодӣ омода бошад, он пас барои ҷомеа арзише дорад. Бинобар ин ӯ дар бораи шеър бо такя ба шахсияти арзишманди иҷтимоии худ бо чунин бардошту шаҳомат: «Гар даме хомӯш монӣ, шӯру исён мекунам, // Баҳрҳоро ман ба ҷӯш оварда, тӯфон мекунам...»[9] сухан ронда, монанди ин мисраъҳои бо ғулуву хаёлпардозонаро ба забон меорад.

Ҳамин тариқа, дар аксари ашъори М.Турсунзода, ки ба мавзӯи мавқеи шеъру шоир дар ҷомеа бахшида шудаанд, назари иҷтимоӣ ба адабиёт, ки як шохаи шуури иҷтимоист, равшан падидор аст, вале азбаски хусусияти ғиноии истеъдоди шоир қавист, онро ҳамроҳ бо ифодаи ҳастии шахсии худ ба қалам медиҳад. Ин сифат ба ин гуна ашъори ӯ самимият ва гармӣ бахшида, шуури иҷтимоии ӯро дар дили мо ҳамчун таровишҳои қалбии ӯ ҷойгузин менамояд.

Шеъри дигаре, ки дар ин мавзӯъ баҳс мекунад, «Гуфтугӯ бо худ» ном дорад, ки дар назари аввал гӯё гуфтугӯи шоир бо худаш аст, аммо дар асл чунин нест ва ин як усули пардапӯшона дар бораи рақиби худ сухан рондан аст:

*Ақлро кардаӣ ту бе эҳсос,*
*Ба бинои азими назм асос?*
*Номаи ишқи нотамом куҷост,*
*Сӯхтанҳои бардавом куҷост…*[10]

Аз ин нуктаҳое, ки шоир гӯё ба худ мегирад, пай бурдан мумкин аст, ки ин ҳарфҳо дар бораи ӯ нестанд, зеро қариб дар ҳамаи шеърҳое, ки ӯ аз давраҳои аввали эҷодиёт то солҳои охири умр дар бораи шеъру шоир навиштааст, ба ишқи ёр, яъне ба ҳиссиёт пойбанд будани худро таъкид кардааст. Бинобар ин, ӯ наметавонист дар бораи худ чунин гӯяд. Доираи адабӣ ва онҳое, ки аз муносибати байниҳамдигарии шоирон хабар доранд, пай мебаранд, ки ҳадафи ин шеър кист. Онро аз таъбирҳои «номаи ишқи нотамом», «сӯхтанҳои бардавом» ҳам дарёфтан мумкин аст, зеро онҳо дар эҷодиёти шоире, ки ҳадафи ин шеър аст, ба кор рафтаанд.

---

[8] Ҳамон ҷо, с. 31.

[9] Ҳамон ҷо.

[10] Ҳамон ҷо, с. 156.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, яке аз навъҳои шеъри ғиноӣ чунон аст, ки дар он шоир аз воқеаву ҳодисаҳо ва ҳолатҳое суҳбат мекунад, ки дар зиндагиаш ҷой ва асоси тарҷумаҳолӣ доранд. Аммо дар назар бояд гирифт, ки шоир ҳар қадар таҷрибадортар, бузургтар мешавад, ҳамон қадар дар санади тарҷумаиҳолияш мухтавои бештари умуминсониро ҷой медиҳад. Бинобар ин дар ашъори шуарои бузург санади ҳаёти шахсии онҳо ба санаде мубаддал мегардад, ки ба дигарон ҳам тааллуқ гирифта, ҳиссиёту таассуроти онҳоро низ ифода менамояд, яъне мазмун ва моҳияти таъмимӣ касб мекунад.

Ҳангоми тадқиқи ашъоре, ки дар асоси санади тарҷумаҳолии шоир эҷод шудаанд, ҳамеша дар назар бояд дошт, ки шоир маҳз он санад, на дигареро барои он интихоб ва истифода кардааст, ки маҳз ҳамон санад нисбат ба дигар санадҳои зиндагии ӯ барои ба сурати бадеии пургунҷоиш табдил гашта, таъмимӣ шудан қобил будааст. Бинобар он, санади тарҷумаҳолие, ки дар шеър муваффақона истифода мешавад, болотар аз санад буда, як такон, ангезаест барои ба ҳаракат омадани ҷаҳони андешаи шоир, ки дар натиҷа сурати таъмимшудаи бадеии воқеиятро ба вуҷуд меорад. Моҳияти ҳар шеъре, ки дар асоси санади тарҷумаиҳолӣ офарида мешавад, танҳо дар сабти ҳамон санад набуда, зеро агар фақат ҳамин гуна моҳият медошт, он хеле сабукбору камарзиш буд, вале он баръакс фаротар аз он буда, тобише аз мафкураву ҷаҳонбинии шоирро ифода менамояд. Дар айни ҳол, шоир ҳар қадар ба воқеияти зиндагиаш наздик ва дар инъикоси он дақиқтар бошад, санади тарҷумаиҳолӣ барои дарки ашъораш ҳамон қадар бештар мадад хоҳад кард.

Ҳоло нуктаи муҳим барои мо дар ин шеър он аст, ки сол то сол назари шоир М. Турсунзода оид ба рисолати шеър фардитар, мушаххастар мешавад ва садои даъвати ҷорчии замон будани шеъру шоир, ки дар шеърҳои давраҳои пешинааш буд, хафифтар мегардад. Он садо дар ин шеър тамоман шунида намешавад, ва баръакс ӯ, аз шоир талаб дорад, ки бинои шеърашро бар ҷунуни шоирӣ, дили ҳассос ва хуни гарму ишқ барқарор намояд:

*В-арна, гар шоирӣ, ҷунунат ку?*
*Дили ҳассосу гарм хунат ку?*
*Ишқ агар нест, ақл беҷон аст,*
*Дар дилат чиллаи зимистон аст.*[11]

Ин талабҳо барои шеъри тоҷикӣ нав нестанд, онҳо собиқаи ҳазорсола дошта, дар ашъори шоирони куҳани мо ба дараҷаи аъло баён карда шудаанд, ки ин ҷо танҳо ном бурдани шоирони ирфониву ринд чун Саноиву Аттору Мавлонову Ҳофиз басандааст. Аммо аз забони М. Турсунзода ба ин шакл изҳор шуданаш камтар собиқа дошт.

Шахси муаллиф, ки дар шеърҳои ба шеъру шоир бахшидаи М. Турсунзода рух менамояд, қабл аз ҳама чеҳраи инсони эҷодкори ошиқ аст, ки ангезаи ишқ дар дили ӯ оташи шавқи навиштанро дар медиҳад ва ӯ бо ҳамин оташ ба ҳар мавзӯъ, ки даст мезанад, онро пурҳарорату ҳаяҷонбахш ифода менамояд. Ба ин табиати ғиноии истеъдоди ӯ, ки ҳамаи ашёро дар дили худ гунҷоиш дода, пасон дарку таассуротеро, ки аз он бармедорад, якҷоя бо самимият ва шавқу шӯре, ки дар ҷону дили сӯзонаш дорад, ба хонанда пешниҳод мекунад, мадад менамояд. М. Турсунзода, ки аз ниҳод шоири ғиноист, дар анвои шеър, дар ғиноӣ ҳоҷати сухан нест, зеро шеъри ғиноӣ як навъи зуҳури шахсияти шоир аст, балки дар манзумаҳои ҳамосиаш ҳам аз шахсияташ нақши равшане боқӣ мегузорад.

---

[11] Ҳамон ҷо.

Чеҳраи шоирии М. Миршакар дар шеърҳои ба шеъру шоир бахшидааш ба сабаби ҳамосӣ будани ҷанбаи истеъдодаш мушаххасан пайдо набуда, он чун сурати шахси ҷомеъ ба назар мерасад, ки ғоя ва нуқтаи назари ягона ба зиндагӣ дорад. Ӯро мо на аз рӯи хусусиятҳои фардӣ, хулқу атвор, дилбастагиҳо, машғулиятҳо, балки аз рӯи ақидааш, ки ифодагари шуури иҷтимоии замони ӯст, мешиносем. Дар шеъри «Наззораам доим ба пеш»-и ӯ ин хусусияти фардии шоир, ки баёнгари шуури иҷтимоист, комилан равшан акс андохтааст. Дар ин шеър ӯ аввал ин мисраи: «Мавҷ шав, аз худ баро, Бар дӯши тӯфон сайр кун!»-и шоири афғон Бориқ Шафеиро эпиграф оварда, пас менависад:

*Шоирам,*
*Наззораам доим ба пеш...*
*Сайргоҳи қалби нооромӣ ӯст*
*Дӯши тӯфони азим.*
*Мавҷи ишқу чашмаи илҳоми ӯст*
*Ҷӯши тӯфони азим!*
*Шоирам ман!*
*Сарфароз аз касби хеш!*[12]

Тимсоли шоир дар шеърҳои М. Турсунзода дар асоси ҷузъиёти ҳаёти шахсии ӯ офарида мешавад, яъне ӯ аз ҷузъ ба сӯи кулл меравад, вале дар тимсоли шоир, ки аз ашъори М. Миршакар ба назар мерасад, ҳаёти шахсӣ, шахсияти инсониаш ҳувайдо набуда, ӯ қариб ҳамеша ҳамчун баёнгари ғояи ҷамъиятӣ, ҳамчун шаҳрванди ҷомеъ зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, он тимсоли ғоявӣ ва таъмимиест, ки ҳамеша дар паи иҷрои мақсадҳои шаҳрвандиаш мебошад. Мақсади М. Миршакар аз шахс ва фаъолияти шоир дар шеъри барномавии «Зиндаӣ, зиндаӣ, нахоҳӣ мурд!», ки ба шоири рус В. Маяковский бахшидааст, аён аст. М. Миршакар ҳамеша худро шогирд ва пайрави ин шоир медонист ва дар ин шеър ба кадом ҷиҳати эҷодиёти В. Маяковский пайравӣ карданашро таъкид мекунад. Дар айни ҳол таъкиди пайравӣ ба ҷиҳати таблиғотии ашъори Маяковский он қадар муҳим нест, зеро он худ пайдост, вале муҳим он аст, ки Миршакар кадом мабдаъҳои шеъри Маяковскийро асосӣ меҳисобад. «Шоири ақлу фаҳму виҷдонам»[13] хитоб мекунад Миршакар ба Маяковский ва аз ин маълум аст, ки ӯ маҳз ба ҳамин ҷиҳатҳои эҷодиёти Маяковский бештар таваҷҷуҳ дорад, ки дар ашъори худи ӯ ҳам нисбат ба мабдаъҳои дигар қавитаранд. Вале, мутаассифона, аз ҳам ҷудо омадани мабдаъҳои ақлӣ ва виҷдонӣ, яъне шуурӣ аз мабдаъҳои ҳиссию самимӣ, симои шоирии Миршакарро ҳамаҷониба ҷаззобу дилҷӯ намудор намесозад, ҳарчанд Миршакар дар шеъри «Он чӣ дил гуфт...» таъкид мекунад, ки «Он чӣ дил гуфт, бигӯ, гуфтам ман»,[14] вале маълум мешавад, ки дил нисбат ба гӯш додан ба набзи ҳастии худ, бештар сомеи оҳангҳои ғояҳои мутантан гаштааст. Ҳамин хусусият ба ин ё он шакл дар аксари ашъори ба шоир бахшидаи М. Миршакар, аз ҷумла, дар шеърҳои «Дилам дар инқилоб аст», «Нидои зиндагӣ», «Дили шоир», «Амри таърих» ба назар мерасад.

---

[12] Мирсаид Мишакар. Панҷи нооором. (Мунтахаби ашъор). Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Робиаи Латиф. Душанбе – Теҳрон, 2002, с. 234-235.

[13] Мирсаид Миршакар. Куллиёт иборат аз се ҷилд. Нашр. «Ирфон2, Душанбе, 1970, ҷ. 1. Шеърҳо. С. 62.

[14] Мирсаид Миршакар. Панҷи нооором. С. 257.

Масалан, дар шеъри «Амри таърих», ки шоир аз амри таърих ба эҷодкор ва, аз ҷумла ба худи ӯ сухан мегӯяд, танҳо хидмати иҷтимоии ӯро таъкид мекунад, ки эҳтимол ба сари худ бад нест, аммо ин масъулияти иҷтимоӣ хеле сатҳӣ, яктарафа ва шиороҳанг ба қалам дода мешавад: «Соҳиби донишаму илму ҳунар, // Мекушоям зи дили кайҳон дар. // Ман супориш зи диёрам дорам, // Амри таърих ба ҷо меорам…»[15].

Дар ашъори М. Миршакар, агар шоир ғаме дорад, он ҳам ғами иҷтимоист, ки аксаран ба воқеияти кишвари ӯ вобаста набуда, чунонки дар ашъори Мирзо Турсунзода ҷой дошт, асосан ғами дӯстони хориҷии Шарқи мазлуми ӯст, ки барои озодӣ, бахту саодат ва сулҳу салоҳ дар олам ва кишварашон мубориза мекунанд. Ин маънӣ, ки қариб дар ҳамаи ашъори ба ин мавзӯъ навиштаи шоир ҷой дорад, дар шеъри «Дилам дар инқилоб аст» беҳтар ҷамъбаст шудааст. Шоир дар бораи сифатҳои дили хеш, ки бегуноҳ, посбони ӯ, ғамхору дилсӯзи ёрон ва ба монанди инҳост, сухан гуфта, аз роҳат надоштани дилаш ҳам ёд меоварад, вале сабаби ин нороҳатии дил дар муҳити иҷтимоии ӯ набуда, берун аз он аст.

*Чӣ сон роҳат кунад дил дар чунин ҳол,*
*Ки бероҳат рафиқонам маҳу сол?*
*Шавад хуррам, чу бинад ёрро шод,*
*Хурад ғам, гар рафиқе тан ба ғам дод.*[16]

Ва дар аввалтари шеър омада буд, ки он рафиқон киҳо ҳастанд, онҳо дӯстони хориҷии шоиранд, ки бо истилогарон меҷанганду ба халқашон бахту саодат оварданӣ мебошанд. Агар ҳамин симои шоир, ки масъулияти бузурги иҷтимоиро бар дӯш гирифтааст, бо суратҳои махсус, бо пайвандаш ба зиндагии табиии инсонии ӯ, бо ҳаяҷону изтироби шахсӣ, ки аз масъулияти иҷтимоии ӯ бармеояд, ба тасвир гирифта мешуд, бешубҳа, марғуб мебуд, аммо, мутаассифона, ҷои онро маълумоти хабарии бепироя пур кардааст.

Дар ашъори Ғаффор Мирзо ҳам ҳамеша ҷиҳатгирии сахти ғоявию сиёсӣ эҳсос мешавад, аммо, бо вуҷуди ин, муфради ғиноии ӯ дар солҳои ҳафтод дар чанде аз шеърҳо симо ва ҷаҳони худро, ки камтар вобастаи сиёсати замон буда, ӯро ҳамчун яке аз ҷузъҳои табиат, ки на фақат ғами ҷомеаро мехӯраду худ дард надорад, балки ҳамчун инсони хокие, ки ҳисси дарду ғами шахсӣ ба ӯ ҳам бегона нест, намудор месозад. Ҳамин гуна ҳолату ҳиссиёт дар шеъри оид ба мавзӯи шеъру шоир навиштаи ӯ, ки мавзӯи бисёр худӣ ва дар замири ҳар шахси эҷодкор ҷойдошта мебошад, ба хубӣ зуҳур кардааст. Ин шеъри «Парии шеър ва париварaи шеър» (с. 1974) аст, ки таассурот ва ҳиссиёти шахсии шоир Ғаффор Мирзоро аз шеър ва муносибати дучонибаи онҳо бозгӯ мекунад. Ин ҳиссиёту таассурот ва муносибати шеъру шоир сахт фардӣ ва фоҷиабарангез аст, ки бо рамзу маҷозу таъбироти ғайримаъмулӣ ифода гаштааст. Он аз ангезаи ҳиссие, ки ифодакунандаи нуқтаи олии фоҷиавияти ҳоли шахси шоир мебошад, оғоз гашта, хонандаро якбора ба доираи таъсири хеш мегирад. Номи шеър «Парии шеър ва париварaи шеър» аст, вале дар мисраи аввал шоир шеърро ба албастӣ, ки шабаҳи сиёҳ, ҷодугар ва монанди инҳост, монанд карда мегӯяд:

*Чу албастӣ вуҷудамро,*

[15] Ҳамон ҷо, с.212.

[16] Ҳамон ҷо, с. 221.

*Гиламро мечафад ҳар рӯз,*
*Танам, рӯҳам, диламро мечафад ҳар рӯз,*
*Чунонам мечафад ҳар рӯз,*
*Чунонам мечафад ҳар рӯз,*
*Ки аз ман дар вуҷуди ман*
*Ягон қатра намемонад,*
*Ягон зарра намемонад.*[17]

Рамзу маҷоз ва таъбироти ин шеър бештар аз эҷодиёти шифоҳии мардум, аз қиссаву афсонаҳост, ки сабки Ғаффор Мирзо аз онҳо таъсири зиёд бардоштааст. Дар ин ҷо ҳам он бар эҳсосоту таассуроти шоир таъсири қавӣ дошта, андешаи ӯро аз шеъру шоирӣ фаро мегирад ва вомедорад бар он аз даричае нигарад, ки чӣ гуна қувваҳои неку бад дар афсонаҳои мардумӣ ба ҳам дармеовезанд. Ба ин гуна нигоҳи фоҷиабор бар шеър нигаристан камтар собиқаву намуна дорад, аммо, ба ҳар ҳол, вобаста ба ҳолу ҳавое, ки шоирро ба сар аст, гоҳ-гоҳ рух менамояд. Маълум мешавад, ки дар давраи ба вуҷуд омадани ин шеър Ғаффор Мирзо мушкилоти сахте дар зиндагӣ ва кори шоирии худ доштааст. Аз ин рӯ, дар он шеър ба албастӣ монанд карда мешавад, ки вуҷуду рӯҳи шоирро ҳар рӯз чунон мечафад, ки аз ӯ «ягон қатра» намемонад ва агар кушанд ҳам, хун намеояд. Ин албастӣ ӯро чунон ҷафида мехушконад, ки ба мисли ҷисми мумиёкардашудаи «бистасра» мешавад ва дигар ӯро на кирми чӯбу на кирми устухон хӯрда метавонад. Вале Ғаффор Мирзо Ғаффор Мирзо набуд, агар аз ин олами сиёҳи шабаҳзеркарда берун намерафт, вале дар ҷаҳони имрӯз ҳам ӯ, чунон ҷафида мешавад:

*«Ки мошин коргарҳоро*
*Ба аҳди зулму истисмор.*
*Ба мисли беваи аз шӯй носерам*
*Харобам, бемадорам мекунад, афгор.*
*Ба ин дастур хушкам мечафад ҳар рӯз,*
*Вале боз офтобам мекунад ҳар рӯз.*[18]

Шоир дар охиртари ин шеър мегӯяд, ки ин албастӣ маро *«Аз худи афсонаи Ҷамшед то ҳозир, // Ва ё аз ибтидои гардиши хуршед то ҳозир»* мечафаду мечафад, яъне ӯ тимсоли худро умумият медиҳад ва аз азал ҳоли ҳамаи шоиронро чунин маънидод карда, дар мақтаъ хулоса мегирад: *«Маро ҳар рӯз ҳол ин аст, // Заволи безавол ин аст».*[19]

Ин мавзӯъ, ки шоир барои бо шеър ҷовидон кардани номи худ ранҷу машаққати гӯшношунидро таҳаммул мекунад, дар адабиёт мавзӯи собиқадорест, аммо ин тарзе ки Ғаффор Мирзо онро ба андешаву тасвир гирифтааст, дигаргуна ба назар меояд. Дар он, ҳамчунонки болотар қайд шуд, нақши тафаккури адабиёти шифоҳии мардум бештар мебошад ва истифодаи рамзу маҷоз, тимсолҳо ва таъбироти халқиву афсонавӣ, ки ин навъи тафаккур талаб дорад, шакли бадеии онро низ ҷолиб намудааст. Корбурди вожаву таъбир ва ифодаҳои сабки забони гуфтугӯии мардум, аз ҷумла, «мечафад», «кушандам, хун намеояд», «ягон дарде намеёбам», «парво намедорам», «беваи аз шӯй носерам», «мечафад ҳар рӯз…боз офтобам мекунад», ки дар

---

[17] Ғаффор Мирзо. Ҳангомаи дидор. (Шеърҳо). Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1984, с. 86.

[18] Ҳамон ҷо.

[19] Ҳамон ҷо.

шеъри мактуб камтар истеъмол дошта, бештар моли наср маҳсуб мешаванд, дар ин ҷо комилан табиӣ ба назар мерасанд ва ба доираи алфози забони шоирона кашида шуда, зебоиву ҷаззобият пайдо мекунанд. Бинобар ин рамзу маҷозҳо ва вожаву таъбирҳо, ки дар зиндагию гуфтори ҳамарӯзаи мардум ҳастанд, на ҳамчун моли наср, ки ба шеър бегонагӣ доранд, балки ба хотири ҳамнишиниашон бо алфози дигар ва ҷой гирифтанашон дар сабки шоирона хусусияти эстетикӣ пайдо кардаанд.

Заминаи мавзӯии ин шеърҳо аз таассуроти рӯҳии шоир мебошад, аммо боз навъи шеърҳое ҳастанд, ки мухтавои онҳо аз воқеияти зиндагии шоир бармеояд. Шеъри «Узри ману қабули ту» (с. 1975) аз ҷумлаи чунин шеърҳост, ки дар он сухан аз забони муаллиф, яъне худи шоир буда, мавзӯи он аз як ҳодисаи зиндагии ӯ маншаъ мегирад. Дар ин ҷо донистани санади тарҷумаҳолии шоир – як муддат аз сафи ҳизби коммунист хориҷ карда шудан ва азобҳои рӯҳӣ кашидани ӯ – дарки маъноӣ ва бадеии шеърро комилтар мекунад, зеро ин ҳодиса ба таркиби бадеии шеър дохил шуда, моҳияти эстетикӣ пайдо кардааст.

*Пой бурун намениҳам*
*Аз хати арзу тӯли ту,*
*Партия, эй бузурги ҳақ,*
*Узри ману қабули ту.*[20]

Дар шеъри «Узри ману қабули ту» «ман»-и шоир танҳо мани ӯ набуда, ба мани шахсияти ғиноӣ қаробат пайдо менамояд, зеро он дар баробари тимсоли шахси шоир буданаш боз сурати таъмимии инсонест, ки ифодакунандаи мафкураи муайяне буда, на фақат дар як шеър, балки дар силсилаи ашъори шоир акс меандозад. Дар аксари шеърҳои Ғаффор Мирзо шахси шоир ба ҳизби коммунист, ки дар ятимиҳои бачагиаш наҷотдиҳандаи ӯ будааст, изҳори сипосу ташаккур ва эҳтироми самимӣ зоҳир менамояд, ки дар тимсоли шахсияти ғиноии шеъраш низ инъикос мешавад. Бинобар ин шахсияти ғиноӣ дар ашъори Ғ. Мирзо ҷаҳонбинии табақаеро, ки дар гузаштаи тоинқилобӣ хору зор буда, маҳз ба воситаи сиёсати Ҳизби Коммунист ва Давлати Шӯроҳо аз зиллат раҳоӣ ёфтааст, ифода мекунад. Ӯ дар ҳама ҳолат ба ҳизбу ҳизбиён ҳиссиёти ташаккуру эҳтиром мепарварад ва агар аз онҳо ба ӯ ҷабре ҳам расида бошад, онро ҳамчун сазои хатои худ мепазирад ва ё зуҳуроти ҷузъие медонад, ки дар баробари бузургӣ ва адолату покии куллии онон ночиз буда, аз сипосу ҳурмат маҳрум карда наметавонад. Ин ғоя ҳамеша дар таассурот ва андешаҳои ӯ нақши бештар дорад. Масалан, дар ҳамон шеъри «Узри ману қабули ту», шоир сабаби аз сафи Ҳизби коммунист хориҷ шуданашро ҳам «Айби ману сазои ман!»[21] мегӯяд.

Шахси шоир Ғаффор Мирзо дар шеърҳои «Ҳолӣ ҳам» (с. 1975), «Насиҳатгар, ба ғамхорит раҳмат» (с. 1975) аз даврони баркамолиаш бахту осоиш интизор дорад, аммо бекасию хору зории кӯдакӣ бештар ба ёдаш мерасаду ба хобаш медарояд, ҳоло ҳам ба монанди кӯдакон чашмашро бо дасти худ пӯшида, мепиндорад, ки худро аз чашми дигарон пинҳон кардааст, аз қисмат мехоҳад, ки болу пари пешинаашро диҳад, то парвоз карда тавонад. Ҳамин тавр, шахси шоир дар ин шеърҳо меҳру талоши зиндагиро дар худ на ҳамчун маҳсули ғояи фармуда, балки ҳамчун талаби ҷавҳари худ ба қалам оварда, дар шеъри дувум ба насиҳатгаре, ки ғами ҷони ӯро

---

[20] Ғаффор Мирзо. Нору нур. (Шеърҳо ва достонҳо). Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1976, с. 5-8.

[21] Ҳамон ҷо, с. 6-7.

мехӯрад, маслиҳат медиҳад: «Ту аз ҷони ҷавонам бехавотир бош...»,[22] ки ман «зарраҳои зиндагониро» «дар заҳри ҳалоҳил ҳам» пайдо карда, зиндагӣ карда метавонам.

Бештар хусусияти бурунгаро доштани андешаҳои отифии шахси шоир дар ашъори Ғаффор Мирзо дар шеъри «Аз танҳоӣ – ҳазар» (с. 1975) -и ӯ бараллоина намудор аст. Дар он шахсияти ғиноӣ худи шоир мебошад, ки «зи қабзи дил… рӯҳу ҷон гоҳе …ба берун» меҷаҳад «чу аз оташгирифта кулбаи пурдуд ё чун аз ҷаҳаннам», вале дар берун «дар ҷавфи ҷамоат», ҳатто дар «миёни дастаи ёрони ҷонпарвар» худро «боз танҳотар» дида, ба хона «чу дар по кундаву завлона дар гардан» бармегардад. Ҳамчунонки ба назар мерасад, масъалаи ин шеър танҳоии шоир ва муносибати ӯ бо ҷомеа буда, ба шакли баёни розу ниёзи шахсияти шеър адо карда мешавад. Ба оҳанги розу ниёз гирифтани сухан вазни шеър ҳам, ки асосан рукнҳои аслии баҳри ҳазаҷ буда, ба иқтизои муҳтавои сухан каму беш оварда мешавад, созгор аст. Зеро рукнҳои ин вазн, ки аз мафоӣлун мафоӣлун ба ҳам меояд, бо сабаби бо як ҳиҷои кӯтоҳ сар шудану паи ҳам се ҳиҷои дароз омаданаш оҳанги ороми ифшои розу ниёзро хуб ифода карда метавонад, ки дар ин шеър ҳам пайдост. Шоир, ки аз танҳоӣ, аз муҳити андешаҳои дарунгарои худ ба танг омада буд, ба олами берун ҷаҳид, вале олами берунро низ бо худ бегона ёфта, аз нав ба хона, ба олами даруни худ баргашт ва худро сари мизи шоириаш дида, «ҳазорон дӯст пайдо» кард. Ин иқрор тасдиқи он аст, ки шоир дар олами шахсии ғиноии шеъраш ҳам ҳамеша олами берун – дигаронро, ки «ҳазорон дӯст» мебошанд, бо худ ҳамроҳ дорад. Шоир дар ҷаҳони «маънию вазну қофия» подшоҳ аст, аммо «дар дунё касе аз подшоҳон нест танҳотар» ва ӯ маҷбур аст, ки боз чунин бигӯяду чунин амал бикунад:

*Зи қасри подшоҳиям,*
*Зи қабзи ногаҳони дил*
*Ба берун меҷаҳам ман*
*Чу аз оташ гирифта кулбаи пурдуд*
*Ё чун аз ҷаҳаннам.*[23]

Ин шеър дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо тасодуфӣ набуда, тарзи андешаҳои отифии шоирро, ки асосан бурунгарост, нишон медиҳад. Бинобар андешаҳои отифии ғиноӣ дар ашъори ӯ на фақат ҳолати рӯҳии шахсияти шеър, балки ба воситаи ба ин ё он шакл истифода кардани тимсол ва ё ҷузъиёти ҷаҳони ашё тарҳи олами ҳастиро низ ба назар намудор месозад. Азбаски дар ашъори Ғаффор Мирзо андешаҳои отифии муфради шеър аксаран бо ҳузури ашё ифода мешавад, олами ӯро гуногунрангу пурбор нишон медиҳад.

Барои ҳар шоири ҷиддӣ андешидан дар бораи шеъру шоир ва мавқеи онҳо дар зиндагӣ, ки дар либоси сурату тимсолҳои бадеъ ифода шуда бошад, як амри табиӣ ва қонунмандест. Ба чӣ тарз ва сурату тимсолҳо арзи вуҷуд кардани ин мавзӯъ дар эҷодиёти шоир далели чигунагии назари ӯ ба мақоми шеъру шоир буда, бевосита дар ашъори худи ӯ ҳам инъикос мейёбад. Он дар давраҳои гуногуни эҷодиёти як шоир ҳам вобаста ба таҷрибаву зиндагишинохтии ӯ ба тарзу тариқ ва арзишмандиҳои мухталиф ба тасвир омаданаш мумкин аст. Нигоҳи шоир ба мавқеъ ва моҳияти онҳо дар зиндагӣ бетағйир намемонад. Ҳамин ҳолат дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат дар шеърҳое, ки оид ба мавзӯи шеъру шоир навиштааст, ба назар мерасад.

---

[22] Ҳаффор Мирзо. Ҳангомаи дидор. (Шеърҳо). Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1984, с. 94.

[23] Ғаффор Мирзо. Ҳангомаи дидор, с. 101.

Андешаҳои отифии шахси шоир дар шеърҳои даврахои аввали эҷодиёташ, ки солҳои шастуми қарни бист эҷод шудаанд, масалан, «Арӯси назм» (с. 1961), «На ҳукм, на ҳикмат» (с. 1962), «Барои ҳурмати мӯи сафедаш» (с. 1963) нисбат ба андешаҳои даврони баркамолии шоириаш тафовути чашмрасе доранд. Дар шеъри «Арӯси назм», ҳамчунонки аз унвонаш ҳам пайдост, назари шоир ба шеър тавсифию суннатӣ буда, ба он чун ба дилбаре, ки дилашро бурдааст ва дар ҳар нафас ба ӯ мададгорӣ карда метавонад, муроҷиат карда, хоҳиш дорад, ки аз ӯ ҷудоӣ накунад. Азбаски андеша мустақилу амиқ нест ва нигоҳ ҳам тозагӣ надошта, умумию суннатист, мисраъҳоро вожаву таъбирҳои забонзаду кӯҳна пур кардаанд, ки ин мисраъҳо далели онанд: «Савганд ба ишваю ба нозат, // Савганд ба сӯзу бар гудозат; // Ё домани васли ту бигирам, // Ё дар раҳи ҷустуҷӯ бимирам!»[24]

Ишваву ноз, сӯзу гудоз, домани васл инҳо ҳама таъбирҳое ҳастанд, ки на аз олами таассуроти шахсии шоир, балки аз олами шеъри ошиқонаи куҳан бармеоянд, ки нисбат ба маъшуқа фаровон истифода шуда, на тозагӣ доранд ва на муносибати шоири замони навро ба шеър ифода карда метавонанд. Танҳо мисраи «Ё дар раҳи ҷустуҷӯ бимирам», ки он ҳам дар матни шеъри ошиқона ҳарфи кӯҳнаест, вале агар ба маънои ҷустуҷӯи роҳи тозаи шеър талаққӣ шавад, умедворкунандааст.

Воқеан, дар шеъри «На хукм, на ҳикмат…», ки баъди як соли шеъри «Арӯси назм» навишта шудааст, андешаи шоир оид ба масъалаи шеъру шоирӣ, дар айни ҳол, муносибати ғамхорона ба ҷавони «ба ҳусни шеър мафтун» фардитар гашта, аз таҷрибаи шахсии худи ӯ бармеояд. Ҳарчанд ба шамъ ташбеҳ шудани табъи шоир нав нест, аммо мавриди истифодааш, ки тоза аст, ба назар такрорӣ намерасад. Аз ҷиҳати дигар, самимияти муроҷиати шоир ба онҳое, ки дар оянда чӣ гуна фурӯзон шудани ин шамъ ба муносибати онҳо ҳам вобаста аст, ҳарчанд ҳар гуна муносибати сарде ҳам наметавонад шамъи асили шеърро хомӯш кунад, вале ба ҳар ҳол, хоҳиши муносибати дилсӯзона, ки «моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард» -ро ба хотир меорад, ба дил гармӣ мебахшад.

Шеъри «Барои ҳурмати мӯи сафедаш…» ҳам, ки ҳиссиёти ба ҳамин монанди шоири ҷавонро нисбат ба шеъру шоири «мардумошно» ва баланд «чун чархи барин» баён мекунад, самимона гуфта шуда, ҷузъиёти олами ҳастӣ, ки дар он ба ин ё он восита ва манзуре ба кор гирифта шудаанд, ҳамчун «мӯи сафед», «дили оинавор», «чашму нигоҳ», «болу пар», «замин» заминаи ашёвии шеърро пурбортар сохтаанд. Дар банди севуми шеър барои ифодаи таҳаммулнокии шоири мавриди ситоишу эҳтиром таҳаммулнокии ӯ ба пуртаҳаммулии замин ташбеҳ карда шудааст, ки тозаву муносиб аст: «Барои хоксориҳои покаш, // Таҳаммулнокии ҳамчун заминаш».[25]

Дар шеъри «Меҳри ту шеъри ман аст» (с. 1963) «ман»-и ӯ ба сифати шахси шоир ба забон меояд, ки сабаби ҳаётӣ дорад. Баъд аз танқиди парастиши шахсияти И. Сталин дар Анҷумани XX ҲК ИҶШС ва ислоҳотпешагии Котиби Генералии он Н. Хрушчев асарҳое пайдо шуданд, ки таъсири манфии оқибатҳои шахспарастиро аз ҷиҳати бадеӣ таҷассум мекарданд. Дар ин ҳангом шеъри «Ситораҳои бурҷи Кремл» (с. 1962) -и М. Қаноат низ ба қалам омад, ки дар он оқибатҳои ногувори шахсиятпарастӣ дар назар дошта, гуфта мешуд, ки як замон ситораҳои дурахшони Кремл - рамзи роҳнамоии Ҳизби коммунист ва Давлати Шӯравӣ аз сари мо дур гаштанд:

---

[24] Мӯъмин Қаноат. Осори мунтахаб. Дар ду муҷаллад. Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1988, с. 74.

[25] Ҳамон ҷо, с. 108.

*Рафта-рафта макони кори Ленин*
*Дур шуд, дур шуд зи аҳли замин.*

*Рафта-рафта ситораҳои Кремл*
*Дур шуд аз манораҳои Кремл.*

*Ахтари бахт рафт аз сари мо,*
*Дуртар аз ситораҳои само.*[26]

Ин аз ҳадди эътидол гузаштан буд, зеро ҳангоми танқиди шахсиятпарастӣ ҳам иҷоза набуд, ки «ситораи ҳизбу давлат аз сари мардум дур шуд», гуфта шавад. Бинобар, ин гуна зиёдаравиҳо зуд пешгирӣ ва ҳамчун ақидаи ғалате дар бораи қудрати роҳнамоии доимии ҳизби коммунист ба сӯи хушбахтии ҳамагонӣ арзёбӣ карда шуд. Дар натиҷа М. Қаноат ҳам зуд аз ақидааш гашта, шеъри «Меҳри ту шеъри ман аст» -ро навишт ва ба номи ҳизб узр овард. Аз ҷумла, ӯ дар бораи роҳи ростон будани роҳи ҳизб, каҷ набудани мароми он, по каҷ намондани худ ҳамчун фарзанди ҳизб, то касе номи ҳизбро ба каҷӣ нагирад ва монанди ин суханҳои савганду садоқат гуфта, дар охир аз ҳизби роҳнамояш бо чунин ҳарфҳо бахшоиш мепурсад:

*Шеър овардам ба даргоҳат, падар, –*
*Меҳри покат бар забон овардаам.*
*Гар бубинӣ сакта дар таҳрири ман,*
*Авф кун, устод, ин тақсири ман...*[27]

Ин шеър, ки маҳсули давраҳои аввали эҷодиёти М. Қаноат мебошад, на фақат аз назари муҳтаво, балки аз назари сухану бофт низ камсармояву бепироя аст. Шахсияти ин шеър худи шоир аст, ки аз санади воқеии зиндагии худ сухан мегӯяд ва ҳиссиёту таассуроте, ки ӯ баён менамояд, дар доираи ҳаёти шахсӣ маҳдуд мемонад. Ин навъи шеър, яъне шеъре, ки дар бунёди он ягон санади воқеӣ, тарҷумаиҳолии ҳаёти шоир қарор гирифта, ба меҳвари андешаҳои отифии шахсияти шеър мубаддал шуда бошад, дар эҷодиёти М. Қаноат мақом надорад.

Дар байни эҷоди ин шеър ва силсилаи «Созҳои Шероз» (с. 1971), ки дар чопҳои аввалаш аз ҳафт шеър иборат мебошад, тақрибан даҳ сол фосила аст. Дар ин силсила шоир ҳарчанд худро дар зимн нигоҳ дошта, сухан мегӯяд, вале ҳузури муаллиф ҳамчун шоир дар ҳамаи онҳо ҳувайдо буда, тафаккураш амиқтар ва эҳсосоташ худист.

Дар шеъри «Тахти Ҷамшед», ки силсила бо он ибтидо мегирад, шахси шоир аз лаҳни гуфтор ва вожаву ибораҳое, ки аз муҳаббати ба духтари тоҷик доштааш сухан мегӯяд, ҳис карда мешавад. Масалан, бо ин гуна сабку рамзу маҷозҳо аз ишқи худ сухан гуфтан танҳо дар забони шоир табиӣ буданаш мумкин аст:

*Пушаймон нестам,*
*гар зинда кардам ишқи Маҷнунро,*
*Даруни сина пинҳон доштам саҳрою ҳомунро,*
*Фурӯ бурдам зи чашми хеш пинҳон ашки гулгунро.*

[26] Мӯъмин Қаноат. Меҳри сипеҳр. Баргузидаи ашъор. Душанбе «Адиб», 2007, с. 41.

[27] Мӯъмин Қаноат. Осори мунтахаб. Дар ду муҷаллад. Ҷилди якум. Шеърҳо. Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1982, с. 112.

*Кушодам, пош додам пеши поят ганҷи Қорунро,*
*Пушаймон нестам ҳаргиз!*[28]

Тахти Ҷамшед дар хаёлоти шоир аз нав бо ҳама ҳусну ҷамол ва шукӯҳу шаҳоматаш дар назар меояд, ки ӯ «Кунун дар қасри Доро ҷоми Ҷамшед аст дар дастам, // Зи бӯи бодаю мӯи бути Шероз сармастам» мегӯяд, ки оғози мафтунӣ ва сармастии ӯ аз он паризод аст ва чун он паризод ба дасти ӯ «ҷоми марворид» мегузорад, дар ботини шоир ду ҳиссиёту таассуроти ошиқона ба ҳам бармехӯранд, ки яке муҳаббати пешинаи духтари тоҷик ва дигаре мафтунӣ аз ин паризоди шерозист. Вуҷуди ду муҳаббат дар як дил фоҷиа аст, ки шоир ҳам бо назардошти таърихи аз ҷониби Искандар ба оташ кашида шудани тахти Ҷамшед, ки бо ангехтани яке аз маъшуқагони ӯ сурат гирифта буд, дар охир ба чунин хулоса мерасад: «Ҳаметарсам зи васлу оташи ҳаҷри ту, ҷонона, // Ки охир мешавам монанди ин вайрона - вайрона!»[29]

Шеъри дуюми ин силсила «Зоиндаруд» аст, ки рафтани он чунин ба суруд монанд карда мешавад:

*Зоиндаруд, меравӣ, ҳамчун суруди ман,*
*Чун ханда аз даҳан,*
*Чун навҳа аз сухан.*[30]

Дар ин оғоз муаллиф «Зоиндаруд, меравӣ, ҳамчун суруди ман» гӯён ба шоир будани шахси худ ишора мекунад. Ҳамин гуна ишора дар банди дигари шеър, ки «Аз оби лаъл мо лаби хубон кушодаем, // Бо шеваи дарӣ, // Бо шеъри ховарӣ» мегӯяд, низ ҷой дорад. Умуман бояд қайд кард, ки дар силсилаи «Созҳои Шероз» новобаста аз он ки дар худи шеърҳо ишорае бар иштироки бевоситаи шоир ҳаст ё нест, навъи тафаккур хусусияти шоирона дошта, ба худи шахси шоир тааллуқ мегирад. Аммо дар шеърҳои дигари ин силсила ҳам шахси шоир ҷо-ҷо рухнамо мешавад, масалан, дар ғазали «Чӣ маст мегузарӣ, аз «Висоли Шерозӣ» дар байте, ки чунин мегӯяд:

*Камону тир надорам ба ҷуз сухан, эй моҳ,*
*Магар ба шеър бигирам ғизоли Шерозӣ.*[31]

Дар ин шеърҳое, ки аз назар гузаштанд, андешаҳои отифии шахси шоир оид ба мақоми шеъру шоир асосан дар атрофи масъалаҳои шахсиву ошиқона мечархиданд, аммо Мӯъмин Қаноат, ки бештар шоири мавзӯъҳои иҷтимоист, то маҳрамонаи шахсӣ, наметавонист назари худро ба ин ҷиҳати ҳастии шоир иброз надорад. Ҳадаф ва моҳияти иҷтимоӣ доштани ҳастии шеъру шоир дар достони «Сурӯши Сталинград» (с. 1965-1970) ва «Аз силсилаи шеърҳои Афғонистон» (с. 1979) ба он тарзе ки аз муҳтавои тамоми эҷодиёти Мӯъмин Қаноат бармеояд, ифодаи мутобиқи худро ёфтааст. Дар ин баррасии ашъори ғиноӣ аз ҳамосаи «Сурӯши

---

[28] Ҳамон ҷо, с. 142.

[29] Ҳамон ҷо, с. 143.

[30] Ҳамон ҷо, с. 144.

[31] Ҳамон ҷо, с. 146.

Сталинград» ёд овардан ба он хотир аст, ки маҳз дар оғози ҳамин достон Мӯъмин Қаноат назари худро ба масъалаи рисолати шеъру шоир дар ҷомеа чунон баён кардааст, ки моҳияти тамоми эҷодиёти ӯро фаро мегирад:

*Суханро вазну тамкини замин бояд,*
*Суханро қудрати ҷонофарин бояд,*
*Дили сарбозу мисли ту камин бояд,*
*Замини ман,*
*Ки дастони туро хонад.*[32]

Дуруст аст, ки барои ҳадафи сухан, яъне ҳадафи шеъру шоирро чунин муайян намудан тақозои муҳтавои достон мақоми муҳим дорад, аммо он чиз ҳам дуруст аст, ки ин хусусият дар бунёди шоирии Мӯъмин Қаноат нуҳуфтааст. Дар чаҳор банди оғози достон масъулияти шеъру шоир бо рамзу маҷоз ва ташбеҳу истиороти тоза баён карда мешавад. Сухан, яъне шеър ташхисонида шуда, ба он сифатҳои мурдану зинда гардидан, хазон дидану боз сабзидан, чу дарё дар муҳити хеш гунҷидан, гирифтани раҳи тақдир (тақдири бад), дами шамшер ва аз ҳамин қабил сифатҳо дода мешавад, ки рукнҳои онҳо аз олами ашё гирифта шуда, андешаҳои шоирро ашёвию тасвирӣ ифода мекунанд.

Ин навъи шинохти мақом ва моҳияти шеъру шоир дар шеъри охири «Аз силсилаи шеърҳои Афғонистон», дар байтҳое, ки Мӯъмин Қаноат шеъру шоирро вазифадор медонад, ки барои якдилу якзабон кардани мардум онҳоро камарбандӣ кунад, хеле хуб ифода шудааст:

*Сарваре гар шеърро бандӣ кунад,*
*Кист мардумро камарбандӣ кунад!*
*Кист болу пар диҳад асҳобро,*
*Чашм бикшояд ҷаҳони хобро!*[33]

Мӯъмин Қаноат шахсияти худро ҳамчун шоир мавзӯъву муҳтавои шеър қарор надода, аксаран бо ишораҳо дар бораи худ ҳамчун шоир сухан мегӯяд, ки меъёраш бештар воқеӣ ва иҷтимоиву маънавист.

Муфради ғиноӣ, ки ба шахси шоир қаробат дорад ва ё тимсоли худи шоир мебошад, дар ашъори шоирони насли М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Шукуҳӣ, Ғ. Мирзо ҳарчанд ҷо-ҷо болу пари хаёлпардозона мегирад, аммо асосан дар заминаи воқеъгаро офарида мешавад. Вале дар ашъори Қутбӣ Киром, Лоиқ ва насли баъди онҳо муфради ғиноӣ, махсусан, дар давраҳои аввали эҷодиёташон, бештар бо хусусият, чеҳра ва тавоноии хаёлпардозона зуҳур мекунад. Сабаб дар он аст, ки насли пешини шоирон асосан дар замоне эҷод мекарданд, ки гароиш ба шеъри воқеъгаро қавӣ буда, бо эҳсосоту таассуроти воқеъбинона ифода намудани дастовардҳои сохти шӯравӣ меъёри асосии қимати шеър маҳсуб мешуд. Ҳарчанд бо сабки хаёлпардозона ҳам ин матлаб иҷрошавандааст, аммо таҷрибаи адабӣ ҳамон тавр сурат мегирифт, ки дар он ҷанбаи воқеъгаро тасаллут дошт, зеро дар ҷомеа ва сиёсати адабии реализми сотсиалистӣ ақидае ҳукмрон буд, ки дастовардҳои сохти шӯравӣ худ ба дараҷае бузургу бемонананд, ки ба бардоштҳои хаёлпардозона эҳтиёҷ надоранд ва агар онҳо бо ҳамон

[32] Ҳамон ҷо, с. 71

[33] Ҳамон ҷо, с. 158.

сурати мавҷудаи худ инъикос шаванд ҳам аз дастоварди ҷаҳони ғайри шӯравӣ ба маротиб муҳиму баландтар хоҳанд буд. Бешубҳа, дар заминаи воқеӣ офарида шудани сурати муфради ғиноӣ, агар дар ҳақиқат ҳамаи муносибати мураккаб ва гуногунҷиҳату амиқи ӯ бо воқеият ба эътибор гирифта шуда бошад, онро нисбат ба сурати хаёлпардозонаи он дар камолоти шеъру шоир зинаи баландтаре талаққӣ кардан мумкин аст. Ва агар он сатҳию якпаҳлу бошад, ҳамчунонки дар бисёр шеърҳои нимаи аввали садаи бист ва, мутаассифона, дар нимаи дуюм ҳам ҳаст, дар он ҳолат на умуман бар шеър бартарӣ дораду на бар сабки хаёлпардозонаи он.

Қутбӣ Киром дар ашъори гуногуне, ки бахшида ба мавзӯи шеър ва шоир навиштааст, он хоҳ бевосита аз номи шоир бошад ё бо муроҷиат ба шоир, хоҳ фахрия бошад хоҳ марсия, хоҳ бо рангу равғани хаёлпардозона бошад хоҳ воқеъгароёна, дар ҳамаи онҳо назари ягонаи тахтонӣ ҷой дорад, ки шоирро ҳамчун фарди фидокори ҷомеа ва давру замон, ки аксаран дар зиндагӣ қадрашро намешиносанд, ба тасвир мегирад. Муфради ғиноӣ дар ин ҳолатҳо худро дар кайфиятҳои гуногун нишон медиҳад, ҳатто дар кутбҳои ба ҳам муқобил арзи андом мекунад, ба душворӣ, азобу изтиробҳо гирифтор мешавад, вале дар ҳама ҳолатҳо қудрат дорад, ки ба ҳақиқату адолат ҳамовозӣ кунад, пуштибони маънавии мардум гашта, дарди ононро дар ҷони худ бикашад.

Ин хусусият дар бисёр шеърҳо, аз ҷумла, дар «Соҳибдило…» (с. 1968), «Шеъри аввалин», «Шоиронем» (с. 1971), «Шеъри мо» (с. 1975) ҷой дорад. Ин тимсол вобаста ба мавзӯъ ва муҳтавое, ки дар шеър мавриди ифодаву тасвир қарор мегирад, тарҳҳои гуногуне пайдо мекунад, ки комилан табиист. Зеро мавзӯъву муҳтаво муайян менамояд, ки ба он ин ё он гуна муносибат карда шавад. Ҳамин гуна ба ҳам вобастагии муҳтаво ва тимсоли «ман»-и шоирро дар шеъри «Шеъри аввалин» дидан мумкин мебошад. Муҳтавои ин шеър аз авзои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад, ки пур аз ғаму дарду умеду ноумедиҳо буд. Шоир, ки он солҳо замони наврасии худро мепаймуд, дар шеър ҳам аз эҳсосоту таассуроте сухан мегӯяд, ки хоси наврасии ӯ мебошанд. Дар ин шеър даъво ва бардоштҳои ғулувомез, ки дар шеърҳои дигари ба мавзӯи шеъру шоир навиштааш ҷой доранд, қариб ба назар намерасанд ва тимсоли «ман»-и шоир ҳамчун наврасе, ки вазъи фоҷиабори замонро дарк кардааст ва ба ҳар роҳ мехоҳад, як зарра бошад ҳам, гаронии ин вазъро сабуктар намояд, падидор мешавад. Ҳамин матлаб тақозо менамояд, ки ӯ хати сиёҳи марги бародарро ба номаи ҳаёт табдил ва дурӯғро беҳ аз ҳақиқат сохта, ба модари чашминтизор расонад. Ин амал ба характери тимсоли «ман»-и шоир, ки бачаи наврас буда, бо дигар роҳ таскин додани модари азизу бечораашро намедонад, мухолифат намекунад ва замири дили огоҳу дардошнои ӯро боз менамояд.

*Ман шеъри аввалини худ он лаҳза гуфтаам,*
*Будам ба даст номаи марги бародарам.*
*Бар ҷои «мурд» «зиндааст» (?)*[34] *иншо намуда худ,*
*Duздида оби дидаам (?), бурдам ба модарам.*[35]

Тимсоли «ман»-и шоир дар шеъри «Шоиронем» аз номи ҷамъи шоирон сухан меронад. Ҳангоми навиштани ин шеър (с. 1971) шоир дар синни баркамолӣ буд ва азбаски муҳтавои шеър ҳам масъалаҳои бузург, аз ҷумла, масъулияти шоирро, ки забони ҳақиқат ва нигоҳбони

[34] Ҳар куҷо ин аломат (?) ҳаст, вазни шеър нуқсе дорад.

[35] Қутбӣ Киром. Сари баланд. Душанбе:. «Ирфон», 1982, с. 65.

озодӣ, пуштибони мардум ва ҷонфидои ватан мебошад, дар бар мегирад, «ман»-и шоир ҳам бо ҳамин гуна сифатҳо зоҳир мешавад. Муаллиф дар тавсифи шоирон, ки худ ҳам яке аз онҳост, чунин суханҳоро ба забон меорад: «Бар ҳақиқат мо забонем… // Ҳиммати моро набардорад замин…// Гарчи моро дил чу дарё, // Пайкари мо қуллаҳое, ки // Бидорад осмонро… // Шоиронем. // Бар ҳақиқат хешу ёрем, Ҷонфишону сарбадорем…».[36]

Ҳамчунонки ба назар мерасад, тимсоли «ман»-и шоир дар «Шеъри аввалин» аз тимсоли шеъри «Шоиронем» ба куллӣ фарқ мекунад. Ин фарқият на фақат дар ҷаҳоншинохтии тимсолҳои муфради ғиноӣ, ки аввалӣ шоири наврас мебошаду дувумӣ шоири баркамоли зиндагишинохта, балки дар ибрози андеша ва сабки сухан низ падидор аст. Тимсоли муфради ғиноӣ дар шеъри аввал ба хотири таскини модараш ба ҷойи расонидани хабари марги бародар, ба ҷуз зиндааст, гуфтан чораи дигар намебинад, ки дурӯғи маслиҳатомез аст, вале дар шеъри дувум ӯ иброз медорад, ки мо забони ҳақиқатем. Сабк ва лаҳну оҳанги сухан низ бобардошту муҳташамтар ба гӯш мерасад. Аз ин бармеояд, ки мавзӯъ ва муҳтаво дар чигунагии тимсоли «ман»-и шоир дар шеър мақоми муайянкунанда дорад.

Дар ин ҷост гиреҳи масъалае, ки чаро дар эҷодиёти як шоир тарҳу тимсоли шахсияти ғиноӣ ва ё «ман»-и шоир ба таври гуногун зуҳур менамояд, масъала дар сари гуногунии мавзӯъву муҳтаво ва чигунагии муносибати шоир бо онҳост.

Қутбӣ Киром дар ашъоре, ки бахшида ба мавзӯи мақоми шеъру шоир навиштааст, шоирро гоҳе чун шахси заминӣ, бо услуби тасвири воқеъгароёна, ва гоҳе чун фарди бартар аз воқеият, ба тарзи нигориши хаёлпардозона, падидор месозад. Аммо дар назар бояд дошт, ки бо вуҷуди бо иғроқҳо ва эҳсосоти хаёлпардозона сухан гуфтан ва ибрози ҳиссиёту таассурот кардани шахсияти ғиноӣ ва ё «ман»-и шоир дар эҷодиёти Қутбӣ Киром онҳо шахсиятҳои хаёлпардозона намебошанд, зеро дар доираи тасаввуроту ҳиссиёти фардии худ маҳдуд намонда, ба воқеият рӯй меоранд ва онро на бо савқи табиӣ, шуҳудӣ, балки аз рӯи ҳастии воқеии онҳо аз нав бозофаринӣ менамоянд. Дар ашъоре, ки аз ӯ то ин ҷо баррасӣ шуданд, аз ҷумла, дар «Шеъри аввалин», «Шеър хонед», «Шоиронем», «Соҳибдило…» ҳама муфрадҳои шеър шахсиятҳое ҳастанд, ки дар заминаи воқеияти замони худ устуворанд.

Дар ашъоре, ки Қутбӣ Киром дар давраҳои гуногуни эҷодиёташ иншо намудааст, шахси шоир ҳамеша ҳамин гуна сифати воқеӣ ва пайвандгирифтае бо ҳолу ҳавои ҷомеа ва мардум дорад. Пас, аз ин бармеояд, ки ин гуна сифат доштани шахсият дар шеъри ӯ решагӣ мебошад.

Муҳтавои ашъори Қутбӣ Киром асосан шаҳрвандию иҷтимоист, аз ин рӯ, «ман»-и шоир дар шеъри ӯ пеш аз ҳама «ман»-и шаҳрвандист, ки дар ашъори ба шеъру шоир бахшидааш ҳам ба хубӣ намудор аст. Ҳарчанд сабки эҷодиёти Қутбӣ Киром бештар рангу равған ва бардоштҳои хаёлпардозона дорад, аммо заминаи мавзӯаш воқеъгароёна мебошад. Бинобар, «ман»-и шоири ӯ «ман»-и мумтоз, мунтахаби ҷомеа набуда, яке аз онҳост, ки дили дардошно дораду қареҳаи шоирӣ.

Шеъри Қутбӣ Киром шеъри зиндагист, тимсоли муфради ғиноӣ ва «ман»-и шоир ҳам, ки аз шеърҳояш рух менамояд, фардест, ки дар оғӯши ҳастӣ зиндагисоз аст. Азбаски қувваи зиндагисозӣ дар ӯ медамаду мавҷ мезанад, тимсоли ӯ мушоҳидакори бетараф набуда, дар айни фаъолият ва ҷӯшу хурӯши эҳсосоту таассурот мебошад.

Хусусияти дигаре, ки ба Қутбӣ Киром ҳамчун шоир ва барои шахсияти шеъраш ҳам, мансуб аст, ин мебошад, ки барои ӯ меъёри миёна вуҷуд надорад, агар ӯ дар бораи чизе суҳбат

---

[36] Ҳамон ҷо, с. 127, 128, 130.

мекунад, ки мусбат аст, меъёраш бузургтарини бузургу олитарини олист ва агар дар бораи чизе сухан мегӯяд, ки манфист, онро ба ночизтарини ночизҳову пасттарини пастҳо мубаддал месозад. Ҳамчунонки дар ғазали «Кистам» (с. 1968) аз ҳар лаҳза дигар шудани вазъи рӯҳияш сухан ронда, дар яке аз байтҳояш чунин мегӯяд: «Як лаҳза шаҳбозам, ки бо як шаст гирам сайдро, // Як лаҳза аз худ рафта, дастомӯз кафтар мешавам».[37]

Ин фазилати модарзодии Қутбӣ Киром аст, бинобар ин ӯ аксаран шеъри шахсияти худро мегӯяд, то мепардозаду месозад. Ӯ дар яке аз шеърҳои давраи ҷавониаш «Шоир», ки дар маҷмуаи «Илҳом» (с.1968) омадааст, хитобан ба шоир чунин гуфтааст:

*Аз худат дурию ба мардум хеш,*
*Дардат аз дарди дардмандон беш.*
*Баҳри мардум ту нӯш мехоҳӣ,*
*Худ қаноат ҳамекунӣ бо неш.*[38]

Дар шеъри «Тавозуъ», ки дар солҳои ҳаштоди асри гузашта гуфтааст, қариб баъди ду даҳсола боз ҳамон маънои дар баробари беадолатии дигарон одилу накӯкор будани шоир баён мешавад, ки бо гуфтаҳои пешинааш ҳамоҳанг аст: «Хӯрда тири маломати дунон // В -аз накӯкорӣ (?) бас накардам ман».[39]

Дар аксари ашъори ба шеъру шоир бахшидаи Қутбӣ Киром ин ду нукта – ҷонфидои мардум будани шоир, вале қадри ӯро нашинохтани ҷомеа таъкид мешавад, ки як андоза ба вазъи шоирии худи ӯ низ нисбат мегирад, зеро воқеан ҳам қадршиносии ӯ ба даврони солхӯрдагиаш рост омад, ҳарчанд аз рӯи ҳақиқату адолат метавонист, ки хеле зудтар сурат бигирад.

Ҳамин тариқ, нуктаи дувум, нашинохтани қадри шоир аз ҷониби ҷомеа дар ҳамон шеъри аввал – «Шоир», дар банди дигар чунин баён гашта буд: «Гарчи қадрат ба зиндагӣ шуд паст, // Ҳайкалатро баланд месозанд»,[40] ки ин мазмуну оҳанг – пастии қадри шоир дар замони зиндагӣ минбаъд дар чанд шеъри ӯ ба гӯш мерасид. Дар солҳои навад, баъди буҳрони сиёсиву иҷтимоӣ ва ворид шудани ҷомеа ба иқтисоди бозор, ки аҳволи мардум ва махсусан, аҳли зиё дар давраи аввал бисёр ҳам мушкил шуд, он мазмуну оҳанги ношинохтагии қадри шоир дар шеърҳои Қутбӣ Киром боз пурқувваттар гашта, аз ҷумла, дар шеъри «Шеъри сафеди рӯзи сиёҳ» (с. 1994) , ки дар охирҳои умраш навишта буд, бо дарду алам ва истеҳзо баланд садо дод:

*Шоир, эй ҳамдарди мардум,*
*Хокмоли моҳу анҷум,*
*Бо сари хам дидамат имрӯз,*
*Оё дар замини сахт худро кардаӣ гум?*
*Мисраи шеъри ту се сӯм,*
*Якта нони ту дусад сӯм...*
*То куҷоҳо мезанӣ сум.*

---

[37] Қутбӣ Киром. Сари баланд, с. 122.

[38] Қутбӣ Киром. Илҳом. Нашр. «Ирфон», Душанбе,1968, с. 27.

[39] Қутбӣ Киром. Дили бародар. Душанбе. Нашр. «Ирфон», 1985, с. 42-43.

[40] Қутбӣ Киром. Илҳом, с. 27.

*То намонад деги ҳастият зи ҷӯш,*
*Рав, матоъ арзон хару қимат фурӯш.*[41]

Дар ашъоре, ки муаллиф ҳамчун шоир зоҳир мешавад, масъалаи чигунагии муносибати ӯ бо мардум аз масъалаҳои муҳим буда, барои муайян намудани авзои иҷтимоии ҷомеа аз меъёрҳои асосист. Дар нимаи дуюми қарн, то солҳои навад, муносибати шоир бо ҷомеа асосан мутаносиб буд, ҳарчанд ӯ гоҳ-гоҳ аз носозгориҳо шикоят мекард, вале он бештар аз ашхос ва воқеоти ҷудогона буда, хусусияти истисноӣ, ғайримаъмулӣ дошт. Агар сухан аз мардум буд, мардум ҳамеша дӯстдори ӯ буданд ва ӯ ғамбардори мардум, аммо ҷамоати мардум дар назари шоир яксон набуда, дар мобайни он номардумоне низ буданд, ки на ба қадри шоир мерасиданду на ба фаҳми сухани ӯ. Зиддияти ӯ бо ҷомеа ва мардум аз муносибати номардумонаи ҳамин тоифа сар мезад, ки то солҳои навад дар ҳамон дараҷаи мухолифати ҷудогона монда, ба мухолифати иҷтимоӣ намерасид. Аммо аз аввалҳои солҳои навад, баробари кам - кам дигар шудани авзоъ ва сохти ҷомеа, муносибати шоир низ ба он тағйир мехӯрад, дар замири ӯ оҳанги ноҷӯрӣ, зиддият пайдо мешавад. Ин мухолифат акнун ғайримуқаррарӣ, ҷудогона ва бо як шахс ва ё як тоифа набуда, мухолифат бо ҷомеа, мухолифати иҷтимоист, ки дар шеъри фавқуззикри «Шеъри сафеди рӯзи сиёҳ» равшан баён гаштааст. Ҳамин гуна мухолифат бо авзои иҷтимоии замон дар ғазали «Чарху ба кори хештан» (январи 1993) аз забони шоир чунин иброз мешавад:

*Имрӯз нози синаи пурдард мекашам,*
*Дар чорсӯ балои раҳовард мекашам.*
*Халқи маро чӣ нагбате аз пеши по дамид,*
*Бо мардиам мазаллати номард мекашам.*[42]

Шеърҳое, ки то алҳол мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ба давраҳои гуногуни эҷодиёти Қутбӣ Киром тааллуқ доштанд, аз ин бармеояд, ки назари шоир Қутбӣ Киром ба ин масъала аз аввал чунин будааст.  Аммо чизи дигарро ҳам дар назар бояд дошт, ки бо вуҷуди ношинохтагии қадру манзалати шоир дар ҷомеа ин шахсият дар шеъри ӯ шахсияти бечора ва гирифтори яъсу ноумедӣ нест, зеро ҳамеша дар баробари ӯ шахсияти шоиронаи дигар рух менамояд, ки қодиру тавоно ва умедпарвару шодмон аст. Масалан, дар шеъри «То нек ба кор оям…» (с.1975) тимсоли шахси шоир ҳамин гуна шахси шодмонест, ки дар дил косаи тарабаш ҳасту тавоност ва дар муҳимтарин ободкориҳои замонаш саҳми бузургу мондагоре дорад. Ҳарчанд дар ин шеър ҳам шоир бо сабку бардоштҳои хаёлпардозона сухан мегӯяд, аммо шахсияти шеър дар заминаи воқеияти замон рушд кардааст, зеро ӯ ҳамнафасу ҳамдами бунёдкорони Нораку Роғун, коргарони кони Анзоб ва сарсабзкунандагони водии Вахшу даштҳои Мирзочӯл мебошад. Дақиқ зикр кардани пайванди шахси шоир бо маҳалли бунёдкориҳо ба шеър як навъ оҳанги публисистӣ, иҷтимоиву сиёсии рӯзмарравӣ медиҳад, аммо эҳсосоти ӯ, ки пайваста бо шӯру ғалаёни ботиниаш иброз мешавад, онро дилрасу хотирмон месозад.

*Ман номабари шодӣ,*
*Барҳамзани андӯҳам,*

[41] Қутбӣ Киром. Минбари виҷдон. «Адиб», Душанбе, 2012, с. 43.

[42] Қутбӣ Киром…. Ёр меояд. Душанбе, «Адиб», 2002, с. 8.

*Ман ҳамнафаси чашма,*
*Ман ҳамҷигари кӯҳам…*
*Ман шоираму чун дил,*
*Дар сина ғами мардум,*
*Ман зиндагари хокам,*
*Ман додраси анҷум.*[43]

Шахсияте, ки дар ашъори ба мақоми шеъру шоир бахшидаи Қутбӣ Киром зоҳир мешавад, шахсияти олиии шоиронаест, ки дар баробари хаёлпардозонаву шоиронагии худ инсони оддию заминие низ мебошад, ки ҳамроҳи мардум зиндагӣ дорад. Ӯро дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт дидан мумкин аст, ӯ воқеотеро, ки дар назари аввал ношоирона намудор мешаванд, шоирона мебинад ва дар онҳо шахсияти шоиронаи худро кашф мекунад. Барои шахсияти шеъри Қутбӣ Киром «…ҷое, ки зиндагист, он ҷо шеър аст».[44]

Дар шеъри нимаи дувуми садаи бисти тоҷик Лоиқ шоирест, ки ҷаҳони худро бо тамоми тазоҳури олами моддию маънавӣ ва бо гуногунтарин ҳолатҳояш, ғаму шодӣ, барору нобарорӣ, умеду ноумедӣ ва монанди онҳо, ки дар тимсолҳои шахсияти ғиноӣ, «ман»-и шоир ва ё муаллиф таҷассум мешавад, мавзӯи эҷодиёти худ қарор додааст. Ин мавзӯъ дар эҷодиёти ҳеҷ шоири дигаре ба ин густардагӣ ва гуногунҷиҳатӣ ба қалам наомада, ба ин гуна мақоми асосӣ соҳиб нагаштааст. Лоиқ қариб дар ҳама ҳолатҳои зиндагӣ ҳамчун шоир сухан мегӯяд, яъне ба шоир будани шахси худ ва шахсияти ғиноияш таъкид мекунад. Ин ҳолатҳо дар баъзе маврид ба ҳам сахт мухолифанд, ҳатто қутбҳои ба ҳам зидди авзои инсонӣ, ҳамчун ифтихор ва шармсорӣ, ризоят ва норизоят, сарбаландӣ ва сарафкандагӣ ва монанди инҳоро дар бар мегиранд. Чунин авзоъ ва андешаву таассуроти мутазод, ки дар ҷаҳони «ман»-и шоир ва ё шахсияти ғиноӣ ба зуҳур меоянд, бепардапӯшӣ, ошкоро баён карда мешаванд. Сабаби чунин хусусият пайдо кардани шахси шоир ва шахсияти ғиноӣ дар эҷодиёти Лоиқ дар чист?

Дар ин ҷо ду омили муҳимтаринро бояд қайд кард, ки, аввалан, табъан шоири ғиноӣ будани Лоиқ, ки ин омили субъективӣ, шахсист ва сониян, замоне, ки Лоиқ ҳамчун шоир ташаккул меёфт, солҳои 60-70 қарни XX, солҳое буданд, ки омилҳои шахсӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти бештаре пайдо карда, ифодаи он дар адабиёт ҳам ба яке аз равияҳои асосии арзишманде табдил мешуд. Ин рӯйдоди тозаи ҳаёти иҷтимоӣ ба Лоиқ, ба шоири сирф ғиноӣ, ки тамоми мавҷудот ва воқеоти оламро аз тариқи шахси худ дарк ва ифода мекунад, на танҳо таъсири амиқ мегузошт, балки ҷаҳонбинии шоиронаи ӯро аз реша ба худ мувофиқ месохт. Бинобар ин, муфради ғиноии ашъори ӯ асосан шахси шоир буда, шахсиятест, ки дар заминаи воқеӣ, ҳамчун ҷавобгӯи ниёзмандиҳои замони худ ба камол расидааст.

Яке аз маҷмуаҳои Лоиқ «Марди роҳ» (с. 1979) бо шеъри «Ифтихор» (с. 1979) оғоз мешавад, ки фахрияи шоир аз насибу рӯзияш аст, ки ӯро дар миёни «кӯҳсорон кӯҳсон», «бо ғурури қуллаҳо ҳамошён», «дар деҳи хурде барои сад ҷаҳон» зодаанд. Ин шеър аз ҳиссиёт, таассурот ва андешаи ба ҳамин монанди дигар, ки моломоли сарбаландию сарафрохтагист, ба ҳам омадааст. Шоир, ки бо каме умумият додани дошта ва бардоштаҳои хеш аз зиндагӣ сухан мегӯяд, дар зимни «ман»-и худ «ман»-и умуман шоиронро низ дар назар дорад, ки ин вазъу ифтихор ба онҳо ҳам мансуб буданаш мумкин аст. Бинобар, дар ин ҷо «ман»-и шоир ба сифати

---

43 Қутбӣ Киром. Сари баланд, с. 263.

44 В. Г. Белинский. Полн.собр.соч., т. 7. М., 1955, с. 337.

тимсоли шахсияти ғиноӣ зуҳур намуда, дар хонанда ҳам ҳамин гуна ҳисси ифтихорро бедор мекунад:

*Дар миёни кӯҳсорон кӯҳсонам зодаанд,*
*Бо ғурури қуллаҳо ҳамошёнам зодаанд.*
*Дар канори чашмае баҳри дамонам зодаанд,*
*Дар деҳи хурде барои сад ҷаҳонам зодаанд.*[45]

Агар ин арзадошти шахсияти ғиноӣ бо арзадошти шоирони насли пеш аз Лоиқ муқоиса карда шавад, дар ҳеҷ кадоме аз онҳо бад-ин сурат оҳанги баланди ифтихор аз шахси худ пайдо нахоҳад шуд. Қариб дар ҳамаи маҷмуаҳои ашъори Лоиқ шеърҳое ҳастанд, ки дар онҳо аз мақсаду маром, мавқеу мақом ва дархостҳои ӯ аз шеъру шоирӣ сухан меравад. Ҳарчанд қариб ҳамаи онҳо реша дар заминаи воқеӣ доранд, аммо аз рангу равған ва бардоштҳои хаёлпардозона бархурдоранд. Вале дар охири қисмати аввали ҳамин маҷмуа шеъри «Хабар доред оё, Ҳазрати Лоиқ» мавҷуд аст, ки баръакси шеъри аввал саршори ҳиссиёти шикоят ва норизоӣ аз худу аз шоирии худ аст:

*Шумо боре ба худ оед,*
*Даме дилро ба рӯи сафҳа бигзореду пурседаш,*
*Ки оё ин ҳама шеъре, ки фармудаст,*
*Сухан будаст, ё бешак суханреза?...*

*... Хабар доред оё, Ҳазрати Лоиқ,*
*Ба ҳован об кӯбидед!*
*Ба ҳован об кӯбидед!*[46]

Ҳар дуи ин шеър ба солҳои 70 тааллуқ дорад, «Ифтихор» соли 1977 «Хабар доред, оё Ҳазрати Лоиқ?!» соли 1979 эҷод шудааст, ки он ҳангом шоир Лоиқ таҷрибаи тақрибан бистсолаи шоирӣ дошт. Аммо муҳтавои мақоми шеъру шоир дар андешаҳои шахсияти ғиноӣ тоза ба зуҳур наомада, он ҳам қариб собиқаи бистсола дошт. Масалан, дар яке аз шеърҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ «Дар ёди шараф», ки соли 1963 навишта шудааст, низ ҳамин гуна эҳсосоту андеша матраҳ аст. Шеър бо чунин изҳори рози дил кардани «ман»-и шоир, ки оҳанги ҳузну шикоят дорад, оғоз мешавад:

*Оҳ, маҳзунам, ки дар айёми фатҳи осмон,*
*Дар замоне, ки фалакпаймо ба сӯи моҳ рафт,*
*Шеъри ман аз сафҳае берун наёмад ҳамчу нақш,*
*На забони ошиқе шуд, на ба ҳар дилхоҳ рафт.*[47]

Чунонки мулоҳиза мешавад, сабки сухан дар шеъри «Дар ёди шараф» аз шеъри «Ифтихор» фарқ дорад, зеро зовияи нигоҳ дигар аст, дар «Ифтихор» шахсияти ғиноӣ бар

---

[45] Лоиқ Шералӣ. Куллиёт (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1(Китоби якум). Хуҷанд, 2001, с. 219.

[46] Ҳамон ҷо, с. 123.

[47] Ҳамон ҷо, с. 184.

ҳастии худ бо ҳисси ифтихору сарбаландӣ, ғуруру тавоноӣ нигарад, дар шеъри «Дар ёди шараф» бо маҳзунию оҷизӣ ва умеди қудратмандии оянда назар афканда, сухан мегӯяд. Ҳар дуи ин шеър ҳам дар як вазн – рамал ва дар ду навъи баҳаммонанди чаҳорпора, ки қофиябандии гуногун дорад, гуфта шуда, аммо ба эътибори гуногунии зовияи нигоҳи шахсияти ғиноӣ дар ин шеърҳо таҷассуми муҳтаво бар ҳамдигар тафовути чашмрасе пайдо кардааст. Муҳтавои «Ифтихор» нисбат ба шеъри «Дар ёди шараф» хеле муҳташам ба назар мерасад. Албатта, дар ин маврид замони эҷоди ҳар дуи ин шеърро ҳам набояд аз назар соқит кард, ки «Дар ёди шараф» ҳангоми навқаламии шоир ва «Ифтихор» дар баркамолӣ эҷод шуда, сабки сухани шоир ба инсиҷоми комил расида буд. Вале ҳоло манзур муҳтаво ва зовияи нигоҳ аст. Дар шеъри аввал шоири ҷавон ба вазъи шоирии худ, ҳарчанд бо маҳзунӣ менигарад ва, аз ҷумла, шиква мекунад, ки дар замони парвози фалакпаймоҳо шеъри ӯ аз сафҳае берун наомад, даврон симурғпарвоз асту ӯ оҷизу кундрав ва то ҳол мисраи шоистае нагуфтааст, аммо бо вуҷуди ин худро тамом ноумеду нотавон нишон намедиҳад ва аз шоирии худ масъулияти бузургеро тақозо карда, мегӯяд:

*…Инак, қалам!*
*Бо сухан аз рег соз оинаи искандарӣ!*
*… Пок кардан доғи рӯи Моҳро бо шеъри хуб –*
*Шоиро, ин аст мақсад! Баҳри ин боист зист!*[48]

Сухани маҷозии шахсияти ғиноӣ, ки худро барои аз рег оинаи искандарӣ сохтану доғи рӯи Моҳро пок кардан ташвиқ мекунад, мазмуни аз шеъру шоирӣ матлаби бузург доштани ӯро ифода менамояд. Ин маънӣ дар баъзе шеърҳои дигари давраи аввали эҷодиёти Лоиқ, масалан, дар шеърҳои «Зарафшон» (с. 1960), «Аз наҳри сухан, ишқи Ватан, ишқи ҳабибон // Бо хомаи худ чун ту басо зар бифишонам!»,[49] «Худфурӯзӣ» (с.1963) «Хурӯшат ку? Талошат ку? Чароӣ худ асири худ? // Бурун о мисли шеър аз дил, забони безабонон шав»[50] низ ба назар мерасад, ки далели аз оғоз барои иҷрои мақсадҳои азим ба шеъру шоирӣ рӯй овардани ӯ мебошад. Азбаски ин маъно қариб дар ҳамаи ашъори ба ин мавзӯъ навиштаи Лоиқ ҷой дорад, он яке аз унсурҳои асосии шаклдиҳандаи тимсоли бадеии шахсияти ғиноӣ маҳсуб мешавад. Дар ин ҳолатҳо муфради ғиноӣ аз шахсияти ғиноӣ, «ман»-и шоир дуру ҷудо набуда, баръакс ба ӯ бисёр наздик, балки худи ӯ мебошад, зеро андешаву эҳсосот ва фикру ақидаҳои ӯро баён мекунад. Дар ин гуна шеърҳо шууру ҷаҳонбинии шоир ба таври мустақим набошад ҳам, ғайримустақим инъикоси худро ёфта, партаве аз шуури иҷтимоии замонро ҳам мунъакис менамояд. Масалан, ақидае, ки шоирро пеш аз ҳама дар хидмати замон ва халқу Ватан масъул медонад, мутааллиқ ба шуури иҷтимоии нимаи дувуми садаи бист аст, ки дар ҷаҳоншиносии муфради ғиноии ашъори Лоиқ ҳам нақши назаррас дорад. Он дар шаклу суратҳои гуногун дар саросари эҷодиёти Лоиқ аз забони шахсияти ғиноӣ, ки ҳамчун шоир зуҳур мекунад, аз ҷумла, дар шеърҳои «Ман ҷавонам» (с. 1968), «Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам» (с.1971), «Таманно» (с. 1973), «То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст» (с.1976), «Ворисон» (с. 1981) ва ғайра арзи вуҷуд менамояд.

---

[48] Ҳамон ҷо, с. 184.

[49] Ҳамон ҷо, с. 32

[50] Ҳамон ҷо, с. 185.

Дар шеъри «Ман ҷавонам», ки ба солҳои шаст – давраҳои аввали эҷодиёти шоир тааллуқ дорад, шахсияти ғиноӣ худро «давоми рӯзгори рафтагон», «посдори хотири қурбониён», «посбони зиндагонию замон»[51] дониста, як андоза бо лаҳни хаёлпардозона сухан гӯяд, дар шеъри «Ворисон», ки маҳсули солҳои ҳаштод – замони баркамолии шоир аст, худро дар қатори дигарон «меҳнатзода», «сина бар амри Ватан бикшода», «дар поси замон истода», «дил ба дасти даврон дода» мехонад, ки ҳамон инъикоси шуури иҷтимоии замон мебошад, ки бо сабки воқеъгароёна баён шудааст:

*Мо ҳам аз мардони меҳнатзодаем,*
*Сина бар амри Ватан бикшодаем.*
*Баҳри ҷуброни ҳама қарзи замон*
*Ҷумла дар поси замон истодаем.*
*Гар ҳама дороии мо як дил аст,*
*Дил ба рӯи дасти даврон додаем.*[52]

Ҳамчунонки аз ҳар дуи ин пора ва ашъори дигаре, ки оид ба ин мавзӯъ зикр шуданд, возеҳ ба назар мерасад, тимсоли муфради ғиноии Лоиқ, ки шоир бошад, шахсияти иҷтимоист. Аммо ин шахсияти иҷтимоиест, ки аз таровишҳо, эҳсосоти самимона ва воқеии ҳаёти рӯҳӣ бегонагӣ надорад, баръакс ин ду навъи эҳсосотро, ки ба гурӯҳҳои гуногун тааллуқ дорад, бисёр табиӣ ба ҳам меомезад. Асоси консепсияи шахсияти эҷодиро дар ашъори Лоиқ ҳамин ба ҳам даромехтагии эҳсосоти иҷтимоӣ ва ҳаёти рӯҳии шахсӣ ташкил медиҳад. Баъзан ин даромехтагӣ дар тимсоли шахсияти ғиноӣ ва ё «ман»-и шоир дар як шеър мавҷуд бошад, баъзан он дар алоҳидагӣ вуҷуд дорад, яъне тимсоли ин шахсиятҳо – иҷтимоӣ ва рӯҳии шахсӣ дар ашъори Лоиқ ҳам дар ягонагӣ ва ҳам дар алоҳидагӣ дар баробари ҳам арзи вуҷуд менамоянд.

Тимсоли шахсияти ғиноӣ ва ё «ман»-и Лоиқ дар ҳама ҳолат, ҳам дар ҳолати ифодагари шуури иҷтимоӣ ва ҳам дар ҳолати баёнгари шахсияти худӣ будан, зуд шинохта мешавад. Сабаби ин на фақат дар фардияти сабки сухан, махсусиятҳои шаклӣ, системаи образҳову таъбироти шеъри ӯ, балки дар ягонагии мақсадноки тимсоли шахсияти ғиноӣ ва ё «ман»-и шоир мебошад.

Масалан, тимсоли шахсияти ғиноӣ, ки шоир асту ифодагари шуури иҷтимоист, дар шеърҳои «Ман ҷавонам», «Руҷӯи достоне, ки наметавонам навишт» (с.1968), «Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам», «Таманно», «То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст» ба чашм мерасад. Ин сифат дар пораҳое аз шеърҳои «Таманно» ва «Ман ҷавонам», ки болотар иқтибос шуданд, равшан намудоранд. Шахсияти ғиноии шеърҳои «Замин меросӣ» (с. 1966), «Ватан» (с. 1968) низ ҳамин гуна сифати барҷастаи иҷтимоӣ дорад, ки ин мисраъҳо собит менамоянд:

*Ман дар ин ҷо посбонам,*
*Посбони зиндагону рӯҳбони мурдагонам.*
*Баҳри фардо, баҳри истиқболи нурафшону зебо*
*Дастовези азизи модаронам.*[53]

---

[51] Ҳамон ҷо, с. 191.

[52] Ҳамон ҷо, с. 520

[53] Ҳамон ҷо, с. 38.

Ё дар шеъри «Ватан» мегӯяд:

*Инак ману дифои ту, эй модари Ватан,*
*Ман дар паноҳи ту,*
*Ту дар паноҳи ман!*[54]

Ин тимсоли шахсияти ғиноӣ аз шахси воқеии Лоиқи шоир дуру ҷудо нест, балки бештар аз он ҳатто ба санади тарҷумаҳолияш асос дорад. Дар соли эҷоди шеъри «Замини меросӣ», соли 1966, ӯ дар хидмати ҳарбӣ буд ва шеърро ҳам дар ҳамон шаҳре, ки хидмат мекард, шаҳри Новороссийски Русия навиштааст. Бинобар, ҳарфҳое, ки аз хидмат ва садоқат ба Ватан мезанад, аз моҳияти зиндагиаш бармеоянд.

Дар баробари ин, дар ашъори Лоиқ тимсоли шахсияти ғиноӣ ва ё «ман»-и шоир вуҷуд дорад, ки дар асоси эҳсосоту андешаи рӯҳии шахсӣ офарида шудааст. Тимсоли ин шахсиятҳо бештар дар шеърҳое, ки муҳтавои ошиқона, андешамандона ва воқеии маишиву ҳаётӣ доранд, ба чашм мерасад. Ин қазия дар шеърҳои «Равам бегаҳ лаби дарё нишинам» (с. 1970), «Сабзаи сӯхтаи манзараҳо» (с. 1979), «Дилам парвоз мехоҳад» (с. 1980), «Шеъре дар бемористон» (с. 1982), «Бидруд оташи дилам! Бидруд, ошиқӣ» (с. 1997) исботи худро меёбад. Ин шахсият дар саросари эҷодиёти Лоиқ ҳузур дорад. Масалан, ӯ дар шеъри «Равам бегаҳ лаби дарё нишинам», ки дар давраи ҷавонии шоир эҷод шудааст, аз хостҳои худ чунин мегӯяд, ки тақозои қалби шоиронаи ӯст:

*Ҷунун омӯзам аз дарёи кӯҳӣ,*
*Ғуруру шӯришу туғёну мастӣ …*

*…Бибӯсам аз лаби соҳил чу мавҷе,*
*Ки ӯ ҳам мисли шоир беқарор аст.*[55]

Муҳимтарин хусусияти «ман»-и шоир дар он аст, ки ба оламу одам ва воқеоти он ҳамеша бо чашми шоирона менигаранд ва шоир будани шахси худро собит менамоянд. Лоиқ шоирии шахси худро дар шеър на фақат бо нигоҳи шоиронааш, ки ин барои ҳар шоир як амри табиист, балки ба воситаҳои забонӣ низ гӯшзад мекунад. Масалан, ин ҳолат дар пораи дар боло иқтибосшуда, дар ин байт «…Бибӯсам аз лаби соҳил чу мавҷе, // Ки ӯ ҳам мисли шоир беқарор аст», низ мушоҳида мешавад, ки ӯ беқарории мавҷро ба беқарории худ, ки шоир аст, монанд намуда, шоир будани шахси шеърро ба воситаи забонӣ ҳам ёдрас мекунад.

Дар давраҳои аввали эҷодиёти Лоиқ шахси шоир хоҳ шахсияти ғиноӣ, хоҳ «ман»-и шоир бошад, баъзан бо сифатҳои инсони ҷомеъ, фавқулода, бисёр ҳам мубориزу иҷтимоӣ, орзупарвар ва монанди инҳо ба назар меояд, ки на ҳамеша ба ҳастии шахси худи ӯ ва воқеияти зиндагиаш айният дорад. Сабаби чунин хусусият гирифтани тимсоли шахсияти ғиноӣ ва ё «ман»-и шоир дар ашъори Лоиқ ба ду чиз вобаста буданаш мумкин аст. Аввалан, ба ҷараёни хаёлпардозонаи адабиёт, ки дар он тимсоли инсони усулан мақсадноку қудратманд ва ҳатто фавқулода мақоми махсус дорад ва, баъдан, таъсири хусусияти куллиятгароии шеъри классикии мост, ки Лоиқ аз таҷрибаи ҳар дуи ин навъи адабиёт фаровон истифода кардааст.

---

[54] Ҳамон ҷо, с. 43.

[55] Ҳамон ҷо, с. 320.

Шеъри классикии тоҷику форс дар пайи таъйини фардият набуда, пайи ҳақиқати бартару волотар мегардад, бинобар дар он нақши шахсият асосан куллӣ ба тасвир меояд ва азбаски яке аз заминаҳои такомули сабки эҷодии Лоиқ шеъри классикии мост, ин тарзи шахсиятофаринии куллӣ дар шеъри ӯ ҳам таъсир гузоштааст.

Тарзи куллиятгароӣ дар офариниши тимсоли шахсияти ғиноӣ ва ё «ман»-и шеърҳои «Ман ҷавонам», «Руҷӯи достоне, ки наметавонам навишт», «Ман намемирам» равшан намудор аст. Масалан, ба ин ду банд аз шеъри «Ман намемирам» рӯй меорем:

*То нагирам хунбаҳои ҷумлаи қурбониёнро,*
*То набахшам умри озоде ҳама зиндониёнро,*
*То наёбам роҳи дилҳои тамоми зиндагонро,*
*То набардорам ба дӯшам кӯлбори ин замонро,*
*Ман намемирам,*
*Ман нахоҳам мурд!*

*... То наорояд ҷавониям ҷаҳони пирро,*
*То набандам бо сурудам пеши роҳи тирро,*
*То нагирам бо қалам пеши дами шамшерро,*
*То набинвисам зи нав ман номаи тақдирро,*
*Ман намемирам,*
*Ман нахоҳам мурд!*[56]

Албатта, ин гуна иддаои худбоваронаи ҷавониро танҳо дар сабки хаёлпардозонаи шеър ва куллиятгароӣ қабул кардан мумкин аст, вагарна аз рӯи шеваи воқеъбинона ва мушаххасгароии дарёфти шеър мулоҳиза кунем, он боиси нофаҳмӣ ва таҳайюр мегардад. Дар ин шеър шахсияти ғиноӣ ба оҳанги хитобия сухан мегӯяд, ваъдаҳои фавқулода медиҳад, ҳамчун шоир ба гардани худ масъулияти бузургеро мегирад, ва азбаски суханаш хитобиву шиороҳанг буда, маҳсусу мушаххас нест, чеҳрааш ҳамчун инсони ҷомеъ куллӣ падидор мешавад.

Шахсияти ғиноие, ки дар шеърҳои «Ман ҷавонам», «Руҷӯи достоне, ки наметавонам навишт» ва як дастаи дигар рух менамояд, низ дорои ҳамин гуна хусусият мебошад. Вале сол ба сол Лоиқ аз он тарҳе, ки барои худ дар шеърҳояш мекашид, озод шуда ба ҳастии асил ва воқеии худ, ба чеҳра ва моҳияти ботинии худ рӯй меорад. Дар натиҷа сифати аслии шахсияти инсонию эҷодияш чеҳраи ӯро торафт марғубтар, самимитар ва ягонаву нотакрортар ҷилвагар менамояд.

Дар ашъори давраҳои баркамолии Лоиқ шахсияте, ки дар тимсоли муфради ғиноӣ ва ё «ман»-и шоир арзи андом мекунад, масалан, дар шеърҳои «Дилам парвоз мехоҳад» (с. 1980), «Ҷавониям – баҳори зиндагониям» (с. 1994), «Бидруд оташи дилам! Бидруд ошиқӣ» (с. 1997) ба ҳастии худи Лоиқ, ба воқеияти тарҷумаҳолии ӯ бисёр ҳам наздик мебошад.

Агар тамоми ашъори Лоиқ, ки дар онҳо аз мақому манзалати шеъру шоирӣ сухан меравад, мавриди мулоҳиза қарор гирад, дар он ҳолат равшан ба назар мерасад, ки дар саросари онҳо шахсияти ғиноие амал мекунад, на танҳо андешаву эҳсосот, балки дар баъзе ҳангом ҷузъиёти тарҷумаҳолии шоирро низ инъикос менамояд. Ин қаробат ба сабк, шакл ва забони шеърҳо низ таъсир мегузорад. Ҳоло бо се мисоли мухтасар аз ин шеърҳо иктифо мешавад, ки дар онҳо қазия собит мегардад. «ман»-и шоир дар шеъри «Дилам парвоз мехоҳад» бо чунин лаҳни дилнишини орзумандӣ сухан мегӯяд:

---

[56] Лоиқ Шералӣ. Куллиёт. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1. (Китоби якум), с. 190.

*Дилам парвоз мехоҳад,*
*Ба ҳар ҷое, ки раҳ дорад хаёли ман,*
*Дилам парвоз мехоҳад.*
*Дилам дар ҳар чӣ мебинам ба чашми дил,*
*Зи нав оғоз мехоҳад.*[57]

Ҳамин «ман» баъди гузаштани 14-15 сол ба оҳанги таассуфу ғамомез таассуроти худро аз рафтани ҷавонияш чунин иброз медорад:

*Ҷавониям –*
*Баҳори зиндагониям*
*Чу айёми гулафшони ғазал бигзашт.*[58]

Ва боз ҳамин «ман» дар шеъри «Бидруд оташи дилам! Бидруд, ошиқӣ!», ки ду-се сол пеш аз даргузашти шоир эҷод шудааст, бо чунин нолаи дардомез шиква мекунад:

*Дигар садои ишқи ман(?) ҷое намерасад,*
*З -ин баъд шеърҳои ман(?) фарёди бекасист.*
*Дигар фазои синаи ман абрбаста аст,*
*Гулдони хотирам пур(?) аз гулҳои коғазист.*[59]

Меҳвари асосии шеъри Лоиқ инсонест, ки ҷони худро қурбони ҷони одам мекунад ва бо шавқи саршор, муҳаббати рӯзгор, олиҳимматию бузургӣ, сарбаландию ифтихор ва ҳамдилию ҳамдардӣ зистанро талқин карда, дар ҳамин ҷараён хусусият, таассурот ва дилбастагиҳои худро аён менамояд. Ин тарзи ифодаи андешаву эҳсосот дар шеърҳои «Нӯшбод» (с. 1965), «Тарона» (с. 1968), «Боз як рӯзам гузашт» (с. 1968) ба хубӣ корбаст шуда, шахсияти ғиноӣ на танҳо баёнгари шуури фардии шоир, балки ифодагари муҳимтарин хусусиятҳои шуури иҷтимоӣ низ гаштааст. Ба замми ин, ӯ дар ҳар падидаи зиндагӣ осори абадият ва силсилаи ногусастанӣ, дар ҳар ҷузъ ғояти куллро мебинад, гузаштаро бо ҳоли ҳозир ва ҳолоро бо оянда мепайвандад. Чунин мароми дунёшиносӣ ба андешаҳои ҳиссиётангези шахсияти ғиноӣ рангу равғани фалсафӣ медиҳад. Зиндагӣ арсаи муборизаи ҷовидон аст, на танҳо ба маънои муборизаи ҳаёт бо мамот, балки ба маънои муборизаи қувваҳои неку бад низ, ки дар олами зоҳиру ботин бо ҳамдигар овез доранд. Шоир дар ин набард новобаста аз он ҳама муборизаю мухолифатҳое, ки дар олами ӯ талотум мекунанд, ҳамеша пуштибони ҳаёт ва некист.

*То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст,*
*Сулҳу ҷангам бо тамоми Ҳурмузу Аҳриман аст.*
*Баҳри шуҳрат нест ҳаргиз шеърпардозии ман,*
*Шеърпардозиям исёне ба рағми мурдан аст.*[60]-

[57] Ҳамон ҷо, с. 290.

[58] Ҳамон ҷо, с. 302.

[59] Ҳамон ҷо, с. 305.

[60] Ҳамон ҷо, с. 384.

мегӯяд ӯ дар шеъри «То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст».

Шахсияти ғиноӣ дар шеърҳои Лоиқ, ки ба масъалаи шеъру шоир бахшида шуда, андешаҳои худтаҳлилии отифии ӯро баён менамоянд, аз худ чеҳраи ҷолиб, фардӣ ва мутафаккирро намудор месозад. Дар шеърҳое, ки дар онҳо шахсияти ғиноӣ шоир аст, табиист, ки муҳтавои таассурот бештар масъалаҳои маънавию фалсафӣ, иҷтимоиву андешамандист, ҳарчанд мавзӯъҳои ҳаёти шахсӣ, маишию ошиқона низ истисно нест, аммо, ба ҳар ҳол, масъалаҳои қисми аввал бештаранд. Лоиқ, ки табъан ҳамчун шоир ба андешамандӣ майл дорад, дар аксари шеърҳояш партави ин фазилати ӯ намудор мебошад. Дар ин гуна ашъор дараҷаи тафаккури шоир зуд намоён мешавад, зеро мавзӯи таассурот андеша аст. Дар ин ҷо танҳо ба баёни ҳиссиёт ва ё тасвири манзара иктифо карда намешавад, зеро ин гуна ашъор дарки фалсафии зиндагӣ, маърифати оламу одамро тақозо дорад, ки барои он шоир худ бояд ин фазилатро дошта бошад.

Шоирони куҳани мо ҳар яке файласуф, ориф, донишвари замони худ буданд ва бинобар ин ашъори ҳиссиётангезонаашон тафаккуромез ва мутафаккиронаашон ҳиссиётангез аст, яъне дар онҳо дил бо ақл ва ақл бо дил пайванд гирифтааст. Вале, мутаасифона, баъзе аз шоирон ва ноқидони нопухтаи имрӯз бунёди шеърро танҳо бар ҳиссиёт ва он ҳам ҳиссиёти норасидаю ноболиғ гузошта, даъво доранд, ки маҳз ҳамин гуна шеър асил аст, зеро зодаи ҳиссиёти бевосита аст, ҳол он ки ҳиссиётро аз тафаккур ҷудо карда, ба кайфияти яклаҳзаина дода шудан шоирро аз расидан ба маъниҳои амиқи фалсафӣ ва зинаҳои баланди такомул боз хоҳад дошт.

Нигоҳи мутафаккиронаи ҳиссиётбарангез оид ба масъулияти шоир то ба қалам омадани шеърҳои «Руҷӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт», «То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст», «Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам» ва як қатор ғазалҳои Лоиқ, ки дар ин мавзӯъ суҳбат мекунанд, дар назми садаи бисти тоҷик нодир буд. Чунин ба назар мерасад, ки дар ашъори Лоиқ талоши ба ҳам даромехтани тарзи нигориши воқеъгарову хаёлпардоз, куллиятгарову фардиятгаро, андешапарвару ҳиссиётбарангез бештар аз ҳама пурмаҳсултар корбаст шудааст.

Лоиқ дар баробари ашъори ҷудогонае, ки муҳтавои онҳо маҳз мақоми шеъру шоир дар ҷомеа мебошад, ғазалҳое низ дорад, ки онҳо саропо оид ба ин мавзӯанд ва ё дар дохили ғазалҳо байтҳое гуфтааст, ки ба он тааллуқ мегиранд. Ин мавзӯъ дар рубоиву дубайтӣ ва байтҳояш низ мақоми муайян дорад ва ин бурҳони он аст, ки Лоиқ ба мақоми шеъру шоир дар ҷомеа ҳамчун ба масъалае муносибат мекунад, ки он нишондиҳандаи муҳими саломати иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа мебошад.

Шахсияти ғиноӣ ва «ман»-и шоирии Бозор Собир аз аввалин шеърҳояш, ки дар маҷмуаи «Пайванд» (соли 1971) ҷамъ омадаанд, худро дар мавзӯъ ва масъалаҳои шеъру шоирӣ дар ҳамбастагӣ бо табиат ва асосан ҳамчун инсони воқеӣ, реалистӣ, ки заминро дар зери по дошт, зоҳир менамуд ва бо ин хусусияташ аз шахсиятҳои ғиноӣ ва «ман»-и шоирии ашъори ҳамнаслони худ ҳамчун Лоиқ, Баҳром Фирӯз, Ғоиб Сафарзода ва дигарон, ки бештар хусусияти хаёлпардозона дошта, аз худ қудратҳои бузург нишон додан мехостанд, фарқ мекард. Масалан, муфради ғиноӣ дар шеърҳои маромномавии ин шоирон, аз ҷумла, дар шеъри «Дар ёди шараф»-и Лоиқ аз он афсӯс мехӯрд, ки фалакпаймо ба сӯи моҳ рафту шеъри ӯ аз сафҳае берун наомад, яъне ӯ парвозе мехост, ки замину замонро фаро гирад ва дар шеърҳои солҳои баъдияш ин майли соҳиби қудратҳои бузургу мофавқ шуданаш давом кард. Шоири ҷавони дигар Ғоиб Сафарзода «бунёди ман аз ғуруру шӯр аст ҳама» ва Баҳром Фирӯз, ки он солҳо асосан бо шеър шинохта шуда буд ва баъдан ба наср пардохт, чунин менавишт:

*Шоир он аст дар ин асри мураккаб, алъон*
*Ба сухан хезаду майдон талабад, разм кунад.*

Дуруст аст, ки шоирони ҷавон он солҳо бо ин гуна маромномаҳои баландоҳанг, аз як ҷиҳат, агар худро ба ҳиммати бузурги эҷодӣ водор кунанд, аз ҷиҳати дигар, диққати аҳли адаб ва ҷомеаро ба худ кашидан мехостанд. Аз худ ҳамин гуна чеҳрае нишон додан, албатта, барои ҷавонон ҳавасангез буд. Аммо Бозор Собир аз ин қабил берун буд ва дар шеъри маромномааш «Орзуи зинда», ки маҷмӯаи аввалашро оғоз медод, бо як хаёлангезӣ ва оромӣ чунин мегуфт:

*Меравам сӯи ту аз хилвати шабҳои дароз*
*Ман ба дунболи хаёл.*
*Гаҳ зи омолу муроде ҳама дам дар ҳаяҷон,*
*Гаҳ асири аламу ранҷу малол,*
*Оварам руй ба даргоҳи умед*
*Ҳамраҳи субҳи сафед.*[61]

Ҳарчанд дар шеъри дигари ҳамин маҷмӯа «Такрори умр» шахсияти ғиноӣ чунин орзуе мекунад, ки хаёлпардозонаву бузургиталабона аст:

*Ман аз нав мекунам хуршедро дар қуллаҳо оғӯш,*
*Худамро мешиносонам ба ҳар як қуллаи хомӯш,*
*Дигар сар медиҳам овоз дар куҳсор,*
*Тамоми сангҳоро мекунам бедор.*[62]

Аммо ин сабки хаёлпардозонаи биниш ва гуфтор дар ашъори солҳои пасини Бозор Собир хеле ба нудрат вомехӯрад ва дар баробари биниш ва тасвири воқеъгароёнаи ӯ мақоми казоие надорад.

Ин шеърҳо маҳсули солҳои шастум буданд. Дар солҳои пасин сабки шоир боз ҳам воқеъгароёнатар шуда, аз даъвоҳои бузурги хаёлпардозона иҷтиноб мекунад, на танҳо худ чунин даъво намекунад, балки ба онҳое, ки мекунанд, пардапӯшона эътироз ҳам менамояд. Масалан, болотар мо дида будем, ки муфради ғиноии Лоиқ дар шеъри «Ман намемирам»:

*То қаламро пул насозам дар*
*миёни соҳили имрӯзу фардо,*
*Ман нахоҳам мурд оҷиз,*
*Ман нахоҳам мурд ҳаргиз.*[63]

гуфта буд, муфради ғиноии Бозор Собир бошад, дар шеъри «Хонаи мӯр», ки маҳсули солҳои 80 аст, чунин мегӯяд, ки он даъвои Лоиқро низ дар назар доштанаш истисно нест:

*Даъвии он надорам,*
*К-аз шоирӣ хурам нон,*

[61] Бозор Собир. Пайвнд. Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1971, с. 7.

[62] Бозор Собир. Ҳамон ҷо, с. 10.

[63] Лоиқ Шералӣ. Ҳамон ҷо, с. 190.

*Ё пул кунам қаламро*
*Дар обхези даврон.*[64]

Дар тафовут аз эҷодиёти Лоиқ муҳимтарин махсусияте, ки шахсияти ғиноӣ ва «ман»-и шоирии ашъори Бозор Собир дорад, ин афзалияти омилҳои воқеъгароёнаи ҷаҳоншиносии ӯст, ки муносибати бисёр ҳам наздик доштани ӯ бо табиат яке аз заминаҳои асосии онро ташкил медиҳад. Ҳоло мавриди таҳқиқ танҳо як шохаи муносибат аст, шохае, ки дар он ҳар дуи ин шахсияти эҷодии шоир дар шеърҳои ба мавзӯи шеъру шоир бахшида ба табиат бо чӣ нигоҳе менигарад, ки дар асоси он ҷанбаи ҷаҳоншиносии ӯ воқеъгароёна маънидод мешавад. Агар ин дуруст исбот ва маънидод карда шавад, муҳимтарин хусусияти ашъори Бозор Собир кашф мегардад, чунки шоир дар мавзӯи худ ва муносибаташ ба шеъру шоирӣ, ки моҳияти сарнавишти ӯст, аз чизҳои муҳиму хосиятноктарин, ки аҳамияти бунёдӣ доранд, сухан гуфта, ғайриасосию фаръияшро канор мегузорад. Бинобар ин хусусиятҳое, ки дар ин шеърҳо кашф мешаванд, барои тамоми эҷодиёти ӯ, барои ҷаҳоншинохтӣ ва сабки бадеии ӯ моҳиятноктарин хоҳанд буд.

Бозор Собир бештар шоири таассурот аст ва аз ин рӯ, барои ибрози он ба олами маҳсус, воқеӣ, ашё ниёз дошта, дар ашъораш аз ҳискардаҳои хеш, аз зебоиҳои тоза ва забонзаднашудаи табиат сухан мегӯяд. Бинобар дар эҷодиёти ӯ шиору хитобаҳо, муҳокимарониҳои зеҳнӣ ба нудрат ба назар мерасанд. «Ман»-и шоирии вай шеърро дар зебоиҳои табиат, дар рӯзгори ҳаррӯзаи муқаррарӣ, наздикони хеш ва мардум, ки ҳар лаҳза бо табиат ва олами ашё сари кор доранд, ҷустуҷӯ ва пайдо мекунад. Ин шахсият дар шеърҳои «Фарзанди деҳқон», «Худамро мебарам бар дӯши худ боз» шеърро маҳз дар ҳамин олам, олами зиндагии деҳотӣ, ҷузъиёти он, ташвишу кору бори ҳаррӯза, муносибат ба обу хок, гулу гиёҳ, дарахту киштзорон на фақат мебинад, балки онро сарчашмаи зуҳури шоирии худ медонад.

Агар дар аксари ашъори хаёлпардозона шоирон барои муайян кардани маҳалли ибтидои шоирии хеш ба осмон нигаранд, яъне онро аз осмон, ки макони қувваҳои рӯҳонӣ ва шоирона медонанд, вобаста шуморанд, Бозор Собир дар шеъри «Худамро мебарам бар дӯши худ боз» баръакс таъкид мекунад, ки:

*Маро ин осмон шоир накардаст,*
*Гирифтам аз алафҳо бӯи ашъор.*
*Чу барге сабз шуд, ман ҳам шудам сабз,*
*Чу барге сӯхт, ман ҳам сӯхтам зор.*

*Маро аз пои кӯҳистон бипурсед,*
*Ки поям сангкӯбашро кашида.*
*Сару рӯям харошидаст гулхор,*
*Ба дӯшам ҳомаҳоямро дарида …*[65]

«Ман»-и ғиноии шоир дар ин шеър худро аз дигарон ҷудо, соҳиби қобилиятҳои махсус намедонад, зиёда аз ин, худро ниҳоят фардӣ нишон намедиҳад, баръакс дар аввалҳо яке аз бачаҳои деҳ аст, ки зиндагиаш ба монанди ҳамаи онҳост. Ба ин восита шоир ба бунёди шахсияти ғиноии хеш бештар хусусияти воқеӣ дода, ӯро ба муҳити муайяни таърихию иҷтимоӣ

[64] Бозор Собир. Бо чамидан, бо чашидан… Душанбе, «Адиб», 1987, с. 38.

[65] Ҳамон ҷо, с. 5-6

вобаста менамояд, ки он муҳити деҳоти тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва бачагии шоир аст. Дар натиҷа шахсияти ғиноӣ, бо вуҷуди он ки, дар бораи сарчашмаҳои шоирии худ сухан мегӯяд, яъне дар бораи чизе сухан мегӯяд, ки аслан аз дигарон ҷудо буда, махсуси ӯст, зеро кори шеъру шоирӣ комилан фардист, вале дар таҷрибаи зиндагии ӯ ҳаёти ҳамнаслонаш низ инъикос шуда, барои як насл таъмимӣ мешавад. Ҳамаи ин хусусияти ҷаҳоншиносии воқеъгароёнаи муфради ғиноист.

*Маро гӯянд агар шахси қаламкор,*
*Ба ёдам мерасад неши қаламхор.*
*Чу аз пушти шикор аз пушти ман рехт*
*Нахустин мисраам аз пои хуншор.*

*Нахустин байти ман дар дафтаре нест,*
*Нахустин байти ман дар подараҳҳост,*
*Ки ӯро пои урёнам навишта,*
*Ба рӯи хок иншои кафи пост.*[66]

Масъалаи ин шеър аз табиат, аз деҳ донистани маншаи шоирии шахсияти ғиноист, ки бачагиаш дар замони сахти ҷанг дар ақибгоҳ гузаштааст. Ҳиссиёт ва таассуроти ғиноӣ аз ҳамин масъала сарчашма гирифта, тимсолҳо, ашёе, ки дар ҳамон муҳит буданд, як-як барои ба ин масъала таҷассуми бадеӣ додан ба доираи шеър кашида мешаванд. Ба замми ин, тимсолҳое, ки дар пораҳои иқтибосшуда ҳастанд, ҳамчун алафҳо, барги сабз, гулхор, ҷома, неши қаламхор, шикор, пои хуншор, подараҳҳо, рӯи хок ва дар бандҳои дигар низ тимсолҳое чун осиёи деҳа, каҳ, рези пуштаҳо, решаву тухми давоӣ, гулу хас ва монанди инҳо на танҳо эҳсоси умумии деҳаро ба вуҷуд меоранд, балки чеҳра ва зиндагии шахсро муҷассам месозанд. Баъзеи ин ашё на фақат маънои ашёиву бадеӣ, балки мазмуни рамзӣ пайдо карда, қобили гунҷоиши эҳсосот ва маъноҳои амиқи бештаре мешаванд. Масалан, вақте ки ин бандро мехонем:

*Замин кандам, валекин зар наҷустам,*
*Биҷустам решаву тухми давоӣ .*
*Чу дидам, гул ҷавон рафту хасе монд,*
*Гузаштам аз худову бехудоӣ.*[67]

Мебинем, ки ҳамон тимсолҳои маъмули гул ва хас ба эътибори маънии мисраи чаҳорум мазмуну мундариҷаи тоза ва амиқтаре пайдо мекунанд. Ба таҳрик ва талаботи маънии мисраи чаҳорум, ки аз дидани норосткорӣ бовари шахсияти ғиноӣ бар назми адолатноки дунё намемонад, тимсоли гул рамзи инсон, ҳар чизи шоистаи зиндагӣ, адолату ростӣ ва хас рамзи баръакси ҳамаи ин мегардад, ки далели қобилияти бештари гунҷоиши маънӣ пайдо кардани онҳост.

Чунин маъно пайдо кардани тимсолҳои  гулу хас дар ин шеъри Бозор Собир фақат тақозои шакли бадеӣ набуда, заминаи муҳтавоии иҷтимоӣ ҳам дошт, ки норизоии ӯро аз ҷамъияти мавҷуда инъикос мекард. Ин бархӯрду зиддият дар эҷодиёти ӯ оҳиста-оҳиста зуҳур карда, сол ба сол инкишоф меёфт.

---

[66] Ҳамон ҷо, с. 5.

[67] Ҳамон ҷо, с. 6.

Зиддияти шахсияти ғиноии Бозор Собир бо ҷомеаи мавҷуда дар ашъори солҳои ҳаштоди ӯ бевосита набошад ҳам бавосита ҷо-ҷо ба гӯш мерасид. Бавосита изҳор кардани андешаҳои зидди сохти иҷтимоӣ – сиёсии замон яке аз усулҳои машҳури бадеист. Бозор Собир ҳам аз ин усул истифода кардааст. Шеъри «Шоиру шеъре агар ҳаст», ки ба сӯгвории шоири Чилӣ Пабло Неруда бахшида шудааст, далели равшани ин мебошад. Шахсияти ғиноӣ дар ин шеър вобаста ба сӯгвории Пабло Неруда андешаҳои худро мегӯяд, ки ба сохти иҷтимоӣ ва муносибати он бо шоир бармехӯрад.

*Розиям, бадбахт бошам, лек бошам шоире,*
*Розиям, сарсахт бошам, лек бошам шоире,*
*Розиям, чун Саъди Салмон*
*Бо гуноҳи шоирӣ дар чоҳу зиндонам кунанд,*
*Чун Ҳилолӣ шеър дар лаб сангборонам кунанд…*
*…Розиям ман, дар хатои шеър ранҷурам кунанд,*
*Балки ҳамчун Рӯдакӣ кӯрам кунанд…*[68]

Вақте ки «ман»-и шоир дар бораи розӣ будани худ ба бадбахтию сарсахтӣ, дар зиндон, сангборон ва ҳатто кӯр карда шудани худ сухан мегӯяд, яъне эҳтимол ҳамин гуна ва ё ба ҳамин монанд муносибатро аз ҷониби замон ба худ чашм доштанаш низ мумкин аст. Зиддияти шахси эҷодкор бо ҷомеаи номеҳрубон дар эҷодиёти Бозор Собир сол ба сол инкишоф ёфта, дар солҳои навад худи шоирро ҳам ба майдони мубориза феълӣ кашид ва дар бисёр шеърҳояш аз мавзӯъҳои асосӣ гашта, дар андеша ва таассуроти ӯ аз шеъру шоирӣ таъсири амиқ гузошт. Дар солҳои навад бар асари аз ҳам пошидани сохти шӯравии собиқ ва эъломияи озодии сухан дар Тоҷикистон дигар ақидаи зидди низоми ҷамъиятиву сиёсии худро бавосита, пардапӯшона гуфтани шоир зарур набуд, ӯ акнун эътирози худро рӯирост баён мекард. Оқибат ӯ ба асари ин зиддият ва мухолифатҳо аз Ватан кӯч баст, ки қазоват ва баррасии одилонаи ин ҳодиса ба дасти замон аст.

Дар маҷмӯаи «Симхор», ки соли 1999 дар Маскав нашр шуда, асосан аз шеърҳои дар ғурбат навиштаи Бозор Собир фароҳам омадааст, шахсияти ғиноӣ дар се шеър «Таби сурх», «Хонақоҳи ман» ва «Тирамоҳ» оид ба масъалаҳои шеъру шоирӣ сухан мегӯяд.

Шахсияти ғиноӣ дар ин се шеър ғариб аст ва меҳвари масъалаи розу ниёзаш меҳри ватан, озори замон ва авзои шоир дар ғурбат мебошад. Масъалаи ғурбат дар шеъри тоҷику форс хеле собиқадор аст, мо ба он руҷӯъ накарда, танҳо зикр мекунем, ки он асосан аз ду ҷиҳат мавриди тасвир ва ифода мегашт: ғурбат ба маънои воқеияш, яъне дур афтодан аз зодбуми хештан ва дигар ба маънои рӯҳонияш ғурбати ҷонро дар назар дошт, ки он аз олами улвӣ, ки Худованд онро дар он ҷо офарида буд, ҷудо гашта, ба олами сифлӣ, ба тани одам омада, ғариб шуд. Ғурбат дар шеърҳои Бозор Собир ба мафҳуми аввалӣ, ғурбати воқеӣ, дурӣ аз ватан ташреҳ мешавад, ки он бар ҷаҳоншиносии моддигароёнаи ӯ асос гирифта, сабки воқеъгароёнаи ӯро дар шеър таъкид мекунад.

Дар «Таби сурх» ғурбат масъалаи шеър аст ва шахсияти ғиноӣ пораҳое аз зиндагӣ, хотирот, мушоҳидаҳо, муҳитеро, ки бо он алоқа дошт, дар атрофи ҳамин масъалаи ғурбат ба ёд меорад ва он пораҳои ҷудогонаро ба воситаи риштаи эҳсосоту таассурот ба ҳам мепайвандад. Дар ин шеър чандин мавзӯъ ҳаст, масалан, мавзӯи хонаи шоир дар шаҳр, деҳааш, боғи падар,

[68] Ҳамон ҷо, с. 12.

аҷдодаш, баҳори деҳааш, кӯдакии деҳотиаш, аммо ҳама ин мавзӯъҳо дар атрофи масъалаи ғурбат ба воситаи эҳсososту таассуроти шахсияти ғиноӣ ба ҳам пайвастаанд. Азбаски ин мавзӯъҳои гуногун дар як шеъранд, табиист, ки инкишоф дода нашуда, ба тасвир ва ифодаи як таассурот – ғами ғурбат тобеъ карда шудаанд ва инкишофашон ҳеҷ зарурат надорад, зеро дар он сурат банду баст ва меъёри ифода хароб гашта, шеър аз байн хоҳад рафт. Ба ин навъи шеър ҳам, ки аз бандҳои рубоӣ ба ҳам омадааст, созгорӣ намудааст:

*То хонаи ман масофаи бисёр аст,*
*Расмам ба ду чашми чор дар девор аст.*
*Аз рӯи ман оинаи ман сер нашуд,*
*Оинаи ман мунтазири дидор аст.*

*Дар хонаи ман доруи хобам монда,*
*Як парҳалами пари уқобам монда.*
*Ман болини(?) ҳамсарӣ надидам умре,*
*Дар болини(?) ман ҷилди китобам монда.*[69]

Баъди ин ду банд ҳашт банди дигар асосан меҳри шоири ғарибро ба олам ва ҷузъиёти ҳаёти деҳотии ӯ ифода месозад:

*Ҳар ҷо, ки намеравам, дилам волаи туст*
*Дар боми дилам шукуфаи лолаи туст.*
*Қишлоқаки ман, пушти маро кас нагирифт,*
*Дар пушти сарам чинори садсолаи туст.*[70]

Дар ин шеърҳое, ки шахсияти ғиноии Бозор Собир мухолифати худро ба замон баён мекунад, ӯ мафҳуми Ватанро аз низоми замон ҷудо менамояд, барои ӯ Ватан бо мардуми одияш азиз аст, ҳамчунонки дар банди болоӣ ҳаст ва агар норизоие дошта бошад, ба тарзи гилагузории сабуке изҳор месозад, мисли «қишлоқаки ман, пушти маро кас нагирифт». Бозор Собир бо ин мисраъ муборизаю гирдиҳамоию майдондориҳоеро, ки дар солҳои навад дар Душанбе ба амал омада буданд ва мардуми баъзе маҳалҳо барои пуштибонии ин ё он намоянда ва ё пешвои худ ба майдонҳо мебаромаданд, дар назар дошта, худ ҳам, ки ҳамчун яке аз роҳбарони ҳизби демократ дар он гирдиҳамоиҳо саҳм гузошта буд, аз қишлоқи худ барои ӯро пуштибонӣ накарданаш шиква менамояд.

Дар шеъри «Хонақоҳи ман» шоир меҳри Ватанро боз ҳам сӯзонтар баён мекунад. Ин шеър дар атрофи масъалаи ғурбат ва мавзӯи хонаи шоир, ки ба истилоҳи худи ӯ хонақоҳи ӯст, шакл мегирад:

*Ростӣ, фарзанди ман сураткаши хуб аст,*
*Хуб сурат мекашад, аммо*
*Сураташро дар чӣ деворе биовезад, намедонад.*

*Мо, ки деворе надорем,*

[69] Ҳамон ҷо, с. 31.

[70] Ҳамон ҷо, с. 31.

*Хонабардӯшем.*[71]

Масъалаи ғурбат, хонабардӯшӣ барои шоир фоҷиабор аст ва дар идомаи шеър ҳолати шоир дар зимни ҳамин фоҷиа дарк ва тасвир мешавад. Ӯ хотироте аз гузаштагони гилкори худ, давраи зиндонӣ будан, аз хона ва аз ватан рафтанашро бо ҳамин гуна ҳиссиёти ғамолуд ва бо образҳои маҳсусу воқеии девор, нақши панҷа, ҷома, хароши симҳои хордор, чашми зиндон ва монанди инҳо, ки ҳамаро худ дидаасту эҳсос намудааст, ба қалам меорад, ки онҳо барои ифодаи муносиби мавзӯи рафтан аз ватан ва дарди он хидмат мекунанд. Масъалаи шеър рафтан аз ватан, аммо рӯҳияи шеър, мазмуни он муҳаббати ватан ва ба худ кашидани хоки ватан, меҳри ватан мебошад, дар ҳамин аст фоҷиаи шоир ва фоҷиавияти ин шеър:

*Аз ватан вақте ки мерафтам,*
*Ёдам аз ӯ дар фазо мерафт,*
*Додам аз ӯ дар ҳаво мерафт.*
*Гуфтам, аз рӯи ҳаво хат мекашам рӯи ватанро,*
*Баъд аз ин бигзор, бигзор! –*
*Ман набинам рӯи ӯро,*
*Ӯ набинад рӯи манро.*
*Хостам, дар шишаи танги ҳавопаймо ба ин маънӣ*
*Хат кашам инак,*
*Вале он шишаро нохост бӯсидам,*
*Чун дилам мехост, бӯсидам,*
*Чун дилам мехост, бӯсидам,*
*Бӯсаам дар шишаи танги ҳавопаймо намеғунҷид.*
*… Аз ватан рафтам, валекин мекашад хокаш,*
*Хоку хошокаш.*[72]

Тимсоли шахсияти ғиноӣ, ки шоири ба ғурбат афтида мебошад, ба ин сурат, ки дар ашъори Бозор Собир ҳаст, дар шеъри нимаи дуюми садаи бисти тоҷик нав ба зуҳур омадааст. Он дар асоси санади тарҷумаиҳолӣ офарида шудааст ва шоир барои ифодаи мундариҷаи ғурбат аз мушаххасоти зиндагии худ суратҳои тозаро ба шеър ворид кардааст, ки маҳзи ҳамин ҳолати ӯ буда, анъанавӣ нестанд, вале ғайричашмдошт ҳам ба назар намерасанд, зеро аломатҳои замони худро дошта, ифодагари ғурбати асри бистанд. Масалан, видоъ бо ватан аз шишаи танги ҳавопаймо воқеияти асри бист аст, ки замони ғурбатро таъйин мекунад ва ҳарчанд дар шеъри ғурбат анъанавӣ нест, аммо тасодуфӣ ҳам нест, зеро санади тарҷумаҳолии шахсияти ғиноист. Вале амале, ки шахсияти ғиноӣ ба ҷо меорад, яъне ба ҷои он ки ба шишаи танги ҳавопаймо ба маънои рӯи ватанро дигар набинам хат кашидан онро бо тақозои муҳаббати модарзодӣ беихтиёр ва ғайричашмдошт мебӯсад, баёнгари меҳри нохудогоҳ, асил ва бениҳоят сӯзону таъсирбахш аст, ки ашкро дар чашмаи чашмон меҷӯшонад. Ин дард аст ва ифодааш бозёфти асили шоирона. Ин ҳолат чӣ қадар монанд аст ба ривояти тавротӣ дар бораи шоҳ Болоқ ва Балъом. Ривоят дар бораи он аст, ки шоҳ Болоқ ба назди худ Балъомро даъват намуда, ваъдаи инъоми бисёре медиҳад, то ӯ мардуми Исроилро лаънат кунад. Балъом шефтаи инъом шуда, мехоҳад

[71] Ҳамон ҷо, с. 40.

[72].Ҳамон ҷо, с. 42-44

душманони Болокро лаънат фиристад, аммо ба ҷойи он,  ғайри ихтиёри худ, онҳоро се мартаба бо дуои хайр баракати тамом медиҳад.[73]

Воситаҳои тасвир дар ин шеър асосан наванд, ки  барои ифодаи маҳз ҳамин мазмун сохта шудаанд, аммо тимсолҳои суннатӣ ҳам, ки ба кор рафта бошанд, монанди мӯр, найистон, каҳкашон барои баёни ҳиссиёту таассуроти тоза хидмат кардаанд. Масалан:

*Дар қатори фавҷи мӯраш ҳамқадам дорам,*
*Балки ман дар он қаламрав сад найистон ҳамқалам дорам.*[74]

Худро ҳамқадами мӯр ва ҳамқалами худро сад найистон дидан, яъне ба ин ду тимсоли суннатии шеъри классик, ки маъмулан барои ифодаи маъниҳои дигар меоянд, назари тоза андохтан аст, ки маҳз барои баёни ҳамин таассуроти мушаххас ба ҷо оварда шудааст.

Сабаби ғурбати Бозор Собир мухолифат ва муқобилат аст, аммо мухолифат ва муқобилат на бо ватан ва мардуми одии он, балки бо як гурӯҳи иҷтимоист, аз ин рӯ, ӯ дар шеърҳои ғурбатиаш бо мӯри ватан ҳамқадам ва бо найистонаш ҳамқалам ва бо лолаҳояш хуни ҷигар буданашро ба забон меорад ва онҳо бори ифодаи огандагии дард ва саршори меҳри ватанро мекашанд. Шеъри дигари ин мавзӯъ «Тирамоҳ» аз назари мӯҳтаво, на навъ – шакли жанрӣ, марсияи ғурбат аст. Нусхаи аввали ин шеър дар маҷмӯаи «Симхор» (с. 1999) омада, вале баъдан сахт таҳрир шуда, дар маҷмӯаи «Шоиру шеъре агар ҳаст...» (с. 2006) ба чоп расида,  санаи таҳрири он 20 ноябри 1998 қайд шудааст, ки баррасии мо аз рӯи он аст.

Таассуроти шахсияти ғиноӣ дар он дар атрофи масъалаи ғурбат ва айёми тирамоҳу умри инсон баён мешавад, ки услуби ифодаи мусалсали ангезаҳои рӯҳиро дошта, ҳамзоди тирамоҳи ҳама зарду ҳама дард аст. Он таассуроти ғарибии шоирест, ки  пари тӯтии гул ва  пари тӯтии дилаш рехта, яъне баҳори умраш гузаштаасту дар остонаи пирист:

*Қафаси синаи гулбун қафаси тӯтии гул буд,*
*Қафаси синаи ман ҳам қафаси тӯтии дил буд,*
*Ки пари тӯтии гул рехт, пари тӯтии дил ҳам;*
*Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,*
*Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.*[75]

Дар охири банд такрор омадани ду мисраи охир, ки ҳар пораи тараннумиаш аз назари вазн як тақтеъанд, яъне баробари фоилотун – тирамоҳам ва ҳама зардам, ҳама гардам ва монанди ин ба шеър оҳанги марсия дода, бандҳоро аз ҷиҳати сохти савтӣ ба ҳам мепайвандад ва он марсияи шахсияти ғиноие мешавад, ки шоир аст ва ӯ аз расидани «сад манзараи зард» - у «сад хотираи зард» ҳама дарду ҳама сард аст. Ҳамин тариқ, масъалаи ғурбат, ки дар шеъри классикиамон асосан масъалаи ҳаёти маънавӣ буд, дар охири садаи бист барои баъзе шоирон, аз ҷумла Бозор Собир, масъалаи ҳаёти воқеӣ ва шахсӣ шуд, ки дар сурати рӯзгори шахси шоир нақши худро гузошт.

---

[73] Ниг. Китоби муқаддас. Аҳди атиқ. Сифри Аъдод, боби бисту сеюм ва бисту чаҳорум.

[74]  Бозор Собир. .Ҳамон ҷо, с. 43

[75].Бозор Собир  ,Шоиру шеъре агар ҳаст...Душанбе, «Адиб», 2006 с. 69.

Масъалаи муқобилат бо вазъи иҷтимоии замон на фақат дар ашъори шоире ба монанди Бозор Собир, ки як давра на танҳо ҳамчун шоир, ҳамчун шаҳрванд ҳам бо он зиддияти рӯиросту ошкоро дошт, балки дар ашъори шоироне, ки онро таҳаммул мекарданд, низ кам-кам ва тадриҷан барои худ ҷой боз менамояд.

Аммо ин гуна мухолифати иҷтимоии шоир ба нуқсҳои ҷомеа дар шеърҳое, ки ба шоир ва ё шеър бахшидааст, маъмулан дар даврони баркамолии ӯ бештар ва пуррангтар баён мешаванд. Ин ҳам сабабҳои айнӣ ва ҳам зеҳнӣ доштанаш мумкин аст. Сабаби айнияш дар он мебошад, ки дар марҳалаи зериназарбуда, яъне дар нимаи дуюми садаи бист, то аз ҳам фурӯ пошидани ИҶСШ, сиёсати якҷонибаи замон имкон намедод, ки дар бораи он ҳарфи мухолифат гуфта шавад ва сабаби зеҳнияш дар шахсияти шоир, давраҳои такомули эҷодӣ, воқеоти зиндагӣ, ҷаҳонбинии ӯ ва монанди инҳо буда метавонад.

Масалан, ҳамин гуна ҳолат дар эҷодиёти Фарзона равшан ба назар мерасад. Дар давраҳои аввали шоириаш Фарзона ва шахси ӯ ба масъалаҳои шеъру шоир садои ҳамнаво бо оҳангҳои ҷомеа ва шоироне дошт, ки бо ӯ дар як вақт эҷод мекарданд. Ӯ ҳам дар шеърҳояш ба дил, илҳом, шеър ва монанди инҳо, ки ба сарчашмаҳои шоириаш иртибот доранд, муроҷиат карда, аз онҳо дархосту таманно мекунад, ки, масалан, дар шеъри «Дархост» рӯзе гӯшаи дилҳову ҷумлаи дунё фурӯзанд[76], ё дар шеъри «Оғоз» оид ба худ:

*Тирашабҳоро кунун бедордил*
*Мекунам тобанда бо нури сухан.*[77] –

мегӯяд ва ё дар шеъри «Ту маро зодаӣ ба бахти ман» ба модараш, ки ӯро парвардигори ҷони худ меномад, муроҷиат карда, бо назардошти шахси худ чунин иброз медорад:

*Осмони ситорапарвари шеър*
*Кавкаби тоза орзу дорад.*[78]

Ҳамин тариқ, дар ин шеърҳо ва ашъори дигари ба инҳо монандаш, шахси Фарзонаи шоир ҳам дар аввалҳо худро ташвиқ ба он мекунад, ки вазифаи ӯ «бо таровиши сухан» «Дар ин ҷаҳони розҳои беҳудуд // Ҷаҳони дигаре ба худ кушудан аст»[79]. Ин гуна орзуву мароми шоиронаи ӯ, ҳамчунонки мебинем, дар аввалҳои эҷодиёташ бо ҳадафи шоирони дигар, масалан, Лоиқ дар ин масъала, ки болотар дар ин қисмат дида шуд, ҳамоҳангиву ҳамонандӣ дорад.

Таҳқиқи назари шоир, аз ҷумла Фарзона ҳам, оид ба масъалаи шеъру шоир бисёр муҳим аст, зеро он барои муайян намудани тарзи ҷаҳонбинӣ, сарчашмаҳои эҷодиёт, ҳадаф аз шеъру шоирӣ ва ақидаҳои зебошинохтии ӯ бештар аз ҳама мадад мекунад. Ашъори давраҳои нахустини эҷодиёти Фарзона рангу бӯи хаёпардозона дорад, яъне шоир аз назаргоҳе ба воқеият

---

[76]Ниг.: Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Мунтахаби ашъор дар се муҷаллад. Ҷилди якум. Нашр. «Нури маърифат», .Хуҷанд, 2003, с. 7

[77]Ҳ амон ҷо, с. 9.

[78]Ҳ амон ҷо, с. 11.

[79]Ҳ амон ҷо, с. 12.

менигарад, ки онро бо унсурҳои олами руъёву хаёл мебинад ва бо сабк, калимоту таъбирҳое ифода мекунад, ки бештар хусусияти шеъри хаёлпардозонаро доро мебошанд. Шахсияти шоирии ӯ дар ашъори оид ба мавзӯи шеъру шоир навиштааш низ худро ҳамин гуна муаррифӣ менамояд. Ин шахсият ҳам дар аввалҳо, ба монанди шахсияти шеъри дигар шоирон, ки ҳангоми ҷавониашон аз худ тавоноиҳову муҳаббатҳои бемисл нишон додан мехостанд, сухан гуфтанӣ мешавад, вале зуд дармеёбад, ки ин шеваи ӯ нест ва ҳарфаш оҳанги нарму мулоими занона ва бедаъво мегирад. Бинобар ин шахсияти шоир дар шеъри «Рисолат», ки ба худи Фарзона қаробат дорад, ба масъулияти шоир бо нигоҳи хаёлпардозонаву андешамандона ва дигаргунсоз чунин мегӯяд:

*Ман омадам, ки офтоби камнамойро*
*Ба рӯзҳои тирамаҳ хабар кунам.*
*Ман омадам, ки нури чашми ҳар ситораро*
*Аз он чӣ дӯш буд, бештар кунам.*
*... Ман омадам, ки пунбаҳои абрро раҳо кунам*
*Зи гӯши осмон.*
*Ман омадам, ки шукру шикваҳо барам ба даргаҳат,*
*Куҷоӣ, эй худои бандагон?!*[80]

Шахсияти шоир дар шеъри Фарзона дар аввалҳо, вақте ки бо олами ҳодисоту воқеоти олами мавҷуд рӯ ба рӯ мешуд, худро ҳамчун ҳомили ғояҳои баланду волои хаёлпардозона нишон медод ва бовар дошт, ки бо ҳамин ҳастӣ ва фаъолияти худ бар он асари мондагоре хоҳад гузошт. Бинобар ин ӯ танҳо сари он меандешид, ки ҳиссиёти фарогирифтаашро мувофиқи хоҳиши дилаш хубтар ба забон орад. Ин ҳиссиёт, агар дар ӯ назокату муҳаббат ва ё хаёлу афсона мепарварад, танҳо аз он сухан мегӯяд, зеро онро беҳтарин забони баёни ҳастии асили хеш медонад. Воқеан, ба қавли равоншиноси маъруф К. Д. Ушинский «ҳеҷ чиз – на калимот, на афкор, на ҳатто рафтори мо – худи мо муносибати моро ба ҷаҳон чунон равшан ва дуруст ифода намекунад, ки эҳсосоти мо: дар онҳо чигунагии на фикри алоҳида, на ҳалли алоҳида, балки тамоми муҳтаво ва сохти дилу ҷони мо фаҳмида мешавад».[81]

Фарзона бо унсурҳое, ки мехоҳанд озодии илҳомро мутеи худ созанд, созишу муросо надорад, зеро шахсияти шоирии худро дар банди алоиқи суду зиёни зиндагии ҳаррӯза надида, онро танҳо барои эҷоде, ки дилҳоро мунаввар мекунад, муваззаф медонад. Бинобар ин ӯ бар назокат ва иншогари афсонаҳо будани шахси худ таъкид мекунад, ки олами пуч ва суду зиёни онҳоро ботил созад. Масалан, дар шеъри «Афсонаофарин»:

*Ман ташнаам, ман ташнаам, шодоб мехоҳам шудан,*
*Бо шабнаме дар барги гул ҳамхоб мехоҳам шудан.*
*... Шояд касе шабҳои пуч маърӯза иншо мекунад,*
*Бар қасди ӯ дар асри бист иншогари афсонаам*[82].

---

80.Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён, ч. 1, с. 293

81.Ушинский К. Д. Собр.соч., т. 1Х. М., 1960, с. 117-118

82.Фарзона. Ҳамон ҷо, с. 290

Маълум аст, ки афсона худ аз олами хаёлпардозона аст ва дар ин шеър ҳам киноя аз он олам буда, шахси шоирро, ки дар асри бист – асри иктишофу атому назарияи нисбияти Эйнштейн ва як кори муқаррарӣ шудани парвозҳои кайҳониву гузаштан аз Моҳу Миррих иншогари он медонад, танҳо ба ҷаҳони шеъри хаёлпардозона тааллуқ гирифтанаш мумкин аст. Афсона дар ин ҷо киноя аз олами хаёлӣ, вале пурмаъно буда, ба олами воқеӣ, ки шабҳояш пучу машғулиятҳояш бемаъност, муқобил гузошта шудааст. Иншогари афсона, яъне шахси шоир, ки шеър мегӯяд, ба кори аз назари худаш бисёр ҳам муҳим машғул аст, вале он кор, ки худ ҳам афсона номаш мекунад, чӣ арзише дар асри бист дар назари дигарон доштанаш мумкин аст? Ин масъалаест, ки чигунагии муносибати шоирро бо аср ва ҳамасронаш муайян менамояд. Азбас шоир таъкид мекунад, ки ин кор – афсонаиншогариро «бар қасди» маърӯзаиншогарон ба ҷо меорад, ӯ доираи тазоди худро дақиқ карда, афкори онҳоеро ба эътибор намегирад, ки воқеан арзиш надоранд. Шоир шахсияти афсонапардози худро бар шахсияти муҳимвонамудшавандаи бемуҳтаво муқобил мегузорад ва ишора ба он мекунад, ки аз рисолат ва заҳмати шоирии худ чизе аз ҷомеа намехоҳад, ба ҷуз озодӣ ва таманнои эҷод, ки ба ӯ илҳом мешавад, то онҳоро озодона ба қалам орад ва андешаи суду зиёне накунад.

Манзур аз шахсияти афсонапардози шоир шеър аст, шеъре, ки ба ҷуз шеър будан ба ҷаҳони суду зиён назаре надорад. Аммо ин ҳаргиз ба чунин маъно нест, ки шеър аз манзуре, матлабе, ғояе орӣ бошад, на, балки ба он маъност, ки ҳар қадар манзуру матлаб ва ғояи он муҳимтару иҷтимоитар бошад, ба ҳамон дараҷа аз назари бадеияту шеърият баландтар аст.

Фарзона дар шеърҳои ба мавзӯи шеър бахшидааш тақозо дорад, ки шеърҳояш тамоми эҳсосот ва идроки мураккаб ва гуногунҷиҳати ӯро аз ҷаҳон ва воқеияти замонаш бо камоли пуррагӣ ифода карда, манзури иҷтимоию сиёсии ӯро низ фаро гирад. Бинобар ин, ҳарчанд Фарзона дар шеърҳояш худро ба афсонапардозу шеърҳояшро ба афсона нисбат медиҳад, аммо як лаҳза ҳам аз рисолати иҷтимоии шеъру шоирии худ ғофил нест. Ин нуктаро дар бисёр шеърҳои ӯ, аз ҷумла, дар «Шитоб кун» («Ба ин фасона хешро фирефтам»)[83], «Духтари тирамоҳ» («Афсонаҳои духтараки тирамоҳ шав»)[84], «Вораста» («Шояд, ки ман бимонаму шому фасонаҳо»)[85], «Афсонаи нигоҳ» («Рафтиву фасонаам бишуд оғоз»)[86] «Зеботар зи васл» («Ҳастии печида дар афсонаам»)[87], «Сапедаҳо, сапедаҳо, сапедаҳои нилфом» («Ки ҳолиё фасонаам давом мекунад, давом»)[88], «Умеди абас» («Ва ту ӯро бурдӣ / бар шаҳри пурфасона, ки номаш Шеър аст»)[89], «Тарона хостӣ аз ман, тарона охир шуд» («Ҳамаш гузашт, азизам, фасона охир шуд»)[90] мебинем, ки дар баробари далели дилбастаи олами руъёву хаёл будан ва онро ба ҷаҳони воқеии

[83].Ҳамон ҷо, с. 12

[84].Ҳамон ҷо, с. 20

[85].Ҳамон ҷо, с. 236

[86].Ҳамон ҷо, с. 238

[87].Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён, ҷ. 2, с. 214

[88].Ҳамон ҷо, с. 245

[89].Ҳамон ҷо, с. 386

[90].Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён, ҷ. 3, с. 339

суду зиён тарҷеҳ додан санади ба иҷтимои замон дахл кардани ӯст. Аз ин ҷост, ки шахсияти афсонапардози шоир бо авоми «бадтаркиб» дар тазоду мухолифат аст ва шоир худро бовар мекунонад, ки барои рафтан бо ин роҳи интихобкардааш тавоноии зарурӣ дорад. Ба ин маъно дар шеъри «Талош» мегӯяд:

*На, ман на он касам, ки зи бими азобҳо,*
*Аз ибтидои роҳи ҳақе бозпас равад.*
*Аз сояаш ҳаросаду худ сояе шавад,*
*Аз ҳукми худ барояду бо амри кас равад*[91].

Ҳамин тариқ, шахси шоир дар бисёр шеъриҳои Фарзона бо иҷтимои замон, ки хусусияти носавобкорӣ дорад, изҳори бегонагию зиддият мекунад. Ин бегонагию зиддият бо тарзу тариқи гуногун – гоҳе бо нармию афсӯс ва гоҳи дигар қотеъонаву айбдоркунанда ба забон оварда мешавад. Аммо дар ҳама ҳолат он хитобиву номаҳсус набуда, дар он ҷузъиёти замону макон, ки шеърро мушаххас менамояд ва отифае, ки хусусияти инсонзудоии иҷтимои замонро рад мекунад, мақоми таъйинкунанда дорад.

Ҳоло барои исботи ин қазия шеъри «Дар мадҳи худ»-ро, ки дар маҷмӯаи «Ояти ишқ» (с. 1994) омадааст, муфассалтар аз назар мегузаронем, ки ба ин васила ҳам махсусияти ин навъи шеър дар эҷодияти Фарзона ва ҳам фарқияти он аз ашъори шуарои дигар муайян хоҳад шуд. Ин шеър аз ангезаи андешаҳои отифӣ оғоз гашта, таассуроти шахси шоирро дар як давраи муайяни зиндагии маънавии ӯ тарҳрезӣ мекунад.

*Шабе, ки зулмати мағшуш тарҳи ваҳм кашад,*
*Аз ин сарои мағалхез рахт хоҳам баст.*
*Дигар касе ба мисоли ман*
*Ба шабнаме, ки шаберо даруни бистари гул*
*Ба субҳ бурдаву мешармад аз нигоҳи шафақ*
*Ду-се каломи тасаллои дил намегӯяд*[92].

Шаби зулмати мағшуш, сарои мағалхез, шабнаму бистари гул, субҳу нигоҳи шафақ ва монанди ин суратҳои ин шеър ба як макону замони муайян тааллуқ надоранд, зеро на аз як мавзеу замони дақиқ, балки аз андешаҳои отифии шоир бармеоянд. Ҳамаи ин суратҳо метавонанд дар воқеият вуҷуд дошта бошанд ва вуҷуд ҳам доранд, аммо дар ин ҷо таъмим ёфта, барои ибрози андеша ва шуури таъмимшудаи иҷтимоии шоир ба кор рафтаанд. Азбаски онҳо саропо бо отифати шоирона фаро гирифта шудаанд, тару тоза ва таъсиргузор ба қалбу равон мебошанд. Ибрози андеша дар ашъори ғиноӣ бештар ба ҳамин шакл сурат мегирад.

Андешаи шоир дар ин шеър гирди масъалаи шоир ва ҷомеае, ки бо шахси эҷодкор муносибати ҳамҷӯру ҳамнаво надорад, мечархад, ки он, мешавад гуфт, яке аз масъалаҳои ҷовидони адабиёт аст. Вале маҳз дар ҳамин гуна мавзӯъҳо махсусияти андеша ва тозагии сабки ин ё он шоир аён мегардад. Дар ин маврид ҳам ҳамин тавр аст. Ва фазилати махсуси андешаи Фарзона дар он аст, ки он муҷаррад набуда, бо отифат фаро гирифта шуда, ба замми ин ҳамеша олами шайъиро бо худ дорад.

---

91 .Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён, ч. 1, с. 211

92.Ҳамон ҷо, с. 260

Отифат ва ҳузури унсурҳои олами шайъӣ – тимсолҳо дар мисоли боло низ баралло намоён аст. Отифат ба андешаи шоир гармӣ медиҳад, унсурҳои олами шайъӣ андешаро тасаввуршаванда ва маҳсусу пурбор менамоянд. Дар банди иқтибосшуда унсури олами шайъӣ – шабнам мавҷуд аст, ки намоди покизагӣ ва кӯтаҳии зиндагӣ буда, замонҳои дуру дарозе ба такрор дар ашъори шуаро истифода шудааст. Аммо нигоҳи пуротифа ва тозаи Фарзона, ки рӯҳияи меҳрубононаи занона дорад, ба ин намоди қолабӣ тобиши наве дода, онро бо самимияти амиқе фаро мегирад ва барои шаберо дар бистари гул ба сар бурда, субҳ аз нигоҳи шафақ шармиданаш ҳарфи тасалло мегӯяд, ки дар баробари гӯшзади нозуки покии он боз чӣ қадар зарифу ҳалимона мебошад. Дар ин маврид қайд кардан зарур аст, ки агар дар бораи сифати занонаи шеъри шоири зан ва дар айни ҳол Фарзона сухан ба миён оварда шавад, он маҳз ана ҳамин рӯҳияи занона ва меҳрубонона бояд бошад, ки шеъри шоири занро аз шеъри шоири мард мутамоиз менамояд.

Дар банди дуюми шеър ҳам суратҳои тапидани дили хуршед, намози ғарибонаи насим, охирин гули бедор дар таҳи санг барои дар намоҳои гуногун нишон додани ҳамон ғояи бегонагии шоир бо муҳити иҷтимоӣ, ки ӯро фаро гирифтааст, истифода шуда, онро бо табу тоби бештаре тасвир намудааст. Бегонагии шоир бо муҳити иҷтимоист, вале ӯ бо унсурҳои олами табиӣ, ки зикрашон рафт, пайванди қавӣ дошта, онҳоро ба манфиатҷӯии рӯзмарраи даргузар, ки аз зиддиятҳои иҷтимоӣ бармеоянд, муқобил мегузорад. Ин маъно дар банди севуми шеър боз ҳам аён ва тунду тезтар баён карда мешавад:

*Гаҳи манаҳ задани воизони маҷлисбоз*
*Касе бирешими андешаро шабиҳи ман*
*Ба ёди сабзҷавоне намекунад пайванд.*
*Касе намедиҳад ово, ки «Эй фурӯназарон,*
*Шумо тапед дар он қолабе, ки мехоҳед,*
*Валек рӯҳи ман одат намекунад дар банд».*[93]

Номақбулии баъзе ҷиҳатҳои муҳите, ки шоирро фаро гирифтааст, бо ёд овардани яке аз зуҳуроти он – манаҳ задани воизони маҷлисбоз хеле моҳирона таъкид карда мешавад, ки оҳанги танз ҳам дорад. Иборaи манаҳ задан аз таъбирҳоест, ки моли сабки танз мебошад ва хеле ба ҷо кор рафта, тамасхури шоирро аз худфирефтагони ин гуна амалҳои беманфиати каммаъно нозукона гӯшзад менамояд. Дар ин ҷо бояд гуфт, ки худи ин мавзӯи маҷлисбозӣ дар садаи бист дар ашъори бисёр шоирон мавриди накӯҳиш қарор гирифтааст, ки сaромади он дар аввалҳои сада шеъри «Маҷлисбозон» - и В. Маяковский[94] мебошад, ки оҳанги сахти танқидӣ ва ҳаҷвию хитобӣ дорад. Дар шеъри тоҷикии ин давра ҳам аз он қабил шеърҳо ҳастанд, ки бо сабку лаҳнҳои гуногун гуфта шудаанд, аз ҷумла, метавон шеъри А. Шукӯҳиро бо номи «Маҷлис ва навдаи ток»[95] зикр кард. Аммо дар шеъри Фарзона маҷлисбозӣ танҳо як тарҳ, ҷузъи кӯчакест, ки аз чигунагии ҳаёти иҷтимоӣ дарак дода, ба ҷаҳони маънавӣ ва ошиқонаву рӯҳан озодонаи ӯ мухолифат мекунад.

---

[93].Ҳамон ҷо, с. 260

[94]Ниг.: В. В. Маяковский. Стихотворения. Классики и современники. М., Изд-во « Художественная литература», .с. 88-90 ,1980

[95].Ниг.: А.Шукӯҳӣ . Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 1, с. 45

Бояд қайд кард, ки маҷлисбозию маърӯзанависӣ дар баъзе шеърҳои дигари Фарзона, аз ҷумла, дар «Афсонаофарин», «Инчунин мебигзарад» низ ҳамчун як амали вонамудкунандаи муҳимии бардурӯғ накӯҳиш карда мешавад. Масалан, тимсоли шоири ӯ дар шеъри «Инчунин мебигзарад», ки аз андешаҳои худтаҳлилии отифии дарунгаро ба ҳам омадааст, дар бораи дар болои коғазҳои ночиз нури чашм сарф кардан ва дар паи корҳои якмароми бешавқу шӯр қурбон намудани орзуҳои хеш сухан гуфта, боз аз ҳамон маҷлису маҷлиснишинон бо таассуфу тамасхур ёд меорад, ки худ ночор дар радифи онҳо қарор гирифтааст:

*Бар ману бар ҷумлаи маҷлиснишинон*
*Хандад аз он сӯи шиша рӯзи равшан*[96].

Аз истифодаи мукаррари маҷлисбозӣ ва мазаммати он дар шеъри шоир бармеояд, ки ӯ онро аз маънои луғавияш фаротар бурда, аз он аз ҳамчун намоде суд меҷӯяд, ки мафҳуми худфирефтагии бемаъноро ифода менамояд. Зеро маҷлисбозӣ дар рӯбарӯи амал ва фаъолиятҳое, ки арзишмандие барои дигарон доранд, монанди як машғулияти беманфиате ба назар мерасад, ки ҳаргиз намешавад қабулаш кард. Пас маҷлисбозӣ ба ин маъно ба намоди беҳудагию барҳадарӣ табдил мегардад.

Дар шеъри «Дар мадҳи худ» маҷлисбозӣ намоди ҷузъист, аммо шаб намоди куллиест, ки авзои иҷтимоиро дар худ таҷассум намудааст ва тарҳҳои дигар барои гуногунҷиҳат ва барҷастатар нишон додани он хидмат мекунанд. Бинобар ин шеър бо ҳамин калимаи шаб, ки намод (рамз, самбул) аст, оғоз шуда, банди охири он низ бо ҳамин вожа ибтидо гирифта, шеърро як навъ ҳалқабандӣ менамояд ва дар хонанда ҳамин гуна ҳиссиётеро ба вуҷуд меорад, ки шоир ва ҳамаи воқеот дар доираи ҳамин шаби носозгор маҳсур ҳастанд. Дар ин ҷо ҳам, ҳамчунонки дар бандҳои боло зикршуда буд, ба ин шаби зулмати мағшуш, ки намоди авзои иҷтимоии замон аст, унсурҳои олами моддиву маънавӣ, ки намоди равшаноиву ҳиссиётмандӣ мебошанд, ҳамчун бӯи сапеда, таронаҳои ҳаёт, ситораҳои нигоҳ муқобил гузошта мешаванд.

*Шабе, ки бӯи сапеда наояд аз нафасаш,*
*Таронаҳои ҳаётам ба гӯш мемиранд.*
*Ситораҳои нигоҳам хамӯш мемиранд.*
*Ва дар ҷаҳон баъдан*
*Наояду наравад ҳеҷ кас мисоли ман*[97].

Шахсияти ғиноии Фарзона дар ашъори андешаҳои худтаҳлилии отифиаш ҳамеша бо мардуме, ки ба монанди ин маҷлисбозон овораи манфиатҳои фиребандаи даргузар буда, арзишҳои асили башариро намешиносанд ва ё барои густариши онҳо мамониат мекунанд, мухолифат дорад ва онҳоро ҳаргиз пазируфтанӣ нест.

Дар ин ҳолат эҷодкор хоҳ тамоюл ба сабки воқеъгароёна ва хоҳ ба хаёлпардозона дошта бошад, муҳим он аст, ки ба шахси худ ҳамчун шоир ва оламе, ки бо он бархӯрд дорад, бо нигоҳи диалектик нигарад, ки Фарзона ҳам ҳамин корро мекунад. Ин заминаи муҳимест, ки бе он ҳеҷ як эҷодкор наметавонад, новобаста аз он ки ба кадом навъи ҷаҳонбинӣ майл дорад, асари қобили таваҷҷуҳе ба вуҷуд оварад, махсусан, дар замони шикасти як сохти иҷтимоӣ ва ба

[96].Фарзона. Ҳамон ҷо, с. 292

[97]Фарзона. Ҳамон чо , .с. 260

вуҷуд омадани сохти иҷтимоии дигар, ки ба Фарзона дар ҳамин гуна марҳалаи таърихӣ зистану эҷод кардан рост омад. Зеро дар ин гуна марҳала дар идрок ва ҷаҳоншинохтии афроди замон мухолифати воқеияту хаёлпардозӣ, шахсияту ҷомеа ба таври ногузир ба вуҷуд меояд ва ҳар эҷодкори асил онро амиқан дарк карда, ҳарчанд медонад, ки ин мухолифатро аз байн бурдан сахт номумкин аст, аммо барои расидан ба муносибати мутаносиби онон мекӯшад. Сурати бадеии тасвири чунин ҳолат, ки шахси шоир дар эҷодиёти Фарзона бо он дучор меояд, дар бисёр шеърҳо, аз ҷумла, дар шеъри «Аз шикаст то нусрат» возеҳ ба мушоҳида мерасад:

*Бори дигар шикаст ёфтаам дар бархӯрд*
*бо иҷтимоии фосид.*
*Хориҷ аз ҷомеаи бадтаркиб…*[98]

Ҳамин тариқа, ин ҷомеаи бадтаркиб, ки аз ҷузъиёте ҳамчун «ҳалқаи рӯини риё»-ву «ишқҳои бо хиёнат олуда» ва «меҳрубонии бо тамаъ восил»-у «растухези ҷисмҳои бедил» ба ҳам омадааст, шахси шоирро шикаст медиҳанд, ки воқеан ҳолати буҳронист ва гӯё роҳи буруномад надорад, ки ӯ мегӯяд:

*Берун аз тӯдаи бемӯҳтавои овора,*
*Берун аз сайёра*
*Куҷо гурезам*[99].

Аммо шоир гунoҳро танҳо мансуби шароити мавҷуда намедонад, ки шоирро шикаст додаанд ва даст аз ҷустуҷӯи роҳи наҷот наканда, дар печу хами ҷаҳони маънавии худ ба роҳ меафтад. Ӯ дар ин роҳ ба дарки воқеияти ҳастӣ мерасад ва ҷараёни ин дарк дар ӯ қудрати тозаеро падид меорад, ки дар ниҳоди ӯ нуҳуфтааст:

*Медонам. Як раҳ ҳаст. Раҳи мунаввари наҷот.*
*Ба худ сафар кардан,*
*ба умқи хеш расидан,*
*ё ки аз хештан баланд шудан.*
*Қасри танҳоии худро бо ҳазорон қандил*
*рӯшанӣ бахшидан.*
*Офтобона дар баландии худ рахшидан.*
*Рӯҳи Ҳурмуздро ба ҷисми худ панаҳ додан,*
*Таъсири Аҳриман напазируфтан.*
*Бале, як раҳ ҳаст – Шеър гуфтан,*
*шеър гуфтан,*
*шеър гуфтан!*[100]

Шоир барои бартараф кардани ин тазод, ки дар байни ӯ ва иҷтимоъ иттифоқ афтодааст, тариқи ҳалли башардӯстона (ҳуманистӣ)-ро мепазирад, ки он шеър гуфтан, яъне аз сидқ ва самимона амал кардан аст. Ин тарзи муносибат ба мухолифату мушкилот дар шуури хонанда

---

98.Фарзона. Мӯҳри гули мино. Хуҷанд, «Ношир», 2006, с. 85

99 .Ҳамон ҷо

100.Ҳамон ҷо

ғояеро ҷой медиҳаду ташвиқ мекунад, ки агар барои шоир дар чунин ҳолатҳо амали пазируфтанӣ танҳо содиқонаву самимона шеър гуфтан бошад, яъне иҷрои коре бошад, ки сарнавишташ таъйин кардааст, пас барои ҳар инсони дигар ҳам танҳо фаъолияте зарур мебошад, ки ӯро барои он офаридаанд. Аммо, ба андешаи мо, ин мақсади ниҳоӣ нест, ки дар ин шеър тимсоли шахси шоир баён мекунад, балки манзур он аст, матраҳ намояд, ҳар инсоне, ки ба нофаҳмӣ ва ё беадолатии иҷтимоъ дучор мешавад, бояд дар худ тавоноиву мардонагии рафъи онро пайдо кунад.

Ҳамин тариқ, танҳо ба василаи мардумпарварона кардани муносибати байни фарду ҷомеа ва шароити зисти инсон аз бӯҳрони маънавие, ки фард бо он гирифтор шудааст, метавон наҷот ёфт. Ин гуна муносибати зимнии фаъолона ба оламу одам шахси шоирро водор ба он менамояд, ки дар мақтаи шеър оҳанги суханро дигар карда, аз воситаҳои тозаи ифода мадад ҷӯяд ва манзури худро шоирона бо умед пайванд кунад:

*Эй дили мағлуб!*
*Биё шикасти кунуниро*
*номи нусрат монем.*
*Биё, дар ҳошияи обонмоҳ*
*Гули Наврӯз нишонем*[101].

Муҳтавои шеъри «Аз шикаст то нусрат» бо ҳамаи унсурҳои тасвир ва ифодаи мазмун бо ҷаҳони ҳастӣ ва иҷтимоъ пайваста буда, бе он тасаввур карда ҳам намешавад, аммо он, ба ҳар ҳол, ба ин ҷаҳон аносири рамзии аз ҷиҳати рӯҳу равонӣ дурустро ворид намуда, шахси шоирро чунон нишон медиҳад, ки ӯ дар ҳудуди он намегунҷад ва ба олами рамзу хаёл рӯй меорад. Бинобар он қариб ҳамеша муҳтавои дақиқи ашъори Фарзона, ҳамаи ҷиҳати айнӣ ва зеҳнии он аз ҳудуди мантиқии худ фаротар рафта, мазмунҳои рамзиеро касб менамояд, ки ба хусусияти умумии ҷаҳоншинохтии ӯ вобаста мебошад. Ҷаҳоншинохтии шоир дар ашъори ба шеъру шоир бахшидаи Фарзона чун дар тамоми эҷодиёташ воқеъгароёна буда, вале омезиш бо хусусиятҳои хаёлпардозона дорад.

Тимсоли муаллиф дар ашъори ин давраи Фарзона дар аксари ҳолат бо тимсоли шоир ба ҳам меомезад, яъне шоир дар ашъоре ҳам, ки дар мавзӯи шеъру шоир нестанд, ҳамчунон сухан меронад, ки дар зимни гуфтор шоир буданаш эҳсос мешавад, зеро суханаш шоирона, хаёлпардозонаву зебо буда, фикраташ барои дарёфти розҳои ниҳоне қодир мебошад, ки ба чашми дигарон пӯшида аст. Аммо бо вуҷуди ин фазилати нодираш тимсоли шоир хусусияти фароинсонӣ касб накарда, барои худ арзиши беқиёси болотар аз дигарон қоил намешавад, баръакс ӯ худро гоҳо барои соҳиби чунин истеъдод буданаш бо камоли фурӯтанию шикастанафсӣ ноҳинҷор эҳсос менамояд. Бад-ин тартиб шахсияти шоирии Фарзона дар уфуқҳои фарохе офарида мешавад, ки аз инсони дорои фазилатҳои камназир то одами одиеро дар бар мегирад, ки аз обу гил сохта шуда, аз дигарон фарқе надорад. Масалан, ӯ мегӯяд:

*Ҳар қадр ҳам фарзонаам, ман беш аз он девонаам,*
*Бо шабнаме дар барги гул ҳамхонаам, ҳамхонаам.*[102]

---

[101].Ҳамон ҷо, с. 86

[102] Ҳамон ҷо, с. 290.

Дар ин ҷо дар баробари фарзонагӣ таъкиди девонагии худ, бешубҳа, на фақат таъкиди ворастагии худ аз қайду бандҳое, ки миёни ҷомеа маъмуланд, балки таъкиди як инсони одӣ будан ҳам ҳаст. Як инсони одӣ, вале бо олами рангину хаёломез ва диле нозуку пур аз муҳаббату отифа мебошад, ки агар ҳамхона мешавад, танҳо дар барги гул бо шабнам ҳамхона шуданаш мумкин аст. Вале ҳар дуи ин тимсол ҳам – ҳам одӣ ҳам камназир – гоҳ воқеъгароёна, вале бештар бо диду баёни хаёлпардозона ба тасвир меоянд.

Яке аз махсусиятҳои асосии ҷаҳоншинохтии Фарзона дар он аст, ки ӯ бо вуҷуди ба олами ҳодис нигоҳи воқеъгароёна доштанаш ҳамеша ҷаҳони хаёлпардозонаи ботинияшро бо худ ҳамроҳ дорад ва ҳамин ки олами ҳодисро бо ормону ниятҳои худ ноҷӯр мебинад, ба олами хаёлпардозонаи худ паноҳ мебарад ва ё аз он барои мусовӣ кардани он воқеият бо ормонҳои худ мадад меҷӯяд. Дар натиҷа дар миёни ин ду тарзи ҷаҳоншинохтӣ – воқеъгароёнаву хаёлпардозона – муносибати таъсиргузории мутақобила пайдо шуда, барои ифодаи ҷаҳони мураккаби тимсоли шоир имкони фарохе муҳайё менамояд.

Шахсияти ғиноии Фарзона ба эътибори нафосати занона ва дили бисёр ҳассосу нозукаш аз шахсияти ғиноии шоирони дигари ҳамзамонаш тафовут дорад. Ӯ бисёр вақт бар ҷаҳони воқеӣ ва ҳатто камбуду нуқсҳои он ҳам бо нигоҳи шафқату хаёлпардозона менигарад. Тимсоли шоир, ки аз шеърҳои «Суруди навқалам», «Ҳасрати Шаҳрзод», «Талош», «Вораста», «Дар мадҳи худ» ба назар мерасад, ҳамин гуна инсонест, ки дар як вақт гӯё дар ду ҷаҳон – ормонӣ ва воқеӣ – талошу зиндагӣ дорад. Масалан, дар шеъри «Ҳасрати Шаҳрзод» Шаҳрзод, ки тимсоле аз худи шоир мебошад, дар байни ду олам – воқеии заминӣ ва хаёлии осмонӣ – арзи ҳастӣ менамояд ва бо дарду тапиши рӯҳонӣ сухан мегӯяд. Дар ин ҷо «ҳаёҳузор»-у «куҳанбозор» киноя аз воқеияти заминӣ мебошад, ки бар савти арш муқобил меистад.

*Маро кӣ мешунавад?*
*Маро кӣ мешунавад дар ин ҳаёҳузор.*
*Наям зи ҳарзафурӯшони ин куҳанбозор.*
*Садоям ором аст.*
*Чу савти чак-чаки шабнам ба коми ташнаи гул*
*Зи арш пайғом аст.*[103]

Муқобилат ва мухолифате, ки Фарзона ҳама ҷо, дар зиндагии воқеӣ ва рӯҳонии хаёлпардозонаи худ ва ҳамчунин дар олами ҳунар – олами шеъру шоир дарк мекунад, заминаи эҷодиёти ӯро фароҳам оварда, аломати муҳимтарини ҷаҳоншинохтиву зебошинохтии ӯ шудаанд. Маълум аст, ҳар ҷо, ки тазоду муқобилат ҳаст, тозагӣ вуҷуд дорад ва аз ин рӯ, метавон гуфт, ки яке аз сарчашмаҳои тозагии ашъори Фарзона дар ҳамин диди дубуъдии ӯ аз ҳодисоту воқеоти олам, аз ҷумла, ҷаҳони шеъру шоирии худ ҳам мебошад. Ашъори андешаву таассуроти отифие, ки ӯ бахшида ба мавзӯи шеъру шоир навиштааст, паҳлуҳои гуногуни онро фаро гирифтаанд: дар он ҳам ҳамнавоии шоир – фарди бедортарин ва ҳассостарини бо авзои замон ва ҳам мухолифати ногузири инсони бедору ҳушёр бо он ба чашм мерасад.

Ашъори ғиноии отифӣ, ки андеша, таассурот, ангезаҳои ҳиссиро дар бар гирифта, ба мавзӯъҳои шеъру шоир дахл мекунанд, на танҳо барои муаяйн намудани назари шоир ба ин масъалаи ҷовидони адабиёт, балки барои нишон додани мавқеи иҷтимоии ӯ низ муҳим мебошанд.

---

103.Ҳамон ҷо, с. 128

Руҷӯи шоирон ба ин мавзӯъ сабабҳои гуногун доштанаш мумкин аст, аммо мунтаҳои он назари тоза андохтан ба сиришти шоир ва замон мебошад, ки яке узве аз башарияти соҳибидроку ҳассос ва дигаре порае аз таърихи ҳастӣ ба шумор меравад.

**Соли 2014**

## ВОЖА ВА ТАСВИР

Ворисияти анъанаҳои адабиёти классикӣ пеш аз ҳама дар шакли бадеии назми муосир мушоҳида мешавад. Ҷустуҷӯ ва бозёфтҳои шоирони муосир дар шакли бадеӣ, ки маҳсули таҳаввули адабии пас аз инқилоб ва панҷсолаҳои авваланд, аз як ҷиҳат, роҳҳои ояндаи инкишофи назми муосирро муайян карда, аз ҷиҳати дигар, сарчашмаи навовариҳои имрӯзаанд. Барои аниқу дақиқ муайян кардани ин ҷустуҷӯ ва бозёфтҳо таҳлили низоми тасвиру забон, услубу банду басти осори манзум зарур аст. Дар офаридани тимсолҳои тоза, воситаҳои тасвир, тарзи ифода ҷунбише ба амал омад, ки он, бешубҳа, ба таркиби забон, услубу шакли бадеӣ бетаъсир намонд ва барои тароватӣ забон, тозагии услуб, мӯъҷазии шакл кӯмак расонд.

Синтези услубҳои забонӣ, ки забони адабии тоҷик дар асоси онҳо тартиб ёфтааст, ба вуҷуд омад. Яъне дар забони назм услубҳои нақлию афсонавӣ, назми китобатӣ ва халқию гуфтугӯӣ ба ҳам омезиш ёфт. Таъсири забони зиндаи халқ, ки пас аз инқилоб ба забони адабӣ ва аз он ҷумла ба забони назм бештар шуд, дар ин давра, махсусан, пурзӯр гардид. Акнун унсурҳои забони зиндаи халқ паи мақсадҳои дигаре истифода шуда, хусусиятҳои тоза пайдо мекунанд; калимаю ибораҳои халқӣ на фақат барои типӣ кунонидани образҳо, шароит ва маҳалли тасвир истифода мешаванд, онҳо акнун бештар барои инъикоси таассурот ва тасаввурот аз дунёи хориҷ ва ботин, таровишҳои қалбӣ, характер ва идроки қаҳрамони лирикӣ ва ё шоир ба кор рафта, барои ифодаи фазилатҳои фардии шахсият хизмат мекунанд.

Ин аносир дар ифодаи таассуроти фардӣ аз муҳити худ берун рафта, ба талаботи забони адабӣ мувофиқ мешаванд. Забони назм ба воситаи ба он дохил шудани ин гуна калимоту таъбирот тозагӣ ва тароватеро, ки забони зиндаи халқ дорад, доро мегардад.

Дар вақти таҳлил ду хусусияти ин омезишро бояд дар назар дошт:

а) ба забони назм ворид шудани калимоте, ки дар забони зиндаи халқ серистифода, вале дар назм чандон маъмул набуданд.

б) ба забони назм таъсири синтаксиси назми халқ меафзояд, яъне дар ин ҳолат ҳарчанд калимоти соф халқӣ истифода нашуда бошанд ҳам, демократӣ шудани забони назм дар услуб, рӯҳ ва тарзи ифода аён мешавад.

Тоза шудани забони назм дар эҷодиёти шоирони чи ҷавон ва чи номии тоҷик асосан бо ҳамин ду роҳ давом мекунад. Албатта, худи истифодаи калимаҳои халқии гуфтугӯӣ аллакай то андозае ба услуби шоир таъсир мекунад, вале на ҳамеша мавқеи муҳим дорад. Аз ҳамин сабаб истифодаи ин калимот ба услуби баъзеи шоирони муосири тоҷик бисёртар таъсир карда, ба услуби қисми дигар таъсири казоӣ накардааст. Аз ин ҷиҳат омӯзиши услуби шоирони номии тоҷик М. Турсунзода, М. Миршакар, М. Раҳимӣ ва шоирони нисбатан ҷавон А.Шукӯҳӣ, М. Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ барои тадқиқи ин масъала маводи фаровон медиҳад.

Таъсири забони зиндаи халқ ва адабиёти он ба услуб ва равияи эҷодии ин шоирон ба тарзи хос аст, вале агар онро то андозае умумият диҳем, се хусусиятро номбар кардан мумкин аст.

а) Истифодаи фаровони ин унсурҳо ба услуб ва равияи эҷодии шоир таъсир гузоштаанд (М. Миршакар, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром).

б) истифодаи таъбироти забони зиндаи халқ ва адабиёти он фаровон набошад ҳам, услуби назми халқ ба эҷодиёти шоир таъсири қавӣ дорад (М. Турсунзода, А.Шукӯҳӣ).

в) истифодаи ин гуна таъбирот ба услуби шоир таъсири казоӣ накардаанд (М. Қаноат, Лоиқ).

Сабкҳои забонӣ ва бадеие, ки дар таърихи адабиёти классикӣ роиҷ буданд, аз ҷумла, сабкҳои хуросонӣ, ироқӣ, ҳиндӣ ва аз охирҳои асри XVIII боз тамоюл ба соданависӣ, ки онро шартан бозгашт ба сабки хуросонӣ меноманд, дар назми муосири тоҷик ба ҳам омезиш меёбанд, саҳеҳтараш унсур ва хусусиятҳои ҳамин сабкҳоро дар эҷодиёти шоирони муосир пайдо кардан мумкин аст. Ин дар осори А. Лоҳутӣ, Пайрав, Ҳабиб Юсуфӣ, М. Турсунзода, М. Қаноат ва дигарон ба назар мерасад.

Истифодаи сабки адабиёти шифоҳӣ ва омезиш додани сабкҳои адабиёти китобатӣ барои тоза сохтани сабки адабиёти муосир таҷрибаи муайяни эҷодиро талаб дошт. Пас аз он ки таҷриаи зарурӣ фароҳам омад, синтези ин сабкҳо сурат гирифта, барои ба вуҷуд омадани услуби доманадоре, ки методи реалистии тасвирро ба асос гирифтааст, замина гузошт. Акнун барои ифодаи ҳар маънии тоза шакли хоси ифодаи он пайдо карда мешавад. Шоир барои ифодаи маъно калима ва ё таъбиротеро, ки моли як равияи услубӣ нестанд, озодона истифода карда, онҳоро ба ҳам ошноӣ медиҳад. Инкишофи маъно ва мафоҳими шеър шаклҳо ва услубҳои шартиро дарҳам мешиканад ва забону услуб акнун ҳамаҷониба барои ифодаи мафоҳими шеър тобеъ мешавад. Азбаски забону услуби асари бадеӣ дар натиҷаи чигунагии истифодаи калимот сурат мегирад ва зиёда аз ин дар осори бадеӣ бори ифодаи маонию мафоҳим бар дӯши калима аст, дарҳам шикастани қолабҳои шартӣ ва ба ҳам бархӯрдани услубҳо ба забон бетаъсир намемонад. Вале бо ин нақши калима дар ифодаи маънӣ ва мафоҳим ночиз нагашта, меафзояд. Ба калимае, ки дар натиҷаи танҳо дар баъзе услубҳои алоҳида истифода шуданаш, моли он услуб шуда, танҳо як тобиши маъноии худро ривоҷ дода, тобишҳои дигарашро ночиз карда буд, тобишҳои гуногуни он баргардонида мешавад. Калима аз ҷиҳати маъно бой мегардад. Барои кушодани паҳлуҳои гуногуни маънои калима пеш аз ҳама аз услуби тавсифӣ даст кашида, бевосита ба тасвири воқеият, олами ашё, рӯй овардани назм имкон дод. Пайванди назм бо ҳаёт, бо воқеият мустаҳкамтар шуд. Бор, мавқеъ ва аҳамияти калима дар шеър афзуд. Афзоиши бори маънии калима дар асарҳои шоирони тоҷик, ки эҷодиёти худро аз солҳои бистум-сиюм асри XX сар кардаанд, аз ҷумлаи П. Сулаймонӣ, Ҳ. Юсуфӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар Б. Раҳимзода мушоҳида мешавад.

Дар шеърҳои солҳои аввали онҳо, ҳарчанд воқеияти тасвиршаванда дигар аст, вале дар ифодаи он калима ва ибораҳое, ки асрҳо боз такрор шуда, ба қолаб даромадаанд ва мафҳуми шайъии худро қариб тамоман гум кардаанд, бисёр истифода мешуданд. Ин, бешубҳа, далели афзоиши бори маъноии калима набуда, гувоҳи сабуку ночиз гаштани он аст.

Ночизии мавқеъ ва бори калимаро дар шеър, махсусан, дар истифодаи калима ва иборaҳои маҷозӣ, рамзҳо, ташбеҳу истиораҳо, ки лаъли лаб, гули рӯ, оташи дил, риштаи ҷон, нахли умр, мурғи бахт, боғи мурод, боли ҳумо, ки аз ҷумлаи онҳоянд, ба хубӣ ҳис кардан мумкин аст.

Ин ҳолат бештар дар истифодаи калима ва иборaҳои маҷозӣ ба чашм мехӯрад. Мафҳуми шайъии онҳо ночиз шуда, онҳо дар пайвастагӣ бо дигар воҳидҳои забонӣ ифодакунандаи мафҳумҳои тоза, ғоя ва таассуроти нав, хуллас, ба рамзҳо (символҳо) табдил гаштаанд. Таркиби ин рамзу маҷозҳо гуногунанд. Рамзу маҷозҳое, ки ҳар ду ҷузъи онҳоро калимаҳои мафҳуми шайъӣ дошта ташкил додаанд, ба мисли «оташи дил», «нахли қомат», «мурғи чаман», «байрақи

заррин» ва монанди инҳо аз ҷиҳати ифодаи маънӣ як хел набошанд ҳам, то андозае мафҳуми шайъии худро нигоҳ доштаанд. Вале гурӯҳи дигари ин гуна таркибҳо, ки як қисмашон аз калимаҳои мафҳуми шайъӣ дошта иборат буда, қисми дигарашон аз калимаҳои ифодагари мафҳумҳои ақлию тасаввурӣ ташкил ёфтаанд, аз қабили, «ҷоми мурод», «риштаи ҷон», «мурғи бахт», «шароби васл», «чашми хирад», «баҳори орзу», «оби ҳаёт», «боғи мурод» на фақат мафҳуми шайъии худро гум кардаанд, балки ҳамчун рамз ҳам он ғоя ва таассуроту тасаввуротеро, ки як замонҳо ифода мекарданд, дигар дар худ надоранд.

Дар шеъри «Ганҷинаи сурудҳо»-и М. Турсунзода ба зиндагии хушбахтона расидани халқи тоҷик, ба мисли ба даст овардани оби ҳаёт ва ё оби зиндагонӣ, оби хизри афсонавӣ номида мешавад.

*Ба ӯ Маскав зи рӯи меҳрубонӣ*
*Равон бинмуд оби зиндагонӣ.*

Рамзи «оби зиндагонӣ» - обе аз чашмаи афсонавист, ки он гӯё дар мамлакати зулмот воқеъ буда, нӯшидани он умри ҷовид мебахшидааст, дар назми ҳазорсолаи тоҷик ҳазорҳо бор истифода шудааст. Вале моҳияти масъала дар чӣ миқдор истифода шудан он нест. Ин рамзро ба маънои бахшандаи ҳаёти ҷовидон истифода кардан дигар тозагӣ надорад. Ин маънои он кайҳо коста, ба қолаб даромада, таъсири завқии худро гум кардааст.

Шоирони классик баъзан ин рамзро бо тобишҳои тозаи маъноӣ истифода кардаанд, ки дар рубоии Саъдӣ мехонем.

*Гар санг ҳама лаъли Бадахшон будӣ,*
*Пас қимати сангу лаъл яксон будӣ,*
*Гар дар ҳама чоҳ оби ҳайвон будӣ,*
*Дарёфтанаш бар ҳама осон будӣ.*

Ё дар ин байти Ҳофиз:

*Шоҳиде дар лутфу покӣ рашки оби зиндагӣ,*
*Дилбаре дар ҳусну хубӣ ғайрати моҳи тамом.*

Ва боз дар ин байти Камоли Хуҷандӣ:

*Гар бингарад равонии оби сухан, Камол,*
*Аз чашмасори хеш равад Хизр шармсор.*

Дар ин мисолҳо кӯшиши шикастани истифодаи қолабии ин рамз ҷой дорад. Ҳар шоир дар мафҳуми ин рамз як хусусияти дигаре афзуданӣ шуда, онро дар қатори таркибҳои дигар мегузорад ва барои ифодаи мафҳуми тоза мекӯшад. Вале ин мақсад на ҳама вақт ба даст меояд, чунки ин қабил рамзҳо мафҳуми шайъии худро гум карда, ба қолаб даромадаанд, шах шудаанд ва ба таъсири услуб, равияи эҷодии адиб ва ё як марҳалаи эҷодӣ кам дигаргун мешаванд.

Мӯъмин Қаноат дар силсилаи «Ситораҳои Замин» дар шеъри «Модар» рамзи «оби ҳаёт» -ро чунин истифода мекунад:

*Шири сафед мемакад он тифл бонишот,*
*Оби ҳаёт мечашад*
*аз чашмаи ҳаёт.*

Дар ин байт ду рамзи кӯҳнаи анъанавӣ ба кор рафтааст, ки аз ҷумлаи таркибҳои маънои шайъияшон коста мебошад. Аммо заминаи реалистии ин шеър, ки аз тасвири як лаҳзаи фароғати модар бо кӯдакаш дар оғӯши замин ба ҳам омадааст, хеле қавист ва он ба ин рамзҳо таъсир карда, онҳоро пурмаъно ва махсус кардааст.

*Модар зи кор омада,*
*гӯё з корзор,*
*Аз нав гирифт кӯдаки*
*муштоқро канор.*
*Биншаст рӯи сабзаҳо(?) –*
*зад такя бар замин,*
*Чинҳои рӯзи рафтаро(?)*
*бикшод аз ҷабин...*
*Шири сафед мемакад*
*он тифл бонишот,*
*Оби ҳаёт мечашад*
*аз чашмаи ҳаёт.*
*Гӯё гирифт қувваи*
*модар-заминро,*
*Болида хест кӯдаки шир(?)маст*
*рӯи по...*

Чунин хусусият гирифтани ин ду рамзро М. Шукуров ҳам дар мақолаи худ «Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он» қайд карда, навиштааст: «Оби ҳаёт», «чашмаи ҳаёт» образи кӯҳнаи анъанавист, вале ин ташбеҳ маънои амиқе пайдо кардааст: ҳар фарзанди инсон, ки дар дунё умри ҷовидон ёфтааст ва номи ӯ абадӣ хоҳад монд, аз меҳру шафқати модар, аз осори тарбияти модар ба ин давлат расидааст»[104].

Риштаи ҷон, мурғи бахт барин рамзҳо, ки шах шудаанд, бо мафҳумҳои анъанавияшон дигар барои тасвири воқеияти тоза қобил нестанд. Азбаски ин гуна рамзу маҷозҳо акнун моли ягон услуб ва равияи эҷодӣ нестанд, яъне нақши мансубияти услубияшон нобуд шудааст, онҳо бар ҳар як услуб ва дар қатори рамзу маҷозҳои дигар озодона ҷой гирифта метавонанд. Вале бо вуҷуди ин ҳама ҷудоии онҳоро аз он услуб ҳис кардан мумкин аст, чунки онҳо аз ҷиҳати маъно аксаран бо мафҳуми асар намеомезанд.

Ин гуна рамзу маҷозҳо асрҳо инҷониб дар услубҳои гуногуни бадеӣ истифода шуда, аммо бештарашон дар сурати пешинаи худ боқӣ мондаанд, ки сабаби инро қисман аз талаботи пешакии жанр дар истифодаи калимот бояд донист. Чунонки дар назми классикӣ ба назар мерасад, доираи истифодаи калимот ва таъбирот то андозае аз рӯи талаботи пешакии жанр муайян мешуд. Ин, албатта, маҳдудиятеро барои истифодаи захираи забонӣ ба вуҷуд меовард. Калима ва таъбирҳое буданд, ки дар жанрҳои ҷудогона қобили истифода буда, дар жанрҳои дигар бегона ба чашм мехӯрданд. Ҳар жанр ба гурӯҳи калимот ва таъбирот нақши соҳибияти худро гузошта буд. Аз рӯи мушоҳидаи Ш. Ҳусейнзода «Шоир дар ғазал калимаҳои дурушт ва алфози хушк ва садодорро ба кор намебарад. Балки калимаҳое истеъмол мекунад, ки бештар латофат ва равонӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, забони ғазал ва қасида ҳамеша аз якдигар фарқ

[104].Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1970, саҳ. 190

доштааст»[105]. Ин вобастагии услубии калимот на танҳо дар ҳар жанр, балки дар дохили ҳар шакли жанрӣ ҳам вуҷуд дошт. Масалан, калима ва ибораҳое, ки бештар дар қисмати насиби қасида истифода мешуданд аз ҷиҳати маънию мазмун, обу ранги услубӣ ва имконияти тасвир аз аносири забонии қисмати мадҳи он фарқияти ба назар намоёне доранд.

Таркибҳои қисмати мадҳи қасида моли услубӣ «олӣ» шуда, баъд ба қолаб даромада, дигар таъсири давру замон ва услубҳои дигарро дар худ ҳис намекарданд. Забони халқ, унсурҳои забони гуфтугӯӣ ба услуби ин қисмати қасида қариб таъсире ҳам накардаанд. Чунин сарҳад миёни забон ва услуби анвои бадеӣ ҳам имконияти жанрро маҳдуд мекунад, ҳам пуррагии маъноии калимаро мекоҳанд. Аз тобишҳои зиёди маънавии калима фақат баъзеи онҳо истифода мешуданду бас.

Дар гурӯҳи дигари калимаю ибораҳо, рамзу образҳое, ки имрӯз ҳам дар забони назм арзи вуҷуд мекунанд, нақши услуб ва ё мактабҳои адабиро пайдо кардан мумкин аст. Онҳо зодаи ягон ҷараёни услубӣ ва ё мактаби адабие буда, дар замони мавҷудияти ҳамон мактаби адабӣ ва ё ҷараёни услубӣ мазмун ва мафҳуми хосе доштаанд. Ба вуҷуд омадани мактабҳои нави адабӣ, тартиб ёфтани ҷараёнҳои тозаи услубӣ бо худ калима ва ибораҳои наверо ба майдони адабиёт меоварад. Саҳеҳтараш, ба калима он тобишҳои маъноие, ки гум карда буд, боз гардонида шуда, имконияти ифодаи он фарохтар мешавад. Калима ба воситаи таркибҳои дигар ибораҳои тоза месозад. Ҳамин ҳолат дар сабки хуросонӣ, ироқӣ ва махсусан, дар сабки ҳиндӣ мавқеи васеъ дорад. Бо вуҷуди баъзе хусусиятҳои манфиаш сабки ҳиндӣ дар истифодаи калима ва шикастани ибораю пайвастагиҳои муқаррарии забонӣ хизмати кам накардааст. Шоирони асили ин сабк коре карданд, ки имконияти мафҳумҳои ақлиро ифода кардани калима хеле афзуд. Ва гоҳо ҳамин ҷиҳати кӯшиши онҳо аз меъёр гузашта, боиси гаронбории калима мешуд, ки дарки маъниро душвор мекард.

Оинаи хаёл, вусъати олам, мавҷи хаёл, тангнои ҳастӣ, саҳрои ҷунун, муҳит, ваҳдат аз калима ё ибораҳое ҳастанд, ки дар ин сабк бештар истифода мешуданд ва ё бевосита маҳсули шоирони ҳамин сабк буданд. Бисёри чунин калимаю ибораҳо, аз ҷумлаи вусъати олам, тангнои ҳастӣ, саҳрои ҷунун, ваҳдат, дарё, шабнам рамзҳое буданд, ки ақидаҳои фалсафӣ, дунёшиносии шоирони он давраро инъикос намуда, муҳимтарин масъалаҳоеро, ки дар дарки олам ва ҳастии одам пеш меомаданд, ифода мекарданд. Ҳамин ки тасаввурот ва фаҳмиши одам аз олам дигар шуд, ба тариқи пештара истифода кардани ин рамзу образҳо сабаби кӯр-кӯрона дидани онҳо гардид ва шоироне, ки аз ин роҳ рафтанд, ба нокомиҳои эҷодӣ расиданд. Вале дар оғози худ ин сабк дар озодии калима ва тартиб додани ибораҳо ва пайвастагиҳои нав ба нав кӯшиши ҷиддӣ ва босамаре кард. Як калима бо калимаҳои бисёри дигар ибораҳои гуногун ва ғайричашмдоште тартиб медод. Масалан, дар ин байти Шавкати Бухороӣ:

*Аз барои тӯҳфаи рангинхаёлони ҷаҳон,*
*Шавкат аз мисроъи рангин дастаи гул бастаам.*

Дар ин байт аз як сифати рангин ду ибораи тоза сохта шудааст, ки мисоле аз як силсила ибораҳое мебошад, ки бо ин сифат тартиб ёфтаанд.

Баъзе муқаллидони минбаъдаи ин сабк ба маъноҳои тоза ва фалсафии ин гуна ибораю таркибҳо пай набурда, онро танҳо воситаи ороиши шеър донистанд. Дар натиҷа дар асрҳои баъд ва махсусан, дар асрҳои XVIII ва XIX, он кашфиётҳои шоирони пешин дар осори онҳо аз заминаи мавҷудаи худ дур афтод, алоқаи он бо мафҳуми шайъӣ ва заминаи пайдоиши худ

[105] Ш. Ҳусейнзода. Баҳс ва андеша. Нашр. «Ирфон», Душанбе. 1964, саҳ. 171.

ночиз шуд ва ба суханбофиҳои бебору лофу газоф мубаддал гашт. Акнун ҳамон вожаву ибороте, ки як вақтҳо лабрези маънӣ буданд, дигар пучу бемоя ба назар мерасиданд. Ин чанд сабаб дошт.

Он рамзу истиорот бештар барои ифодаи маъниҳои фалсафие эҷод шуда буданд, ки хоси он замон буда, дар маркази диққат ва мубоҳисаҳои фарҳангии олимону шоирон қарор гирифта буданд.

Масалан, дар шеър образи дарё, шабнам, на фақат мафҳуми дарё ва шабнамро доштанду бас, балки дар зимни ин рамзҳо асоси пайдоиши олам будани об, моеъ заррачаҳои ҳидгорен, ки дар таълимоти фалсафаии замон роиҷ буд, дар назар дошта мешуд. Вақте ки дар асрҳои минбаъда тасаввуроти одам аз пайдоиши олам ва амволи ин масъалаҳои фалсафӣ ва зиндагӣ дигар мешуд, ин гуна рамзҳоро ба ҳамон шакл ва маъниҳои пештараашон истифода кардан, ки ба тасаввур ва фаҳмиши замони нав мувофиқ намеомад, бешубҳа, ба инкишофи эҷодӣ мусоидат намекард. Ва табиист, ки дар асрҳои минбаъда ва махсусан, дар асри XIX ва аввали XX шоирони равшанфикр ғуломи ин иборахо ва ҷараёни услубӣ нашуда, ба ҷустуҷӯи воситаҳои нави тасвир кӯшиданд, ки алоқаи маъноии онҳо бо олами шайъӣ мустаҳкам бошад.

Вале чунонки қайд шуд, дар бисёре аз ин рамзу маҷозҳо нақши замон боқӣ нест ва аз ин рӯ, онҳо дар бисёр давраҳо қобили истифода мебошанд. Аммо худи ба рамзҳо табдил ёфтани маҳз ҳамин калимот, ташаккули ибораҳои маҷозӣ ва дигар воситаҳои тасвирот аз талаботи рӯҳ ва завқи зебошиносии маҳз ҳамон давраи таърихӣ сар мезанад. Танҳо аз ҳамин ҷиҳат ба кадом давраи таърихӣ тааллуқ доштани онҳоро муайян кардан мумкин аст.

Барои мафҳумҳои тоза гирифта, рӯҳи замонро ифода кардани ин гуна рамзу маҷозҳо, ки аз хазинаи пурсарвати назми классикӣ мерос мондаанд, аз онҳо дар пайвастагиҳои дигар ибораҳои тоза сохта, шакли пешинаи онҳоро дигаргун кардан зарур аст. Дар ин ҳолат мафҳуми шайъии онҳо меафзояд, он ниқобе, ки барои ифодаи мафҳумҳои шартӣ бар рӯи онҳо кашида шуда буд, дур афтода, шартияти шахшудаи онҳо аз байн меравад. Сипас онҳо ҳамчун зодаи давраи таърихие рух намуда, ба шеър на танҳо мафҳуми шайъии худро ворид мекунанд, балки аз таърихияти худ низ хабар медиҳанд.

«Лайлатулқадр» ва ё «шаби қадр» аз рамзҳои машҳури назми классикист. Ин шаби 27-уми моҳи рамазон буда, дар ривоятҳои динию афсонавӣ шаби беҳтарин барои ибодат шуморида мешавад ва гӯё дар ин шаб дуову ибодат зуд иҷобат меёфтааст. Ин рамз дар ашъори бисёр шоирони классик истифода шуда, ягон ҷиҳати шаби бахтро ифода намудааст:

Масалан, дар ин байти ғазали Ҳофиз:

*Шаби қадре чунин азизу шариф,*
*Бо ту то рӯз хуфтанам ҳавас аст.*

Ва ё дар ин байти Камол:

*Шаби қадре, ки меҷустам, ба хоб он рӯзи некӯӣ,*
*Чу он рӯ дидаму он мӯ, ҳам ин дидам, ҳам он дидам.*

Азбаски мақсади истифодаи ин рамз аз ҳам фарқи куллӣ надошт, он ба қолаб даромад, дигар ба ин мафҳум истифода кардани он таъсири завқӣ надошт.

Бо вуҷуди ин, ин рамз ба эҷодиёти бисёр шоирони муосири тоҷик роҳ ёфт ва муддатҳо ба ҳамон мафҳуми пешинаи худ истифода мешуд. Вале шоироне, ки барои истифодаи реалистии

рамзу маҷозҳо мекӯшиданд, дигар ба шартияти ин рамз муросо карда наметавонистанд ва табиист, ки дар шеъри «Савганд»-и М.Турсунзода ин рамз ба мақсади дигар ба кор рафт ва ба оҳанги тоза садо дод.

*Солҳои мол*
*мегуфтанд марум, ки:*
*ба мо*
*Бахту шодӣ мерасад*
*аз лайлатулқадр,*
*аз қазо,*
*Дар шаби торик*
*нурафшон*
*гузар хоҳад намуд,*
*Аввали шаб,*
*нисфи шаб*
*майли сафар хоҳад намуд.*
*Шакли он гирд аст,*
*Рӯяш мисли оташпорае,*
*То саҳар бедор хобӣ,*
*Гар кунӣ наззорае,*
*Метавонӣ дид онро,*
*Мақсадат иҷро шавад,*
*Ҳар чиро ки даст гирӣ,*
*Ҷо ба ҷо тилло шавад.*
*Лекин ин мӯъҷиз*
*Барои камбағал ноёб буд,*
*Қиссаи модаркалон буду*
*хаёлу хоб буд.*

Дар ин мисраъҳо лайлатулқадр, шаби қадр танҳо зикр ва ё ташбеҳ набуда, балки тафсир, маънидод карда мешавад, ки дар асоси он фаҳмиши халқии рамз қарор гирифтааст. Ҳар мисраи минбаъда ягон хусусияти лайлатулқадрро шарҳ медиҳад. Зикри дар шаби торик нурафшон гузаштанаш, шакли гирда ва рӯи мисоли оташпора доштанаш, ки ҳамчун ҷузъиёти ин рамзанд, ба он хусусияти реалӣ дода, онро аз шартияташ озод карда, ба тасаввури халқӣ наздик меоранд.

Дар шеъри Ғаффор Мирзо «Қиссаи оби ҳаёт» ҳам истифодаи эҷодкоронаи образи рамзии «оби ҳаёт» ҷой дорад, ки як андоза оҳанги ҳаҷвӣ дошта, тамсили ҳикоятнок аст.

Вожагону образҳои ин ду шеър ҳама барои аёну барҷаста ифода кардани ғояи он хидмат карда, ба шайъи тасвир наздиканд. Дар байни шайъи тасвир ва луғот муносибати амалӣ ва мантиқӣ вуҷуд дорад. Ин яке аз муҳимтарин хусусияти услубии назми муосир аст, ки дар натиҷаи муносибати реалистона ба мафҳуми луғавии калима ва образ шакл гирифта истодааст. Дарде, ки аз мадеҳаҳои шоирони қасидасаро ба назми солҳои аввали инқилоб ва панҷсолаҳои нахустин сироят карда буд, яъне навъи шеърҳои ситоишие, ки дар бораи ҳама чизанду ва дар айни ҳол дар бораи ҳеҷ чиз нестанд, барои истифодаи калима ва образҳое, ки ба ягонагии сохти композитсионии шеър мувофиқат намекард ва алоқаи онҳо бо шайъи тасвир суст буд, роҳ медод, ба ин восита барҳам дода мешавад. Алоқаи лафзӣ ва мантиқӣ дар байни лексика ва шайъи тасвир дигар ба суханбофиҳои дур аз мақсад имкон намедиҳад.

Низоми образҳо, воҳидҳои маъникаш дар шеъри Мӯъмин Қаноат «Иди бахт» ба ҳам робитае дошта, яке дигареро инкишоф медиҳанд ва ҳама бевосита ба мафҳуми иди бахт – Наврӯз пайвастагӣ доранд.

*Асрҳо аҷдодҳои мо зимистони дароз,*
*Қиссаи сарбаста аз иқбол мепардохтанд,*
*Бахти одамношинос*
*Баски бо бечорагон асло сару коре надошт,*
*Гӯӣ(?) дар рӯи замин ҷуз ном осоре надошт.*
*Мардуми бехонумон*
*Ибтидои бахт аз Наврӯз мепиндоштанд,*
*Бар ҳамин рӯзи муқаддас эътиқоде доштанд.*

Калима ва ибораҳои «зимистони дароз», «қиссаи сарбаста», «иқбол», «бахти одамношинос», «бечорагон», «мардуми бехонумон», «ибтидои бахт», «рӯзи муқаддас», «эътиқод», хуллас, ҳамаи воҳидҳои маъникаш барои барҷастатар ифода кардани мафҳуми иди бахт – иди Наврӯз, ки аз он мардуми Шарқ бахту саодат умедворӣ доштанд, хидмат карда, мувофиқати шакл ва мазмуни шеърро таъмин менамоянд.

Иди Наврӯз, Наврӯз ҳам мафҳуми рамзист ва ҳам реалӣ. Дар назми классикӣ ва муосир ҳам он ба ҳамин ду мафҳум истифода мешавад. Яке ҳамчун иди Наврӯз, ки дар Шарқи бостонӣ оғози баҳор ва бедории замину ибтидои киштукор аст, ба кор меравад ва дуюм мафҳуми рамзии он низ ба ҳам ин мафҳуми реалияш вобаста буда, рӯзи хушбахтӣ, айёми накӯии ҳаётро ифода менамояд. Масалан, Саъдӣ мегӯяд:

*Одамӣ нест, ки ошиқ нашавад фасли баҳор,*
*Ҳар гиёҳе, ки ба Наврӯз наҷунбад ҳатаб аст.*

Ва боз байте аз Саъдӣ:

*Комҷӯёнро зи нокомӣ чашидан чора нест,*
*Дар зимистон сабр бояд толиби Наврӯзро.*

Дар байти аввал Наврӯз ҳамчун айёме дар фасли баҳор ва дар байти дуюм он то андозае ба маънои рамзии ифодакунандаи комгорӣ, айёми хушбахтӣ ва рӯзи висол истифода шудааст. Параллелизмҳои ин байт нокомӣ – зимистон ва комгорӣ – Наврӯз ба номи ду фасл мафҳуми рамзӣ бахшидаанд. Дар шеъри муосир ҳам ҳар ду тарзи истифодаи ин образ ҳаст. Масалан, Лоиқ дар шеъри «Замини иеросӣ» менависад:

*Посбони ҳуштаки поезду кӯпрукҳои вокзалҳостам,*
*То саломат рафта боз оянд ёрон аз сафар.*
*Посбони иди Наврӯзам, ки дар он ҷумла ёрон*
*Давра ороянд, ороянд наврӯзи дигар.*

Ва дар шеъри «Рӯзи Наврӯз»-и Қутбӣ Киром мехонем:

*Рӯзи Наврӯз, Қутбии ошиқ,*
*Дили аз тан канорро монам.*

Дар мисоли аввал вақте ки шоир худро «посбони иди Наврӯзам» мегӯяд, иди Наврӯз – иди хурсандӣ, иди баҳор дар назар дошта шудааст ва дар ибораи «наврӯзи дигар» мафҳуми айёми сол будани вай ночиз гашта, тобиши дигари маъноии он чун рӯзҳои хушбахтӣ бештар гаштаст. Дар шеъри Қутбӣ Киром он ба маънои аслии худ – рӯзи ид омадааст.

Чунонки мулоҳиза мешавад дар назми муосир баъзе аз он рамзу маҷозҳои анъанавӣ дар асоси мавзӯи шеър қарор гирифтаанд. Онҳо аксаран рамзу маҷозҳое ҳастанд, ки дарки таърихии воқеиятро ифода намуда, ин мафҳуми худро то имрӯз нигоҳ доштаанд. Бештари ин мафҳумҳо асотирию афсонавӣ, таърихӣ ва динию ахлоқӣ буда, баъзеи дигар анъана ва расму оини зиндагиро баён мекунанд. Ба ин қабил рамзу маҷозҳо «садди Сикандар», «ҷоми Ҷам», «оинаи Сикандар», «турки париче ҳра», «тӯфони Нӯҳ», «хироҷи Миср», «пири муғон», «харобот» ва монанди инҳо дохил мешаванд. Ҳарчанд шоирони классик онҳоро дар шеърҳои худ барои ифодаи мақсадҳои гуногун истифода кардаанд, аммо онҳо нисбат ба дигар гурӯҳи рамзу маҷозҳо бо давраи таърихӣ ва муҳити пайдоиши худ бештар пайвастаанд. Онҳо дар шеъри муосир ҳам вомехӯранд ва минбаъд боқӣ монданашон ба чӣ гуна дар онҳо мафҳумҳои навро гунҷонида тавонистани шоирон ва аз қобилияти мафҳуми тоза гирифтани онҳо вобастааст.

Гурӯҳи дигар образҳое мебошанд, ки (объект)-ро аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳанд ва ё тавсиф мекунанд, аз қабили гули рӯ, зулфи мушкин, хуршедрӯ, лаби лаъл, қади сарв ва монанди инҳо. Шеъри тоҷик хазинаи беинтиҳои ин гуна образҳост. Азбаски ин қабил образҳо бештар сифати шайъро ифода мекунанд, дар онҳо нақши мансубияти таърихӣ хеле ночиз аст. Ҳоло таъсири ҳиссӣ ва завқии ин гуна образҳо коҳидааст ва муборизае, ки дар назми муосир бар зидди истифодаи қолабии онҳо сар шудааст, бесабаб нест. Дуруст аст, ки эҳтиёҷи ин гуна муборизаро шоирон на имрӯзу дирӯз, балки кайҳо ҳис карда ва сар ҳам карда буданд. Вале барои аз ин образҳо даст кашидан пеш аз ҳама образҳое офаридан зарур буд, ки ҳамон хусусиятҳои шайъро бо тарзи тоза ва бо суханҳои дигаре ифода кунанд.

«Қади сарв», «сарвқад», ё «сарвболо» (ин образ шаклҳои бисёр дорад) аз серистифодатарин образҳои шеъри тоҷик аст. Аз аввалҳои сурат гирифтани ин образ ва дар шеър ба кор рафтани он то имрӯз кӯтаҳӣ, ноқисии ин образ, номуносибии он ба қади маҳбуба таъкид карда мешавад, ки он ҳам як навъи ифодаи манзури шоирона аст.

Масалан, Саъдӣ гуфта буд:

*Қомати зебои сарв, к-ин ҳама васфаш кунанд,*
*Ҳаст ба сурат баланд, лек ба маъно касир.*

Ва ё Ҳофиз мегуфт:

*Нангарад дигар ба сарв андар чаман,*
*Ҳар кӣ дид ин сарви симандомро.*

Ва ё Камол менавишт:

*Пеши қадди ёр, эй сарви сиҳӣ, шарме бидор!*
*Дар чаман бо пои чӯбин сарбаландӣ то ба кай?*

Дар ин байтҳо ин образ барои як навъи тасвир ва тавсифи қади маъшуқа истифода ва дар айни ҳол, ба як ҷиҳати тозаи он низ таъкид шудааст. Аммо истифодаи қолабии он ҳам ки ҳеҷ тозагие надорад, хеле фаровон мебошад. Сарв на фақат истиораи қади ёр асту бас. Он ба

чандин тобишҳои маъноии дигар ҳам ба кор рафтааст. Азбаски ин истиора мафҳуми шайъии худро то андозае нигоҳ доштааст, сифатҳои дигари онро барои ифодаи маънию мазмунҳои мутафаррика ба кор бурдаанд. Масалан, дар ин ду байти Ҳофиз:

*Зери боранд дарахтон, ки тааллуқ доранд,*
*Эй хушо сарв, ки аз бори ғам озод омад.*

Баъзан истифодаи бағоят тару тоза ва оригиналии ин образро пайдо мекунем, ки дар ин мисраъҳои Соиб ҳаст:

*Дасти мо чун сарв ҳаргиз бахтдомане надошт,*
*Ҳаргиз ин беҳосил аз айём сомоне надошт.*
*Нақши уммед аз дили мо шуст охир осмон*
*Ҳеҷ кас з-ин абри хушк уммеди бороне надошт.*

Соиб дар мисраи аввал дасти худро ба сарв монанд мекунад. Сарв дарахти зебост, вале танаи он то нимааш бараҳна аст ва Соиб ин бараҳнагии танаи сарвро ба бебахтии дасти худ ташбеҳ карда, ба он тобиши тоза медиҳад. Ба ин кор, албатта, сабки баобутоби ироқӣ ва равияи эҷодии худи Соиб замина муҳайё кардаанд. Истифодаи қолабии ин образ чун рамзи қаду қомати ёр бешумор буда, ин гуна бозёфтҳои шоирона хеле кам ба назар мерасиданд. Дар аввали асри XX Ҳайрат ба ин тарзи истифодаи образ эътироз карда, ғазале навишт, ки номувофиқӣ ва қолабию забонзад шудани онро таъкид менамояд:

*Эй сарв, беибо ба чаман сар кашидаӣ,*
*Моно, ки сарви қомати ӯро надидаӣ?*
*Ором сарви ман бувад аз ҷӯйбори чашм,*
*Эй сарв, агар ту бар лаби ҷӯ орамидаӣ!*
*Ӯ сарви дилбар асту равон асту дар хиром,*
*Ту сарви бебарию ба кунҷе хазидаӣ!*
*Ӯ реша дар дил асту зи дил об мехӯрад,*
*Ту реша дар гил астию аз гил дамидаӣ!*
*Ӯ нозпарвар асту бувад шох-шох лутф,*
*Ту боғпарвар, аз думи шохи буридаӣ!*

Дар назми муосир истифодаи ин образ ба мафҳуми анъанавияш торафт камтар мешавад. Гоҳо ин образ ҳангоми таъни шоир ба худ, ки ӯ дар тасвири қаду қомати маҳбуба образи хубе ёфта наметавонад ва гоҳи дигар ҳангоми ёд овардан аз тақдири гузаштаи зан дар ҷамъият, ки шоир ӯро танҳо чун маҳбуба васф мекарду бас, ба кор рафтааст. Дар шеъри «Зани тоҷик»-и М. Қаноат ба чунин ташбеҳ вомехӯрем:

*Чанд бар гардани дил зулфи сиёҳи ту каманд?*
*Лона то кай биниҳад табъ ба он сарви баланд?*

Дар достони «Се нозанини Шарқ»-и М. Турсунзода ҳолати дуюми истифодаи ин ташбеҳ ҷой дорад:

*Шоири дилбохта гарчи намуд,*
*Бар қадаму хоки дари зан суҷуд,*
*Рӯи занонро гули хушбӯй гуфт,*
*Қоматашон сарви лаби ҷӯй гуфт.*

*Гуфт: «Даҳон ғунчаву абрӯ ҳилол,*
*Чашми сиёҳаш чу рамида ғизол...»*

Бешубҳа, дар тасвири як шайъ аз як образ даст кашидан барои офаридани образи дигаре, ки вазифаи онро баҷо оварда тавонад, ташвиқ мекунад. Лоиқ дар шеъри «Ҳусн» қаду қомати маҳбубаро ба арчаи оростаи солинавӣ монанд кардааст:

*Чун арчаи соли нав ороста будӣ ту,*
*Аз қадди ту гул мерехт, то рӯз шарар мерехт.*

Дар ин ташбеҳ мафҳуми шайъии он бо ҳиссиётангезияш ҳамсанг аст. Мафҳуми шайъии арча ҳар қадар дарк шавад, муносибати қади маҳбуба ба он ҳам ҳамон қадар тасаввур мешавад, ки ин хусусият ташбеҳро хотирнишин мекунад. Мӯъмин Қаноат дар шеъри «Обшор» қомати маҳбубаро ба шаршара ташбеҳ кардааст:

*Мӯи сиёҳ бар қади мавзун чу обшор,*
*Чашме чу чашмаи сафо, рӯе чу навбаҳор,*
*Қадде ба мисли шаршара ларзону беғубор.*

Ин ташбеҳ дар назми муосири тоҷик нав ва хеле шоирона аст. Шаршара пеш аз ҳама чун объекти воқеӣ, чизи мавҷуда дарк мешавад ва ба он афзудани сифатҳои ларзону беғубор онро ба ташбеҳи қомати ёр муносиб менамояд.

Ин гуна ташбеҳҳо, ки хусусияти муштараки онҳо на аз муайяншаванда (мушаббиҳ), балки аз муайянкунанда (мушаббаҳун биҳ) гирифта мешаванд, ба олами шайъ бештар наздиканд.

Дар истиораҳои «дуқабатаю сеқабата» аз қабили сарви равон, ки хусусияти рамзию шартияти онҳо қавист, нуқси дигаре мавҷуд аст, ки дарки онҳоро мушкил мекунад.

Дар онҳо муайянкунанда бевосита ба муайншаванда таалluқ надошта, сифати он муайяншавандае мебошад, ки дар зеҳни кас мавҷуд аст, яъне равон сифати сарв набуда, балки сифати маҳбуба аст.

Ҳоло дар назми муосир ба ҷои истифодаи ташбеҳу истиораҳои қолабӣ ҷустуҷӯи тозаи онҳо, ки ҳам ба воқеият наздику ҳам қувваи таъсирашон зӯр бошад, бештар ривоҷ мегирад. Ин воситаҳои тозаи ифодаи бадеӣ на фақат барои баёни нозуктарин эҳсосоти инсонӣ қобиланд, балки аз ҷиҳати услуб забони шеърро ҳам бо таркибҳои наву тоза ғанӣ мегардонданд. Онҳо танҳо барои ҷилваи зебоӣ ва ё тозагии худ арзи вуҷуд накарда, барои мукаммал ва рехта баён намудани мафоҳими шеърӣ ва ташаккули услуби фардӣ хидмат мекунанд. Дар мисолҳои зерин чанде аз ин қабил ташбеҳу истиора ва рамзу маҷозҳои шоирона ҷой доранд.

Дар «Савганд» ном шеъри М. Турсунзода, ки сухан аз қудрат ва тавоноии ҳизб меравад, моҳи сунъиро дар арш гаҳвора хондани шоир зодаи рӯҳ ва ғояи шеър аст:

*Қудрати Партия моро ҳамдами сайёра кард,*
*Моҳи сунъиро ба мо дар арш чун гаҳвора кард.*

А.Шукӯҳӣ дар шеъри «Рӯзи борон» аз ҳиссиёти ошиқонаи худ сухан гуфта аз як ишораи маҳбуба ба чӣ ҳолат афтодани худро бо ташбеҳоти тоза ба забон меорад ва сари худро ба хӯшаи гандум монанд мекунад, ки пухтаю ба бод дар гаштану хам хӯрдан аст:

*Агарчанде фалакпаймо наям, аммо дар ин асно*

*Паридам бар фазои дуру кардам вазни худро гум,*
*Барои ҷисму ҷони ман на поён буду на боло,*
*Замин аз дур метобид ҳамчун гунбази зебо,*
*Сарам мегашт чун пухта расида хӯшаи гандум.*

Дар шеъри «Обшор»-и М. Қаноат, ки ҳиссиёти нозук ва пур аз муҳаббати шоир ба дилбари ҷонӣ «кабӯтари сафедаш» ба воситаи розгӯӣ бо обшор баён мешавад, тасвир ва истиораи тару тозае ҷой дорад.

*Дорӣ ба ёд лаҳзае(?), марғуб манзаре,*
*К-омад ба об субҳдам он куртапарпарӣ,*
*Пои бараҳна рӯи гул он чӯҷаи парӣ?*

Ғаффор Мирзо дар шеъри «Раъду барқи баҳор» ба қаҳрамони даврони мо бо чунин суханҳои образнок муроҷиат мекунад, ки тару тозаанд. Оҳуе, ки дар шеъри классикӣ асосан рамзи маъшуқа буд, дар ин ҷо тамоман ба вазифаи дигар истифода мешавад, ки ниҳоят баҷо ва зебост.

*Чизи хуб аст раъду барқи баҳор,*
*Ё зи борони он намегӯӣ(?)...*
*Бубаро ту ба қуллаи кӯҳсор,*
*Сина бикшо чу оҳуи кӯҳӣ(?).*

Ва ё дар шеъри «Достони дастҳо» чунин суханони пургунҷоиши Лоиқ дар ҳақи духтараки пахтакор аломате аз шаҳомоту меҳнати ин духтар ва вусъати нигоҳи шоир аст:

*Зери ҳукми ӯст саҳроҳои неъматофарин.*
*Зери пои ӯст бо он сон бузургиаш замин,*
*Аз ҷабин, аз ҳар сари мӯяш арақ.*
*Шӯр резад, шӯр чун оби намак,*
*Сурмаи хок аст пардози қатори мижаҳо,*
*Лона монад чанги саҳро дар ду абрӯи сиёҳ.*

Дар ин намунаҳои шеър ташбеҳ ва ифодаҳои нави пурэҳтирос аз чашмаи воқеияти имрӯз ва мафоҳими тозаи шеърӣ об хӯрдаанд. Ин образҳо аз мафоҳим, ҳодиса ва ё ашёе сохта шудаанд, ки дар назари аввал хусусияти муштарак ва ё наздик надоранд. Вале ин хусусият онҳоро аз зеҳн дур накарда, баръакс таъсирбахшии онҳоро афзуда, барои ифодаи барҷастаи ғояи шеър хеле мувофиқ гардонидааст.

Дар шеъри Ғаффор Мирзо дар байти:

*Бубаро ту ба қуллаи куҳсор,*
*Сина бикшо чу оҳуи кӯҳӣ. –*

ҳам хусусияти реалистии образ нигоҳ дошта, ба он ҳам фароҳӣ ва хаёлангезии романтикӣ афзуда шудааст.

Оҳу ҳам яке аз ҳамон образҳои анъанавист, ки дар назми ҳазорсолаи тоҷик ҳазорҳо бор истифода шудааст. Он бештар ташбеҳ, рамзи маҳбуба ва ё ишорае ба чашми тарсони ӯ буд.

Ибораҳои образноке, ки ба воситаи он сохта шудаанд, хеле сершуморанд, аз қабили, оҳуи мушкин, оҳуи тотор, оҳуи чин (ба ғайр аз мафҳуми аслии худ, яъне оҳувоне, ки дар Туркистону Чин, Қошғару Хутан ва мавзеи атрофи он парвариш мeёбанд ва мардум аз нофи онон моддаи хушбӯе мегиранд, боз ба маънои маъшуқа истифода мешавад) оҳуи мардумшикор. Масалан, Ҳофиз мегӯяд:

*Ё раб, он оҳуи мушкин ба Хутан боз расон!*
*В-он сиҳӣ сарви равонро ба чаман боз расон!*

Ба ҳамин маъно истифода шудани оҳу дар назми классикӣ бениҳоят маъмул аст. «Оҳуи мушкин» дар байти Ҳофиз берун аз матн ҳам мафҳуми шайъии худро нигоҳ медорад. Ин, яъне ҳамон оҳуест, ки аз нофи он моддаи хушбӯй мегиранд. Вале дар байт ба маънои маъшуқа омадааст ва дар ин ҳолат мафҳуми шайъии он аз байн меравад.

Вале дар ин байти Ҳилолӣ оҳу дигар мафҳуми аслии худро надорад.

*Ба ғамза оҳуи чашмат шикори мардум кард,*
*Кӣ дид оҳуи мардумшикор беҳтар аз ин.*

Дар ин байт образ ба дараҷаи абстраксия расонида шудааст, ки бо чанд роҳ ба даст омадааст. Аввал, ба ҷои яке аз сифатҳои аслии оҳу (тотор, мушкин, тарсон...) хусусияти дигаре гирифта шудааст, ки вай аз ҷиҳати маънӣ ва сифат ба оҳу нисбат ва қаробате надорад. Ба он хусусияти дигаре, ки дар табиати оҳу нест, яъне шикор кардан афзуда мешавад. Дар натиҷа образ бори дуюм абстраксия мегардад.

Ғаффор Мирзо, чӣ хеле ки дидем, ин образро аз ҳамаи рамзнокӣ ва шартияташ озод карда, ба он хусусияти реалияшро боз гардонида, як сифати зебояшро ба дараҷаи аввал бароварда, ба пешвози раъду барқи баҳор сина кушодани онро, ба маънои ба пешвози тару тозагӣ ба оғӯши боз рафтани инсон истифода кардааст.

Чунонки мулоҳиза шуд, дар назми муосири тоҷик ҳам эҷоди образ ва ифодаҳои тоза, ҳам истифодаи образҳои анъанавӣ ва ҳатто обшуста вомехӯранд. Ба кор бурдани образҳои анъанавӣ ба сари худ бадӣ надорад ва агар ба онҳо андаке тароват бахшида шавад, онҳо баъзан аз образҳои тоза ҳам таъсирноктар шунанашон мумкин аст. Ю. Тинянов дар асари худ «Масъалаҳои забони шеър» қайд мекунад, ки «онҳо (образҳои анъанавӣ – А. Ҳаким) андаке бошад ҳам таъсири пештараи ҳиссии худро нигоҳ доштаанд, агар ба таъсири ҳиссӣ каме тозагӣ бахшида шавад, вай аз таъсири ҳиссии образи нав пурзӯртар ва амиқтар аст, чунки ҷиҳати шайъии образи нав нисбат ба ҷиҳати ҳиссии он ҷолибтар буда, диққати касро бештар ба тарафи худ мекашад»[106].

Истифодаи образҳои анъанавӣ дар эҷодиёти шоирони муосир дар давраи аввали эҷодиёташон бисёртар бошад, бо афзудани маҳорат ва шакл гирифтани равияи эҷодии онҳо торафт кам шудан мегирад.

Иддае чун М. Турсунзода, А.Шукӯҳӣ, Б. Раҳимзода бо каме тағйирот таъсири ҳиссии образҳои анъанавиро қавитар намуда ба кор баранд, иддаи дигар чун М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир барои офаридани образҳои тоза бисёртар рағбат доранд. Онҳо ба дараҷаи ҳамон

[106] Ю. Н. Тынянов. Проблемы стихотворного языка. «Сов. писатель», М., 1965, стр. 254.

образҳои анъанавӣ, ки дар замони тозагии худ пуртаъсир буданд, таъсиргузоранд, чунки «аз рӯи маҷозҳои забонӣ» (таъбири В. Жирмунский) таркиб меёбанд.

Ҳоло хусусияти истифодаи образҳои анъанавӣ дигар шудааст. Онҳо ба ҷуз ангезиши ҳиссиёт боз мафҳуми асосиеро, ки дар ин рамзҳо гунҷоиш ёфтааст, ифода мекунанд. Аз ин рӯ, онҳо дар эҷодиёти М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, А.Шукӯҳӣ ҳамон тасаввуроти муқарририро падид наоварда, аксаран силсилаи тасаввуроти муқарририро аз он рамз дарҳам мешикананд ва ба он тозагию тароват мебахшанд.

Дар натиҷаи ба образҳои анъанавӣ навӣ бахшидан алоқаи муқаррарии рамз бо образ дигаргун гашта, барои пайдоиши тасаввуроти тоза аз ин образ сабаб мешавад. Чунонки маълум аст, рамзу маҷозҳо ва образҳои тоза дар натиҷаи дарк кардани муносибат ва мувофиқати ду шайъ, ду ҳодиса ба тартиб меоянд. Вале дар асоси рамзу маҷозҳо на танҳо мувофиқат ва монандии мафҳумии ҳодисаю ашё, балки монандии шоиронаи онҳо ба эътибор гирифта мешавад. Дарёфти ба ҳамдигар монандии ҳодисаҳо ва ашё тафаккури бадеиро инкишоф дода, барои дар байни ҳодиса ва мафҳумҳои нав дарк кардани алоқа ва монандиҳои тоза мерасонад. Калимаю ибораҳо боз ба ифодаи мафҳумҳои рамзӣ қобилият пайдо мекунанд. Ба ифодаи мафҳумҳои ғайриаслӣ истифода шудани калима ва ибораҳо ҳаргиз ба тарзи истифода ва фаҳмиши реалистии онҳо мухолиф нест. Дар бисёр ҳолат ин аз хусусияти мафҳуми тозае, ки калима ва ё ибора барои ифодаи он аз маънои аслии худ дур мегардад, вобаста аст.

Ҳоло дар назми муосир эҷод ва истифодаи образҳои тозае мушоҳида мешавад, ки онҳо аз оғоз то анҷоми шеър дар назар дошта мешаванд. Дар шеърҳое, ки дар асоси онҳо ин қабил образҳо қарор гирифтаанд, ҳиссиёт фақат номбар нагашта, балки дар сурати образ бо тамоми нозукӣ ва инкишофу драматизмаш ба қалам оварда мешавад.

Манзур аз чунин образҳое, ки дар саросари шеър қарор мегиранд, ифодаи шайъии ғояи шеър аст. Онҳо дар шеър аз ҳар ҷиҳат тасвир ва аз рӯи завқи шоир обу ранг ва обутоб дода мешаванд. Ин равия дар солҳои охир, махсусан, дар эҷодиёти М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром инкишоф меёбад. Муносибати ин шоирон ба ин гуна образҳо агар аз рӯи усул, яъне зимни тасвири образҳое, ки бевосита ифодакунандаи мавзӯъ набуда, бо афзудани хосиятҳое, ки аз рӯи завқи шахсии шоир онҳоро барои ифодаи ҳиссии мавзӯъ қобил мекунанд, як бошад, аз ҷиҳати интихоб ва обутоб, онҳо ба сабки эҷодии ҳар яки онҳо мувофиқат доранд.

Масалан, дар эҷодиёти М. Қаноат обутоби образ, таъсири ҳиссии он афзуда истодааст, ки шеъри «Обшор» намунаи барҷастаи он аст. Ин хусусият аз давраҳои аввали эҷодиёти ӯ зуҳур карда, дар шеърҳои солҳои минбаъдааш инкишофу сайқал меёбад. Шоир дар шеъри «Обшор» - аз баёни бевоситаи аввалин тазоҳуроти муҳаббати худ бар оне, ки бо ӯ дар торҳои шаршара ҳар ду наво шуданд, худдорӣ карда, бар оне, ки гувоҳи аввалин ҳиссиёти поку дилошӯби ӯ буд, ба обшор мурочиат мекунад. Ин ифодаи бавосита таъсири баёнро накоста, баръакс афзудааст. Зеро «доду фарёдҳо» ва «сӯхтану пухтанҳо» - то дараҷае дилбазану обшуста шудаанд, ки дигар ёрои таъсири ҳиссӣ надоранд ва ин тасвири тоза, ки маъниро бо рамзу маҷозҳо ва образҳои нав баён мекунад, хотирнишин ва дилчасп аст. Баёни ҳиссиёт аз мурочиат ба обшор оғоз мешавад:

*Эй обшор!*
*Оинаи беғубори ман,*
*Ёри замони кӯдакии беқарори ман,*
*Аз рӯзҳои рафта туӣ ёдгори ман.*

Шоир ба обшор, ки ҳамчун образ дар саросари шеър барои ба ришта кашидани ҳиссиёт хизмат мекунад, хеле озодона рафтор мекунад. Ӯ ба обшор, ки ҳам хислатҳои дилбари баҳори

наврасии ӯро дораду ҳоло ҳамсуҳбати шоир шудааст, аз назари шахсии худ хосиятҳоеро меафзояд, ки ифодакунандаи муҳаббати гузашта, замони дӯстдориҳои бебозгашт мебошанд. Бо пурратар аён шудани образи обшор оҳангҳои кӯҳнаро такрор, ёди бахобрафтаро бедор кардани он барои нигориши образи дигаре заминаи ҳиссӣ ва мантиқӣ тайёр мешавад. Аз банди сеюм тасвири бевоситаи образи дигар сар шуда, дар бандҳои минбаъда ҷиҳати ҳиссии ифода пурқувваттар мешавад ва назари шахсии шоир ба обшор имкони васеъ медиҳад, ки ӯ аз ин истифода карда, миёни «он куртапарпарӣ» ва обшор монандӣ бинад. Ба воситаи ташбеҳу истиораҳо ба обшор монанд кардани духтарак гунҷоиши образи обшорро меафзояд ва он гӯё симои духтаракро низ дар торҳои худ инъикос менамояд:

*Мӯи сиёҳ бар қади мавзун чу обшор,*
*Чашме чу чашмаи сафо(?), рӯе чу навбаҳор,*
*Қаде ба мисли шаршара ларзону беғубор.*

Дар бандҳои минбаъда симои духтарак аз паси пардаи обшор бештар намудор мешавад. Ҳамаи воситаҳое, ки барои пурратар нишон додани образи духтарак ва ҷузъиёти «лаҳзаҳои бебадал» истифода мешаванд, аз ҷиҳати оҳанги эмотсионалӣ ва обутоб ба ҳам мувофиқат карда, барои ягонагии шакли бадеӣ кӯмак мерасонанд, оҳанги баён мисраъ бо мисраъ пурэҳтирос шуда, ҳангоми муроҷиати шоир ба обшор, ки қуллаи баландтарини баёни эҳсосот аст, исте ба миён меояд.

*Мерафту рангу равнақи гулзор мешикаст,*
*Меомаду аз омадаш(?) хуммор мешикаст,*
*Лабташнагии ташнаи дидор мешикаст.*

Пас аз ин ист шоир ба усули дигари баёни ҳиссиёт, ки ба дил бештар қарин буда, назар ба тасвири то дараҷае васфомези пешина маҳрамона ва дилнишинтар аст, рӯй меорад. Ифодаи ҳиссиёт дар ҳамон дараҷаи муассириаш ба усули дигар мегузарад:

*Он духтарак кӣ буд маро?*
*Балки хоҳарам.*
*Ё дар баҳори наврасӣ ӯ буд дилбарам?*
*Ё чун кабӯтари сафед(?) ӯ буд ҳампарам?*

Санъати таҷоҳули ориф имкон медиҳад, ки ҳиссиёт хеле нозук ифода шавад ва дар айни ҳол чигунагии онро дар парда нигаҳ дорад. Он дар банди минбаъда ҳам ҳамон тавр пардапӯш аст ва шоир ишораеро аз изҳори рӯирост ва пурра афзал дониста, мегӯяд:

*Ҳар касе, ки буд*
*Ӯ маро(?) аз ҷон азиз буд,*
*Ҷонам зи ҷоми шарбати ӯ рез-рез буд.*

Ва симои духтарак гӯё боз дар паси пардаи обшор оҳиста ноаён мегардад. Руҷӯъҳо, ки дар байни ин банд ва бандҳои дигар ҷой доранд ва ташбеҳу истиораҳои баобутоб ба ҳам мувофиқат карда, барои ҳамоҳангии ҳиссии тамоми шеър хизмат мекунанд. Бинобар ҳамин, вақте ки шоир баёни ҳиссиётро боз ба пардаи дигар мегузаронад, ноҷӯрии ҳиссӣ ба миён намеояд.

Дар банди зерин манзараи рехтани шаршара, ҷорӣ шудани дарё пеши назар оварда мешаваду ҳам навои шаршараю садои дарё ба гӯш мерасад:

*Рӯзе, ки чун ду соҳили дарё ҷудо шудем,*
*Дарё садо намудаю мо бесадо шудем,*
*Дар торҳои шаршара ҳарду наво шудем.*

Аз паси пардаи ин манзара ва навоҳо таассуроти шоир аз муҳаббати бебозгашти худ боз ҳам таъсирноктар ба гӯш мерасад. Чунонки мулоҳиза мешавад, образи обшор дар асоси банду басти шеър қарор гирифта, аз ҳар ҷиҳат тасвир шуда, барои ифодаи мувофиқи мундариҷаи шеър, ба ҳам ошноӣ бахшидани ҳиссиёти мухталиф ва ашё мадад мекунад. Ду тарҳи тасвир – тасвири обшор ва духтарак маҳз ба воситаи ҳамин образи обшор ба ҳам меомезад ва барои ифодаи таассуроти ботинии шоир дар сурати ҷузъиёти олами ашё кӯмак мерасонад. Обутоби ҳиссӣ тамоми ашёи тасвирро барои ифодаи ҳолати рӯҳии шоир муносиб мегардонад ва ҳамин аст, ки аз ҳар як ташбеҳу истиора, аз ҳар мисраъ, аз ҳар банди шеър як ғуссаи ниҳоятан ширин ва гуворои замони баччагӣ шунида мешавад:

*Он лаҳзаҳои бебадал(?) гӯё ба хоб рафт,*
*Умри азизи баччагӣ(?) монанди об рафт,*
*Чун кабки рав фуромаду лекин шитоб рафт....*

*Эй обшор!*
*Боз биё дар канори ман,*
*Бинвоз он таронаро(?) чун ёдгори ман,*
*Боре намой сурати он навбаҳори ман!*

Чунонки аз таҳлили образҳои ин шеър ва умуман эҷодиёти М. Қаноат бармеояд, дар образҳои ӯ асоси монандӣ пурқувват аст, ки ин ҷиҳат хусусияти дарки басарии онҳоро меафзояд.

Ҳоло тасвир ба яке аз хусусиятҳои асосии шеър мубаддал шуда, на танҳо рӯҳу оҳанги мафҳуми шеърро ифода мекунад, балки мафҳумро бевосита дар худ гунҷоиш медиҳад. Баъзан тасвиркорӣ ба рукни муҳими устухонбандӣ мубаддал мешавад. Шеъри «Пири гулфурӯшон» - и М. Қаноат, ки бисёрҳо тавсиф шудааст, нишон аз оғози чунин тасвиркории шоир буд. Дар ин шеър ҳамаи ҷузъиёте, ки барои тасвири кӯҳи Варзоб оварда мешавад: пири гулфурӯшон, ҷомаи беқасаб, локии шоҳӣ, саллаи суф, сабади гул ҳама маҳсусу воқеианд. Дар сурати мӯйсафеди гулфурӯш тасвир кардани кӯҳи Варзоб, ки яке аз навъҳои ташхис аст, дилгармии хонандаро ба манзара ва мӯйсафед меафзояд.

*Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,*
*Гӯиё пири гулфурӯшон аст:*
*Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,*
*Локии шоҳӣ(?) дар камар дорад,*
*Саллаи суф гирди сар дорад,*
*Сабади гул ба пеши бар дорад.*

Ҷузъиёти олами ашё, ки шеър аз онҳо таркиб ёфтааст, барои тасвири кӯҳсор, ки одатан бо ташбеҳу истиора ва сифатҳои қолабӣ ва забонзадашудаи сарбафалак, осмонхарош, уқобногузар ва монанди инҳо адо карда мешуд, монеъ шуда, бо овардани сифатҳое, ки маҳз ба ҳамин ҳолат

дахл доранд, тасвирро мушаххасу хотирнишин ва оҳанги баёнро табиӣ гардонидааст. Ба ин чиз, бешубҳа, хусусияти халқии ҷузъиёти бадеии шеър низ мадади калон кардааст. Локии шоҳӣ, саллаи суф, сабади гул образҳое мебошанд, ки дар забони халқ хеле серистифодаанд ва онҳо ба шеър таровату образнокии назми халқро афзудаанд.

Дар тасвиркории шеъри «Гули Бодом» ибораву таркибҳо, воҳидҳои маъникаше истифода шудаанд, ки ба адабиёти халқ бештар қаробат дошта, барои аз назари дарки мусаввирии халқ кашидани тимсоли Гули Бодом асос гузоштаанд.

*Суми мармар,*
*думи мухпар,*
*Пари кафтар,*
*дави сарсар,*
*Миёне дасти ханҷар,*
*Чӣ гардан,*
*гардани духтар!*
*Аҷаб хушрӯю бозингар –*
*Гули Бодом!*

Ин равия дар ҳунари тасвир то андозае ғайриоддист. Ибораҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ дар тасвири Гули Бодом ҳар яке бар дигаре монанди тарҳе (штрих) афзуда, барои дар пеши назар муҷассам намудани тимсоли аспи ҷангӣ – Гули Бодом ҳам хидмати ҷузъиёти бадеӣ ва ҳам воситаи обутоби баён ва шиддат бахшидани ҳиссиётро иҷро мекунанд. Тасвиркорӣ дар ин ҳолат на фақат ба хотири тавсиф аст, балки барои шиддат ва драматизм бахшидан ба ҳиссиёт ҳам хидмат кардааст.

М. Қаноат дар тасвиркориҳои худ на фақат аз воситаҳои суварнигории назми халқ истифода мекунад, балки ҳангоми дар қиёси монандиҳо сохтани тасвирҳои худ, ки заминаи реалистиашон мустаҳкам аст, аз воситаҳои тасвирии назми классикӣ ҳам ба кор мегирад, ки ба ин шеърҳои «Аҳсант ба одам», «Расми нотамом» мисол шуда метавонанд. Баъзан ин образҳои тасвирии анъанавӣ дар ҳамсоягии образҳои тоза тобишҳои нав гирифта, чунонки дар шеъри «Аҳсант ба одам» ҳаст, сангинии худро дарҳам мешикананд:

*Як моҳваше дар лаби дарёчаи кӯҳӣ*
*Аз об баромад,*
*Гӯё зи паси абри чу симоб сафеде*
*Маҳтоб баромад.*

Моҳваши назми классикӣ, ки сифатҳои заминиаш хеле кам монда буд, ҳаргиз дар ҳамсоягии ибораи дарёчаи кӯҳӣ, ки хоси назми классикӣ нест, намеомад ва зиёда аз ин аз об ҳам намебаромад. Ин ҳамсоягӣ ва амал моҳвашро аз зинаи рамзии худ поинтар фароварда, ба он хусусияти заминӣ мебахшад. Тимсоли ин духтар дар айни зебою дилфиреб ва ҳатто ба андозае идеалӣ буданаш маҳсусу реалӣ ҳам ба назар мерасад.

Дар маҷмӯаи «Ситораҳои замин» - и М. Қаноат санъати тасвиркорӣ бисёр истифода шудааст ва ҳақ бар ҷониби М. Шукуров аст, ки: «Ҳар як шеъри ин силсила як портрет аст ва ҳар кадоми ин портретҳо ба тарзи дигаре тасвир ёфтааст» - гӯён ин хусусияти силсиларо қайд мекунад.

Тасвиркориҳои М. Қаноат ҳаргиз ба хотири тасвири маҳз набуда, барои ифодаи суратноки ғояи шеър хизмат мекунанд, ки бо тарзҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд.

Баъзан ғояи шеър бевосита дар худи тасвир ифода шавад (чунонки дар шеъри «Хоҳари Куба» ҳаст), гоҳи дигар шоир онро бо байт ва ё мисрае таъкид мекунад. Ин ҳолат дар шеърҳои «Расми нотамом» ва «Аҳсант ба одам» мушоҳида мешавад. Дар шеъри «Аҳсант ба одам» ҳамсонии зебоии одам бо олами воқеъ ва табиат таъкид шуда, андоми одам ҳамчунонки дар ҳунари ҳайкалтарошии юнониёни қадим буд, меъёри зебоии сурат ва сират аст. Ин сурати зебо дар ҳақиқат офаринест ба мӯъҷизаи табиат ва зебоии инсон, ки ба зебоии ботин талқин мекунад:

*Аз ҳар сари мӯи сияҳаш рехт ба пояш –*
*Ҳамчун дури ғалтон –*
*Сад қатраи тобандаи дарёчаи кӯҳӣ –*
*Сад қатраи рахшон.*
*Бо ин ҳама хубию бузургӣ шуда тасвир*
*Дар қатраи обе.*
*Метофт ҳамон қатра ба рухсораи покаш*
*Бо ранги гулобӣ.*
*Эй пайкари покиза чу як қатраи обе,*
*Эй зебиши олам!*
*Бо он, ки туро зода, парӣ ном нагодаст,*
*Аҳсант ба одам!*

Ғояи ин гуна тасвирҳо дар он аст, ки инсонро ба беҳтару хубтар ва ботинан зебо будан тарғиб мекунад. Ба ин муносибат суханони рассоми машҳури немис Г. Кремер ба ёд мерасанд: «Агар одам ба шумо маъқул шавад, шумо чӣ кор мекунед? - пурсиданд аз Г. Кремер.

- Ман портрети ӯро мекашам, - гуфт Г. Кремер – ва кӯшиш мекунам, ки вай ба он монанд бошад. – Чӣ? Портрет? – Не, - гуфт Г. Кремер, - одам!»[107].

Хусусияти дигари тасвиркории М. Қаноат дар он аст, ки вай дар баробари нигоштани тасвири қаҳрамон ботини ӯро ҳам аён менамояд, ки мисолаш шеъри «Хоҳари Куба» мебошад. Дар ин гуна тасвир, ки дар ин шеър ҳаст, зебоии зоҳиру ботин тавъам ба назар мерасад. Ин ҷо тазоди ашё ва эҳсосот, ҳолати ботин ва зоҳир ҷой дорад, ки симои духтари муборизро пеши назар меоварад ва дар дил ҷой медиҳад.

*Духтаре дидем аз фавҷи Кариб,*
*Мавҷҳои мӯй чун мавҷи Кариб.*
*Рӯй – нозуктар зи гулҳои саҳар,*
*Азм – аз фӯлоду оҳан сахттар!*

Чун гулҳои саҳар нозук будани рӯи ӯ сифати зоҳирӣ ва аз фӯлоду оҳан сахттар будани азм хусусияти ботинии ӯст.

*Аз ду чашми хонаи меҳраш ҳамон,*
*Шӯълаҳои хашм мегардад аён.*
*Хандаи ӯ бо ғазаб омехта,*
*Автомат дар пеши бар овехта,*
*Ҷанг дорад, ҷанг дар як пайкаре*
*Ин силоҳи сарду меҳри модарӣ.*

---

[107] И. Фрадкин. Бертольд Брехт. Изд-во «Наука», М., 1965, стр. 230.

Хандаи бо ғазаб омехтаи ӯ вазъи ботини ӯро ифода карда, автомати пеши бар овехтаи ӯ тақозои дилу нияти ӯст, ки сурати зоҳири ӯро пурра менамояд. Ҳамин гуна тазод миёни силоҳи сард ва меҳри модарӣ низ вуҷуд дорад. Ин тасвири дутарафа, ки ҳам барои кашидани сурати зоҳир ва ҳам барои аён намудани ботини қаҳрамон мувофиқ мебошад, мақсадро хеле мухтасар ва дар айни ҳол мӯъҷазу табиӣ баён менамояд. Ҷузъиёти тасвир, ки бори инъикоси ботини қаҳрамонро бар дӯш дорад, аз сифатчинӣ ва тавсифи маҳз иборат набуда, чунонки аксаран дар портретҳои қаҳрамонҳои назми солҳои ҷанг ва аввали солҳои панҷоҳ буд, балки барои ба тасвир кашидани симои мукаммали духтари Куба ва эҳсосоти қалбии ӯ, ки дар ҷӯш аз муҳаббати Ватан ва бегона аз хомӯшию оромист, хидмат мекунад.

Дар бисёр шеърҳои М. Қаноат тасвир бо ҳаракату амалиёти қаҳрамон якҷоя кашида мешавад. Дар онҳо диққати асосӣ ба ҳаракат ва ҳар лаҳза дигаргун шудани авзои қаҳрамон ҷалб шуда, образ ба воситаи тасвири амалиёте, ки қаҳрамон хислатҳои худро фаъолона аён менамояд, ба қалам оварда мешавад. Баъзан тасвири ин амалиёту ҳаракат ба хусусияти образҳои мусаввар наздик аст ва ҳар як ҳаракат ба як штрихи мусавварона шабоҳат пайдо мекунад. Дар шеърҳои «Мавҷи суруд», «Мавҷи ханда» аз достони лирикии «Мавҷҳои Днепр» ва шеърҳои «Об мехӯрад», «Нарав, қуи сафеди ман» тасвир ҳамин гуна хусусият дорад. Бунёди тасвир дар шеъри «Нарав, қуи сафеди ман», ки ҳамонандӣ бо балети «Кӯли қувон»-и П. Чайковский дорад ва ба раққосаи ин балет Малика Собирова бахшида шудааст, асосан бар идроки басарист. Аммо ҳаракатҳои раққоса, бо ғалаёни ҳиссиёти ӯ, якҷоя ба қалам дода мешавад.

*Навоҳо об мегардад,*
*Ба рӯи саҳна мерезад,*
*Садо аз мавҷҳои реза мехезад.*
*Ба нармӣ қуи зебое*
*Ба рӯи мавҷ обӣ шуд,*
*Ба пояш зарраҳо ҳавзи гулобӣ шуд.*
*Гаҳе аз нармрафторӣ,*
*Гули дар об мегардад,*
*Гаҳе дар гирди худ гирдоб мегардад.*
*Гаҳе аз ишқ меболад,*
*Гаҳе хомӯш менолад,*
*Чӣ хомӯшӣ, ки ҳар мӯяш забон дорад!*

Ин навъ тасвирҳо аксаран ҳамчун воситаи мустақили бадеӣ амал накарда, барои ифодаи равшани мундариҷаи шеър хидмати ёрирасониро ба ҷо меоранд. Дар шеъри «Мавҷи суруд» ба ин вазифа омадани тасвири сурат ва ҳаракатҳои духтараки лирадаст, махсусан, аён аст:

*Дар канори рӯд*
*ёри лирадастам об кард,*
*Нағмаро дар тоб оварду*
*маро бетоб кард.*
*Чанг мезад бо ҳалимӣ*
*торҳои созро,*
*Бо имое мебаровард*
*аз тилисм овозро.*
*Аз миёни торҳои лира*
*дидам рӯи ӯ,*

*Мӯи мушкин, чашми нилин*
*ҳолаи абрӯи ӯ.*
*Буд тори лира,*
*ё худ тораи гесуи ӯ,*
*Ки саропо соз шуд,*
*дил рафт дар паҳлуи ӯ.*

Чунонки мебинем, дар эҷодиёти М. Қаноат тасвиркорӣ ба як навъ нест. Дар он ҳам портрет, ки бештар симои шахсро дар оромӣ, дар як ҳолати бетағйир нигориш мекунад («Расми нотамом», «Аҳсант ба одам») ва манзараи ташхисшуда («Пири гулфурӯшон»), ки аз рӯи хусусияти худ ба тасвири боло шабоҳат дорад ва ҳамчунин тасвири инсон ҳангоми амалиёту ҳаракат, ки равиши кинолентаро ба хотир меорад, дар шеърҳои «Нарав, қуи сафеди ман», «Мавҷи суруд» ба чашм мерасад.

Тасвиркорӣ дар эҷдиёти М. Қаноат бештар хусусияти завқию ҳиссиётпарварӣ дошта, барои бо сухан инъикос намудани зебоӣ истифода мешавад, ки намунаҳои беҳтарини он тасвири сурат ва ҳамзамон сирати зеборо низ дар назар дорад.

Ривоҷи тасвиркорӣ дар эҷодиёти М. Қаноат ба хусусияти идрок ва сабки шоиронаи ӯ вобастааст. Ӯ ҳангоми тасвири ашё, образ, амалиёту ҳодисаҳо мекӯшад, ки онҳоро ба қадри имкон пурра ба қалам орад. Дар натиҷа диққати ӯ мутамарказ шуда, воситаҳои тасвир, ташбеҳу истиораҳои ӯ низ ба образи тасвиршаванда бештар қаробат пайдо мекунанд. Дар ашъори ӯ як образ асосан аз образи дигар бармеояд. Ин яке аз он сабабҳои асосиест, ки тасвиркорӣ дар М. Қаноат ба сабки эҷодӣ ва идроки шоиронаи ӯ омехта аст.

Ин давоми ҷустуҷӯҳои А. Лоҳутӣ, Пайрав, Ҳабиб Юсуфӣ барин шоиронанд, ки дар марҳалаи дигари адабӣ сурат мегирад. Дар осори нимаи аввали асри бистум дар шеъри муосири тоҷик тасвирҳои бомаҳорат мавҷуданд, вале дар онҳо қобилияти ғунҷоиши маъно ба дараҷаи имрӯза нест. Ин суханҳо чунин маъно надоранд, ки қобилияти он шоирон дар тасвир аз шоирони имрӯза камтар буд, балки масъала дар он аст, ки онҳо аз тасвир талаботи дигар доштанд. Кӯшиши онҳо дар роҳи мустақилӣ ва пурмаъноии тасвир қадамҳои нахустин буд, ки барои аз якрангӣ ва фақат воситаи ёрирасон будан, халос кардани тасвир, ки дар назми классикиамон ҷой дошт, гузошта мешуд. Тасвир ба маънои васеъаш тасвири табиат, портрети инсон, амалиёт дар назми классикиамон мавқеи муҳиме надошт. Тасвири табиат ва инсон, махсусан, дар тағаззулоти қасида ва достонҳо мавқеъ дошта бошад ҳам, дар жанрҳои лирикӣ, аз ҷумла ғазал, дар таркиббанд, тарҷеъбанд, мухаммас, рубоӣ ва монанди инҳо ба он мавқее, ки дар тағаззулоти қасида ва достонҳо дорад, соҳиб набуд. Тасвиркорӣ дар ғазал аз он сабаб маҳдуд буд, ки ба он талаботи шакли ғазал имкони васеъ намедод. Ҳар байти ғазал, чунонки медонем, дар ҷараёни такомули жанр мустақилтар шудан гирифт ва аз ин рӯ, тасвир, ки бештар сухани давомдорро талаб дорад, дар шакли ғазал озодона ривоҷ гирифта наметавонист. Бо вуҷуди ин, мо дар баъзе ғазалҳо тасвирҳои давомдорро пайдо мекунем. Масалан, дар ин ғазали Ҳофиз:

*Зулф ошуфтаву хай кардаву хандон лабу маст,*
*Пираҳан чоку ғазалхону суроҳӣ дар даст,*
*Наргисаш арбадаҷӯю лабаш афсӯскунон,*
*Ними шаб, дӯш ба болини ман омад, биншаст.*
*Сар фаро гӯши ман оварду ба овози ҳазин*
*Гуфт: К-эй ошиқи деринаи ман, хобат ҳаст?*

Аз ин байтҳои Ҳофиз тасвири маъшуқи ошуфтамӯ, ки дар сар кайфияти шароб дорад, пеши назар меояд. Агар нек назар кунем, мебинем, ки барои нигориши чунин тасвир Ҳофиз яке аз қоидаҳои асосии ғазалро, ки кашол ёфтани маънии як байтро дар байти дигар иҷозат намедод, ба эътибор нагирифтааст. Ин ҳолат на фақат дар эҷодиёти Ҳофиз, балки дар ашъори дигарон ҳам хеле кам вомехӯрад ва имкон намедиҳад, ки мо аз ин ҳодиса хулосаи умумӣ барорем.

Мавқеи тасвир дар эҷодиёти ҳамаи шоирони муосир ҳам ба як дараҷа нест, вале дар ашъори онҳое ҳам, ки доираи истифодаи он як қадар маҳдуд аст, мазмуне, ки дар тасвирҳо ифода мешавад, ҳаргиз ночизу камаҳамият намебошад. Аз ин ҷиҳат тасвирҳои Ғаффор Мирзо ҳам ҷолиби диққатанд.

Тасвирҳои ӯ аксаран даъвои нигориши зебоӣ надоранд ва ба воқеият ва шайъи тасвир бештар айният дошта, аз ҷиҳати маънӣ амиқанд. Ӯ барои дар тасвири одӣ гунҷонидани маънои амиқ мекӯшад ва аз ҳамин сабаб бисёри ташбеҳу истиораҳои ӯ тавсифӣ набуда, монандии шайъро ифода мекунанд. Гирем, шеъри «Афсонаҳои сангӣ»-и ӯро:

*Дар Россия батамкину тартиб,*
*Дашт аз пушти дашт гардад сар,*
*Лек дар хоки тоҷикон ҳар кӯҳ*
*Бетакаллуф савори кӯҳи дигар.*

*...Мана аз қалби паҳлавон кӯҳе,*
*Оби одии чашма мешорад,*
*Лек дар нури лолагуни шафақ,*
*Хуни дилро ба ёд меорад.*

Чунонки ба назар мерасад, шоир ба оби чашма, на фақат тавсиф намеҷӯяд, зиёда аз ин одӣ будани онро таъкид мекунад. Таъсирбахшӣ ва хотирнишинии манзара ба воситаи дигар ба даст меояд. «Оби одии чашма» дар лаҳзаи дигар дида мешавад, ки сифат, хусусият, рангаш бештар намудор мегардад ва «дар нури лолагуни шафақ» ба «хуни дил» шабоҳат пайдо карда, ба ҷуз хизмати тасвирро ба ҷо оварданаш бори ифодаи маъниро низ мекашад ва ишорае ба гузаштаи халқи тоҷик ва хун гиристанҳои ӯ мешавад. Воситаҳои тасвир ҳаддалимкон барои ифодаи маънӣ хизмат мекунанд. Масалан, дар ин банд ҳам:

*Он тарафтар, ба кӯҳи мӯҳташаме*
*Кӯҳпора намуда пинҳон сар.*
*Ҳамчу тифли давида аз тарсаш,*
*Гашта ҷогаҳ ба синаи модар...*

Ҷиҳати тасвирии образ Ғаффор Мирзоро он қадар ба худ машғул намедорад, ӯ ба афзоиши гунҷоиши маънoии он кӯшида, ҳамон воситаҳои тасвирро интихоб мекунад, ки монандии онҳо на фақат зоҳирӣ, балки бештар маъноӣ бошад:

*Ҳар яки он фасонаи сангист,*
*Ровии сангии қадиме ҳаст,*
*Бо аҷибу ғариб(?) шамоили худ*
*Ҳарфи тасвирии азиме ҳаст.*

Дар шеърҳои «Ду ҳайкал» ва «Маҷнунбед» ҳам тасвир ҳамин гуна хусусият дорад.

Афзудани моҳияти маъноии тасвир, бешубҳа, мавқеи онро дар суратгарӣ маҳдуд мекунад. Аз ҳамин сабаб дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо тасвир яклухт ва ё паиҳам набуда, гӯё канда-канда, ҷо-ҷо ба назар мерасад. Ин зовияҳои миёни тасвир, ки маъмулан дар он ташбеҳ ва ё тавсиф қарор мегиранд, моҳияти маъноии тасвирро таъкид карда, тасвирро мушаххас мекунанд:

*Он тарафтар, ба кӯҳи мӯҳташаме*
*Кӯҳпора намуда пинҳон сар.*

Бо ҳамин гӯё шоир лаҳзае аз мусаввирӣ даст мекашад ва ба ин тасвир монандие меҷӯяд, ки бештар ба моҳияти он алоқаманд аст:

*Ҳамчу тифле давида аз тарсаш*
*Гашта ҷогаҳ ба синаи модар.*

Асоси шайъии шеъри «Шаршараи Восеъ» бар тасвири шаршара аст. Дар миёнаҳои тасвир шаршара мушаххас мешавад. Ин мушаххасӣ, ки ба воситаи ташбеҳ ва адоти он «ҳамчун» сурат гирифтааст, аён ба назар мерасад. Ин аломати шаклист, вале аз ҷиҳати маънӣ шаршара номаълум мушаххас мешавад. Шаршара барои ҷамъбасти бадеӣ ва гунҷоиши маънии фарох қобил гашта, ба рамзе мубаддал мешавад, ки меҳри Ватан, муҳаббати халқро ба фарзанди қаҳрамони худ ифода мекунад.

*Бар даҳони ғор, поёни дара,*
*Мефарояд паҳну суфта шаршара.*
*Пардаи оби табиат бофтаст,*
*Ҳамчу модар бар дараш партофтаст,*
*Ғорро то ҳифз аз чашмон кунад,*
*Қаҳрамон фарзандро пинҳон кунад.*

Бешубҳа, гунҷоиши маънавии ин тасвир ва образ танҳо аз ҳамин гуфтаҳои боло иборат набуда, амиқ ва доманадортар аст.

Ин ду тарзи тасвир, яъне тасвири статикӣ ва динамикӣ (беҳаракат ва дар ҳаракат), ки дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат ва Ғаффор Мирзо ҷой дорад, аз беҳтарин анвои тасвир дар шеър аст.

Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки тасвиркорӣ дар нигориши табиат, портрети инсон, офаридани манзарҳои ором ва дар ҳаракат барои ба қалам овардани ҳолати ботинии инсон истифода гашта, барои ифодаи амиқ ва суратноки мазмуну мундариҷаи шеър хидмат мекунад.

* * *

Инкишоф ва пурсарватии шакли бадеӣ дар адабиёт ба бузургию пураҳамиятии мундариҷа, ҷустуҷӯю бозёфтҳо, воситаҳои тозаи ифодаю тасвир ва маъниҳои амиқ вобаста аст. Таърихи адабиёт ва шеъри бисёрасраи тоҷик аз ҷараёни доимӣ, силсилаи таҷрибаю навовариҳо иборат буда, дар ҳар аср ба анъанаҳои мавҷуда чизи тозае зам мекардааст. Ин ҷараён дар қарни XX, махсусан, дар солҳои 60-ум қувват гирифта, талабот ба интихоби дурусти калима ва ба кор андохтани тобишҳои гуногуни он ба ҳар воҳиди луғавӣ, алоқадри ҳол баробар тақсим кардани маънӣ аҳамияти шакли бадеиро дар гунҷоиши мундариҷа меафзояд. Истифодаи «тавсифҳои бетараф», ки шеър аз онҳо бурде дар ифодаи маънӣ ва эҳсосот намекунад, торафт кам мешавад. Ин хусусияти шеъри муосир, ки алоқа ва ҳамбастагии мантиқию луғавии калима бо шайъи тасвир ном дорад, барои амиқтар реша давондани услуби тасвири реалистӣ мусоидат

менамояд. Ин хусусият тасаввуроти доманадорро, ки сухан ва образ дар шеър ба вуҷуд меоранд, ҳаргиз коста ва ё ночиз намесозад. Бо дигаргун кардани муносибатҳои шартию анъанавии калима бо образ бори маънии калима меафзояд. Калима аз банди таркиби муқаррарӣ озод шуда, бо тобиши маъноии тозае ба ҷилва меояд.

Бозёфтҳои ғоявию бадеӣ, мундариҷа ва бофти шоирона имрӯз услубҳои мухталифро ба ҳам омехта, барои ташаккули образофарии тоза, ифода ва услуби наве дар шеър роҳ мекушояд. Бинобар ин вазъияти аслии шеъри муосирро танҳо бо таҳлили пайвастаи ғоя ва мундариҷа, биниш ва бофти шоирона, вожа ва образ, забон ва услуб муайян метавон карду бас. Вале, мутаассифона, дар бисёр тадқиқоте, ки ба шеъри имрӯз бахшида мешаванд, ин масъалаҳои муҳим сатҳӣ аз назар мегузаранд ва ё аз тангназарӣ бо омӯзиши танҳо маҷозу истиора, ташбеҳу тавсиф, ё тазоду муқобала иктифо мешаваду бас.

Бешубҳа, таҳлилу тадқиқи ин суннатҳо низ барои муайян намудани авзои шеъри имрӯз аҳамиятнок аст. Вале арсаи таҳлил ва омӯзиши шеърро ба тадқиқи андаке луғат, ибораю тавсиф маҳдуд карда, дигар воситаҳои сухани шоиронаро аз мадди назар дур намудан низ аломати паҳноварии доманаи таҳлил ва амиқии андеша нест.

Ҳангоми таҳқиқи забону услуб ва образи осори бадеӣ зарур аст, ки гуногунтарин воситаҳои сухани шоирона, аз ҷумла, хусусият ва намудҳои тасвири бадеӣ, интихоби вожаву ибора, тобишҳои маъноии онҳо, таъсири ҳиссӣ ва табу тоби ифода, ташаккули рамз ва маҷозу истиораро дар пайвастагӣ бо ғояи бадеии асар ба назари таҳлил гирифта шавад. Образҳои тоза ва ё ифодаҳои гуногунранги шоирона дар асоси истифодаи маҳоратноки захираи луғавии забон, яъне воҳиди маъникаш – калимаву ибораҳо ба вуҷуд омада, ба адабиёт дохил мешаванд. Калима дар матн ба ҷуз мафҳуми аслии худ боз мафҳумҳоеро ифода карда метавонад, ки онҳоро тобишҳои маъноӣ меноманд. Вале имкони маънирасонӣ ва суратгарии калима бо ҳамин маҳдуд нашуда, он баъзан барои ифодаи мафҳумҳое, ки дар мафҳуми аслӣ ва тобишҳои маъноии он мавҷуд нест, ба истифода меравад. Вақте ки калима барои ифодаи мафҳуми ғайрилуғавии худ меояд, он ягона ва нотакрор буда, он мафҳуми тозаро танҳо дар ҳамон матн ифода мекунаду бас. Ин дар асари бадеӣ маҳсули тафаккур ва тахайюлоти фардии адиб мебошад, ки дарёфти шоиронаи ӯ ҳисобида мешавад. Ин усул дар назми муосири тоҷик, махсусан, дар шеърҳои лирикии ишқӣ, фалсафӣ ва шеърҳое, ки ҷанбаи онон бар ҳодисаҳо ва ё ҳиссиёти фоҷианок аст, бештар ба назар мерасад. Дар шеърҳои лирикии ишқии Мирзо Турсунзодаю Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноату Ғаффор Мирзо, Лоиқу Қутбӣ Киром ва Бозор Собиру Гулназар торафт доман паҳн кардани ин усулро мушоҳида мекунем.

Махсусан, Шукӯҳӣ дар лирикаи ишқии худ онро хеле ривоҷ дод. Вай ошиқонаҳои худро аз баёни рӯирости ҳиссиёт, ки бештар ба воситаҳои обшуста адо карда мешуд, дур гирифт ва бо роҳи тозаи баёни эҳсосот равона шуд. Дар бисёр шеърҳои давраи аввали эҷодиёти ӯ, аз ҷумла, дар «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш», «Кош бошад кӯчаҳо дуру дароз», «Ситорааш гарм» ҳамин тарзи ифода ҷой дорад. Дар шеъри «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш» ҳарчанд манзур тасвири ҳиссиёти пурдарди ошиқ аст, аз арзи бевоситаи сӯзи ошиқ нишоне нест. Ҷойи арзи бевоситаи ҳиссиётро тасвири амалиёт, ҳаракат ва ҷузъияте гирифтаанд, ки ба ҷуз маънии аслии худ, барои ифодаи ҳиссиёте, ки дар шоир дар ғалаён аст, хизмат мекунанд:

*Ҳамон тавр аз даруни оби ҷӯбор,*
*Намоён аст акси он ситора,*
*Ки онро ту ба ман, биншаста ҳар бор,*
*Чу рамзи ишқ мекардӣ ишора.*

*Ба ёдат ҳаст оё як шаб ин ҷо*
*Чиҳо гуфтем мо ҳарду нишаста?*
*Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ ҷоно,*
*Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста.*

Дар ин шеър хотироте, ки дар ошиқ боқӣ мондааст ва ӯ онро гӯё бе ҳаяҷону эҳтиросоти баланд, балки оромона ба ёд меорад, баръакси чашмдошт ба ҳисси инсон бештар таъсир мекунад. Аз даруни об намоён будани акси ситора, ба шӯхӣ бо шохи райҳон ба рӯи ошиқ задани маҳбуба на танҳо барои барангехтани хотироти ошиқ, балки дар айни ҳол, барои ифодаи муҳаббати сӯзони ӯ хизмат кардаанд. Бо ҳамин усул дар зимни мафҳумҳои аёне, ки ифода гаштанд, ҷойгузин шудани маъниҳои дигаре, ки зодаи ҳиссиёти пурдарданд, ба даст омада, имкони суханро дар ифодаи маъною эҳсосот фарохтар мекунанд. Он ҳиссиёти рӯҳбахше, ки дар мақтаъ ҷой дорад, ба тамоми шеър як оҳанги умедворие бахшида, онро ба изҳори интизорӣ аз хушбахтии ошиқ бадал месозад:

*Маро обу ҳавои сарзаминам,*
*Ҳамеша мекунад шодона оғӯш,*
*Тамоми орзуҳо ҳамнишинам,*
*Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш!*

*Вазад шаббодае сӯям дамодам,*
*Ба ман меоварад як бӯи умед.*
*Бигардад ҳамчу мӯят бар сарам ҳам*
*Ба нозу ишва чавгони сияҳбед.*

Дар байти аввали ин иқтибос вазъи дар сарзамин доштаи ошиқ бо муносибати маҳбуба ба ӯ ба хотири таъкиди қаноатмандии худ аз зиндагӣ муқоиса карда мешавад, ки як андоза содалавҳона ва ноҷост, зеро онҳо ҷиҳатҳои мухталифи зиндагӣ буда, онҳоро ба ҳамдигар қиёс кардан норавост. Аммо бо сарфи назар кардани ин нукс, умуман, моҳияти услубии ин тарзи ифода дар он аст, ки ҳиссиёт бевосита баён нашуда, ба воситаи амалиёте, ҳаракат ва ё шайъе, ки метавонад ба ҷуз мафҳуми аслии худ барои ифодаи мафҳуми дигаре низ қобил бошад, адо карда мешавад. Ин тарзи ифода дар шеърҳои минбаъдаи Шукӯҳӣ, аз ҷумла, дар шеърҳои «Гирифтам як шабе дасташ ба дастам», «Фасли гулшукуфт», «То ҳамон вақте ки рахшад офтоб», «Шаб» ва як силсила шеърҳои дигари ӯ боз ҳам сайқал ёфта, суфтатар мешавад. Дар ҳамин асос гуфта метавонем, ки «услуби тозаи ишқиясароӣ, пеш аз ҳама, дар эҷодиёти Шукӯҳӣ ва баъзе ҳамсолони ӯ бештар муваффақият пайдо кард»[108].

Дар баёни бавоситаи ҳиссиёт бисёр санъатҳои шеърӣ – рамз, маҷоз, киноя, истиора ва монанди инҳо истифода мешаванд. Чунонки Муҳаммадҷон Шукуров қайд кардааст, дар шеъри «Гирифтам як шабе дасташ ба дастам»-и Шукӯҳӣ санъати параллелизми (муқоиса) фолклор барои ба як тарзи тозае ифода кардани ҳиссиёт кӯмак расондааст:

*Баҳор омад, зи куҳсор об омад,*
*Ба болои сарам маҳтоб омад,*
*Ситора мезанад чашмак ба сӯям,*

[108] М. Шукуров. Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он. Дар маҷмӯаи «Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик», саҳ. 204.

*Ки рав бар хона, вақти хоб омад.*

*Маро аммо нигоре об кардаст,*
*Рухамро зард чун маҳтоб кардаст.*
*Чаро дар гирди кӯи ӯ нагардам?*
*Маро ишқаш чунин бехоб кардаст.*

Банди аввали шеър ишорае ба ҳолати ботинии қаҳрамони лирикист: «Ситора мезанад чашмак ба сӯям, Ки рав бар хона, вақти хоб омад» - тару тоза менамояд. Вале банди дуюм, ки гӯё ҷавоби банди болоист ва «аҳволи қаҳрамон»-ро пеши назар меорад, ба андозае мақсадро беобуранг ва рӯирост баён мекунад, ки таъсири ҳиссии шеърро коҳондааст. Вале шоир ҳис мекунад, ки шеърро бо ҳамин оҳанг давом диҳад, ҳамон таъсири ҳиссиеро, ки ба вуҷуд оварда буд, аз даст медиҳад ва аз ҳамин сабаб дар банди охири шеър усули тасвирро моҳирона ба шакли аввала бозмегардонад:

*Гирифтам як шабе дасташ ба дастам,*
*Сари сарчашмае рафтам, нишастам,*
*Зи бӯи ҳулбаи кӯҳӣ насиме*
*Намуд имшаб аҷаб масти аластам.*

Ифодаи бавоситаи эҳсосот яке аз омилҳоест, ки тасвири ҳиссиётро аз якрангию якнавохтӣ халос карда, ба он ҳаррангӣ мебахшад ва барои тозакориҳо дар тариқи баён имкон фароҳам меорад. Азбаски ҷаҳони шайъ ва амалиёту ҳаракат ниҳоят фароху беҳудуд ва гуногун аст, он барои ифодаи ҳарранги ҳиссиёт ҳамон қадар тарзҳои мухталифро дода метавонад.

Дар шеъри Лоиқ «Оби Омӯ як замон мерехт дар баҳри Хазар» ҳам ифодаи ҳиссиёт асосан ба воситаи муқоиса (параллелизм) адо карда шудааст:

*Оби Омӯ як замон мерехт дар баҳри Хазар,*
*Як замон аз назди ҳавлии ту мекардам гузар.*

Дар ин байт ҳарфе аз ишқи гузаштаи ноком нест. Сухани шоир ороми ҳикоятист. Вале дар зимни ин оромӣ ҳиссиёти пурзӯре шӯриш дорад. Зарфи «як замон» ва дар замони гузаштаи ҳикоятӣ омадани хабар ва зиёда аз ин мазмуни мисраъ ба бахри Хазар рехтани оби Омӯ, ки ҳоло аз он танҳо дар сарчашмаҳои қадима ёде боқӣ мондаасту бас, ҳиссеро ба миён меорад, ки пеш аз вуқӯи ҳолати ногувор пайдо мешавад: Оби Ому як замон мерехт дар баҳри Хазар – ва мисраи дуюм ҳам ба ҳамон шаклу оҳанг ҳолати аввалро ба аҳволи қаҳрамони лирикӣ муқоиса мекунад. Як ишора ба монандии ин ду ҳолат, ки ба воситаи «як замон» таъмин шудааст, барои оғози изҳори лирикӣ ва бебозгаштии давраи муҳаббат замина мегузорад. Ин мисраъ барои ба вуҷуд овардани саҳнаи инкишофи драмаи лирикӣ асос мешавад ва ҳамон лаҳза пас аз ин мисраъ гузариши қатъӣ ба баёни драматикии эҳсосот рӯй медиҳад, ки ин на танҳо дар тарзи баён дигаргунӣ меоварад, балки оҳанги шеърро ҳам тағйир дода, мисраъҳоро мешиканад:

*Ман ҷавони сода будам,*
*Бо ту ман дил дода будам,*

Ангезиши драматикӣ баёни ҳиссиётро аз замони гузаштаи дур ба гузаштаи наздик меорад:

*Дер шуд,*

*Ман аз муҳаббат дер мондам.*

Тазоди ҳиссиёт дар воқеоти минбаъда– гузаштани бахти фиребо, боз кардани дар, то кунун мунтазирӣ – шадидтар шуда, барои нишон додани бенатиҷагии кӯшиши қаҳрамони лирикӣ замина тайёр мекунад:

*Лек моҳии тило як бор меояд ба шаст,*
*Оҳ, ман сайёди навомӯз будам,*
*Ман ба сайди бастапо дилсӯз будам,*
*Моҳии заррин фитоду чанги зарринам шикаст.*

Моҳии тило акнун ҳамчун рамзи муҳаббати қаҳрамони лирикӣ шинохта мешавад. Шикастани чанги заррин аз бебозгаштии он шаҳодат медиҳад. Воқеае, ки бояд ғампарварии муҳаббати нокомро нишон медод, ба охир мерасад. Вале қаҳрамони лирикӣ гӯё ба хаёл меравад ва бори дигар ба он лаҳза бозмегардад. Аз сари нав ҷузъиёти воқеае, ки барои баёни таъсирбахштари ин ҳиссиёт қобиланд, ба хотир оварда мешаванд. Онҳо паи ҳам номбар гашта, ба рӯҳияи қаҳрамони лирикӣ мувофиқанд:

*Чашми ту чун чашми гулмоҳӣ ба ёдам мерасад,*
*Дасти ту мелағжад аз дастам чу моҳӣ аз кафам,*
*Ту зи ман рафтӣ ба дарё,*
*Бе ту мондам ман ба хушкӣ,*
*Аз ту рафтам, оқибат аз хештан ҳам меравам.*

Агар дар ин шеър барои ифодаи бавоситаи ҳиссиёт воқеа ва образҳои дорои хусусияти романтикӣ интихоб шуда, баён ҳам андаке рангу бори романтикӣ дошта бошад, дар шеъри «Ақрабакҳои соат» ҳамин усул дар заминаи воқеӣ ва образҳои реалистӣ ба ҷо оварда шудааст.

*Ақрабакҳои соати дастат*
*Соате баъд рӯ ба рӯ оянд.*
*Баъди саргаштагии кӯтоҳе*
*Боз оянду роз бикшоянд.*

*Ақрабакҳо чу рӯи ҳам оянд,*
*Аз ҳасад гӯӣ(?) бо дили афгор:*
*Ҳаҷри онҳо чи қадр кӯтоҳ аст,*
*Мерасад баъди соате дидор.*

Аз номи ҳамсуҳбати лирикӣ сухан рондани шоир ва аз забони ӯ баён кардани ҳиссиёт низ гувоҳи ифодаи бавосита аст. Хусусияти услубии ин тарзи тасвир дар он аст, ки пеш аз ҳиссиёти ифодашаванда аз воқеае, ки қиёси он шуда метавонад, сухан меравад. Ҳамсуҳбати лирикӣ ба рӯи ҳам омадани ақрабакҳои соатро, ки ҳаракати воқеист, назора мекунад ва ин дар аёни ҳол воситаест, ки хидмати баёни эҳсосоти ӯро ба ҷо меорад. Кӯтоҳии ҳаҷри ақрабакҳо тазоди вазъи ботинии ҳамсуҳбати лирикист.

Ин тазоди бавосита таъсирбахшии ҳолати ҳамсуҳбати лирикиро меафзояд. Дар бандҳои ояндаи шеър ҳам ҷое, ки сухан аз ҳиссиёти ҳамсуҳбати лирикӣ меравад, баён аз забони қаҳрамони лирикӣ буда, ҳолати ҳамсуҳбати лирикӣ танҳо ба воситаи амали ӯ баён мешавад.

*Бишмарӣ ҳар дақиқаро хомӯш,*
*Бишмарӣ рафтани ҷавониро.*
*Бишмарию биёварӣ бар ёд*
*Тарҳи симои навҷавонеро.*

Ҳамсуҳбати лирикӣ на фақат аз ҳиссиёти худ ниҳоят кам сухан мекунад, балки дар барои оне, ки бо ӯ замоне пайванди муҳаббат дошт, чизе намегӯяд. Ин вазифаро қаҳрамони лирикӣ ба уҳда мегирад. Дар мақтаи шеър аз забони ҳамсуҳбати лирикӣ сабаби кӯтоҳии ҳаҷри ақрабакҳо баён мешавад, ки сабаби ҷудоии дуи онҳоро бо тазод низ аён мекунад.

*Аз ҳасад гӯӣ(?) худ ба худ гоҳо*
*Ақрабакҳо чу рӯи ҳам оянд:*
*Ҳаҷрашон зуд бигзарад, зеро*
*Гирди як тир роҳ паймоянд...*

Ифодаи бавоситаи ҳиссиёт дар тасвири ҳодисаҳое, ки ҷанбаи драматикӣ доранд, ба таъсирангезии пурзӯре соҳиб аст. Дар ин қабил шеърҳо тасвири ҳиссиёт дар задухӯрд ва муқобилат амалӣ мешавад ва дар чунин ҳолати пуршиддат якбора ба ифодаи бавосита гузаштан, ки дар назари аввал миёни тариқи баёни пешина ва баъдина зовияе ба миён меорад, таъсири ҳиссии ифодаро меафзояд Аз чунин тарзи ифодаи бавоситаи ҳиссиёт Ғаффор Мирзо дар шеърҳои «Рӯҳи Восеъ», «Санъати ҷонбозию ҳусни нисор», Мӯъмин Қаноат дар «Достони оташ» (дар саҳнаи қатли муаллимаҳо) ва дар шеърҳои «Қатли Восеъ», «Хоби қаҳрамон», Лоиқ дар шеърҳои «Суруди хайрбод», «Сатрҳои нотамом» ва Қутбӣ Киром дар шеъри «Хаткашон» моҳирона истифода кардаанд. Дар шеъри «Суруди хайрбод»-и Лоиқ ин усули тасвир, махсусан, пуртаъсир ва ҳаяҷонангез аст.

Оғози шеър ҳикояи лирикии қаҳрамон аст. Баёни ҳиссиёти ҳоли ҳозири ӯ бо руҷӯъ шакл мегирад. Бандҳо дар тазоди ҳоло ҳозир ва оянда сохта мешаванд. Вале бо вуҷуди мухолифати ин лаҳзаи ҳозир боояндаи ӯ, оянда давоми маҳз ҳамин лаҳзаҳо дониста мешавад. Дар банди охири шеър тасвири саҳнаи видои қаҳрамон, ки оҳанги пуршӯре дорад, ба дараҷаи баланди ҳаяҷонангезӣ мерасад. Параллелизмҳои синтаксисӣ дар бандҳои болоӣ «меравам, меравам» ва дар банди охир «хайр, хайр, эй» ин саҳнаи видоъро пуршиддаттар мекунанд. Қаҳрамон бо гиромитарин шахсон, бо азизтарин ҳиссиёти софу поки худ хаёлан видоъ мегӯяд:

*Хайр, хайр, эй изтироби савти «Наврӯзи Аҷам»,*
*Хайр, эй чашмони чори модарам,*
*Хайр, эй ду миллаи марғуладори дилбарам –*

ва ногаҳон хатти баён мешиканад ва ба ҷои зикри бевосита чизи дигаре ба миён меояд, ки бо вуҷуди давоми мантиқии зикри боло набуданаш, дар таъсирбахшӣ аз онҳо ҳам қавитар буда, ҷамъбасти мантиқии онҳо мешавад:

*Ҷомаи домодии манро ту пӯш,*
*эй додарам!*

Агар шеъри Лоиқ «Суруди хайрбод» саҳнаи аз ҳад зиёд ҳиссиётангез бошад, ҳамчунон ҳолати драматикиро Мӯъмин Қаноат дар «Қатли Восеъ» бештар оромона ва зоҳиран осуда тасвир мекунад. Сухани ӯ ҳатто дар лаҳзаи фоҷианоктарин – аз зери пои Васеъ гирифтани

кунда – гӯё аз равиши пешинаи худ берун намеояд. Вале ин бетафсилӣ, ин мухтасаркунии давомоти ҳодиса, таъсири ҳиссӣ ва ҳаяҷонбахшии шеърро накоста, пурзӯртар менамояд. Дар оғоз саҳнаи инкишофи воқеа тасвир мешавад:

*Қаср.*
*Ишратгоҳи тобистони шоҳ,*
*Ҷои қатли «осиён»-и бегуноҳ.*
*Мир бо асҳоб дар айвони арк,*
*Бандагони мир дар майдони арк.*

Чунонки ба назар мерасад, тасвир хеле мухтасар аст. Фоҷиавияти лаҳза иборапардозиро намепарварад ва мухтасарии сухан низ ҷиддияти лаҳзаро таъкид мекунад. Ашёи номбаршуда қаср, шоҳ, мир, асҳоб, айвон, арк, бандагон, майдон ба ҷуз аз «осиён» ҳеҷ кадоме тавсиф ва ё муайянкунандае надоранд. Тасвири дор ҳам ҳамин гуна аст:

*Дар миёни дор,*
*Восеъ пои дор. –*

ва фақат дар нигориши Восеъ ташбеҳе раво дида мешавад:

*Ҳамчу кӯҳи Балҷувонаш устувор.*

Шоир дар инъикоси ҳолат ва воқеа на танҳо аз истифодаи тавсиф даст мекашад, балки барои баёни мухтасартарин аз тасвири паиҳами ҳодиса низ худдорӣ мекунад. Танҳо мақсади таъкиди ягонагии қаҳрамон бо халқу диёраш водор созад, ки шоир дар ду мисраи шеър як лаҳза тасвирро давомдор намояд, ҳол он ки як ҳолати фавқулода, ки дар натиҷаи иғроқ, сохта шудааст, ҳамчунон орому батамкин тасвир мешавад:

*Хокро бӯсид, сарро аз замин*
*Кард боло, хӯрд бар чархи барин.*
*Кӯҳ ин фурсат ба ӯ ҳамроҳ шуд,*
*Дори шоҳон назди ӯ кӯтоҳ шуд...*
*Дар ғазаб омад аз ин мири ғазаб,*
*Гуфт аркон,*
*Гуфт майдон: «Воаҷаб!»*
*Аз сафи омода сарбози савор,*
*Ҳалқаро пайваст бо шохи чинор,*
*Банди(?)ро овард сӯи зиндадор,*
*Аз чинор омад яке бӯи диёр,*
*Аз диёр омад садои Гулизор.*

Шоир аз истифодаи калимаҳои дорои мафҳумҳои фоҷиавии аз қабили алвидоъ, хайр, меравам ва монанди инҳо даст кашида, бори маънӣ ва қувваи таъсирро бар инкишофи мантиқии ҳодиса вогузор кардааст, ки он вазифаи ангезиши ҳиссиро низ ба зиммаи худ гирифтааст. Низои фоҷиа низ ҳамчунин мухтасару ором ба қалам дода мешавад:

*Танг омад ҳалқа гирди гарданаш,*
*Танг омад дар бадан пироҳанаш,*
*Кунда аз зери ду пояш дур шуд,*

*Шаҳчиноре бо чиноре ҷӯр шуд...*

Ифодаи образноки анҷоми фоҷиа, ки дар мисраи

*Шаҳчиноре бо чиноре ҷӯр шуд... –*

омадааст ва махсусан, истиораи шаҳчинор аз Восеъ на танҳо марги сарбаландонаи қаҳрамони халқро ифода мекунад, балки баландии пояи ин қаҳрамонӣ ва пайванди қавии ӯро бо мардум ва диёраш бори дигар таъкид менамояд.

Шеъри «Хаткашон»-и Қутбӣ Киром аз муроҷиати ғамангези шоир ба хаткашон оғоз шуда, бо ҳамин рӯҳи ояндаи шеър ва доираи баҳси он аён мегардад. Аз оғози банди дуюм ба хаткашон вобаста будани хотироти пуралами шоир маълум мешавад ва усули ривоятӣ оҳанги драмавӣ гирифта, барои муборизаи ҳиссиёти мухталиф замина фароҳам меоварад:

*Дерест дар суроғи ту овора гаштаам,*
*Аз баҳри он гуноҳи ту кайҳо гузаштаам.*
*Хоҳам, ки тез бинамат, аз худ гузар кунам.*
*Он нолаҳои кӯҳнаи барбодрафтаро*
*Дубора сар кунам.*

Шоир ба хаткашон муроҷиат карда, хотироти гузаштаашро боз меорад ва аз ӯ суол мекунад. Вале ҷавоби хаткашон ба шоир барои муайян кардани мазмуни он лаҳзаҳо зарурат надорад. Дар ҷумлаи ҳолшарҳкунандаи банд чӣ гуна лаҳза будани он аён аст. Дар мисраи –

*Шуд сояи ту ногаҳон(?) аз остон падид –*

ҳам хаткашонро чун орандаи азобу уқубати ҷанг дарк кардани кӯдак ва ҳам нотавонии хаткашон дар чорасозии мушкилот ифода шудааст ва аз ҳамин сабаб дар банди охир:

*Бечора хаткашон,*
*Овора хаткашон,*
*Ҳоло ту дар куҷоию чун аст қисматат,*
*Чунӣ ту, нағмаи худӣ(?) ё сози нокасӣ?*
*Ҳар ҷо наӣ,*
*Ба ёди ман(?) чун нола мерасӣ –*

гуфтани шоир, аз як ҷиҳат, дилсӯзӣ ва меҳрубонии ӯро ба хаткашон ифода карда, аз ҷиҳати дигар, ӯро ҳамчун рамзи азобу шиканҷа ва бепадарии худу бешавҳар мондани модар медонад. Ин гуна дарк шудани хаткашон маҳсули идроки субъективии шоир мебошад, ки боиси афзудани зиддияти драмавӣ мегардад. Ин ҳама дар муроҷиати шоир:

*Чунӣ, ту нағмаи худӣ(?), ё сози нокасӣ,*
*Ҳар ҷо наӣ,*
*Ба ёди ман(?) чун нола мерасӣ. –*

ҷой шудааст. Иборахои «нағмаи худӣ» ё «сози нокасӣ», ки барои баёни маънии зиндагии хаткашон омадаанд, ба ҳам муқобил истода, барои шиддати зиддият кӯмак мекунанд.

Шояд зарурат дошта бошад, таъкид кунем, ки дар назми муосир, махсусан, дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат, Лоиқ ва Кутбӣ Кирому Бозор Собир афзудани ҷараёни драмавии баёни эҳсосот на танҳо ба як худи ифодаи бавоситаи ҳиссиёт ва дарки субъективии калимаҳою образҳо вобаста асту бас, ин ҷараён маҳсули ба ҳам наздик шудани ҷинсҳо ва анвои адабӣ буда, имрӯз фаъолона давом мекунад. Яке аз сифатҳои тоза, ки ҳоло дар лирика мавқеъ пайдо мекунад, пурқувват шудани ҷараёни драмавӣ мебошад.

Ин равия дар назми муосири тоҷик махсусан, дар эҷодиёти Лоиқ қавист. Профессор Шарифҷон Ҳусейнзода дар яке аз мақолаҳои худ ин хусусияти эҷодиёти Лоиқро қайд кардааст: «Дар шеъри Лоиқ кӯшиши баёни эҳсосоти драматизми одамӣ пай бурда мешавад». Оё ин «баёни эҳсосоти драматизми одамӣ» дар эҷодиёти Лоиқ аз кадом вақт ҷорӣ шуд ва ба чӣ гуна воситаҳо шакл мегирад, чӣ гуна аломатҳое дорад?

Ҷаҳони ашё ва олами эҳсос дар шуури шоиронаи ӯ одатан аз ду ҷиҳат, неку бад ва хайру шар инъикос мешавад. Ин хусусияти идроки воқеият дар эҷодиёти Лоиқ боиси инкишофи ҷараёни драматикӣ мегардад. Шеърҳои «Муҳаббати аввал», «Ҷавонӣ меравад», «Дар базм», «Сатрҳои нотамом» ва боз якчанд шеъри маҷмӯаи аввалини ӯ маҳсули ҳамин гуна идроканд. Дар ин шеърҳо ҳиссиёти мухталиф ва баҳамзидди ғаму шодӣ, умри ҷовидону марг, муҳаббату нафрат, садоқту хиёнат ба ҳамдигар мубориза мекунанд. Дар банди аввали шеъри «Дар базм» муборизаи ҳиссиёти мухталиф барои тасвири усули драматикӣ хеле созгор омадааст. Ҳаракат ва амали маъшуқа, ки ҳиссиёти саршори хурсандӣ ва шодии ӯро ифода мекунанд, дар қаҳрамони лирикӣ, баръакс, ғаму андӯҳ ва дар ҷони ӯ сӯзиш бедор месозанд. Ҳиссиёти маъшуқа ифода намешавад, онро танҳо аз ҳаракату амали ӯ пай бурдан мумкин аст. Дар тасвири қаҳрамони лирикӣ, баръакс, танҳо ифодаи ҳиссиёти ӯ ба кор бурда мешавад:

*Дар дили шаб ҷоми заррини кафи ёр*
*Медурахшиду диламро шод мекард.*
*Ҳарфҳои канда-канда, нозҳои дилбарона,*
*Мастӣ аз дидору аз май*
*Ҳастиямро бод мекард.*

*Ҳамчу шамшод аз вазиданҳои боди шӯхшанг*
*Печу тобе хӯрда ӯ арғушт мерафт.*
*Бо садои қарс-қарси панҷаҳои нозукаш*
*Ҷони ман ҳам аз сари ангушт мерафт.*

*Гоҳ чашмак мезаду бо як нигоҳаш мерасонд*
*Қиссаи ишқи ҷавониро ба ёд.*
*Дар дилам тӯфони баҳру нолаҳои бодро*
*Медамонду бар ниҳодам*
*Оташи ғам мениҳод.*

Тасвири доманадори рақси маъшуқа, аз як тараф, баёни мухтасари ҳиссиёти ошиқ, аз тарафи дигар, ба ҳам муқобил афтода, барои шиддати драматизм хизмат кардаанд. Дар шеъри «Шаби тӯй» ҳиссиёти ошиқе, ки дар шаби тӯйи арӯсии маҳбубааш иштирок дорад, асосан бар ҳиссиёти шодмонӣ ва авзои тӯйнишинони дигар, ки аз ҳоли дили ӯ бехабаранд, муқобил гузошта мешавад. Ҳамин гуна усули тасвир дар шеъри «Рӯи саҳна тарона мехондӣ» низ татбиқ шудааст. Ин гуна драматизм, ки аз тазоди амал ва ҳиссиёти маъшуқа бар таассурот ва ҳиссиёти

қаҳрамони лирикӣ ба даст оварда мешавад, дар шеърҳои «Паймонаи муҳаббат», «Биҳишти гумшуда» ва як силсила шеърҳои дигари ӯ низ ҷо дорад.

Дигар аз навъи драматизм, ки дар ашъори Лоиқ ба мушоҳида мерасад, инкишоф ёфтан ва ҳар лаҳза дигаршавии ҳиссиёт аст. Ин усул махсусан, дар шеърҳое, ки ба тасвири ҳиссиёт ва таассуроти қаҳрамони лирикӣ бахшида шудаанд, маҳсулнок истифода гаштааст.

Дар шеъри «Боз як рӯзам гузашт» ҳиссиёт бо тағйири ҳолат, амали қаҳрамони лирикӣ пайваста дигаргун мешавад ва инкишоф меёбад. Ҳарчанд хушбахтии рӯзи пурбарору сермаҳсул мутаассиркунанда ва сурурангез аст, вале аз зиндагии одам рафтани рӯз ҳамчун воҳиди вақт ва талхии бебозгаштии он пуртаъсиртар ва ҳаяҷонангезтар аст. Барои ҳамин шеър аз баёни ғами рӯзи бебозгашт оғоз мешавад ва ҳамон лаҳза ба рӯҳияи кас меомезад.

*Офтоб аз хонаи ман рафт бегаҳ,*
*Боз як рӯзам гузашт,*
*Боз як рӯзи пур аз сӯзам гузашт.*

Ба дунё омадану рафтани шоир ба бегаҳ шудани рӯз шабеҳ аст. Ба ҳамзиддии ҳиссиёти қаҳрамони лирикӣ ба воситаи суолҳои беунвон таъкид мешавад. Драматизм аз истифодаи ҷумлаҳои якаъзо ва мисраъҳои аз иборaҳои кӯтоҳ - кӯтоҳ тартибёфта меафзояд:

*Кай ба дунё омадам ман?*
*Кай зи оташбозиҳои зиндагӣ огаҳ шудам ман?*
*Омадам. Рафтам.*
*Ту медонӣ маро?*
*Дар суруди хеш мехонӣ маро?*

Аз ғами рафтани рӯз ҳиссиёти қаҳрамони лирикӣ ангехта мешавад ва драматизми таассурот ба даст меояд, вале хати тасвир давом наёфта, баръакс ба оғози рӯз бармегардад. Тасвири рӯз аз субҳи он сар мешавад. Эҳсоси сурурy шодмонии субҳи нав бар ғами рафтани рӯз ғолиб меояд. Ҳиссиёти қаҳрамони лирикӣ оҳанги хуррамӣ мегирад:

*Хондаам хуршедро аз осмон,*
*То кунад бо ман пагоҳӣ ношито.*
*Чун варо аз чарх овардам фуруд,*
*Хонаи ман хонаи хуршед буд:*
*- Ассалом, эй офтоб,*
*Эй чашми рӯзи нав, дуруд!*
*Ман ба гӯшат хонам имрӯз*
*Аз муҳаббатҳо суруд...*

Пас аз ин баёни таассуроти шодиангез ба тасвири ҳолати дигар, ки муқобили аввала аст, ҷаҳиши ногаҳоние ба амал меояд. Ҳиссиётҳо ба як шиддати сахт ба ҳам бармехӯранд ва оҳанги афсӯс аз рафтани рӯз саропои қаҳрамони лирикиро фаро мегирад:

*Офтоб аз хонаи ман рафт бегаҳ,*
*Кӯр шуд чашмони рӯз,*
*Хонаи ман боз бехуршед монд.*

Ибораи рехтаи чашми рӯз кӯр шуд дар ниҳояти хубӣ ва маҳорат ба истифода рафта, барои барҷастагии баёни таассурот хизмат кардааст.

Дар зимни ҳамин рӯҳия шоир ба андешаи силсилаи зиндагӣ ва радду бадали рӯзҳо меравад. Андешаҳо ӯро ба чунин хулоса меоранд, ки рафтан ва бегаҳ шудани рӯз оғози рӯзи дигар аст. Ин андешамандӣ шоирро аз банди маъюсию ночорӣ раҳо мекунад.

Нурҳои гарми офтоби субҳ ҳамчун рамзи накӯӣ ва муҳаббат ва меҳрубонию шафқат ба сару рӯи ӯ мебоpанд. Он шодию суруре, ки муҳити атроф ва табиат аз он саршор буд, саропои қаҳрамони лирикиро ҳам фаро мегирад. Ӯ таассуроти худро ба забон меорад ва дар рӯи Замин, дар дунёи зебо худро давомдиҳандаи ҳаёти инсонӣ медонад. Дунё зебост ва зиндагӣ ҳам.

*Офтобо,*
*Кай ба дунё омадам ман?*
*Чанд рӯз ин сон гузашту лек ман нагзаштам*
*аз дунёи зебо,*
*То ҳанӯзам умрпаймо,*
*То ҳанӯзам ман шикебо?*
*Балки ҳамсоли туам ман?!*
*Балки ҳамзоди Ҳавою Одамам ман?!*

Ҷараёни драматикӣ, чунонки дар боло қайд шуд, на танҳо хоси эҷодиёти Лоиқ аст. Ин ҷараён дар назми муосир чун воситае барои ифодаи мураккабии ҳиссиёт ва задухӯрди ҳодисаҳо, амиқу ҳаматарафа нишон додани олами ботин бо муваффақият истифода мешавад.

Он дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат, ба замми он ки хусусиятҳои дар боло зикршударо дорад, боз сифатҳое низ дорад, ки ба худи ӯ хос аст. Пеш аз ҳама, чунин ба назар мерасад, ки ҷараёни драматикӣ дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат бештар дар драматизми ҳиссиёт аён мешавад. Дар ҳамон шеърҳои шоир, ки ҷараёни драматикӣ вусъат дорад, мавзӯъ асосан бо ифодаи ҳиссиёти мухталиф ва ё ба ҳам зидде, ки дар ботини қаҳрамони лирикӣ талотум мекунад, ба тасвир меояд. Баъзан ин драматизми ҳиссиёт дар асоси зиддият ва задухӯрди ҳиссиёти ҳамсуҳбат ва қаҳрамони лирикӣ сурат мегирад.

Шубҳае нест, ки баъзан як худи ҳиссиёти мухталифи қаҳрамони лирикӣ ҳам асоси драматизми шеърро ташкил медиҳад ва ё бо ҳиссиёт ва ҳолати ҳамсуҳбати лирикӣ ё шахсони дигар меомезад. Чунин синтези ҳиссиёти мухталиф дар шеъри «Нарав, қуи сафеди ман» барои ба вуҷуд овардани драматизми шадид хизмат кардааст.

Ин шеър бо тасвири як лаҳзаи дилнишин ва романтикие, ки ба оғози балети «Кӯли қувон» монандӣ дорад, шурӯъ мешавад. Аз ҳамин ибтидо пай бурдан мумкин аст, ки шеър ба ду роҳ (бо тасвири ҳаракат, рақси қу ва ифодаи ҳиссиёти тамошобинон ва, аз ҷумла, шоир) давом хоҳад кард:

*Ба нармӣ қуи зебое*
*Ба рӯи мавҷ обӣ шуд,*
*Ба пояш зарраҳо ҳавзи гулобӣ шуд.*

Пас аз ин дигаргунии қатъие дар рӯҳи раққоса ва рақси ӯ ба вуҷуд меояд. Ҳаракатҳо тунд гашта, якдигарро зуд - зуд иваз мекунанд ва дар ботини шоир низ ҳиссиёти дарду таассуфро бедор месозанд.

*Гаҳе аз нармрафторӣ*
*Гули дар об мегардад,*

*Гаҳе дар гирди худ гирдоб мегардад.*
*Гаҳе аз ишқ меболад,*
*Гаҳе хомӯш менолад,*
*Чӣ хомӯшӣ, ки ҳар мӯяш забон дорад!*

Бандҳои минбаъдаи шеърро саросар ифодаи ҳиссиёти шоир аз ҳаракатҳои раққоса фаро мегирад. Таъкиди драматизми ҳиссиёт ҳам дар таркиби мисраъҳо, ҳам дарибораҳои дорои мафҳуми ғалаёни ҳиссиётдошта, ба мисли печутоб, азобу изтироб ва кабоб шудан дар шаби сармо, ки аз ҷиҳатӣ маънӣ ба ҳам муқобил гузошта шудааст, дар ташкили зоҳирии мисраъҳо ҷой дорад. Бандҳои шеър, ки аз се мисраъ иборат буда, бо ихтиёри шоир озод қофия баста мешуданд, то ҳол аз ду зиёда қофия надоштанд. Дар ин банд ҳар се мисраъ қофия баста мешавад. Ҳамаи кӯшиш барои ифодаи драматизми ҳиссиёти қаҳрамони лирикӣ буда, ҳатто барои ин мақсад маҷози анъанавии обшустаи «кабоб шудан» истифода мешавад. Ташбеҳ ва ё маҷози ғайримунтазирае диққати касро ба тозагии худ кашиданаш мумкин буд, ки аз он таъсири ҳиссии шеър мекоҳид.

*Ман аз ин печу тоби ӯ,*
*Азобу изтироби ӯ,*
*Шудам дар ин шаби сармо кабоби ӯ.*

Барои он ки таъсири ракс ва таассуроти қаҳрамони лирикӣ пурзӯр ифода шавад, шоир аҳвол ва таассуроти тамошобинони дигарро низ ба қалам меорад ва маълум мешавад, ки онҳо аз қаҳрамони лирикӣ камтар мутаассир нагаштаанд. Қаҳрамони лирикӣ ба илтиҷо медарояд, ки қу наравад ва афсонаи ширин вайрон нашавад ва ин илтиҷои ӯ хеле ҳиссиётангез аст. Вале оҳанг ҳамин замон хомӯш мешавад ва қу бояд равад ва афсонаи қаҳрамон бояд нотамом монад. Ин лаҳзаҳои охирин ва рафтани қу то дергоҳ дар гӯши кас чун ҷарангосе, ки торафт паст шуда, охир хомӯш мешавад, боқӣ мемонад. Ба ин садои қофияи мисраъҳо «оҳанг» ва «чанг» созиш мекунад.

*Нарав, эй лаҳзаи ширин!*
*Машав хомӯш, эй оҳанг,*
*Ки умри бебаҳоям меравад аз чанг.*

Дар банди охир шоир боз аз қуи сафед илтиҷо мекунад, ки наравад, то афсонаи ширин вайрон нашавад. Ӯ дар зимни мафҳуми афсона ҳиссиёти пардапӯши худро ба қуи сафед, ки дар қалбу рӯҳаш мавҷ мезанад, пинҳон медорад ва аз ин кори худ ба андозае ба танг меояд, ки суханҳояш канда-канда садо медиҳанд. Дар охир ҳиссиёт бар ӯ ғалаба мекунад ва дар пардаи баланд якбора ба забон меояд ва шеър ҳам ба охир мерасад:

*Нарав, ҷонам, ки васли мо*
*Дар ин афсона мемонад,*
*Зи ман баъди ту оташхона,*
*оташхона мемонад!*

Дар бисёр шеърҳо, ба мисли «Суруди хайрбод»-и Лоиқ, «Санъати ҷонбозию ҳусни нисор»-и Ғаффор Мирзо ва «Хоби қаҳрамон»-и Мӯъмин Қаноат ҳиссиёти шоир бо ҳиссиёти қаҳрамони шеър ҷо - ҷо ба ҳам омезиш мeёбанд, ки ин яке аз хусусиятҳои услубии ифодаи драматикист.

Вале ин омезиши сухан ва ё дараматизми ҳиссиёт нишонаи зоҳирӣ надорад. Он дар ҳолати қаҳрамон ва андешаҳои ӯ, дар баҳои шоир ба ин ё он рафтори қаҳрамон зоҳир мешавад.

Дар шеъри М. Қаноат иборахо мухтасару нишонрас буда, ҳолатро бо як мухтасарӣ, вале динамикӣ ифода мекунанд. Аз як тараф, талаби лаҳза – ҷонфидо шудан ва аз тарафи дигар, ширинии зиндагӣ мисраъ ба мисраъ пуртаъсир тасвир карда мешавад. Мубориза ин ду ҳиссиёт ба қуллаи олӣ мерасад, ифодаи он ҳам ба табу тоби дараматикӣ мешавад. Мисраъҳо ба ду қисмати мутазод ҷудо мешаванд:

*Тангии фурсат ва ширинии ҷон,*
*Марги наздику ҳаёти ҷовидон,*
*Нафрати душман, умеди дӯстон –*
*Аз дилаш бигзашт ногаҳ* барқсон.

Фишори драматизми ҳиссиёт рахнаи озодшавӣ меҷӯяд ва ба сурати руҷӯи қаҳрамон сар мезанад:

*Хайр, эй ояндаи нодидаам,*
*Хайр, ишқи поки новарзидаам,*
*Ишқи яктое, ки дар тафсири ман*
*Аввалаш модар буд, охи(?)раш Ватан!*

Дар банди охир, ки бо сари синаи худ ДЗОТ-и душманро пӯшидани қаҳрамон ҳикоя мешавад ва ӯ гӯё як лаҳза ба хоби сеҳрангез меравад, мазмуни асосии шеър ҷой дода шудааст. Дар онҳо оҳанги пештараи мисраъҳо дигаргун гашта, орому батамкинтар мешаванд. Хоби кӯтоҳи пешазмаргии қаҳрамон ҷамъбасти фарохи фалсафӣ мегирад ва ҷовидонии инсонеро, ки худро барои хушрӯзии мардум ва хушбахтииояндагон қурбон кардааст, таъкид мекунад.

*Баъди як сони(?)я гӯё хоб дид:*
*Рӯи ҳавлӣ об мезад модараш.*
*Ӯ даме дам дод ҷуфти говро,*
*Гирд мегардид аз шодӣ сараш.*

*Бар машомаш мезанад бӯи замин,*
*Бӯи райҳон, бӯи гулҳои баҳор,*
*Рафту рӯи сабзаи тар хоб кард,*
*Дар таги токе, канори ҷӯйбор.*

Қаҳрамон гӯё бо тамоми вуҷудаш бо табиат меомезад, табиат ҳамеша зиндааст ва аз ин бармеояд, ки қаҳрамон ҳам ҷовидонист.

Мӯъмин Қаноат барои пурқувват кардани таъсири драматизм дар шеърҳои худ аз воситаҳои ташкили таркибии шеър ва ҳамчунин аз воситаҳои ташкили зоҳирии он, аз ҷумла, аз такрори овозҳо ва умуман аз ташкили овозии шеър низ ба хубӣ истифода мекунад.

Омезиши эҳсосот ва тафаккуроти шоир бо андешаю ҳиссиёти хонанда ҳам аз ҷиҳати забон ва ҳам аз лиҳози мундариҷа бояд сурат гирад. Ин дар ҳар ду ҳолат драматизми дохилии тасвиру ифодаро афзуда, ҳудуди сухани шоиронаро фарох ва пуртаъсиру ҳаррангтар менамояд.

**Соли 1971**

# ТА{АВВУЛИ АРЕЗ

Дар солҳои охир дар мубоҳисаи шеъри бисёр халқҳо масъалаи поэтика ба яке аз он соҳаҳои муҳим мубаддал шудааст, ки инкишофи шеърро аз ҳалл ва тадқиқи интиқодии он вобаста медонанд. Мавриди чунин таваҷҷуҳи хоса қарор гирифтани поэтикаи шеър заминаи ҳаётӣ дошта, аз дархостҳои воқеии замон аст. Шоирон кӯшиш доранд, ки низоъҳои зиндагии имрӯза, набзи замони фалакпарвозӣ ва кайҳонкушоӣ, кашфиёт ва бунёдкориро бо ҳамаи гуногунӣ ва бисёроҳангиаш дар асарҳои худ инъикос кунанд. Барои ба амал баровардани ин кӯшиш ба онҳо лозим меояд, ки аз ҷамеи имкониятҳои поэтикаи анъанавӣ, воситаҳои мавҷудаи сухани шоирона, шакли бадеӣ, услуб, вазн ва зарбу оҳангро мувофиқи мақсади худ истифода кунанд. Ин барои корбурди навоваронаи шаклҳои анъанавӣ замина мегузорад.

Доманаи баҳси поэтика аз назари адабиётшиносии муосир хеле фарох аст, ки масъалаҳои вазну қофия, пораи шеъру зарбу оҳанг, задаю ташкили овозии шеър танҳо аз баъзе шохаҳои ин масъалаи серсоҳа мебошанд. Бешубҳа, тадқиқи ҳар қисмати поэтика на танҳо барои такомули фанни шеър, балки барои инкишоф ва такмили шеър ҳамчун эҷоди бадеӣ кӯмаки фаровоне хоҳад кард. Ҳоло гуфтугӯи мо оид ба як соҳаи поэтика – вазн ва асосан вазни шеъри муосири тоҷик аст.

Даме ба сайри гузаштаи шеър меравем. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки дар бораи чигунагии муносибати вазн бо шеър қариб ҳама вақт мубоҳисаю мунозираҳо давом доштаанд. Онҳо гоҳо хеле шиддат гирифта, гоҳо андаке ором мешудаанд, вале ҳақиқат ин аст, ки ҳама вақт мавҷуд будаанд. Аз замонҳои қадим ин ҷониб шеър аз назари донишмандони он вазне доштааст. Ин ақидаро ҳам донишмандони Ғарб, аз ҷумла, қадимиён Афлотун ва Арасту ва ҳам фузалои Шарқ Абу Алӣ Сино ва Низомии Арӯзӣ ва бисёри дигарон тақвият додаанд. Ибни Сино дар фанни шеър аз мантиқи «Аш-шифоъ» чунин менависад: «Шеър сухане аст хаёлангез, ки аз ақволе мавзун ва мутасовӣ сохта шуда»[109]. Вале баробари ҳамин ақида, ки донишмандони пешин вазнро шарти шеър шумурдаанд, онҳо ақидаи дигар, ки вазнро шарти асосии шеър намедонист, низ хато ва нодуруст наҳисобидаанд. Маълум мешавад, ки масъалаи вазн дар шеър аз оғоз ҳалли ягона надоштааст ва мубоҳисаҳои баъдина аз ақидаҳои қадимиён маншаъ мегирифтааст.

Ақидаи ин ду гурӯҳро омӯхта Насириддини Тӯсӣ дар «Асос-ал-иқтибос» чунин менависад: «... шеър дар урфи мунтақӣ каломи мухайял аст ва дар урфи мутаохирон каломи мавзуни муқаффо, чи ба ҳасби ин урф, ҳар суханеро, ки вазне ва қофияте дошта бошад, хоҳ он сухан бурҳон бошад ва хоҳ хитобӣ ва хоҳ содиқ бошад ва хоҳ козиб ва агар ҳама ба мисли тавҳид холис ё ҳазёноти маҳз бошад, онро шеър хонанд ва агар аз вазну қофия холӣ бувад ва агарчи мухайял бувад онро шеър нахонанд ва аммо қудамо шеър каломи мухайялро гуфтаанд ва агарчи мавзуну ҳақиқӣ набудааст»[110]. Аз ин гуфтаҳо ба ду нукта мутаваҷҷеҳ бояд шуд. Қудамо каломи мухайялро мавзун набошад ҳам шеър хондаанд; вале ҳақиқат ин аст, ки касе чунин каломи мухайялро, ки мавзун набуда, шеър бошад ва донишмандони сухан онро шеър хонда

[109]Маҷалаи «Сухан», № 6-7, 1967, саҳ. 500. Тарҷумаи «Фанни шеър»-и Ибни Сино ба қалами оғои Донишпажӯҳ .тааллуқ дорад

[110].Хоҷа Насириддини Тӯсӣ. Асос-ал-иқтибос. Чопи Донишгоҳи Теҳрон. 1326 ҳиҷрӣ, саҳ. 586

бошанд, нагуфтааст. Шоире аз худ чунин асар боқӣ нагузоштааст ва агар дар таърихи шеъри ягон халқ чунин ашъор арзи андом карда бошад, он бар мероси шеърии ҳамон халқ ва зиёда аз ин бар халқҳои дигар, ки аз ашъори мавзун иборат аст, ҳаргиз бартарӣ карда наметавонад (Дар ин ҷо шеъри мансур, ки дар осори баъзе халқҳо ҷой дорад низ аз назар соқит нашудааст). Навъи эҷоди бадеӣ, ки дар адабиёти ҳар халқ шеър номида мешавад, вазн дорад. Дуруст аст, ки эътибори вазн дар шеъри ҳар халқ ба як дараҷа нест. Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ҳақ мегӯяд, ки: «Русум ва одатро дар кори шеър мадхали азим аст ва ба ин сабаб ҳар чӣ дар рӯзгоре ё наздики қавме мақбул аст, дар рӯзгори дигар ва наздики қавми дигар мардуд ва мансух аст»[111].

Ва нуктаи дуюм ин аст, ҳар каломеро ки мавзуну муқафо буда, мояи шеърӣ надошта бошад, на донишмандони шеъри қадим ва на имрӯза шеър нахондаанд ва намехонанд. Ҳанӯз Арасту дар ин бора гуфта буд, ки: «... Асарҳои Ҳеродотро метавон ба вазни шеър даровард, вале онҳо дар ҳар ду ҳолат: ҳам вазндор ва ҳам бевазн ҳамчунон асарҳои таърихӣ хоҳанд буд...»[112]. Пас хаёлангез будан аз шартҳои асосӣ ва бебаҳси шеър аст.

Вазни асосии шеъри классикӣ ва муосири тоҷик арӯз аст. Оид ба пайдоиши арӯз ва ҷорӣ шудани он ҳамчун системаи асосии вазнӣ дар назми араб ва ҳамчунин дар ашъори халқҳои форсизабон ва мудате дар халқҳои туркзабон чанд фикри мухталиф ҳаст. Масалан, филолог ва донишманди мусиқии юнонӣ Рудолф Вестфал (1826-1892) дар бораи пайдоиши юнонии арӯз изҳори ақида карда бошад, олими рус Ф. Е. Корш тахмин карда буд, ки арӯз аз вазни шеъри сосонӣ бебахра нест. Яъне арабҳо аз сосониён таъсир бардоштаанд. Вале гурӯҳи бисёри олимон дар бораи пайдоиши арабии арӯз изҳори ақида кардаанд.

Ақидаи Рудолф Вестфал оид ба пайдоиши юнонии арӯз, ки бо далелу бурҳонҳо ва тадқиқот асоснок нашуда буд, дар байни арӯзиён ривоҷ наёфт. Ба фикри дуюм, яъне пайдоиши сосонии арӯз, А. Кримский бевосита набошад ҳам ба воситаи тасдиқи он, ки «падари филолгогияи араб Халил барои таҳлили дурусти назми қадими араб, системаи метрикаи арабро тартиб дод, ки то замони ҳозира бо эътибор мондааст»[113], зид баромада аст. Бисёр арӯзшиносон дар ин гуфтаҳо ради пурра ва бебаҳси ақидаи Ф. Е. Коршро диданд[114] ва дигар ба ин масъала таваҷҷуҳ накарданд.

Ҳоло замони он ки ҳамаи шаклҳо ва вазни шеъри форсу тоҷик аз арабҳо иқтибос шудааст, мегуфтанд, гузаштааст. Бинобар ҳамин мо дар асоси тадқиқотҳои тозаи арӯзшиносон ба масъалаи пайдоиш ва шаклҳои арӯз дақиқтар назар карда метавонем. Пӯшида нест, ки ҳанӯз арӯзиёни асри миёна, аз ҷумла, Шамс Қайс Розӣ арӯзро ихтирои арабҳо дониста бошад ҳам, ба фарқияти арӯзи Аҷам ва арӯзи тозӣ ишора карда буд. Ин фикр дар тадқиқоти Е. Э. Бертелс, Парвиз Нотил Хонларӣ, Муҳаммад Тақӣ Баҳор, Бахром Сирус ва чанде дигарон қувват гирифта, инкишоф ёфтааст.

Н. Бекош ҳам дар солҳои сӣ доир ба ин масъала ақидаи худро изҳор карда аст. Ба фикри ӯ арӯзиёни форсу тоҷик аз арабҳо фақат формулаҳо – афоилу тафоилро гирифтаанд ва ӯ ба

---

[111].Ҳамон ҷо

[112] .Аристотел. Поэтика. Госиздат. «Художественной литературы», М., 1966, стр. 67

[113] А. Кримский. Арабская литературая в очерках и обрацах. М., Типолитография, 1911, стр. 31.

[114] .Ниг.: Акрем Джафар. Особенности азербайджанской поэтической метрики аруза XXVмеждународный .конгресс востоковедов. М., 1960

қатъияти тамом менависад, ки: «сабаби арӯз аз араб гирифта шудааст» гуфта гумроҳ шудани баъзеҳо ҳам дар ҳамин ҷост. Ҳол он ки на вазн, балки формулаҳои арӯзӣ аз араб гирифта шуда, барои андоза кардани вазни «арӯзии» худи тоҷикӣ татбиқ шудааст»[115].

Устод Айнӣ дар ин масъала диқати арӯзиёнро ба асоси халқии он ҷалб карда, нишон дод, ки арӯзи тоҷикӣ ҳаргиз ба он шаклҳое, ки дар китобҳои арӯз ва девони шоирон омадааст, маҳдуд намешавад. Дар назми халқ шеърҳое ҳастанд, ки ба талаботи арӯз ҷавоб диҳанд ҳам, ба ягон шакли нишондодаи арӯзиён мувофиқ нестанд. Аз ҷумла устод Айнӣ менависад, ки: «... Вазни шеъри тоҷикӣ на ба он вазнҳои анъанавӣ ва на ба он шеърҳое, ки дар девони классикҳои мо ҳастанд, маҳдуд нест. Чунончи мо дар шеърҳои халқӣ бисёр порчаҳоро мебинем, ки онҳо на дар китобҳои арӯз ва на дар девонҳои классикҳо нестанд»[116]. Ин гуфтаҳои устод Айнӣ ба кори арӯзиён кӯмаки бузург буд. Асоси фикри устод Айнӣ дар тадқиқотҳои ояндаи олимон ривоҷ ёфт. Дар ҳақиқат, агар дар назми халқ шеърҳои арӯзие бошанд, ки сохти онҳо дар китобҳои арӯз нишон дода нашудаанд, пас чаро мо вазни шеъри халқро дар сурат гирифтани арӯзи назми китобатӣ яке аз омилҳои асосӣ наҳисобем?

И. С. Брагинский вазни адабиёти лафзии тоҷик ва назми классикиро омӯхта, ба чунин хулоса омад, ки «вазни квантативӣ, ки ба мураттабии ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ асос ёфтааст, дар асоси шеъри ҳиҷоии халқӣ ва таъсири шеъри араб ба вуҷуд омад. Бесабаб нест, ки дар вазнҳои сода ва равони дар асрҳои пешин серистифода нақши пайдоиши халқии онҳо равшан аст»[117].

Чунонки мебинем, дар ақидаҳои устод С. Айнӣ ва И. С. Брагинский бо таъсири шеъри халқӣ шаклгирии баъзе вазнҳои арӯзӣ таъкид карда мешавад. Дар натиҷаи омӯзиши манбаъҳои дигар мушоҳидаҳои тозае пайдо шуданд, ки онҳо барои пурқувват кардани фикрҳои боло ва хулосаҳои далеронатаре баровардан имконият медиҳанд.

*Рубоӣ.* Ин шакли шеър чӣ хусусияте дорад? Ҳоло касе аз тадқиқотчиён ба пайдоиши тоҷикӣ - форсии рубоӣ шубҳа надорад. Рубоӣ, дар назми тоҷику форс ба вазни хос суруда мешавад, ки арӯзиёни қадим ҳангоми тадқиқи авзон онро аз шаҷараи ахрам ва ахраби баҳри ҳазаҷ донистаанд, ки саҳеҳ нест.

Рубоӣ эҷоди халқҳои форсизабон буда, вазни хоси он низ дар асоси қонунҳои ритмӣ ва забонии ин миллатҳо сурат гирифтааст. Парвиз Нотил Хонларӣ менависад: «... ин навъ шеър (яъне рубоӣ – А. Ҳ.) аз муддатҳо қабл (муаллиф давраи пеш аз истилои арабро дар назар дорад – А. Ҳ.) дар Эрон шоеъ ва роиҷ буда... ин вазн ихтироъ нашуда, балки аз тӯдаи мардуми форсизабон иқтибос гардида ва ҳама ҷо тасреҳ ҳаст ба ин, ки дар арабӣ чунин вазне набуда ва баъд арабҳо онро аз эрониён омӯхтаанд»[118].

Пас лаҳзае бояд бар ақидаи Ф. Корш андеша кард. Вазни таронаи форсию тоҷикӣ ба адабиёти араб ҳангоме дохил шуд, ки системаи вазнии шеър араб қариб комилан шакл гирифта буд. Чунонки маълум аст, ба система дарорандаи вазни арӯз Халил ибни Аҳмад дар асри VIII (солҳои 700-772) умр ба сар бурдааст. Замони пайдоиши шеъри арӯзӣ хеле пештар аз ин

---

115 Н. Бектош. Вазни манзумаи тоҷикӣ. Нашрдавтоҷ. Сталинобод, 1936, саҳ. 15.

116 С. Анйӣ. Ба М. Турсунзода. «Шарқи Сурх», 1956, №4, саҳ. 108.

117 И.С. Брагинский. Из истории таджикской народной поэзии. Изд-во АН СССР, М., 1956, стр. 255.

118.Парвиз Нотил Хонларӣ. Вазни шеъри форсӣ. Теҳрон, 1345, ҳиҷрӣ, саҳ. 209-210

санаҳост. Ин навъ шеър дар замони ӯ аллакай мақоме дошт ва ӯ дар асоси омӯзиши интиқодӣ онҳоро ба системаи вазнӣ даровард ва арӯзи худро тартиб дод.

Акнун ба таърихи халқ ва хусусияти замон андеша мекунем. Нуфузи зиёди Сосониён дар Шарқ, робитаҳои васеи фарҳангӣ ва ҳунарию иқтисодии онҳо бо кишварҳои дигар ва ҳамчунин бо арабҳои қадим дар китобҳои таърих қайд шудааст, ки бебаҳс аст. Ин ҳолат барои ба чунин хулосаи эҳтимолӣ омадан имконият медиҳад: шеъри давраи сосонӣ (224-227-652 эраи мо) дар навбати худ ба сурат гирифтани вазни шеъри араб низ набояд бетаъсир бошад.

Ҳоло таҳқиқи ин масъала на аз он сабаб номумкин аст, ки ба ин аслан далелу бурҳоне мавҷуд нест, балки аз он сабаб мушкил аст, ки мо аз осори шеърии давраи Сосониён қариб чизе ба даст надорем. Чунонки Ян Рипка менависад: «То ҳол ба ҷуз пораҳои ночизи дастнависи китобҳои дини Маздак ва ё матнҳои дигаре, ки ба давраи Сосониён таллуқ дошта бошад, пайдо нашудааст»[119].

Дар ин масъала ба чизи дигаре бояд таваҷҷуҳ кард. Ин хусусияти вазни рубоист. Чунонки қайд кардем, аз шаҷараи ахрам ва ахраби ҳазаҷ донистани вазни рубоӣ саҳеҳ нест. Инро Е. Э. Бертелс низ қайд мекунад: «... дар рисолаҳои оид ба илми арӯз дар бораи бисту чаҳор шакли вазни рубоӣ, ки ба вариантҳои баҳри ҳазаҷ дохил карда шудааст, сухан меравад. Азназаргузаронии ин шаклҳо нишон медиҳад, ки ин конструксияҳои ҳиҷоӣ зӯран барғалат ба таҳти вазни арӯзӣ дохил карда шудаанд»[120]. Агар қисмати аввали фикри Е. Э. Бертелс дар бораи зӯран ба шаҷараи ахрам ва ахраби баҳри ҳазаҷ дохил кардани вазни рубоӣ дуруст бошад, вале вазни рубоиро конструксияи ҳиҷоӣ ҳисобидани ӯ саҳеҳ нест. Вазни рубоӣ танҳо дар асоси шумораи баробари ҳиҷоҳо, чунонки дар шеъри ҳиҷоист, сохта намешавад. Дар он боз қонуниятҳои дигари ритмӣ амал мекунанд, ки то ҳол мавриди тадқиқ қарор нагирифтаанд. Ногуфта намонад, ки дар асари Парвиз Нотил Хонларӣ «Вазни шеъри форсӣ» қисмате ба тарона (рубоӣ) ва хусусиятҳои он бахшида шудааст, ки мушоҳидаҳои пурқимат дорад.

Ҳоло чанд мушоҳидаро, ки дар натиҷаи тадқиқи вазни рубоӣ ҳосил шудааст, баён мекунем, ки, аз як ҷиҳат, махсусияти вазни рубоиро собит кунад, аз ҷиҳати дигар, танҳо ба вазни ҳиҷо оид набудани онро нишон медиҳад. Вале аз ҳама муҳимтараш он аст, ки мо ба ин восита дар арӯзи тоҷикӣ асосҳои халқии онро пайдо менамоем.

1. Агар вазни як мисраи рубоӣ аз рӯи давомоти савтӣ[121] ба ҳисоб гирифта шуда, ду ҳиҷои кӯтоҳ (VV) аз рӯи қонуни арӯз ба як ҳиҷои дароз (—) баробар дониста шавад, он гоҳ давомоти савтии он ба даҳ ҳиҷои дароз баробар аст, ки ба панҷ пора тақсим карда мешавад.

*Пок аз адам омадему нопок шудем,*
*Шодон бадар омадему ғамнок шудем.*
*Будем зи оби дида дар оташи дил,*
*Додем ба бод умру дар хок шудем.*

Нақшаи вазни ин рубоӣ чунин аст.

---

119.Ян Рипка. История персидской и таджикской литературы. Изд-во «Прогресс», М., 1970, стр. 44

120 Е.Э. Бертелс. Избранные труды. История персидско-таджикской литературы. Изд-во «Вост. Лит-ры», М., 1960, стр. 107.

121Азбаски мо истилоҳе надорем, ки чен кардани вазни шеърро бо воҳиди вақт ифода мекарда бошад, ибораи .давомоти савтиро барои ифодаи ҳамин мақсад ба тариқи истилоҳ ба кор мебарем

— — (VV —) V — V (— —) VV —[122]

Пораҳои 1 2 3 4 5

Чунонки мебинем, ин ҷо ҳафт ҳиҷои дароз (–) ва шаш ҳиҷои кӯтоҳ (V) омадааст, ки ҷамъ сездаҳ ҳиҷост. Агар ин шаш ҳиҷои кӯтоҳ, барои осонтар шудани тадқиқи вазни рубоӣ ба се ҳиҷои дароз мутасовӣ дониста шавад, он гоҳ даҳ ҳиҷои дароз ба даст меояд, ки доимо давомоти савтии ҳама гуна рубоии адабиёти китобатиро ташкил медиҳад.

2. Дар вазни рубоӣ миқдори ҳиҷоҳои кӯтоҳ ҳамеша ҷуфтанд. Дар рубоӣ вазне нест, ки аз шаш зиёдтар ҳиҷои кӯтоҳ дошта бошад. Вазнҳое, ки дар онҳо ҳиҷоҳои кӯтоҳ чор ё шаштоанд, нисбат ба вазнҳое, ки ду ҳиҷои кӯтоҳ доранд ва ё тамоман надоранд, хеле серистифодаанд. Вазни ҳиҷои кӯтоҳ надоштаи рубоӣ аз ҳама камистифода аст.

3. Ҳиҷоҳои кӯтоҳ доимо дар пораҳои дуюм, сеюм ва панҷум меоянд. Пораҳои якум ва чорум доимо аз ҳиҷоҳои дароз иборатанд.

Давомоти савтии ҳар як пораи панҷ пора ба ду ҳиҷои дароз (— —) мутасовӣ буда, дар пораҳое, ки ҳиҷоҳои кӯтоҳ доранд, адади онҳо доимо дутост.

4. Қонуни табдил дар пораҳои дуюм ва панҷум амал карда метавонад, яъне VV — (банаво) ду ҳиҷои кӯтоҳ ва як дароз метавонад ба шакли — — (ово) ду ҳиҷои дароз табдил шавад.

— — / — — / V — V / — — / VV —

5. Дар пораи сеюм қалб, ҷойивазкунии ҳиҷоҳо ба амал омаданаш мумкин аст, яъне VV — (банаво) метавонад ба шаклҳои V — V (тарона) ва ё — VV (замзама) биёяд. Парвиз Нотил Хонларӣ дар вазни рубоӣ боз табдили V — V (тарона)-ро ба — — (ово) қайд мекунад, ки махсуси вазни рубоист[123].

Пас аз ин мушоҳидаҳо метавон ба чунин хулоса омад, ки вазни рубоӣ ҳаргиз вазне нест, ки танҳо ба адади баробари ҳиҷо асос ёфта бошад.

Рубоӣ шакли қадимтарини назми мардуми форсизабон аст ва вазни он низ эҷоди онҳост.

Мутасовияти мисраъҳо, чунонки дар арӯз ҳаст, дар натиҷаи ба як тартибу такрор овардани ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ таъмин нагардида, балки бо ҷамъи давомоти савтии мисраъҳо ҳосил мешавад. Ин хусусият, яъне баробари савтии мисраъҳо ба хосияти арӯз хеле қаробат дорад. Маълум мешавад, ки дар назми пеш аз исломии мардуми форсизабон на танҳо қонунияти вазни ҳиҷо ҷорӣ будааст, балки баробарии савтӣ низ ҷой доштааст. Аз ин чунин бармеояд, ки ҳанӯз пеш аз арабҳо дар назми тоҷику форс қонуният ва яке аз талабҳои асосии вазни арӯз амал мекардааст.

Ҷанбаи халқӣ дар арӯз қавӣ будааст, ки он дар назди мо амиқ реша меронд ва ҳамлаю муборизаи онҳое, ки бар зидди он буданд, ба нокомиҳо анҷом меёфт.

Дар оғози қарни XX дигаргунсозиҳои бузурги иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию ахлоқӣ дар ҳаёти халқ эҷодкоронро ташвиқ мекард адабиёте биофаранд, ки ин дигаргуниҳои азимро инъикос карда, ба талаби зиндагӣ ҷавоб гӯяд. Дар назари шоирон вазни арӯз, ки талаботи қатъӣ ва шартияти бисёр дошт, барои амалӣ кардани ин мақсад монеаи асосӣ намуд. Бисёри шоирону адабиётшиносон барои дур партофтани арӯз ва ба вазни ҳиҷо гузаштан мубориза сар карданд. Баъзан хӯрдагирӣ ба вазни арӯз аз ҳад мегузашт, ки ин ҳолатро Е. Э. Бертелс низ қайд

[122]Вазни рубоӣ аз рӯи омӯзиши П.Н. Хонларӣ ба пораҳо ҷудо карда шуд. Муроҷиат шавад: «Вазни шеъри .форсӣ», қисмати тарона

[123].Муроҷиат шавад: Асари мазкур, саҳ. 271

карда буд: «Вақте буд, ки баъзе аз адабиётшиносон мехостанд собит кунанд, ки баҳри шеър далели кофист барои шиносондани маънии сиёсии он. Мегуфтанд – арӯз далели иртиҷоист, ҳиҷо – рӯҳи инқилобии саҳеҳ. Ин ақидаи марксизм набуд, балки билъакс идеализми сирф буд. Инро гуфтан тамоми диалектикаро рад кардан аст»[124].

Баъзеҳо, ба мисли Б. Азизӣ назарияашонро дар эҷодиёти худ асоснок карданӣ мешуданд. Масалан, ӯ достони «Ҳасани якдаста»-и худро бо омезиши вазни арӯз ва ҳиҷо навиштааст. Вале ин кӯшиш на дар эҷодиёти Б. Азизӣ ва на дигар ҳамсафони ӯ муваффақият пайдо кард[125].

Ин нобарорӣ чанд сабаби субъективӣ ва объективӣ дорад. Пайравони ин ақида он маҳорат ва истеъдоди шоиронаро надоштанд, ки ин ду шакли вазнро ба ҳамдигар омехта, вазне биофаранд, ки барои ифодаи бехалали афкору эҳсосот созиш карда, ба гӯшҳо ҳам хуш ояд.

Ҷустуҷӯи он шоирон бештар хусусияти зоҳирӣ дошт ва онҳо бо ҳамин қаноат мекарданд, ки дар як достон баъзе бандҳоро бо вазни арӯз гӯянд ва баъзе бандҳои дигарро бо ҳиҷо.

Вазни ҳиҷое, ки дар назми халқ дар истифодааст, бо чанд сабаб наметавонад бори ашъори китобиро бикашад. Аввалан, он лафзист ва аз забоне ба забоне гузашта дар хотир менишинад. Пас, кӯтоҳии мисраъ шарти аввали он аст ва бесабаб нест, ки шеъри халқ бештар аз ҳафт то ёздаҳ ҳиҷоист. Шеъри китобиро ба ин қоида мувофиқ кунондан бечуну чаро онро аз имконияти васеи доштааш маҳрум ва бори гарони онро саҳлу сабук тасаввур кардан аст.

Ин шоирон асарҳои ҳиҷоии худро ба хушоҳангию мавзунияти шеъри халқ расонида натавонистанд. Чунки барои содагии баён, аввалан, забони гуфтори халқ меъёри аввалдараҷа дониста мешуд ва, сониян, забони назми он. Ин кӯшиш аз меъёр гузашта шеърро беобу ранг, дурушт ва бесозу наво мекард. Шеваи гуфтори халқ ширин аст ва банду басти асарҳояш мустаҳкаму рехта. Вале на ҳамаи унсур, василаҳои шеъри халқ ба ҷои воситаҳои шеъри китобӣ пурра ва бебохт истифода шуда метавонанд. Вазни он ҳам аз ҳамин қабил аст.

Шоирони дигар ҷустуҷӯи худро барои тозаоҳангии вазн бо роҳи дар «Марши ҳуррият» пешгирифтаи устод Айнӣ давом доданд. Чунонки медонем ва дар тадқиқотҳои бисёр таъкид шудааст, вазни «Марши ҳуррият» вазнест, ки аз омезиши рукнҳои аслии баҳри рамал ва мутадорик сурат гирифтааст:

*Эй ситамдидагон, эй асирон,*
*Вақти озодии мо расид,*
*Муждагонӣ диҳед, эй рафиқон,*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.*

Ин банд чунин тақтеъ мешавад:
— V — /— V —/ — V — —
— V — /— V — / — V —
— V — /— V —/ — V — —
— V — /— V —/ — V —

[124] Е.Э. Бертелс. Сарсухани «Девони Лоҳутӣ», М., 1939, саҳ. 26.

[125] Дар ин бора муфассалтар муроҷиат шавад: Х. Мирзозода «Масъалаҳои асосии инкишофи ғоявӣ ва эстетикии назми советии тоҷик дар солҳои бистум». Душанбе, 1968, рисолаи докторӣ. С. Давронов. «Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ», Душанбе, 1965, рисолаи номзадӣ.

Чунонки мебинем, мисраъҳои дуюм ва чорум дар вазни мутадорики мусаддаси солим гуфта шудаанд. Вале мисраъҳои якум ва сеюм аз ин вазн берун буда, рукни сеюми онҳо аз баҳри рамал аст, ки бо афзудани як ҳиҷо ба фоилун – фоилотун ҳосил карда шудааст. Ҳамин тариқ омезиши рукнҳои аслии баҳри рамал ва мутадорик ба амал омад. Истифодаи рукнҳои аслии ду баҳр дар вазни як шеър дар таърихи шеъри тоҷикӣ амалиёти ҷасурона буд, ки ба сӯи навпардозиҳои оянда роҳ мекушод.

Устод Айнӣ дар таълимоти худ дар бобати вазн ва дар мактубҳои худ ба шоирони тоҷик ҳамин гуна навовариро, ки дар шеъри ӯ ҷой дошт, яъне омезиши мураттаби рукнҳоро дар шеър тарғиб ва ташвиқ мекард. Аз ҷумла, устод дар мактуби худ ба А. Деҳотӣ оид ба вазни як шеъри ӯ изҳори ақида карда чунин менависад: «Агар Шумо (Деҳотӣ – А. Ҳ.) дар як порча ду вазнро ба кор бурда, як навигарӣ дар шакл оварданро хоста бошед, мебоист ин навигариро ба як интизом медароварден. Чунки решаи забони назм ва интизом як аст, ин ҳаминро мефаҳмонад, ки дар назм интизом аз шартҳои решагӣ аст – асосӣ аст. Масалан, агар ҳар чаҳор мисраъро дар як вазн ва ду мисраъро дар вазни дигар навишта, ин матнро то охир мебурдед, ин навигарии баинтизом мешуд, ки хеле дилчасп аст. Аммо шакл ва тартиби ҳозираи ин шеър ба хонанда ҳамин таассуротро медиҳад, ки ин дувазнагӣ тасодуфан воқеъ шуда бошад»[126].

Ба ин таҷрибаи устод С. Айнӣ бисёр шоирон пайравӣ карданд. Вале шоирони навпардоз фақат ба ҳамон таҷриба қаноат накарда, воситаҳои тозаи навовариро меҷустанд. Махсусан, навҷӯиҳои Лоҳутӣ дар соҳаи вазн пурбарор буданд. Устод Лоҳутӣ, ки дар шеър истеъдод ва маҳорати фавқулодда дошт, дар як шеър вазнҳои мухталифи арӯзро ба ҳам меомехт ва ё вазни арӯзро бо ҳиҷо омезиш медод ва шеърҳое эҷод мекард, ки мисли шеърҳои сирф арӯзияш рехтаю пухта, хушоҳангу дилнишин буданд.

Дар достони «Ғалабаи Таня» вазни даҳҳиҷоии интихоб кардаи шоир барои ифодаи ҳолат ва воқеаи тасвиршаванда хеле мувофиқ омада, барои мақсадро хеле табиӣ, бетакаллуф ва рехта баён кардан ёрӣ расонидааст.

*— Анбори моро ту сӯзондӣ?*
*— Ман.*
*— Кӣ инро ба ту фармон дод?*
*— Ватан.*
*Фашист аз ғазаб лабро мехояд,*
*Ба дили духтар шодӣ меояд.*
*— Симҳои телефонро кӣ бурид?*
*— Ман.*
*— Ҳо, ин хел рост гуфтан гиред.*
*— Ҷои партизанҳо? —*
*Намегӯям.*

Дар ин мисраъҳо вазни ҳиҷо барои инъикоси ҳолати драмавӣ, муколамаи бошиддат миёни партизандухтари шӯравӣ ва сарбози фашист халале наоварда, баръакс имкон додааст, ки он бо тамоми шиддату зиддияташ нишон дода шавад. Дар хулосаи достон шоир мехоҳад, ки суханаш тантанок ва баландоҳанг бошад, мехоҳад, ки дар хонанда азми мубризаро қавитар гардонад, дар шеър оҳанги қасос баланд садо диҳад, ӯ ба вазни машҳури мутақориби мусаммани мақсур рӯ меорад.

---

[126] С. Айнӣ. Ба Деҳотӣ. Журн. «Шарқи Сурх», 1962, №4, саҳ. 131.

*«Ба дилҳои чоки далерон қасам,*
*Ки теғи хиёнат бидаррондашон,*
*Ба хокистари он асирон қасам,*
*Ки ӯрдуи Гитлер бисӯзондашон,*
*Ба тифлони бебонию дарбадар*
*Ба аҷсоми беному гӯру кафан,*
*Ба лабханди модар, ба меҳри падар,*
*Ба номусу мулку ба номи Ватан,*
*Ки гирам ба хуни рафиқон қасос,*
*Аз он душманони шарафношинос,*
*Ки роҳат набошам ба худ як нафас,*
*Зи фошистҳо то бувад зинда кас»*[127].

Тақтеи ин вазн чунин аст: **фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл** ва шоир ҷойи задаҳои онро дигаргун накарда, ба воситаи оҳанги маъмулии ин вазн дар ин порчаи достон ҳамон оҳанги мутантани заруриро ба вуҷуд меорад.

Дар таҷрибаи навпардозиҳои А. Лоҳутӣ дар вазни шеър боз майле ба назар мерасад, ки дар натиҷаи омезиши чанд вазни арӯзӣ сурат гирифтааст. Ин гуна гуногунвазнӣ дар достонҳои Лоҳутӣ бештар аст. Масалан, достони «Парии бахт» бо ҳафт вазни гуногнуи арӯзӣ ва як вазни ҳаштҳиҷоӣ навишта шудааст[128].

Азбаски шоирон мехостанд тасвири лаҳзаҳои зиндагиро аз якнавохтӣ озод кунанд, гуногунвазнӣ дар достонҳо бештар инкишоф ёфт. Дар силсилаи шеърҳо шоир барои дар ҳар шеър истифода кардани як вазни арӯзӣ ихтиёр дошт. Табиист, ки гуногунвазнӣ дар достон ва силсилаи шеърҳо зуд тарафдорон ва пайравони зиёд пайдо кард. Шоир дар достон ҳар бобро, дар силсилаи шеърҳо ҳар шеъри комилро ба вазнҳои алоҳида гуфта метавонад. Яъне майдони таҷриба васеъ аст. Аммо дар лирика лозим аст, ки байту банд ва пораҳои шеър бо вуҷуди гуногунвазниашон рехтаю мустаҳкам ва аз назари ритму оҳанг ягона бошанд. Бешубҳа, ин мушкил корест. Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки омезиши вазнҳои гуногун дар як шеър бо вуҷуди таърихи нисбатан дароз доштанаш то солҳои охир он қадар ривоҷу равнақ нагирифт.

Дар ин боб, албатта, суруду таронаҳои Лоҳутӣ ва Пайрав Сулаймониро, ки дар онҳо вазнҳои гуногун омезиш дода шудаанд, қайд кардан лозим аст.

Таҷрибаҳои Лоҳутӣ аксаран бомуваффақият анҷом пазируфтаанд. Вале ин ҷо хусусияти таронагии он шеърҳоро набояд аз хотир бурд. Пас, равшан мешавад, ки дар асоси ин гуна напардозиҳои Лоҳутӣ ҳамоҳангии мусиқавияти мисраъҳо ва бандҳо қарор гирифтаанд. Ин маънӣ аз суханони устод Айнӣ ҳам бармеояд: «Лоҳутӣ таронаҳои худро ҳам бештарин дар ҷашн, маҷлисҳои хурсандӣ ва шабнишиниҳои адабии меҳнаткашон, худ феълан иштирок карда, дар рафти ҳамон маҷлис навишта, дар ҳамон маҷлис худ ба оҳанг андохта ва худ дар ҳамон ҷо бо ҷавонон хонда ва рақсидааст»[129].

---

[127].Абулқосим Лоҳутӣ. Куллиёт, Ҷилди 3, Нашрдавтоҷ. Сталинобод, 1961, саҳ. 151-152

[128].Муфассалтар муроҷиат шавад: С. Давронов, рисолаи мазкур, саҳ. 135

[129] С. Айнӣ. Шеърҳои тоҷикистонӣ. Куллиёт, ҷ.II.китоби 1. Нашрдавтоҷ, Душанбе, 1963, саҳ. 216

Дар ташкили вазни шеъри Пайрав Сулаймонӣ «Ба боғбон», ки дар бисёр тадқиқотҳо ҳамчун намунаи дилчасп ва хушоҳанги омезиши авзон ва аркони гуногуни баҳрҳои арӯзӣ ном бурда мешавад, низ ҳамон мусиқавияти шеър асос гирифта шудааст, ки дар сурудҳои халқӣ ҷой дорад. Дар ин гуна таронаҳо барои ташкили вазнии шеър такрори мураттаби рукнҳо камтар ба эътибор гирифта шуда, хусусияти таронагӣ ва созгории мусиқии байтҳо ва ё бандҳо дар асоси ташкили савтии шеър қарор мегирад. Маҳз ба ҳамин ният шоир рукнҳои баҳрҳои мухталифро бо зиҳофоти мухталиф омезиш дода, аз назари илми арӯз вазнҳои гуногуне месозад, ки баъзеи онҳо дар таҷрибаи шеъри арӯзӣ то ҳол вуҷуд надоштаанд. Агар ҳамин шеъри П. Сулаймонӣ «Ба боғбон» бо талаботи қолабҳои арӯз тақтеъ карда шавад, дар натиҷа на камтар аз 14 вазни арӯзӣ пайдо мешавад, ки тақтеъ ва шумораи мисраъҳо чунин аст: фоилун, фоилун – 2, мустафаъилун фаал - 4, муфтаилун фаал - 3, фоилун фаӯлун – 10, мафоилун фаӯлун – 8, фаӯлун фаӯлун – 2, фаӯлун фаал – 7, фоилун фаал – 20, мафоилун фаал – 5, муфтаилун фаӯлун – 2, фоилун фаилун – 2, мафоилун фоилун – 1, мустафъилун фоилун – 2, муфтаилун фаӯл – 2 мисраъ. Ҳамагӣ 70 мисраъ ва ба он як байти нақаротро, ки чаҳор бор ба такрор меояд, ҳамроҳ кунем 78 мисраъ мешавад. Дар бораи вазни ин шеър «чунин тарзи дар шеър кор фармудани се вазн дар назми тоҷик як ҳодисаи наве мебошад, ки онро дар эҷодиёти пешгузаштагон мушоҳида кардан мумкин набуд» навиштани С. Табаров ва ин ақидаро ҳақиқат донистани С. Давронов[130] низ ба назар ислоҳталаб мерасанд. Дуруст аст, ки С. Давронов боз «омехташавии аркони баҳрҳои мухталиф, аз ҷумла мақбузи ҳазаҷ (мафоилун) низ дар мисраъҳои алоҳидаи шеъри мазкур мушоҳида мешавад» - мегӯяд, вале бо ҳамин нукта қаноат карда, ин гуногунвазниро нишон намедиҳад ва ақидаи С. Табаровро комилан дуруст дониста, ба ӯ ҳамақида будани худро изҳор мекунад. Дар таҳлили ин шеър Т. Зеҳнӣ ҳам ба хато роҳ додааст. Ӯ менависад, ки «ин порча аз панҷ банд иборат буда, ҳар банд 14 мисраъ дорад (?), ки ду мисраи охирӣ нақарот аст. Ба ҷуз банди аввалӣ бандҳои дигар гуногунвазнанд (?). Аз ин рӯ, вазни ин порчаро вазни озод номидан беҳтар аст»[131]. Аввал ин ки ҳамаи бандҳои ин шеър аз 14 мисраъ иборат набуда, бандҳои якум, дуюм ва чорум чаҳордаҳмисраъгиянд ва бандҳои сеюму панҷум ҳаждаҳмисраъгӣ мебошанд. Сониян, банди аввал дар як вазн суруда нашуда, балки ба панҷ вазн суруда шудааст. Аз чӣ бошад, ки муаллиф дар асари мазкур вазни банди аввалро 6 - ум вазни 6 – ҳиҷоии мутадорик (мураббаи солим) фоилун - —V— 6 бор нишон медиҳад, ҳол он ки фақат як байти ин банд ба ин вазн суруда шудаасту бас. Ҳамин пораи аввалро бо афоил ва тақтеъҳояш медиҳем:

*Боғбонро бигӯ,* — *V* — — *V* —
*фоилун фоилун*
*Чист он ҷустуҷӯ?* — *V* — — *V* —
*фоилун фоилун*
*Беҳудаву абас,* — *VV* — *V* —
*Муфтаилун фаал*
*Ин ҳама гуфтугӯ.* — *VV* — *V* —
*Муфтаилун фаал*
*Ман гуле надидам,* — *V* — *V* — —
*фоилун фаӯлун*
*Ман гуле начидам,* — *V* — *V* — —

[130] С. Давронов. «Насими рӯҳбахш». Дар маҷмӯаи «Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик», саҳ. 258.

[131] Т. Зеҳнӣ. Санъати сухан. Нашр, «Ирфон», Душанбе, 1967, саҳ. 293.

*фоилун фаӯлун*
*Ман зи дур дидам — V —V — —*
*фоилун фаӯлун*
*Як назар намудам — V —V — —*
*фоилун фаӯлун*
*З-ӯ ҳазар намудам.— V —V — —*
*фаӯлун фаӯлун*
*Дигар канор рафтам, V— V —V — —*
*мафоилун фаӯлун*
*Ба ёди ёр рафтам. V— V —V — —*
*мафоилун фаӯлун*
*Гуле бӯ накардам, V— —V — —*
*фаӯлун фаӯлун*
*Ба гул хӯ накардам V— —V — —*
*фаӯлун фаӯлун*

Кӯтоҳтарин мисраи ин тарона аз (фоилун фаал) яъне аз се ҳиҷои дароз ва ду ҳиҷои кӯтоҳ тартиб ёфтааст, ки давомоти савтии онҳо ба чаҳор ҳиҷои дароз баробар аст. Мисраи дарозтарини тарона аз панҷ ҳиҷои дароз ва ду ҳиҷои кӯтоҳ ташкил шудааст, ки ба шаш ҳиҷои дароз мутасовист. Чунонки мебинем, бо ҳамин қадар гуногуншаклӣ, вазнҳо аз ҳам танҳо ба давомоти савтии ду ҳиҷои дароз фарқ мекунанд. Хусусияти дигари ин вазнҳо дар он аст, ки онҳо кӯтоҳ буда, ба талаботи суруд мувофиқанд. Маҳз ҳамин хусусиятҳо аз рӯи давомоти савтӣ аз ҳамдигар кам тафовут доштани ин вазнҳо аз шумораи ками ҳиҷо ва аз рӯи қавоиди мусиқӣ ва таронагӣ ташкил шудани мисраъҳо ба чунин омезиш имкон дода, дар айни ҳол, ягонагии композитсионии шеърро таъмин кардаанд. Ин ҳам кӯшише буд барои аз яканавохтӣ озод кардани шеър.

Ин гуна таҷрибаҳои Лоҳутӣ ва Пайрав Сулаймонӣ аз доираи суруду таронаҳои инҳо берун баромада бошад ҳам, анвои дигари шеъри онҳоро бакуллӣ фаро нагирифт. Сабаби инро дар хусусияти ғоя ва мавзӯъ, ифода ва тасвири суруду тарона бояд донист. Суруду тарона, ки бо шӯхӣ ва созу наво ҳамзод аст, бори шеъри андеша, фалсафӣ, иҷтимоӣ, драматикӣ ва ё навъҳои дигарро кашиданаш гумон аст.

Баробари омезиши рукнҳо, ки боиси пайдоиши вазнҳои тоза мешуданд, дар эҷодиёти Лоҳутӣ, Пайрав ва Ҳабиб Юсуфӣ тарзи дигари тозагӣ бахшидан ба вазнҳои маъмулӣ ба назар мерасад, ки то имрӯз кам мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Чунонки маълум аст, дар бисёр рукни баҳрҳои арӯз ҷои задаҳо муайян аст. Масалан, дар рукни аслии баҳри мутақориб фаӯлун (V — —), зада бар ҳиҷои дуюм ва дар рукни аслии баҳри рамал фоилотун (—V — —) зада дар ҳиҷои сеюм ва дар рукни аслии бахри ҳазаҷ мафоилун (V — — —) низ дар ҳиҷои сеюм меафтад. Дар баъзе шеърҳо ҷои ҳамин задаҳо тағйир дода шуд, ки дар натиҷа вазнҳои маъмули анъанавӣ ба оҳанги тозае садо доданд. Ин ҷо, албатта, задаи рукнро аз задаи калима бояд фарқ кард. Ҳар калима ва ё иборае, ки аз назари вазн як пораи тараннумиро мураттаб мекунад, метавонад, як ва ё бештар аз ин зада дошта бошад, ки дар асл дар шеъри тоҷикӣ ҳамин тавр ҳам ҳаст. Вале ҷои задаҳои пораҳои таранумӣ дар шеъри классикии тоҷик муайян буд ва қатъиян риоя карда мешуд. Онҳо новобаста аз задаҳои дигари калима дар ҷои худ боқӣ монда, барои ҷудо кардани як пораи таранумӣ аз дигараш хизмат мекарданд. Ҳоло баҳс дар бораи ҳамин задаи пораҳои таранумист.

Задаҳои таранумӣ на фақат дар рукнҳои баҳрҳои аслӣ, балки дар рукнҳои баҳрҳои фаръӣ низ мавқеи муайян доранд. Зотан ҳар рукн ва зиҳофоти арӯзи классикӣ задае доранд ва ин зада

ба онҳо ягонагӣ ва тамомият дода, онҳоро аз рукну зиҳофоти дигар ҷудо мекунад. Пас, на фақат баҳрҳои аслӣ рамалу раҷаз, ҳазаҷу мутақориб ва монанди инҳо бо талаби ингуна задаҳои худ як оҳанги талаффуз ва хониши ба худ хос доранд, балки баҳрҳои фаръӣ низ дорои чунин хусусият мебошанд.

Вақте ки мисраи шеър ба воситаи задаҳои мантиқӣ ба пораҳо ҷудо карда шуда, аз ҷиҳати наҳв комилҳуқуқ мегардад ва дар шеър аз имкони истҳо, васоили муколама, хитоб ва нидоҳо пурра истифода мешавад, он гоҳ ҷои задаи рукнҳо мутаҳаррик шуда, оҳанги маъмули вазн дигар мегардад. Ин тарзи тозагӣ бахшидан ба вазнҳои маъмулӣ махсусан, дар таҷрибаи эҷодии Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ мавқеи калон дорад. Барои мисол пораеро аз шеъри «Асира ё худ исён» - и Пайрав Сулаймонӣ тақтеъ карда, бо афоилҳояш меорем:

*Аҷабо!*
*Ин чӣ саҳнаи мудҳиш*
*Фоило*
*тун мафоилун фаълун*
*Чист афтода?*
*Фоилотун ма*
*Духтаре мадҳуш...*
*фоилун фаълун*
*Ҳамла оварда кист, ҳон?*
*Эй дод!!!*
*Фоилотун мафоилун*
*фаълун*
*Дев!*
*Ифрит!*
*фои*
*лотун ма*
*Ваҳшии хунхор!..*[132]
*фоилун фаълун.*

Ин шеър дар вазни маъмули хафифи мусаддаси махбуни мақсур (ё аслам) буда, шакли асосии он чунин аст:

фоилотун мафоилун фаълун
—V— —V —V — — —

Дар ин пораи шеър мавқеи задаҳои мантиқӣ ва задаҳо дар калимоти хитобӣ хеле зӯр аст. Онҳо таассурот, ҳиссиёти пуршӯру ғалаён, хашму ғазабро хеле пурқувват ва пуртаъсир ифода карда, барои мустақилии ибораҳо ва дар алоҳидагӣ ба тамомияти маънавӣ ва ҳиссӣ гирифтани калимаҳо имкон дода, ба ин восита оҳанги маъмулии вазнро низ дигар кардаанд. Агар аз шеърҳои дар ҳамин вазн гуфтаи шоирони классик порае орем ва онро бо мисраъҳои боло муқоиса кунем, мавқеи дигар доштани задаҳои шеъри Пайрав хеле аён ба гӯш мерасад. Порае аз ғазали Ҳофиз:

*Дил саропардаи муҳаббати ӯст,*
*Дида оинадори талъати ӯст,*
*Ман, ки сар барнаёвам ба ду кавн,*

132.Пайрав Сулаймонӣ. Девон. Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1971, саҳ. 43-44

*Гарданам зери бори миннати ӯст.*
*Туву тӯбиву мову қомати ёр,*
*Фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст.*
*Даври Маҷнун гузашт, навбати мост,*
*Ҳар касе панҷрӯза навбати ӯст*[133].

Ҳар як калима ибора ва ё қисмати мисраи шеъри Пайрав Сулаймонӣ як тамомияти ҳиссӣ ва маъноӣ дошта, оҳанги дигари хонишро мехоҳад. Агар ба ин задаҳои мантиқиро, ки ба калимот ва иборахо тамомият мебахшад, афзоем, маълум мешавад, ки ин пораи шеърро ҳаргиз ба оҳанги маъмулии вазни он, чунонки ғазали Ҳофизро мехонем, хондан дуруст нахоҳад буд.

Дар ташкили вазнии шеърҳои «Рамузи ҳаёт», «Дасти булӯрин», «Дар фироқи дасти булӯрин», «Якуми Май», «Марши пионерон», «Навиди Вахшстрой» низ ҳамин гуна тозакориҳо мавқеъ доранд[134].

Дар ҳамон шеърҳои Пайрав Сулаймонӣ, ки дар вазни онҳо тозагиҳо дида мешавад, калимот аксаран дорои задаи устувор ё мантиқӣ буда, онҳо бештар калимаҳои хитобӣ, нидо, таҳайюр ва ифодакунандаи шӯриш ва ангезиши ҳиссиётанд.

*Дасти нозук,*
*латиф,*
*соф,*
*булӯр*
*Ҷониби ман дароз шуд,*
*ҳайҳот!*
*Даст не,*
*даст не –*
*Румузи ҳаёт!*
*- Ку ҳамон?*
*Ку таноби имрӯзӣ?*
*Ку, куҷо шуд?*
*Чаро ба гардан нест?*
*- Оҳ, афсӯс!*
*Сад ҳазор афсӯс!*[135]

Дар омади сухан бояд қайд кард, ки ин шеър боиси баҳсҳо шуда, баҳоҳои гуногун гирифтааст. Аз ҷумла М. Явич ба он баҳои манфӣ дода, дар ин шеър танҳо ба як нигоҳ ошиқшавии шарқиро мебинаду бас[136].

133.Ҳофизи Шерозӣ. Ашъори гузида. Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1971, саҳ. 33

134Дар ин бора муфассалтар муроҷиат шавад: С. Табаров. Пайрав Сулаймонӣ. УДТ. Душанбе, 1962, саҳ. 206-.209

135.Пайрав Сулаймонӣ. Девон. Саҳ. 71

136Муроҷиат шавад: М. Явич. Путь поэта. Дар маҷмӯаи Пайрав Сулаймонӣ. Избранное, 1957, саҳ. 21 – 22. .Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик, қисми 2, саҳ. 200

Вале ҳақ ба ҷониби С. Табаров аст, ки менависад: «... қимати ин шеър пеш аз ҳама дар муносибати нави инсонӣ, тарзи нави образэҷодкунӣ ва дар ҷустуҷӯи шаклҳои нави ашъори лирикӣ дар назми тоҷик мебошад»[137].

Дар бораи ақидаи М. Явич дар бораи ин шеър гуфтан даркор аст, ки ошиқ шудан ғарбию шарқӣ надорад ва ба як нигоҳ дил бохтан ҳаргиз боиси маломату мазаммат нест ва, махсусан, дар шеъри лирикӣ, ки ба табиати он ифодаи эҳсосоти яклаҳзагӣ хос аст.

Масалан, шеъри машҳури Пушкинро гирем:

*Я помню чудное мгновенье:*
*Передо мной явилась ты.*
*Как мимолетное виденье,*
*Как гений чистой красоты.*

Агар аз рӯи ин гуфтаҳои М. Явич ба шеърҳои лирикӣ баҳо дода шавад, қариб ба ҳамаи онҳо нуқси «ошиқшавии яклаҳзагии шарқӣ» - ро мансуб донистан мумкин аст, ҳол он ки дилнишинӣ ва таровати шеъри лирикӣ дар ифодаи ҳамон ҳиссиёти яклаҳзагист.

Ин чиз шояд дар баъзе ҳолатҳо дар достон нукс дониста шавад, вале на дар шеъри лирикӣ. Ин хусусият ба асолати шеъри лирикӣ созвор аст.

Ба ғайр аз ин, қайд кардан зарур аст, ки як вазн на фақат дар истифодаи шоири классик ва ё муосир оҳанги мутафовити ритмӣ пайдо карданаш мумкин аст, ин ҳолат метавонад дар эҷодиёти як шоир ҳам ҷой дошта бошад. Ин ақида, масалан, дар мисоли се шеъри Пайрав Сулаймонӣ «Асира ё худ исён», «Дасти булӯрин» ва «Дар фироқи дасти булӯрин», ки дар як вазн (хафифи мусаддаси махбуни мақсур (ё аслам)) эҷод шудаанд, тасдиқ мешавад. Дар шеърҳои «Дасти булӯрин» ва «Дар фироқи дасти булӯрин», ки ифодаи ҳиссиёт ва таассурот ба ҳам монандӣ доранд, онҳо аз ҷиҳати зарбу ритм низ ҳамоҳанг садо медиҳанд.

Пораи аввал аз шеъри «Дасти булӯрин».

*Дасти нозук*
*латиф,*
*соф,*
*булӯр,*
*Ҷониби ман дароз шуд,*
*ҳайҳот!*
*Даст не,*
*даст не –*
*Румузи ҳаёт!*
*- Ку ҳамон?*
*Ку таноби имрӯзӣ?*
*Ку, куҷо шуд?*
*Чаро ба гардан нест?*
*- Оҳ, афсӯс!*
*Сад ҳазор афсӯс!*

Пораи аввал аз шеъри «Дар фироқи дасти булӯрин»:

*Баҳри чӣ?*

---

[137] С. Табаров. Пайрав Сулаймонӣ, саҳ. 2007.

*Он итобу нозу гурур,*
*Баҳри чӣ, баҳри чист,*
*ин дастур?*
*Аввал эҳсону баъд аз он ҳиҷрон,*
*Маст кардиву баъд аз он махмур,*
*Таъна то чанд ҷои меҳру вафо?*
*Захм то кай ба синаи ранҷур?*
*Тори зулфат каманди хеш кушод,*
*Дил ба қайди ту дастбаста фитод,*
*Дасти нозук,*
*латиф,*
*соф,*
*булӯр...*
*Дур шуд...*
*дур шуд*
*зи ман...*
*ҳайҳот!*
*Даст не...*
*даст не...*
*румузи ҳаёт*[138]*...*

Аз ин ду пора хуб мешунавем, ки оҳанги онҳо нозуки ошиқона, оҳанги ранҷиш ва таассуф аст, вале дар шеъри «Асира ё худ исён», чунонки аз номаш ҳам пайдост, як оҳанги таркандаи хашму ғазаб баланд садо медиҳад, ки ҷо - ҷо бо «Нолаи дилхарошу савти ҳазин» ва «Илтиҷои хафифу аҷзи анин» низ меомезад. Вале ташкили ритмии шеър асосан ба ҳамин як оҳанги зӯри тарканда аст.

*Аҷабо!*
*Ин чӣ саҳнаи мудҳиш,*
*Чист афтода?*
*Духтаре мадҳуш...*
*Ҳамла оварда кист, ҳон?*
*Эй дод!!!*
*Дев!*
*Ифрит!*
*Ваҳшии хунхор!..*
*... Нолаи дилхарошу савти ҳазин –*
*Алъамон!*
*Дод! Тавба! Истимдод!*
*Гиряву лоба,*
*зорию фарёд...*
*Илтиҷои хафифу аҷзи анин...*
*Ку даҳо?*
*Ку ҳимоя?!*
*Ку имдод?!*
*Ку тараҳҳум?*
*Хароб шав!*
*Барбод!*[139]

---

[138].Пайрав Сулаймонӣ. Девон. Саҳ. 113

Аз ин се шеъре, ки дар вазни арӯз эҷод шудаанд, чӣ тавре ки қайд шуд, ду шеър аз ҷиҳати ритму оҳанг ба ҳамдигар қаробат доранд, вале дар арӯз кам чунин воқеъ мешавад, ки ду шеъри дар вазнҳои гуногун гуфта як хел ва бо як оҳанг садо дода бошанд. Албатта, дар ин ҷо баъзе вазнҳое, ки аз ҷиҳати таркиб ва тартиби ҳиҷоҳо ба ҳам монанданд, масалан, аз қабили вазнҳои рамали мусаддаси маҳзуф, ки афоил ва нақшааш чунин аст: фоилотун, фоилотун, фоилун — V — — / — V — — /— V — ва сареи мусаддаси матвии макшуф, ки афоил ва нақшааш ба ин тариқ аст: муфтаилун муфтаилун фоилун — VV — / — VV — /— V — ва баъзан ҳангоми сабуктар хондани аввал ва вазнинтар хондани баъдина ритми якхела пайдо мекунанд, ба эътибор гирифта нашудаанд. Чунки онҳо вақте ки ба ҳам монанд мешаванд, чун як вазн садо медиҳанд.

Ҳамоҳангии шеърҳои дар ду вазн иншошударо на ҳамонандии мавзӯъ, ҳиссиёт ва на монандии воситаҳои тасвир таъмин карда метавонанд, чунки «чигунагии таъсири ҳиссии ритми шеър пеш аз ҳама аз таркиби интонатсионии он, аз воҳидҳои иборагӣ вобаста аст»[140].

Чанд шеъри дар як вазн гуфташуда маҳз ба хизмати ҳамин таркибҳои интонатсионӣ, чунонки дар шеърҳои Пайрав Сулаймонӣ буд, аз ҳамдигар мутафовит садо медиҳанд. Агар ҳамонандии таркибҳои интонатсионӣ дар шеърҳои дар вазнҳои гуногун гуфта, барои ҳамоҳангии ин шеърҳо хизмат кунад, гуногунии вазн ин монандиро барҳам мезанад. Вале гуногунии оҳанги ҳар вазнро эътироф кардан маънии онро надорад, ки ба ҳар вазни арӯз як оҳангро нисбат дода, онро ба ифодаи фақат як ҳиссиёт шодӣ, андӯҳ, тантана ва монанди инҳо қобил донисту бас.

Имкони дохилии ритмии авзони арӯз бештар аз он аст, ки гумон меравад. Агар чунин нисбат раво бошад, ҳар яке аз авзони арӯз ба дастаи машшоқон монанд аст. Ин дастаи машшоқӣ бо афзудан ва ё кам кардан ва ё дигаргун кардану ритму зарб чандин оҳангро метавонад бинавозад, ки ифодаи ҳиссиёт дар онҳо ҳаргиз ба ҳамдигар монанд набошад. Вазни арӯз ҳам ҳамин тариқа аст. Он оҳанги маъмулие, ки мо аз замзамаи афоилу тафоили ягон вазни арӯз ҳосил мекунем, танҳо яке аз оҳангҳои он аст, ки он лаҳза ба гӯши мо мерасад. Бинобар ин «... оҳанги ҳар як аз баҳрҳои арӯз барои анҷом додани вазифаи муайяне хизмат мекунад ба монанди шодӣ, ҳаяҷону шуҷоат, андӯҳгинӣ ва ҳоказо...»[141] гуфтан набояд чандон дуруст ва ҳукми қатъӣ бошад.

Як вазнро барои ифодаи танҳо як ҳиссиёт ва ё як мақсад қобил донистан дар асл имкони дохилии вазнро рад кардан аст. Ба онҳое, ки вазифа ва имкони вазни мутақорибро танҳо аз ифодаи тантана ва ҳарбу зарб медонанд ва ба ин маънӣ ҳамеша «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро мисол меоранд, ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки лаҳзаҳои ишқварзии қаҳрамонони ин шоҳкори бузург, саҳнаи бо дасти падар кушта шудани Сӯҳроб ва сӯгвории Рустам ба марги писари худ, ки дар адабиёти башарӣ аз дилхароштарин лаҳзаҳост ва ҳамчунон боби ҳаҷв дар ҳаққи Султон Маҳмуд, ки аз омезиши хорикулоддии ғаму андӯҳ, хашму ғазаб, кину ситеза, сарбаландию шикастагии шоири бузург иншод шудааст, ҳама дар ҳамон вазни мутақориб гуфта шудаанд. Бешубҳа, ин бобҳо ҳама оҳанги хосе доранд ва ҳамон вазни мутақориб барои ифодаи ҳиссиётҳои гуногун хизмат кардааст.

---

[139].Пайрав Сулаймонӣ. Девон. Саҳ. 44

[140] Б. В. Томашевский. Стих и язык. Изд-во. АН СССР, М., 1958, стр. 32.

[141] Б. Сирус. Арӯзи тоҷикӣ. Нашр. «Ирфон», Душанбе, 1963, саҳ. 276.

Ба ифодаи ягон ҳиссиёт ва ё мундариҷаи муайян қобил шудани вазни арӯзӣ на фақат аз хусусияти дохилии он, яъне аз такрори мураттаби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ вобаста асту бас. Ин чиз ба худи асари манзум, ба низоми интонатсия, таркиби луғавию образҳои он алоқа дорад, ки дар яке аз вазнҳои арӯзӣ гуфта шуда, онро ба таъсири худ даровардa аст. Танҳо ба ҳамин маънӣ, яъне бе дигаргунии шаклӣ, бе тағйири миқдор ва тартиби рукнҳо дар шеър дар бораи мазмун ва оҳанги нав гирифтани вазнҳои анъанавии арӯз сухан рондан мумкин аст.

Ҳамин тавр, баъзан дар назария ба ин ё он вазни арӯз ифодаи танҳо ягон оҳанги ҷудогона нисбат дода шавад ҳам, таҷрибаи эҷодӣ ба ноқисии ин андеша далолат мекунад. Барои тасдиқи ин фикр мо дар эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ мисолҳои бисёр пайдо мекунем. Тозакориҳои ӯ низ дар вазн маҳз дар дохили арӯз ба воситаи афзудани комилҳуқуқии калима ва ибора, таркибҳои интонатсионӣ ва задаҳои мантиқӣ сурат гирифтааст.

Ҳабиб Юсуфӣ дар шеърҳои «Интиқом», «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар», «Муҳаббат ва ҳақиқат» ва як силсила шеърҳои дигараш аз ин воситаҳо бо маҳорати том истифода карда, шеърашро тозаоҳанг сохтааст.

*Оре, ҳаёт, ишқ,*
*садоқат, бародарӣ –*
*Чун модар,*
*ин ҳама суханони муқаддасанд!*
*Лек, интиқом,*
*ту ба ман ин дам зи ҳар сухан*
- *Қиматтару азиз,*
*муқаддастару баланд!*

Ин мисраъҳо аз шеъри «Интиқом»-и Ҳабиб Юсуфист, ки ба вазни музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур (ё маҳзуф) гуфта шудааст ва ин вазн дар шеъри классикӣ ва, махсусан, дар ғазал хеле маъмул аст. Он чунин тақтеъ мешавад:

Мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилон

— — V/ — V —V/V — — V/ —V —

Барои он ки тафовути ритмии ин шеър аз оҳанги аслии афоили ин вазн ва шеъри ба ҳамин вазн гуфтаи шоирони классик аён шавад, пораеро аз ғазали Ҳофиз меорем:

*Соқӣ, ба нури бода барафрӯз ҷоми мо,*
*Мутриб, бигӯ, ки кори ҷаҳони шуд ба коми мо.*
*Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем,*
*Эй бехабар, зи лаззати шурби мудоми мо.*

Ҳарчанд дар ин чаҳор мисраи ғазали Ҳофиз 30 калима ва дар пораи шеъри Ҳабиб Юсуфӣ 24 калима истифода шудааст, вале миқдори таркибҳои интонатсионӣ дар шеъри Ҳабиб Юсуфӣ бештар аст. Ин тафовути миқдорӣ дар шумораи таркибҳои интонатсионӣ боиси гуногунии ташкили овозии пораҳо шудааст. Азбаски сохти фонетикии забон ҳаргиз як хел нест ва ин ду пора ҳам аз ҷиҳати таркиби овоз ба ҳам фарқ дорад, ҳангоми талаффуз аз ҳам мутафовит садо медиҳад. Аз ин бармеояд, ки нақшаи ин вазн, ки он бо аломатҳои шартии (–) ҳиҷои дароз ва (V) кӯтоҳ ишора мешавад, тамоми тобишҳои ритми шеърҳоеро, ки ба ин вазн гуфта шудаанд, ифода карда наметавонад. Пас, ритми шеър ба ғайр аз талаботи нақша ва афоилу тафоили он аз таркиби овозии шеър, аз табиат ва хусусияти калимоти он низ вобаста аст. Азбаски таркиби

луғавии шеъри Ҳабиб Юсуфӣ ба пораи ғазали Ҳофиз ва ҳамчунин мундариҷаи ҳиссӣ ва завқии онҳо аз ҳамдигар фарқ доранд, як вазн дар ду ҳолат – дар шеъри Ҳабиб Юсуфӣ баланду мутантан ва дар ғазали Ҳофиз пасттару хафиф садо додааст. Вале на дар шеъри аввал ва дуюм оҳанги вазн барои ифодаи ин ду ритми тафовутнок мухолиф наафтода, баръакс созиш кардааст.

Азбаски дар ғазали Ҳофиз миқдори таркибҳои интонатсионӣ камтаранд, ки натиҷаи камии мустақилияти калимот мебошанд, ҳангоми хондан мавзунӣ ва тараннумро ба вуҷуд меоваранд, дар шеъри Ҳабиб Юсуфӣ бо афзудани мустақилияти калимот миқдори таркибҳои интонатсионӣ низ зиёд шуда, ба шеър оҳанги минбарӣ мебахшанд.

Дар шеъри Ҳабиб Юсуфӣ мустақилияти маъноию наҳвии калимот қавист, он шаклан ҳам таъкид ва на фақат ба зинаҳо тақсим карда шудаанд, балки дар ҳолати сарфии онҳо низ пайдост. Масалан, калимаҳои ҳаёт, ишқ, садоқат, бародарӣ аз ҳамдигар бо вергул (,) ҷудо карда шуданд, ҳол он ки онҳо метавонистанд бо пайвандаки пайвасткунандаи «у» ҳам пайваст шаванд, ки ба вазн халале намеоварад. Дар мисраи дуюм бошад ибораи «чун модар» аз рӯи талаботи вазн бояд бо ишоратҷонишини «ин» ҳамроҳ чун мода-рин хонда мешуд, вале шоир ибораи чун модар -ро ба зинаи дигар ҷудо карда, алоҳида хондани онро таъкид кардааст. Калимаҳое, ки задаи мантиқӣ доранд, одатан бепайвандак, чида шуда меоянд ва мустақилияшон ҳам бештар буда, дар алоҳидагӣ ҳам метавонанд бори як ҷумлаи сераъзоро кашанд.

Дар ғазали Ҳофиз ритми вазни арӯзӣ оҳанги ғазалро муайян ва дар шеъри Ҳабиб Юсуфӣ оҳанг, мундариҷаи калимот ва таркибҳои интонатсионӣ ритми вазни арӯзиро таъмин кардаанд.

Ба тозагӣ пайдо кардани арӯзи анъанавӣ дар эҷодиёти Пайрав Сулаймонӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ, махсусан, оҳанги қавии минбарӣ доштани равияи услубии онҳо сабаб шудааст. Тозакориҳои онҳо асосан дар дохили вазни арӯз сурат гирифтааст.

Минбаъд ин тозакориҳо аз дохили нақшаи маъмулии вазн (на аз системаи вазни арӯз) берун баромад. Ин таҷаддуд дар назми муосир бештар бо номи «арӯзи озод» маъруф шуд. Чунонки зикраш рафта буд, намунаи ин гуна шеърро, яъне шеъреро, ки бо арӯзи озод гуфта шудааст, устод С. Айнӣ эҷод карда буд. Ҳарчанд ки таърихи арӯзи озод ба аввали аср мерасад, вале ҳақиқат ин аст, ки дар нимаи асри бист ин тамоюл давоми бевоситаи он навҷӯии пешин набуда, ба андозае метавон гуфт, ки аз сари нав ба зуҳур омад. Аз ин рӯ, инкишофи арӯзи озодро дар эҷодиёти шоирони муосир танҳо дар заминаи арӯзи озоди аввали аср донистан масъалаи мушкил ва мураккабро як андоза осону сабук нишон додан аст. Ин ақида ба ғайр аз дар таҷрибаи эҷодӣ тасдиқ нашуданаш нуқси дигаре дорад, ки инкишофи адабиётро зоҳиран ба як маром, пайваста нишон доданӣ шуда, қонуниятҳои инкишофи адабиро танҳо дар дохили худи ҳаёти адабӣ меҷӯяд ва дар натиҷа омилҳои дигари объективӣ аз назари эътибор соқит мешаванд. Арӯзи озоди имрӯз ва таҷаддудҳои вазнии солҳои бистуму сиюм ҳодисаҳои адабии якранг набуда, ба ҳам тафовут доранд. Арӯзи озод нисбат ба гузаштаи худ ба ҳозирааш сахттар пайвастааст ва решаҳои он ҳам ба замини назми имрӯз фурӯ рафтаанд.

Мӯъмин Қаноат тозакориҳои худро дар вазн аз гуногун овардани миқдори рукнҳо оғоз кард, ки он дар шеъри «Мавҷ дар пешонаи поки Тарас» (аз достони лирикии «Мавҷҳои Днепр») ба тариқи пурра сурат гирифт. Миқдори мисраъҳои ҳар пораи ин шеър аз рӯи ихтиёри шоир ва бо талаби андеша ва эҳсосоте, ки бояд баён шавад, муайян мегардад. Ҳамчунин миқдори рукни ҳар мисраъ. Дар қисмати калони оғози шеър, ки аз бисту як мисраъ иборат аст, як усули каму зиёдии рукнҳо риоя шудааст. Мисраи якум ба ду бор «фоилотун» баробар буда,

мисраи дуюм ба ду бор «фоилотун» ва як «фоилун» мутасовӣ омада, дар мисраи сеюм ва чорум боз ҳамин тартиб такрор мешавад.

*То наҷӯяд ростиро,*
*То нагӯяд рост дар дунёи каҷ,*
*Асри сангин, ҳукми нангин*
*Шоири озодро сарбоз кард.*
— V — — / — V — —
— V — — /— V — — / — V —
— V — — / — V — — /
— V — — /— V — — / — V —

Дар мисраъҳои минбаъда ин усули мураттаб риоя нашавад ҳам, дар ташкили вазнии шеър қонунияти ягона ба назар мерасад. Ҳар мисрае, ки дар он ифодаи андешаю эҳсосот ба охир мерасад ва пас аз он исте ба миён меояд, бо зиҳофи «фоилун», яъне маҳзуфи баҳри рамал тамом мешавад.

Ташкили вазнии шеъри «Мавҷи ханда» ҳам ба ҳамин усул қаробат дорад. Дар ин шеър усули дар банди аввал пешгирифта то охир асосан ба як низом давом дода мешавад. Танҳо дар ду ҷои шеър тартиби пешинаи мисраъҳо дигаргун мегардад. Мисраи якум ва дуюм рукни фоилотуни бахри рамал ва мисраи сеюм дар шакли фоилотун фоилотун фоилотун омада, ба ин ду мисраъ тамомияти ритмӣ мебахшад.

Чунонки маълум аст, аз чаҳордаҳ баҳри аслии арӯз панҷтои он (ҳазаҷ, раҷаз, рамал, мутақориб, мутадорик) бо рукнҳои аслиашон истифода мешаванд. Аз тадқиқоти бисёр арӯзиёни қадиму кунунӣ ва ҳамчунин аз таҷрибаи имрӯза бармеояд, ки ин баҳрҳо бо рукнҳои аслиашон ва махсусан, рамал, мутақориб ва мутадорик хеле камистифодаанд. Сабаби инро арӯзиён аз нохушояндии онҳо донистаанд. Ҳақиқатан, махсусан, баҳрҳои фаръии рамал нисбат ба шакли солими он хеле хушоянд ва гӯшнавозанд. Агар ин тавр аст, пас, чаро Мӯъмин Қаноат, ки шеърро хеле хушоҳанг ва мавзун мегӯяд, маҳз ба рукни солими ин вазн шеър гуфтааст? Аввалан, ритме, ки аз такрори афоили ин бахр пайдо мешавад ба андозае вазнин аст:

Фоилотун фоилотун фоилотун фоилотун

Сониян, мавзӯи шеъри «Мавҷи ханда», ки дар тазоди ду тақдири ба ҳам зид – хушбахтии Катеринаи муосири мо бо бадбахтии Катеринаи Т. Г. Шевченко инкишоф меёбад, як оҳанги батамкини баёнро хостааст. Дар ин шеър, ки ҳиссиёти лирикӣ суҷет пайдо кардааст, баъзе унсурҳои ҳикоят барои ифодаи пайдарҳами воқеа ёрӣ кардаанд. Ин ҷо шеърияти наср ба оҳанги шеър таъсири пурсамар гузоштааст. Мисраъҳо дар таъсири ритми озод, табиӣ ва, дар айни ҳол, шоиронаи наср аз якнавохтӣ озод гашта, ба андозае, ки ба оҳанги наср наздик мешаванд, ҳамон қадар бештар аз шеърияти худ хабар медиҳанд.

Диққати кас ҳангоми хондани шеър на ба ҳиҷо ва калима, балки ба гурӯҳи калимаҳо, ибораҳо ҷалб мешавад. Аз ин рӯ, ба ритми шеър нисбат ба порчаҳои тараннумӣ ибораҳо бештар таъсир мекунанд.

*Монд кӯдакро ба соҳил*
*Ӯ ба рӯи сабзаи тар,*
*Гашт берун аз қабо озода пайкар.*
*Ханда карду рафт тозон*
*Сӯи дарёи хурӯшон,*
*Пайкари покиза шуд дар мавҷ пинҳон.*
*Дида ин ҳолат, баногаҳ*

*Нола аз ҷонам баромад,*
*Пеши чашмам даҳшати дирӯза омад.*

Дар мисраъҳои боло пораҳои наҳвӣ (синтагмӣ), ки яке бар дигаре нисбатан дарозу кӯтоҳ ҳастанд, ба хосияти ибораҳои наҳвии наср қаробат доранд ва дар шеър ба ритми маъмулии вазн тозагӣ бахшидаанд. Вале набояд чунин тасаввур кард, ки тозакориҳои Қаноат дар вазн доимо чунин хусусият доранд. Дар шеърҳои дигаре, ки ташкили вазнии онҳо низ тозагӣ дорад, баръакси мушоҳидаи пешина ба ҳам мувофиқ омадани ибораҳои навҳӣ фаровонанд. Ин ибораҳои наҳвӣ барои ифодаи пуршӯру ҳаяҷони эҳсосот ҷуфт - ҷуфт истифода мешаванд. Азбаски онҳо одатан як оҳанги шадид доранд, ҳаргиз якнавохт ба гӯш намерасанд. Ин гуна пораҳои наҳвии ҷуфт дар шеърҳои «Дар паноҳи шохсорон», «Нарав, қуи сафеди ман», «Қатли Восеъ», «Давоми нек роҳатро», «Гули Бодом» ва шеърҳои дигари ӯ вазифаи ифодаи шадиди ҳиссиёт ва ташкили пуробутоби ритмиро хеле хуб баҷо овардаанд. Дар шеъри «Дар паноҳи шохсорон» зиёда аз нуҳ байти он бо ҳамин тавр ибораҳои наҳвии мутавозӣ омадаанд. Масалан,

*Ҳукумат аз сари минбар,*
*Хиёнат аз паси чодар,*
*Сипоҳӣ дар замину бешаю дарё,*
*Ҳама як роҳро пӯё,*
*Ҳама Ленинро ҷӯё,*
*Ки гардад инқилоби қавмҳо бесар.*

Дар «Гули Бодом», ки дар шакли монологи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Саидаҳмад Каримов навишта шудааст, такрори ибораҳои наҳвии барои ифодаи меҳри ҷӯшони қаҳрамон ба аспи худ – Гули Бодом хеле хуб хизмат кардаанд. Ин шеър бар вазни ҳазаҷи солим аст. Миқдори рукни мисраъҳо бар ихтиёри шоир буда, бештаринашон чор рукн ва камтаринашон як рукн доранд. Азбаски дар баъзе мисраъҳо рукнҳо шикаста мешаванд, ибораҳои наҳвӣ аз ҷиҳати тасвири графикӣ ба ҳам параллел, мувозӣ афтиданашон мумкин аст. Ҳангоми хондани шеър дар байни ин рукнҳои шикаста исте ба миён ояд ҳам, мисраъ, албатта, бо рукни солим ба охир мерасад ва параллелии ибораҳо равшан шунида мешавад.

| | |
|---|---|
| *Суми мармар,* | *V — — —* |
| *думи мухпар,* | *V — — —* |
| *Пари кафтар,* | *V — — —* |
| *дави саросар,* | *V — — —* |
| *Миёне дастаи ханҷар* | *V — — — / V — — —* |
| *Чи гардан,* | *V — —* |
| *гардани духтар* | *— V — — —* |
| *Аҷаб хушрӯю бозингар -* | *V — — — V — — —* |
| *Гули Бодом* | *V — — —* |
| *Ба Волга бори аввал* | *V — — —/ V — —* |
| *Чун садои тӯп бишнидӣ* | *— /V — — —/ V — — —* |
| *Чу тори чанг ларзидӣ,* | *V — — —/V — — —* |
| *Садо кардӣ,* | *V — — —* |
| *Садо кардӣ,* | *V — — —* |
| *Гули Бодом* | *V — — —* |

Дар ташкили вазнии ин шеър ҷиҳатҳои фардии муносибати Қаноат ба вазни маъмули арӯзӣ ва тозакориҳои ӯ дар доираи ин вазн ба хубӣ зуҳур кардааст. Қаноат аз ҷумлаи онҳоест, ки дар назми муосир барои дигарсозии арӯз азми ҷазме доранд. Дар истифодаи Қаноат арӯз бо вуҷуди шикастану дигаргунсозиҳо аз  он шакли анъанавии худ, ки ба қавли арӯзиён хеле вазни хушоянд ва мутаранним аст, боз ҳам хушояндатар ба гӯш мерасад. Пас аз ин ҷо он азме, ки мехоҳад арӯзро шикаста мутаранними ва мусиқавияташро барҳам зада, ба он оҳанги ифодаи ҳиссиётро диҳад куҷосту бо вуҷуди шикастани арӯз ин гуна хушояндӣ аз куҷост?

Дар шеърҳои М. Қаноат агар рукн шикаста мисраи нав сар шавад ҳам, он мисраи дигар аз давоми рукни шикаста оғоз мешавад, яъне чунонки дар пораи боло ҷой дорад, агар мисраи аввал бо рукни «мафоилун» буда, бо «мафоӣ» тамом шуда бошад, мисраи сонӣ, албатта, бо «лун» «мафоилун» оғоз мешавад. Дар ин ҳолат пас аз мисраи аввал исте ба миён меояд, ки аз исти муқаррарии байни рукнҳо дарозмуддаттар аст ва вазн аз ҷиҳати нақша анъанавӣ бошад ҳам, ҳамин фосилаи вақт оҳанги маъмулии рукнҳоро ба андозае дигар месозад. Шоир рукнҳоро дар ҷое, ки ибора тамом нашудааст, намешиканад. Шикастани рукнҳо ба тамомият, оҳанг ва бардошти маънавии ибора вобаста аст. Ин ҳолат натиҷаи он аст, ки шоир нисбат ба баробарвазн овардани рукнҳо камтар аҳамият дода, рукнҳоро аз рӯи қонуни тамомияти оҳангию наҳвӣ месозад.

Ин воситаҳо дар ҳар шеър  метавонанд ҳар хел бошанд, вале, бо вуҷуди ин, дар доираи эҷодиёти як шоир то андозае воситаҳои асосии ташкилкунандаи вазнро муайян кардан мумкин аст.

Аз бозе ки дар вазн тозакориҳо ба амал мепайванданд, доимо фикре баён карда мешавад, ки арӯз бо мусиқӣ қаробати наздик дорад ва ин хусусият барои ифодаи бехалал ва ҳамаҷонибаи ҳиссиёту таассурот имкон намедиҳад. Масалан, дар яке аз мубоҳисаҳои гузаштаи «Шеъри нав» Баҳром Сирус дар мақолааш барои сохтани вазне, ки «Дар асоси талаботи сохти забони мо бино ёбад, на дар асоси унсурҳои ритми мусиқӣ, ки вазни арӯз дар асоси он мусиқии қадим бино ёфтааст»[142] даъват карда буд. Аммо иштирокчии дигари мубоҳиса Жола Бадеъ ба ин суханон «вазни наве, ки талаб карда мешавад, тамоман хаёлӣ ва номаълум аст»[143] – гӯён эрод гирифта буд.

Масъалаи арӯз ва мусиқӣ тадқиқоти алоҳидае мехоҳад. Вале азбаски дар вақтҳои охир мусиқавияти арӯз яке аз норасиҳои вай ва садде барои ифодаи ҳамаҷонибаи эҳсосот дониста мешавад, лозим аст, ки ба ин масъала андешида, андозаи ин қаробат нишон дода шавад, то шоирони навҷӯ барои дур андохтани ин садди даргумон беҳуда қувва сарф накунанд.

Мусиқие, ки аз хондани шеър бармеояд, кайҳо он мусиқие нест, ки замонҳои пеш аз ин буд ва дар ҳамон давра ҳам мусиқии шеър аз мусиқӣ ҳамчун ҳунар фарқ мекард. Пайдоиши шеър зотан аз суруд аст, ки  бо мусиқӣ пайванди қавӣ дошт. Ҳатто дар давраи румиёни қадим, чунонки Ситсерон қайд мекунад, навъи шеърҳое мавҷуд буданд, ки фақат бо ҳамовозии най ҳамчун шеър дарк карда мешуданд[144]. Ҳолати ба ин монанд дар Ҳиндустон ҳам ҷой дорад. Дар он ҷо то ҳол лирика ба оҳанг, ё мад кашида хонда, шеърҳои эпикӣ суруда мешавад[145]. Яъне як

---

[142] Б. Сирус. Оид ба шеъри нав. «Садои Шарқ», 1965, №8, саҳ. 123.

[143].Жола, Шеъри нав чист? «Садои Шарқ», 1966, №2, саҳ. 93

[144].Муроҷиат шавад: Цицерон. Три трактата об ораторском искусстве. Изд-во «Наука», М., 1972, стр. 371

[145].Муроҷиат шавад: «Литература древнего Востока». Изд-во МГУ, 1971, стр. 183

замон мусиқӣ на танҳо ба шеър пайванд доштааст, балки гоҳо шеър бе мусиқӣ шеър ҳам шинохта намешудааст. Агар ҳамин тавр ҳам ҳаст, ин далели он нест, ки дар асрҳои баъд ин қаробати наздик барҷо монда бошад. Қонунияти securitiesвазнӣ ва арӯз замоне сурат гирифт, ки шеъру мусиқӣ ҳамчун ду навъи ҷудогонаи санъат комилан шакл гирифта буд. Аз ҳамин рӯ ритми мусиқӣ наметавонист барои сурат гирифтани арӯз воҳиди асосии ченак бошад.

Он ритме, ки ҳангоми сурудани шеърҳои арӯзӣ пайдо мешавад, бештар дар натиҷаи такрори мураттаби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ба вуҷуд меояд, то аз таъсири ритмҳои мусиқӣ. Ин гуна мусиқавият на танҳо дар шеъри арӯзӣ, балки дар шеъри ҳамаи халқҳое, ки системаи вазнии онон дар асоси такрори мураттаби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ сохта шудааст, ҷой дорад.

Бинобар ин барои ифодаи ҳиссиёти пурошӯб ва гуногуноҳанг мусиқавияти арӯзро садди асосӣ донистан дуруст нест. Зеро на танҳо шеъри арӯзӣ, шеъри ҳиҷоӣ ҳам мусиқавият дорад ва суруда мешавад. Мисоли ин «Гӯрӯғлӣ» ва гӯрӯғлихонии тоҷикист. Пас, ритми шеъри арӯзӣ аз мусиқӣ фарқ дорад. Ҳоло дар як шеъри Лоиқ унсурҳои ритми шеърро нишон дода, ба ин восита фарқияти онро аз ритми мусиқӣ алоқадри ҳол муайян мекунем:

*Ҷонам чӣ хоҳад аз рӯзгорон?*
*Навбатгузорӣ бо ҳақгузорон,*
*Бо сӯзи пинҳон ёд оварам ман*
*Аз ашки ёрон дар рӯзи борон.*
*Бо худ ситезам бе худ ситезам,*
*Коре надорам бо кинадорон.*
*Чун тангчашмон дунё наҷӯям,*
*Қисмат кунам дил бо дилфигорон.*
*Дар синаи ман ҷӯшад ҳамеша*
*Сад корзоре бекорзорон.*
*Одам ғанимат ҳар дам ғанимат,*
*Эй ҳамнасибон, эй ҳамҷаворон.*

Вазни ин шеър мутақорибы мусаммани аслам аст, ки аз чаҳор бор такрори фаълун фаӯлун дар як байт ҳосил мешавад, ки нақшааш чунин аст:

— — /V — — / — —/V — —

1. Ин вазн яке аз он вазнҳои арӯзист, ки дар он ҳар мисраи шеър ба ҷуз ба рукнҳо тақсим шуданаш боз ба ду пораи баробар ҷудо мешавад ва ин суратро мегирад:

*Фаълун фаӯлун // фаълун фаӯлун*

2. Ҳар мисраъ аз ибораҳои сарфии тамомиятдошта иборатанд. Дар мисраъҳое, ки ибораҳо ба вазни порчаи тараннумии фаълун фаӯлун мутавозӣ ҳастанд, ин ду ибораи як мисраъ ҳамвазнанд.

*Бо худ ситезам // бе худ ситезам,*
*Коре надорам // бо кинадорон.*

Агар ҳар як ибораи дуюм ба пеш гирифта хонда шавад, дар ҳеҷ ҷои шеър ба вазн халале намерасад. Ин ҳам яке аз далелҳои ҳамвазнии дақиқи пораҳост.

3. Шеър ҳангоми хондан ба рукнҳо ҷудо мешавад, ки дар байнашон ист доранд, вале дар ин шеър пас аз рукни аввали фаълун фаӯлун дар саропои шеър исти дарозтари доимӣ ҷой дорад.

4. Жанри шеър ғазали анъанавист. Яъне, пас аз байти матлаъ мисраъҳо андар як қофиядор омада, ҳамоҳанг мешаванд. Ба ғайр аз ин, дар шеър қофияҳои дохилӣ фаровонанд: пинҳон, ёрон, борон, одам, ҳардам ва ғайра. Ба ғайр аз қофияҳо дар шеър калимаҳои ҳамоҳанг низ бисёранд, ки ҳангоми талаффуз онҳо ҳамоҳангии ритмиро таъмин мекунанд. Дар байти

*Дар синаи ман ҷӯшад ҳамеша*
*Сад корзоре бекорзорон. –*

як калима бо афзудани пешоянд ба ифодаи мафҳуми дигаре қобил мешавад, ки ба мафҳуми пешинааш муқобил аст. Дар мисраи дуюм асоси калимаҳо такрор гашта (корзори бекорзорон), аммо камбағалии лафзию маъноӣ падид наёмада, баръакс мисраъ пурмаънӣ ва хушоҳанг аст.

5. Қофиябандии ғазал, аз як ҷиҳат, ритми муайянеро дар саропои шеър таъмин ва, аз ҷиҳати дигар, барои тамомияти маъноӣ пайдо кардани байт хизмат мекунад. Ҳамин тартиб, яъне дар ҳар як мисраи ҷуфт тамомият ёфтани маънӣ дар саропои шеър нигоҳ дошта мешавад.

Чунонки мулоҳиза шуд, барои тартиби рукн дар ин шеър чанд унсур истифода шудааст: миқдори баробар ва мураттаби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ дар саросари шеър, ки дар он ду унсури ритмӣ иштирок дорад, яъне миқдори баробари ҳиҷо ва мураттабии ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ, яъне ритми вазни арӯз, ба ғайр аз ин, ритми пораҳои тараннумӣ (ин ҳам аз унсури ритми вазн), ритми ибораҳо (ин аз назари наҳви забон), ритми истҳо, ритми қофияҳо, ритми калимоти ҳамоҳанг, ритми байтҳо низ ҳастанд. Аз пайвастагии тамоми ин ритмҳо ритми ягонаи шеър ба вуҷуд меояд, ки барои ифодаи пурраи мундариҷа созгор мешавад. Яке аз воситаҳои асосӣ, ки ғазали классикиро ба вуҷуди гуногунмавзӯии байтҳояш рехта ва ҳамбаста месозад ва дар ин ғазали Лоиқ ҳам ҷой дорад, ҳамин ягонагӣ ва пайванди ритмист. Ин унсурҳои бисёри ритмӣ, ягонагӣ ва ҳамбастагии онҳо мусиқавияти шеърро афзуда, онро ба суруд наздик мекунанд.

Вале бо вуҷуди ин ритми арӯз ва мусиқӣ тамоман як нест. Масалан, вазн дар шеъри арӯзӣ аз мисраи аввал сурат мегирад, вале барои ба иштибоҳ роҳ надодан ва дуруст нишон додани мавзеи задаҳои мантиқӣ, ба ҷои ҳиҷои дароз омадани ҳиҷоҳои кӯтоҳ, онро аз рӯи як байт муайян менамоянд. Яъне ҳисоби вазни шеър дар ҳар мисраъ ба охир мерасад ва дар мисраи оянда аз сари нав сар мешавад. Ҳисоби вазн (ё ритм) дар мусиқӣ ҳар замон аз нав сар нашуда, он занҷирии давомдор аст. Сониян, дар шеър истҳои рукнӣ ва талаффуз вазнро дигар намекунанд ва аз ҳамин сабаб бар ҳисоби вазн ҳам гирифта намешаванд, дар мусиқӣ бошад, истҳо моҳияти асосӣ дошта, дарозу кӯтаҳии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад, зеро фарқияти як оҳанг аз оҳанги дигар ба чигунагии онҳо низ вобаста аст.

Акнун дар бораи масолеҳи шеър ва мусиқӣ. Ашёи шеър нисбат ба мусиқӣ хеле миллист. Бинобар ҳамин баъзан шеъри як забон ба гӯши онҳое, ки забонашон дигар аст, ба монанди наср мерасад. Вале мусиқӣ ҳама вақт чун мусиқӣ эҳсос мешавад. Сабаби ин танҳо дар он нест, ки дар шеър ва наср аз як ашё, аз калимот истифода мекунанд ва баъзан мумкин аст, шеъри як миллат барои миллати дигар чун наср садо диҳад. Аммо дар мусиқӣ ин тавр нест. Он бо ягон намуди дигари санъат маводи ягонаи истифода надорад. Решаи ин ихтилофот амиқтар аст.

Маводи шеър лафз аст. Унсурҳои асосии ритми онро ҳам он ташкил медиҳад. Ритми алфоз, ритми забон аст. Миллияти забон нисбат ба миллияти мусиқӣ бештар ва қавитар аст. Азбаски маводи ташкили мусиқӣ нисбат ба шеър ва забон умумибашарист, вай ба гӯши аксари миллатҳо ҳамчун мусиқӣ мерасад.

Аз ҷиҳати дигар, воҳиди ритмии мусиқии ҳамаи халқҳо асосан ба ҳамдигар баробаранд. Дар мусиқӣ чорякро ба ҳаштяк ва ҳаштякро бо шонздаҳяк ва ҳамин тавр то даме, ки гӯши инсон

барои дарёфтани садо қобил аст, тақсим кардан имкон дорад. Вале дар шеър ва дар шеъри арӯзӣ ҳам воҳиди хурдтарини ченак ҳиҷо мебошад. Дар арӯз ба ғайр аз ҳиҷо, ки аз як садонок ва ё як садоноку ҳамсадо тартиб меёбад, боз ҳиҷое ҳаст, ки он аз як ҳамсадо ташкил шудааст. Ба монанди он ки дар калимаи мард ҳаст. Дар ин ҷо ҳарфи «д» агар бо ягон садоноки пас аз он меомада пайваст нашавад, он як ҳиҷои кӯтоҳро ташкил медиҳад: Мард – V. Дар арӯз ин воҳиди хурдтарини тақсимнашаванда аст.

Ҳамин ҳолат дар системаи вазнии шеъри забони дигар ба тариқи дигар аст ва маҳз ҳамин яке аз воситаҳои асосиест, ки системаи вазнии шеъри як халқро аз дигараш мутафовит мекунад. Дар ҳолате ки унсури вазни шеъри як халқ онро аз дигараш мутафовит месозад, унсури мусиқии халқҳо ба ҳамдигар наздик буда, боиси монандии онҳо мешавад.

Акнун боз ба сари ритми шеър бармегардем. Ҳамон равияи тозае, ки дар назми муосир бо номҳои шеъри нав, арӯзи озод, шеъри озод ва монанди ин ном бурда мешавад, маҳз барои кам кардани унсурҳои ритм дар шеър кӯшида истодааст. Вале ҳар чизе ки аз шеър дур андохта мешавад ба хотири чизи дигарест, ки ба назари шоир пураҳамияттар аст. Аз ҳамин сабаб аз ҳисоби камтар шудани унсурҳои ритм дар шеър унсури дигари он пурқувват мешавад.

Дар шеъри «Қарз»-и Лоиқ дар байни шумораи мисраи пораҳо таносубе нест. Пораи аввал аз панҷ мисраъ иборат буда, пораи дуюм аз бисту ҳафт мисраъ сурат гирифтааст.

*Зи дарё омадам, аммо вуҷудам ташнаю тафта,*
*Бидеҳ як косаи обам,*
*Ки ман чун раҳгузар як лаҳзае истода*
*хоҳам рафт,*
*Ба ту аз кӯҳҳо, аз рӯдҳо асрор хоҳам гуфт.*
*Китоби кӯҳҳо бо ман, суруди рӯдҳо бо ман.*
*Ба ту аз бачагиам, бекасиям, хорузориям,*
*Зи ашки модарам,*
*Аз он бадарҳо рафта нон пурсиданаш,*
*Аз он калиди баста андар нӯги мӯҳояш,*
*Зи чарху дук,*
*Зи тӯри чашмбанд,*
*Аз тӯдаи хокистари гармаш,*
*Ки авлотар зи сад зартӯдаи ганҷи падар гӯянд,*
*Зи пои лухту урёни кафида, чарм гардида,*
*Зи дастони дурушташ,*
*вақти сила нозуку нармаш,*
*Зи кӯҳистон,*
*Зи тарма,*
*Аз танини найкашии боди саргардон,*
*Сухан бисёр хоҳам гуфт.*

Дар ин пора дар байни мисраъҳо ритми ягонаи наҳвӣ ҳам нест, мавқеи истҳо ҳар дафъа аз рӯи талаботи дохилии мисраъҳо муайян шуда, ҷои доимӣ надоранд. Қофияҳо ҳам ҷо - ҷоянд, ки аз рӯи ихтиёри шоир омадаанд ва азбаски вазифаи моҳиятии қофияро камтар доранд, будану набуданашон камаҳамият аст. Рукнҳо дар шеър шикаста мешаванд ва баъзан мисраъҳо дар ҳамон шикастагӣ ба охир расида, мисраи дигар бо рукни нав сар мешавад ва гоҳо мисраи минбаъда аз давоми ҳамон рукни шикаста оғоз мегирад. Пас, чист ки ин пораро шеър мекунад ва ритмеро ба миён меорад? Пеш аз ҳама вазн. Сониян, иборaҳои ҳамоҳангу ҳамвазни дохилӣ, монанди аз кӯҳҳо, аз рӯдҳо, китоби кӯҳҳо ба ман, суруди рӯдҳо бо ман ва ғайра, яъне ритми

иборахо. Азбаски дар ҳар мисраъ миқдори рукнҳо ба ихтиёри шоир аст иборахо шикаста намешаванд, бо тамомият доштани худ ритмеро ба вуҷуд меоранд. Пас аз мисраи панҷуми ин пора дар дувоздаҳ мисраъ иборахо паиҳам чида шуда меоянд. Номбарии ашёе, ки шоир дар бораи онҳо азми сухан бисёр гуфтан дорад, ритми зикрро ҳосил мекунад.

Агар дар ин пораи шеъри Лоиқ чанд унсури ритм ҷой дорад, дар шеъри «Ҳавас» - и Бозор Собир миқдори ин унсурҳо боз ҳам камтаранд:

*Боз овораи айёми тамуз,*
*Боз хоҳони ҳавоҳои дигар*
*Ба ҳаво мегузаред аз назарам*
*Достакҳо, ҳама рӯз,*
*Ҳама пуршӯртар аз хотири ман.*
*Хоҳам имрӯз ба ҳамроҳи шумо,*
*синасафедони баҳор,*
*Бикушоям пару бол,*
*Равам он ҷо, ки маро шому саҳар*
*Нигаҳе мекобад,*
*Мезанад бӯса раҳи омаданамро ба умед...*
*Сипарам роҳи дароз,*
*Биравам деҳи шинос,*
*Бинишинам ба лаби боми падар,*
*Бинишинам ба сари дастниҳоли падарӣ,*
*Кашам овоз ба монанди шумо*
*Ва дар он гӯшаи сабз*
*Лонае аз гилу хошок кунам.*

Аз унсурҳои ритм ин шеър пеш аз ҳама вазн дорад. Пояи ин вазн бар рамали махбун аст. Азбаски дар мисраъҳо миқдори рукнҳо баробар нестанд, вазни онро қатъиян муайян кардан мумкин нест.

Вазни ин шеърро бояд дар ҳудуди пораҳо муайян кард. Пораҳоро истҳои дароз аз ҳам ҷудо мекунанд ва бо ҳар яки ин истҳои дароз ифодаи як мазмун ҳам тамомият меёбад. Масалан, пораи аввал бо мисраи «ҳама пуршӯртар аз хотири ман» тамомият мепазирад, ки аз панҷ рукни фоилотун — V — —, чор рукни фаилотун VV — — ва панҷ рукни фаилун VV — иборат аст.

*— V — — / VV — — /VV—*
*— V — — / VV — — /VV—*
*— V — — / VV — — /VV—*
*— V — — / VV —*
*— V — — / VV — — /VV—*

Ҳамин тариқ ин шеър аз се пора иборат аст ва пораи дуюм бо мисраи «Мезанад бӯса раҳи омаданамро ба умед...» ва пораи сеюм бо мисраи «Лонае аз гилу хошок кунам» ба охир мерасад. Чунонки мулоҳиза шуд, ҳар пора дар доираи худ аз ифодаи як қисмати фикр ва эҳсосот иборат буда, тамомияте дорад. Ҳудуди ин пораҳо аз ҷиҳати хат бо нуқта (.) ва аз ҷиҳати оҳанг бо исти дарозе мушаххас мешавад. Боз як нишонаи шаклии мутаносибии пораҳо дар он аст, ки мисраъҳои пеш аз мақтаъ ба ду рукни фоилотун фаилун (— V — — /VV—) баробаранд. Дар натиҷа ин шеър аз пораҳои баҳамбаробар шакл мегирад, ки ҳар як порааш дар маҳдудаи як мавҷи ритмӣ гунҷоиш меёбад.

Дар ин шеър қофия ба маънои томаш нест, вале ҳамоҳангии дохилии калимаҳо ҳаст, ки вазифаи қофияро беҳтар адо кардаанд. Ба ғайр аз ин, ҳамаи мисраъҳо бо рукни фоилотун (— V

— —) сар шуда, бо фаилун (VV—) ба охир мерасанд, ки ин ҳолат мутаносибии ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳро таъмин мекунад.

Кӯшиши аз ритмҳои маъмулӣ озод кардани вазн дар назми муосири тоҷик пеш аз ҳама бо гуногун кардани баробарии рукнҳо сурат мегирад. Дар ин қабил шеърҳо рукнҳо шикаста шаванд ҳам, мисраи баъдина аз давоми ҳамон рукни шикаста сар шуда, ба шакли пурраи ҳамон рукн ба охир мерасад. Дар ин тарзи истифода ритми маъмулии вазн дар дохили як сатр ва ё як байт дигар мешавад, вале дар саросари пора то андозае боқӣ мемонад.

Баробари ин тарзи дигари истифода аз вазн низ вомехӯрад. Рукн ва ё зиҳофоте, ки аз рӯи талаботи маъмулии вазн бояд пурра меомаданд, шикаста мешаванд, вале мисраи баъдина аз давоми он рукн ё зиҳоф ибтидо наёфта, аз рукн ва ё зиҳофи тоза оғоз мешавад. Ин тариқа шикастани вазн низ барои мақсадҳои муайян хидмат мекунад. Масалан, дар ҳамон шеъри «Қарз»-и Лоиқ чунин ҳолат ҷой дорад:

*Ба роҳ!..*
*Эй ҷилваҳои якдамӣ,*
*бо ман напардозед,*
*Ки ман аз хеш баҳри хеш дорам тобути тилло!*
*Ту ҳам, эй хайрхоҳи ман,*
*Бихон аз ҳар нигоҳи ман*
*диламро,*
*Аёнам ҳамчу дастурхони марди камбағал,*
*бикшо!*

Шеър аслан бар вазни ҳазаҷи солим аст. Вале дар мисраи панҷуми ин пора мавҷи ритмӣ баногоҳ мешиканад, зиёда аз ин рукне[146], ки дар он мавҷ мешиканад, аз рӯи хат ба зинаи дигаре гирифта шудааст. Бештарин бори маънии ин пора ба дӯши ҳамин рукн аст. Шоир онро ба зиначаи дигар гирифта, аз ҷиҳати оҳангу хат махсусан, қайд мекунад.

Мисоле, ки оварда шуд аз баҳри ҳазаҷ буд. Дар баҳри рамал ҳам чунин дигаргунсозиҳо ҷой доранд. Аксаран рукни аслии он бо зиҳофи маҳзуфаш «фоилун» меомезад. Вале дар баъзе шеърҳои Лоиқ рукни охир на танҳо ба шакли аслиаш, яъне «фоилотун» ва ё маҳзуфи он «фоилун» оварда мешавад, балки рукни «фоилотун» дар ҳиҷои аввал шикаста, мисраи баъдина ба рукни нав оғоз меёбад. Дар натиҷа ҳар мисраъ дорои як мавҷи ритмӣ шуда, дар назари аввал миёни онҳо ноҷӯрӣ ба гӯш мехӯрад ва ин ноҷӯрӣ барои мисраъҳоро як лаҳза, аз ҳамдигар ҷудо ва чуқуртар дарк кардан водор месозад. Порае аз шеъри «Бозёфт» (Ё ғазале барои худ):

*Боз мисли кӯдаке, ки нав ба дунё омадаст,*
*Сахт медорам зи домони Замин.*
*То ба ман дар гардиши худ ёд орад*
*Ҷунбиши гаҳвораамро,*
*То ба ман андар сукути хеш бинмояд*
*Хуфтагоҳи модари бечораамро!*

---

[146] Азбаски дар арӯзи озод миқдори мисраъҳо аксаран ба ихтиёри шоир аст ва пораҳои шеър ҳам ба он шакле, ки дар назми классикӣ буданд, нестанд, баъзе истилоҳҳои арӯзи классикӣ аз ҷумла, дар айни ҳол рукни аввал ва охири мисраи аввал ва рукнҳои аввалу охири мисраи дуюмро, ки садр-арӯз, ибтидо-зарб ё аҷз ном доранд, истифода кардан хеле мушкилӣ меоварад. Онҳо дар дохили як байт чунин номида шудаанд ва дар арӯзи озод, ки хусусияти байтҳо дигар аст, истифодаи истилоҳҳои мазкур ба иштибоҳ хоҳанд овард.

— V — — / — V— — / — V — — / — V—
— V — — / — V— — / — V —
— V — — / — V— — / — V — —
— V — — / — V— —
— V — — / — V— — / — V — — / —
— V — — / — V— — / — V — —

Чунонки ба гӯш мерасад, мавҷи ритми қариб ҳар мисраъ ҷудогона аст. Дуруст аст, ки мисраи дуюм ба андозае давоми мавҷи ритмии мисраи аввал мебошад, вале мисраи сеюм аз ду мисраи пешина батамом фарқ мекунад ва мисраи чорум низ бо вуҷуди бо мисраи сеюм бо рукнҳои якхела тамом шуданаш дар пораи дигар мавҷи ритмист. Ҳарчанд дар ин мисраъ рукнҳо пурра омадаанд, ритм ба якборагӣ бурида мешавад ва оғози мавҷи ритми мисраи панҷум ба мисраи сеюм монанд бошад ҳам охири он тамоман дигар аст. Ба замми ин, дар ин мисраъ рукни охир дар ҳиҷои аввалин – фо бурида мешавад ва ин ҳолат ритмҳоро аз ҳам дигар боз ҳам бегонатар мекунад.

Чи дар ин шеър ва чи дар бисёр шеърҳои дигари Лоиқ, ки бо арӯзи озод гуфта шудаанд, вазни рамал баръакси истифодаи пешиниён бештар бо рукни солимаш истифода мешавад. Чунки ин вазн ва, махсусан, маҳзуфаш хеле бисёр истифода шуда, ба гӯшҳо хеле ошно гаштааст. Ин ошноии қарин шеърҳоеро, ки дар онҳо мавқеи задаҳои маъноию оҳангӣ он қадар қавӣ нест, хеле якнавохт мекунад ва ин якнавохтӣ сабаби дарки сатҳии мазмуну мундариҷаи шеър мешавад. Аз ҳамин сабаб, онҳое, ки мехоҳанд якнавохтии авзони арӯзро барҳам зананд, аз ҷумла, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Убайд Раҷаб ин вазн, яъне маҳзуфи рамалро бештар бо рукни солимаш омехта истифода мекунанд. Албатта, ин ба он маънӣ нест, ки дигар ҳама шеърҳои ба маҳзуфи рамал гуфта якнавохт ҳастанд ва онро бояд танҳо бо омезиш истифода кард. Ин аз қудрати шоир вобастааст.

Шеъри «Савганд»-и М. Турсунзода дар мусаммани маҳзуфи ҳамин баҳр аст. Вале дар натиҷаи истифодаи устодонаи иборaҳои халқии гуфтугӯӣ, кинояҳо, омезиши ифодаҳои баландоҳанги нотиқона ва романтикии маҳрамона, аз якнавохтии маъмулии ин вазн нишоне ҳам намондааст. Дар ҳақиқат, агар дақиқтар назар кунем, мебинем, ки ибора ва ё ифодаҳои ҳаҷман калону хурд, ки дар гуфтугӯи ҳаррӯза истифода мешаванд, аз ҷумлаи «солҳои сол», «мегуфтанд мардум», «мақсадат иҷро шавад», «ҷо ба ҷо тило шавад», «меҳнати бисёр дидам» ва дигарҳо бе ягон зӯрию фишор ба сохти забон ба шеър озодона дохил мешаванд. Дар шеъре, ки калимаю иборaҳо дар шакли муқаррариашон ба истифода мераванд, услуби беҳтарини бадеӣ шакл гирифта, ба ритми вазн ҳам таъсири хуб бахшидааст. Тақсимоти иборaҳои наҳвии мисраъҳои шеър низ хеле гуногун аст, ки оҳангҳои хоси талаффузро мехоҳад.

*Солҳои сол*
*мегуфтанд мардум, ки:*
*ба мо*
*Бахту шодӣ мерасад*
*аз лайлатулқадр, –*
*аз қазо.*
*Дар шаби торик*
*нурафшон*
*гузар хоҳад намуд,*
*Аввали шаб, нисфи шаб,*

*майли сафар хоҳад намуд.*

— V — — — V
— — — V — — —
— V —
— V — — — V—
— — V — —
— V—
— V — — — V
— — —
V — — — V—
— V — —
— V—
— — V — — — V—

Чунонки ба назар мерасад, дар сохтмони вазни ин шеър на ин ки баробарии порчаҳои таранчумӣ, на ин ки оҳанги маъмулии композитсионии вазн, балки оҳанг ва тамомияти ибора ва ё калима асос шудааст. Дар натиҷа унсурҳои ритмии шеър камтар шуда, унсурҳои дигари мавҷуда барҷастатар намоён ва барои ифодаи пуртаъсир қобил гаштаанд.

Ин гуна истифодаи авзони маъмул вазнро аз якнавохтӣ халос карда, барои зудтар расонидани маънӣ ва ифодаи бетакаллуф мувофиқ месозад. Дар назми муосири тоҷик, дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва он шоироне, ки дар шикастан ва ё бо ҳам омехтани авзони арӯзӣ он қадар зарурат намебинанд, навоварӣ дар ритми авзони арӯзӣ бар ҳамин усул давом дорад. Ин шоирон аз имконоти бисёри авзони арӯзӣ устодона ва эҷодкорона истифода карда, ба оҳанги маъмулии вазнҳои арӯз тозагӣ бахшидаанд.

Ба шаклҳои мавҷуда тозагие даровардан ба табиати шеър мухолиф набуда, яке аз талаботи зотии шеър ва замон аст. Воситаҳои тозаи ифода дар асоси ҳамин дигаргунсозиҳоюэҷодкориҳо кашф мешаванд ва барои ҳарчи беҳтар, пурратару ҳаяҷонангезтар ифода кардани андешаҳои шоирона кӯмак ва шеърро аз якнавохтӣ дур менамоянд.

Аз ҳамин сабаб навҷӯиҳое, ки дар назми муосири тоҷик дар соҳаи вазн давом доранд, яъне дигаргун кардани ритми вазнҳои маъмул, мутаҳаррик кунонидани ҷои зада, миқдори рукнҳо, каму бисёр овардани ҳиҷо дар рукнҳо дар намунаҳои беҳтарини худ, ҳама, барои гуногунӣ ва боигарии шакли шеъри муосир хидмат мекунанд. Чунонки аз мисолҳои таҳлилшуда бармеояд, тозаҷӯиҳо дар вазни арӯз ҳам дар баҳрҳои аслӣ (ҳазаҷ, рамал) ҳам дар баҳрҳои фаръӣ таҷриба мешаванд. Аз баҳрҳои фаръӣ махсусан, музореъ дар истифодаи шоирони муосир бештар ба назар мерасад.

Болотар зикр шуда буд, ки ин яке аз вазнҳои маъмултарини ғазали классикӣ буд. Сабаби ҳам дар гузашта ҳам дар назми муосир серистифода будани ин вазнро аз табиати он ва аз тартиби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ дар он бояд донист. Нақшаи аслии ин вазн аз 6 (шаш) ҳиҷои кӯтоҳ ва 8 (ҳашт) ҳиҷои дароз иборат аст. Чунонки мебинем, тафовут миёни ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ он қадар бузург нест. Ин ҳолат ба хосияти забони тоҷикӣ, ки калимоти он аксаран сеҳиҷоӣ ва чаҳорҳиҷоиянд, созвор аст ва барои ҷойивазкунии ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ шароити мувофиқ пайдо мекунонад. Агар ба нақшаи ин вазн бо диққат мулоҳиза карда шавад

*— — V / — V— V/ V — — V / — V —*
*Мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун*

чанд хусусияти мусбати онро кашф кардан мумкин аст. Паиҳамии ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ҳам дар садру арӯз ва ҳам дар ҳашвҳо гуногун аст. Фосилаи миёни ҳиҷоҳои кӯтоҳ зиёда аз ду ҳиҷои дароз нест ва бинобар ба ин нақша калимаҳои таркиби ҳиҷоҳояшон гуногун ба осонӣ ҷойгир шуда метавонанд. Дар ҳиҷоҳои 7 (ҳафтум) ва 8 (ҳаштум) паиҳам омадани ду ҳиҷои кӯтоҳ барои дар шакли талаффузи табиияшон дохил шудани калимоте, ки дар онҳо ду ҳиҷои кӯтоҳ паиҳам меоянд, хеле мувофиқ аст. Такрор нашудани садру арӯз ва ҳашвҳо, яъне тартиби ҳиҷоҳо дар зиҳофҳо вазнро аз маҷмӯи рукнҳои гуногуноҳанг иборат мекунад, ки аз якнавохтии хобовар дур аст.

Бо вуҷуди ҳамаи имконе, ки ин вазн дорад, он дар назми муосир як муддат камистифода буд ва инро ҳам бояд аз табиати он донист. Барои хуб ҳис кардани нопайдарҳамии ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ, ки дар вазн хатое наравад, он аз шоир дониши хуби вазн ва диққат талаб дорад. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки он дар ашъори шоирони муосир, масалан, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Кироm, пас аз як андоза таҷрибаи эҷодӣ пайдо кардани онҳо ба кор рафтааст.

Солҳои 20-ум устод Лоҳутӣ ба ин вазн ғазали машҳури худ «Шароби сурх»-ро гуфта буд, ки он чунин байтҳо дошт:

*Нӯшам ба шодмонии он дам шароби сурх,*
*К-аз шарқи инқилоб дамад офтоби сурх.*
*Қурбони он даме, ки зи хуни тавонгарон,*
*Дарёи инқилоб шавад пур ҳубоби сурх.*
*Нозам ба он замон, ки ба нирӯи путку дос*
*Деҳқон ниҳад ба гардани султон таноби сурх.*

Ба ин ғазал бисёри шоирони он солҳо, аз ҷумла, устод Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ назира навишта буданд. Назира, чунонки маълум аст, нигаҳ доштани вазну қофияро талаб дорад ва аз ин рӯ, ин вазн як давра серистифода буд.

Гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои шаст ин вазн пас аз шеъри «Обшор»-и Мӯъмин Қаноат хеле маъмул шуд. Дар «Обшор» ин вазн ба оҳанги тоза садо дод. Зиёда аз ин худи ин шеър, ки ниҳоят батароват ва таъсирбахш буда, яке аз таҷрибаҳои пурбаҳои ифодаи бавоситаи эҳсосот буд ва гардише дар лирикаи ишқӣ ба амал овард, вазнаш ҳам аз доираи таваҷҷуҳ берун намонда буд.

Ин вазн ҳам дар истифодаи шоирони муосир ба тағйирот дучор омад. Тағйироти аввал дар таркиби худи вазн, дар тартиби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ сурат гирифт. Чунонки нишон дода шуд, нақшаи ин вазн чунин аст:

*— —V/— V — V / V— — V / — V—*

Дар шеъри солҳои шаст ва ҳафтод дар истифодаи ҳам Қаноату Лоиқ, ҳам Қутбӣ Кирому Мастон ва ҳам Бозор Собир ҳиҷои ҳаштум, ки дар нақша кӯтоҳ (V) аст, дар баробари ҳиҷои кӯтоҳ гоҳо ҳиҷои дароз оварда мешавад, ки вазн ин шаклро мегирад:

*— — V / — V — V— / — — — / V — V—*

Банди аввали «Обшор»-и Мӯъмин Қаноат чунин аст:

*Эй обшор,*
*Оинаи буғубори ман,*
*Ёри замони кӯдакии беқарори ман,*
*Аз рӯзҳои рафта туӣ ёдгори ман.*

*— —V/— V — V / V— — V / — V—*

*— —V/— V — V / V— — V /— V—*
*— —V/— V — V / V— — V /— V—*

Банди дуюм

*Оҳангҳои кӯҳнаро такрор мекунӣ,*
*Ёди бахобрафтаро бедор мекунӣ,*
*Рози маро ба лафзи худ изҳор мекунӣ.*

Агар чунин шуморида шавад, ки шеър ба вазни дуюм, яъне ҳиҷои ҳаштум дароз гуфта шудааст ва бояд ҳиҷоҳои ҳаштуми банди аввалро бо зада хонд, ки дар банди якум ин кор мушкил аст, дар бандҳои дигар ҳиҷои ҳаштум чунон ҳиҷоҳои кӯтоҳеанд, ки онҳоро бо зада хонда, ба ҳиҷои дароз табдил додан мухолифи қоидаи талаффузи забон мешавад ва маълум аст, ки мақсади шоир ҳам ҳиҷои кӯтоҳ аст, на дароз.

Дар шеърҳои ба ин вазн гуфтаи Убайд Раҷаб «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме», Лоиқ «Ватан», «Кӯзаи ормон», «Дилро кушо ба ман», Қутбӣ Киром «Шеъри аввалин», «Хаткашон», «Санги навишта», Бозор Собир «Ёди ту мекунам», «Орзу», «Парвози рӯзгор» ва баъзе шоирони дигар истифодаи ҳамингунаи ин вазн мавҷуд аст, ки агар аз рӯи талаботи аслии вазни арӯз муносибат кунем, хато кардан дар вазн аст.

Арӯзи озод, ки барои ба ҳар миқдор овардани рукнҳо, шикастани онҳо, барои ба ҳам омезиш додани авзони таркибан наздик ва ҳамин гуна озодиҳои дигар имкон медиҳад, ҳаргиз беназмию ноҷӯриро дар шеър тақозо надорад ва баръакс, ҳамаи ин ихтиёротро ба хотири низому ритме пешниҳод мекунад, ки метавонад шеърро аз шартияту бори анъанаҳои мурда озод карда, барои ба низоми мувофиқе кашидани маънӣ мадад кунад.

Ҳамин тариқа, арӯзи озод дар беҳтарин намунаҳои худ барои барҳам задани якнавохтии вазнҳои маъмул ва аз ҷиҳати ритм бой гардонидани шеър ва дар айни ҳол авзон ноил гардидааст. Арӯзи озод метавонад шаклҳои бисёр ва нотакрор ба миён орад.

Масалан, як вазни маъмули арӯзи анъанавии ба тарзи озод истифода шуда, имкон дорад ҳар бор дигаргун гашта, шаклҳое ба вуҷуд орад, ки танҳо барои ифодаи ҳамон мафоҳими шеърӣ мувофиқ аст. Гирем, мисоли дигареро ба ҳамон вазни музореи ахраби макфуфи маҳфуз (— —V) (— V — V) (V— — V ) (— V—). Қутбӣ Киром «Моҷарои баҳор» ном шеъре дорад, ки дар он ин вазн хеле ғалатӣ ва навоварона истифода шудааст. Ин шеър аз панҷ пораи аз ҷиҳати ритму оҳанг ва мафоҳиму мундариҷа алоҳида иборат аст. Ин панҷ пора тасвири панҷ саҳнаест, ки дар манзараи баҳор падид меояд. Дар охири ҳар панҷ пора аз саҳнаҳои тасвиргашта хулосаи андешамандона баровარда мешавад.

Дар саҳнаи аввал ҳолати ниҳоят пуршӯру ғалаён бо тасвирҳои баобуранг ба қалам омада, мисраъҳо барои ифодаи барҷастаи он динамикӣ сохта шуда, зуд-зуд шикаста мешаванд:

| | |
|---|---|
| *Барқе ба пайкари само* | *— —V— V — V—* |
| *Теғе заду гурехт,* | *— —V— V —* |
| *Аз дидаҳои осмон* | *— —V— V — V—* |
| *Ашки сафед рехт,* | *— —V— V —* |
| *Аз ашки осмон* | *— —V— V —* |
| *Рӯ шуста марғзор* | *— —V— V —* |
| *Хандида хокдон* | *— —V— V —* |
| *Шуд ғарқаи баҳор* | *— —V— V —* |
| *Ман дидам аввали баду* | *— —V— V — VV* |

*Хубии сониро.* — —*V*— *V* —

Амал дар ин шеър бо шиддат ва тезии фавқулодда ривоҷ мегирад. Динамикаи шеър дар интихоби сухан ҳам ҳувайдост. Дар ин шеър ҳамагӣ 152 калима истифода шудааст, ки 44-якҳиҷоӣ, 45-дуҳиҷоӣ, 51 – сеҳиҷоӣ, 11 – чорҳиҷоӣ, 1 – панҷҳиҷоӣ мебошад (Ҳиҷоҳо аз рӯи қоидаи арӯз ҳисоб карда шудаанд). Афзалияти калимаҳои кӯтоҳ аломати хеле динамикӣ будани шеър аст.

Ин шеър аз ҷиҳати ритм ҳам ғанист. Дар он истҳои сарфӣ ва эмфатикӣ (исте, ки ба сухани пурҳиссиёт хос аст) хеле гуногун буда, ба ритм дигаргунӣ ворид месозанд. Ба ғайр аз ин, ритми мисраъҳо дар натиҷаи дар ҷойҳои гуногун омадани феълҳо тағйир меёбад. Масалан, дар пораи боло мисраъҳои 2 ва 4 феълҳо дар охир омада, ритми пастравандаро ҳосил карда бошанд, дар мисраъҳои 6 ва 8 дар аввал омада, ба онҳо ритми болоравандаро додаанд. Дар мисраи нуҳум пас аз калимаи «баду» исти эмфатикӣ омадааст, ки ба исти наҳвӣ мувофиқ намеояд ва ин мавқеи исти эмфатикиро пурқувваттар мегардонад. Ритми мисраъҳое, ки пораро хулоса мекунанд, оромтаранд ва бесабаб нест, ки аксари калимаҳои чорҳиҷоӣ (6 - то) маҳз дар ҳамин мисраъҳо омадаанд. Пораҳои дигар низ ҳамин гуна боигарии ритмӣ доранд.

Ритм дар арӯзи озод имкони дохилии бисёр дорад, ки барои ифодаи нозуктарин ҷунбиши фикру эҳсосот қобил аст. Дар арӯзи озод нисбат ба арӯзи анъанавӣ ритми ягона ва рехтаро ба вуҷуд овардан мушкилтар аст. Зеро дар қонуниятҳои арӯзи анъанавӣ унсурҳои ритм пешакӣ ба назар гирифта шудаанд, дар арӯзи озод бошад, онҳо ҳар дафъа аз сари нав кашф карда мешаванд.

Арӯзи озод дар эҷодиёти шоирони насли нисбатан ҷавони тоҷик Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Кином, Убад Раҷаб, Бозор Собир ва чанде дигарон барои барҷаста ифода кардани мафоҳими шеърӣ қобил будани худро исбот кард. Ҳамчунин арӯзи анъанавӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Аминҷон Шукӯҳӣ имконоти дохилии худро аён карда, ба тарзи тоза садо дод.

Ин таҷриба ба ривоҷу равнақ гирифтани арӯзи озод шароити мусоид фароҳам оварда, ҳаргиз азми барбод додани арӯзи анъанавиро надорад. Танҳо ҳамон шоироне, ки дар арӯзи анъанавӣ қудрати комил доранд ва дар он шеърҳои хубе офаридаанд, тавонистаанд, ки арӯзи озодро ба хубӣ истифода бурда, шеърҳои  мақбул эҷод кунанд. Ҳоло дар ин давраи адабӣ танҳо ба воситаи омӯзиши пурра ва дақиқи арӯзи анъанавӣ ба арӯзи озод дастболо омадан мумкин аст, ки таҷрибаҳои эҷодии мавҷуда низ бурҳони ҳамин даъво мебошанд.

**Соли 1972**

## АЗ UАЗАЛ ТО ШЕЪРИ ОЗОД

Дар баҳси анъана ва навоварӣ, ки дар адабиётшиносии тоҷик дар солҳои 60 давом дошт, бештари мубоҳисачиён онро асосан аз масъалаи вазн, яъне арӯз иборат дониста, ибрози назар мекарданд. Масъалаи жанр як андоза аз назар дур монда, то ҳоло мавриди тадқиқи чуқуртаре қарор намегирад. Оид ба ин масъала танҳо дар баъзе мавридҳо як – ду сухан гуфта мешаваду бас. Ҳол он ки масъалаи жанр дар шеъри муосири тоҷик бо вазн сахт пайваста аст ва ҳамин ки дар таркиби яке аз инҳо дигаргуние ба вуҷуд ояд он ба тағйироти соҳаи дигар ҳам сабаб мешавад.

Масалан, чунин далел ки дар шеъри тоҷик баъзе аз жанрҳо, аз ҷумла, ба вазни хос суруда шудани рубоӣ, дубайтӣ ва бештар дар вазни мутақориб гуфтани достонҳои қаҳрамонӣ ба пайванди мустаҳками вазн бо жанр гувоҳ аст.

Дар адабиёти атиқа ҳам достонҳои қаҳрамонониро асосан дар вазни гекзаметр мегуфтанд. Дар шеъри классикии мо мутақориб дар сурудани достонҳои қаҳрамонӣ хеле серистифода буд ва аз такрори бисёр якнавохту забонзад ба гӯш мерасид. Бинобар ҳамин ҳам, баъзан дар вазнҳои дигар гуфтани достонҳои қаҳрамонӣ кӯшиши навоварона дониста мешуд.

Вазни шеър аз мисраи аввал сурат гирад ҳам, барои муайян кардани вазн як байтро асос мегиранд. Ҳарчанд дар назми тоҷик чунин жанр – фард вуҷуд дорад, ки аз як мисраъ иборат аст, вале як мисраъ на ҳама вақт ҳамчун воҳиди шеър ба ҳисоб меравад. Дар наср ҳам бисёр ибора ва ҷумлаҳоро пайдо кардан мумкин аст, ки ба ягон вазни арӯз рост меоянд. Бо сабаби дар сатрҳои минбаъда бо як маром ба низоми муайян такрор нашудани пораҳои тараннумиашон онҳо назм шинохта намешаванд.

Масалан, дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ дар ҳикояи «Сайри Файзобод» чунин ҷумларо мехонем: «Дар гӯшаҳои пастхами роҳи пиёдагард, ки шимолашро киштзорҳо ва ҷанубашро мазорҳо иҳота карда буданд, ҳар гуна қиморбозиҳо ташкил ёфта буданд: ...» Агар андаке мулоҳиза кунем, мебинем, ки ибораи аввали ин ҷумла «Дар гӯшаҳои пас(т)хами роҳи пиёдагард» ба яке аз вазнҳои маъмули шеъри классикӣ, вазни музореъ рост меояд, ки нақшааш чунин аст:

*— —V/— V — V/V— — V/— V—*

Ин гуна ҷумла ва ё ибораҳои насриро, ки ба ягон вазни арӯзӣ мувофиқ меоянд, хеле бисёр пайдо кардан мумкин аст. Аммо онҳо бо он сабабе, ки қайд кардем, назм шинохта намешаванд. Албатта, ҷои сухан нест, ки мо дар айни ҳол танҳо дар бораи вазни шеър муҳокима меронем ва хосияти идрок ва ифодаи шоиронаро истисно кардаем, вагарна фақат вазн чизе нест, ки ҳар гуфтаи мавзунро шеър кунад.

Барои он ки мисраъ ҳамчун воҳиди шеър дарк шавад, бояд порчаҳои тараннумии мисраи аввал дар мисраъҳои баъдина ба такрор оянд. Мисраъҳое, ки дар вазнҳои хеле маъмули арӯз гуфта шуданд, баъзан дар алоҳидагӣ ҳам воҳиди комили шеър шинохта мешаванд.

Дар жанрҳои мазкур, ба мисли рубоӣ, дубайтӣ ва баъзан маснавӣ вазн бо жанр сахт пайваста буда, барои муайян кардани жанр нишонаи муайянкунанда шуда метавонад. Масалан, вақте ки мо шеъреро хонем, ки нақшаи вазни он чунин бошад:

*— —V/V — V—/V— — /— —*
*— —V/V — V—/V— — /— —*

ҳамон лаҳза пай мебарем, ки ин шеър рубоӣ хоҳад буд. Масалан, рубоии Лоиқ.

*Якчанд дар ин ҷаҳон ҷавон бояд буд,*
*Як банд суруди ҷовидон бояд буд.*
*Як умр агар ҷаҳон ҷавонӣ надиҳад,*
*Як умр ҷавонии ҷаҳон бояд буд.*

Ва ё ду байтро хонем, ки нақшаи вазнаш чунин аст:

*V— — —/V — — —/V— —*
*V— — —/V — — —/V— —*

Эҳтимол дорад, ки ин шеър дубайтӣ бошад. Масалан, дубайтии Аминҷон Шукӯҳӣ:

*Хиромон гаштанатро ёд кардам,*
*Ба сар гул бастанатро ёд кардам.*
*Ба мисли хирмани гул дар лаби ҷӯ*

*Саҳар бинишастанатро ёд кардам. –*

ба ҳамин вазн гуфта шудааст. Дуруст аст, ки ин вазн ба мисли вазни рубоӣ, фақат хоси дубайтӣ нест ва дар ин вазн ба дигар жанрҳо ҳам фаровон шеър мегӯянд. Ногуфта намонад, ки дар вақтҳои охир дар вазни рубоӣ ҳам шеърҳое гуфтаанд, ки жанрашон фақат рубоӣ набуда, дигар аст. Масалан, шеърҳои Мӯъмин Қаноат «Дасти пир» ва Қутбӣ Киром «Бахткушо» дар вазни рубоӣ гуфта шуда, вале жанрашон рубоӣ нестанд.

Дар жанрҳое, ки вазнашон махсус аст, ба мисли рубоию дубайтӣ, вазн барои муайян кардани шакл андак бошад ҳам мавқеъ дорад. Вале, баръакси ин дар муайян кардани жанри шеър мавқеи қофия хеле бузург аст. Қофия дар назми тоҷик аломати асосии шакли жанрист.

Оё қофия чӣ хусусиятҳое дорад, ки онро аломати асосии шакли жанрӣ мегардонад?

Чунонки маълум аст, марбутии мисраъҳои шеър дар натиҷаи алоқаи маъноӣ ва пайванди наҳвӣ ба вуҷуд меояд, вале ин хусусият танҳо ба шеър хос нест, наср ҳам метавонад ҳамин гуна хусусият дошта бошад. Чунонки болотар қайд шуда буд, шеър аз наср бо такрори мураттаби порчаҳои тараннумӣ фарқ мекунад. Ҳамин порачаҳои тараннумӣ дар охир бо калимаҳои ҳамоҳанг тамом мешаванд, ки қофия ном доранд. Зарурати қофия ҳам дар шеър, ба мисли зарурати вазн аз ибтидо қатъӣ ва ногузир набудааст. Донишмандони қадим ва навин дар мавриди қофия ҳам, ба монанди он ки дар баҳси вазн ҷой дошт, фикрҳои мухталиф изҳор кардаанд. Ҳарчанд оид ба зарурати қофия дар шеър ақидаҳои ба ҳам зид мавҷуданд, аммо шеъри тоҷикӣ аз он даврае, ки мо онро ҳамчун навъи ҳунар мешиносем, яъне аз замони устод Рӯдакӣ то рӯзҳои мо асосан қофиядор будааст. Ҳамин далел аст, ки бисёртари донишмандони шеър ва шоирон бар чунин ақида буданд, ки онро ба Абӯалӣ Ибни Сино дар фанни шеър аз мантиқи китоби «Шифо» чунин баён кардааст: «Шеър сухане аст хаёлангез, ки ... назди аъро қофия ҳам дорад».

Ба қавли Ю. М. Лотман «Қофия сарҳади мисраъ аст»[147] ва ба ғайр аз ба охир расонидани мисраъ, бо ҳамоҳангии худ ба шеър ҷилваҳои тозаи маънӣ медиҳад. Пас, қофия дар шеър ҳам аҳамияти банду баст ва ҳам маъноӣ дорад. Вазифаи композитсионии қофияро дар шеър В. В. Маяковский дар мақолаи худ «Шеърро чӣ тавр бояд сохт» хеле хуб баён кардааст. Вай менависад: «Қофия шуморо ба мисраи пешина бармегардонад, маҷбур мекунад, ки онро ба ёд оред ва ҳамаи он мисраъҳоро, ки барои ифодаи як фикр омадаанд, ба ҳамдигар мепайвандад». Қофия ин вазифаи худро аз маснавӣ, ки қофиябандиаш (аа, бб) буда, дар миёни мисраъҳои ҳамқофия фосилаи бисёр нест, сар карда то пораҳое, ки миёни мисраъҳои ҳамқофия як ва ё якчанд мисраъ беқофия меоянд, адо мекунад.

Масалан, вақте ки мисраи аввали «Таронаи ишқ» - и Мирзо Турсунзодаро мехонем

*Шоири беишқ мурғи бепар аст... –*

ҳоло ба чӣ тарзи қофия омадани мисраъҳои баъдина маълум нест, вале мисраи дуюм

*Беҳарорат моҳу бе ҷон пайкар аст. –*

ҳам аз ҷиҳати зарбу оҳанг, инкишофи паиҳами маънӣ ва махсусан, қофиябандии калимаҳои бепар ва пайкар аз маснавӣ будани шакли шеър гувоҳӣ медиҳанд. Такрори мураттаби ин тарзи қофия дар байтҳои минбаъда маснавӣ будани жанри шеърро комилан собит мекунад:

---

[147] Ю. .М. Лотман. Анализ поэтического текста. Изд-во «Просвещение», Л., 1972, стр. 92

*Шоиронро ишқ ҳотам мекунад,*
*Сарбаланди рӯи олам мекунад. –*

ва монанди ин.

Ин жанр дар назми классикии тоҷик дар сурудани достонҳои қаҳрамонӣ, ишқӣ, ирфонӣ, фалсафӣ ва монанди инҳо чӣ қадар бисёр истифода шуда бошад, дар сурудани шеърҳои хурди лирикӣ ҳамон қадар кам ба кор рафтааст. Дар назми классикӣ зери унвони маснавӣ маъмулан достонро дар назар доштан ҳам ба ин далел гувоҳ аст.

Оё ин жанр чӣ гуна хусусиятҳо дорад, ки вайро барои сурудани достонҳо мувофиқ мекунад? Чунонки мулоҳиза мешавад, маснавӣ, яъне шеъре, ки аз байтҳои ҳамқофия сохта мешавад, на фақат кам мисраъҳои ҳамқофия дорад, балки таркибаш ҳам хеле сода аст. Одатан дар маснавӣ ҳар мисраи байт комилҳуқуқ буда, ба якдигар эҳтиёҷи маъноӣ ва ё наҳвӣ надорад. Вале ин нукта на ба он маънист, ки миёни ду мисраи як байт ҳеҷ пайванди шаклӣ ва ё тобеияти дигаре набошад. Дар бисёр маврид як мисраи байт ва одатан мисраи аввал дар ифодаи маънӣ асосӣ буда, бар мисраи дуюм бартарӣ дорад. Масалан, боз давоми ҳамон шеъри Мирзо Турсунзодаро гирем:

*Мо, ки аз шерозиён кам нестем,*
*Дар саховат камбағал ҳам нестем,*

*Ҳар чӣ хоҳад ёр, инъомаш кунем,*
*Ҷону дилро садқаи номаш кунем.*

Дар ин ду байт мисраъҳои аввал маънии асосиро ифода карданд, мисраъҳои дуюм бошанд, барои шарҳҳои мисраъҳои пешина омадаанд. Аввал маънии кулл баён мешавад ва баъд ҷузъи он омада, маънии аввалро тасдиқ мекунад ва пас аз ин ба дуруст будани чизе, ки дар мисраи аввал гуфта шуда буд, шакку шубҳае намемонад.

Ҳамаи байтҳои маснавӣ чунин хусусият надоранд ва барои ҳамин ҳам мисраъҳои маснавӣ нисбат ба дигар жанрҳо хеле комилҳуқуқ шинохта мешаванд. Ин барои ифодаи озодона ва бехалали андешаю эҳсосот бештар созиш мекунад. Худи ҳамин хосият барои шоири камқудрат хавфе пеш меорад, ки шеъраш аз меъёри содагӣ гузашта, ба авомона гуфтан расад ва ҳусни суханашро барбод диҳад. Шакли содаи маснавӣ барои он ки якнавохт ва дилбазан нашавад, маънии саршорро талаб дорад. Чунин ҳолатро, яъне аз файзи маънӣ бархурдор шудани ҳам мисраи маснавиро мо дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода пайдо карда метавонем. Ӯ дар маснавӣ мундариҷаи лирикиро бомаҳорат ва устодона гунҷоиш медиҳад. Аз шеърҳои дар солҳои охир гуфтаи ӯ «Шоиро», «Таронаи ишқ», «Савганд», «Роҳи мақбара», «Нонреза» ва як силсилаи дигар далели ин фикранд.

Чунонки мулоҳиза меравад, дар назми классикии тоҷик маснавӣ аз ҳама бисёртар дар вазнҳои ҳазаҷ ва мутақориб суруда шудааст. Дар замони муосир ин шартият аз миён бардошта шуда, шоирон ба ҳар вазни дилхоҳ маснавӣ мегӯянд. Тозаҷӯиҳо дар авзони арӯз ба таркиби маснавӣ ҳам таъсир гузошта ба андозае дигаргун кард. Акнун дар баъзе шеърҳо баробарҳуқуқии мисраъҳои байт ба дараҷае ночиз шуда, баръакс як ё ду мисраъ ва баъзан зиёдтар мисраъҳо барои мустаҳкамтар кардани маънӣ ва ё афзудани таъсири ҳиссию завқии он хидмат мекунанд. Аз ин сабаб ифодаи маънӣ ва ё ҳиссиёте, ки дар як байт ба охир мерасид, дар як байт тамом нашуда ба байтҳои дигар мегузарад. Ин барои истифодаи маснавӣ боз ҳам озодӣ ва сабукиҳои

композитсионӣ медиҳад. Масалан, дар чаҳор байти оғози «Савганд» - и Мирзо Турсунзода чунин ҳолат ҷой дорад:

*Солҳои сол,*
*мегуфтанд мардум, ки:*
*ба мо*
*Бахту шодӣ мерасад*
*аз лайлатулқадр, –*
*аз қазо.*
*Дар шаби торик,*
*нурафшон*
*гузар хоҳад намуд,*
*Аввали шаб,*
*нисфи шаб*
*майли сафар хоҳад намуд,*
*Шакли он гирд аст,*
*рӯяш мисли оташпорае,*
*То саҳар бедор хобӣ,*
*чун кунӣ наззорае,*
*Метавонӣ дид онро,*
*мақсадат иҷро шавад,*
*Ҳар чиро, ки даст гирӣ,*
*ҷо ба ҷо тилло шавад.*

Ду мисраи аввали ин шеър фақат дар якҷоягӣ маъниро пурра ифода карда метавонанд. Яъне он баробарҳуқуқии мисраъҳои байти маснавӣ дар ин ҷо нест. Зиёда аз ин, ҳамаи мисраъҳои минбаъдаи ин пора барои ҳамаҷониба равшан кардани моҳияти як объект – лайлатулқадр хизмат мекунанд. Лайлатулқадр на фақат дар ҳамин як байт, балки дар шаш мисраи минбаъда ҳам тимсоли асосии маъникаш аст, ки образҳои дигар ба шарҳи он омадаанд. Маълум мешавад, ки ин шаш мисраи минбаъда ҳам бавосита ва ё бевосита бо байти аввал робита доранд. Мақсади ҳамаҷониба кушодани рамз-лайлатулқадр шоирро водор мекунад, ки мисраъҳо ба ҳадде ки мумкин аст, барои гунҷоиши маънӣ қобил шаванд, дар натиҷа, он баробарҳуқуқии муқаррарии мисраъҳо ночиз гашта, мисраъҳо на фақат дар дохили як байт кашол меёбанд, яъне давоми як мисраъ ба дигар мегузарад, зиёда аз ин, ифодаи маънӣ аз як байт ба байти дигар кашида мешавад, чунонки дар ду байти охири ҳамин пораи овардаамон аст.

Ин хусусият дар шеъри классикӣ нукс дониста мешуд ва дар таҷрибаи эҷодии шоирони куҳан ками дар кам буд. Ин нуктаро Шамс Қайси Розӣ махсус қайд кардааст: «Устодони санъат гуфтанд, ки шеър чунон мебояд, ки ҳар байт ба нафси хеш мустақил бошад ва ҷуз дар таркиби маонӣ ва тансиқи сухан ба якдигар муҳтоҷ набошад... Ҳарчанд ин эҳтиёҷ ва тааллуқ бештар бувад, байт маъюбтар бошад»[148]. Акунун ки шоирон кӯшиш доранд, шеъри муосирро аз шартиятҳои нозарур озод кунанд ва ин чиз ки дар маснавӣ нисбат ба жанрҳои дигар қатъитар риоя карда мешуд, низ дигаргун гардид. Ин таҷриба дар навъҳои дигари шеъри тоҷик ҳам ба кор рафта, натиҷаҳои хуб додааст.

---

[148].Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам..., Теҳрон, 1958, саҳ. 290

Дар ин навъ шеърҳо ва махсусан, дар маснавӣ, ҳангоме ки ифодаи маънӣ аз мисраъ ба мисраъ ва аз байт ба байт кашида мешавад, калимаҳои қофияшаванда он вазифаи худ – тамомияти маъноӣ додани мисраъро – камтар иҷро карда, бештар барои ифодаи барҷаста ва пуртаъсири маънӣ хизмат мекунанд. Чунончи дар пораи пештар оварда калимаҳои қофияшавандаи «оташпора» ва махсусан, «наззора» нисбат ба тамомият ва ягонагӣ бахшидан ба мисраъ барои бештар барҷаста ва пуртаъсир ифода кардани мазмун ба кор рафтаанд. Ин, бешубҳа, натиҷаи аз ҳудуди як мисраъ ё байт ба дарозо кашида шудани ифодаи маънию эҳсосот аст.

Баробари ин дигаргуниҳое, ки бисёртар ба таркиби жанри маснавӣ даровarda шуданд, он аз ҷиҳати шакли зоҳирӣ ҳам тағйир ёфт. Ин ба чанд навъ ба назар мерасад.

Як навъи тағйирот чунин аст, ки маснавӣ ба ягон жанри дигар омехта мешавад. Баъзан ин омезиши ду жанр аён ба чашм хӯрад, гоҳи дигар ин кор хеле бомаҳорат ба анҷом мерасад, ки аз як жанр ба дигар гузаштани шоир дар назар ноаёну бехалал аст. Ҳамин гуна омезиш дар шеъри «Хоҳари мушфиқ, Африқо!» - Мирзо Турсунзода бомуваффақият амалӣ шуда аст. Бисту се байти аввали ин шеър, ки дар он аз гузаштаи пурфоҷиаи Африқо ва баъд аз дӯстии имрӯзаи ин қатъа бо мамлакатҳои дигар бо як лиризми пурэҳтирос ҳикоя карда мешавад, ба шакли маснавӣ  (аа, бб) навишта шудааст. Пас аз байти бисту сеюм, ки саволу ҷавоби бевоситаи шоирро аз номи шахси дуюм ифода мекунад, дар дувоздаҳ мисраи минбаъда байтҳо ба ғайр аз қофияҳои маъмулашон қофияҳои дигар ҳам доранд:

*а Пурс акнун,*
*кист дорои Ватан?*
*б а Коҳира аз ҷой бархезад, ки: – Ман!*
*а Кӣ кунад бо ғайр ҷанги сафшикан?*
*б а Алҷазоир хуни худ резад, ки: – Ман!*
*а Кӣ дигар озод озод мегӯяд сухан?*
*б а Акра бар дил шавқ ангезад, ки: – Ман!*
*а Кӣ муаттар кард боғи хештан?*
*б а Аз Конакрӣ бод бархезад, ки: – Ман!*
*а Кӣ хӯрад захми паёпад дар бадан?*
*б а Конго хоки хоинон безад, ки: – Ман!*
*а Кӣ адӯро пас кашонад дар кафан?*
*б а Оби Атлантик бистезад, ки: – Ман!*

Чунонки ба назар мерасад, дар ин пора байтҳо бо калимаи «ман» ба охир расида, қофия баста мешаванд. Дар шеъри тоҷикӣ барои ба як маънӣ чанд бор қофия бастани як калима иҷозат дода намешавад. Бо ҳамин сабаб ҳар мисраи дуюми ин шаш байт бо калимаҳои бархезад, резад, ангезад, бархезад, безад, бистезад бо ҳам қофия баста мешаванд. Ин тарзи қофиябандии якдармиён муташаккилӣ ва мустаҳкамии байтҳоро афзуда, онҳоро ба ҳамдигар хеле сахт мепайвандад. Бо калимаи «ман» тамом шудани ҳар мисраи дуюми байт, ки вазифаи маънои ҷавоб ва наҳвии мубтадоро дорад, талаб мекунад, ки мисраи аввали байт ҳам бо калимаи ҳамоҳанг ба охир расад. Ба ҳамин ваҷҳ мисраъҳои аввали ҳар байт бо калимаҳои ҳамқофияи ман – ватан, сафшикан, сухан, хештан, бадан, кафан тамом шуда, беихтиёр ба ғайр аз бо ман ҳамқофия шуданашон бо ҳамдигар боз якдармиён қофия мешаванд: ватан, сафшикан ва ба ҳамин зайл. Вале бояд қайд кард, ки дар ҳар мисраъ оҳанги ман – мубтадо аз мисраи дигар фарқ мекунад. Оҳанги онро мазмуни мисраи аввали байт ва махсусан, хабари пеш аз «ман» меомада, ки калимаи қофия аст, муайян мекунад. Аз ҳамин рӯ «ман»-и байти дуюмро, ки

муборизаю хунрезии Алҷазоирро барои ватан тасдиқ мекунад, ба мисли «ман»-и байти аввал, ки он ҷавоби дорои ватан шудани Қоҳираро дар назар дошта, оҳанги хушнудона дорад, набояд ба як оҳанг хонд.

Дар мисраъҳои дигар ҳам, ки «ман» бо вазифаи радиф омадааст, ҳама ҷо як оҳанги хос дорад. Ин аломати барҷастаи он аст, ки радиф дар шеър ба ғайр аз вазифаи эстетикии худ, яъне хушоҳанг кардани шеър, таъмини ҳамоҳангии мисраъҳо, боз барои ифодаи ҷилваҳои маъноӣ ва лафзии калимаҳо ба кор меравад. Дар ин шеър ҷилваҳои нозуки оҳангии як калима боиси боигарии оҳангии байтҳо шуда, такрори як калимаро аз якнавохтию дилбазанӣ наҷот додааст.

Омезиши ғазал бо маснавӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода аз ин ҳам пештар дар шеъри «Ба В.И. Ленин» ҷой дорад. Оғози ин шеър 7 байт ғазал буда, баъд аз он 4 байт маснавӣ омадааст, ки ба ҳам омехта, як шакли рехта ва мустаҳкамро ба вуҷуд овардааст.

Болотар қайд шуда буд, ки байти маснавӣ тамомияти оҳангию наҳвӣ дорад ва ин хосият онро барои ифодаи маонӣ ва эҳсосоти гуногун бештар мувофиқ мекунад. Ин тамомият, аввалан, ба чигунагии қофияи мисраъҳо ва, сониян, аз миқдори мисраъҳои ҳамқофия вобаста аст. Агар як байти маснавӣ, чунонки мулоҳиза шуд, ин гуна хосият дошта бошад, вале пораи мусаллас, ки бо афзудани мисраъ ба байт ҳосил мешавад, на ҳама вақт чунин хусусиятро дорост. Мусаллас дар он шакле, ки дар шеъри классикии тоҷик истифода шудааст, яъне бо қофияи (ааа, бба, вва) ба ҷуз пораи аввали он дигар ҳама тамомияти оҳангию наҳвӣ дорад. Дигар шаклҳои мусаммат ҳам дорои ҳамин гуна хосиятанд. Азбаски дар банди аввали ин шеърҳо ҳамаи мисраъҳо ҳамқофияанд, онҳо аз ҷиҳати оҳанг ва наҳв нотамом ба назар мерасанд. Мисраъҳои охири бандҳои минбаъда бо қофияи банди аввал меоянд ва бо банде, ки дар дохили он ҳастанд, ҳамқофия нестанд. Ҳамин бо мисраъҳои дигари банд ҳамқофия набуданашон боиси он мешавад, ки онҳо, аз як ҷиҳат, бандро тамомияти оҳангию наҳвӣ диҳанд ва, аз ҷиҳати дигар, бандҳои дигари шеърро ба ҳам пайвананд.

Дар назми солҳои 60 аз ҳафт навъи мусаммат баъзе дар шакли пешина истифода шуда, қисме шакл дигар карданд. Мусаллас аз онҳоест, ки тағйири шакл карда, хусусиятҳои тоза пайдо намудааст.

Қариб тамоми эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ ва Қутбӣ Киромро то аввали солҳои 70 аз назар гузаронида, муқаррар карда шуд, ки мусаллас дар эҷодиёти онҳо ба шаш навъ омадааст. Ҷолибтарини ин навъҳоро мавриди мулоҳиза қарор медиҳем.

Мусалласе, ки ҳамаи мисраъҳояш ҳамқофияанд (ааа, ббб, ввв), дар шеъри «Обшор»-и Мӯъмин Қаноат истифода шудааст. Чунонки қайд шуда буд, бандҳои ин навъи мусаллас тамомияти оҳангию наҳвӣ надорад. Ҳамин нотамомӣ ба ифодаи мундариҷаи шеър, ки аз ҳиссиёти пок ва азизу ширини муҳаббати бачагӣ иборат буда, худ ҳам ба андозае нотамому номуайян аст ва барои шоир ҳам чигунагии он ба хубӣ аён нест, хеле созгор омадааст.

*Мерафту равнақи гулзор мешикаст,*
*Меомаду аз омадаш(?) хуммор мешикаст,*
*Лабташнагии ташнаи дидор мешикаст,*

*Он духтарак кӣ буд маро?*
*Балки хоҳарам?*
*Ё дар баҳори наврасӣ ӯ буд дилбарам?*
*Ё чун кабӯтари сафед(?) ӯ буд ҳампарам?*

*Ҳар кас, ки буд,*
*Ӯ маро(?) аз ҷон азиз буд,*
*Ҷонам зи ҷоми шарати ӯ рез-рез буд.*

(Ногуфта намонад, ки ҳамин банди охир ба шакли байт омадааст, дигар ҳамаи бандҳо мусалласанд). Аз ҷиҳати дигар барои Мӯъмин Қаноат, ки шоири шеърҳои хушоҳанг аст, ҳамқофия овардани ҳама мисраъҳои банд ба завқи зебопарасти ӯ ҷавоб мегӯяд.

Дар шеъри «Оғози ишқ» - и Қутбӣ Кироm мусаллас аз банди дуюм оғоз шудааст. Яъне қофияи он ба тарзи ааб, ввб, ггб... мебошад. Дар натиҷаи чунин қофиябандӣ пораҳои шеър тамомияти оҳангию наҳвӣ пайдо кардаанд:

*Чу райҳон шабнам аз гесӯи мушкин рехт,*
*Нигоҳам бо нигоҳи духтари ҳамсоя омехт,*
*Дилам аз қайди танҳоӣ бадар омад.*

*Кушода сад забони хешро савсан,*
*Маро табрик мегуфту ҳазор аҳсан:*
*Баҳори ошиқон имдодгар омад.*

Ба ин тарз истифода шудани мусаллас ба равияи услубии эҷодиёти Қутбӣ Кироm созгор аст. Азбаски дар шеърҳои ӯ аҳамият ва мавқеи ҳусни мақтаъ - байти охир хеле калон аст, яъне хулоса ва ҷавҳари фикрашро дар мақтаи шеър мегӯяд, кӯшиш мекунад, ки ҳар банди шеър ҳам фикру эҳсосоти комил дошта, ифодаи он ҳам тамомияти оҳангию наҳвӣ пазирад.

Ҳамин гуна аз банди дуюм оғоз шудани шеърҳои мусаммат, яъне мураббаъ, мухаммас, мусаддас дар эҷодиёти дигар шоирони муосир ҳам мушоҳида мешавад.

Лоиқ ҳам «Бачагиям бекасу танҳо гузашт» ном шеъре дорад, ки жанраш мусалласи классикист. Ин шеърест, ки гузашти бачагиро бо як ғуссаи ширин ба ёд меорад, таассуф ва бебозгаштии он аз зимни ҳикояти шоир, аз образҳои дилнишини шеър бармеояд ва ба дилу ҷони хонанда меомезад. Ба образҳою таассуроти шоир гӯиё аз рӯҳия, аз кайфияти ғамангезу диловези ӯ резаборон меборад. Тасвирҳо тару тозаанд, таассурот ва таассуфе, ки аз бачагии гузарон дар шахси баркамол зуҳур мекунад, ҳикоятро ба ҳавои худ фаро гирифта, ба он самимияти бештаре медиҳад.

*Бачагиям бекасу танҳо гузашт,*
*Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт,*
*Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт.*

*Дар сари санге ҳама рӯз интизор,*
*Мешумурдам турнаҳоро ҳар баҳор –*
*Бачагиям бо қатори турнаҳо як ҷо гузашт.*

Ду мисраи аввали ҳар банди ин мусаллас бар вазни ҳазаҷи мусаддаси мақсур бошад, мисраи сеюмаш як рукн зиёдтар буда, бар вазни ҳазаҷи мусаммани мақсур аст. Ин тозаҷӯии муносиб бо талаби мундариҷаи шеър ба миён омадааст. Ғуссаи бачагии гузарон дар мисраи сеюми ҳар банд ба такрор садо медиҳад:

*... Бачагиям бо умеди моҳии тилло гузашт,*
*... Бачагиям ханда бар лаб лаб-лаби дарё гузашт.*
*... Бачагӣ чун номае бар ёри бепарво гузашт.*
*... Ё мисоли шохнам аз дашти бопаҳно гузашт.*
*... Бехабар мондем, то дидем фарсаххо гузашт,*
*... Ёлу болаш ғарқи гул аз роҳи умри мо гузашт.*

Шоир дар ду мисраи аввали банд аз шайъе сухан ронда ва ё амалеро ҳикоят карда, дар мисраи сеюм гузаштани онҳоро таъкид менамояд. Оҳанги ин таъкид ҳар қадар бардавом бошад, бешубҳа, таъсираш ҳам ҳамон қадар амиқтар мешавад. Ба ҳамин мақсад шоир ин мисраъҳоро як рукн меафзояд ва ба матлабаш мерасад. Ҳамчун радиф омадани феъли «гузашт» ва дар ҳар банд такрор шудани он моро ҳамеша дар ҳалқаи таассуроти дилхоҳи шоир нигоҳ медорад.

*Бачагӣ чун шохборон рехт, рехт.*
*Бачагӣ чун обшорон рехт, рехт,*
*Ё мисоли шохнам аз дашти бопаҳно гузашт.*

*Бачагӣ гӯё буду гӯё набуд,*
*Бачагӣ аз мо буду аз мо набуд,*
*Бехабар мондем, то дидем фарсаххо гузашт.*

*Бачагӣ – гулгуни зарринёли ман,*
*Бачагӣ – гулгуни зарринболи ман –*
*Ёлу болаш ғарқи гул аз роҳи умри мо гузашт...*

Ин намунаҳои беҳтарини шеърҳое, ки дар жанрҳои анъанавӣ гуфта шудаанд ва мо ин навъ шеърҳоро маҳз аз эҷодиёти шоирони нисбатан ҷавон ва тозаҷӯ овардем, ки гӯё аз жанрҳои анъанавӣ парҳез доранд, водор мекунанд, ки мо ақидаи худро оид ба тақдири жанрҳои анъанавӣ андаке тағйир диҳем. Онҳо на ҳама вақт ба ифодаи мазмуну мундариҷаи нав монеъ мешаванд, балки дар дасти шоири қудратманд ба ин бештар ёрӣ мекунанд. Дар эҷодиёти шоирони баркамоли мо Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, ки бештар ба жанрҳои анъанавӣ менависанд, намунаи ин гуна шеърҳои хуб бисёранд.

Яке аз шаклҳои маъмули назми муосир чаҳорпора аст. Баъзе тадқиқотчиён намунаи чаҳорпораи муосирро дар эҷодиёти шоирони асри X пайдо кардаанд. Агар ин ҳақиқат дошта бошад, ин ҳам ҳақиқат аст, ки ин шакли жанрӣ то садаи бист ривоҷ нагирифта буд. Дар назми муосири тоҷик ривоҷу равнақ гирифтани ин шакли шеър, пеш аз ҳама, ба рӯ овардани назм ба мундариҷаи тоза ва, сониян, ба таъсири қавии назми рус вобаста аст. Аз шоирони муосир устод Лоҳутӣ махсусан, барои бисёр ба кор андохтан ва маъмул шудани он хизмати босазо кардааст.

Дар назми классикии тоҷик як навъи мусаммат ҳаст, ки аз чаҳор мисраъ иборат буда, мураббаъ ном дорад. Оё дар байни навъи шеъри классикӣ ва чаҳорпораи муосир чӣ монандӣ ва чӣ тафовут ҳаст?

Чаҳорпораи муосир аз мураббаи классикӣ бо чанд хусусияти бандубастии худ фарқ мекунад. Мураббаи классикӣ қофиябандии қатъӣ (аааа, ббба) чаҳорпораи муосир қофиябандиҳои гуногун дорад, аз қабили: якдармиён (абаб, вгвг), дудармиён (абба, вггв) ва боз қофиябандиҳое, ки ҳоло ном нагирифтаанд: 1. (ааба, ввгв), 2. (абвб, гдед), 3. (аабб, ввгг).

Аксари чаҳорпораҳои муосир тамомияти оҳангию наҳвӣ доранд, вале бандҳои мураббаъ на ҳама вақт. Бандҳои мураббаъ ҳама симметрӣ - мутаносибанд, вале чаҳорпораи муосири дудармиён (абба, вггв), баръакс ассиметрӣ, номутаносиб аст.

Истифодаи чаҳорпораҳои дудармиён қофия, яъне номутаносиб бештар дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо ба назар мерасад, ки, бешубҳа, аз таъсири назми рус аст.

Чаҳорпорае, ки қофиябандияш (ааба, ввгв) аст, дар шеъри муосири тоҷик аз назми рус гирифта шудааст. Ин навъи чаҳорпораро махсусан, Мирзо Турсунзода ва Аминҷон Шукӯҳӣ зиёда ба кор бурдаанд. Дар бораи жанри шеърҳои Аминҷон Шукӯҳӣ қайд кардан лозим аст, ки ӯ ба навъи шеърҳои серқофия бисёртар рағбат дорад. Ин тамоюли услубӣ аксари шеърҳои ӯро хушоҳангу гӯшнавоз карда, онҳоро ба суруду тарона наздик менамояд.

Дар назми муосири тоҷик навъҳои гуногуни чаҳорпора вохӯранд ҳам, онҳо асосан бо дигаргун кардани ҳамин се навъи асосӣ, ки чунин тартиби қофиябандӣ доранд: 1. абаб 2. абвб 3. ааба ба вуҷуд оварда шудаанд. Масалан:

ааба

*Зинда кардам дар замин ман шӯълаи хомӯшро,*
*Бо сухан дар ҷӯш овардам дили беҷӯшро.*
*Ман ба ҳар як тифли аз модар ба дунё омада*
*Боз кардам аз сари сидқу вафо оғӯшро.*
(Мирзо Турсунзода)

абаб

*Зард шуд барги дарахтон зард шуд,*
*Рафт тобистону омад тирамоҳ,*
*Сард шуд, оби каналҳо сард шуд*
*Лек месӯзад дилам аз он нигоҳ.*
(Аминҷон Шукӯҳӣ)

абвб

*Ман он рӯдам ки оғози ман аз санг,*
*Вале анҷоми ман гул бошаду гул.*
*Ман он рӯдам, ки аз он одамизод,*
*Гузар созанд бо ихлос бепул.*
(Лоиқ)

Дар эҷодиёти бисёре аз шоирон ҳоло ин навъи чаҳорпораҳо дар як шеър ба ҳам омехта мешаванд, ки бештар ба хотири озодонаю бехалал ва пурратар ифода кардани мазмуну мундариҷаанд. Ин таҷриба бештар дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Кèром мавқеъ дорад.

Чаҳорпораҳои Мирзо Турсунзода ва Аминҷон Шукӯҳӣ бештар ба ҳамон тарзи қофиябандие, ки банди аввали шеър ба он сар шуда буд, ба охир расонида мешаванд.

Ба ғайр аз ин, дар назми муосир ба чаҳорпораҳо як байт афзуда (рефрен) – нақарот, як пораи шашмисрагӣ ҳосил кардаанд. Баъзан байте, ки пас аз чаҳорпора меояд ва бо қофияи маснавист (аа), пас аз чаҳорпора ба такрор меояд ва ин махсусан, дар шеърҳои васфӣ бештар ба назар омада, шеърро бо суруду тарона наздик мекунад. Дар мавридҳои дигар ҳам шоирон ба чаҳорпора байтҳои тоза афзудаанд. Вале имкони шаклҳои тоза сохтани чаҳорпораҳо бо ҳамин чанд навъи ин ҷо нишон дода маҳдуд намешавад. Намунаҳои дигари он ҳам вомехӯранд, ки

қофиябандиашон ба ин тарз аст: аабб, вгвг. Дар ин ҷо ду чаҳорпора ба ҳам пайваста, як порои ҳаштмисрагиро ба вуҷуд овардаанд. Ин навъҳо хеле фардӣ буда, дар эҷодиёти ҳамон шоири ин навъро ба кор бурда ҳам аз як ё ду бор зиёдтар истифода нашудаанд.

Агар чаҳорпора дар назми классикӣ вуҷуд надошта, дар назми муосир ба ин мавқеи бузург соҳиб шуда бошад, сарнавишти навъи дигари шеъри тоҷик – ғазал баръакси чаҳорпора аст. Ҳоҷати исботу далел нест, ки ғазал дар эҷодиёти шоирони классик навъи асосӣ ва маъруфтарини шеър буд. Дар таърихи шеъри башарият кам жанри шеъриро пайдо кардан мумкин аст, ки ба ин дараҷа ривоҷ гирифта, серистифода бошад.

Дар назми солҳои аввали асри XX ғазал ба ҳамон дараҷаи пешинаи истифодааш набошад ҳам, ба ҳар ҳол, аз дигар навъҳои шеър бисёртар ба кор мерафт. Он асосан тағйири шакл накарда, вале аз ҷиҳати мавзӯъ ва ғоя дигар шуд. Хидмати Садриддин Айнӣ ва махсусан, Абдулқосим Лоҳутӣ барои ифодаи мундариҷаи ҳаёти нав дар қобил кардани ғазал бузург аст.

Дар солҳои шаст дар эҷодиёти бисёр аз шоироне, ки шеъри худро ба тасвири масъалаҳои муҳими замон гузошта, рӯҳи онро ифода кардан мехостанд, ғазал мавқеи пешинаи худро аз даст медиҳад. Баъзе навҷӯён ҳам бо суханҳои ниҳилистонаи худ аҳамияти мероси гузаштаро инкор карданӣ шуда, аксаран дар зери мафҳуми мероси гузашта ғазалро дар назар доштанд.

Хулласи калом, ғазал гоҳ мавриди ҳамлаи рӯирост ва гоҳ пардапӯшона қарор мегирифт. Бурҳоне, ки бар кӯҳна шудани ғазал меоварданд, гӯё ба ифодаи мазмуну мундариҷаи муосир созиш накардани он буд. Масалан, шоири Эрон Нодири Нодирпур, ки дар шеъри форсӣ яке аз навҷӯёни муваффақ аст, чунин менависад: «Мафоҳим ва эҳсосоти шоири имрӯз дар қолаби ғазалу қасида намегунҷад ва зуруфи дигаре металабад»[149]. Оё фақат ин гуфта метавонад далели қатъӣ бошад, ки ғазал дигар аз анвои шеъри форсу тоҷик дур андохта шавад? Агар не, пас чаро ғазал дар назми муосир мавқеи худро аз даст медиҳад?

Дар назми муосири тоҷик, алалхусус, дар аввали солҳои шаст бар зидди шеърҳои берангу ҳиссиёт, берӯҳу беобраз, ки аз маъниҳои баланду писандида орӣ буданд ва «шеърҳои умумӣ» номида мешуданд, мубориза сар шуд. Назария ва амалияи шеъри муосир ба воситае муҳтоҷ буд, ки онро барои инкори «шеърҳои умумӣ» ҳамчун раддия истифода кунад. Дар натиҷа, як навъи шеърҳое ба вуҷуд омаданд, ки номи на он қадар аниқ ва мувофиқи шеърҳои конкретиро гирифтанд. Худи мафҳуми шеърҳои конкретӣ ба хубӣ муайян набуд. Ин мафҳум баъзан ба маънои шеърҳои сужетнок, баъзан ба маънои шеърҳое, ки образҳои маҳсусу реалӣ доранд, истифода мешуд. Ана дар ҳамин вақт бисёр ғазалҳое, ки дар ҳақиқат ҳиссиёти тоза ва маънии бикре надошта, аз тавсифҳои обшуста ва гапҳои берӯҳу равон иборат буданд, ҳадафи ҳамлаи тозаҷӯёни шеър шуданд.

Яке аз хусусиятҳои асосии ғазали кӯҳна, ки ҳар як байти он маънои алоҳидаро ифода карда, аз ҳамин сабаб, баъзан, барои тасвири давомдор ва инкишофёбандаи як мазмуну мундариҷа имкон намедиҳад, боиси ҳамин умумигӯӣ дониста шуд. Шакли ғазал ҳам барои қонеъ кунонидани талаботи тоза аз шеър хеле душвориҳо пеш овард. Дар ҳамин асно чизи дигаре аз хотирҳо рафта буд: мундариҷаеро, ки дар шакли мавҷуда, дар айни ҳол, фарз кардем, дар ғазал ифода карда намешавад, дар шакле, ки мувофиқтар аст, бояд рехт. Пас, чаро мо онро маҳз ба қолаби ғазал рехтан мехоҳем? Онро маҳз дар шакли ғазал гуфтан зарурате надорад.

Мазмуну мундариҷае, ки бояд дар шакли мувофиқ рехта шавад, худ шаклашро муайян мекунад, вагарна бояд чунин пиндошт, ки тамоми маъно ва эҳсосоти шеърӣ аввал дар наср

[149].Нодири Нодирпур. Шеъри ангур. Теҳрон, 1958, саҳ. 13

сурат гирифта, баъд ба қолаби шеър андохта мешавад. Ҳарчанд шоир баъзан аз мавзӯи шеъри оядаи худ қайдҳои насрӣ мекунад ва мавқеи ин корро дар эҷодиёт тамоман аз эътибор соқит кардан дуруст нест, вале он афкору эҳсосоте, ки шоир онро наметавонад дар наср батамом ифода кунад, маҳз ҳамон мояи шеър аст. Ҳамин чиз ки наметавонад дар наср ифода шавад, шакли мундариҷаро муайян мекунад. Агар мо ҳамин андешаҳоро ба эътибор гирем, даъвое, ки гӯё шакли ғазал бо қонунияти қатъии худ барои озодонаю бехалал ифода кардани мафоҳими шеърӣ монеъ мешудааст, беасос мегардад.

Баъзеҳо, аз ҷумла, Нодири Нодирпур фикре мегӯяд, ки барои шеъри нав мундариҷаи ғазалро ба истифода гирифта, шакли он дур андохта шавад: «Манзур аз ғазал як навъ сухани нарму диловез ва ошиқона аст. Инро мо метавонем имрӯз пайравӣ бикунем, на ин ки шакли хоси ғазалро»[150] – менависад ӯ. Ҳамин «сухани нарму диловез ва ошиқона» дар назми форсу тоҷик асосан дар шакли ғазал сурат гирифтааст ва оё эҳтиёҷе ҳаст, талаб пеш гузорем ки ҳаминро дигар дар шакли ғазал набояд рехт.

Қудрати ҳамаи шоирон дар истифодаи анвои шеър ба як дараҷа нест ва аз ҳамин рӯ, ба шоире, ки метавонад манзури худро дар қолаби ғазал зебою дилнишин бирезад, ҳоҷате нест, ки маҳз шакли тозае биҷӯяд: «Ҳамаи навъҳо хубанд, ба ғайр аз дилгиркунандааш» – мегӯяд Волтер ва Белинский ба ин гуфтаҳо илова мекунад, ки: «Ҳамаи намудҳо хубанд, ба ғайр аз дилгиркунанда ва ноқисаш»[151]. Дар чунин соҳаи эҷоди бадеӣ, ҳамчун шеър, қонунияти қатъию беистисно наметавонад бошад ва боз махсусан, дар истифодаи навъи шеър, ки шоир соҳибихтиёр аст ва дар ин ҷабҳа барои эҷодкориҳои фардӣ имкони бисёр дорад. Бинобар ҳамин ҳам, ақидаҳое, ки оид ба ин масъала баён мешаванд, аксаран нисбиянд. Агар жанре дар эҷодиёти як шоир камистифода бошад, дар шоири дигар серистифодатар аст. Ба ғайр аз ин, хусусиятҳои истифодаи он ҳам фарқ дорад.

Ҳамчунин ғазал. Вай дар назми муосири тоҷик дар эҷодиёти як шоир бештар мақом дошта бошад, дар дигар камтар. Дар истифодаи он қонунияти умумие мушоҳида шавад ҳам, истифодаи фардии он дорои хусусиятҳои фарқнок ҳам ҳаст. Ҳамин тавр, агар ғазалҳои Аминҷон Шукӯҳӣ аксаран мазмунҳои ишқӣ ва дар солҳои охир оҳангҳои ишқӣ ва панду ахлоқӣ дошта, ба талаботи шакли ғазали классикӣ мувофиқат кунанд, ғазали Ғаффор Мирзо оҳанги гражданӣ дошта, ба шакли қатъии ғазали анъанавӣ рост намеояд. Чанд ғазале, ки Лоиқ суруда аст, асосан анъанавӣ бошад ҳам, мундариҷааш тозаву тар буда, такрору забонзад нест.

Дар назми муосир баъзе аломатҳои шаклии ғазал аз назари эътибор соқит шуда истодаанд. Масалан, байти тахаллус. Байти тахаллус дар ғазали қадим воситае буд, ки барои ба хонанда ошнову қарин ва маҳбубтар кардани шахсияти шоир хизмат дошт. Инчунин байти тахаллус боз оҳанге ба вуҷуд меовард, ки гӯё, шоир тамоми фикру эҳсосоташро бевосита ба хонанда баён мекарда бошад. Акнун ҳамаи байтҳои ғазал ин хусусияти байти тахаллусро доранд, яъне ҳамон ҳиссиёт, ҳамдилӣ дар саросари ғазал ҷойгузин аст. Ин маҳсули қаробат ва ошноии шахсияти шоир бо хонанда, бовари шоир ба роздорӣ ва ғамгусории ӯст.

Байти тахаллус дар ғазали классикӣ аксаран байти мақтаъ ҳам буд ва ҳоло ин байт дар ғазалҳои муосир маъникаштарин байт шуда истодааст. Он даъво ба шоҳбайт шудан дорад. Омадани тахаллус далели зоҳирии тамомияти ғазал буда, тамомияти маъноии онро ҳам ифода мекард. Бинобар ҳамин, ғазалро тамомияти маъноӣ надорад гуфтан, дуруст нест, ки В. Е.

[150].Нодири Нодирпур. Кӯҳна ва нав. «Садои Шарқ», 1968, №2, саҳ. 141

[151] В.Г. Белинский. ПСС, т. IX.изд-во АН СССР, М., 1955, стр. 77

Холшевников менависад: «Ғазал дар натиҷаи инкишоф додани рубоӣ ба вуҷуд омада, аз рубоӣ бо он фарқ мекунад, ки тамомият надорад: қатори байтҳо ҳар қадар давом ёфтанаш мумкин аст»[152]. Қисмати аввали ин гуфтаҳо ҳам ба ҳақиқат рост намеояд, ки ғазал инкишофи рубоӣ дониста шудааст.

Агар рубоӣ эҷоди мардуми форсизабон буда, аз онҳо ба арабҳо гузашта бошад, ғазал баръакс. Он аз арабҳо ба шеъри мардуми форсизабон омада, ба таъсири адабиёти лафзӣ ва китобии ин миллатҳо монда, он қадар ба он омезиш ёфтааст, ки бегонагии он дигар заррае эҳсос намешавад. Пас, ғазал ва рубоӣ, ду навъи мустақили шеъри шарқ буда, дар шеъри ду халқ мустақилан арзи вуҷуд кардааст. Чунонки медонем, рубоӣ вазни хос дорад ва ин аломати асли рубоӣ онро аз навъҳои дигари шеър фарқ мекунонад. Ғазал вазни хос надорад ва дар вазнҳои бисёр суруда мешавад. Аз ҷиҳат мавзӯъ ҳам рубоӣ бо он хосияти минётурии худ, яъне камшумории мисраъҳо аз ғазал тафовут дошта, бештар барои ифодаи маъниҳои фалсафӣ, панду ҳикматомез мувофиқ гаштааст. Ба қофияи ин ду жанр мулоҳиза карда шавад, тафовути шаклии онро ҳам дарёфтан мумкин аст. Агар В. Е. Холшевников тамомияти рубоиро бо як байти ғазал муқоиса карданӣ бошад, нодуруст рафтор мекунад, зеро ду жанрро дар шакли комилашон муқоиса бояд кард, на ин ки комили якею ҷузъи дигареро. Ба як тарз будани оғози қофиябандии ин ду навъ тасодуф асту бас. Агар байти аввали ғазал ва рубоӣ ақаллан аз ҷиҳати тамомияти оҳангию навҳӣ муқоиса шавад, тафовути куллии онҳо аён ба назар менамояд. Рубоӣ танҳо дар шакли комили худ тамомияти интонатсионию синтаксисӣ ва маъноӣ дорад. Масалан:

*Бо оби ҷабин кунем таъмири замин,*
*Бо ақл раво кунем тадбири замин.*

Дар ин ҷо дар мисраи аввал мафҳуми асосие, ки бояд дар тамоми рубоӣ ташреҳ шавад, ифода шудааст. Мисраи дуюм аз рӯи тарзи ифода ва ҳам маънӣ мувозии мисраи якум аст. Мисраи сеюми рубоӣ одатан барои мустаҳкамтар вобаста кардани хулосаи аз мисраъҳои якум ва дуюм бармеомада, ки дар мисраи чаҳорум ҷамъбаст мешавад, хидмат мекунад.

*Дар рӯи замин пой ниҳодан саҳл аст,*
*Ё тири замин шавем, ё зери замин!*

Албатта, ин банду басти рубоиро қонунияти ягона ва раднопазир ҳисобидан наметавон, зеро рубоӣ аз ҷиҳати композитсия, банду баст хеле гуногун аст, ки ин ҷиҳати онро Раҷаб Амонов ҳам дар тадқиқоти худ «Лирикаи халқии тоҷик» қайд мекунад.

Байти матлаи ғазал ҳам тамомият надорад. Вай бо байти минбаъда пайваста, тамомият пайдо мекунад ва дигар ҳар байти минбаъдаи ғазал дар алоҳидагӣ тамомият дорад. Чунонки қайд шуда буд, яке аз хосиятҳои ғазали классикӣ он аст, ки аксари байтҳои он аз ҷиҳати маънӣ мустақиланд. Ҳамин хусусият ва боз қонунияти қатъӣ надоштани миқдори мисраъҳо дар ғазал боиси он шудааст, ки ғазалро шакли тамомият надошта пиндоранд. Вале ягонагӣ ва тамомияти ғазал бо қонуниятҳои хос ба даст оварда мешавад, ки онҳо бештар ба таркиби ғазал – калимаҳо, образҳо, ягонагии қофия, вазн ва рӯҳи ғазал тааллуқ доранд[153]. Ана, ба ҳамин

[152] В.Е. Холшевников. Основы стиховедения. Изд-во ЛГУ, 1972, стр. 132.

[153]Муфассалтар ниг: И.С. Брагинский. Из истории персидской и таджикской литературы. Изд-во «Наука», М., .стр. 327-413 ,1972

ягонагӣ ва тамомият муваффақ шудан миқдори байтҳои ғазалро муайян мекунад. Аз ин рӯ, чунин тасаввуроте, ки ғазалро ба ҳар андоза кашол додан мумкин бошад, ислоҳ металабад.

Номуайян будани миқдори мисраъҳо дар як навъ чунин маъно надорад, ки онро ба ҳар андозаи номатлуб кашидан мумкин бошад, зеро чунонки маълум аст, шакли шеър ифодагари мундариҷа аст ва мундариҷаро хориҷ аз таносуб кашидан бар хилофи шеърият аст ва зуд ба зеҳн бармехӯрад. Миқдори мисраъҳо дар анвои шеъри тоҷикӣ ба ғайр аз чанд навъи башумор чун рубоӣ, дубайтӣ, байт, фард дигар ҳама ба қонунияти ифодаи матлуби мундариҷа муайян мешавад. Дар анвои дигари шеър миқдори мисраъҳои шеър ва ё банд муайян бошад ҳам, масалан, маснавӣ аз ду мисраъ, мураббаъ аз чаҳор, мухаммас аз панҷ мисраъ ва монанди ин, вале миқдори банд дар шеър ба ихтиёри шоир аст. Ихтиёрдории шоир дар ҳукми ифодаи матлуби мундариҷа аст. Аз ҳамин рӯ, агар ифодаи мундариҷа хориҷ аз таносуб кашида шавад ва ё дар дохили як ғазал, ки бо вуҷуди байтҳои маънан парокандаи худ, як томияти кулл ва ягона аст, байтҳое оварда шаванд, ки ба оҳанги умумии ғазал мувофиқат накунанд, завқи шеършинос ноҷоии онҳоро ба зудӣ хоҳад дарёфт.

Баъзан ягонагӣ ва тамомияти ғазал ба ёрии қонуниятҳое, ки баъзе аз онҳоро ба тариқи таҳлил нишон додан хеле мушкил буда, бештар ба завқ дарк кардан мумкин аст, ба даст оварда мешавад. Аз ин ҷиҳат ғазал, албатта, дар назари аввал ба он тамомияте, ки рубоӣ дорад, соҳиб нест. Тамомияти рубоӣ ҳам дар шакл ҳам дар маъно баралло намоён аст. Ин ду жанри шеъри классик аз ҷумлаи жанрҳои устуворанд, ки аз ҷиҳати шакл ба он қадар дигаргунии бисёр дучор наомадаанд. Азбаски хосиятҳои шаклиашон хеле устувор аст, онҳо ба азму кӯшиши шоирони навҷӯй, ки талаботи қатъии анвои шеъри куҳанро ба инобат намегирифтанд, рост наомад ва дар эҷодиёти онҳо кам истифода шуд.

Бинобар ин, Муҳаммадҷон Шукуров дар аввали солҳои 60, дар яке аз мақолаҳои худ аз камии рубоисароӣ хеле таассуф баён карда навишта буд: «... мутаассифона рубоӣ барин намуди муҳими шеъри тоҷикӣ дар назми имрӯзаи мо рӯз то рӯз мавқеи худро аз даст дода истодааст. Ҳам шоирони куҳансол ва ҳам шоирони ҷавон онро қариб тамоман фаромӯш карданд»[154]. Вале дар охири солҳои шастум вазъият ба тамом тағйир ёфт. Рубоӣ дар шеъри муосир дар эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ, Қутбӣ Киром ва махсусан, шоирони ҷавон серистифода шуд. Дар як маҷмӯаи «Соҳилҳо»-и Лоиқ 252 рубоии ӯ гирд оварда шудааст. Ҳамчунин дубайтӣ. Ин жанри шеъри тоҷик пас аз устод Абдулқосим Лоҳутӣ хеле кам ба кор бурда мешуд. Ногуфта намонад, ки дар аввали солҳои шастум Муҳаммадҷон Раҳимӣ ба ҳавои дубайтиҳои халқӣ китоби дубайтиҳо эҷод кард. Аз охири солҳои шастум дубайтӣ мавқеи аз даст додаи худро бозгардонида, серистифода мешавад, ки маҷмӯаи дубайтиҳои Аминҷон Шукӯҳӣ «Чормағз» ва китоби дубайтиҳои Лоиқ «Резаборон» маҳсули ҳамин давраанд.

Пас, дар бораи анвои шеър бояд ба чунин хулоса омад, ки умри онҳо ҳам аз қобилияти маъникашӣ, шакл дигар кардан, равияи эҷодӣ, майлу хоҳиш ва хосияти истеъдоди шоироне вобаста аст, ки дар он давр эҷод мекунанд. Дар ин сурат ҳам қонунияти объективӣ – талаботи замонро аз шеър ва ҷиҳатҳои субъективии масъала хусусият ва майлу хоҳиши шоирони алоҳидаро ба назари эътибор гирифтан зарур аст. Бисёр мешавад, ки шоире ба як навъи камистифодаи шеър аз нав умр мебахшад ва онро барои ифодаи мундариҷаи замонавӣ қобил мекунад ва он навъ ба ин восита ба қатори жанрҳои серистифода медароянд. Чунончи, дар

[154] М. Шукуров. Анъана, халқият ва маҳорат. Нашрдавтоҷ., Душанбе, 1964, саҳ. 226.

охири солҳои 60 ва аввали 70 ҳамин гуна ҳолат тавассути эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ ва Лоиқ бо дубайтӣ ба рубоӣ рӯй дод.

Дар назми муосири тоҷик ҳоло бисёр аз анвои шеъри классикӣ, аз ҷумла, қасида, таркибанд, тарҷеъбанд ва монанди инҳо шакл дигар карда, ё камтар истифода шаванд ҳам, батамом аз коргоҳи эҷодӣ дур андохта нашудаанд ва ба ин кор ҳоҷате ҳам нест. Чунонки мебинем, дар истифода будани анвои шеъри куҳан барои эҷоди навъҳои тозаи шеър монеъ намешаванд.

Болотар қайд шуда буд, ки яке аз навъҳои тозаи шеъри муосир, ки ҳоло бар ҳамаи дигар навъҳои шеър бартарӣ дорад, чаҳорпора аст. Чаҳорпора бо андаке дигаргунӣ дар эҷодиёти ҳамаи шоирони муосири тоҷик ба истифода рафта, баъзан аз он шаклҳои дигари тоза ҳам ихтироъ шудаанд, ки хеле фардӣ буда, дар эҷодиёти як шоир як - ду бор вомехӯранду бас. Онҳо барои ифодаи мундариҷае, ки маҳз бояд дар ҳамон шакл рехта шавад, арзи андом мекунанд ва аз ҳамин рӯ, то даме ки ба истифодаи умум медароянд, маҳз бо ҳамон шеър зинда буда, якто ва нотакроранд.

Шеърҳои Мирзо Турсунзода «Шеъри ман» ва Аминҷон Шукӯҳӣ «Баргҳои тиллоӣ» аз ин назар бо пораҳои тоза, ки ба мухаммас наздиканд, навишта шудаанд. Ҳар пораи ин ду шеър панҷмисраӣ буда, чаҳор мисраи онҳо қофия баста мешавад.

«Шеъри ман» - и Мирзо Турсунзода суҳбати хоса ва дилнишини шоир аст бо ашъори худ. Ӯ тарзи ифодаи суҳбати танҳо ба танҳоро ниҳоят моҳирона истифода мекунад ва дар натиҷа чунин тасаввурот пайдо мешавад, ки шоир фақат бо шеъри худ гуфтугузор дорад. Дар пораи аввал сифатҳое, ки шоир онҳоро ба шеъраш доданӣ мешавад, гӯё нисбат ба олами атроф ба ҳастии худи ӯ бештар тааллуқ доранд.

*Шеъри ман,*
*Хуни ҷигар,-*
*ё пораи дил гӯямат,*
*Ё шитоби корвон дар роҳи манзил гӯямат.*
*Ё хурӯҷи мавҷ дар домони соҳил гӯямат,*
*Роҳатат аз ҳад зиёду заҳматат з-он бештар,*
*Мухтасар сар то ба по савдои мушкил гӯямат.*

Дуруст аст, ки мисраи «Ё шитоби корвон дар роҳи манзил гӯямат» доираи фаро гирифтани шеърро васеътар карда, онро аз олами шахсии шоир берун меоварад ва ба олами дигарон мепайвандад. Шеър, ки шитоби корвон бошад, он танҳо барои будани худ нест. Дар ин мисраъҳо аҳамияти иҷтимоӣ ва ҳамзодии шеър бо ҳаёти ҷамъият ба воситаи бузургии шахсияти шоир, яъне ҳар як сухани шеър ба меъёри бузургии шоир андоза ва идрок мешавад. Самимияти ифода ва тарзи муколамаи шоир шеърро ба дил наздик мекунад ва махсусан:

*Роҳатат аз ҳад зиёду заҳматат з-он бештар,*
*Мухтасар сар то ба по савдои мушкил гӯямат. –*

гуфтани шоир дар хонанда ба азобу ранҷҳои эҷодии ӯ ҳамдардӣ мепарварад.

Оё сабаб чист, ки шоир дар ин шеър аз чаҳорпораҳои дар шеъри ӯ маъмул (масалан, ааба) ва ё аз мухаммаси анъанавӣ истифода накарда, бо қофиябандии тоза пораи шаклан нав сохтааст? Дар ин бора ба чунин андеша омадан мумкин аст: шоир дар пораи аввал шеъри худро ба ин ё он объекти дигар монанд карданӣ мешавад, бешубҳа, агар ин монандкунӣ бардавомтар бошад, сухан баобутобтар шуда, таъсираш ҳам меафзояд. Се мисраи аввал далели ин фикр аст.

Дар бораи ба дигарҳо расидани он фикр ҳам намекунад. Агар ҳар банди ин шеър аз чаҳор мисраъ мебуд, шоир маҷбур мешуд, ки монандкуниро дар ду мисраъ ба охир расонад. Дар ин ҳолат пора ба дараҷае, ки пуртаъсиру ҳаяҷонангез аст, намешуд. Аз қофия озод омадани мисраи чаҳорум, ки аз ҷиҳати маъно ва ифода аз ҷодаи се мисраи пешина берун меравад, мисраи панҷумро ба пардаи дигари ритму оҳанг мегузаронад ва амиқтару тозатар дарк шудани сухани шоирро таъмин мекунад. Агар ин пора мухаммаси анъанавӣ мебуд, панҷ мисраъ ҳама қофиядор меомаданд, хушоҳангии аз ҳад зиёд хонандаро мафтун карда, ба таъсири худ медаровард ва шеър ба ҷои он ки тозаю амиқ идрок шавад, фақат ба сатҳи хаёл расида мегузашту тамом. Гардишҳои тарзи ифода дар мисраъҳои чаҳоруми ҳар банд барои зуд ва пуртаъсир расидани маъно мадад мекунанд:

*Аз ту омад гар табассум дар лабе, таҳсин туро,*
*Рафт хоб аз чашми муштоқон шабе, таҳсин туро,*
*Зистӣ бо мақсаде, бо матлабе, таҳсин туро,*
*Гар нишастӣ соате дар суҳбати ёри азиз,*
*Шодмон кардӣ диле бо як гапе, таҳсин туро.*

*Гар даме хомӯш монӣ, шӯру исён мекунам,*
*Баҳрҳоро ман ба ҷӯш оварда, тӯфон мекунам,*
*Кӯҳро зеру забар аз зарби вулқон мекунам,*
*Гар ту ёбӣ лоиқи ҳусни нигорам як сухан,*
*Кишвари дилҳои мардумро гулистон мекунам.*

Дар ин шеър ҳамаи такрорҳо ва радифҳо на фақат барои афзудани мусиқии шеър, балки бештар ҳамчун воситае барои амиқтар кардани таъсири ҳиссӣ ва маъноии он истифода шудаанд. Шоир барои содаю зудрас, баҳиссиёту пуртаъсир ифода кардани мазмун шакли нави пораро офарид, ки дар эҷодиёти ӯ на чун чизи бегона, балки ҳамчун маҳсули равияи эҷодии ӯ ба назар мерасад.

Чунонки қайд шуд, пораҳои шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ «Баргҳои тиллоӣ» ҳам панҷмисраъгист.

*Баргҳои сабз тиллоӣ шуданд,*
*Сурхрӯ гӯё, ки аз боӣ шуданд.*
*Лек аз сайри шамоли тирамоҳ*
*Зери по афтода ҳарҷоӣ шуданд,*
*Дар фироқи боғ савдоӣ шуданд.*

*Меваҳоро чида чун дурдонаҳо,*
*Марудмон бурданд сӯи хонаҳо,*
*Баргҳо монданд чун болу паре,*
*Баъди кӯчи булбулон аз лонаҳо,*
*Дур аз сарманзили ҷононаҳо.*

Ин шеър аз чаҳор пора иборат аст. Ин шакл бо афзудани мисраъе бо чаҳорпораи дар шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ маъмул (аа, ба) офарида шудааст. Ба се мисраи қофидор ҳамқофия омадани мисраи панҷум ҳам ба табиати шоирии Шукӯҳӣ, ки ба навъҳои серқофия рағбат дорад, созгор аст. Вале бо афзудани мисраъ таркиби чаҳорпора ба тамом дигаргун шудааст. Дар ин пораи «Баргҳои тиллоӣ» мисраи аввал бо қобилияти маъникашии худ бар тамоми дигар

мисраъҳо бартарӣ дорад. Мисраъҳои якум бо дуюм ва чаҳорум бо панҷум мувозӣ буда, ҳама бевосита аз ин ё он ҷиҳат ба мисраи сеюм вобастаанд. Пораи дуюми шеър аллакай хусусиятҳои дигар дорад, ки онро аз пораи аввал фарқ мекунонад ва ба ҳамин восита ин пораи шеър аз шахшудагии шаклӣ наҷот меёбад. Дар натиҷаи ин дигарии хосиятҳои дохилӣ пора ба як навъи зиндаи таркиби бадеӣ мубаддал мешавад. Давраи аввали тазоди замонии шеър дар байти дуюм қатъиян шакл мегирад ва бандҳои сеюм ва чаҳорум ба бандҳои якум ва дуюм тазодӣ сохта мешаванд.

*Боз фардо чун расад фасли баҳор,*
*Баргҳои тоза андар шохсор,*
*Боз ҳам гаҳворачунбонӣ кунанд,*
*Дар сари гулҳо қатор андар қатор*
*То шавад ҳар як ниҳоле сербор.*

*Боғҳо чун Ҳотами тоӣ шаванд,*
*Меваҳои сабз тиллоӣ шаванд,*
*Дида инро баргҳо боз аз ғурур,*
*Худписанду маст аз боӣ шаванд.*
*Боз ҳам рӯзарду ҳарҷоӣ шаванд.*

Ин тарзи банду басти шеър барои ифодаи давомоти батакрори ҳаёт мувофиқ омадааст. Ҳамин навъ бо вуҷуди дар шеъри дигари ӯ «Дар кӯчабоғи ишқ» такроран истифода шуданаш, аз ҷиҳати таркиб фарқнок буда, вазифаҳои дигари услубиро ба ҷо овардааст.

Навъҳои тоза, ки маҳсули эҷоди фардиянд, дар шеъри шоирони навҷӯ Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Киром бештар ҷой доранд. Баъзан ин гуна навъҳои тоза дар натиҷаи тарҷума ва ё таъсири назми халқи дигар ба шеъри муосири тоҷик дохил шуда истодаанд. Масалан, сонетҳои Қутбӣ Киром, ки пас аз тарҷумаи сонетҳои Шекспир эҷод шуданд, катибаҳои Лоиқ ва баъзе шаклҳои ҳалқаии шоиронаи дигар, маҳсули ҳамин гуна равобити адабиянд, ки дар шеъри муосири тоҷик арзи андом кардаанд.

Жанр ва шаклҳои жанрие, ки дар ин ҷо мавриди мулоҳиза шуданд, баъзе моли шеъри классикии тоҷик, қисми дигар эҷоди шоирони муосир буданд. Ҳамон навъҳое, ки дар эҷоди шоирони куҳан набуданд ва дар назми муосир ба вуҷуд омаданд ва ин ҷо бо номи тоза муаррифӣ шуданд, аз пораҳое, ки ҳоло ба андеша гирифта мешаванд, фарқ мекунанд. Фарқи онҳо пеш аз ҳама дар он аст, ки навъҳои шеърии пешина устувор буданд, яъне як тарзи қофиябандӣ, ки дар пораи аввал сурат мегирифт, дар ҳамаи пораҳо қатъиян риоя карда мешуд.

Аз аввали солҳои шаст дар назми тоҷик шеърҳое бар арсаи эҷод омаданд, ки на фақат қофиябандиашон тозааст, балки ҳамин як тарзи қофиябандӣ то охири шеър риоя нашуда, он дар ҳар пора ба ихтиёри шоир дигар мешавад. Баъзе аз тадқиқотчиёни шеъри муосир маҳз ҳамин гуна шеърҳоро шеъри нав номидаанд (масалан, Жола Бадеъ) ва баъзеи дигар ба чунин ном гирифтани ин эҷодкориҳо ақидаҳои мухталиф доранд (масалан, Шарифҷон Ҳусейнзода) ва аз ҳамин сабаб дар бисёр маврид ин гуна шеърҳо бо номҳои шеъри озод, арӯзи озод, шакли нав, шеъри сафед муаррифӣ мешаванд.

Ба назар чунин мерасад, ки истилоҳи шеъри озод хусусияти ин ашъорро бештар ва хубтар ифода мекунад. Шеъри сафед, яъне шеъри бевазну беқофия дар таҷрибаи эҷодии Абдулқосим Лоҳутӣ ба кор рафта, дар тарҷумаҳои ӯ истифода шуда буд. Вале он дар эҷодиёти шоирони дигар ривоҷ нагирифта, ба ҳамон тариқ дар зинаи аввали истифодаи худ монд.

Дар солҳои шастум шакли дигари шеъри сафед – шеъри озод аввал дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат ва баъдтар дар Лоиқ, Қутбӣ Киром, Бозор Собир ва дигар шоирони нисбатан ҷавон истифода шуд. Шеъри озоде, ки имрӯз дар назми муосир мавқеъ дорад, шеъри арӯз ва қофияи озод аст. Яъне он ба баъзе талабҳои арӯз ҷавоб дода, дар айни ҳол боз қонуниятҳои тоза ҳам дошта, ба шоир имкони озодӣ медиҳад, ки арӯзи анъанавӣ намедод. Хуллас, шеъри озоди муосири тоҷик вазн дорад ва ин вазн арӯз аст ва ин арӯз арӯзи озод аст, ки дар асоси баъзе қонуниятҳои арӯзи анъанавӣ сохта шуда, барои табиитар садо додан ва афзудани бори маънии шеър хидмат мекунад. Тартиби қофия ва пора низ дар ин гуна шеър ба тарзи тоза аст. Шеъри озод аз ҷиҳати қофия ва пора навъҳои бисёр дорад.

Дар қисме аз ин ашъор ҳисоби мисраъҳои як банд аз рӯи тасвири графикӣ аксаран ба як миқдоранд. Мисраъҳо қофия доранд, вале қофия ба як тартиб нест. Масалан, банд агар панҷ ё шашмисраъгӣ бошад, гоҳо ин мисраъҳо ҳама қофия баста мешаванд, гоҳо ду-сетои онҳо.

Аксаран қофияи мисраъҳо ба тасвири хаттӣ вобаста нест, яъне аз рӯи хат ба охир расидани мисраъ аломати бо қофия тамом шудани он набуда, мисраъҳо бештар ҳамин ки аз ҷиҳати маънӣ тамомият ёфтанд, қофия баста мешаванд. Вале баъзан барои обутоб додани сухан, барои таъсири ҳиссию ҳаяҷонии шеър, барои хонандаро ҳамоно бо рӯҳи шеър фаро гирифтан мисраъҳо паиҳам бо қофия меоянд. Масалан, дар шеъри «Гули Бодом» - и Мӯъмин Қаноат қофиябандӣ ба ҳамин тартиб ва ба ҳамин мақсад аст. Пораи аввали ин шеър аз шаш мисраи графикӣ иборат аст, ки дар он, агар қофияи дохили мисраъҳоро ба ҳисоб нагирем, панҷ қофия омадааст, вагарна ҳафто мебошад.

Қонунияти асосии шаклдиҳандаи пора, яъне ифодаи пурра ва барҷастаи маъно барои шеърҳои озод умумӣ буда, бо воситаҳои гуногун ба даст оварда мешавад. Масалан, барои шеърҳои озоди Лоиқ, ягонагии тасвири графикӣ он қадар аҳамиятнок нест. Пораҳо дар шеъри озоди ӯ аз рӯи ба чӣ андоза ба ҳиссиёту пуртаъсир ифода кардани маъно шакл мегиранд. Барои мисол, пораи аввали шеъри «Нӯшбод» аз даҳ мисраъ иборат аст, ки қофиябандии ягона надорад. Объекти тасвир дар мисраи аввал баён шуда, дигар ҳамаи нуҳ мисраи ин пора барои ифодаи пурра ва барҷастаю ҳиссиётангези он оварда шудаанд: «Ба дастам ҷоми хайёмӣ» ва мисраъҳои минбаъда хосиятҳои ин ҷоми пуршаробро паиҳам зикр мекунанд. Ин хосиятҳо ҳамдигарро рад месозанд, ба ҳам зид ҳастанд ва шоир ҳам маҳз ҳамонҳоро интихоб карда, зикрро дарвом медиҳад, то бовар кунад, ки ҳушу ёд ва ҳиссиёти хонандаро ба тамом тасхир кардааст.

Барои тасхири ҳиссиёти хонанда ӯ аз ибороти муқоисавии ҳамоҳанг, калимаҳои мувозӣ ва аз тазодҳо бисёр истифода мекунад. Пора ҳамон вақт тамомият меёбад, ки шоир ба мақсади худ расад, яъне ӯ бовар кунад, ки ба ғайриодӣ, бузургӣ ва эъҷозкории ҷоми хайёмии ӯ дар хонанда ҳеҷ шубҳае боқӣ намондааст:

*Ба дастам ҷоми хайёмӣ,*
*Лаболаб ҷоми гулфоме.*
*Дар ӯ ёди ниёгон аст, ҳам ашки бузургон аст,*
*Дар ӯ шаҳди замину шӯълаи хуршеди тобон аст.*
*Дар ӯ ҳам шӯълаи истораи афтода аз гардун,*
*Дар ӯ ҳам шӯълаи истораи хомӯши ёрон аст.*
*Дар ӯ ҳам гиряҳои хандаолуд аст,*
*Дар ӯ ҳам хандаҳои гиряолуд аст,*
*Дар ӯ ҳам гармии оташ,*
*Дар ӯ ҳам талхии дуд аст...*

Дар ин шеър хосияти зотии лирика – ба гуфтаи худ бовар кунонидан хеле қувватнок аст. Тамоми воситаҳои шаклию маъноӣ барои тасхири ҳиссиёт ва тафаккур хизмат карда, ҳама мақсади бечунучаро бовар кунондани хонандаро доранд. Ба ҳамин мақсад дар хонанда чунин тасаввурот пайдо кунонида мешавад, ки шоир ба ифодаи андеша сар карда, гӯё намедонад, ки андешаҳо ӯро ба чӣ меоранд ва ба чӣ анҷом мепазиранд. Азбаски ин ҳолат ҳамчун зуҳур ва инкишофи табиии андешаҳо дарк карда мешавад, он бори дигар дурустӣ ва боварибахшии худро таъкид кардан мехоҳад. Дар натиҷа, шакли шеър, ки ба ифодаи ин андешаҳо мувофиқ мегардад, фардӣ ва ягона буда, танҳо барои ифодаи ҳамин андешаҳо мувофиқ меояд. Яъне, шакл дар шеъри озод сурати нотакрори мундариҷа мешавад.

Аз ҳамин сабаб, дар шеъри озод тафриқаи жанрӣ хеле ноҷиз буда, онро наметавон ба ғазал, қитъа, мусаммат ва монанди инҳо тақсим кард. Аз назари тафриқаи жанрӣ шеъри озод ва махсусан, шеърҳои Лоиқ ба ҳолату рӯҳияи инсон мувофиқат доранд. Ин ҳолат тафриқаи намудҳои адабиёти атиқаро ба хотир меорад, ки он барои ифодаи ҳар ҳолати рӯҳии инсон шаклҳои жанрии муайян, аз ҷумла, қасида, марсия, суруд ва монанди инҳоро истифода мекард. Шеърҳои «Нӯшбод», «Тарона», «Боз як рӯзам гузашт» ва як силсила шеърҳои дигари Лоиқ аз ҳамин қабил шеърҳоянд, ки банду баст, тарзи ифодаи онҳо маҳз аз чигунагии ҳолатҳои рӯҳии инсон вобаста аст. Бинобар ҳамин ҳам, аз ҷиҳати илмӣ ба жанрҳо тақсим кардани шеърҳои озод як андоза кӯшиши зӯракии беҳуда менамояд, чунки худи шеъри озод чунин ба назар мерасад, ки як навъи тозаи шеър аст.

Шеъри озод ба шоир имкон медиҳад, ки шоир баъзе шартиятҳои шахшудаи шеъри куҳанро сарфи назар карда, бофтро тоза, суханро ба обутоб, драматизмро шадидтар карда, таъсири шеърро биафзояд.

Ҷараёни тозае, ки дар шеъри муосир дар соҳаи арӯз ба амал омада буд, дар қофия, пораи шеър, жанр ва устухонбандӣ дигаргуниҳо ворид кард. Аз ҳамин сабаб, жанрҳои устувори шеъри классикӣ ғазал, маснавӣ, мухаммас ва дигар жанрҳо ба тағйиротҳо дучор омада, барои сохтани навъҳои тозаи шеър мусоидат карданд. Тарзу тариқ ва роҳҳои сохтани пораҳои тоза ба андозае гуногуну бисёр аст, ки агар ба онҳо тавсияи ягона дода шавад, мумкин аст, ки ғайри ихтиёру хоҳиш ба танг нишон додани ин ҷараён биёрад. Дар ин соҳа ҳам тағйири шакл кардани пораҳои анъанавӣ ва жанрҳо, ҳам ба вуҷуд омадани пораҳои нав ба нави фардӣ ва шаклҳои жанрӣ ба назар мерасад. Вале як чиз бебаҳс аст: баробари аз ягон воситаи анъанавӣ (қофия, банд, жанр ва ғайра) даст кашидан масъулияти шоир бештар меафзояд. Ӯ вазифадор аст, шакл, бофти шеъри худро чунон ба кор андозад, ки онҳо барои табиию бетакаллуф, сода ва дар айни ҳол амиқу пуртаъсир ифода кардани мафоҳими нави шоирона хидмат кунанд. Бешубҳа, ин чиз аз ҳама он ашъоре, ки ба истилоҳ анъанавиянд, низ талаб карда мешавад.

**Соли 1972**

## «ШОИРВ КАСБ НЕ, ШОИРВ – RИСМАТ»

Ҳар сол гузаронидани курс-конференсияи адибони ҷавон анъанаи хубест. Дар он адибони ҷавон дар Иттифоқи нависандагони республика ҷамъ омада бо адибони пуртаҷриба вомехӯранд, навиштаҳои худро бо эҷоди дигарон муқоиса мекунанд, бисёриҳо дар ин роҳ раҳнаварди ҳақиқӣ ва ё раҳгузар будани худро мефаҳманд. Раҳгузарҳо мегузаранд, раҳнавардони ҳақиқӣ мемонанд.

Агарчи ҳамаи имрӯз омадагон дар шеъру суханронӣ саодат наёбанд ҳам, аз дилбохтагии онон ба шеъру шоирӣ нафъе ба кори адабиёт мерасад. Ба туфайли онҳо нуфузи шеър дар миёни мардум бисёртар хоҳад шуд. Вале дар бораи тақдири шоир шудани ҳар яки онҳо, хубтар аз он наметавон гуфт, ки Блок фармудааст: «Шоирӣ касб не, шоирӣ – қисмат».

Дар як мақола дар бораи ҳамаи иштирокчиёни курс-конференсия сухан рондан имкон надорад. Ин ҷо сухан аз се нафари онҳо меравад. Ҳоло ин дӯстдорони шеър маҷмӯаҳои худро надоранд ва хонандагон бо навиштаҳои онҳо дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ошно гардидаанд. Онҳо ҳанӯз дар ҳунари шеър ҳам устухон шах накардаанд ва ин умедвор менамояд, ки ба онҳо маслиҳат дода, норасоӣ ва барорҳояшонро нишон додан бефоида намебошад.

Мо дараҷаи соҳибистеъдодию шеърдӯстии ҷавонро ба ҳисоб гирифта, меъёри талаботи худро муайян менамоем. Агар аз ӯ ҳар қадар бисёртар ва ҷиддитар талаб карда шавад, ин нишонаи он аст, ки мо ҳамон қадар ба истеъдоди ӯ бовар ва эҳтиром дорем.

Ҳоло ҳунари шеъри мо хеле боло рафтааст, маҳорати нигорандагони назм ба дараҷаи баланди фасоҳату балоғат расидааст. Бинобар ҳамин талабот аз шеърдӯстони ҷавон беш аз пеш афзун мешавад ва агар бо онҳо гузаште карда шавад, маҳз ба хотири ҷавонияшон аст.

Дил мехоҳад, ки гуфтугӯ дар бораи шеърҳори ҷавонон аз як масъалаи муҳими адабиёт оғоз шавад. Ин масъала сарчашмаҳои адабиёт аст.

Эҷодиёт ҳама вақт аз ду сарчашма сероб мешавад, ки яки он – зиндагӣ, дигаре – худи адабиёт.

Дар эҷодиёти шоирони пуртаҷриба ин ду сарчашма ба ҳам меомезад ва зиндагӣ аз шеъру шеър аз зиндагӣ бахра мебардорад.

Шеърдӯстони ҷавон шеърҳои бисёре доранд, ки дар онҳо дар бораи худи зиндагӣ андеша мекунанд, неку бад, суду зиёни онро фаҳмиданӣ ва фаҳмонданӣ мешаванд. Камол Насрулло дар «Зиндагӣ», Раҳмат Назрӣ ҳам дар «Зиндагӣ» барин шеърҳои худ ҳамин гуна майл зоҳир кардаанд. Дар ин шеърҳо ба ғайр аз баъзе хусусиятҳои ҷудогона як ҷиҳати умумии муштараке ҳам ҳаст. Ин як андоза ба тафаккур майл доштани онҳост. Зиндагиро файласуфона ва шоирона ба қалам додан нияти хубест, вале таҷрибаи ками ҳаётӣ ва эҷодӣ ба ин шоирон имкон намедиҳад, ки онҳо ба зиндагӣ нигоҳи дар ҳақиқат амиқи файлсуфона ва зиндагишиносона андозанд. Дар натиҷа дар бунёди ин шеърҳо таҷрибаи ҳаётии худи ҳар як муаллиф қарор нагирифта, онҳо муҳокимаронииҳои маҳз мешаванд. Камол Насрулло менависад:

*Зиндагиро бояд ошиқ буд, аммо на чу Маҷнун.*
*Бар дили ӯ роҳ бояд ҷуст аз роҳи фаросат,*
*Аз раҳи ақлу заковат.*
*Одамӣ он гаҳ тавонад зиндагиро ром созад,*
*Хешро хушбахти ҳар айём созад.*

Раҳмат Назрӣ менависад:

*Хешро дар гирудори зиндагонӣ мекунем,*
*Бо талошу ранҷҳо хушбахт ё бадбахт худ.*

Аз ноҷӯриҳо, халали даруниву таносуби сухани ин порчаҳоро сарфи назар карда, танҳо ба маънӣ ва мундариҷаи онҳо меандешем ва ба ҳамин хулоса меоем, ки ин гуфтаҳо аз дилу ҷони муаллифон нагузаштаанд, дар кӯраи ҳастии онҳо напухтаанд.

Шеърҳо дар бораи зиндагианд, аммо дар онҳо худи зиндагӣ нест. Даврони мо шеъри зиндагӣ мехоҳад. Шеъре, ки дар он зиндагӣ нест, бо тамоми хубию шевоияш чизе нест.

Охир, ҳамаи муаллифони ҷавони мо ба як тарз зиндагӣ надоранд, рӯзгори ҳар якеашон рангу бӯи хосе дорад, пас чаро мо аз шеърҳои онҳо ҳамин рангу бӯи хосаро андаке бошад ҳам, ҳис намекунем? Барои ин ки онҳо аз шеър ба сӯи зиндагӣ мераванд, ба ҷои он ки зиндагиашонро ба шеър ворид кунанд.

Хушбахтона, ин ҷавонон шеърҳое ҳам доранд, ки таассурот, мушоҳидаҳои худи онҳо дар заминаи тасвиру ифода қарор гирифтаанд. Масалан, шеъри «Роҳи сафед»-и Раҳмат Назрӣ, ба истиснои банди мақтааш шеъри самимии хубест. Ҳангоми мутолиаи ин шеър моро ҳамон таассурот ва меҳри самимонае, ки муаллиф бар падари ронандаи худ дорад, саропо фаро мегирад. Мо ба ин падар ба эҳтирому муҳаббат менигарем ва ба ташвишу хавотирии писари ӯ ба ҷон шарик мешавем.

*... Падарам боз бо роҳи сафарӣ,*
*Бор дар мошини ту бори гарон,*
*Бор бар дӯши ту қарзи падарӣ...*

Ин таассуроти самимӣ зодаи эҳсосоти худи муаллиф аст ва ҳақиқати ҳаётӣ дорад. Бинобар ҳамин ҳам ин шеър метавонад изҳори муҳаббати чандин писарони дигар ба падарони ронандаи худ бошад.

Камол Насрулло низ ба падари худ шеъре дорад. Вай дар ин шеъраш ҳам, ба мисли он ки дар шеърҳои дигараш ҳаст, кӯшиш дорад, ба мавзӯи тасвираш бо нигоҳи фарохе нигарад ва ба он таҷассуми бадеӣ бидиҳад.

*Чашмҳои туст дар чашмони ман,*
*Дастҳои туст дар дастони ман.*
*Ман давоми умри зебои туам!*
*Боз дар ман зиндагиро дӯст дор.*
*Боз дар ман навҷавонӣ кун падар!*
*Солҳои ҷанг будӣ қаҳрамон*
*Боз дар ман қаҳрамонӣ кун падар!*

Ин ба маънои хубаш пайванди наслҳост. Қаҳрамониву ҷавонмардӣ ба мо аз падарон мерос аст.

Мутаассифона, бисёр мешавад, ки ин ду муаллиф ба ҳар таассуроти худ маънии фалсафӣ бахшидан мехоҳанд, вале ба ғайр аз нокомӣ ба чизи дигаре намерасанд. Аз таассуроте, ки заминаи фалсафӣ надорад, маънии ба зоҳир андешамандона баровардан маҳсул намедиҳад.

Раҳмат Назрӣ раҳҷӯӣ ва раҳёбии мӯйсафеди нобиноеро тасвир карда, хулоса мебарорад:

*... Гоҳ ёрони хеш нашносем,*
*Рӯзи равшан занем гаҳ раҳгум.*

Ё дар шеъри «Коҳиш» ӯ таъбири чанд хобро баён карда, аз ҷумла, агар дар хоб парвоз кунӣ, ба кори неке сарвар мешавӣ, агар ба дарат ангушт зананд, меҳмон меояд, гӯён дар охир як ҷамъбасти файласуфона карданӣ мешавад:

*Лек гоҳе он чи дар бедории худ дидаем,*
*Мо намеёбем не таъбиру не тадбири он.*

Зимнан, ҳамин гуна муҳокимаҳо, аз қабили кӯр роҳашро меёбаду мо намеёбем, таъбири хобамонро медонему таъбири корамонро не, морбозро мор намегазаду одамонро захр мезананд, хешро ҳар қадар ҷустам боз нопайдо шудам, эй инсон, ту пурдарду бедардӣ, ҳам мардиву номардӣ ва ғайра, агар заминаи зарурии ҳаётӣ надошта бошанд, пурбору пурмаъно ҳам ба назар намеоянд.

Аз он чанд шеъре, ки Камол Насрулло таҳти унвони «Сатрҳои хунин» ба муҳокима пешниҳод кардааст, баъзеашон хубанд. Муаллиф дар ин шеърҳо эҳсосотеро, ки дар ӯ аз қаҳрамонҳои гвардиячиёни ҷавони шаҳри Краснодон ба вуҷуд меояд, ба қалам мекашад. Баъзан ин эҳсос пуртаъсир буда, касро фаро мегирад. Любов Шевсоваи қаҳрамон дар девори зиндон навиштааст: «Маро бубахшед, ба абадият бурданд». Ин суханон ба чӣ ҳақиқату ростӣ, ба чӣ бузургии маънавӣ ва ба чӣ дарду риққат гуфта шудаанд. Ва дар идомаи ин суханон Камол Насрулло дар тавсифи ӯ мегӯяд:

*Ту хушбахтӣ!*
*Ту дар мо зиндагонӣ мекуниву шод ҳастӣ,*
*Ту дигар дар ҳама рӯи замин обод ҳастӣ.*
*Фақат моро ҳавас меояд аз ту,*
*Ту дар мо зиндатар аз мостӣ, Люба!*

Ин суханони муаллиф ба оҳанги ҳаётдӯстона ва хуррамонаи худ хубанд.

Дар ин шеърҳо ва дар ашъори дигари Камол Насрулло ҳам як чизи номатлуб ба чашм мехӯрад, ки ин акси шеърҳои Лоиқ будани бисёр гуфтаҳои ӯст. Ин таъсир не, бадтар аз ин, тақлид аст. Масалан, шеърҳои «Раққоса», «Эй инсон», «Одамӣ», «Гаҳе дарёбам», «Инсон» ин ё он шеъри Лоикро ба хотир меоранд. Баъзан шеъри Камол Насрулло аз назари мавзӯъ ва таассурот аз шеъри Лоиқ дигар аст, вале сурату суханҳо ва образҳояш аз Лоиқ аст. Ин чунон аён аст, ки ҳоҷат ба исботу далел ҳам нест ва шояд худи муаллифи ҷавон ҳам инро донад.

Манбаи омӯзишу таъсир на бояд як эҷодкор бошад, он ҳар чи бисёртар бошад, ҳамон қадар хуб аст. Масалан, дар назми муосири мо дар ҳунар ва маҳорати шеър равонию дилнишиниро аз Мирзо Турсунзода, таносуби суханро аз Боқӣ Раҳимзода, самимиятро аз Аминҷон Шукӯҳӣ, обутоби сабк ва драматизм ҳиссиётро аз Муъмин Қаноат, фарохии тафаккур ва робитанок овардани таассуроти мухталифро аз Лоиқ омӯхтан мумкин аст. Албатта, ҳар кас мефаҳмад, ки ин дастури ягонаи бегумон набуда, ҳамин тариқ як мулоҳиза аст. Ҳар эҷодкор дар омӯзиш ва майли худ соҳибихтиёр аст.

Муаллифи дигаре, ки навиштаҳояш таҳти назари мост, Нурмуҳаммад Ниёзист. Вай нисбат ба дигарон зиёдтар кӯшиш дорад, ки зиндагии худ, мардуми гирду канораш, таассуроти маҳз аз рӯзгор бардоштаашро ба шеъраш дарорад. Бунёди аксари шеърҳои вай аз зиндагист. Ӯ орзуҳои заминӣ дорад ва заминӣ сухан мегӯяд.

Вале ӯ норасоии дигаре дорад, ки ҳамин ҷузъиёт ва ҳодисаҳоеро, ки вай аз зиндагӣ ба шеъраш ворид мекунад, бисёр вақт ба дараҷаи шеър расонида, ё шеърияти ононро кашф карда наметавонад.

Дар боло ба самимияти шеър ишора рафт. Шояд бисёр муаллифон ва махсусан, онҳое, ки дар шеърҳояшон аз муҳаббати аввали худ, замони дилбарию дилсупориҳояшон ҳикоя мекунанд, гӯянд, ки мо ҳама он чиро ки навиштаем, аз самими дил навиштаем. Шояд ҳамин тавр ҳам аст. Аммо асоси масъала ин ҷост, ки самимияти инсонӣ аз самимият дар шеър фарқе дорад ва самимияти инсонӣ ҳоло самимияти шеър набуда, зинаи аввал бар самимияти ашъор аст.

Ба хушбахтӣ, аз навиштаҳои Нурмуҳаммад Ниёзӣ ҳамин гуна самимияти шоирона ҳис мешавад:

*Чаро охир набудам обшоре,*
*Ки дар оғӯши ту мерехтам ман.*
*Дили санги туро мекофтам ман!*
*Ба васфат шеъри нав мебофтам ман.*
*Чаро охир набудам обшоре!*

Сухан дар шеър маводи асосист. Ҳар як калима бояд дар шеър бори маъниеро бар дӯш дошта, чунон омада бошад, ки онро иваз кардан, партофтан ҳеҷ имконпазир набошад. Завқи сухансанҷиро аз ҷавонӣ тарбия кардан зарур аст. Аз ин се эҷодкори ҷавон, ки шеърҳояшон мавриди гуфтугӯ шуд, сухани Камол Насрулло пухтатар ва мустаҳкамтар аст. Сухани Нурмуҳаммад Ниёзӣ тару тозатар бошад ҳам, ӯ баъзан пургӯй аст ва тариқи ифодааш ҳам баъзан чандон саҳеҳ нест. Раҳмат Назрӣ баъзан равону бенуқс сухан гӯяд, баъзан хатоҳои фоҳиш мекунад. Дар шеъри «Зиндагӣ»-аш ӯ менависад:

*То бисӯзӣ хори саҳро, то фурӯзи гулхане,*
*Шомгоҳе сар ба оташсанг мебояд занӣ.*

Мулоҳиза кунед: барои оташ ҳосил кардан сарро ба оташсанг задан лозим будааст. Аминам, ки аз ин кор ба ғайр аз ғуррӣ чизи дигаре ҳосил нахоҳад шуд. Ҳарчанд мо хуб мефаҳмем, шоир мехоҳад, ки ин сухани ӯ маҷозан фаҳмида шавад, аммо маҷоз ҳам ба ин шӯрӣ ва ё бенамакӣ набояд бошад.

Бо вуҷуди чунин норасоиҳо ин эҷодкорони ҷавон шеърҳои хуб ҳам доранд. Онҳо худро дар раҳи шеър меҷӯянд ва хуш рӯз, ки онҳо дар ин раҳ худро ёбанд. Яке аз онҳо мегӯяд:

*Ҳамчу шеъри нонавишта будам аз рӯзи азал,*
*Хешро чун зарра-зарра ёфтам, иншо шудам.*

Мо ҳам умед дорем, ки чанде аз иштирокчиёни ин машварати адибони ҷавон рӯзе ба марҳалаи рушду камоли сухандонӣ мерасанд.

**Соли 1976**

## ТАЗОД{ОИ ФАРОВОНИИ ШЕЪР[155]

Аз аввал муаллиф дар ин қайдҳо мақсад дошт, ки дар бораи маҳсули эҷодии шоирони тоҷик дар панҷ соли охир, ки дар байни ду анҷумани адибон гузаштааст, ақидаҳояшро баён кунад.

Аммо хусусияти масъалаҳое, ки мавқеи андеша шуданд, водор ба он кард, ки ҳудуди замонии қайдҳоро васеътар гирифта, ҳар вақт ба замонҳои гузаштаи дур ва наздик низ муроҷиат карда шавад.

[155] Асли ин мақола ба забони русӣ навишта шуда, дар рӯзномаи «Литературная газета» (Москва) ба чоп расидааст.

Муаллиф бисёр мехост, ки таваҷҷуҳи хонандагонро бештар ба ҳодиса ва номҳое ҷалб кунад, ки ба андозае барои адабиёти ин солҳои тоҷик нав буданд ва маҳз дар ҳамин панҷсолаи гузашта зуҳур карданд.

Масалан, ба паҳлуҳои тозаи истеъдоди шоирии Мӯъмин Қаноат, ки ӯ чун устоди мавзӯъҳои муҳими рӯз шинохта шуда буд ва дар ин давра иштиёқи қавие ба масъалаҳои таърих зоҳир кард ва нисбатеро дар байни таърих ва имрӯз дарёфта, бо маҳорати хосае оҳангҳои таърихро бо садоҳои рӯз ҷӯр сохт.

Муаллиф мехост дар бораи баъзе ҳодисаҳои шеър, ки дар солҳои охир ба вуқӯъ пайвастанд, масалан, дар бораи Гулрухсор, Бозор Собир, Гулназар, ки оғози шоириашон кайҳо сурат гирифта бошад ҳам истеъдодашон маҳз дар ҳамин солҳои охир вусъат ва махсусияти тозае пайдо кард, ботафсил сухан кунад. Мавзӯи мақола бештар ҳамин гуна андеша шуда буд. Вале кор ин тавр шуд, ки хусусиятҳои асосии шеъри солҳои охир муаллифро маҷбур карданд, ки чигунагии ин сифатҳоро дар ҷараёни адабӣ муайян бинамояд.

Ба муллиф ин пешсухан барои он зарур буд, ки сабаби баъзан дар бораи ин ё он шоир ва ё ҳодисаҳои адабӣ, ки дар ин мақола, бешубҳа, сазовори гуфтугӯи батафсил буданд, мухтасар сухан ва ё фақат ишорае карданашро шарҳ дода, аз хонандагон барои ин кор пештар маъзарате хоста бошад.

* * *

*Мо ҳама дар асл шоирзодаем,*
*Дил ба ин меҳнат на аз худ додаем.*

Шоирони тоҷик ҳангоме ки аз мушкилии шоир шинохта шудан сухан ба миён меоранд, ин байти Зуфархон Ҷавҳариро, ки бисёр ҳаққонист, фаровон иқтибос мекунанд. Дар ҳақиқат ҳеҷ санъате монанди шеър дар дили тоҷик ин қадар амиқ нанишастааст. Дар таърихи дуюнимҳазорсолаи халқ инкишофи илму маданият чунон сурат мегирифт, ки он ҳамеша бо назм, бо шеър алоқа дошт. Дар замоне ки устод Рӯдакӣ бунёди адабиёти тоҷикию форсиро мегузошт, ин пайвастагӣ қавӣ буд ва боз давом кард.

Дар он даврон ва баъд ҳам на фақат шоирон бо вазну қофия сари кор доштанд, балки олимони соҳаҳои гуногун – фалсафа, мантиқ, сарфу наҳв, таърих, тиб, табиийёт, ҳисоб ва монанди инҳо худ ё шеър мегуфтанд, ё аз шеър истифода мекарданд. Онҳоро ба ин кор ду сабаб такон медод: аввалан, муҳаббати хосаи халқ ба шеър ва баъдан ақидаю таълимоти онҳо дар қолаби назм ба халқ зуд мерасид, имкони қабул ва дар хотир нишастанаш бештар мешуд. Аз ин ҷост, ки шеър бо халқи тоҷик дар ҳама ҷабҳаи зиндагӣ ва фаъолият ҳамроҳ буд, ин ба замми он адабиёти бузурги шифоҳие, ки дошт ва дорад ва шеър дар он дар мақоми аввал аст.

Ҳоло ҳам дар деҳаи тоҷик ҳар бачаро аз роҳ нигоҳ дошта хоҳиш кунед, ки байт (байт ба маънои шеър аст) хонад, бемалол даҳҳо ва садҳо байту рубоӣ мехонад, ки ҳар кадоме аз дигаре хубтар хоҳад буд. Акнун вазъияти шоири муосири тоҷик ва мушкилии аз тарафи халқ эътироф шудани ӯ равшан мешавад. Дар ҳақиқат дар он ҷое, ки ин қадар шеъри бузург ҳаст, шоир шудан осон нест, аммо шоири асил хушбахт аст, зеро шеъри ӯро мефаҳманд, қадр мекунанд. Халқи соҳибзавқ шеъри асилро ба зудӣ ва беиштибоҳ дармеёбад.

Ба замми ин забони шеъри имрӯзаи тоҷик аз забони шеъри Рӯдакӣ кам фарқ мекунад, яъне барои хонандаи имрӯз шеъри классик аз Рӯдакӣ сар карда то Донишу Ҳайрат фаҳмост. Шеъри он қадар бузургон дар забони халқ зиндааст ва дар зиндагии мо зиндагии фаъол дорад.

Дар ин ҳолат магар боиси тааҷҷуб нест, ки қариб ҳар сол бо вуҷуди чунин муошираи мушкил ва сангин ба шеъри мо як ё ду ҷавони соҳибистеъдод дохил мешавад ва на фақат аз ҷониби ҳамқаламону мунаққидон, шеършиносону мутахассисон, балки аз тарафи хонандагони сершумор шинохта ва эътироф мегардад. Ин гуна эътироф шудан аломати соҳиби истеъдоди асил будани шоир аст.

Барои он ки ба ин гуфтаҳо бовар кунем, кифоя аст ба «харитаи ашъор»-и солҳои 60-70-ум як назар андозем.

Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром ва Гулчеҳра Сулаймонова, ки ташаккули эҷодиашон ба аввали ин давра рост меояд. Сипас Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, Ҳалимшо, Мавҷуда... Пас аз онҳо Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Ҳабибулло Файзулло ва ниҳоят Ҳақназар Ғоиб, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ дар «харитаи ашъор» арзи вуҷуд карданд. Ва инҳо дастовардҳои бебаҳс ва эътирофшудаи шеъри мо ҳастанд.

Ва дар ин ҷо боз бояд бигуфт, ки ин шоирон ба шеър замоне ворид мешуданд, ки дар он устодони машҳуре чун Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакар, Раҳимӣ ва Деҳотии нозуксухан, Боқӣ Раҳимзодаи маҳбуби мардум ва Шукӯҳии ҳассосу ишқиясаро дар айни эҷодкорӣ буданд. Аз байни шоирони ҷавони он солҳо, ки ба саҳнаи адабиёт мебаромаданд, Ғаффор Мирзо махсусан, азми ҷустуҷӯҳои навоваронае дошт.

Бо вуҷуди ҳамаи ин боигарии шеър ва ҳаррангии шоирон, дар байни хонандагон боз эҳтиёҷ ба шоирони тоза, овозҳои тоза буд, ки ба онҳо гӯш диҳанд, ба садои онҳо ҷавоб гӯянд.

Ин ҳодисаи дар назари аввал мухолифатнок, ботазодро чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст, ки баробари мавҷудияти чунин шоирони шинохта ва бузург боз ҳама вақт, паи ҳам, ҳатто метавон гуфт бо як андоза «осонӣ» шоирона тоза ба тозае арзи вуҷуд мекунанд.

Ба назарам сабаби бо як «осонӣ» шинохта шудани ин шоирон дар он аст, ки онҳо симои фардии худро доранд. Оғози онҳо ҳам ба ҳар тарз, ҳархела буд, онҳо дар бораи чизҳои дигар-дигар ва аз ҳам фарқнок шеър мегуфтанд, кӯшиш мекарданд, ки ҳамдигар ва устодонро низ такрор накунанд.

Агар Мӯъмин Қаноат чун шоире зуҳур карда бошад, ки эҳсоси иҷтимоияш пурқувват ва назараш хеле фарох буда, аз ҳар гуна тасвирҳои маишию хурду ночиз бегонагӣ ва парҳез мекунад, касе аз шоирони ҷавони минбаъда маҳз ба ин дастовардҳои ӯ дастдарозӣ накард.

Масалан, бигирем, Лоиқро. Бо вуҷуди он ки аз ҷиҳати амиқӣ, ҷиддият ва таърихият, ҷо-ҷо метавон ҳар ду ин шоирро бо ҳам муқоиса кард, аммо фазои шеъри ӯ аз шеъри Мӯъмин Қаноат дигар аст.

Ба назари ман таассуротро аз шеъри Мӯъмин Қаноат ба равшании бисёр баланд ва пурқуввати нурафкан монанд кардан мумкин аст, ки барои равшан намудани майдонҳои фароху вусъатнок ба кор меравад, шеъри Лоиқ бошад ба монанди чароғи дурахшонест, ки метавон дар ҳар гӯша, дар ҳар хона даргиронд.

Шеъри Мӯъмин Қаноат барои саҳнаҳои калон, минбарҳои баланд ва шунавандагони сершумор гуфта шуда, ҳамоҳанги ҳодисаҳои бузург мебошад ва метавонад аксаран ба лиҳози тамомияти байтҳояш дар саҳифаҳои рӯзнома ва ё плакатҳо иқтибос шавад. Масалан:

*Мадад, эй парчами гулгун, фидои сурати досат!*
*Фидои чаккуши оташфишону доси алмосат!*

Вале аз эҷодиёти Лоиқ бисёр кам мешавад, ки матнро пурра наоварда, аз он образи мукаммалеро ҷудо карда гирифтан мумкин бошад.

Ин аст мисоли яке аз ташбеҳҳои батафсили Лоиқ, ки дар шеъри «Симчӯбҳо» омада, ҳиссиёти амиқ ва самимонаи шоирро ба халқи бародари рус ифода кардааст. Тамоми тавсифу ташбеҳоти ин шеърро, ки шоир барои тасвир ва сутудани арчаи рус овардааст, ҳар қадар кӯшиш кунед ба тариқи комил ҷудо карда гирифтан бисёр мушкил аст: «Чун асое бар заифе, муттакое бар наҳифе, Чун мунодӣ аз миёни водиву саҳро» ва ғайра.

На, ҳоло аз ин мисраъҳо махсусияти ҷаҳоншиносии Лоиқро пай бурдан душвор мебошад. Фақат матни пурраи шеърро оварда, ки дар он сифатҳо то охир мукаммалан аён мешаванд, рӯҳияи шеърро дарёфтан мумкин аст. Дар натиҷа мазмуни он ҳам тақвият пайдо карда, боварибахш мегардад.

Ҳамин тариқа ҳар шоир бо фардияташ, нотакрории овозаш, вусъати назараш зуҳур мекунад. Ва ҳар яке шеваи тасвирсозии худро дорад.

Дар ҳамин ҷо ҳам як тазоди дигареро ошкор кардан мумкин аст.

Масалан, ин гуна тазодро. Қариб ҳамаи шоирони солҳои 60-70, ки ин ҷо зикрашон рафт, аз деҳотанд. Вале то ҳол дар мо шоири дар ҳақиқат «деҳотӣ» набуд.

Ин сухан ҳаргиз чунин маъно надорад, ки шоирони шаҳришудаи мо ибтидои деҳотии худро батамом фаромӯш карда бошанд. Бешубҳа, ин тавр нест. Бисёре аз онҳо бо майли тамом дар ашъори худ оҳанг ва суратҳои деҳотро истифода мекарданд. Масалан, ҳамчун маҷоз, ташбеҳу истиора ба кор мебастанд.

*«Ба ҳукми як ниҳоли навбарам,*
*Пазмони хуршедам,*
*Парастори баҳоронам, ки механдад гули мақсуд», –*

мегуфт дар яке аз шеърҳояш Ҳабибулло Файзулло.

Деҳро ба вазифаи фон, тарҳи ашъор, манзарае, ки ба кайфияти инсон созгор бошад, ба шеър водир мекарданд:

*Ба мисли селаи кабки рав аз пайроҳаи деҳа,*
*Барои дарзабандию дарав якҷоя мерафтед.*
*Гирифта досҳои хеш бо хушнудию шӯхӣ,*
*Шумо баҳри ҳашар бар деҳаи ҳамсоя мерафтед. –*

менавишт Гулрухсор дар яке аз шеърҳояш. Дар ин ҳангом шоири дигаре Бозор Собир ба пайдо омад. Ва ҳаёти деҳот дар эҷодиёти ӯ на фақат чун тарҳ, чун воситаҳои тасвири бадеӣ ва кайфияти шоирона мавқеи шеър шуд.

Табиат дар шеърҳои ӯ чун узви ҷудонашавандаи ҳастии инсон намудор мешавад, балки аз ин ҳам бештар, шеър гуфтан, суруд хондан ин яке аз сифатҳои табиат аст, ки инсон азбар кардааст.

*Хаёли деҳа бӯи деҳа дорад,*
*Ба пиндори мани фарзанди деҳқон.*
*Чу ёди кишту саҳро мекунам ман,*
*Хаёлам мешавад абри баҳорон.*

*... Давоми шир шири барги алафҳост,*
*Ҳиҷоюю ҳарфи ман дар шеъри озод.*
*Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо,*

*Ману шаббодаҳо кардем эҷод.*

Ин мисраъҳо аз шеъри «Фарзанди деҳқон»-анд, ки аз сарчашмаи ашъори ӯ хабар медиҳанд.

Ва моҳияти масъала дар он аст, ки ин арзаи ӯ фақат чун арза боқӣ намонда, тамоми эҷодиёти минбаъдаи шоир аз он дарак медиҳад, ки дар пеши назари мо шоире ташаккул меёбад, ки ҷаҳонбинии хос, диди шоиронаи махсуси мақсаднок дорад ва пайвастагии худро бо табиат ҳамеша бо тамоми ҷону дил ҳис мекунад.

Вале ба ӯ зарур аст, аз кайфиятҳои нохуш ва ҳасратомези камумқе, ки баъзан аз табиат ва ё аз зиндагӣ мебардорад, ҳар чӣ зудтар халос шавад. Табиат, ки ҳамеша асоси тозашавии ҳаёт ва зебоии зиндагист, барои кайфиятҳои амиқ бештар созворӣ мекунад. Мақсади куллии ҳунар талқини муҳаббати ҳаёт, пирӯзӣ ва қудрати инсон аст.

Хуллас, вақте ки ба адабиёт ҳар қадар шоирони хуб, вале гуногун бисёр дохил мешаванд, мо ҳаргиз чунин эҳсос намекунем, ки шоирон зиёд ва шеър такрору тақлид шуда бошад. Ҳиссиёти инсон бисёр ҳам беканор аст ва барои навохтани он барои ҳамаи навозандагон торҳои нонавохта пайдо мешаванд.

Тазоди дигар ба он тааллуқ дорад, ки танқиди адабӣ ҷараёни шеърро чӣ гуна ба мулоҳиза гирифта, ба чӣ хулоса омада буд.

Дар солҳои панҷоҳ, дар даврае, ки асарҳои М.Турсунзода, М.Миршакар, А.Деҳотӣ, Б.Раҳимзода, М.Раҳимӣ гувоҳи камолоти эҷодии онҳо буданд ва муҳимтарин муваффақиятҳои мундариҷа ва шакли шеъри муосири тоҷикро дар худ таҷассум менамуданд, танқиди адабӣ ривоҷи жанрҳои лирикӣ ва камистифодагии жанрҳои эпосро таъкид мекард. Ин дуруст ҳам буд, зеро ба назм як мавҷи калони лирикӣ дохил шуда, онро рӯз то рӯз бештар фаро мегирифт, ҳарчанд беҳтарин асарҳои он солҳо аксаран ба ин ё он навъи эпос тааллуқ доштанд. Ва он шоироне монанди М.Турсунзода ва М.Миршакар, ки муваффақияти эпос, достони эпикӣ бо номи онҳо вобаста буд, ҳама аз лирика сар карда, онро пайваста давом медоданд. Танқид дар миқёси умумииттифоқ ҳам ба ҷои дуюм гузаштани эпос ва дар сафи аввал омадани лирикаро қайд карда, сабаби онро дар афзудани мақоми шахс дар ҷамъият, қимати ҳаёти маънавӣ, рӯҳия ва таассуроти инсон маънидод мекард.

Дар танқиди тоҷик ҳоло ҳам ҳамин тавр аст. Вай инкишофи якзайл ва ба ҳар жанр сар даровардани лирикаро таъкид мекунад ва инро бо номи М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, А.Шукӯҳӣ, М. Қаноат ва шоироне, ки солҳои шасту ҳафтод худро ба хонанда шиносониданд, чун Қутбӣ, Лоиқ, Мастон, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар ва дигарон пайваста медонад. Ин ҳақиқати ҳол аст. Мавҷи ашъори лирикӣ рӯз то рӯз меафзояд, он на фақат чун шакли жанрӣ, балки чун сифати мундариҷа низ ҳар чи бисёртар зуҳур мекунад ба таркиби эпос, достон, повест, ҳикоя ворид мешавад.

Масалан, достони устод Мирзо Турсунзода «Ҷони Ширин»-ро таҳлил карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мавзӯи бузурги дар ҳақиқат вусъати эпикӣ дошта, ба воситаи оҳангҳои самимонаи лирикӣ ифода шудааст. Ба ин шубҳа нест, вале оё фақат лирика ва лиризм вусъат меёбад? Биёед, ба намунаҳои беҳтарини шеъри даҳ-понздаҳ соли охир менигарем. Инҳо маҷмӯаи «Илҳом», силсилаи шеърҳои «Дастовез» ва достони «Аз Ганг то Кремл»- Мирзо Турсунзода, достонҳои «Варақҳои муҳаббат» ва «Исёни хирад»-и М. Миршакар, манзумаҳои «Эъҷози санъат» ва «Қиссаи кӯҳсор»-и Б. Раҳимзода, шеърҳои лирикӣ ва достонҳои «Достони оташ», «Китобҳои захмин», «Сурӯши Сталинград», «Тоҷикистон – исми ман», «Гаҳвораи Сино»-и Мӯъмин Қаноат, маҷмӯаҳои «Илҳом» ва «Чормағз»-и А.Шукӯҳӣ, аз «Сари сабз» то

«Вараҷи санг» ҳашт маҷмӯаи ашъори Лоиқ, чанд маҷмӯаи ашъор ва достонҳои Қутбӣ Киром, маҷмӯаҳои Бозор Собир, Мастон, Гулрухсор, Гулназар, Саидалӣ мебошанд,ки намунаҳои хуби лирика ва эпоси солҳои шасту ҳафтодро дар худ ҷамъ овардаанд.

Агар ба ҳамин номгӯ зеҳн монем ҳам, дармеёбем, ки бо ривоҷи лирика инкишофи эпос суст нашудааст.

Дар солҳои шасту ҳафтод дар пеши назари мо як шоире, ки аз лирика сар карда буд ва ашъори баланд мегуфт – Мӯъмин Қаноат то достонсарои мумтоз, устоди эпос камол ёфт.

Дар вақташ бисёриҳо шеъри «Пири гулфурӯшон»-ро тавсиф карда, гумон доштанд, ки истеъдоди муаллифи он ба тарафи лирика инкишоф хоҳад ёфт.

*Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,*
*Гӯиё пири гулфурӯшон аст...*

Шоири маъруфи муосири рус Ярослав Смеляков ва дигарон пас аз шиносо шудан бо эҷодиёти Мӯъмин Қаноат ояндаи ӯро чун шоири сирф лирик пешгӯӣ мекарданд.

Вале баъдтар паи ҳам достонҳои Қаноат ба қалам меомаданд. Аввал «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», баъд «Китобҳои захмин», «Сурӯши Сталинград» эҷод шуданд. Танқиди адабӣ ин таҳаввулоти шоирро пай набурда, бо қувваи такони пештара танҳо дар бораи сифати лирикии истеъдоди ӯ батакрор сухан мегуфт, ҳол он ки аз «Сурӯши Сталинград» сар карда, дар пеши назари мо эпос, фоҷиаи қаҳрамонӣ қарор дошт.

Достонҳои «Сурӯши Сталинград», «Гаҳвораи Сино» бо пуропурии мундариҷаи фалсафӣ, бо амиқии тафаккур ва тозагии назар, дар кушодани моҳияти инсонии қаҳрамонӣ – дар корзор ва дар зиндагӣ – дар назми муосир дастовардҳои ба назар намоёне ҳастанд.

Маншаи пурқуввати эпос дар эҷодиёти ин шоир, албатта, ба назми муосири тоҷик минбаъд бетаъсир намемонад.

Ҳодисаи дигар ҳам ба андеша водор мекунад.

Мирзо Турсунзода, ки ба мавзӯи Шарқ ва махсусан, озодии Ҳиндустон аз «Қиссаи Ҳиндустон» сар карда ашъори бисёр гуфтааст, дар ин солҳо ба эпос рӯ овард ва достони «Аз Ганг то Кремл»-ро эҷод кард.

Вай гӯё андешаҳои чандинсолаи худро ҷамъбаст карданӣ буд. Ғояи бузург – ба гӯшаҳои дурдаст ва дили мардуми гуногунмиллат ва гуногунмазҳаби олам роҳ ёфтани ғояҳои озодӣ, баробарию мардумсолорӣ – аз шоир тафаккури эпикиро дархост кард. Эпос ғоя ва ҳодисаро аз резавориҳо халос карда, дар бузургии холис ва камолоту инкишофи ҳамаҷонибааш инъикос мекунад. «Аз Ганг то Кремл» бо ҳамин меъёр эҷод шуд.

Дар достонҳои М. Миршакар ҳам ҳамин гуна сифатҳо ҳастанд. Ба ғайр аз ин дар ашъори М. Миршакар ҳамеша маншаи эпикӣ, ки дар таваҷҷуҳи ӯ ба ҳодисанокии шеър зоҳир мешавад, мавқеи муҳим дошт ва ин сифат дар солҳои шасту ҳафтод ривоҷ ёфт, ки кам нашуд.

Аз шоироне, ки мояи тафаккурашон лирикист, масалан, Қутбӣ Киром низ ба ҳодисанокии шеър таваҷҷуҳи хоса дорад ва ба ин сабаб ҷараёни эпикӣ дар ашъори ӯ доимо пурқувват аст. Шеърҳои «Коммунист Салимов», «Холиқи Гулбур», «Ҷуфт шуд кабки дарӣ», «Дар суҳбати фарзандон»-и Қутбӣ бо вуҷуди гуногунмавзӯӣ ва рӯҳу нафас ва оҳангҳои гуногун доштанашон бо асоси эпикии худ ба ҳамдигар қаробат доранд. Инҳо шеърҳое ҳастанд, ки таассуроти лирикӣ дар онҳо аз ҳодисаҳои моҳияти эпикӣ дошта сар задааст.

Дар ин гуна ашъор, ба назари ман, мундариҷаи эпикӣ дар шакли лирикӣ, дар қолаби таассуроти лирикӣ гуфта шудааст. Дар ин ҳолат зуд аз номувофиқатии шаклу мундариҷа сухан

ба миён наоварда, (охир, инҳо шеърҳои хубанд ва агар хуб бошанд, бешубҳа, аз ҷиҳати шаклу мундариҷа мутаносиб ҳастанд), ҳамон восита, хусусиятҳоро ошкор кардан даркор аст, ки барои дар шакли лирикӣ гуфтани мундариҷаи эпикӣ имконият фароҳам овардаанд. Ин кор мураккаб ва душвортар аст.

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки танқид фақат сар даровардани мавҷи лирикиро ба намудҳои дигар дидааст, дар асл, дар таҷрибаи адабӣ ҷараёни дигари на камтар пураҳамият – хусусияти эпикӣ, объективӣ пайдо кардани таассуроти лирикӣ низ давом дошт ва дорад. Ҳамин гуна хусусиятро дар эҷодиёти шоирони лирик Лоиқ, Бозор, Гулназар, Гулрухсор, Саидалӣ ҳам мушоҳида кардан мумкин аст.

Ин тамоюл дар натиҷаи олами фардии қаҳрамонро бо олами мураккаби пурҳодиса рӯ ба рӯ сохта, ангезиш додан, ки дар натиҷаи он олами қаҳрамони лирикӣ фарохтар, пургунҷоиштар, пурҳодисатар мешавад, ба вуқӯъ пайвастааст.

Шоирони лирик дар ҳудуди олами фардии худ пойбанд намонда, бештар ба олами дигарон сар фурӯ мебаранд, дар қолаби онҳо ҷой гирифта, таассуроту эҳсосоти онҳоро ба қалам меоранд.

Ин ҳолат сифати объективии лирикаро меафзояд, доираи таассурот ва тасвироти онро фарох месозад. Хато намешавад бигӯем, ки ин сифат дар лирикаи муосири тоҷик махсусан, дар солҳои шасту ҳафтод бараллоина ба назар мерасад. Он на фақат дар шоирони навҷӯ, ба монанди Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ, Бозор, Мастон, балки дар насли калонсоли шоирон, ки шеърашон ба истилоҳ анъанавист, чун Турсунзода, Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Шукӯҳӣ низ роҳ ёфта буд.

Масалан, дар шеъри «Модарам»-и Турсунзода тасвири батафсили шайъӣ ва образҳо заминаи объективии таассуротро мустаҳкам сохта, барои васеътар, амиқтар тасвир шудани таассуроти лирикӣ мувофиқат кардааст.

Тазод дар ин ҳодиса фақат дар танқид аст, ки баробари лирика ривоҷ гирифтани эпосро сари вакт пай набурда, сабаби онро ҳанӯз ба таври мӯътамад накушодааст. Фикр мекунам, ки он акнун ин корро мекунад.

Боз ба як масъалаи дигари ҳаёти адабиамон даст мезанем, ки хеле марғуб аст ва дар зимнаш тазоди дигаре дорад.

Дар солҳои шаст баробари инкишофи истеъдоди шоироне, ба монанди Мӯъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Кром, Лоиқ, Мастон, ки онҳо дар нав кардани шаклу мундариҷаи шеър кӯшиши фаъол доштанд, ҳам дар байни шоирон ҳам дар танқид ақидае изҳор мешуд, ки бисёр шаклҳои анъанавӣ дигар ба дарди шеъри замон намехӯранд. Жанрҳои анъанавӣ, махсусан, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ мавриди ҳамла ва танқид буданд. Дар он гармии инкор ва навҷӯиҳо дар масъалаи жанр як чизи бисёр муҳим аз хотир рафта буд: мункирони ғазалу рубоию дубайтӣ фаромӯш карда буданд, ки дар адабиёт ҳеҷ жанри универсалӣ, умумие нест, ки тамоми гуногунӣ, ҳаррангӣ, бисёроҳангии мундариҷаи замонро ба танҳоӣ ифода карда тавонад. Як сабаби жанрҳои гуногун доштани адабиёт дар ҳамин аст, ки вай дар онҳо мундариҷаи мувофикро ҷой диҳад. Бинобар ҳамин, албатта, масалан, аз рубоӣ ва дубайтӣ дархости ифодаи табу тоби публисистӣ ва ё ҳолати муфассали рӯҳӣ дуруст нест, чунки ин кор аз имкони дохилии ин жанрҳо берун аст. Барои ин жанрҳои дигар ҳастанд. Ногуфта намонад, ки дар он солҳо М. Шукуров аз кам истифода шудани рубоӣ бо таассуф сухан гуфт, вале ин садои шахси танҳое буд.

Дар солҳои ҳафтод вазъият кам-кам дигар мешуд. Паи ҳам китоб ва силсилаи ғазал, рубоӣ ва дубайтиҳои Шукӯҳӣ (силсилаи ғазалҳо, китоби рубоию дубайтӣ «Чормағз»), Лоиқ (силсилаи

ғазалҳо ва китобҳои рубоӣ «Ҷомӣ Хайём» ва дубайтӣ «Резаборон»), Гулназар (силсилаи «Гулафшон») ва силсилаҳои дигарон ба вуҷуд омаданд. Қайд кардан даркор аст, ки ин се шоир намояндаи се насли шоирон мебошанд. Ва ин як навъ тасдиқи ворисияти анъанаҳо ҳам ҳаст.

Жанрҳои мазкур дар эҷодиёти М. Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва шоирони наслҳои минбаъда Қутбӣ Киром, Мастон, Убайд Раҷаб, Ҳақназар Ғоиб, Ҳабибулло Файзулло ҳам истифода шуданд.

Ин дигар на ҳодисаи ҷудогона, балки умумӣ буда, аз эҳёи жанрҳои анъанавӣ дарак медод. Ва комилан табиист, ки бо эҳё ин жанрҳо хусусиятҳои тоза мегирифтанд, чунки худи эҳё бе сифатҳои тоза ба амал намеояд. Эҳё – амали тозашавӣ, навшавист.

Ҳамин ҳолат бо ин жанрҳо ҳам рух дод. Масалан, ғазали солҳои ҳафтод, ҳаргиз ғазали солҳои чиҳилу панҷоҳ ва ҳатто шаст ҳам нест, вай аз ғазалҳои пешин на фақат бо таркиби сухан, низоми тасвирҳо, балки бо пуропурии мазмун, тобишҳои услубӣ ва мавзӯъ фарқ мекунад. Мазмунаш фалсафитар, рангу равғани услубияш баланд, тасвирҳояш серпаҳлуст.

Шоирон ин жанрҳои анъанавиро дар замоне бештар истифода мекунанд, ки шеъри мо ба ҳастӣ бо нигоҳи фалсафӣ менигарад, пурмаънӣ мешавад ва тасвирҳояш марказ меёбад, пурмазмунтар мегардад.

Хулоса, равшан шуд, ки анвои анъанавиро ба нобудӣ «маҳкум» кардан барвақт будааст. Онҳо эҳтимол дорад, ки ҳоло на ба як насли шоирон ба таври аъло хизмат хоҳанд кард.

Ман дар ин ҷо ба чанд ҳодисаи дар назар тазодноки шеърамон дахл кардам. Вале ҳақиқат он аст, ки ин тазодҳо маҳсули гуногунӣ, ғановат, пуррагӣ ва тундии ҷараёнҳое мебошанд, ки дар он амал мекунанд.

Ҳаққо ки ин тазодҳо маҳсули фаровонии шеъранд.

**Соли 1980**

## ШЕЪРИ ЗАМОНВ ВА ХУСТУХЕ{ОИ МАЪНАВИЮ АХЛОRB[156]

Шеър кори дил аст. Дили солим ҳар дақиқа 70—80 маротиба мезанад. Аммо кори дили солим ҳам ба як тарз нест. Агар он ҳангоми осудагӣ дар як дақиқа чаҳор литр хунро кашида, бо даври калони гардиш ба рагҳо фиристад, дар ҳолати шадидтарини кораш метавонад дар як дақиқа чиҳил литр хунро ба рагҳо бифиристад. Асарҳое, ки аҳамияти калони маънавию ахлоқӣ доранд, маҳсули ҳамин гуна кори шадиди дил ҳастанд. Ва маҳз ҳамон асарҳо, ки барои онҳо дил бо ин қадар шиддат кор кардааст, дар рӯзгори маънавии мо мақоме дошта, зинда ва бо зиндагӣ буда метавонанд.

Мақсади зиндагии мо сохтани ҷамъияти навест, сохтани он аз сохтани инсони нав сар мешавад. Бунёдкори ҷамъияти нав бо сохтмони он ба камол мерасад.

Бо инкишофи ҷомеа мақоми ҳар шахс, саҳми шахсии ӯ дар зиндагии иҷтимоӣ муҳим мешавад. Ҷамъият ҳар қадар инкишоф ёбад, он рӯз то рӯз ҳамон қадар ба саҳми ҳар кас бештар вобаста мегардад, яъне саҳми ҳар фард дар кори ҷомеа меафзояд. Дар ин ҳолат талабот ба камолоти маънавию ахлоқии инсон аз муҳимтарин масъалаҳои ҷамъият ба ҳисоб меояд.

---

[156] Маърӯза дар маҷлиси садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон

Дар адабиёт ҳеҷ мавзӯе нест, ки дар ҳалли он аз моҳияти маънавию ахлоқияш сарфи назар карда шавад. Агар мавзӯи асар ба монанди дарахти сершоху барг бошад, моҳияти маънавию ахлоқии он шабеҳи решаҳоест, ки дар зери замин баробари дарозиву бисёрии шохаҳо давида, ба замми он, боиси ҳастӣ ва сабзиши онҳо гаштааст. Амиқ рафтани решаҳо сабаби баланд шудани шохаҳост. Ҳамин тавр дар адабиёт ҳам. Адибе, ки дар ҷустуҷӯ ва тадқиқи масъалаҳои маънавию ахлоқӣ ҳар қадар амиқ меравад, оҳанги замонӣ ва иҷтимоии эҷодиёташ ҳамон қадар баландтар садо медиҳад. Оҳанги замонӣ ва иҷтимоӣ пайдо кардани асар бо чигунагии ҳалли масъалаҳои маънавию ахлоқӣ сахт вобаста аст. Маънавиёту ахлоқ бо вуҷуди аз сарчашмаҳои ҷовидонии ҳастии инсон об хӯрданашон чизҳои бо замон пайваста ва иҷтимоиянд. Бинобар ин, мафҳумҳое, ки мо имрӯз ба кор мебарем, ба монанди ахлоқи замон ва ахлоқи иҷтимоӣ мафҳумҳои комилан воқеӣ ҳастанд. Меъёри ягонаи баҳои мо ба фаъолияти инсони имрӯза меъёри маънавиёту ахлоқи умумибашарӣ мебошад.

Хонандагон асари бадеӣ, шеър ё достонеро хонда, ҳикмати ахлоқии онро барои худ кашф мекунанд ва ин чиз онҳоро хубтару беҳтар месозад, дар ташаккули инсонияшон ёрӣ мекунад. Дар шеъри ҳазорсолаи тоҷику форс тарғиби ахлоқи ҳамида анъанаи қавӣ дошт. Ҳамаи ҷиҳати фаъолияти инсон ба меъёри ахлоқи ҳамида санҷида мешуд. Асарҳои оламшумуле, аз қабили «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ офарида шуда буданд, ки ба табақоти гуногуни ҷамъият, ба мардуми синну солашон гуногун ахлоқи муносиб ва зебандаро дар зимни ҳикояҳои дилчасп, ҳикматҳои амиқ тарғиб мекарданд. Мавзӯъ ва мундариҷаи ин қабил асарҳо ҷиҳатҳои гуногуни маънавиёт ва ахлоқ буд. Ё тамоюли ирсоли масалро дар шеъри классик бигирем. Гуфтани ҳикмати образноке яке аз талаботи асосии он буд, ки тарбияи маънавиёт ва ахлоқро дар назар дошт.

Шеър ин ё он ҷиҳати зиндагӣ ва ё фаъолияти инсонро тасвиру ифода карда, онҳоро ба тарзи бадеӣ хулоса мекунад. Он қудрате дорад ба ниҳонхонаи дилу нияти инсон роҳ ҷуста, онро во намояд ва бо меъёри садоқат ба ахлоқи инсонӣ бисанҷад, ки ин кор аз дасти ҳеҷ додгустарие намеояд. Ва он ҳукму хулосаи бадеӣ ҳамеша ҳаққонист. Мисолҳояш шеъру достонҳои ба Шарқ ва имрӯзи мо бахшидаи устодон М. Турсунзода, М. Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, А.Шукӯҳӣ ва асарҳои шоирони дигаре, ки дар айни камолоти эҷодӣ мебошанд, ба монанди М. Қаноат, Лоиқ, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром, Гулчеҳра, Бозор Собир ва дигарон.

Ҷустуҷӯйҳои маънавию ахлоқӣ на фақат ба асарҳои замонӣ тааллуқ доранд, онҳо асарҳои таърихӣ ва таърихию инқилобиро низ фаро гирифтаанд. Ба ақидаи ман, яке аз сабабҳои дар замони ҳозира афзудани иштиёқ ба мавзӯъҳои таърих маҳсули маҳз ҳамин ҷустуҷӯйҳои маънавию ахлоқии адабиёт мебошад. Дар симои шахсиятҳои дурахшони гузашта арзишҳои инсонӣ – ахлоқи нек, ватандӯстӣ, инсонпарварӣ, меҳру вафо, дӯстию рафоқат, ҷавонмардию саховат ва аз қабили онҳо бештар аз ҳама намудоранд. Адабиёт онҳоро маҳз бо ҳамин сифатҳояшон ба хизмати замони мо мекашад. Фазилатҳои онҳо олами фазилатҳои инсони замони моро бойтар, рангинтар, пурмаънотар мекунанд.

Ба қалам омадани достонҳои таърихии «Гавҳораи Сино»-и М. Қаноат ва «Исёни хирад»-и М. Миршакар маҳсули ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқии шеъри муосир буда, кӯшиши он мебошанд, ки ба ҳамин талаботи рӯзафзуни ахлоқии ҷамъият ҷавоб гӯянд. Аз рӯи сабки ҳамоса эҷод шудани ҳар дуи ин достон ҳам бесабаб нест, ҳарчанд дар ин ду достон маҳалли бештари фаъолият олами дил, ахлоқу маънавиёт аст, яъне зиддиятҳо, мубориза҆ҳои маънавию ахлоқӣ нисбат ба ҳодисоту воқеоти олами хориҷ бисёртар ва муҳимтар ҳастанд.

Ибни Сино ва Носири Хусрав шахсиятҳои таърихие мебошанд, ки нақшашон дар маданияти маънавию ахлоқии инсоният бузург аст ва ин мавриди таҳқиқи достонҳо шуд.

Тарзи воқеанигоронаи тасвир, яъне ҳамосӣ,  вазифаи во намудани муборизаи ахлоқии қаҳрамононро ба ҷо оварда, гӯиё бори дигар таъкид мекунад, ки ин муборизаи онҳо бе бардорҳои лирикӣ ҳам бузург аст ва худ метавонад вазифаи муҳими тарбиявиро ба ҷо биёрад.

Ҷустуҷӯ ва муборизаи маънавию ахлоқӣ дар достони «Гаҳвораи Сино» махсусан, қавист. Фаъолияти тибби амалии Ибни Сино давоми таълимоти маънавию ахлоқии ӯ мешавад ва ё бараъкс, амалаш хайрияти таълимоташро ба инсоният собит мекунад. Зоҳиру ботини ҳаким аз ҳамин ду ҷиҳат мунаввар мешавад. М. Қаноат зимни тадқиқоти муборизаи неку бад, хираду ҷаҳолат ҳамеша зиддиятҳои иҷтимоӣ, зиддиятҳои табақотии ҷамъияти феодалиро дар назар дорад, ки ба ин восита мансубияти ахлоқи иҷтимоӣ, тафовути зотии ахлоқи халқро аз табақаҳои истисморгари ҳоким аён нишон медиҳад. Ибни Сино аз муборизаи худ бо шоҳ Султон Маҳмуди Ғазнавӣ чунин мегӯяд:

*Вале шоҳ хоҳад аз он хокдон,*
*Барорад зи бун тухми деҳқон ба дон.*
*Надонад, ки як дона сад дон шудаст,*
*Ки як ҷони равшан дусад ҷон шудаст.*
*Ки ҳар ҷон, ки равшан шуд аз ин чароғ,*
*Сиёҳӣ нагирад зи дуди димоғ.*
*Ҳама амри ӯ зидди амри ман аст,*
*На танҳо ба ман, бо фанам душман аст.*

Дар ин достон Султон Маҳмуд манбаи рӯ задани ахлоқи фосид, зӯрию тааддӣ, адолатношиносӣ, ғоратгарист, ки табақоти истилогар дошт.

Адабиёт таърихро ба хизмати замон мерасонад ва ин тамоюл ҳоло дар тамоми адабиёти нав ба назар меояд. Яке аз хусусиятҳои ин тамоюл он аст, ки он ба шахсиятҳои бузурги маданию маънавии таърих рӯ меоварад. Дар ин ҷо як муқоисаи аҷиб кардан мумкин аст. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ адабиёт бисёр бо аҷала қаҳрамонҳои таърихро ба саҳна кашид, онҳоро мавриди тадқиқу таҳқиқ қарор дод, дар мисоли қаҳрамониҳои онҳо ҳисси ватандӯстию ватанхоҳиро ба таҳрик овард. Инҳо асарҳои устодон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода буданд, ки аз корномаҳои Муқаннаъ, Темурмалик, Восеъ ва дигар қаҳрамонҳои таърих ҳикоя мекарданд. Ин қонеъ кунонидани эҳтиёҷи азими замон буд. Ҳоло адабиёт бештар шахсиятҳои бузурги маданию маънавӣ – олимон, шоирон, ҳакимон, санъатварони гузаштаро ба тасвир мекашад, ки онҳо тимсоли покии ахлоқ ва маънавиёти олӣ мебошанд. Ин гуна асарҳо, романҳои манзум, повесту достонҳо дар адабиётҳои рус (масалан, романи В. Орлов дар бораи Блок «Ҳумоюн», достони А. Вознесенский «Устоҳо»), назди Балтик (романи Ян Калнин «Райнис» ва достони Ояр Вациетис «Эйнштениада»), украин (достони лирикии Иван Драч дар бораи Шевченко), молдаван (повести Ион Друтсе дар бораи Лев Толстой «Бозгашт ба нуқтаи аввал»), Осиёи Миёна ва Қазоқистон (достонҳои М. Қаноат «Гаҳвораи Сино» ва М. Миршакар «Исёни хирад», романи Одил Ёқубов «Ганҷинаи Улуғбек», повести Анвар Олимҷонов «Тири Муҳаммад») ва бисёр дигарҳо ҳодисаи тасодуфӣ нестанд. Инҳо аломати сахт афзудани эҳтиёҷи маънавии ҷамъиятанд, ки адабиёт барои қонеъ кунонидани он ба таърих рӯ овардааст.

Сабақи таърих ахлоқию маънавист, бинобар ин ҳангоми ёфтани калид ба махзани таърих он ба эҳтиёҷоти муҳими рӯз мехӯрад. Ба ин маънӣ асарҳои Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, ки дар мавзӯи таърих ва таърихию инқилобӣ ҳастанд, ба муҳимтарин ниёзҳои замон ҷавоб мегӯянд. Аз ин ҷо на фақат муборизаи шахсиятҳои таърихӣ барои пирӯзии некӣ бар бадӣ, адолат бар разолат, хирад ба ҷаҳолат ва тарғиби ватандӯстӣ, халқпарварӣ,

ҷавонмардӣ барин фазилатҳо барои ташаккули ахлоқи замон зарур ҳастанд, балки аз онҳо ба имрӯз риштаи пайванд ҳам кашидан мумкин аст. Ҳамчунонки ин корро Лоиқ дар силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» ба ҷо оварда, ба воситаи ёд овардани сабақи таърих аз нигаҳбонии осоиш ва сулҳу амонии имрӯз сухан мегӯяд.

*Гарчи Заҳҳок бувад баста ба кӯҳ,*
*Гарчи ақл аст кунун гетифурӯз.*
*Анқариб аст шавад тӯъмаи мор*
*Писари ҳаждаҳуми Кова ҳанӯз.*

*Коваи досгару чаккушсоз*
*Оҳанеро паи қатле нагудохт.*
*Лек то ҳаст ниҳеби Заҳҳок,*
*Ханҷару гурзи гарон хоҳад сохт!*

Ин ҷо зуҳури башардӯстии воқеӣ ва фаъол аст. Дар замони пуртӯфон ва саросар мусаллаҳи мо бо икдомоти патсифистӣ гуманизмро ҳимоя карда намешавад. Ҳамин тавр, замон ба арзишҳои инсонӣ ва мақулаҳои ахлоқӣ тобишҳои тоза ба тоза медиҳад ва шеърро ҳам зарур аст, ки ҳангоми таваҷҷуҳаш ба мавзӯъҳои ҷовидонии адабиёт – ҳаёту мамот, ишқу муҳаббат, рафоқату садоқат ва монанди инҳо ҷилваҳои нави онҳоро ифода намояд.

Таърих, забон ва маданият арзишҳоеанд, ки халқ дар давоми асрҳо ба вуҷуд оварда, онҳоро ҳифз мекунад, гиромӣ медорад ва чигунагии муносибати ҳар насл ба онҳо аз дараҷаи камолоти маънавию ахлоқии он шаҳодат медиҳад. Муносибати дилсӯзона ба ин гуна арзишҳои инсонӣ аломати инкишоф ва камолоти ҷамъият аст. Маҳз бо ҳамин сабаб дар шеъри муосир ва махсусан, дар эҷодиёти М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулназар таваҷҷуҳ ба ин мавзӯъҳо бештар шудааст. Онҳо гӯё дараҷаи маънавиёти қаҳрамони ғиноии худро ба воситаи чигунагии муносибаташ ба ин гуна арзишҳо месанҷанд. Дар ашъори Бозор Собир ин арзишҳо аксаран ҳаммаънои Ватан ба назар мерасанд, ки дар шеъри «Забони Ватан»-и ӯ мехонем:

*Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,*
*То наафтанд аз забони хештан.*
*Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,*
*То наафтад бар замин қадри сухан...*

*Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,*
*Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.*
*То забон дорад ватандор аст ӯ,*
*То забондор аст бисёр аст ӯ.*

Аз ин қабил ашъори ӯ, чун «Бухоро», «Шаҳри осӣ», «Теғи Сино» махсусан, шеъри «Муҷассамаи Айнӣ» пурмаънист. Бозор Собир устод Айниро маҳз чун меросдор ва эҳёгари илм, маданият ва таърихи бузурги халқи тоҷик, чун шахсияте ба тасвир кашидааст, ки ҳамаи он арзишҳои офаридаи халқро дар худ таҷассум кардааст. Услуби муҳташами шеър, лангари сухан, пурборӣ ва тасвирҳои серпаҳлу аҳамияти беандозаи пайдоиши Айниро дар таърихи навини халқ барҷаста нишон медиҳанд.

Ҷустуҷӯйҳои маънавию ахлоқӣ, албатта, на фақат дар мавзӯъҳои таърих ва ё дар муносибати қаҳрамони ғиноӣ ба арзишҳои инсонӣ, ки аз чандтои онҳо сухан рафт, зоҳир мешаванд, балки муҳити онҳо чун зиндагӣ беканор ва зуҳурашон низ гуногун мебошад.

Фарохтар кардан ва амиқтар бурдани эҳсосоти шаҳрвандӣ яке аз самтҳои асосист дар ҷустуҷӯйҳои маънавию ахлоқии шеъри муосир. Чанд сол пештар дар матбуоти тоҷик бо мақолаи Абдунабӣ Сатторов дар бораи рӯҳи граждании шеър мубоҳисае барпо гашта, дар ин бора фикрҳои бисёре гуфта шуда буданд. Вале, маълум аст, ки ин масъалаи мувaққатии шеър нест (шеър умуман масъалаи мувaққатӣ надорад), балки масъалаи доимӣ ва асосии шеър мебошад. Яке аз сабабҳои боз ҳам муҳимтар шудани ин масъала дар он аст, ки воситаҳои тарғиботии буржуазӣ ҳоло махсусан, бо тамоми қувва мекӯшанд, ки инсонро аз эҳсосоти шаҳрвандӣ аз фаъолиятмандии иҷтимоӣ рӯгардон кунанд ва ӯро дар ҳалқаи ҳиссиётҳои маҳдуди худӣ нигоҳ доранд. Ба ҳамин мақсад онҳо шахсони худхоҳу худбин, одамони дар яъсу ноумедӣ гирифтор ва ё фақат айшу ишратпарастонро қаҳрамони марказии адабиёту санъат мекунанд, ки диққати мардумро аз масъалаҳои муҳими ҷамъият дур баранд. Ин дар сурудани таассуроти ҷудогонаи ба ҷамъият беалоқа, ҳиссиётҳои нафсонӣ, бегонагии шоир аз мардум зоҳир мешавад.

Пурқувватии эҳсосоти шаҳрвандӣ аломати камолоти шеър аст. Вай аз он шаҳодат медиҳад, ки шеър ба фаъолияти иҷтимоӣ пайваста, ба масъалаҳое рӯй овардааст, ки дар маркази назари ҷомеа ҳастанд. Ба ин маънӣ кори шоирон Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром, Мастон, Ҳалимшо, Сайдалӣ Маъмур шоистаи қайд кардан аст. Онҳо бештар ба мавзӯъҳое даст мезананд, ки дар онҳо нақши бунёдкории халқ, мақоми инсони эҷодкор, коргар, бинокор, роҳсоз, барҷаста ба назар мерасад.

Бешубҳа, мавзӯи асар ин ҳоло фақат як ҷиҳати масъала аст ва ҷиҳати муҳимтаринаш, ки онро дархӯри адабиёт мекунад, шеъри мавзӯъро кашф кардан аст. Вагарна ҳамаи мақсадҳои накӯ ва манфиатнок дар қолаби мисраъҳои низомнок амалӣ нашуда мемонад ва сафи ашъори каммазмунро афзуда, шавқи мардумро аз шеър мекоҳонад ва дар ин ҳолат ҳеҷ санаду бурҳоне, ки ин шеър ва ё достон ба мавзӯи иҷтимоӣ ва ё таассуроти шаҳрвандӣ бахшида шудааст, ёрӣ намекунад.

Шеъри оҳангҳои шаҳрвандӣ аз ҷиҳати санъат ва маҳорат бояд бисёр баланд бошад. Мутаассифона, баъзан чунин суханҳое ба гӯш мерасанд, ки ин ё он шеър ва ё достон аз назари шеърият баланд набошад ҳам, дар мавзӯи иҷтимоӣ гуфта шуда, оҳанги шаҳрвандӣ дорад ва аз ҳамин рӯ қобили қабул аст. Аммо ин чӣ тавр мешавад? Вақте ки шоир дар бораи таассуроти шахсӣ аз ишқу ошиқӣ ва монанди онҳо сухан мегӯяд, санъати баланд зарур мешудааст, вақте ки ӯ аз мавзӯе сухан мегӯяд, ки он барои тамоми халқ ва ҷомеа муҳим аст, аз маҳорат ва шеърияти олӣ қатъи назар кардан мумкин будааст. Магар бо муҳимии мавзӯъ талабот аз шеърияти асар баландтар нашуда, пасттар мешавад? Магар мо ҳақ дорем, ки гаронбаҳотарин эҳсоси инсони муосир – эҳсоси шаҳрвандии ӯро дар қолаби асарҳои нобадеъ, пастсифат манзури хонандагон кунем? Зарур аст, ки ба ин гуна суханҳои савдогарона хотима дода, аз аҳамияти асар ба адабиёт сухан гуфта шавад. Ҳар асари бадеӣ танҳо моли адабиёт буда, ба халқ ва ҷамъият хизмат карданаш мумкин аст.

Солҳои охир шоирони тоҷик дар ин мавзӯъ шеърҳои хуб гуфтанд. Махсусан, кӯшиши пайвастаи Қутбӣ Киром барои тадқиқи шоиронаи ҳаёти деҳот, онҳое ки аз кӯҳстони бобоӣ кӯч баста, ба водиҳо фуромаданд ва хирманҳои пахтаро ҳамсари қуллаҳо карданд, назаррас аст. Дар силсилаи «Дафтари Яғноб»-и Қутбӣ Киром, ки саҳнаҳое аз кӯчидани яғнобиён ба Мирзочӯл ба тасвир меояд, аҳамияти бузурги иҷтимоии он пайдост ва тозагие, ки дар олами

маъавию ахлоқии кӯҳистониён ба амал мепайвандад, ҳис карда мешавад. Аз ин силсила шеърҳои «Эҳсос», «Рӯҷӯи яғнобиписар», «Модар» ва «Холиқи гулбур» бо тозагии эҳсосот ва таассурот шоистаи таваҷҷуҳанд, ҳарчанд дар онҳо ҷо-ҷо ноҷӯрии лафзу маънӣ ба назар мерасад.

Масалан, шеъри бисёр мароқангези «Модар», ки аз дигар шудани гуфтору рафтор ва олами зани аз кӯҳ ба водӣ фуромада, ба як зарофати хоса сухан мегӯяд, андаке тафсилот ва ҷамъбасти фарохтаре мехоҳад. Аз ин шеърҳо «Холиқи гулбур» як саҳнаи бисёр муҳими ҳаёти деҳот, муборизаро барои ҳифзи сиҳат дар солҳои сиюм тасвир мекунад. Ин шеър мақсадро дар зимни тасвири меҳнати як нафар, мушкилиҳо, чӣ гуна ба мақсад ноил шудани вай хотирнишин ба қалам мекашад. Холиқи гулбур - таҷассуми характери халқӣ ба назар мерасад, дар ӯ ҳозирҷавобӣ, зарофатгӯӣ, дар мушкилтарин ҳолат чорасоз будан барин сифатҳо падидор аст. Ин шеър дарёфти Қутбӣ Киром аст. Шеъри «Холиқи гулбур» суҷетнок мебошад ва аз он иқтибоси хурд кардан мушкил аст. Масалан, яке аз саҳнаҳои кори гулбур чунин тасвир мешавад, ки ҳолати хавфнок ва пуртаҳлукаи ӯро тоза ва таъсирбахш ба қалам мекашад ва махсусан, байти охираш қиёси хубе дорад.

*Хест Гулбур, лаби боме омад,*
*Нола андохт ба дигар тадбир.*
*Бо ду байте, ки барангезад рашк,*
*Сӯи ҳар хона равон кард ӯ тир:*
*... Сабзиназанак, аз шӯт бурою мана гир,*
*Бовар ту макун, дигар ба ҳарфи тақдир...*
*Айни хонандагӣ, авҷи овоз,*
*Ҳамчу як пардаи роз,*
*Ҳама дарҳо шуда боз,*
*Аз даре ханҷари буррон омад,*
*Аз даре шӯълаи сӯзони ғазаб,*
*Аз даре шубҳаю шак, тарсу гумон,*
*Аз даре чашми тамошойталаб.*

*Ба дами гарми сухан бархӯрда,*
*Ханҷар афтод зи каф, шӯъла нишаст.*
*Шубҳаю тарсу гумон об шуданд,*
*Гардани қуллаи мағрур шикаст.*
*Теғ дар дасти батоби духтур*
*Дод дар партави хуршед ҷило.*
*Остинҳо зада бар бигзаштанд*
*Ҳама аз аср ба асре гӯё.*

Дар охирин маҷмӯаи шоир «Ҷонфидо», ки ин шеърҳо аз он буданд, ба ғайр аз инҳо дар қисмати «Ҷавлонгаҳи барқ» боз шеърҳои хуб чун «Коммунист Салимов», «Зинда бош, эй Одам», «Ман номабари шодӣ» ҳастанд, ки дар онҳо мавқеи назари шоир тоза, ҳиссиёташ пуртаъсир ва ифодааш тароватнок мебошад. Дар яке аз шеърҳои ин қисмати маҷмӯа – «Деҳқони пир» Қутбӣ Киром ба деҳқон мурочиат карда, ту лаззати минбарнишинӣ, зинсаворӣ, умуман талхию ширинии зиндагиро чашидӣ ва ҳамчунин «ҳарфи сахти дӯстдорон» - ро шунидӣ мегӯяд. Акнун ҳарфи сахти дӯстдоронро шунидан ба худи Қутбӣ Киром ҳам лозим меояд. Сухан аз достони ӯ «Посбони мақбара» аст. Ҳарчанд ӯ дар оғози достон «аз нагбати ношоирон,

касрати тироварон, даҳшати худбоварон» амон хостааст, аммо ӯ аз ҳарфи сахти дӯстдорон амон нахостааст, бинобар ин мо суханонамонро дар ин бора мегӯем.

Мавзӯи ин достон аз деҳот аст. Бачаи деҳотӣ Даврон ба хизмати ҳарбӣ меравад ва ӯ шарафёб мешавад, ки посбони мақбараи Ленин гардад, ки дар замони Шӯравӣ тимсоли номуси аҳли башар буд. Чӣ тавре ки мебинед, дар худи воқеа шеъри бузурги зиндагии он замон ҳаст ва шоир имкон дорад, ки муҳимтарин ҳодисаҳои замонро аз назари бачаи деҳотӣ бубинад, ба ҷодаи андешаву таҳқиқ бикашад. Шоир метавонад, ки аз пойгоҳи мақбараи Ленин дар бораи башарият бо вусъати ҷаҳонӣ сухан гӯяд. Аммо ӯ як олам майдачӯйдаҳоро, ки ба мақсади асосии достон ҳеҷ муносибате надоранд, аз додою бобои Даврон сар карда, то гапу гапчаҳои ҳамгузарҳо ҳикоя мекунад. Тасаввур кунед, ки шоир ба мақсади асосӣ – нишон додани Даврон дар пойгоҳи мақбара танҳо дар саҳифаи 61 достон мерасад ва достон пас аз 6 саҳифаи дигар тамом мешавад. Худи ҳамин таносуб аллакай шаҳодати он аст, ки устухонбандии достон нодуруст андешида шудааст, вай барои мақсадро барҷаста нишон додан хизмат накарда, онро дар зери воқеаҳои нозарур мононда аз назарҳо дур кардааст.

Ин достон сахттарин носозгории нияти шоир ва тарзи амалӣ кардани он мебошад. Қутбӣ Кирдом чунин як мавзӯи муҳимро пайдо кард, ки дар он бо тамоми ҳиссиёти пурҷӯши шаҳрвандӣ сухан гуфтанаш мумкин буд, аммо, мутаассифона, ба ин мақсад ноил нашуд. Шоири рус Роберт Рождественский дар айни ҳамин мавзӯъ достоне бо номи «210 қадам» гуфт. Акси садои 210 қадами посбоне, ки аз дарвозаи Кремл то остонаи мақбара меояд, то кайҳон, то таърих, то фардо, то дуртарин гӯшаи дунё мерасад. Ин достон писанди умум гашт ва бо Ҷоизаи давлатии ИҶШ қадр карда шуд.

Мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва махсусан, мавзӯъҳое, ба монанди сохтмон, бинокорӣ, ҳаёти коргарӣ, колхозӣ, яъне мавзӯъҳое, ки дар онҳо қувваи дигарсозии инсони бунёдкор бисёр ҳам барҷаста аст, бештар имкон медиҳанд, ки маънавиёт ва ахлоқи фаъол ҳаматарафа нишон дода шаванд. Ҳар сохтмон, ҳар бунёдкорӣ дар ҷаҳони маънавӣ ва ахлоқии инсони бинокори худ нақши назаррас гузошта, ӯро дар тобоварӣ ва судмандияш барои ҷамъият месанҷад. Аз ин рӯ, арсагоҳи кор арсагоҳи маънавиёт ва ахлоқ низ ҳаст.

Шоирон Ғаффор Мирзо, Мастон, Ҳалимшо, Саидалӣ Маъмур, Ашӯр Сафар пайваста мекӯшанд, аз таассуроти ҳамин гуна диловарони арсагоҳи кор шеър гӯянд ва ё таассуроти худро аз кори онҳо бозгӯ кунанд. Шоирон Мастон, Мавҷуда ва Камол Насрулло паз аз сафар ба сохтмони роҳи оҳани Байкалу Амур дар бораи роҳсозон силсилаи шеърҳо гуфтанд. Дар силсилаҳои онҳо пораҳо ва баъзан шерҳои хуб ҳам ҳастанд. Шоири ҷавон Камол Насрулло бештар кӯшиш кардааст, ки бевосита аз худи арсаи кор, аз роҳсозон, аз зиндагии онҳо шеър гӯяд. Мастон ҳам дар ду шеъраш «Нақшаи ленинӣ» ва «Ҷавонӣ» гармии кори роҳсозон, романтикаи ҷавонӣ ва бунёдкоронро нишон дода тавонистааст. Ӯ дар яке аз рубоиҳояш, ки дар бораи ин сохтмон аст, чунин мегӯяд:

*Ин роҳ магар, ки пештар аз беша,*
*Ҳамчун раги худ ҳамегузашт аз дили мо. –*

аммо, мутаассифона, дар аксари шеърҳои дигари чи шоирони баркамол ва чи ҷавон хуни гарми роҳсозон дар раги мисраъҳо ҷорӣ нест. Чунин ба назар мерасад, ки онҳо дар паси ҷангал арсагоҳи кор, баҳодурони меҳнатро дида натавониста, ба сурудани ҷангалу дарёву теппа машғул шудаанд. Шоирон на таассуроти тозаашонро аз ин сохтмон, балки таассуроти пешинаи худро вобаста ба сохтмон сурудаанд, ки дар ин ҳолат кашфиёти тозаи бадеие кардан муҳол аст.

Сохтмони Норак, ки доимо мавқеи нигоҳи шоирони мо буд, мавзӯи ашъори бисёре шудааст. Пурра ба кор даромадани он воқеаи муҳиме дар зиндагии мост ва ба ин муносибат Лоиқ «Балладаи офтоби Норак»-ро гуфта, ин боргоҳи нур ва мардони нурофаринро бо суханҳои тоза ва образҳои тароватбахш ситоиш кард. Аммо дигаргунии бузурге, ки Норак дар ҷаҳони бунёдкорони худ ворид кард, аз деҳқон коргар ва аз коргар қаҳрамон сохт, дар назми солҳои охир ба андозаи кофӣ инъикос нашуд. Ин ҷараёни муҳими инсонсоз ба охир нарасида, дар онҳое, ки аз Норак ба Роғун кӯч бастанд, давом дорад. Шоирони моро ҳоло имкон ҳаст, ки ба он бунёдкорон рӯ биёранд ва дар мисоли сохтмон бунёди маънавиёт ва ахлоқи тозаи замонро ба тасвир бикашанд.

Ҳиссиёти ватанпарварӣ ва интернатсионалии инсони муосир қавист, бинои ахлоқии вай бар ин пояҳои бобақо устувор аст. Эҳсоси ватанпарварӣ дар шеъри солҳои охир асосан дар ҳифзи Ватан, посдории хотираи шаҳидони ҷанг, меҳнати мардуми ақибгоҳ дар он солҳо ба қалам кашида шуд. Шоирони насли ҷангии мо А. Қаҳҳорӣ. М. Фарҳат аз таасуроти бевосита ва зиндаи худ аз майдони ҷанг шеърҳо гуфтанд, ки ба эътибори ҳаққониятащон шоистаи таваҷҷуҳ ҳастанд. Қутбӣ Киром ба олами онҳое, ки дар ақибгоҳ корзор доштанд, чашм дӯхтааст. Ӯ дар ин ҷабҳа кӯшиши ҳамешагӣ дорад. Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Ҳабибулло Файзулло, Ҳақназар Ғоиб, Саидалӣ Маъмур, Камол Насрулло, Ҷамолиддин Каримзода аз эҳсосоти бачаи замони ҷанг, аз падарон ва бародарон, аз ҷанговарони ҳамсоли шаҳиди худ шеъру силсилаҳо гуфтанд. Дар ин номгӯ он чиз муҳим аст, ки ҳама, аз шоирони калонсол то ҷавонтарин, мавзӯи дарднок ва муқаддас – ватанпарварии ҷанговаронро пеши назар доранд. Ин худ як аломати пурқувватии ҷараёни маънавию ахлоқист дар шеър. Ҳоло ин мавзӯъ эҳсосоти тозае мехоҳад. Пас аз асаре, ба монанди «Сурӯши Сталинград»-и Мӯъмин Қаноат, ки инсонро дар муҳити ҷанг бо назари фалсафӣ дида, бақои пояҳои инсонии ӯро дар лаҳзаҳои сахттарин нишон дода, ҳиссиёти ватанпарвариро дар зуҳури олияш – ҷоннисорӣ тасвир кардааст, дар ин мавзӯъ бе нигоҳи амиқи фалсафӣ ва шоирона тозагие ворид кардан душвор мебошад. Ин чиз дар баъзе шеърҳо ҳаст. Масалан, вақте ки қаҳрамони «Суруди хайрбод»-и Лоиқ дар охирин лаҳзаи ҷоннисориаш «Ҷомаи домодии манро ту пӯш, эй додарам!» мегӯяд, ин табу тоби олии ахлоқию маънавӣ, парвози дарднок ва баланди одамият аст.

Ва ё Бозор Собир дар шеъри «Сарбоз» маъюби ҷангро бо муҳаббати бадард тасвир карда, дар охир чунин менависад:

*Асои раҳбараш аз роҳи шаҳр ӯро*
*Гумон кардам,*
*Ба роҳи безаволӣ раҳбарӣ мекард...*
*Дар ин раҳ буд ӯ якто,*
*Ба пои чӯбиаш мерафт пеш аз мо.*

Ин нигоҳи тоза аст. Баъзе шеърҳои дар ин мавзӯъ гуфтаи Қутбӣ Киром, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар аз ҳамин гуна тозагии нигоҳ баҳра бурдаанд.

Ақибгоҳ ба онҳое, ки фоҷиаи ҷангро дар ҷони худ ҳис кардаанд, мавзӯи тасвири як силсила шеърҳо мебошад. Аз онҳо шеъри «Раис»-и Мӯъмин Қаноат нигоҳи бисёр тоза ва амиқ дорад. Дар як шеъри на чандон калон пайвастагии майдонҳои ҷанг бо кор, ҳамқисмати сарбоз будани ҳар меҳнаткаш, рӯҳи бешикасти зани тоҷик, таҳаммул ва фидокории вай бо ҳиссиёти амиқ ва пуртаъсир тасвир шудааст. Дар он шеъри асили меҳнат бо шеъри қаҳрамонӣ бо ҳам омехтааст:

*Шавҳарат бар ҷанг рафту дар сарат як умр монд,*
*Ҷои ӯ холӣ ба саҳро дар барат як умр монд.*
*Рафт аз рӯи замину монд бо бӯи Замин,*
*З-ин сабаб будию ҳастӣ ошиқи рӯи Замин...*

*...То зи користон бихезад аскаре аз лашкаре,*
*То даме бе соябони сар намонад модаре,*
*Ту чанористон намудӣ кӯчаҳоро, боғро,*
*Ту анористон намудӣ синаҳои доғро.*

Ҳиссиёти ватандӯстӣ дар шеъри муосири тоҷик ҳамеша бо умумибашарӣ пайвастааст. Муҳимтарин рӯйдодҳои ҷаҳон шоиронро ба тахрик меоварад, онҳо аз ҳаракатҳои инқилобӣ ва озодихоҳии халқҳои ҷаҳон пуштибонӣ мекунанд. Садое, ки аз ҳар гӯшаи Сайёра бармехезад, дар дили шоирони мо танин меандозад. Ба ғайр аз ин, дидани бевосита аз кишварҳои дуру наздик, ҳамсояву бегона онҳоро ба муайян кардани мавқеи назари худ ба олам ва ҳамбастагии қисмати халқҳою кишварҳо таҳрик мекунад. Аммо нигаристан дигар асту дидан дигар аст. Бисёр мешавад, ки менигаранду намебинанд ва ашъоре, ки пас аз саёҳати кишварҳо ба қалам меоянд, баъзан ҳамин гуна - сайёҳона ҳастанд, ки нигаристан доранду дидан надоранд. Вале дар беҳтарини ин навъ ашъор шоирони мо сайёҳи тамошогар не, шахси дилогоҳи бино ва андешаманд ҳастанд. Гулназар дар чанд шеъри худ таҳти унвони «Тахти Рустам», ки аз ҳаёти Афғонистони муосир мебошад, ҳамин гуна нигоҳи амиқ ва фардобин дорад.

*Модарон дар ёди фарзандони гумноми худанд,*
*Дар Самангон*
*Тахти Рустам*
*Интизори Рустам аст...*
*Аз баландиҳои ин тахти баланд*
*Осиёну ёғиён бас сарнагун афтодаанд.*
*Душманони кеши мардиву ватанхоҳӣ басе*
*Ғарқа дар хуни дили худ*
*Вожгун афтодаанд.*

Ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқӣ дар шеъри муосир дар замон ва самтҳои гуногун давом мекунад. Мавзӯъҳои таърих, таърихию инқилобӣ ва ҳозира аломати фарохии замони ҷустуҷӯҳо бошад, мавзӯъҳои байналмилалӣ аз вусъати маконии он низ шаҳодат медиҳад. Шеър ҳангоми ин ҷустуҷӯҳо ба масъалаҳои муҳими замон, тараққиёти босуръати илму фан, техника, дигар шудани расму анъанаҳо, зисту зиндагонӣ, муносибатҳои одамон бармехӯрад. Ҳама чиз дар назари шоирон ба зудӣ дигар шудан мегирад. Шеър аммо ба ҳиссиёти азалӣ, доимӣ, бобақо бештар такя дорад.

Ҷустуҷӯи арзишҳои азалӣ ва бобақои инсон шоиронро ба деҳа овард. Дар назми мо дар ин бобат як чизи аҷиб ба назар мерасад. Қариб ҳамаи шоирони муосири тоҷик аз деҳа бошанд ҳам, то ҳашт даҳ соли охир мавзӯи деҳ ва махсусан, деҳоти кӯҳистон дар шеъри мо он қадар мақоми калон надошт. Вай гоҳ-гоҳ чун маҳалли хотироти бачагона ба ёд мерасид ва ё шоирон ба он асосан чун ба хазинаи воситаҳои тасвир рӯ меоварданд, яъне тасвири деҳ ҷузъӣ, нопурра буд. Аз аввали солҳои 70 - ум махсусан, дар эҷодиёти Лоиқ мавзӯи деҳ, олами деҳотиён, ташвишу тараддудҳои онҳо ё дар сурати қаҳрамони лирикӣ ва ё ҷудо аз ӯ бештар ба қалам омад. Баъдтар

Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар низ ба деҳот рӯ оварданд. Деҳ ба ашъори Убайд Раҷаб, Ҳабибулло Файзулло, Ҳақназар Ғоиб, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ низ пурратар ворид гашт.

Дар ин гуфтаҳо ду чизро ба ҳам бояд фарқ кард. То солҳои 70 ва дар эҷодиёти шоирони дигар ҳам тасвири деҳ ба назар мерасид, аммо тасвирҳои ҷузъиро бар дарки мукаммали деҳ фарқ кардан зарур аст. Ҳоло сухан аз дарки мукаммали деҳ ва аз шоироне меравад, ки дар таассуроти шоиронаашон асари деҳот амиқ аст ва онҳо ба ҷаҳон бо чашми деҳотӣ менигаранд. Ҳангоме ки онҳо барои сутудани ахлоқи пок, ҷавонмардиву одамият, сидқу вафо, номусу шараф, ҳамдиливу ҳамдардӣ эҳтиёҷи сахт ҳис карданд, онҳо ба заминаи худ, ба деҳот, ба ҷое ки хуб медонистанд, нигаристанд, то ин фазилатҳоро ба зудӣ пайдо кунанд. Онҳо деҳро чун маҳалли беолоиши ахлоқи покиза дарёфтанд, ки онро тарғиб бояд кард. Ва дар беҳтарин ашъори ин шоирон махсусан, Лоиқ, Гулрухсор, Убайд Раҷаб, Гулназар, ки деҳро мукаммалан эҳсос мекунанд, дарки бадеии ҳаёт ва маънавиёти деҳотиён ба амал мепайвандад.

Ин шоирон баъзан худро аз деҳ ҷудо гирифта, аз канор дар бораи он сухан гуфта тавонанд, Бозор Собир онро ҳамеша ё дар худ дорад, ё дар бари деҳ истода сухан мегӯяд, ҳалқаи аввале, ки ӯро печонидааст, ҳалқаи деҳ аст. Қаҳрамони ӯ дар андешаҳо, дар фаъолият, дар хаёлҳои ошиқонааш, хулоса, дар ҳама кор ва дар ҳама ҳангом деҳро бо худ ҳамроҳ дорад. Ин маъниро, масалан, дар шеърҳои «Ватан», «Фарзанди деҳқон», «Бачаҳои деҳотӣ», «Посира»-и Бозор Собир метавон дарёфт.

Тариқи зиндагӣ ва арзишҳои ахлоқӣ дар деҳот бобақотаранд. Аммо деҳ ҳам рӯз ба рӯз тағйир меёбад, талаботи деҳотиён дигаргун мешавад, баъзе чизҳо аз байн рафта, чизҳои дигаре ҷои онҳоро мегиранд. Ва шоироне, ки деҳот барояшон азиз аст, ҳар дигаргуниро тунд ва бо дард эҳсос мекунанд.

Масалан, Гулрухсор аз хароб шудани осиёби деҳ сахт мутаассир мешавад. Дар бисёр деҳаҳо дигар ба осиёб эҳтиёҷ нест, тараққиёти зиндагӣ онро нолозим кард. Аммо таассуфи Гулрухсор ҳам бесабаб нест: Агар мо аз хароб шудани осиёбе, ки моро чанд гоҳе нон додааст, таассуф нахӯрем, ба он бепарво бошем, ин аломати он аст, ки дар мо ҳисси шукргузорӣ, дилбастагӣ кам шудааст, мо беҳистар шудаем. Шоир аз ин чиз осуда буда наметавонад. Аммо дар ин кор ҳолати бараъкс ҳам воқеъ шуданаш мумкин аст, ки на ҳар ҳасрат ва на ҳар таассуф ба ҳамдилӣ ва ҳамдардӣ меарзад. На ҳар чизи азбайнраванда боиси таассуф аст ва ҳар шеъре, ки дар он аз нобуд шудани ин ё он чизи деҳ, масалан, омочу сипор, сандалӣ, ароба таассуф ҳаст, бояд ба андешаҳои маънавию ахлоқӣ водор кунад, вагарна шоирро ба қатори кӯҳнапарастон медарорад. Дар ҳолати аввал, чунонки дар «Осиёб» - и Гулрухсор ҳаст, он чизҳо ба рамзҳои пурғунҷоиши бадеӣ мубаддал мешаванд.

Мутаассифона, як силсила шоирони ҷавон ва ҳатто ҳамнасл аз шеъри деҳотии ин чанд тан шоир ба тақлид сар карданд ва кор ба ҷое расид, ки касе аз инҳо дар шеър номи деҳаашро гуфта бошад, тамоми шеърҳо пур аз номи деҳот шуд ва ё бачагиашро дар деҳа гум карда бошад, ҳама ба ҷустани бачагии худ дар деҳа, дар зову камар машғул шуданд. Ба ғайр аз ин, дар мавзӯъ майдагапӣ бисёр шуда, шоирон деҳаро фақат дар муҳити тангаш мебинанд ва кӯшиш намекунанд, ки дар он ҷаҳони фарохеро кушоянд, онро ба дунёи бузург пайванданд, муносибати мураккаб ва ба худ хоси онро бо олами пуртакопӯ ошкор созанд. Ин кор он вақт муяссар мешавад, ки онҳо ба деҳ фақат барои ҷустани бачагӣ, духтари ба шавҳар рафтаи ҳамсоя, ҳолпурсии модари худ (ҳарчанд ин амал аввалин шарти одамист), ё барои як дам дар канори деҳ нишаста ҳасрат кардан наомада, ба сӯи он чун шахси баркамоле, ки аз ҳама тундгардии замон огоҳ ҳаст, чун шахсе, ки аз деҳ на фақат чизе, ҳиссиёте, таассуроте мебарад,

балки ба он бо омадани худ чизе ҳам меорад, биёянд. Деҳаро акнун дар бархурди ин ду чиз, чизе, ки аз деҳа мегиранд ва чизе, ки ба деҳа медиҳанд, кашф кардан даркор аст.

Касе, албатта, шак надорад, ки деҳаи имрӯзаи тоҷик деҳаи панҷоҳ сол пеш аз ин буда нест ва дар шеъри деҳоти мо таассуроти маҳз ҳамон касоне, ки ба деҳа дигаргунӣ, пешравӣ, тараққиёт меоваранд, яъне таассуроти шахси фаъол аз ҳаёти деҳа намерасад. Мутаассифона, шоирони мо аксаран дар деҳа танҳо чизҳои аз байн мерафтаро мебинанд, аммо дар он чизҳои тозаи замониро намебинанд. Онҳоро низ, албатта, бо моҳияти иҷтимоӣ ва ахлоқиашон бо чашми шоир дидан даркор аст.

Мавқеи маънавию ахлоқии шоир дар ашъори лирикӣ пеш аз ҳама дар симои қаҳрамони лирикии ӯ таъйин мешавад. Солҳои охир, ки солҳои ривоҷи лирика аст, ба мо зарур мебошад, мавқеи ин қаҳрамонро муайян кунем, ба олами ботинӣ ва маънавии ӯ биандешем. Афзудани мавқеи шахс дар ҷамъият мақоми ҳиссиёту таассуроти ӯро низ дар шеър боло мебарад. Инсони шеър акнун образи серпаҳлу, дар тазоҳурот ва кайфиятҳои гуногунаш, дар амали иҷтимоӣ ва маишӣ, дар шодӣ ва андӯҳ, мутафаккир ва мутаассир, хулоса, дар ҳаррангтарин ҳолатҳо ба тасвир меояд. Қаҳрамони лирикии шеъри солҳои ҳафтод ҷаҳони худро, берӯю риё пеши назари мо мекушояд, баду некашро пинҳон накарда, ба ҳукми хонанда пешниҳод мекунад. Вай ба ҳамдилии хонанда умед дорад ва бо бовар сухан мегӯяд, ки ин ба ибрози розҳояш самимият ва дилнишинӣ мебахшад.

Агар фазилатҳо ба қаҳрамони лирикии шоирон муштарак бошанд, аммо қаҳрамони лирикии ҳар шоири фардияти эҷодияш бақувват боз фазилатҳое дорад, ки онро бар дигарон фарқ мекунонад. Ин пеш аз ҳама ба табиати инсонӣ ва эҷодии шоир вобаста аст, ки дар қаҳрамони лирикӣ ифода мешавад. Симфонияи шеъри муосири тоҷик аз садоҳои гуногуни онҳо ба ҳам меояд.

*Ман номабари шодӣ,*
*Барҳамзани андӯҳам. –*

мегӯяд бо шӯру шааф Қутбӣ Киром.

*То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст,*
*Сулҳу ҷангам бо тамоми Ҳурмузу Аҳриман аст. –*

мегӯяд бо андешаву қатъият Лоиқ.

*Зиндагӣ мехоҳаму дар ҳифзи номи зиндагӣ,*
*Қудрату мардонагии ман ба сад кас мерасад. –*

бо бардошт мегӯяд Гулрухсор. Ҳамин тавр қаҳрамонҳои лирикии дигар ҳам дар пардаҳои гуногун бо андешаву оҳангҳои ҳархела садо баланд мекарданд. Қаҳрамони лирикӣ манзарест, ки шоир дар он симои маънавии ҳамзамони худро намоён мекунад. Ҳамзамонони моро масъалаҳои муҳими замон, мавқеи шахс дар ҷамъият, таърих ва имрӯз ба худ машғул медорад, ки дар қаҳрамони лирикӣ таҷассуми бадеии худро пайдо мекунад. Ҳамаи он чизе ки дар ӯ ҳаст, аз дилу ҷони шоир мегузарад.

Шоири лирик дар сурати қаҳрамони лирикӣ идеали инсони худ, фаҳмиши худро аз инсон пешниҳод мекунад ва аз ҳамин назар таваҷҷуҳи хосаи ӯ ба худ асоснок буда метавонад. Як ақида дар солҳои охир, махсусан, паҳн шудааст, ки аз рӯи он ҳар кас қобили таваҷҷуҳ, ҳар кас

инсони аҷиб мебошад. Тарафдорони ин ақида таъкид мекунанд, ҳар инсон, ки иҷиб ҳаст, пас ҳар тағйирот, ҳар дигаргуние, ки дар авзои ӯ рух медиҳад, бояд дар шеър ифода шавад, чунки ин тасвири ҳамаҷонибаи инсонро фароҳам меоварад. Ин ҳолат дар симои қаҳрамони лирикӣ бештар аён мешавад. Дар ин ҷо, аввалан, бояд қайд кард, ки ба мо қаҳрамони лирикии шоири асил мароқангез аст ва қимат дорад, қаҳрамонҳои лирикии косибони шеърбоф бо вуҷуди инсон буданашон қимату арзише надоранд. Чунки танҳо шоири асил дар қаҳрамони лирикӣ ҷаҳони худ ва ҳамзамононни худро ғунҷоиш дода метавонад. Баъдан, ҳар лаҳза дигар шудани инсонро, ки дар зиндагӣ воқеъ шуданаш мумкин аст, аломати тасвири ҳаматарафаи инсон донистан хатои маҳз аст. Дар ин ҳолатҳо сухан дар бораи ду чизи бо ҳам фарқнок меравад, дар бораи инсони воқеӣ ва образи бадеӣ. Инсони воқеӣ метавонад ҳар лаҳза дигар шавад, ақидаҳояш, орзую омолаш тағйир ёбад, мухолифи ҳамдигар шавад, аммо аз инсон образи бадеӣ сохтан, маънои онро дорад, ки вай ба як мантиқи муайян тобеъ мешавад, барои тарғиби мақсади аниқ хизмат мекунад, таҷассуми бадеии ғояҳои зарурӣ мешавад.

Ин гуфтаҳо ҳаргиз маънои онро надоранд, ки қаҳрамони лирикӣ агар як бор дар кадом ҳолат тасвир шуда бошад, пас ҳама вақт дар ҳамон ҳолат бояд нигошта шавад. Вай метавонад ва бояд дар шодиву андӯҳ, дар фикру дар амал, танҳову бо дигарон, хулоса, дар гуногунтарин ҳолатҳо ва кайфиятҳо ба тасвир ояд, аммо ҷаҳони маънавию ахлоқии ӯ ҳамеша бояд мақсаднок бошад.

Қаҳрамони лирикии бисёр шеърҳои солҳои охир инсонро фақат аз рӯи «дардҳояш» мешиносад ва аксари онҳо дар ҳолат заруру нозарур дард доштани худро чун сифати олии худ ба забон меоранд. Бешубҳа, дард доштан, ҳамдарди дигарон будан аз сифатҳои хуби одамист, аммо сифат ва меъёри ягонаи одамият нест. Вақтҳои охир як силсила шоирон ва махсусан, ҷавонон дард дорам гӯён нола мекунанд, аммо чӣ будани худи дард маълум нест, яъне вай таҷассуми бадеии худро наёфтааст, ё дардест бисёр ҳам шахсӣ, ки ба дарди касе намехӯрад, ё дардест аз бедардӣ. Дар ин ҷо суханони машҳури Горкий ба ёд мерасад: «Ба худ фурӯ наравед, балки ҷаҳонро дар хун ғунҷоиш диҳед... Шоир акси садои ҷаҳон аст, на фақат момодояи дили худ». Маълум мешавад, ки ҳоло ҳам ин суханонро ба хотир овардан ва таъкид кардан зарур будааст.

Садоқати суханҳои қаҳрамони лирикӣ аз чигунагии маънавиёти ӯ шаҳодат медиҳад. Ӯ ки дар лирика вазифаи тарбиятдиҳиро ба ҷо меорад, худаш бояд тарбиятдида бошад. Тарбият ба маънои васеаш маънавӣ, ахлоқӣ, илмӣ ва ғайра. Асосаш, албатта, маънавию ахлоқист. Хонанда он гоҳ ба вай бовар мекунад, аз ӯ тарбият мегирад. Мутаассифона, баъзан дар муҳокимаҳои қаҳрамони лирикӣ ақидаҳои ғалат, беэътиборӣ ба арзишҳои зиндагии халқ, таърих ва маданияти ӯ ҳис мешавад. Бисёртар боиси таассуф аст, ки ин чизҳо дар эҷодиёти шоирони баркамол, ки олами маънавию ахлоқиашон ташаккул ёфта, ба онҳо хонанда эътиқод дорад, ба зуҳур мебояд. Масалан, шоир Ғаффор Мирзо дар «Достони миннатдорӣ» бо як беэътиноӣ таърихи чандасраи халқро ба хоби сакта мебарорад. Ӯ аз номи халқи тоҷик менависад:

*Ёфтам! Аз чандасра хоби сакта хестам,*
*Хешро дидам миёни зодагони асри бист.*
*Хоби сакта рафта будам дар хазони кӯҳнагӣ,*
*Хестам: олам ҳама дар ҳукми наврӯзу навист.*

Ғалати ин гапҳоро исбот кардан бисёр осон аст, аммо хонандаро нисбат ба ин чизи дигар ба ташвиш меандозад, ки шоир ба ҳарфи як бор гуфтааш содиқ нест. Вай шеъри пештараи Ғаффор Мирзо «Рӯшноӣ буд»-ро медонад, ки шоир дар он бараъкси инро навишта буд:

*Маздаку Темурмалик, Восеъ...*
*Магар ин номҳо*
*Дар самои рӯзгори мо*
*Кавокиб нестанд?*

*Дар раҳи номус,*
*Ба роҳи ному нангу ифтихор,*
*Рӯшноии аҷоиб нестанд?*

*Рӯшноӣ буд,*
*Машъал буд, гулхан буд, буд,*
*Кавкаби пурнур моро кам набуд,*
*Рӯшноӣ буд.*

Акнун хонанда дар ҳайрат мемонад, ки «хоби сакта» буд ва ё рӯшноӣ буд»? Ин масъалаи шахсӣ ё кайфияту таассуроти инсони алоҳида нест, ки имрӯз ин тавр буд, фардо дигар тавр шуд, гуфтан мумкин бошад. Дар ин ҷо мавриди сухан гаронбаҳотарин арзиши халқ – таърихи ӯст, ки қаҳрамони лирикӣ барои баҳо додан ба он бояд мавқеи ягонаи устувор дошта бошад. Бе ин мавқеъ вай вазифаи тарбиятдиҳиашро ба ҷо оварда наметавонад ва халқ – соҳиби таърих ба ин гуна беэътиноӣ бепарво буда наметавонад.

Қаҳрамони лирикӣ дар олами ишқу муҳаббат бо кайфиятҳои гуногунаш ба зуҳур меояд. Дар шеъри муосир аз камию харобии ашъори ошиқона гила карда намешавад. Вай бисёр аст ва дар беҳтарин намунаҳои он ҳиссиёти ошиқона дар пардаҳои гуногуни масруриию маҳзунӣ ба қалам омадааст.

Ишқ талаботи ҷовидонии инсон ва аз мавзӯъҳои абадии адабиёт аст, бинобар он вай ҳамеша дар шеър мавқеи калон дорад. Мардум ҳама аз давраи ҷавониву ошиқӣ мегузаранд ва дар он ба шеъри ошиқона ниёзи сахт пайдо мекунанд. Дар ин ҳангом ашъори ошиқона метавонад барои назокат, нармӣ, пурмаъноӣ ва зебоии олами ошиқон хизмат кунад. Шеъри ошиқонаи хуб воситаи хуби тарбияи зебоӣ ва ташаккули инсонии ҷавонон аст. Ишқияҳои беҳтарини панҷ-шаш соли охир ба қалами Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб тааллуқ доранд.

Шеъри ишқӣ бе тасвири саҳнаҳои ошиқона намешавад ва ҳаргиз касе аз тасвири онҳо манъ намекунад, тасвири зебо ва боназокати он ҳусни ашъори ошиқона аст, вале, муттаассифона, вақтҳои охир дар тасвири ин гуна саҳнаҳо баъзеҳо аз доираи назокат ва одоб берун мераванд.

Чунонки дар ин банд шоирае ба марди роҳ (роҳгузар) илтиҷо карда, чунин мегӯяд:

*Бимон бо ман, диҳам дарси вафоро,*
*Ба сӯзи оташи дилҳои сӯзон.*
*Чӣ мехоҳӣ, чӣ мехоҳӣ бубахшам,*
*Нагӯ ки ин ҳама баҳри ман осон!*

Ва ё дар шеъри дигараш боз менависад:

*Шарори оташи ишқ аст ҷисмам,*
*Бипарҳез (?) то наафтӣ ту ба дастам.*

Шубҳа нест, ки чунин «ибрози эҳсоси ошиқона» на фақат ба муаллифи маҷмӯаи «Шукрона», балки ба ҳеҷ шоири мард ҳам зебанда нест.

Тарзи тасвири назокат ва покии ҳиссиёти ошиқона дар ашъори Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноат ва аксари шеърҳои Лоиқ ва Бозор Собир, ки ба дил асари амиқ мегузоранд ва таассуроти моро аз муҳаббат зеботар мекунанд, шоистаи давом додан ҳастанд. Муҳаббати пок ва асил дар ашъори онҳост, на дари ин гуна мисраъҳои беназокат. «Сухани ишқ ҷуз ишорат нест» гуфтани шоири классик бесабаб намебошад.

Ба аҳамияти тарбияи маънавию ахлоқӣ доштани ҳаҷв ҳоҷати далелу бурҳон нест. Фақат ҳаминро ёд меорем, ки дар эҷодиёти шоире чун В. Маявковский, ки яке аз бузургтарин шоирони нововари садаи XX мебошад, ҳаҷв мавқеи муҳим дошт ва онро барои тарбияи инсони нав истифода мекард. Ҳаҷви Маяковский, ҳаҷви қавӣ, гротеск, сатира буда, бо тору пуди асарҳояш меомехт. Дар адабиёти халқҳои бародар имрӯз ҳам намунаи ҳаҷви қавӣ ҳаст, ки мисолаш эҷодиёти драматурги белорус Андрей Макаёнок ва шоири рус Андрей Вознесенский мебошад, ки бо сатираву гротеск омехтааст. Дар адабиёти мо дар ҳикояҳои Раҳим Ҷалил аломатҳои инро дидан мумкин аст.

Ҳаҷв дар назми солҳои охир он қадар пурқувват нест. Дар ин ҷода Бобо Ҳоҷӣ, Ашӯр Сафар, Наимҷон, Назирӣ, Мирзо Маҳмуд кор мекунанд. Намунаи хуби ҳаҷв дар таркиби асарҳои Ғаффор Мирзо ҳам ҳаст. Вай метавонад дар ин соҳа асарҳои хуб биофарад. Дар маҷмӯаи ба наздикӣ нашршудаи Бобо Ҳоҷӣ «Нони ҳалол» қисмате бо номи «Нимхандаҳо» ҳаст, ки ашъори ҳаҷвии шоирро дар бар гирифтааст. Ин қисмат, ба ростӣ, бо мароқ хонда мешавад. Дар он шеърҳои ҳаҷвии хуб «Ҳашари мушон», «Бабри тақлидкор», «Яке аз рӯзҳо» ва чанд шеъри дигар ҳаст, ки бо андаке таҳрир боз хубтар мешавад. Бобо Ҳоҷӣ истеъдоди бебаҳси ҳаҷвнигорӣ дорад. Назираҳояш ҳам ба шоирон бо зарофат гуфта шудаанд, махсусан, назирааш ба Қутбӣ Киром моҳирона аст.

Аммо доираи мавзӯи ҳаҷвияҳои шоир, аввалан, фарох нест ва, баъдан, гоҳо ҳаҷвияҳояш бидуни ҳаҷв навишта шуда, боиси хандаю тамасхур намешаванд. Масалан, тақрибан аз 50 шеъри қисмати «Нимхандаҳо 6 - тояш дар ҳаҷви мунаккид гуфта шудааст, ки ба имони комили ман дар зиндагии мо нисбат ба ин дигар мавзӯҳои муҳимтари қобили ҳаҷв ҳастанд. Ба болокорӣ ин ҳаҷвияҳо худашон дар лафзу маънӣ ва услуб нуқсҳо доранд (ҳарчи бошад, Бобо Ҳоҷӣ дар ин жанр истеъдод дорад) ва аз он бояд беҳтар ва ҳамаҷониба истифода кунад, то хизмати ӯ дар пешрафти ин соҳаи назм хубтар ба назар ояд.

Ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқӣ дар шеъри замонии тоҷик бовусъат давом дорад. Ин ҷараён, ки сарчашмаи он дар зиндагии имрӯзии мост, то рафт амиқ ва қавитар мешавад, то ки ҷаҳони мураккаб ва боғановати ҳамзамононро ба чашми мо возеҳтар намоён карда, дар ташаккули маънавиёти инсони замон саҳми худро гузорад.

**Соли 1980**

## РАВАНД{ОИ ШЕЪР ВА ХУДОГО{ИИ ШОИР[157]

[157] Маърӯза дар маҷлиси садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон

Далели шоири иҷтимоӣ будан фақат дар мавзӯи иҷтимоӣ шеър гуфтан нест, балки шеъри иҷтимоъро гуфтан аст. Замонҳои тӯлонӣ дар шеър танҳо зикри мавзӯи иҷтимоъ буд, ки шеър надошт, яъне шоир ҳам надошт. Шеъри иҷтимоъро шоир мушаххасан дарк бояд кунад, ки дар он рӯҳи ӯ мавҷ занад, шахсияти ӯ акс андозад, дарди ӯ нола кунад. Агар ин тавр аст, онро наметавон бо ашъори шоири дигаре омехт, вале ашъоре, ки танҳо дар мавзӯи иҷтимоӣ ҳастанд ва нақши шахсияти шоирро надоранд, шоир ҳам надоранд. Шеър дардҳои офаринандаи худро бояд гӯяд ва танҳо ба шеваи ӯ гӯяд. Шоирӣ шеваи нотакрорист. Агар шоир аз дарду шодии худ сухан мегӯяд, бар ғаму шодии худ такя бояд кунад ва агар аз авзои каси дигаре мегӯяд, чунон ӯ бояд шавад, ки дар байни ӯ ва худ на фақат фосилае набинад, балки худ дарнаёбад, ки ӯ куҷосту худ куҷост. Ҳамчунон бо замон, зеро замон дар ӯст ва ӯ дар замон аст.

Дар шеър ғаму шодии замон ҷудо аз шоир асар надорад. Мо ғаму шодии шоирро ғаму шодии замон мешиносем, зеро мо ба шоир рӯй меоварем, ки замонро аз аҳволи дили ӯ дарёбем, на ба рӯзноманигор ва ё ба таърихнавис, ки танҳо бо ахбор аз авзои замон қаноат бикунем. Мо гӯши ҷон мекушоему садои дил шунидан мехоҳем.

Садои диле, ки дар ин се - чаҳор соли охир ба гӯш мерасад, пур аз дард аст.

*Як мурғи хушпаём дар ин ошён намонд,*
*Тифли ҳуҷастапой дар ин остон намонд.*

*Ҷамъе ба дашту хайли азизон ба Рашт рафт,*
*Дар водии биҳишт ба ҷуз посбон намонд. –*

мегӯяд Мӯъмин Қаноат бо ишора ба фоҷиаҳое, ки Вахшонзаминро фаро гирифта буд. Дар чанд шеъре, ки Мӯъмин Қаноат чоп кард, таассурот пуртаъсир, дарди фоҷиаҳо амиқу ҷонкоҳ, суратҳои шеър тару тоза буда, сухан асолат ва истеҳкоми қавӣ дорад. Ғазалҳои «Баро, эй Маҳдии охирзамон, аз маҳди сангинат». «Ҳар шаб аз ёди дилам шоҳи саворон бигзарад», “Ту лофи Ватан мезанӣ, тани ҷудои ман аст», «Дар пои ту бо чашми гули хор бигирям», «Даст намедиҳӣ ба мо, даст ба мо намерасад», «Ба сӯи колбади деҳаҳо салом, биё» ғазалҳое ҳастанд, моломоли дард, ки шоир аз замон мекашад.

Ӯ Диловаршоҳро, ки дар достони «Падар» - и худ ҳамчун тимсоли қаҳрамоне, ки ба хотири мардум мубориза мекарду дар ҷанги ба истилоҳ «босмачигарӣ» кушта шуд, бори дигар дар яке аз ин ғазалҳо ба ёд меорад:

*Тан ба ин соҳил фитоду ҷон ба он соҳил гузашт,*
*Ӯ чу дарё меравад, сад рӯзгорон бигзарад.*
*Аз қафо тире, ки ӯ хӯрдаст, меояд зи пеш,*
*Мекушояд парда, даври пардадорон бигзарад.*

Ва байти мақтаи ин ғазал ишорати шоирона аз беадолатиҳое, ки дар ҳаққи фарзандони Ватан дар он солҳо шуда буд, сухан гуфта, таъкид мекунад, ки тири ноҳақ ба парронандааш боз хоҳад гашт. Аз интиқоми ҳақ ва таърих ҷои гурез нест.

*Аз қафо тире, ки ӯ хӯрдаст, меояд зи пеш,*
*Мекушояд парда, даври пардадорон бигзарад.*

Сухани ин ғазалҳои Мӯъмин Қаноат тоза, услуб рехтаю қавист, вале, мутаасифона, қариб ҳар ғазале, ки вазнаш содаю оддӣ набошад, аз лиҳози вазн хатоҳои сахт дорад, ки дар ин бора пасонтар сухан хоҳем гуфт.

Замон шоирро аз як сангар ба сангари дигар меандозад, вале сангар иваз кардан кори дардоварест, махсусан, агар сангар сангари маънавист, сангари шоирист.

Шоир дар мубориза бар зидди беадолатӣ, зулму истибдод, дурӯғу фиреб сангари ҷовидон дорад ва агар дарёбад, ки замоне  сангари ӯ дар мавқеи дурусту ҳақ набуда, дарди ӯ сахту ҷонгазо бояд бошад.

Мо ҳоло назари шоирро ба гузашта ва имрӯз гуногун, ҳатто назари як шоирро ба як давра, ашхос, ҳодисаҳои мухталифи таърихӣ ба ҳам зид мебинем. Барои мо дар ҳар дуи ин ҳолат то чӣ андоза сидқӣ ва бадеъ будани назари шоир муҳим аст, ки хушбахтию бадбахтиро ба чӣ шодӣ ва дарде ба забон меорад, ки хонандаро ба худ ҳамдил сохта тавонад. Агар суханаш асар дорад, ҳақ бо ӯст:

*Дили ман, эй дили бечораи ман,*
*Дили ғампарвару ғамхораи ман.*
*Туро сад пора хоҳад кард охир,*
*Ғами ин миллати садпораи ман! –*

мегӯяд Лоиқ ва дар дили мо асар мегузорад – асар аз дард, асар аз фоҷиа. Таҳаммули чеҳра дигар кардани таърих ва замоне, ки шоир фарзанди он аст, кори саҳлу осон нест.

*Чӣ садде роҳи оҳамро бигирад?*
*Чӣ дасте санги роҳамро бигирад?*
*Ту гар сарбори дӯшамро бигирӣ,*
*Чӣ кас бори гуноҳамро бигирад?!*

Мо ин тааммули дарднокро бештар бояд бипазирем, нисбат ба он ки ифтихори бебунёд ва ё интиқоди бедардонаро қабул бикунем, зеро ҳам мавриди ифтихор ва ҳам мавриди интиқод замонест, ки шоир аз они худ  мекунад ва ҳамчунон аз замони худ, пораи рӯзгори худ сухан мегӯяд ва, агар он замон  барҳадар меравад, дарди он бояд ҷонкоҳ бошад ва, агар маҳсул меорад, ифтихораш суруровар. Банда мехоҳам ин гуна ҳиссиётро дар ин ду пора аз шеърҳои Лоиқ, ки ба як мавзӯъ бахшида шуда, ду назари мухталиф доранд, пайдо кунам, то дар ҳар ду маврид ҳам бар асолати ҳоли дили шоир бовар дошта бошам.

*Матлаби фардост ҳар ҷое, ки бошад коммунист!*
*Дасти ҳақ болост ҳар ҷое, ки бошад коммунист.*
*Эй ки меҷӯӣ зи ҳикмат меҳвари дунё куҷост?*
*Меҳвари дунёст ҳар ҷое, ки бошад коммунист!*

Мегуфт дар шеъри «Меҳвари дунё» Лоиқ ва дар шеъри дигаре, бо номи «Нома ба зиндон, ба Мақсуди Икром» мегӯяд:

*Пайкари Ленин агар вожун шуд,*
*Ҷигари ворисаконаш хун шуд.*

Дар ҳар дуи ин пора ба ман барои бовар кардан ба шоир суханоне, ки ин ҳолро бо ҳолати дили шоир собит карда бошанд, намерасанд, зеро онҳо аз асли ҳоли дили шоир ҷудоянд, ҳол он ки шеъри асил ҳоли дил аст.

Масалан, дар яке аз шеърҳое, ки «Ба деҳқони тоҷик» бахшида шудааст ва ҳамин гуна ном ҳам дорад, мехонем:

*Насими бозсозӣ чун вазон гашт,*
*Ҳақиқат аз дигар бологузар шуд.*
*Расид аз мақдами он ҳақ ба ҳақдор,*
*Зи нав болонишин фазлу ҳунар шуд. –*

мегӯяд яке аз шоирони кӯҳансоли мо Бобо Ҳоҷӣ. Шуарои ҷавонтарамон ҳам ба замон ин гуна хушбоварона менигаранд, ки номушаххас ва бебунёд аст. Аксари ашъоре, ки аз ин гуна мавзӯъ ва мазмун - ифтихор ва интиқод сухбат мекунанд, ҳамин гуна нуқс доранд: ифтихорашон бе сурури рӯҳ ва интиқодашон бе дарди дил аст.

*Насли номоварему навсозем,*
*Бо замон ҳамқадам, ҳамвозем.*
*Мо, ки созандагони давронем,*
*Бар замон «тарҳи нав дарандозем».*

*Рафт даври сукуту оромӣ,*
*Рафт даври карахтию хомӣ.*
*Пухта кард оташи замон моро,*
*Рафт даври суҷуди бадномӣ. –*

мегӯяд Саидалӣ Маъмур дар шеъри «Насли давронсоз» ва дар ин гуна нигоҳаш Саидалӣ Маъмур танҳо нест, ин пораи шеър намунае аз ин нуқси умумист.

Дар айни ҳол, сухан на аз танқиди назари дугонаи шоир ба як мавзӯъ, шахс ё ҳодисаи таърихӣ меравад, зеро ҷои баҳс надорад, ки бо мурури замон нигоҳи шоир ба зиндагӣ ҳодисаву воқеаҳо ва ашхоси таърихӣ бо сабабҳои гуногун тағйир ёфтанаш мумкин аст. Ин, масалан, дар натиҷаи равшан шудани ҷиҳатҳои торики мавзӯъ, ки моҳияти дигаргуни онро падидор месозад ва ё умуман бар асари ба зиндагӣ ва он мавзӯъ тағйир ёфтани назари шоир ба амал меояд. Мисоли барҷастаи тағйири назарро дар «Шоҳнома» дар ҳолати баҳо додан ба амирии Султон Маҳмуд, шахсияти ӯ дар худи «Шоҳнома» ва дар «Ҳаҷв дар ҳаққи Султон Маҳмуд»-и Абулқосим Фирдавсӣ мебинем. Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар ин ҳаҷвия бо чӣ бузургие ба ночиз дидани асараш ва бо чӣ сарбаландие бар ношинохтагии қадраш меноладу мегиряд, ки дилро хун мекунад, аммо на бо гиряи ҳақирона, балки бо гиряи бадарду сарбаландона. Ифтихори шоир бо алам ва ғуссаи ҷонкоҳ садо медиҳад, ки ӯро садчандон баарҷтар мегардонад, истеҳзо ва ситезааш аз асли паст ва рафтори ношоистаи шоҳ шоирро на ҳақир мекунад, балки бар азамати ӯ меафзояд.

То «бозсозӣ» як қисмати бузурги шеъри моро офаринхонӣ ба давру замон ва қувваҳои пешбарандаи он ташкил мекард, ки заминаи ҳиссии шоирона надошт, баъди «бозсозӣ» ашъоре фаровон шуданд, ки аз нафринхонӣ ба гузашта ва офаринхонӣ ба «бозсозӣ» моломол буданд ва онҳо низ реша дар дил сабз накарда буданд.

Дарёфти моҳияти замон на осон корест, аз ин рӯ, ба шоироне, ки аз аввали бозсозӣ ба он офаринхонӣ мекарданд, ҳоло нукта гирифтан мушкил нест, он вақт ҳам осон буд, зеро онҳо

шеър надоштанд, шеъри иҷтимоъро дарнаёфта буданд. Офарину нафрин хондан шиор задан аст, шеър гуфтан нест. Баъзе аз шоирон ба моҳияти онҳое, ки бозсозиро ба ҳаёҳуй, ба даромехтани гуноҳу савоб мерасонанд, пай бурданд, ки, аз ҷумла, Қутбӣ Киром бо кинояи дардомез гуфт:

*Гардам аз ин бозсозӣ,*
*Айбҳоро мухтасар кард.*
*Муҳтарамро бесару по,*
*Муттаҳамро тоҷвар кард.*

Ва ё дар шеъри «Шикаст» симои шахси ҳарису молпарастеро ба қалам мекашад, ки қурбонии каҷравиҳои замон аст.

*Аждаҳои қолиаш ҳар нимашаб,*
*Ҷисми камхуни варо дам мекашад.*

Айёми бозсозӣ ва истиқлол дар Тоҷикистон ба фоҷиаи ҷанги бародаркуш пайваст. Таърихи тоҷик ҳеҷ вақт ин қадар хунполо ва ҳар саҳифааш ин қадар хуншор набуд. Ҳоло марсияи дилҳои хуншор гуфтан дар пеш аст, аммо ашъоре, ки аз фоҷиаи мардум, хароб шудани кишвар, пулҳои шикастаи дарёҳо ва дилҳо гуфта мешаванд, дар китоби шеъри замон ҷой доранд. Бозор Собир фоҷиаи Вахшу Кӯлобро дар сурати пулҳои вайроншуда таъсирбахш ба қалам медиҳад.

*Хунҳои гарм аз муҳаббати ҳамхунӣ(?) рехта,*
*Пулҳои хешу таборӣ*
*Дар обҳои чашми ятимон шикастаанд.*
*Кӯлобам аз миёна ба ғафлат ҷудо шуда,*
*Шояд, ки то ба рӯзи қиёмат ҷудо шуда.*
*Пулҳо намондаанд ба ғайр аз пули сирот,*
*Ҳайҳот, ҳайҳот!*

Дар оби чашми ятимон шикастани пулҳо маҷозест, ки гунҷоиши маънояш фарох аст. Шоирон барои пуртаъсир гуфтани фоҷиаи хунбор рамзу маҷозҳо, суратҳоеро, ки дар шеъри мо то имрӯз мазмунҳои дар хотир нишастаи анъанавӣ доштанд, дигаргун мекунанд. Масалан, агар сабза рамзи ҳаёт ва рӯиш, садоқат дар роҳи ёр ва монанди инҳо бошад, А. Муродӣ онро дар шеъри «Масти хун» ба нашъаманду хунмастон шабеҳ мебинад. Аз он чунин маънӣ бояд бардошт, сабзае, ки рамзи ҳаёту муҳаббат аст, агар ба хунмастӣ, ки ба хислати он тамоман мухолиф аст, хӯ гирифта бошад, пас чӣ ҳодисаи мудҳише дар зиндагӣ рух додааст. Рукнҳои асосии зиндагӣ асолати худро гум ва моҳияти комилан мухолиф пайдо кардаанд, ки ин худ фоҷиа аст.

*Дар ҳавои гиряи борон*
*Сабзаҳо чун қотилони нашъаманди*
*маст мерақсанд,*
*Сабзаҳо имсол хунмастанд.*

Ашъоре, ки дар бораи рӯзҳои мудҳиш ва хунбори халқ гуфта шудаанд, агар баъзе ин гуна суратҳои пуртаъсир ва пургунҷоиш доранд, чунонки дар ин шеъри Камол Насрулло ҳаст:

*Ин сол дигар ҳаргиз нахоҳад гузашт,*
*Ин сол ақрабест, ки дар шиками худ*
*ақраби дигареро мепарварад. –*

дастаи дигар бо ҳиссиёти шадиди дард, болои ҳам овардани ғуссаҳо, ранҷҳо, маҳрумиятҳо ба дил кора мекунанд. Ин ҳам аз Камол Насруллост:

*Эй худованд, куҷоиву куҷо шуд ватани ман,*
*Узв дар узв ҷудо гашту ҷудо шуд бадани ман.*
*Дастам аз даст ҷудо, пой ҷудо гашта зи поям,*
*Як ҳаво дард бувад байни ману пираҳани ман.*

Ва ё Ҳақназар Ғоиб хитоби дардолуд мекунад:

*Эй қавми пароканда, дар ин дам ба ҳам оед,*
*Шуд хонаи мо хонаи мотам, ба ҳам оед,*
*Эй дар ғами миллатбудагони раҳи ғафлат,*
*Бо хотири чашмони пур аз нам ба ҳам оед.*

Шоирон аз замони пурфоҷиа таассуроти мухталиф бармедоранд, агар яке бо дарду ниёиш сухан мегӯяд, дигаре бохашму маломат ҳарф мезанад, ки ҳар яке дар ҷои худ арҷ дорад. Масалан, Сиёвуш ба эҳсоси барошуфта менависад:

*Эй қавм! Қавми гадоён бо такаббури шоҳӣ*
*В-эй подшоҳони гадотабъ*
*Қавми ошиқони узвҳои маҳрами хеш*
*Ва дӯстдорони ҳаромӣ,*
*Қавме, ки худро*
*Ҷуз чокари нафси хеш нашнохтаед*
*Ва бехудоиро ҷуз беҳаёӣ,*
*Бо шумо чӣ гуна метавон буд?!*

Ҳарчанд шоир «бо шумо чӣ гуна метавон буд?!» мегӯяд, аммо дарди шоир ба он гувоҳ мешавад, ки аз шеър маънои «бе шумо чӣ гуна метавонам буд?!» бармеояд ва таъсири ғуссаи ӯро дучандон мекунад.

Гулназар дар торикшаб ба дунёи умед бо чашми сапеда менигарад ва бо «Азон»-и худ мардумро ба сӯи ошноӣ ва рӯшноӣ мехонад:

*Эй офтоб, эй муаззини сафедриш,*
*Ту аз манораи кӯҳҳои Помир*
*Бархон азони рӯшноӣ,*
*То сар кашем бо дили рӯшан*
*Бо хутбаи вафою ошноӣ...*

Дар истиораи «эй офтоб, эй муаззини сафедриш» як осмон умед аз нуру равшании фардо ҳаст.

Садои умед аз рӯзгори хуш, ки баъди шабони дарози сиёҳ ва зимистони яхбандии орзуҳо бояд бирасад, дар як силсила шеърҳои Гулрухсор низ шунида мешавад, аммо ин умед дар бероҳаҳо раҳгум задааст. Аз ин рӯ, сухан ҳам аз ин садои умед ба дард аст, ки ҷо дорад.

*Дар сарам чатри барфу борон аст,*
*Дар танам ҷони хаста гирён аст.*
*Рӯзгорам*
*Шаби шабистон аст,*
*Навбаҳорам*
*Ҳама зимистон аст, –*
*Эй худо,*
*Кай баҳор меояд?!*

Дар шеърҳои Раҳмат Назрӣ «Нур дар гӯр», «Чароғи кушта» муборизаи зулмот бо нур бо суханҳои тоза тасвир мешавад ва агар устухони сарсупурдагони фиребхӯрдаи озодӣ дар гӯр ҳам нур афшонад:

*Сутхони шумо ба гӯр нур афшонад*
*Бо ёди чароғи мурдаи озодӣ. –*
(Нур дар гӯр)

аммо умеди шоир ба зуд равшан шудани зулмот камтар аст. Аз як сӯ, чашмони ӯ ба торикӣ хӯ намегиранд, аз дигар сӯ, шаб равшан намешавад. Ин мушкил дар шеъри «Чароғи кушта»-и Р.Назрӣ пуртаъсир, бо образҳои нотакрору нав ба қалам меояд ва шоир хулоса мекунад:

*Чашмҳоям хӯ намегирад ба торикӣ,*
*Дар намегирад чароғи мо ба наздикӣ.*

Оғозе, ки анҷоми нек надорад, хоҳ орзу бошад, хоҳ воқеӣ ва хоҳ шахсӣ бошаду хоҳ ҷомеӣ дардовар аст, зеро аломати марги зиндагист ва ин маънӣ дар шеъри «Анҷоми оғоз»-и Гулрухсор шоирона ҷамъбаст мешавад:

*Барф*
*Аз гардун ба ҳомун норасида*
*пир хоҳад шуд.*

Таърихи халқ дар бурду бохтҳои зиндагии имрӯз нақш дорад, ки дар иҷтимоъ ва маънавиёти мардум равшан аст. Махсусан, баъд аз рахна пайдо кардани деворҳои сангин дар миёни халқҳои ҳамтаъриху ҳамфарҳанг масълаи нақши таърих дар рӯзгори мо аҳамияти бештаре пайдо кард, зеро ин сабаб шуд, ки аҳли илму фарҳанг ба гӯшаҳои то ҳол вориднашудаи таърихи худ ворид шаванд ва аз он арзишҳое пайдо кунанд, ки то кунун аз онҳо сухан намегуфтанд ва ё каму ношунаво мегуфтанд. Ин масъала дар риштаҳои гуногуни илму фарҳанг – таърих, адабиёт, илоҳиёт, забон таҳқиқ мешавад, шоироне, ки ба арзишҳои маънавии таърихи халқамон ба назари тоза менигаранд, шеъри худро ба ҳавзаи ягонаи шеъри форсӣ наздик меоранд, зеро онон ба сарчашмаи ягона ва асил лаб мениҳанд, ки шоирони ҳамзабонашон аз он сероб мешаванд. Мо ин сарчашмаҷӯиро дар ҷустуҷӯҳои эҷодии М. Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Киром, Бозор Собир, Гулназар, Раҳмат Назрӣ, Доро Наҷот ва аз насли ҷавон дар Фарзона, Сиёвуш махсусан, бештар эҳсос мекунем, ки рисолати шоириашонро ба асолати шеъри форсӣ мепайвандад.

Андешаҳои Фарзона дар ин мавзӯъ нозук, ҷуръатмандона ва бо пирояи бадеӣ оростааст. Мо огоҳу ноогоҳ пайравии ғарб кардем, мутаассифона, баъзан асли худро кам гирифтем ва шефтаи зарқу барқи ғарбӣ шудем, ки шоир ҳушдор медиҳад:

*Роҳи Афранг сипардиву ба ҷое нашудӣ,*
*Офтобат занад, ар мункири Ховар бошӣ!*

Арзишҳои маънавӣ, ки дар тӯли таърих роҳбалади ҳақиқии халқ аст, ӯро аз гумроҳиҳо эмин медорад. Ва шоир ба ин ишора мекунад:

*Қавме афтода дар ин кӯрараҳи шебистон,*
*Ба ҳақиқат нарасад солики бероҳбалад.*

Арзишҳои маънавӣ моҳиятан умумибашарианд, зеро мояи онон аз накӯӣ, адлу ростӣ, дӯстдорию мардумпарварист. Аз ин рӯ, ҳоло дар зиндагии маънавии мо ҳам арзишҳои тоисломӣ, ки дар суратҳои ҷовидонаи он нуру хуршед, донаву замин ҷои бештар мегиранд, мавриди баррасии шоирона мегарданд.

Ин тамоюл дар ашъори Гулназар, Фарзона, Сиёвуш, Зиё Абдулло фаровонтар ба назар мерасад. Арзишҳои тоисломӣ на фақат ба мазмуну мундариҷаи ашъори ин шоирон меомезанд, балки дар шакли эҷодиёташон ҳам пайдо ҳастанд, ё ин ки худи шоирон таъкид мекунанд, ки мо ба он таваҷҷуҳ кунем. Масалан, Гулназар шеърҳое чоп мекунад ба номи Хусравонӣ, ки аз ашъори суннатии вазну қофиядори имрӯзӣ тафовут дорад.

Кӯшиши шеърро ба аслаш расонидан, яъне азми дар шеър сухани тоза, маънии ҳиссиётомез, сурати ҷаззоб, ҳикмати амиқи хаёлангез гуфтан шоиронро гоҳе ба роҳи бевазну қофияи суннатӣ шеър сохтан равона мекунад, гоҳи дигар вомедорад, ки боз ба шаклҳои анъанавии ғазалу рубоӣ, қасидаву дубайтӣ рӯй оранд. Ё баъзан шоирон дар як вақт аз ин ду роҳ мераванд, ки шеърро ба аслаш бирасонанд.

Дар ҳар ду ҳолат ҳам шеъри тоҷик ба ҳавзаи ягонаи фарҳангӣ, ки дар он шоирони ҳамзабони Эрону Афғонистон эҷод мекунанд, наздик мешавад. Дар асл шеъри тозаи бевазну қофияи суннатӣ дар солҳои шасту ҳафтод ҳам ҷой дошт, аммо шоироне, ки ҳоло дар солҳои навадум ба ин кор машғуланд, онро дар зинаи баландтари тасвиркорию маъниофаринӣ ва ҳисомезӣ ба иҷро мерасонанд.

Агар дар шеъри имрӯзаи тоҷик шеъри сафед, Хусравонӣ, шеъргуна, шеъри нав, бо кадом истилоҳе, ки зикр шавад, интишор ва собиқаи камтаре дорад, дар шеъри шоирони форсизабони Эрону Афғонистон, махсусан, Эрон нумӯи бештар ва таърихи дарозтар дошта, намунаҳои писандида ҳам ба бор овардааст, ки мо онро дар эҷодиёти Нимо Юшиҷ, Аҳмади Шомлу, Ахавони Солис, Сӯҳроби Сипеҳрӣ, Фурӯғи Фаррухзод, Нодири Нодирпур ва чанди дигар мебинем.

Аз шуарои мо ба гуфтани ин навъ шеър агар Лоиқ, Бозор, Гулрухсор камобеш даст зананд, Гулназар, Фарзона, Камол Насрулло Сиёвуш дилбастагии бештаре зоҳир менамоянд. Алимуҳаммад Муродӣ шеърҳои минётурии вазндори бидуни қофия мегӯяд, ки хориҷ аз жанрҳои суннатист.

Шеърҳои охири Дорои Наҷот бештар сифати маънавӣ пайдо мекунанд, сухани шоир тоза, услубаш рехта мешавад. Шеърҳои «Қудсошён», «Шеъри гиря», «Дар ояҳо, дар мӯяҳо» аз ин сифатҳои хуб бархурдоранд ва пайғом медиҳанд, ки шоир ба роҳи тоза ва пурмаҳсуле ворид мешавад. Вале, мутаассифона, дар шеърҳои «Қудсошён», «Дар мулки Дориюш», «Дар ояҳо, дар мӯяҳо», ки дар асоси вазни суннатии арӯз гуфта шудаанд, нуқси вазн бисёр аст.

Султон Шоҳзодаи шодравон дар силсилаҳои охираш ба олам, ба гирду атроф, ба табиат, ба мардум бо нигоҳи ошиқона ва хаёлангез менигарист. Қаламаш рангин, суханаш пурмуҳаббат, тасвираш тароватнок буд. Шеърҳои «Пайки сафед», «Сафедорони хаёлӣ» аз дастовардҳои бадеии ӯ буданд.

*Киштӣ канори бандари соҳил қарор кард,*
*Афканд борҳо,*
*Ин киштии сафед –*
*Пайки сафеди омада аз обҳои дур,*
*Аз мавҷзорҳо.*
(«Пайки сафед»)

Шаклҳои суннатии шеър, масалан, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ ва чаҳорпора, ки охирӣ дар қарни бистум дар шеъри тоҷик фаровон истифода мешавад, дар шакли худ, дар тарзи қофиябандӣ, вазн ва фазои таассуроте, ки ба вуҷуд меорад, василаи фиребои шеър дорад. Оҳанге, ки аз суханони дар қолабҳо гуфта бармеояд, ҳарчанд ин суханон тоза, пурмаъною хаёлангез ва суратнок нестанд, ба мисли шеър ҷилва мекунанд.

Баъзе шоирони суннатгарои мо то ҳол ин фиребн шаклро мехӯранд ва гумон медоранд, ки вазну қофия ва оҳанге, ки аз он бармеояд, суханҳои одӣ, забонзад, обшустаро шеър мекарда бошад. Вале онҳое ки шеъри сафед, яъне бевазну қофияи маъмулӣ шеър мегӯянд, аз ин воситаҳои аввалияи шеър даст мекашанд. Онҳо инро аз ҳисоби суханҳои тоза, маъниҳои амиқ, суратҳои хаёломез бояд ҳосил кунанд, яъне кори онон мушкилтар аст, лек имкони фиребн шеър хӯрданашон камтар аст, зеро сухане, ки мегӯянд, агар шеър надошта бошад, ҳеҷ воситаи ёрирасоне ба монанди қофияву вазн нест, ки ба он сурати фиребои шеърро бидиҳад.

Аммо дар ин ҷо фиребн дигар хӯрдан мумкин аст, ки пушти ҳам овардани калимаҳои зебо, хушоҳанг ва як андоза паси парда ва мавҳумона сухан гуфтанро, ки ҳадафи маънавии асил ва амиқ надошта, ҷуз хаёлбофиҳои бемазмун чизе нест, шеър пиндоранд.

Шеъри сафед ва нав аз шеъри суннатӣ на фақат бо воситаҳои муайянкунандаи жанр – вазну қофия тафовут дорад, балки пеш аз ҳама бо маънии нав, нигоҳи хоси шоиронаи худ фарқ мекунад, ки он боиси услуби тозаи нигориш мешавад. Ҳарчанд ин гуна шеър ҳоло дар адабиёти мо бисёр нест, аммо аз он намунаҳое, ки дорем, махсусиятҳои шаклию маънавии онро иҷмолӣ бошад ҳам нишон додан мумкин аст. Ин ҷо маънии нав, нигоҳи хос, услуби тоза зикр шуд. Инро дар яке аз шеърҳои Гулназар, ки иқтибос шуд, мушоҳида мекунем:

*Эй офтоб, эй муаззини сафедриш,*
*Ту аз манораи кӯҳҳои Помир*
*Бархон азони рӯшноӣ,*
*То саф кашем бо дили рӯшан*
*Бо хутбаи вафою ошноӣ...*

Шоир аз Офтоб, ки дар шеъри мо рамзи гармӣ, муҳаббат, бахту саодат, рӯшноӣ ва монанди инҳост, маънии тозае кашф мекунад, ки дар ин шеър ба вафою ошноӣ хондани он аст. Офтобро ӯ ба муаззини сафедриш ташбеҳ мекунад ва аз муаззин ҳам маънии тоза бардошта, онро гӯяндаи азони рӯшноӣ ва хонандаи хутбаи вафою ошноӣ мебинад, ки нигоҳи хос аст.

Офтобро муаззин, кӯҳҳоро манора, азонро даъваткунандаи рӯшноии ошноӣ нигоштан аз тозагии назар дарак медиҳад. Ин пора аз шеъри суннатӣ фарқи куллӣ дошта, ба арӯзи суннатӣ

мувофиқат накунад ҳам аз арӯз ба куллӣ хориҷ нест ва дар асоси вазни музореи мусаммани садр ва ибтидо – ахраб, арӯз ва зарб – маҳзуф, ҳашвайн – макфуф, ки афоилу тафоилаш чунин аст:

*Мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун*
*— — V — V — VV — — V — V —*

навишта шудааст. Шоир дар ҳар ҷо ки зарур медонад, тақтеъҳоро дигаргун, дарозу кӯтоҳ месозад, ҷой иваз мекунонад, вале тақтеи аввалро нигоҳ медорад. Аммо дар асоси ягон вазни арӯз гуфтани шеъри сафед қоида нест, балки истисност. Аксари он аз қоидаи арӯз хориҷ аст.

Муҳимтарин хусусияти шеъри сафед маъно ва нигоҳу сухани тозаи он аст. Масалан, дар мисраи Гулрухсор рӯзгори шоиронаи ӯ чун зани тоҷик хеле марғуб ифода мешавад: «Деги сиёҳ мешӯяму шеъри сафед мегӯям». Сурати деги сиёҳ дар ин ҷо сермаъност ва онро ҳар кас аз рӯи завқу салиқа ва таҷрибаи зиндагиаш дарк мекунад.

Дар шеъри сафед бо сурат (образ) сухан гуфтан, тасвиркорӣ мавқеи бузург дорад, фикр дар он суратнок ифода мешавад, шайъ ҳам зикр шавад, аз худ амали суратноке зоҳир мекунад.

Рукни дигари шеъри сафед ҳисомезист. Ҳисомезӣ, яъне ба ҷои ҳам омадани ҳисҳои чаҳоргонаи инсон, ба ҳам омехтани онон аст, аз ҷумлаи шунидани бӯ, садои ранг, сурати овоз, ки дар шеъри ҳазорсолаи форсӣ собиқа дошта, дар сабки ҳиндӣ ба яке аз хусусиятҳои муҳим мубаддал гашта буд. Мисоле аз Бедил:

*Бар ҳар гуле дамидаст афсуни орзуе,*
*Бӯи шикастарангӣ, ранги шикастабӯӣ.*

Ҳоло ин равияи ҳисомезӣ дар шеъри нави ҷаҳонӣ - фарангӣ, инглисӣ, амрикоӣ ва дигар халқҳоривоҷ дорад, ки шеъри муосири форсӣ низ истисно нест. Муҳаққиқони шеъри имрӯзаи Эрон, аз ҷумла, Шафеии Кадканӣ қайд мекунад, киривоҷи дубораи ҳисомезӣ дар шеъри Эрон аз таъсири шеъри нави фарангист, ки дар эҷодиёти Сӯҳроби Сипеҳрӣ аз ҳама бештар ҳувайдост. (Ниг. Дуктур Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Шоири оинаҳо. Теҳрон, 1362, саҳ. 44).

Дар асари иртиботи бештари фарҳангӣ дар миёни Эрону Тоҷикистон шуарои мо ба эҷодиёти шоирони имрӯзаи Эрон, аз ҷумла, ба ононе ки шеъри нав, шеъри мансур мегӯянд, Аҳмади Шомлу, Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва дигарон бештар ошноӣ пайдо карданд ва таҷрибаи ин навпардозон шоирони моро, ки ниёзи тозагӯиҳоро эҳсос мекарданд, такон дод. Ба замми ин, ба назари ман, ба нашр расидани осори шуарои классикии мо, махсусан, Мавлавӣ ва Бедил ба ҳуруфи сириллӣ, ки дар дастраси шоирон қарор гирифт, дарёи паҳновари шеърро вокушод ва барои ҷустуҷӯҳои ҷуръатмандонаи маънавӣ ва шаклию услубӣ қудрат бахшид. Зеро қудрат қудрат меофаринад ва дарёфти қудрати онон ба шуаро ҷасорати адабӣ эҳдо кард.

Шеъри мансур, ки дар эҷодиёти шуарои насли ҷавонтари мо мақом пайдо мекунад, аввалан, аз ниёзҳои дарунии онон сар мезанад, ки мехоҳанд шеърро аз кӯҳнагӣ, якнавохтӣ раҳо кунанд ва, баъдан, онон дар амалияи ин кор аз таҷрибаи шеъри муосири Эрон истифода мебаранд.

Маърифати фарохи шеър он аст, ки мо ин равияи тозаро, ки оғоз мешавад, ҳарчанд баъзе ҷиҳатҳои он мақбули мо набошад, саркӯб накунем, имкон диҳем, ки рушд кунад ва аз нуқсон озод шавад, зеро дар ин гуна муддати кӯтоҳ, бист-сӣ ё чиҳил – панҷоҳ сол, ба дараҷаи камол расидани навъи шеъре сахт душвор аст. Агар мо муҳаббат ба ғазал дошта, онро чун шакли комил ва дилнишини бадеӣ ба шеъри мансур ё нав муқобил гузошта, бартарии ғазалро собит кардани бошем, бояд фаромӯш накунем, ки ғазал таърихи чандинасра дорад ва роҳи дарози

таҷрибаро тай кардааст. Ғазал то он ки дар дасти хоҷаи Ҳофиз ба дараҷаи олии такомули худ расад, роҳи панҷсадсоларо гузашт ва барои он ки сифати тозаи дигареро пайдо кунад, боз панҷсад соли дигар зарур шуд, ки Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба дунё ояд. Навъҳои дигари шеъри классик низ ҳамин гуна таърихи тӯлонии камолот доранд. Бинобар ин, бо назардошти ин роҳи дароз ва бардавоми такомул ба шаклҳои тоза, ки зоҳир мешаванд, сабру таҳаммул бояд кард, то онҳо низ комил шаванд.

Шеъри нав ва мансур ҳам замони такомул ва ҳам Ҳофизу Иқболи худро мехоҳад.

Ҳоло даврони таваллуд ва туфулияти шеъри наву мансур аст, аз ин рӯ, хандаву гиряи кӯдаконаи он, хоҳ дар Эрон ва хоҳ дар Афғонистону Тоҷикистон ба ҳамдигар монанд аст. Бинобар ин, вақте ман мехонам, ки Сӯҳроби Сипеҳрӣ навишта «ҳарфҳоям, мисли як тикка чаман равшан буд» ва Камол Насрулло навишта, ки:

*Рӯшноӣ мерехт*
*Шабҳо аз лабони модарам*
*Даме ки суруд мехонд. –*

ин монандиро ҳосили як ҷустуҷӯ дармеёбам.

Ё манзумаи «Садои пои об»-и Сӯҳробро мехонам ва оҳанги онро дар Абулқодири Раҳим шоири ҷавони тоҷик, масалан, дар шеърҳои «Ошноӣ», «Ашк», «Гиря»-и ӯ мешавам.

*Аҳли Кошонам,*
*Рӯзгорам бад нест.*
*Тикка ноне дорам, хурда ҳуше, сари нохун завқе.*

*... Ман мусулмонам,*
*Қиблаам як гули сурх.*
*Ҷонамозам чашма, мӯҳрам нур*
*Дашт саҷҷодаи ман. –*

менависад С. Сипеҳрӣ ва дар шеърҳои «Ошноӣ», «Ашк»-и А. Раҳим мехонам:

*Ниманоне дорам*
*Ва худое, ки ба як нон ба ҷаҳон овардам.*
(«Ошноӣ»)
*Достоне ба дарозии раҳи ашк метавонад марост,*
*Ҷонамозам сари як санг шудаст.*
*Падарам фотеҳаро паст бихонад ба дили шаб,*
*Ки мабодо зи садои пое*
*Тарс рӯяд ва яке таб*
*В-аз дили таб бирасад гумшуда фарзанд*
*ба овои «Падар»!*
(«Ашк»)

Шубҳае нест, ки дар ин ҳолат сухан аз монандии калимоту мисраъҳо набуда, сухан аз сарчашма, аз тариқи дарки ашё ва услуби нигориш аст, ки аз шеваи С. Сипеҳрӣ об хӯрдааст.

Дар яке аз шеърҳои пурэҳсос ва тароватноки Гулназар, «Зи кӣ пурсам?», ки ташбеҳу истиораҳои ҷозиб, сухани зинда ва сабзе дорад, чунин пора ҳаст.

*Қасам ба нағмаи ройгони чир-чиракҳои айвонам,*
*Ки гармии нафасам*
*Барои ғунчаҳои пасини боғ ройгон аст.*
*Қасам ба нармии офтобии нахи мизон,*
*Ки ҷойгоҳаш дар сари мижгони ман худодод аст.*

Вақте ман ба ройгонии нағмаи чир-чиракҳо ва ба шоир, ки гармии нафасашро ба ғунчаҳои паси боғ ба ройгон мебахшад, меандешам, хаёлам ба С. Сипеҳрӣ боз ба ҳамон «Садои пои об» меравад, ки мегӯяд:

*Ман надидам ду санавбарро бо ҳам душман.*
*Ман надидам беде, сояашро бифурӯшад ба замин,*
*Ройгон мебахшад, норван шохаи худро ба калоғ.*

Ман бар ин ду пора меандешам ва мебинам, ки дар пораи С. Сипеҳрӣ шоир аз амали бед ва норван, ки яке худро ба замин ва дигаре шохаи худро ба калоғ ройгон медиҳад, аз ҳамчун як кори табиӣ, бе ҳеҷ ситоишу қасам хӯрдан сухан мегӯяд, ки ҳикмат дорад. Ин касро ба дасткушодӣ, хайрандешӣ, бе тамаъ будан ташвиқ мекунад ва ташвиқаш бе насиҳат ва бе ташдид, балки табиӣ ва ба воситаи тасвир аст.

Вале вақте ман ба шоир Гулназар меандешам, ки ӯ нағмаи чир-чиракҳои айвонашро шунида, гӯё иборат мегирад ва ба ин нағма ва нахи мизон, ки ҷояш дар сари мижгони ӯ худодод аст, қасам мехӯрад, ки гармии нафасашро ба ғунчаҳои паси боғ ройгон мебахшад, ман ба ҳиммати шоир меандешам, ки чаро бед ва норвани С. Сипеҳрӣ ҳамин корро бе ҳеҷ қасаму таъкид мекунад, вале дар шеъри Гулназар – қаҳрамони лирикӣ, ки худи шоир аст, аз ин кор ба таъкид сухан мегӯяд ва гӯё мунтазир аст, ки шукргузори ӯ бошанд. С. Сипеҳрӣ ин корро на ба худ, балки ба беду норван нисбат дода, таъкиди хидмати объект (беду норван)-ро боз ҳам нонамоёнтар, ночизтар мекунад, ки ҳикматаш амиқтар шавад, яъне ҳамин дарахтоне, ки боровар нестанд ва эътибори баланд, масалан, монанди хурмо, себ, бодом надоранд, агар ин гуна бетамаъ некӣ кунанд, пас аз дарахтони дигар чӣ хайрҳои бузурги беғаразро чашмдор бояд буд. Пас, инсон, ки мӯътабартарин мавҷуди табиат аст, ба чӣ ҳиммати азиме қодир бояд бошад. Мутаассифона, ғайри чашмдошти Гулназар, шахси ӯ дар шеър ба дигар сурат ҷилвагар мешавад, ки ин натиҷаи таъсирбардории нодуруст аз С. Сипехрист. Эҳтимол, ман хеле борик рафта бошам, аммо чӣ метавон кард, ки ҳунари шоир дар борикресист ва ноқид ҳам дар борикравист. Давоми ин пора маҷозу истиораҳои тоза дорад, ки ягонагии инсонро бо табиат мусаввирона ба қалам медиҳад, ҳарчанд ба назари ман чунин мерасад, ки дар байни чашма ва санги хора суханҳое овардан мумкин буд, ки таносубашон қавитар бошад.

*Манам адои пофишории духтаронаи чашма,*
*Ки панди ҳамраҳӣ медиҳад ба санги хораи бедил.*
*Манам фидои ормони сабзаи поиз,*
*Ки бӯи баҳорро чун умеди баҳор зинда медорад.*
*Сухан, ки обастани рӯиши донаҳои гандум аст,*
*Замони киштукори ман фаро омад.*

Аз ин рӯ, вақте ки ман ин гуна монандиҳоро дар ҷустуҷӯҳои адабии шуарои Эрон ва Тоҷикистон мебинам, тифле ба назарам меояд, ки ҳоло замони чаҳорпояравиашро ба сар

мебарад ва рӯзгоре мерасад, ки бар пои худ меистад, аз роҳи худ ва ба шеваи худ меравад. Ӯро аз пой набояд зад, то марди роҳ шавад.

Ин гуна ҳамоҳангиҳо на фақат дар ашъори мансуру нав, балки дар шеърҳои суннатӣ ҳам ба чашм мехӯранд, ки агар дар навиштаҳои шоирони камқудрат бӯи тақлид диҳанд, дар ашъори шуарои тавонманд натиҷаи авзои баҳаммонанди иҷтимоӣ ва рӯҳониро тааммул кардан аст. Ва агар ин тааммул шоирона ва амиқан шахсист, шеър тақлид нахоҳад шуд.

Шеъри суннатиро, махсусан, қасида, мухаммас, ғазал, рубоию дубайтиро тоза гуфтан, ба назари шахсии ман, сахт мушкил аст, зеро аксаран қувваи суннат бар қудрати навгӯӣ ғолиб меояд ва шоирро мағлуб мекунад. Шоир эҳтимол шеърашро бе душворӣ мегӯяд, вале дарнамеёбад, ки қувваи суннат ӯро ноогоҳ аз по дарафтонидааст.

Бинобар ин, дар аксари ашъори суннатӣ – қасида, мухаммас, ғазал, рубоию дубайтӣ шоирони мо пирӯз нестанд ва дар байни ин ашъор мисраъҳои тозаи шоирона аҳён - аҳён пайдо мешаванд ва аксар такроранду забонзад, тақлиданду нодилфиреб.

Бо вуҷуди ин, бо гуноҳи аз по дарафтодагии шоир намешавад, ки ба шаклҳои суннатӣ имкони зиндагӣ ва шояд аз нав зинда, эҳё ва дигаргун шудан надиҳем. Агар шоир бар шакл пирӯз нест, ин нуқси шоир аст, на гуноҳи шакл ва агар дар сад сол ҳам, масалан, як ғазали олӣ пайдо шавад, ин бурҳони он аст, ки ғазал ҳанӯз қобили зиндагист ва шоири худро мехоҳад. Баҳси суннатгароён ва тозасароён дароз аст ва банда ба он дода нашуда, ҳамин қадар ёд меорам, ки дар садаи бистуми шеъри форсию тоҷикӣ вуҷуди шоироне чун Лоҳутӣ, Шаҳриёр, Симини Беҳбаҳонӣ ва чанди дигар ки ғазалҳои олӣ гуфтанд ва мегӯянд, исботи он аст, ки қолаби суннатӣ метавонад мазмуни тоза пайдо кунад.

Дар даҳаи охири асри бист шуарои тоҷик, аз ҷумла, М. Қаноат, Лоиқ, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб, Низом Қосим, У. Раҷаб, Салимшо Ҳалимшо, Ҷ. Каримзода, Ашӯр Сафар, Н. Ниёзӣ, С. Маъмур. М. Ғоиб, Ҳ. Шанбезода, Норинисо ба анвои суннатии шеър – қасидаву ғазал, рубоию дубайтӣ нисбат ба дигарон бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ба баъзеи ин шуаро саропо тоза гуфтани шеъри суннатӣ, масалан, ғазал муяссар шавад, баъзеи дигар дар як ғазал, байте ё мисрае тоза доранд, ки ин ҳам дастовард аст, вале дар аксари ин ашъор шуаро ба ин гуна дастовард ҳам ноил намешаванд. Аммо ақидаи банда ин аст, ки аз анвои бадеии суннатӣ махсусан, ғазал, ғазале, ки байтҳояш истиқлоли мазмун дорад, бештар ба дархости замони мо, ки замони тундрав ва динамик аст, созгор меояд, зеро дар як шеъри на чандон тӯлонӣ мазмунҳои гуногуне, ки ба ҳавои ягонаи таассурот фаро гирифта мешаванд, баён мегарданд ва ба талаботи гуногуни рӯҳонию маънавии инсон ҷавоб мегӯянд. Сабаби ба ин шакл рӯй овардани шуарои ғарб шояд дар ҳамин бошад, зеро дар як ғазале, ки байтҳояш аз ҷиҳати маънӣ соҳибистиқлоланд, мазмунҳои ошиқона, орифона, иҷтимоӣ, фалсафӣ, хулоса, ҳар мазмунеро, ки шоир мехоҳад бигӯяд, метавонад рақам бикунад. Ин шакли бисёр муносиб ва мӯъҷаз аст барои ифодаи мазмунҳои гуногун дар як шеър.

Дар радифи дастовардҳое, ки М. Қаноату Лоиқ, Гулназару Фарзона дар анвои шеъри суннатӣ – дар ғазалу рубоию дубайтӣ доранд, аз ин миён дар Лоиқу Гулназар мазмунҳои такрору забонзад ҳам ба назар мерасанд – шоирони дигар ҳам ҷо-ҷо байту мисраъҳои пурмаънои тоза ва рангин мегӯянд. Масалан, Салими Хатлонӣ фоҷиаи хунини ҷангҳои бародаркушро чунин ба дард ва суратнок менигорад:

*Ин баҳори хун, ин шаб, лола-лола мерӯям,*
*Аз ғами дарун, аз таб, нола-нола мемӯям.*

Дар ғазали шоири навқалам Баҳриддини Ҷӯё байти хотирнишине ҳаст, ки вазъи рӯзгор, махсусан, пойтахти моро шоирона баён мекунад:

*Бо амри тасодуф буд ё қудрати яздонӣ –*
*Гургони биёбонӣ гаштанд хиёбонӣ.*

Низом Қосим фоҷиаи маънавии насли имрӯзаро, ки беалоқагӣ ба иҷтимоъ ва тиҳидарунист, бо заҳрханда нишонрас мегӯяд:

*Хандаи гул зи мо намеояд,*
*Оҳи булбул зи мо намеояд.*
*Шиша гаштем аз шаробхӯрӣ,*
*Ғайри қул-қул зи мо намеояд.*

Дар ин байти С. Маъмур қиёси дирӯзу имрӯз бо истиораҳои парастую занбӯр, ки яке тимсоли оромишу осудагӣ ва дигаре дарду шӯру ғавғост, тасвиркорона нигошта шудааст:

*Дӣ гар ба кунҷи айвон буд лонаи парасту,*
*Имрӯз дар паси дар занбӯр лона дорад.*

Аммо аксари ғазалҳои дигар тақлидиянд, асар аз дарди дили шоири замон надоранд, маънию тасвирҳо, маҷозу истиора, ташбеҳу талмеҳҳои шуарои гузаштаро такрор мекунанд ва бар иллати забонзадӣ ва беалоқагӣ бар рӯзгор дар дилу рӯҳи мо таъсир намегузоранд. Аз анбӯҳи ин гуна ғазалҳо танҳо ду-се мисол меорам, ки ин дарди умумро вонамоям.

*Ёри шаккарлаби ман, хандаи ту бас бошад,*
*Ки ба бозори ҷаҳон нархи шакар паст шавад.*

Вақте ин байтро мехонем садҳо байт аз шуарои гузашта ба хотир мерасад, аз ҷумла, Мавлои Рум мегӯяд: «Хабарат ҳаст, ки дар Миср шакар арзон шуд» ё «Ба шакарханда, буто, нархи шакар мешиканӣ» ва ё Хоҷу мегӯяд:

*Агар моҳи ман писта хандон кунад,*
*Ба тунги шакар шаккар арзон кунад. –*

ва ғайра ва ғайра. Масалан, то ҳол шуарои мо тимсолҳои Лайлию Маҷнунро ба ҳамон мазмуне, ки садҳо сол истифода шуда, таъсири нахустини худро аз даст додаанд, ба кор мебаранд.

*Нест тӯфоне, ки Ҷайҳунам кунад,*
*Нест Лайлое, ки Маҷнунам кунад. –*

менависад шоир Гулназар, ки яке аз раҳнавардони шеъри нав аст. Пас аз ин хулоса кардан мумкин аст, агар шоире, ки ҷиддан ва амалан мехоҳад таркибу услуби шеърашро тоза кунад, аз роҳи такрор рафта, дар ҳалқаи тимсолҳои кӯҳна мемонда бошад, пас шоироне, ки бештар суннатгаро ҳастанд, то чӣ андоза сахт дар банд ва дар зери таъсири суннатҳои қолабӣ ҳастанд. Ин побандиро мо дар ашъори бисёре аз шуаро мебинем. Ҳол он ки кайҳо дар асрҳои гузашта шуаро афсурдагии образҳои анъанавиро эҳсос карда буданд ва агар аз онҳо истифода кунанд, мекӯшиданд, ки ба онҳо мазмуни тоза диҳанд, онҳоро паҳлу гардонда, ҷилваи наве бахшанд.

Зеро, масалан, аз ишқи Лайлӣ овораи дашту ҳомун шудани Маҷнун дигар ҳеҷ тозагӣ ва таъсир надорад. Аз ин рӯ, Махфӣ дар ин байт ба ин образ аз даричаи дигаре менигарад ва ба гирифторони савдо фарқ надоштани маҳалли буданро таъкид карда, ба азалияти ин ишқ ишора мекунад:

*Бесабаб Маҷнун ватан дар гӯшаи вайрон надошт,*
*Бар гирифторон фазои хонаву берун якест.*

Ва ё Туғрал дар асри XX ба иғроқ сухан гуфта, худро дар ишқ аз Маҷнун ҳазор баробар фидоитар мебинад, ки дар ин ҳам кӯшиши паҳлу гардонидани тимсоли Маҷнун ҳаст:

*Агар дар хоб медидам баногоҳ талъати Лайлӣ,*
*Ҳазор анҷоми Маҷнунро ба як оғоз мекардам.*

Аз ин рӯ, дар баробари ҷустуҷӯҳо, ки шуарои гузашта доштанд, имрӯз он тимсолҳо, аз ҷумла, Лайлию Маҷнунро ба ҳамон мазмуни кӯҳнаашон ба кор бурдан чизи тозае нагуфтан аст, ки дар ин байт аст:

*Ғами ту оқибат аз шаҳр берун мекунад моро,*
*Чу Маҷнун раҳнамуни дашту ҳомун мекунад моро.*
(Бобо Ҳоҷӣ)

Алҳол сухан аз шеърест, ки маҷозу истиора, яъне тасвир дорад, вале сурату мазмунаш обшустааст, аммо ғазалҳое низ фаровонанд, ки ақаллан ҳамин гуна сурати обшуста ҳам надошта, танҳо гапи урён ҳастанд:

*Дар забони ман каломи зиндагӣ,*
*Дар дилам ҷӯшу мароми зиндагӣ.*
*Дар сарам фикру хаёли зиндагист,*
*Нестам аммо ғуломи зиндагӣ!*
*Дар миёни обу оташ пухтаам,*
*Ман набошам марди хоми зиндагӣ. –*

ва ба ҳамин монанд гапҳои дигар, ки, мутаассифона, дар ғазали шуарои дигар низ фаровонанд.

Боиси таассуфи боз ҳам сахттар он аст, ки гапҳои урён ва пучу холӣ на фақат шаклҳои суннатӣ, балки наъвҳои ғайрисуннатиро ҳам пур кардаанд, ҳол он ки сухани тозаву суратнок тақозои шаклҳои ғайрисуннатӣ буда, моҳияти онон дар ҳамин зоҳир мешавад. Ин пораҳо чӣ аломате аз шеър доранд?

*Ҷасорат мактаби олӣ надорад,*
*Ҷасорат нест тобеи назорат.*
*Назоратро намехоҳад ҷасорат,*
*Ҷасоратро ҳамекоҳад назорат.*
*Ҷасоратро наёмӯзад китобе,*
*Намеёбӣ варо аз ҳеҷ дӯкон.*
*Намегӯям ҷасорат моли қимат,*
*Намегӯям ҷасорат моли арзон.*

Мутаассифона, дар ин мисраъҳо як сухани шоирона нест, ки онро шеър номем, баръакс гапҳои илҳоқие, ки ба ҳамдигар иртиботе надошта, барои кушодани моҳияти шоиронаи ҷасорат ҳеҷ дахле надоранд, пушти ҳам оварда шудаанд ва ин пораро ғайри чашмдошти шоир на ба шеъри ҷиддӣ, ки Зулфия Атоӣ ба Бозор Собир бахшидааст, балки ба нақиза монанд кардаанд. Вагарна чӣ тавр ҷиддӣ мешавад, гуфт, ки ҷасоратро аз ҳеҷ дӯкон намеёбӣ, ҷасорат моли қимат ҳам нест, ҷасорат моли арзон ҳам нест ва ба ҳамин услуб гапҳо, ки шеваи нақизагӯист.

Вакте ки ман аз шеъре пора, байт, мисраи диловезеро мехонам, бовар пайдо мекунам, ки шоири он қудрате дорад, ки ин гуна хуб гӯяд, пас чаро ӯ ба худ иҷоза медиҳад, ки аз зинаи фаро рафтааш на болотар равад, балки пасттар фурояд. Албатта, мо ҳама медонем, ки ҳамеша шеъри олӣ гуфтан сахт душвор аст, дар байни арзан курмак ҳам мешавад, аммо шоир ки дар шеъре ба сатҳи зарурии такомул мерасад, аз он минбаъд паст набояд равад.

Масалан, дар яке аз ғазалҳои У. Раҷаб байти самимонае ҳаст:

*Хушк буд чашми сарам, чашмаи обаш карданд,*
*Ҳар чӣ ободии дил буд, харобаш карданд. –*

дар баробари ин байтҳои такрору ташбеҳоти афсурда, баёни нодилфиреби мазмунҳоеро мехонем, ки онро гузаштагон хеле дилнишину зебо гуфтаанд:

*Рост гуфтам, ростгӯиро заволе ҳеҷ нест,*
*Ҷону дилро ростӣ бидҳад сафо дар ин макон. –*

менависад У. Раҷаб ва ба ёди мо ин байти машҳури олӣ, бо ирсоли масали устодонааш мерасад:

*Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,*
*Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад.*

Мутаассифона, ин гуна нуқс на фақат дар ду-се шоире ҳаст, ки ин ҷо аз навиштаҳояшон интиқод кардем, балки онро бисёри дигарон ҳам доранд, ки банда аз рӯи мақоли мушт намунаи хирвор амал карда, суханро дар ин бора ба дарозо намекашам, вале таъкид мекунам, ки ҳарф на аз нуқси ҷузъӣ, балки аз равияи нодурусте меравад, ки мазмунҳои шоиронаи гузаштагонро имрӯз ба такрор, вале ношоирона бозгӯ мекунем ва ё гапҳои урёну берӯҳу равонро шеър мепиндорем. Дар ин гуна шеърҳо ҳамон фиребхӯрдагии шоир аз шакли суннатӣ ҷой дорад, ки банда пештар аз он суҳбат карда будам. Шеър, яъне зодаи ҳунар набудани ин гуна сатрҳоро бо ду қиёс мехоҳам дақиқтар собит кунам. Агар касе бо даъвои рақсидан ба саҳна боло шавад ва бе ҳеҷ гуна дастафшонию пойафшонии мавзуну зебо, ки дилу ҷонҳоро ба шӯру қиём оварад, фақат ин тарафу он тараф роҳ гардад, ракс, яъне ҳунар нахоҳад кард. Ва ё варзишгаре масофаи 100 метрро на дар тӯли 9 – 10 сония, балки дар ду-се дақиқа расад, ҳеҷ гуна ҳунар, дастбурде нахоҳад дошт. Барои шоир бо вазну қофия сухан гуфтан ҳамон роҳгардии оддӣ бояд бошад, ки ҳар як инсони солим метавонад, ин ҷо ҳунаре нест. Шеър дар зинаҳои хеле баландтар аз вазну қофия ҷой дорад.

Вале ҷои таассуф аст, ки шуарои мо дар ҳамин зинаҳои поини вазну қофия ҳам пеши по мехӯранд ва на танҳо ҷавонон, балки устодон ҳам. Сабабаш маълум аст, аммо он наметавонад боиси худсафедкунӣ бошад. Дар натиҷаи канда шудан аз хати ниёгон шуарои имрӯзаи мо ба асарҳои арӯзиёни қадим ошно нестанд, илми арӯзро хуб намедонанд ва танҳо савқи табииашон

кифоят намекунад, ки вазнҳои мураккаби арӯзиро ба дурустӣ дарёбанд. Бинобар, ҳамин ки аз вазнҳои оддию маъмули ҳазаҷу рамалу раҷаз ва ё мафоилуну фоилотуну мустафъилун берун меравbooк, ба хатоҳои фоҳиш роҳ медиҳанд. Аммо агар савқи табиӣ барои шинохти авзони мураккаби арӯзӣ кифоят накунад, илмашро бояд омӯхт.

Мутаассифона, дар эҷодиёти аксарияти шуарои имрӯзаи мо аз авзони хеле гуногуни арӯзӣ фақат 10-12 вазн истифода мешаваду бас, ҳол он ки махсусан, ба шоири ғиноӣ, ки авзои мухталифи рӯҳиро ба қалам мекашад, донистан ва ба кор андохтани вазнҳои гуногун зарур аст, то ашъораш аз назари зарбу оҳанг якнавохту дилбазан набошад.

Шоирони бузург ин маъниро хуб дарёфтаанд, масалан, дар девони Шамси Табрезӣ бештар аз 60 вазни арӯз истифода шудааст.

Баҳси вазн дар шеър дуру дароз аст, банда ба он машғул нашуда, чанд нуктаи муҳимро хулосатан баён мекунам, ки ба таҷрибаи шеъри имрӯзаи мо ва махсусан, ба ин чаҳор панҷ соле, ки зери назари мост, сахт алоқаманд аст.

Шоири форсигӯ авзони суннатии арӯзро бояд фаро гирифта бошад. Ин гӯё нуктаи бебаҳс аст, аммо вақтҳои охир садоҳое низ ба гӯш мерасанд, ки дар замони озодиҳо, қолабшиканиҳои адабӣ ва гуфтани ашъори мансур, шеъри хориҷ аз вазну қофия донистани ин ду чиз зарур набошад ва боз махсусан, ки ҳатто донишмандони бостонӣ чун Шамс Қайси Розӣ шеърро бе вазну қофия ҳам шинохтаанд. Бале, онҳо шеърро бевазну қофия шинохтаанд, аммо нагуфтаанд, касеро ки вазну қофияро намедонад, шоир мешиносанд. Шоирони машҳури форсигӯ, аз ҷумла, Нимои Юшиҷ, Аҳмади Шомлу ва чанди дигар, ки дар гуфтани шеъри арӯзи озод ва мансур чирадастанд, на аз надониста канор андохтани вазну қофияи суннатӣ, балки аз фаро гирифта фаро рафтан ба дастовардҳои бадеӣ ноил шуда, шеъри тоза бунёд карданд, ки дар кори шуарои тоҷик низ дарси таҷриба бояд бошад.

Имрӯз шоироне ки шеъри арӯзи озод мегӯянд, аз каму зиёд овардани пораҳои тараннумӣ, тақтеъҳо, пештар рафта, онҳоро дарозу кӯтоҳ карда, ба худ бештар озодӣ медиҳанд, ки дар натиҷа як вазн дар ҳар шеър сурати махсуси ба он шеър вобастаро мегирад. Ҳоло мақсади банда таҳлили ин равия нест, аммо таъкиди он аст, шоир, ҳамин ки дар як шеър вазнеро интихоб ва онро асоси вазни шеър муқаррар мекунад, ҳангоми гуфтани мисраи аз назари вазн комили он хато набояд кунад. Масалан, яке аз вазнҳои маъмулии арӯзи суннатӣ – музореи мусаммани садр ва ибтидо ахраб, арӯз ва зарб – маҳзуф, ҳашвайн – макфуф мебошад, ки афоилу тафоилаш ба ин зайл аст:

*— — V — V — V V — — V — V —*
*Мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун*

*Соқӣ, ба нури бода барафрӯз ҷоми мо,*
*Мутриб, бигӯ, ки кори ҷаҳон шуд ба коми мо.*

Ин вазн дар шеъри суннатӣ ва арӯзи озод хеле фаровон истифода мешавад, агар дар асоси вазни шеър муқаррар гашт, шоир дар каму зиёд овардани тақтеъҳо, дарозу кӯтоҳ кардани онҳо ба худ ихтиёр медиҳад, аммо вақте ки мисраъҳои комил мегӯяд, дар ҳамин вазни асосӣ набояд ба хато роҳ диҳад. Ва агар шеър дар арӯзи суннатист, ҷои сухан нест, ки он дар саросари шеър бояд саҳеҳ бошад.

Мутаассифона, дар аксари ашъори суннатӣ ва наве, ки шуарои имрӯзаи мо дар ин вазн гуфтаанд, дар ҳиҷои ҳаштум, ки кӯтоҳ аст, ҳиҷои дароз оварда, вазнро хароб кардаанд. Ман фақат ду-се мисол аз устодон меорам.

Яке аз ғазалҳои охири М. Қаноат «Як мурғи хушпаём дар ин ошён намонд», ки қаблан зикраш рафт, дар ҳамин вазн гуфта шуда, аз шаш байт иборат аст, ки дар се мисрааш вазн хатост. Аввал хатои машҳурро меорам, ки қариб ҳама мекунанд:

*Ҳар шаб дуой мебарам то водии талаб –*

дар ин ҷо дар калимаи «мебарам» дар ҳиҷои охир, ки кӯтоҳ бояд бошад, ҳарфи «м» дар вазн намеғунҷад. Ман ин хаторо дар аксари шеърҳое, ки шуарои мо қаблан ва низ дар ин чаҳор – панҷ соли охир дар ин вазн навиштаанд, дидам, аз ҷумла дар шеърҳои Лоиқ, Қутбӣ Кином, Гулназар, Гулрухсор, С. Маъмур, Доро Наҷот, У. Раҷаб ва дигарон. Ин хато қариб аст, ки хатои оми шоирони тоҷик шавад, аммо дар шеъри шуарои Эрону Афғонистон ба ин хато дучор намеоем. Дар мисраъҳои:

*Мо кач хиромидему раҳи ростон намонд. –*

дар калимаи «хиромидему» ҳиҷои сеюм, ки «мӣ» аст, ёт дорад ва дароз аст, ки ба хато ба ҷои кӯтоҳ оварда шудааст.

Дар мисраи:

*Гирдоби хун дар дили мо давр мезанад. –*

Калимаи «хун» кашида, ба ҷои яку ним ҳиҷо оварда шудааст, ки дуруст нест, зеро ҳарфи «н» маъмулан кашида намешавад ва «хун» як ҳиҷои дароз аст, на якуним ҳиҷо.

Ду ғазали дигари М. Қаноат дар вазни муҷтаси мусаммани садр ибтидо ва ҳашвайн – махбун, арӯз ва зарб – маҳзуфи махбун мебошад, ки афоилу тафоилаш чунин аст.

*V — V —　　VV — —　　V — V —　　VV —*
*Мафоилун　фаилотун　мафоилун　фаилун*

Ин аст байти матлаи ғазали аввали М. Қаноат:

*Ба сӯи колбади деҳаҳо салом биё,*
*Ба хонаҳои даҳанвои мо калом биё.*

Вале мисраи сеюм:

*Деворҳо ба сӯи само лоба мекунанд.*
аст, ки тамоман дар вазни дигар – музореи мусамман аст, ки ғазали пешин буд ва мисраи ҳафтум

*Арвоҳи мо гадои фотеҳа бошанд кӯ ба кӯ –*

мебошад, ки дар ҳеҷ вазне нест. Дар ғазали дигари М. Қаноат, ки бо мисраи:

*Ту лофи Ватан мезанӣ, тани ҷудои ман аст –*

оғоз мешавад ва иборат аз чаҳор байт аст, дар чаҳор мисраъ – якум, панҷум, ҳафтум ва ҳаштум вазн хароб аст.

М. Қаноат аз китоби нахустинаш «Шарора» то китоби охиринаш «Аз бесутун то кунун», ки соли 1993 дар «Адиб» нашр шудааст, қариб дар ҳар шеъре, ки дар ин ду вазн навишта бошад, масалан, «Баҳор ва ҳусн», «Обшор», «Ёд» ва ғайра хатоҳои дурушт кардааст.

Дар ашъори Гулрухсор ҳам харобиҳои вазн кам нестанд. Солҳои охир онҳо, мутаассифона, бештар ва дағалтар мешаванд. Масалан, дар силсилаи шеърҳои «Дар китоби бодҳои сард» шеъри аввал, ки ба мисраъҳои

*Дилам дигар барои ҳеҷ кас намесӯзад,*
*Ниҳоли сабзи танам,*
*Ба боғи пираҳанам*
*Зи ёди дастмоли ҳеҷ кас намеларзад.*

оғоз мешавад, вазн дарҳам барҳам аст. Ҳамчунонки мебинед, мисраи аввал ва мисраъҳои дуюму сеюм дар вазнҳои гуногунанд. Дар саропои шеър ин омехтакорӣ ҳаст ва аз чаҳор мисраи комили он, ки, аз ҷумла

*Низову фаҳшу риёе ниҳон нахоҳад монд*
ё
*Ба гӯри қотили худ машъале нахоҳад сӯхт –*
ҳастанд, дармеёбем, ки ин ҳамон вазни муҷтаси мусаммани садр, ибтидо ва ҳашвайн – махбун, арӯз ва зарб – маҳзуфи махбун мебошад, ки шакли комили афоилу тафоилаш: Мафоилун фаилотун мафоилун фаилун ё фаълун аст. Дар шеъри «Одамшинос нестам, ман гулшиносам!» чандин вазн ба ҳам омехта, баъзе мисраъҳо умуман аз вазн берун ҳастанд, ки кас ба сарҳисобаш намеравад.

*Дар ҳарами гуноҳи ман нақши фаришта,*
*Дар чамани савоби ман марзи накишта.*

Муфтаилун мафоилун муфтаилун фаъ

*Хоки маро кӯзагари кӯзашикаста,*
*Аз аламу аз ситаму ҳарза сиришта.*

Муфтаилун муфтаилун муфтаилун фаъ

*Бори ҳазор медиҳад санг тамосам,*

Муфтаилун мафоилун муфтаилун фаъ

*Одамшинос нестам – ман Гулшиносам!*

Мустафъилун мафоилун мустафъилун фаъ

Дар шеъри «Барои несте, ки ҳаст» ва «Садри Зиё», ки дар ҳамон вазни музореъ аст, ки аз он суҳбат кардем, аммо дар онҳо ҳиҷои ҳаштум ки кӯтоҳ аст, дароз оварда шудааст.

Дар мавриди вазни музореи мусаммани садр ва ибтидо – ақраб, арӯз ва зарб – маҳзуф, ҳашвайн – макфуф.

— — V   — V — V   V — — V   — V —

бояд қайд кард, ки дар баъзе шеърҳо ҳиҷои ҳаштум, ки кӯтоҳ аст, дар саросари шеър дароз оварда вазне ки дар арӯзи суннатӣ нест, ҳосил шудааст. Агар ин низом дар саросари шеър нигоҳ дошта шуда бошад, ҳарчанд ин гуна вазн нест, бенизомии вазнӣ пайдо намешавад ва зеҳни кас ба сакта барнамехӯрад.

Шеъри «Садбарги ёди ту»-и Гулрухсор дар ҳамин вазн гуфта шудааст:

*Аз ман гузаштаӣ,*
*Вале бигзашта нагзарад*
*Бо марги ёди ту,*
*Вале сабзааст дар ҳаё,*
*Садбарги ёди ту.*

Дар ин пора мисраъҳои шикаста ҳастанд, аммо асоси вазн ҳамон аст, ки гуфтам:
— — V — V — V  — — — V — V —

Агар онро, фарзан, бо порчаҳои тараннумӣ бигӯем: Мафъӯлу фоилоту мафъӯлоту фоилун мешавад ва ё барои хушоҳангтар шуданаш ва ҳам барои он ки мисраъро дар ҳиҷои ҳаштум бештар мешикананд, бо афоилҳои: Мустафъилун мафоилун мустаъфилун фаал андоза кунем, муносибтар мешавад. Боз таъкид мекунам, ки ин гуна вазн нест ва ман ин афоилҳоро аз баҳрҳои гуногун ихтиёран овардам, ки танҳо савтиёти вазнии мисраъро ҳосил кунам.

Агар шоир ин вазнро дар саросари шеър нигоҳ дорад, онро ҳамчун вазни тозае шояд қабул кард ва эрод нагирифт ва агар аз бехабарӣ ба ҳам омезад, яъне дар мисрае дар ҳиҷои ҳаштум дароз ораду дар мисраи дигар кӯтоҳ номақбул аст, зеро ин ба ҷуз надонистани вазн чизи дигаре нест.

Ин харобкориҳои дағали вазнӣ буд. Баъзе шуаро, ки, мутаассифона, алифбои ниёкон ва бо он алифбо тарзи дурусти навишти калимаҳоро намедонанд, дар вазн хато мекунанд. Аксаран дар истифодаи калимаҳое, ки бо ӣ – дароз, ки дар хати ниёкон бо «ёт» навишта мешаванд, хато карда, онро ба ҷои ҳиҷои кӯтоҳ меоранд ва ё баръакс, калимаҳоеро, ки ӣ – дароз, «ёт» надоранд ба ҷои дароз меоранд.

Масалан, як силсилаи шеъри Ашӯр Сафар «Мо кӯри худу бинои мардум» ном дорад, ки як шеъраш ҳам ба ҳамин ном аст. Дар худи ном хатои вазн ҳаст, зеро калимаи бино, бо «ёт» навишта мешавад, ки ба маънои биниш, дидан буда, ҳиҷои дароз аст, на кӯтоҳ, агар «бӣ» кӯтоҳ хонда шавад, дар он ҳолат «бино» сохтмон аст, на биниш.

Хатои дигаре ки низ бисёр воқеъ мешавад, ҳиҷоеро ки «ёт» надорад, ба ҷои дароз истифода кардан аст. Масалан, дар ин байти Лоиқ:

*Чу пушти панҷара, рафтӣ, яқин шуд,*
*Ки сими ту зи миси ман гарон аст. –*

калимаи «миси» ки «ёт» надорад ва ҳиҷои аввалаш кӯтоҳ аст, ба ҷои дароз оварда шудааст.

Қисми дигари хатоҳо аз надонистани фарқи калимаҳое сар мезананд, ки «у» - «вов» навишта мешаванду тарзи гуногуни талаффуз доранд, ё баъзеашон дар алифбои сириллӣ бо «у» навишта шаванд ҳам дар навиштани ниёкон «вов» надоранд. Масалан, калимаи «хуш», ки дар алифбои ниёкон вов дорад, у-яш кӯтоҳаст, аз ин рӯ, «хуш», ки ҳиҷои баста аст, як ҳиҷои дароз аст, аммо «дур», ки ин ҳам «вов» дорад, у-яш дароз аст, аз ин рӯ, «дур» якуним ҳиҷост. Бинобар ин дар ин шеъри Гулрухсор:

*Дунё ҳарами нур аст,*
*Хуршед гули сур аст.*
*Бар гушнаи адлу фазл,*
*Субҳонаи ман пур аст. –*

«пур» бо «сур», ки «вов» дорад, ҳамвазн нест ва қофия ҳам намешавад, яъне хато ҳам дар вазн аст ҳам дар қофия.

Ё масалан, дар байти К. Насрулло:

*Ашкҳое, ки ман аз дидаи худ мерезам,*
*Обҳоест, ки дар базми фараҳ хӯрдаам. –*

дар калимаи «хӯрдаам» ҳиҷои аввал, ҳарчанд «вов» дорад, аммо кашида намешавад, ки онро шоир ба хато кашида якуним ҳиҷо кардааст.

Ё дар ғазали Бобо Ҳоҷӣ «Шарм медорам»:

*Ман аз кирдори як тоифа мардум шарм медорам,*
*Ки худро кардаанд аз шарм маҳрум, шарм медорам.–*

калимаҳои маҳрум, маъдум, бум (яъне чуғз) у-и дароз доранд, ки якуним ҳиҷо буда, дар вазн ҷо надоранд. Ба ғайр аз ин дар калимаи тоифа ҳам «и» ҳиҷои кӯтоҳ аст, ки шоир ба он нодуруст зада гузошта, ба ҷои дароз овардааст.

Суханро дар ин бора мухтасар мекунам, зеро бовар дорам, ҳамаи мо хуб медонем, ки шеър бояд хурдтарин нукс ҳам надошта бошад, ҳол он ки харобии вазн айби хурд нест.

Ман аз нуқсҳои фаннии шеър, ки дар ин чаҳор – панҷ соли охир сахт ба чашм мехӯрданд, аз нуқси вазн махсус суҳбат кардам, вале, мутаассифона, шеъри мо дар услуб, асолат, балоғат ва таносуби сухан, захираи луғат, истифодаи санъатҳои маънавию лафзӣ низ норасоиҳо дорад, ки интиқоди онҳоро ба мавриди дигар вомегузорам.

Ашъоре, ки дар ин солҳо ба чоп расиданд, ба ман имкон доданд, ки дар бораи равандҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, тасвиргароёна ва ашъори суннатию навпардозона мухтасаран сухан гӯям. Агар ман гоҳо аз шуаро сахттар интиқод карда бошам, танҳо ба хотири муҳаббатест, ки ба шеърашон дорам ва агар ин нуқсонро имрӯз ман ва ё каси дигаре нагӯяд, ин чунин маъно надорад, ки он нуқсҳо нестанд ва имрӯз ё фардо касе аз он интиқод нахоҳад кард. Ҳар шеър, ки ба умеди мондагорӣ навишта мешавад, интиқод ва истиқболаш ҳам ҷовидонист. Пас, он беҳтар нест, ки мо имрӯз нуқсҳои худро ба ҳамдигар бинамоем, то фардо, ки агар девони мо ба ояндагон бимонад, беайб ва ё ақаллан камайбтар бошад. Ҳоло агар ба худамон интиқод кунанд, фардо ба рӯҳи мо интиқод хоҳанд кард, пас, оё хубтар нест, ки имрӯз худ ҳамдигарро интиқод кунем, то фардоиён рӯҳи моро истиқбол кунанд.

Агар мо ба савобу гуноҳи ҳамдигар нарасем, агар қатраи худро барои пок ба дарёи ҷовидони шеър расонидан ба ҳамдигар мадад накунем, чӣ кори савобтари дигаре карданамон мумкин аст.

Ҳамчунонки Мирзо Бедил мегӯяд:

*Дарёест қатрае, ки ба дарё расидааст,*
*Ҷуз мо каси дигар натавонад ба мо расид.*

**Соли 1996**

# {АРФИ ХЕШ АЗ ДАВРИ ХЕШ

**Ман соли 1985 барои нашриёти «Советский писатель» дастнависи китоби мақолаҳои танқидиам «Навосозон» («Творцы созвучий»)-ро тайёр мекардам, ки дар мақолаҳои масъаланок ва чеҳраҳои адабии он дар бораи эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Мирсаид Микршакар, Мӯъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром ва баъзеи дигарон сухан мерафт. Ҳангоми тайёр кардани дастнавис ман ба ҷои хотима ба он як мақола дар бораи онҳое навиштам, ки дар китоб аз эҷодиёташон камтар ва ё умуман сухан нарафта буд, вале бе таҳлили ашъори онҳо манзараи шеъри муосири тоҷик номукаммал менамуд. Инҳо шоирон Гулрухсор, Гулназар, Саидалӣ Маъур, Раҳмат Назрӣ, Камол Насрулло, Зулфия Атоуллоева буданд. Ба наздикӣ қоғазҳои худро варақгардон карда, он мақоларо аз назар гузарондам ва ба хулоса омадам, ки ба хонандагони тоҷик пешниҳод кардани он, эҳтимол, беманфиат набошад. Асли ин мақола ба русӣ навишта шуда, аз ҷониби муаллиф ба тоҷикӣ баргардонида шудааст.**

**Муаллиф**

Вақт бо суръат дар парвоз аст ва қариб шоире нест, ки ин суръати онро ситоиш ва ё накӯҳиш накарда бошад. Оё шоире ҳаст, ки ақаллан хаёлан баояндаҳои дур нарафта ва ё ба ҳодисаҳои таърихи куҳан рӯй наоварда, мақсад накарда бошад, ки ҳарфи худро дар бораи даври худ нагӯяд. Чеҳраи замон нотакрор аст ва тарҳе, ки он дирӯз дошт, имрӯз аллакай ба дасти таърих аст. Баъзе арзиш ва аломатҳое, ки пештар гӯё ҷовидона буданд, кайҳо ба ҳукми гузашта ва кӯҳнагианд. Муболиға намешавад, агар бигӯем, ки фақат ҳамон эҷодкор бо асарҳои худ ва ё бо як қисми онҳо ба рӯзи фардо ворид шуда метавонад, ки моҳияти маънавии рӯзгори худро ифода ва аз чизҳои беаҳамияти он сарфи назар карда, сабзиши ниҳоли некӣ ва одамиятро дар заминаи замони худ, ки фардо метавонад бои серҳосил шавад, тасвир карда бошад. Ӯро зарур аст, ки ҷавона задани бадӣ ва номардумии ояндаро низ дида тавонад. Эҷодиёти асил он аст, ки арзиши маънавӣ дорад ва адиб бо он дар дилу ҳастии ҳамзамонаш тухми «хирадмандӣ, накӯӣ, ҷовидонӣ» кишт мекунад. Агар он нукта ҳақиқат бошад, ки замон моро мефорад, он ҳам ҳақиқат аст, ки мо ҳам замони худро меофарем, яъне мо ҳам ҳамон қадар замонофарандаем. Ва шоиронанд, ки аз ҳама бештар барои оянда давронсозӣ мекунанд… Муаллифи ин китоб вазъияти шеъри тоҷикро дар давоми даҳ – бист соли охир ба мулоҳиза гирифта, ба чунин хулосаҳо омадааст.

Авзои шеъри ин давраи тоҷик, маро на фақат ба мулоҳизаҳои танқидӣ, балки худтанқидӣ низ мерасонад. Баъзе шеърҳоеро, ки шоирони мо солҳои ҳафтодум навиштаанд, бори дигар хонда, дармеёбем, ки баҳои ман ба онҳо дар мақолаҳо ва тақризҳо дар гармогармӣ ва бо ҷӯши ҷавонӣ гуфта шуда, баъзан лаҳни қотеъ дорад. Сабаби ин фақат дар он ҳам нест, ки ҳоло муаллифи китоб дигар ва ё аз ҷиҳати синну сол «ба камол расида, хирадманд» шудааст – фикр мекунам, ки чунин тайироти назар бо бисёр муҳаққиқони шеъри имрӯз дар кишварҳои дигар ҳам рух медиҳад. Худи муҳити тозаи ҷамъиятӣ моро водор мекунад, ки ба бисёр чизҳо дигаргунатар, ҷиддитар, тозатар, ҳассостар нигарем ва моҳияти таърихию иҷтимоии замонамонро амиқтар кашф кунем. Магар дар рӯзҳои мо, ки онҳоро эҳсоси бозсозӣ ва тозакориҳои некмаҳсул фаро гирифтааст, ин сатрҳои Ярослав Смеляков нисбат ба солҳои эҷод шудаашон тунду тезтар ва мувофиқи ҳаёту воқеият садо намедиҳанд.

*Ман ҳам акнун ба шиддату тундӣ*
*Рафти таърих мекунам эҳсос.*

Вақт, ки қотеътарин ва одилтарин довар аст, на фақат ба ҳодисаҳои таърих ва маҳсули меҳнати мардум, балки ба адабиёт ҳам баҳои дақиқу дуруст медиҳад. Аммо ин баҳо ҳам аз асари шавқу ҳавас холӣ нест: охир баҳоро ҳам одамон медиҳанд. Онро муаллифони таърихи адабиёт ва худи шоирон медиҳанд, ки эҷодкори ин таъриханд.

*Дар замоне, ки замин бетакя аст,*
*Такядорӣ навбати ман омадаст.*
*Доварӣ дар бозии тифлони пир,*
*Ҳақгузорӣ навбати ман омадаст.*
*Такядору ҳақгузори ман, Ватан,*
*Довари оинадори ман, Ватан. –*

навиштааст дар шеъри «Ватандор»-и худ Гулрухсор, ки аз имону боварии шахси эҷодкор ба ҳақ будани мароми худ ва Ватанаш сухан мегӯяд. Ҳоло ба ҳар эҷодкор чунин боварӣ, ки ба ақидаҳои ҷонии ӯ, ба таҷрибаи муборизаи шаҳрвандии ӯ асос ёфта бошад, ниҳоят зарур аст. Аммо он касе ба номи довари замони худ, яъне шоири асил, ҳақ пайдо мекунад, ки хизмати ӯро замон пазируфта бошад. Ин ном танҳо бо хизмат даст медиҳад. Дар ин ҷода шоирро фақат як восита, як силоҳ ҳаст, – сухани ҳақи ӯ, ки зодаи ҷустуҷӯ, дониши зиндагию маишати мардум, ҳампайвандӣ бо ташвишу дарду шодиҳои онҳо мебошад. Даврони мо даврони ҳамин гуна сухани шоир аст.

Ҳоло замони мушкилтарин ва беҳтарини кишвари мост. Имрӯз ба ҳама равшан аст, ки дигар навиштаҳои шеърмонанди қофиянок, беобуранг, такрорҳои шиорнамо, ки байни муқоваҳои рангин дар рафҳои дӯконҳои китоб чанг хӯрда хобидаанд, ба ҳеҷ кас лозим нест. Замоне расидааст, ки дили эҷодкор бо шиддати тамом бояд ба кор дарояд. Замоне расидааст, ки ҳамаи қувваҳои солими халқ ва ҷамъият дар ҳаёти моддӣ ва маънавии кишвар дигаргунии қатъӣ ворид кунад. Дар айни ин эҷодкорӣ, бо таъбири А. Твардовский «гапу гапбофиҳои хому беҳуда», суханҳои шеърнамое, ки роҳнамои дақиқи иҷтимоию ахлоқӣ надоранд ва ба масъалаҳои имрӯза ва ё фардоинаи зиндагии мардум дахл намекунанд, ҳарчанд ба мавзӯи ниҳоят зарури рӯз навишта шуда бошанд, фақат монеаи роҳ ҳастанду бас. Табиати шаҳрвандии шоир дар ҳампайвандиаш бо кору бор, эҳсосу андешаи мардум, бунёдкории ҳамзамонон ва ҳамватанон, ки шоир аз байни онҳо бархостааст ва ё қисматаш бо онҳо вобастааст, зоҳир мешавад:

*Имрӯз маънии Ватан дар мағз-мағзи ман,*
*Бо решаҳои сабзу тар эҳсос мешавад.*
*Ҳар як ҳуҷайра дар танам алмос мешавад,*
*Ҳар як сухан ба васфи ӯ (?) шаҳбоз мешавад. –*

менависад Қутбӣ Киром, яке аз шоироне, ки эҳсоси иҷтимоиаш шиддатнок мебошад. Оё ашъори шоирони мо, ки солҳои охир эҷод шудаанд, ҳама ба чунин дархост, талаби замон ҷавоб медиҳанд? Мутаассифона, на ҳамаашон.

Дар мақолаҳои дигари муаллиф нишон дода шудааст, ки анъанаи шеърҳои «умумӣ» дар солҳои шастум шикаста шуда, шоирони беҳтарин ба тасвир, ифодаи аниқ, ҳаққонии воқеияту эҳсосот ва саҳнаҳои ҳаётии рӯзгор рӯй овардaнд. Вале иқрор бояд кард, ки дар ин ҷода кам шоирон ба ифодаи амиқ расидаанд, тасвири ҷараёни тозаи рӯҳию иҷтимоӣ дар зиндагии ҳамватанону ҳамзамонон на ба ҳамаи онҳо даст дод. Онҳое, ки дар назди худ вазифаҳои муҳими рӯзро гузошта, воситаҳои тозаи ифодаи андешаро дар таркиби суратофаринии ба мақсад ва зебо ҷуста, ин тозаҷӯии худро ба пояи анъанаҳои хуби назми классикӣ устувор мекарданд, кам буданд. Дар натиҷа онҳо аз анъана ҷудо шуда, ба навҷӯӣ намерасиданд. Дар ашъори онҳо оҳанги изтироби шаҳрвандӣ аз рӯйдодҳои манфии рӯзгор ва махсусан аз нуқси маънавии насли нав ками дар кам ба гӯш мерасид. Шеърҳое, ки ба ноҷӯрии маънавии ҷавонон, фарзандони деҳқонони дирӯза, ки дар давраи фаровонии моддӣ ва оромии ҷамъият шаҳрнишин шудаанд, назари дақиқ дошта бошанд, аҳён-аҳён ба қалам меомаданд. Истисно кам буд ва одатан ин гуна ашъор дар эҷодиёти насли ҷавон ба қалам меомад, масалан, шеъри «Ин шабу шабҳои дигар…»-и Камол Насрулло, ки ба ҷиҳати воқеӣ буданаш зуд ба забонҳои дигар тарҷума шуд. Сабаби интишори бисёр ёфтани ин шеър худ аз худ маълум аст:

*Имшабу ҳар шаб дар ин ҷо*
*Навҷавонон менишинанд,*
*Бо гитору бо тарона*
*Навҷавонӣ мекунад дуд аз лабони серашон*
*Бо сигору бо тарона.*
*Навҷавонӣ мекунад дуд аз лабони серашон,*
*Дар садои хандаҳошон мекунад бо дард фарёд.*
*Навҷавониро ба мисли бӯса аз лабҳояшон*
*Мебарад бод*
*Навҷавонӣ дар харакҳо шишта бекор.*
*Навҷавонӣ дар гурӯҳе сахт бемор,*
*Сахт бемор асту дарди ӯ*
*Зи бедардист.*
*Имшабу ҳар шаб гурӯҳе навҷавонон*
*Навҷавониро таҳи по мекунанд,*
*Навҷавониро фидои мастиҳои кӯчагӣ,*
*Пойандози ҳавасҳо мекунанд.*
*Дар суроғи навҷавонӣ*
*Бигзарам ҳар шаб ман аз ин ҷо парешон,*
*Навҷавониҳои ононро бичинам*
*Аз замин чун резаи нон.*

Ҳалли мавзӯъ дар ин шеър, бешубҳа, асаре аз шиор задан дорад, аммо, ба ҳар ҳол, мо дар он кашфи мавзӯъро, ки дар натиҷаи изтироби маҳз худи шахси шоир даст додааст, мебинем: охир шоир вақте ки ин шеърро менавишт, аз қаҳрамонҳои шеъраш ба синну сол фарқияти казоӣ надошт. Ҳар шоир на фақат аз насли Камол Насрулло, балки таҷрибакортар ҳам ба ин савияи ҳалли мавзӯи ниҳоят тунду тези рӯз кам мерасид.

Шубҳа нест, ки шоирони баркамол аз қабили Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Убайд Раҷаб, Салимшо Ҳалимшо, Гулназар Келдӣ, Саидалӣ Маъмур ва қисме аз ҷавонон дар беҳтарин асарҳои дар 7-8 соли охир навиштаашон ба тасвири дақиқ ва илҳомбахши дигаргуниҳои мураккаби зиндагии ҳамватанони ҳамзамонашон ноил шудаанд. Дар ин солҳо

шоирҳои тоҷик ҳам хуб ва пурмаҳсул кор карданд: ба ин дар қатори номи машҳури Гулрухсор Сафиева боз номи шоирҳои таҷрибакор – Гулчеҳра Сулаймонова, Мавҷуда Ҳакимова, Озод Аминова ва нисбатан ҷавонтар Зулфия Атоуллоеваро ҳамроҳ бояд кард. Ман намехоҳам, ки дар ин ҷо аз рӯи ному мақом ба шарҳи мухтасари эҷодиёти ҳар шоир машғул шавам, аммо қайд мекунам, ки дастовардҳои шеъри имрӯзаи тоҷик танҳо бо навиштаҳои ҳамин номбаршудагон тамом нашуда, балки бештар аст ва баъзеи муаллифони ин асарҳо дар кишвар на фақат машҳуранд, балки мавриди муҳаббати хонандагон ҳам қарор гирифтаанд. Ин дар сарзамини мо, ки шеъри классикии ниҳоят бой дорад ва муҳаббати мардум ба он доимӣ, хос ва сахт санҷидакор аст, осон нест. Бесабаб нест, ки яке аз мақолаҳои муаллифи ин мақола дар «Литературная газета» дар вақташ «Тазодҳои фаровонии шеър» ном дошт.

Дар солҳои охир номи шоирон ва шеърҳо фаровонтар шуданд, вале тазодҳои шодибахш, кашфиёти асил дар коргоҳи шоирии мо кам ба амал омаданд. Ба хулосае омадан, ки тамоман набуданд, дуруст нест ва ман ҳам ҳаргиз намехоҳам, ки аз он аломатҳои тозаи инкишоф, ки дар натиҷаи насими замони нав ба пайдо меоянд, сарфи назар кунам. Аз ҷумла, асарҳои тозаи Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, намояндаи насли ҷанговар сазовори гуфтугӯи алоҳида аст. Дар солҳои охир ин шоири ветеран рӯҳи тоза гирифт: дар ашъоре, ки муҳтавои он аз дилу ҷони сарбози шоир гузаштааст, хотироти пурифтихор ва талху ғамангези ӯ бо воситаҳои тасвири рангобаранги шеъри тоҷик ба ҳам омехта, яклухт садо медиҳанд. «Ман»-и шоир дар ин шеърҳо амиқан шахсист, аммо дар дар айни ҳол, он ифодакунандаи тарҷумаи аҳволи як шахс нест, – дар чунин шеъре ба монанди «Олу» он расонидани овози насли худ мешавад ва, бо таъбири шоири ҷанговари рус, ба бешаи бурида мемонад, ки ягон-ягон дарахти комил дорад.

*Дӯш дидам ба як канори боғ*
*Гули аз нав шукуфтаи олу.*
*Рангу бӯи паридааш мегуфт*
*Розҳои нагуфтаи олу.*
*Ба замин бо савол менигарист,*
*Буд хамида мисоли ман олу.*
*Тирҳои расида дар баданам,*
*Доҳои сиёҳ дар тани ӯ.*
*Зери шохи шикастааш поя,*
*Ба мисоли асобағалҳо буд.*
*Ҷунбишаш шакли роҳгардии ман*
*Бо асодаст сӯи талҳо буд.*
*Тани хам,*
*Шохаҳои ларзонаш*
*Нақши ҷисми ҳазор пораи ман,*
*Бори дигар шукуфтани олуст*
*Умри баргаштаи дубораи ман…*

Шоир аз олу истиорае, ки ба таълимоти фалсафаи табииёт наздик аст, сохта, рӯҳи бешикасти рафиқони ҳамяроқи худро, ки ками онҳо то рӯзҳои мо ҷон ба саломат расидаанд, рӯҳи рафиқонеро, ки дард аз захмҳои кӯҳна ва фахр аз қудрати зиндагиофарин доранд, ситоиш мекунад.

Эҳтимол дар солҳои охир дар шеъри тоҷик кашфиётҳои амиқ ва аз мағзи дил берун омада аз он сабаб он қадар бисёр набуданд, ки ҳатто муаллифони боистеъдод бо ашё ва ҳодисаҳои

ҳаёт, мавзӯъҳои масъулиятхоҳи зиндагӣ рӯй оварда, бо онҳо на ҳамеша «сахттарин пайванди ҷонӣ» (ҳамчунон, ки шоири рус Н. Рубцов ягонагии шоирро бо олам ин гуна муайян мекунад) доштанд. Магар ин, фақат ин гуна пайванд, асос ва моҳияти иҷтимоию маънавии эҷодиётро ташкил намекунад?!

Дар манзараи шоиронаи кишвар ба назар расидани холигоҳҳои берангу бор магар аз ин сабаб нест? Дар анҷумани охирин IX-уми нависандагони Тоҷикистон барҳақ гуфта шуда буд, ки дар назми муосири тоҷик то ҳол симои воқеӣ ва пурраи коргар офарида нашудааст. Дуруст аст, ки Тоҷикистон аз қадим кишвари деҳқонӣ буд ва имрӯз қаламкашони ҷодаи шеър асосан аз деҳот ҳастанд. Вале дар солҳои шасту ҳаштод дар республика, саноати вазнин ривоҷ кард, дар пойтахт, дар Ёвон, дар Норак сафи тавонои синфи коргари гуногунмиллат шакл гирифт, ки дар байни он деҳқонони дирӯза дӯш ба дӯш бо коргарони дигар, ки дар озмоишгоҳҳои меҳнати саноатӣ обутоб ёфтаанд, кор мекунанд. Дар ин шароит нишон додани тағйир ёфтани ҷаҳонбинии меҳнаткаши тоҷик, муносибати ӯ ба техника ва одамон магар на танҳо ба вазифаи иҷтимоию публисистӣ, балки алоқаи маънавии эҷодкорон дохил намешуд. Ин дигаргуниҳо, ки на ҳама вақт ба осонию бемалол мегузашт, - ба табақаи калони халқи тоҷик дахл кард, - аз ин рӯ шеъри мо, ки аз реша халқию мардумпарвар аст, ба дигаршавии маънавии одамон ва навшавии кишвар бештар бо нигоҳи амиқ бояд менигарист. Мутаассифона, ин ҳолат рух надод… Симои коргари тоҷик танҳо дар баъзе шеърҳои Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат (дар «Достони оташ»), Лоиқ ва Бозор, ки кайҳо ба қалам омадаанд, як рух намуду тамом. Ҳатто беҳтарин ашъор дар мавзӯи Норак ва Роун, ки марказҳои бунёдкорӣ ва рамзи тозагии кишвари мо шудаанд, назари сатҳӣ ва оҳанги шиор дошта, дар онҳо симои қолабӣ, беобуранг, баъзан намоишкорона ба чашм расида, дар кору бор ва қисмати қаҳрамонҳо эҳсоси ҳампайвандии эҷодкор набуд. Баъзе шоирони таҷрибакор ба таъбир «бахшида» ба коргарони Ёвону бунёдкорони Норак шеъру силсилаи ашъор гуфтанд, аммо онҳо бо сабаби «бахшида» шуданашон моҳияти ҳодисаҳоро аз дарун накушоданд. Дар ин қабил асарҳо, ки баъзеашон сифати баланди суханварӣ доштанд, аксаран таассуроти қаҳрамони лирикӣ, назари шоир ба воқеияти коргоҳи сохтмон ифода шуда, аммо нигоҳи онҳое, ки аз «дохил» ба он менигаристанд – нигоҳи худи коргарон ва бунёдкорон набуд. Тадқиқи сусти рӯҳию ахлоқии характерҳо аксаран ба афзудани мисраъҳои ноустувор, беқудрат, хушку холӣ, ки махсусияти эҷодкориро надошта, қолабию рӯякӣ ҳастанд, сабаб мешаванд. Дар қатори кӯшишҳое, ки барои бадеӣ тасвир кардани мавзӯи Норак шуда буд, манзумаи Мавҷуда Ҳакимова «Ба сӯи нур» ва махсусан як қатор шеърҳои Ҳабибулло Файзуллоро зикр кардан мумкин аст. Масалан, шоир дар манзумаи «Достони роҳ» ба тадқиқи мавзӯи пуршиддате наздик расидааст, ки имрӯз бисёр адибони мамлакатро ба изтироб меоварад (пеш аз ҳама дар ин ҷо повести В. Распутин «Хайрбод бо Матёра»-ро бояд ном бурд).

*Дар соҳили Тутқавул расидем,*
*Пайроҳа ба зери об монда.*
*Бо қиссаву бо фасонаҳояш,*
*Чун тифлии ман ба хоб монда. –*

мегӯяд шоир дар бораи кӯҳе, ки дар зери об мемонад. Шоир оҳангеро дарёфтааст, ки бо воқеияти ҳол мувофиқ аст. Ин оҳанги ғамангез, вале мардонагист. Дил ба диёр, ба чизе ки аз қадимулайём буд, месӯзад… аммо дигаргуниҳое, ки воқеъ мешаванд, ногузиранд.

Қутбӣ Киром, ки шоири услубаш бо бардору дурахшон буда, қаҳрамони лирикиаш овози худро бо садои ҳамзамонони меҳнатиаш, ҳатто бо садои онҳое ки таҷрибаи зиндагиашон аз ӯ фарқ дорад, меомезад, дар баъзе ашъоре, ки ба ин мавзӯъ навишта буд, барор дошт. Қутбӣ Киром, аз ҷумла дар бораи муҳоҷирони Яғноб – маҳалле, ки кӯҳҳои сар ба фалак онро аз дунёи фарох ҷудо карда, дар он ҷо дирӯз яке аз қабилаҳои қадимтарини тоҷикон мезист, ки на фақат шароити сахти табиӣ, балки як муҳити бенафаси иҷтимоӣ, муносибати ниҳоят пасти хоҷагӣ дошт, силсилаи ашъори қобили таваҷҷуҳ гуфт. Акнун яғнобиён Мирзочӯлро обод карда, пахтакор шуданд ва аз даврони сангии таърих якбора ба имрӯз ворид гаштанд. Муҳоҷиркунии онҳо кори бисёр мушкили ҷамъиятӣ ва демографӣ буд. Шоир амалу андешаи мардумеро, ки аз техника ва пахтакорӣ бехабар буданд, ба тасвир гирифта, ба ҷаҳони барояшон ношинос чӣ гуна дохил шудан ва бо маданияти нави зиндагӣ то чӣ андоза бо зиддиятҳо «пайванд» гирифтани онҳоро боварибахш ба қалам медиҳад:

*Ин ҷо Ватани ман зи нахустин қадами хеш,*
*Ман дардшарики гули тар, майсаи навхез.*
*Ман нозкаши тармапару сели ҷафокор,*
*Ман нашъабари барқаму борони сафорез.*

*… Имрӯз аз ин қулла манам сар ба биёбон*
*Пайғомбари нагҳати гул, абри баҳорон.*
*То мартабаи чӯл ба ин қулла барорам,*
*Дасти ману домони пурафсонаи даврон.*

Бо вуҷуд ин, натиҷаҳои фараҳбахш, «тазодҳои фаровони шеър», ба такрор қайд мекунем, ки дар эҷоди шоирони мо дар солҳои охир бисёр набуданд. Оҳанги тавсифу ситоиш, некбахтии сабуку бардурӯғ дар асарҳои ба мавзӯи рӯз бахшида шуда, бештар ва ҳатто то рафт баландтар садо медоданд. Як вазъияти хузновари дигарро ҳам қайд накардан мумкин нест, ки олами бадеии баъзе шоирони соҳибистеъдод ҳам маҳдудтар, бастатар мешуд. Ҳиссиёти олии муҳаббат, ки барои қаҳрамони асарҳои классикии мо баробари қисмат, сарчашмаи илҳом ва боиси азхудгузарӣ буд, дар шеърҳо ба ифшои розҳои маҳрамона, ҷо-ҷо ба фаҳш ҳам иваз шуд: рӯҳияи қаҳрамони лирикӣ дар ин қабил ашъор гӯё ба ахлоқи «табиӣ», «заминӣ» наздик гашт. Ворисияти анъана ва навҷӯиҳо дар баъзе шоирони таҷрибадор ҳам аз ду тараф суст мешуд: маънавиёти инсон – ҳикмати «Гулистон»-и Саъдӣ, машъали қаҳрамонии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, хусусияти гавҳари гаронбаҳои ашъори ошиқонаи Хайём, Ҳофиз ва умуман хазинаи заррини мероси маънавию ахлоқии осори классикӣ аз назари баъзе муаллифон хеле дур монд. Дар бораи навҷӯиҳо бошад аз мубоҳисаҳои дар атрофи таносуби шеър ва ахлоқ, ки дар матбуоти марказӣ дар солҳои ҳафтоду ҳаштод шуда буд, ба ёд овардан барҷост. Баъзеи шоир ва мунаққидони мубоҳисачӣ гуфтаи машҳури Пушкинро дар бораи як набудани ахлоқ ва шеър хеле яктарафа маънидод мекарданд. Гӯё ки доҳии шеъри рус шеърро ба категорияҳои ахлоқӣ муқобил гузошта бошад! Дар навиштаҳои баъзе тарафдорони ташбеҳу маҷозҳои беандоза ин гуна сифатҳои маънавиёти халқ аз қабили ростӣ, ҷавонмардӣ, ҳақиқатдӯстӣ, садоқат ва амри виҷдон аломати ҷаҳонбинии соддалавҳонае менамуданд, ки гӯё онҳо ҷои худро дар шеър ба назари «кайҳонӣ» оламфарогиранда, «бераҳмона» ба зиндагӣ бояд бидиҳанд. Ин гуна талаби омирона дар амал ба тасвири қолабӣ, якҷиҳата ва соддалавҳонае расонд, ки ҳиссиёти нафсониро дар асос дошт… Ин гуна оҳангҳо, мутаассифона, дар навиштаҳои баъзе

мунаққидони тоҷик ҳам ба гӯш мерасиданд, ки шоирони маъқулашонро бемулоҳиза бардор-бардор мекарданд, – ин муаллифон хатареро, ки ба шеър таҳдид дошт, хатареро, ки инъикоси аломатҳои хавфомезро дар муҳити ҷамъиятию ахлоқии республика ба худ дошт, намедиданд.

В.Белинкий дар вақташ навишта буд: «Шоири бузург, дар бораи шахси худ – «ман»-и худ сухан гуфта, дар бораи умум – дар бораи башарият сухан мегӯяд, зеро дар табиати ӯ ҳамаи он чизе, ки боиси ҳастии башарият аст, мавҷуд мебошад… Афзалияти мабдаи ботинӣ (субъективӣ) дар шоирони муқаррарӣ аломати маҳдудияти истеъдод аст. Дар онон субъективият маънои ифодаи шахсиятеро дорад, ки агар аз кулл ҷудо бошад, ҳамеша маҳдуд аст. Онҳо одатан дар бораи дардҳои ахлоқии худ доимо як чизро мегӯянд…»

Тангии чашмандози шоирона, назари ҷузъии лоқайдона ба ҷои ифодаи шахсияти фаъол «ман»-и шаҳрвандии лирикӣ, ки дар ашъори як гурӯҳ шоирон ҷой дошт, мутаассифона, дар вақташ аз тарафи мунаққидон ба танқид дучор наомад.

Дар айёми пойдоршавии назми советӣ В.Маяковский гуфта буд: «Чӣ бошад – ман агар ҳам раҳбару хизматгари халқам». Ин ақидаи ситоишгари бузурги Инқилоб дар рӯзҳои мо бисёр замонӣ садо медиҳад. Танқиди адабӣ бе таҳлили зуҳури иҷтимоию ахлоқии шахсият ё ба маҳдудият ё ба суханбофиҳои хушку холӣ мерасаду бас. Эҷодиёти шоире ҳам, ки кӯшиши офаридани симои қаҳрамони ҳақиқатан маънавӣ, чеҳраи аслии рӯзро намекунад, яъне монеаҳои роҳи ҳақиқат ва адолатро намебинад, зуд ё дер аз ҳаётбахшӣ маҳрум мешавад. Зеро дар сухани ин гуна шоир ба ганҷинаи шарафу мардонагӣ, ки халқ ва шеъри классикӣ офаридаанд, на танҳо садоқат нест, балки ҷустуҷӯй ҳам нест; касе ки ҳақиқати замони худро намебинад ва ё аз он сухан гуфтан намехоҳад, талаби ояндаро ҳис намекунад:

*Лек, ҳамсолҳои ман, ҳоло*
*Ташнае об додаед магар?*
*Обёри кадом гулбоғед?*
*Кист мироби кишти боровар?*

Раҳмат Назрӣ дар шеъри худ «Косаи об» ки дар он симои деҳқони мӯйсафеди хирадманд ва саховатмандро менигорад бо ин гуна савол, ки ҷавоби ҳаққониаш масъулият дорад, ба ҳамнаслонаш муроҷиат мекунад. Хуб аст, ки ин шоирон (бо вуҷуди ҳамаи камбудиҳои эҷодиашон), ки солҳои 70-ум дар қатори ҷавонон зикр мекарданд, ҳоло ба давраи камолот расидаанд – Гулрухсор, Гулназар, Саидалӣ Маъмур ва насле, ки аз паи онҳо равонанд – Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Зулфия Атоуллоева – мекӯшиданд ва имрӯз ҳам мекӯшанд, ки қаҳрамони худро пайдо кунанд. Қаҳрамоне, ки амалкунандаи саҳнаи зиндагӣ бошад. Онҳо дар байни ҳамзабонону ҳамзаминон ва ё мардуми қарнҳои қадим касонеро меҷӯянд, ки ибрати қудрат ва покизагии ахлоқ бошанд, то барои гуфтани ҳарфи хеш аз даври хеш такяи маънавӣ пайдо кунанд. Шоирони насли нав дар ин ҷустуҷӯи худ пеш аз ҳама ба ду табақаи мавзӯъ рӯй овarданд, ки ҳар кадом аз онҳо бевосита ё бавосита ба тарҷумаи аҳволашон муқоиса карда мешавад, вале бо вуҷуди ин, барои ҷамъбастҳои фарохи таърихию иҷтимоӣ бештар имконият медиҳад. Ин мавзӯъҳои ҷанги гузашта ва деҳаи зодгоҳ аст. Илова бар ин, одатан мавзӯи муҳорибаи бузург бо фашизм ва мавзӯи деҳот дар эҷодиёти ин шоирон бо ҳамдигар пайваста аст: дар хотираҳои бачагии онҳое, ки нисбатан калонсолтар ҳастанд, чеҳраи ҳамдиёрони аз ҷанг баргашта, чашмони амангези модарон ва беваҳо, меҳнати тоқатшикани занон, мӯсафедон ва бачаҳо дар заминҳои колхозӣ равшан боқӣ мондааст. Аз ин сабаб дар достони «Паи дарё»-и

Гулназар масалан, ҳикоят аз забони шахсе, ки дар деҳоти замони ҳарб ба воя расидааст, аммо суханони муаллиф ҳам ки воқеияти ақибгоҳи ҷангро бо чашмони худ надидааст, камтар боварибахш нестанд, онҳо ҳақиқат ҳастанд, на ҳақиқатмонанд, онҳо манзараи ғаму андӯҳ ва худқурбонии халқро ба хотири ғалаба, ба хотири ҳаёт ва зиндагии оянда тасвир мекунанд. Дар шеъри «Осиёи кӯҳна» Гулназар менависад:

*Ту хомӯшӣ. Чу марди солхӯрда*
*Ба дарди хештан месӯзӣ акнун.*
*Тамоми умр кам гаштиву аммо,*
*Намудӣ ризқи мардумро ту афзун.*
*Ба сони чархи гардун давр гаштӣ,*
*Ки саргардон набошад зодаи кӯҳ.*
*Ба зери осиёи зиндагонӣ*
*Мисоли дон набошад қисмати ӯ.*
*Ба оби сард дил бастиву як умр*
*Ба мардум гармии дунё бидодӣ.*
*Ба ин сангӣ ҳама хурду калонро*
*Дили гарму сари боло бидодӣ.*

Дар ин шеър ҳам бешубҳа, (ҳамчунонки дар достони Гулрухсор «Шабдарав» ва дар силсилаҳои дигарон) ғусае аз даврони гузаштаи баччагӣ, деҳоти куҳан ҳаст ва он нукта умуман дуруст аст, ки дар шеъри ҷавонон на фақат ҷавонон – тозагиҳои ба деҳа воридшуда, симои деҳқони муосир қариб нишон дода намешавад. Бо вуҷуди ин, дар он тасвири таърихию шоирона, лирикию воқеӣ, ки ба эҷодиёти Гулназар ва ҳамнаслони ӯ тааллуқ дорад, ҷиҳатҳои баарзиш кам нест. Ин эҳсоси масъулияти қаҳрамон барои нигаҳдошт ва баланд бардоштани арзишҳои асосии ҳаёт – обу нон, қисмати сулҳ дар рӯи ҷаҳон, адолат дар муносибати байни мардум мебошад.

Баъзан дар ашъори ин силсилаи шоирон панду насиҳат – сифати ба ҷавонӣ на он қадар хос ба назар мерасад. Вале умуман гирем, дар асарҳои охирини намояндагони насли ҷавон «оҳиставу пайваста» дигаргунӣ дохил мешавад ва нотакрории шахсияти ҳамзамонро, ки бунёдкори зиндагист, тасдиқ мекунад.

Оҳанги писханди мақолаҳо баъзан (дар мақолаҳои обзории мунаққидони республикаҳои дигар ҳам ба гӯш мерасад) дар бораи аз ҳад бисёр рӯй овардани шоирон ба образи деҳқонони кӯҳна эҳтимол беасос ва беманфиат ҳам набошад. Баробари ин ба эътибор гирифтани чизи дигар ҳам муҳим аст: дар кишвари тоҷик, ки то даҳсолаҳои охир шаклҳои ҳаёти деҳот, «ҷаҳони хурд»-и ҷамъиятии он пойдории чандинасраи худро нигоҳ медошт, хокпошону заминкорони пир дар ҳақиқат таҷассуми ахлоқи меҳнаткаш, нигаҳдорандаи усулияти одоб мебошанд, ки баъзан ба ҷавонони муосир намерасад. Ин шахсон (бисёрашон иштирокчии ҷанг буданд) дар ҳақиқат шоистаи онанд, ки насли оянда дар бораашон аз мисраъҳои илҳомбахши шоирон чизе бихонад. Ба замми ин, агар муаллиф қаҳрамонони худро на аз рӯи шунид, балки воқеан донад ва симоиононро табииву дилнишин, ба тавре ки ба шоири лирик ва деҳқонсифати пухтакор Раҳмат Назрӣ даст медиҳад, тасвир карда тавонад:

*Бар замини серсанги худ ҳанӯз*
*Хоку нурӣ оварад дар доманаш.*

*Санг мечинад вай аз домони кишт,*
*Остинаш барзада, бар доманаш…*

*Гар замини хурди пеши хонааш.*
*Хушку бешудгор монад як баҳор,*
*Дар хаёли соддаи хокии ӯ*
*Ними дунё монад аз кишту шиёр.*

Ҳамчунонки мебинем, истиорае, ки дар он образи замини хурд бо рамзи кулли заминӣ мепайвандад, бо маънии томи сухан ҳаргиз безамина нест: дар ин ҷо образи хоку қисмат аз биниши амиқи фардӣ ва шахсии эҷодкор, аз ҳиссиёти ҳампайвандӣ ба тақдир ва кору бори ҳамдиёронаш бармеояд.

Ин гуна ҳампайвандӣ бо лоқайдии ғоявӣ ва бадеӣ зид буда, позаҳри муносибати беэҳтиётона ва нопухта бо сухан аст. Он ба шоир заминаи беҳтарини эҷодиёт – мавқеи шаҳрвандиро медиҳад. Афзудани мавқеи шаҳрвандиро мо дар як қатор асарҳои шоироне мебинем, ки ба давраи камол мерасанд. Ба Саидалӣ Маъмур, эҳтимол, мулоҳизакорӣ ва андешамандии деҳқонӣ нисбат ба дигар ҳамқаламони ҳамсолаш бештар хос буд, вале як андоза номушаххасӣ, номуайянии нигоҳаш ба ҷаҳон баъзан набудани назари мукаммал ва мақсаднок намегузоштанд, ки ин сифатҳои хуб бар манфиати шоир хизмат кунанд. Дар баъзе ашъори ӯ қаҳрамони лирикӣ, беташвишу ором буд, ки рӯи ҷаҳонро беғамона равшану мусаффо медид. Дар ин ҷо як ҳодисаро, ки дар коргоҳи шоирони тоҷик кам воқеъ мешавад, қайд кардан зарур аст: танқиде, ки ба унвони Саидалӣ ҳангоми муҳокимаи асарҳояш ва дар саҳифаҳои матбуот карда шуд, ба муаллиф мадад кард. Шеърҳое, ки Саидалӣ дар солҳои охир чоп кунонд, шаҳодати ба камолрасии шаҳрвандӣ ва ғановат пайдо кардани рангубори бадеии ӯст. Маълум мешавад, ки истеъдоди шоир ҳоло имконияти ба истифода нарафта доштааст. Шоир дар баъзе шеърҳои наваш лаҳзаҳои «дардноки» ҳаёти ҷамъиятро назаррасу зебо тарҳрезӣ карда, дар асоси эҳсосоти амиқи шахсиаш воқеиятро бо хаёлот омезиш дода, ба кушодани моҳияти иҷтимоии мавзӯъ расид.

Шоир аз манфиати халқ сухан мегӯяд, талошҳои ҷонии ӯро ҷонибдорӣ мекунад. Шоирро давру замон ба ниёзи худ меофарад ва сухани шоири асил ба эҳтиёҷи халқ ва даврон бармехӯрад. Ҳамчунонки Лоиқ гуфтааст:

*Шоирӣ ҳам чун расадҷӯӣ бувад*
*Доимо ҷӯяд ситора дар Ватан.*
*То шиносад ахтари иқболи халқ*
*Баҳри нафъи худ намегӯяд сухан.*

Шеъри муосири тоҷик, чун тамоми адабиёти кишвари мо, имрӯзҳо яке аз мураккабтарин ва масъулиятноктарин давраҳои худро аз сар мегузаронад. Ба он ки зодаи хоки куҳан, идомаи эҷоди классикони шеъри шарқ аст, ҳал кардани вазифаҳои бисёри иҷтимоию маънавӣ, ки аз зиндагии халқ ва ҷамъият бармеоянд, дар пешанд. Маҳз ана аз ҳамин сабаб, ба назари ман чунин мерасад, ки саҳифаҳои охири ин китоб танҳо оғози кори тозаи муҳаққиқи шеъри тоҷик аст. Корест, ки дар натиҷаи пайдоиши ашъори нави шоирони халқи ман ба ҷо оварда мешавад ва дар бораи сухане мебошад, ки барои рӯзи фардо зарур аст, дар бораи суханест, ки ҳамчун

анъанаҳо ҳаётбахш буда, моломоли тозакориҳои асил мебошад ва онро устодони нави шеър бо тақозои зиндагӣ ба майдон меоранд.

## ARЛ{ОРО ARЛ{О ЁРВ ДИ{АД

### Сухани ифтитоҳӣ дар ҷаласаи якҷояи садорати Иттифоқҳои эҷодӣ, бо ҳамроҳии Академияи улум ва Вазорати фарҳанг

Дӯстони азиз, дар хусуси суханронии Президенти кишварамон Ҷаноби Олӣ Э.Ш. Раҳмонов аввало ҳаминро бояд бигӯям, ки дар давоми чанд даҳсола ҳамин гуна суханронӣ, аз ҷониби сарвари давлати Тоҷикистон оид ба фарҳанг ва тамаддун, нашуда буд. Ин суханронӣ таърихӣ ва сарнавиштсоз аст, барои тамаддуни мо.

Акнун, биандешем сари он ки заминаи ин суханронӣ чист ва он аз куҷо ба вуҷуд омад? Бояд гуфт, ки асри XX бо ҳамаи созандагӣ ва сӯзандагиҳояш, фарозиҳо ва нишебиҳояш барои мардуми Тоҷикистон асри эҳё буд. Дар ин аср адабиёт тоза шуд, насри реалистӣ, драматургия ба вуҷуд омад. Театр, кино, телевизион ва компутер пайдо шуд…

Мо ин ҷо ба он мақсад ҷамъ омадем, ки ақидаҳоямонро гӯем ва нақшаи корҳои ояндаамонро якҷоя тарҳрезӣ кунем. Ҳамаи навъҳои маънавият, рӯҳоният ва илм, аз даврони қадим бо ҳам иртиботи сахт доранд. Ва инҳо инсонро барои инсон шудан, барои ба Худо наздиктар шудан даъват мекарданд. Дар «Китоби муқаддас» гуфта мешавад: Пас аз он ки Худованд ҳамаи мавҷудоти рӯи заминро офарид, инсонро офарид. Аммо чӣ тавр? Худованд инсонро бо сурати худ, ба сифати Худо офарид. Дар Қуръон бошад, гуфта мешавад, ки Худованд одамро ҳамчун халифаи худ дар рӯи замин офарида аст. Ҳамаи фарҳанги гузаштаи мо асос бар ҳамин дошт, ки волою олӣ буд. Ва инсонро ба сӯи камолот, ба сӯи маънавияти бузурге роҳнамун месохт. Китобҳои муқаддас мегӯянд, ки инсон ба шабеҳи Худо аст. Назарияи модигароёна гуфт: – На! Маймун ҳастем, аз маймун офарида шудем… Ман ин ҷо бо олимон баҳс карданӣ нестам. Танҳо гуфтаниям, вақте фарҳанг онро ба асос мегирад, ки инсонро ба Худованд пайванд созад ва ба авҷи аъло бибарад, барои инсоният муҳимтар аст, нисбат ба он ки онро пайванди маймун бикунад.

Дар телевизионҳои Ғарб бештар филмҳо ва намоишҳои зӯроварӣ, куштор ва фисқу фуҷурро намоиш медиҳанд. Ҳамаи ин ибтидо мегирад аз ҳамон назарияе, ки инсон аз маймун пайдо шудааст ва мушобеҳ ба ҳайвон аст. Ин дард имрӯз табобат мехоҳад. Дардҳои зиёде ба мисли СПИД, нашъамандӣ тамоми сайёраро фаро гирифтааст. Мо ҳам гирифтори дардҳои сахте шуда будем. Аммо бо сарварии муҳтарам Э. Ш. Раҳмонов ва хизмати фарҳанги ҷомеа ба сулҳу ваҳдат расидем. Саволе ба миён меояд, ки чаро дар Афғонистон, ки мо ҳамфарҳанг ҳастем, сулҳу салоҳ нашуд? Гап сари он аст, ки мардуми тоҷик босавод ҳастанд ва ҳамин соҳибмаълумотӣ, соҳибфарҳангӣ ташвиқ бар он кард, ки мо сулҳ бандем.

Дар асри XXI, ба андешаи ман, ташакулли миллат шурӯъ мешавад. Мо акнун ба қадри фарҳанги миллӣ мерасидагӣ шудаем. Акнун соҳиби давлати миллӣ шудем. Аввалин бор аст, ки сарвари давлати Тоҷикистон бо чунин муфассалӣ суҳбат мекунад дар бораи фарҳанги қадимаи мо, таъриху адабиёту забони мо. Ва мо зиёиён, аҳли илмро даъват бар он мекунад, ки

ҷасуронатар масъалаҳоро баррасӣ кунем. Ин аломати ба вуҷуд омадани давлати миллӣ ва шакл гирифтани миллат аст. Имрӯз дар Тоҷикистон 230 рӯзномаю маҷалла ба қайд гирифта шудааст, ин хуб аст ва аломати демократӣ будани ҷомеа мебошад, аммо ба мо зарур аст, ки рӯзнома ва маҷаллаҳои саросарӣ дошта бошем. Дорем ба мисли «Ҷумҳурият», «Народная газета», «Садои мардум», «Халқ овозӣ». Мутаассифона, онҳо ба ҳамаи ноҳияҳо намерасанд. «Адабиёт ва санъат» замоне бо теъдоди 100000 нашр мешуд. Ин нашрияҳоро пурқувват гардонидан лозим. Дар ноҳияҳо ва вилоятҳо телевизионҳои хусусӣ бисёр амал мекунанд. Ман намоишҳои онҳоро дидаам. Дар сатҳи паст манзури тамошобинон мегарданд, ки як зарра маънавиёти инсонро баланд намебардоранд. Ба масъалаҳои муҳиме, ки дар ҷомеаи мо ҳаст, касро мутаваҷҷеҳ намесозанд. Хеле хуб мебуд, ки барномаи телевизиони марказии мо пурққувват шаваду дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ намоиш дода шавад. Мутаассифона, минтақаҳои мо аз ҳам ҷудо ҳастанд, аммо хуб аст, ки воситаҳои технологӣ имконияти ба ҳамдигар наздикшавиро ба вуҷуд меоранд. Инро барои инсонгаройӣ, муташакилии миллат бояд истифода кунем.

Инсоният чизҳои бисёре офарид, вале аз китоб чизи болотаре офарида натавонист. Таъсире, ки китоб ба инсоният дорад, аз ҳама бештар аст. Зеро вақте ки инсон китоб мехонад, ӯ рӯ ба рӯ бо ҳамон фарҳангу маънавият аст, таҳлил мекунад, фикр мекунад, андеша меронад. Агар мо китоб мехонем, ташакули миллати мо боло меравад.

Вақтҳои охир кори чопи китоб суст аст. Агар солҳои пеш нашриёти «Адиб» дар як сол 200 номгӯй китоб чоп мекард, ҳоло ин рақам хеле кам аст. Аммо дар ҳар ҷо китобҳои зиёде чоп мешаванд. Ташаккур ба онҳое, ки барои китоб маблағ медиҳанд. Вале агар ин гуна маблағ барои китобҳои ба ҷомеа манфиатнок сарф мешуд, хуб мешуд.

Мо хеле гузашт кардаем, нисбат ба онҳое, ки китоб менавиштанд. Бояд гуфт, онҳое, ки аъзои Иттифоқи нависандагон шудаанд, ба ҳар ҳол, асарҳояшонро худашон менависанд. Касони заҳматкаш ҳастанд ва меҳнаташон бояд қадршиносӣ шавад. Аммо касоне ҳастанд, ки унвонҳои илмӣ гирифтаанд, вале дар як ҷумла панҷ-шаш хато доранд…

Тоҷикистон имрӯз майдони сохтмонҳои азим аст. Роҳи мошингарди Кӯлоб-Дарвоз-Қароқурум-Қулмаро месозем. Нақби Анзоб меканем ва роҳи оҳан месозем. Дар замонҳои гузашта дар бораи ин гуна иншоотҳо асарҳо офарида мешуданд. Агар имрӯз ин анъанаро давом дода асар нависем, мо ташаккули миллати тоҷикро нишон медиҳем. Мо бояд барои саломати маънавӣ ва ҷисмонии ҷавононамон асар биофарем. Бо ин мақсад якҷоя бо Агентии мубориза бар зидди маводи мухаддири назди Ҳукумати Тоҷикистон конкурс барои беҳтарин асарҳои зидди маводи мухаддир эълон кардем. Зеро хатари бузурге халқро таҳдид мекунад. Ва на танҳо халқи моро, балки тамоми дунёро. Адабиёт метавонад дар ин роҳ кореро ба анҷом бирасонад.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни фарҳангро қабул кардааст. Ҳамчунонки гуфтам, касони бисёре ҳастанд, ки барои фарҳанг пул харҷ мекунанд. Оё имкон ҳаст, масалан, дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як фонде ташкил карда шавад, ки корхонаву ташкилотҳо ё шахсони алоҳида фоизе аз даромади худро ба ин фонд гузаронанду он барои баландшавии сатҳи фарҳангии миллати мо харҷ гардад. Агар ҳамаи маблағеро, ки барои фарҳанг харҷ мешавад, дар як ҷо ҷамъ карда, мақсаднок истифода кунем, манфиати бештаре медиҳад.

**Соли 1992**

# АВЗОИ ЗАМОН ВА АДАБИЁТ

Имрӯзҳо ҳар яки мо бештар дар бораи авзои рӯз ва мавқеи нависанда дар он андеша мекунем. Бинобар ин, мехоҳам, ки як лаҳзае аз имрӯз дуртар равем ва фарохтар бар ин асре, ки мо дар он ҳаёт ба сар бурдем, бо чашми таҳқиқ назар афканем, то бидонем, дар ин аср чӣ воқеаҳои муҳиме рӯй доданд, ки бар ҳаёти имрӯзии мо таъсири калон доранд.

Чунонки ба ҳамаи мо маълум аст, даҳсолаҳои аввали асри бист оғози инқилобҳои шадид барои озодӣ ва истиқлолият буд. Дар охири ин аср боз чунин ҳаракатҳо авҷ гирифтанд, ки, намояндагони ин ҳаракатҳо низ аз номи озодихоҳону истиқлолпарастон ҳарф мезаданд. Аз шунидаву дидаҳо пайдост, ки чунин ҳаракатҳо ҳамеша қурбониҳои зиёде меоранд. Кунун ки боз чунин шароит фароҳам омадаасту мардум аз озодиву ҳақиқат лаб мекушоянд, боз бар он таассуф мехӯрем, ки ҳазорон-ҳазор ҷавонону кӯҳансолон қурбони ақидаҳои бепоя гаштаанд.

Дар авҷи ин ҳодисаҳо, ки яке онро инқилоб меномему дигаре табаддулот мегӯем, як интиҳои ҳузноваре ба чашм мерасад, ки аксаран миллатҳои кӯчак қурбон мегарданд.

Баъди инқилоби Октябр тавассути хизматҳои шоистаи миллатҳои гуногун дар ҳақиқат як адабиёти бузурге ба миён омад. Ин адабиёт дорои хусусиятҳои хосаи худ буд, ки онро то ҳол илми адабиётшиносии мо гоҳе ҳамчун адабиёти навин, гоҳе ҳамчун адабиёти асри 20 ва гоҳи дигар чун адабиёти иттиҳоди ҷумҳуриҳои шӯравӣ ба забон мебарад.

Ин адабиёт асосан дар натиҷаи аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти тозатару аз ҷиҳати иҷтимоӣ мукаммалтари иқтисодӣ рӯ овардан ба вуҷуд омада буд. Дар баробари ҳамаи бурду бохтҳояш ин адабиёт як бартарии фаромӯшнашавандае дошт ва барои ривоҷу равнақи намояндагони адабиёти миллатҳои гуногун хизмати арзандаи хешро ба анҷом расонид. Ин бартарӣ дар он дида мешуд, ки намояндагони зиёда аз 100 миллат дар эҷоди ин адабиёт фаъолона ширкат меварзидандy намунаҳои беҳтарини он дар муддати ду - се сол дастраси халқу миллатҳои зиёди ҷамоҳири шӯравиву хориҷи мамлакат мегашт. Албатта, ин воқеаи чашмнорасидае буд барои башарият, ки ҳатто намояндагони адабиёти тоҷик аз он истифода намуда, адабиёти тоҷикро серпаҳлуву ғанӣ гардониданд.

Гумон мекунам, ки як рӯз давраи тааммул ва дарёфти ин адабиёт мерасад. Яъне он чизҳое, ки адабиётҳо аз ҳамдигар бахра бурданд, фарз кардем, баҳрабардории адабиёти тоҷик аз адабиёти рус, белорус, украин ва дигар халқҳо, дар охири ин аср ва ё аввалҳои асри 21 ҳазм мегардад. Мо онро дар рӯҳияи халқ ва зеҳни нависандагонаш бараллo ҳис карда метавонем.

Ё худ синтези он акнун ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, мо бо вуҷуди норасоиҳояш маҷбурем, ки аз асри бисту инқилобҳое, ки дар он ба вуҷуд омадаанд, ёдовар шавем. Ва хурсанд ҳам гардем, ки адабиёт бурд кардааст. Зеро имрӯзҳо, ҳангоме ки мо дар бораи адабиёти тоҷик сухан меронем, дар он метавонем беҳтарин хусусиятҳои адабиёти гурҷӣ, адабиёти арман, адабиёти литвонӣ, адабиёти қазоқ ва ё дигар халқҳои бародарро дарёфт кунем.

Ин нуктаро олимону мунаққидони мо низ дар бисёр мақолаҳои худ гуфтаанд, мо худ ҳам медонем, ки адабиёти ин ё он миллат ба эҷоди мо чӣ таъсире расонидааст ва ё он адабиётҳо аз адабиёти мо чӣ бахрае бардоштаанд.

Ҳаракатҳое, ки дар оғози аср ба вуҷуд омада буданд, албатта, ба адабиёти дигар халқу миллатҳо бетаъсир намонданд. Аз таҳлили ҳодисаву воқеаҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар оғози аср ҳаракатҳо барои сохтани як ҷомеаи нави дунявӣ сар зада ва дар ин асос бархӯрдҳо дар ҷомеа сурат гирифта бошанд, мутаассифона, дар охири аср, ба хусус дар

Тоҷикистони азизамон, чунин ҳаракату бархӯрдҳоеро мебинем, ки қисме барои ҷомеаи нави дунявӣ ва қисми дигар барои ҷомиаи мазҳабӣ мубориза мекунанд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки ин бархӯрдҳо аз ҳама шадидтар дар сарзамини мо ба вуҷуд омад. Аз ин ҷо, ба хулосае омадан мумкин аст, ки инкишофи савияи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании мардуми тоҷик нисбат ба мардуми ҷумҳуриҳои ҳамсояву дигар халқу миллатҳои бародар дар сатҳи поин меистад. Шаҳодати ин гуфтаҳоро дар созиши қувваҳои ба ном демократӣ бо қувваҳои мазҳабӣ дидан мумкин аст, ки чунин воқеаро таърихи башарият ёд надорад.

Албатта, дар ин ҳаракатҳо наметавон мавқеи шахсиятҳои алоҳидаро, ки фаълияти хоса доштанд, инкор карду ҳамаи кушторҳоро ба гардани онҳо ҳамл намуд. Гуфтан ҷоиз аст, ки шахсиятҳо низ гунаҳкоранд, вале фаромӯш набояд кард, сабаби дигари сар задани чунин носозгориҳо пастии сатҳи сиёсиву иқтисодӣ ва мадании мардуми мо мебошад.

Аммо ин ҳам ҳақиқат аст, ки халқи авом дар ҷумҳурии азизи мо фронти халқӣ ташкил карду барои навсозии ҷомеаи демократии дунявӣ дар хоки ин сарзамин мубориза намуд. Боиси хушнудист, ки имрӯзҳо он куштор ва задухӯрдҳое, ки дар саросари Тоҷикистон буданд, анҷом мепазиранд ва ҳукумат аз нав ба фаъолият сар мекунаду низоми давлатдориро ба даст мегирад.

Дар авҷи он задухӯрду ҳаракатҳо эҷодкорони мо ҳамеша суханҳои носазову танқидҳои беҷо мешуниданд. Онҳоро ҳам намояндагони давлат ва ҳам намояндагони оппозитсия бар он гунаҳкор мешумориданд, ки тарафдории онҳоро ба ҷо намеоранд. Аммо адиб ва ё равшанфикре, ки қадри худу мавқеи хешро дар ҷамъият медонад, ҳеҷ гоҳ тарафдори давлати фалаҷ ва ё оппозитсияи иртиҷоӣ шуда наметавонад. Чунки нависандаву равшанфикр ҳамеша тарафдори ободии диёру осудагии мардум аст. Ӯ дар ҳолате метавонад ба ин кор даст занад, ки халқаш аз он дастбурде дошта бошад.

Имрӯзҳо, вақте ки ҳокимияти навтаъсиси қонунӣ ба сари қудрат омадаасту нақшаҳои амалии он барои беҳрӯзии мардум аст, акнун нависанда бо он ҳамроҳ хоҳад буд ва барои пуштибонии ӯ садояшро баланд хоҳад кард.

Дар он рӯзҳо аз тарафи қувваҳои иртиҷоӣ танқид шудани эҷодкорон маънии дигарро ҳам дошт. Мансабталошон барои пайдо намудани нуфуз бар он талош доштанд, ки адибонро ба тарафи худ кашанду вассофи ақидаҳои хеш намоянд. Бефаъолиятии адибон дар он рӯзҳои хунин, гуфтан ҷоиз аст, ки эътирозе буд бар қувваҳои иртиҷоӣ. Аз ин рӯ, гурӯҳе аз адибон зери фишору таъқиби намояндагони ҳизбҳои сарватхоҳу давлатхоҳ буданд. Албатта, боиси таассуф аст, ки дар он фишору таҳдидҳо баъзе аз адибони мо низ ба сафи қувваҳои иртиҷоӣ шомил гардиданд.

Иттифоқи нависандагон аз оғози сарзании воқеаҳои хунин то ба охир мавқеи солимашро нигоҳ дошта тавонист. Ин буд, ки дар яке аз суҳбатҳояш ҷонишини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулмаҷид Достиев бо рӯзноманигорони рӯзномаи «Ҷумҳурият» изҳори ақида намуда, гуфта буд, нашрияе, ки дар он рӯзҳо мавқеи устувори ҳақиқатнигорона ва одилона дошт, ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» буд. Барои чунин баҳои баланд, албатта, шукргузорӣ мекунем ва илова ҳам намуданием, ки дар ин мавқеи одилона, ки нашрияҳои Иттифоқи нависандагон доштанд, хизмати раёсат ва садорати он низ кам нест.

Кайҳост, ки мо муносибати худро бо сиёсат муайян намудаем. Дар Иттифоқи нависандагон фаъолияти ҳама гуна ҳизбу созмонҳо манъ карда шудааст. Аз ин рӯ, мо танҳо ба хотири такомули падидаҳои касбиамон ҷамъ меоем. Аммо мо наметавонем, ки дар бораи сиёсат суҳбат накунем. Зеро як шохаи сиёсати давлат сиёсати маданист, ки мавҷудияти Иттифоқи нависандагон, мавҷудияти нашрияҳои он ва мавҷудияти ташкилотҳое, ки пуштибони

адибону эҷодиёти онҳоанд, ба ин сиёсат вобаста аст. Мо танҳо аз ҳамин назар ба сиёсат дахл менамоем, то ки он бар манфиати ҳар як адиб ва инкишофи ҳаёти мадании ҷомеа бошад.

Яке аз сабабҳои аз дигар миллатҳо қафо мондану ба куштор рӯ овардани ҷамоаи мо агар ҷанбаи иҷтимоӣ дошта бошад, ҷанбаи дуюмаш паст рафтани ҳаёти маданӣ ва бештар хароб гардидани маънавиёт аст, ки ин на дар як ду сол, балки дар давоми даҳсолаҳо ба вуҷуд омадааст. Ва мутаассифона, ба таназзул рӯ овардани маданияту маънавиёти халқи мо чунин як бори талху хунин овард.

Аз ин хотир мо имрӯз аз ҳукумати нави Тоҷикистон бо сипосгузорӣ ва эҳтиром хоҳиш менамоем, ки ба масъалаҳои мо амиқтар сар фурӯ баранд, то он ҷое, ки имкон доранд кӯмаки хешро дареғ надоранд. Зеро ҳеҷ кор дар ҷомеа бе заминаи иқтисодӣ сурат намегирад. Ва ҳатто фикр мекунам, ки барои баланд бардоштани сатҳи дониши нависанда ё ин ки равшанфикр маблағи муайяне ҷудо кардан лозим аст, ки ӯ аз дигар ташвишҳои рӯзгор фориғтар гашта, ба масъалаҳое, ки сар мезананд, на сатҳӣ, балки амиқан сар фурӯ бурда тавонад. Барои исботи ин фикр ГЭС-и Роғунро мисол овардан мумкин аст. Агар сатҳнигарии равшанфикрони тоҷик, манфиатҷӯии шахсӣ ва ё шуҳратталабии онҳо намебуд, имрӯзҳо ин иншооти бузург барои ҷумҳурии мо миллиардҳо сӯм даромад меовард ва халқи мо имкон пайдо мекард, ки дар чунин рӯзҳои сахт аз ҷиҳати иқтисодӣ вазъи хубтаре дошта бошад. Ҳоло ҳам дар байни нависандаву равшанфикрони мо ақидае вуҷуд дорад, ки тоҷикон метавонанд бо пахтаву тилои хеш сарватандтарини мардумони дунё гарданд. Вақте ки кас бо мутахассисони соҳаҳои номбурда гуфтугӯ мекунад, бепоя будани чунин ақидаҳоро дарҳол дармеёбад. Мутахассисон чунин ақидаҳоро ба шахсоне муносиб медонанд, ки аз воқеияти кишвар, ҷаҳон ва дастовардҳои илми муосир бехабаранд.

Дар ин ҷо бояд изҳори ақида намоям, ки ҳамкории адибон бо Академияи улуми ҷумҳурӣ имрӯзҳо ҳарчӣ бештар зарур аст, то он дастовардҳое, ки дар муассисоти илмӣ ҷамъ омадаанд, пешкаши мардум гардад, ин метавонад барои пешрафти савияи ҷаҳонбинии халқу ҷамоаи мо хизмати арзандаеро ба ҷо орад.

Ба наздикӣ мо як тадқиқоти иҷтимоӣ, ё худ сотсиологӣ гузаронидем. Даромади солонаи 40 нафар адибро, аз ҷумлаи ононе, ки моҳонаи баланду миёна мегиранд ва ё умуман моҳона намегиранд, ба ҳисоб гирифтем. Хулосаи тадқиқоти мо нишон дод, ки даромади миёнаи моҳонаи як адиб ба 1320 сӯм рост меояд. Ин, албатта, бо чунин беқадрии пул, чизе нест. Зимнан, бояд хотирнишон намоем, ки қисми зиёди адибони мо дар натиҷаи ихтисорсозии нашриёҳоямон бекор мондаанд. Чунонки ҳоло дар ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ба ҷои 20 нафар кормандони эҷодӣ 4 нафар кор мекунанд. Дар маҷаллаи «Садои Шарқ» бошад, ба ҷои 12 нафар хамагӣ ду нафар кори маҷалларо пеш мебаранд. Бинобар ин, хоҳиш мекунам, ки давлат барои пуштибонии адабиёт маблағ ҷудо кунад.

Дар давоми ду соли охир, бо вуҷуди ҳамаи ин норасоиҳо, Иттифоқи нависандагон тавонист, ки корҳои зиёдеро ба анҷом расонад. Мо ду маҷмӯаи дастаҷамъиро бо номи «Наврӯзӣ» ва «Паймон» бо ҳуруфоти форсӣ аз чоп баровардем. Бо нашрияи байналмилалии «Алҳудо» шартнома баста, се китоб барои чоп ҳозир намудем, ки мунтахаби наср, назм ва адабиёти бачагона мебошад. Аз рӯи қарордод ин китобҳо дар Эрон зуд ба чоп расида, дар кишварҳои Олмон, Инглистон, Амрико, Эрон, Покистон, Афғонистон паҳн хоҳанд шуд.

Дар ин байн шеъру мақолаҳои зиёди адибони мо дар нашрияҳои бисёр кишварҳои дунё ба табъ расиданд, ки ҳамаи ин самараи меҳнати адибони тоҷик буда, барои шухрат ёфтани адабиёти Тоҷикистон хидмат хоҳанд кард. Ғайр аз ин, мо бо нашрияҳои мӯътабари «Килк» ва

«Фасли китоб», ки яке дар Теҳрону дигар дар Лондон фаъолият мекунад, ҳамкорӣ дорем. Онҳо ҳозир ҳастанд, ки барои чопи осори адибони мо кӯмаки хешро дареғ надоранд.

Бояд ёдрас шавем, ки Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон яке аз муассисони Созмони байналмилалии иттифоқҳои нависандагон дар Анҷумани нуҳуми адибони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ки дар шаҳри Маскав моҳи июни соли 1992 баргузор гардид.

Аз ҷумла кормандони Иттифоқи нависандагон тавонистанд, ки дар ин ду соли бениҳоят буҳронӣ асарҳои баъзе адибонро муҳокимаву баррасӣ намоянд. Дар ин қисмат баррасии эҷодиёти Равшани Ёрмуҳаммад, Адаш Истад, Кароматулло Мирзоев, маводи яксолаи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат», маҷаллаи «Садои Шарк» - ро мисол овардан мумкин аст.

Дар солҳои охир робитаи адабиёт ва. аз ҷумла, шеъри мо бо шеъри кишварҳои ҳамзабонамон густардатар гашт, ки барои баландтар бардоштани савияи бадеиву ҳунарии он хидмати арзандаро ба ҷо овард. Аз мутолиаи шеърҳои шоирони ҷавонамон Фарзона, Сиёвуш, Салими Хатлонӣ ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо аз баҳамрасии фарҳангҳои миллатҳои ҳамзабонамон ба хубӣ истифода карданд. Эҷоди онҳо баъзан дар пояи эҷоди шоирони кудратмандамон меистад, ки ин, албатта, барои пешравии шеъри мо аҳамияти хоса дорад. Агар чунин бархӯрдҳои хунине, ки дар ҷумҳурии мо ба амал омад, намебуд, равобити фарҳангии мо бо давлатҳои ҳамзабонамон бештар густариш меёфт ва фарҳанги мо аз он бештар бурд мекард.

Дар ин муддат ашъори беҳтаринро боз ҳамон шоирони қудратманди мо Лоиқ Шералӣ, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Гулназар, Гулрухсор, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Саидалӣ Маъмур, Низом Қосим, Алимуҳаммад Муродӣ ва Зиё Абдулло гуфтанд.

Ҳоло дар ин давра гаравиш ба шеъри сиёсӣ ва иҷтимоӣ зиёд шуд, ҳарчанд мо даъво мекунем, ки мундариҷаи шеъри асил аз сиёсат баландтар меистад. Мутаассифона, як силсила шеърҳое, ки бо даъвои сиёсӣ ва ё иҷтимоӣ будан, дар рӯзномаҳо дарҷ гардиданд, бо доштани вазну қофия аз шеърият дур буданд. Онҳо баъзан таҳқир ва ё мазаммати ашхоси ҷудогонаро ҳадаф қарор медоданд, ки ин, албатта, шеъри сиёсӣ ва ё иҷтимоӣ нест.

Аз ашъори писандидаву дилнишин, ки дар муддати ин солҳо ба вуҷуд омад, идомаи силсилаи дубайтиҳои Лоиқ Шералӣ «Резаборон» - ро метавон ном бурд. Чунончи, шоир дар яке аз байтҳои дубайтиҳояш, ки маънии хубу серпаҳлу дорад, мегӯяд:

*Чу як шамшерзан сар барфарозад,*
*Дусад кафгирзан кӯбад сарашро.*

Аз ҷумла, шеърҳои хуби Низом Қосим «Лолахун» шеърҳои кӯтоҳ - кӯтоҳу нишонраси Алимуҳаммад Муродӣ, шеъри «Девори Горбачев»-и Саидалӣ Маъмур, шеърҳои Ҳақназар Ғоиб, Камол Насрулло фоҷиаҳои солҳои охир ба сари мардуми мо омадаро ба дард ифода намудаанд. Чунонки Камол Насрулло мегӯяд:

*Эй худованд, куҷоиву куҷо шуд ватани ман,*
*Узв аз узв ҷудо гашту ҷудо шуд бадани ман.*
*Аз Ватан ёд, фақат ёд, фақат ёд ба ман монд,*
*Шуд дили поку сафедам кафани ман, кафани ман.*

Дар ин муддат як идда шоирон ба жанрҳои анъанавӣ аз ҷумлаи ғазал, рубоӣ, дубайтӣ рӯ оварда бошанд, қисми дигарашон ба офариниши шеъри сафед пардохтанд, ки беҳтаринаш дар ин шеъргунаҳо силсилаи шеърҳои Гулназар, Фарзона ва Сиёвуш буданд.

Шоироне, ки барои бачаҳо шеър мегӯянд, Убайд Раҷаб, Гулназар, Алӣ Бобоҷон, Юсуф Аҳмадзода, Ҷӯра Ҳошимӣ шеърҳои хубе эҷод карданд, ки хазинаи ин навъи шеърро ғанитар сохтанд.

Насри бачагона низ асарҳои хуби хонданӣ дошт, ки бо заҳмати Раҷаб Амонов («Қиссаи арӯс»), Баҳром Фирӯз («Гирдоб»), Болта Ортиқов («Магнитофон») Шодон Ҳаниф («Уқоби захмӣ») ба даст омад. Умед аст, асарҳои номбурда барои тарбияву такмили ҷаҳонбинии насли навраси мо ҳиссаи худро мегузоранд.

Насри мо дар ин ду сол тамоюлеро, ки аз устодонамон оғоз гардида буд, идома медод. Мо таҳқиқи масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро дар насри тоҷик дар назар дорем. Ва ин як падидааст, ки дар насри мо даҳсолаҳои охир густариш меёбад. Кунун, ки муносибатҳо дар ҷомеа тезутунданд, барои нависандагони мо маводи эҷодии зиёде медиҳад. Онҳо имкон доранд масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи моро ҳамаҷонибаву амиқтар таҳлил намуда, ба тасвир гиранд.

Дар ин ду сол мо соҳиби чанд роман шудем. Романи «Гули бодом» - и устод Ҷалол Икромӣ, романи «Зарафшон»-и Сорбон ва романи «Кӯҳ бе варта нест»-и Муҳиддин Хоҷаев.

Романи Сорбон серпаҳлу буда, оббразҳои гуногун дорад. Дар симои қаҳрамонҳояш хонанда хислатҳои мардумонеро, ки дар сарзамини мо умр ба сар мебаранд, дармеёбад. Романи Муҳиддин Хоҷаев «Кӯҳ бе варта нест» дар мавзӯи сохтмони иншооти барқӣ буда, нисбат ба романҳои пештарааш аз ҷиҳати банду баст ва ҳам тасвир мукаммалтар аст.

Ғайр аз ин, бисёр қиссаҳои хуби хонданиеро нависандагон Кароматулло Мирзоев («Нишони зиндагӣ»), Фотеҳ Ниёзӣ («Пахта ва гул»), Абдумалик Баҳорӣ («Умеди ягона» ва «Дили гумҷӯ»), Иноят Насриддин («Як рӯзи хазонрез»), Зулфия («Ғамро намефурӯшанд») эҷод намуданд.

Ин қиссаҳо аз ҷиҳати мавзӯъ ва ғоя гуногунанд. Яке дар бораи масъалаҳои маорифу мактаб, дигаре дар бораи низои истеҳсолӣ, сеюмӣ дар бораи меҳру муҳаббат буда, ақидаҳои гуногунро оид ба ин мавзӯъҳо баён менамоянд. Албатта, дар бораи ин асарҳо дарояндаи наздик накду адабиётшиносии мо фикри худро баён мекунад.

Дар ин муддат қиссаи Абдулҳамиди Самад «Маҳбус» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дарҷ гардид. Ин як асари мазмунан тозаест, дар адабиёти муосири тоҷик. Дар маҷалла боз ҳикоёти ҷолиби Саттор Турсун бо номи «Пахта» ва «Хазон», ҳикояи Ӯ. Кӯҳзод «Ҳарзамараз», ҳикояи Ш. Ҳаниф «Даҳмарда» ва дигар ҳикояҳои дилангези Адаш Истад, Сорбон, Гулназар, ҳамчунин адибони ҷавонамон Муҳаммадраҳим Сайдар, Неъматуллои Худойбахш, Нозирҷон Ёдгорӣ, аз ҳаҷвнигорон ҳикояҳои Аҳмадшо Маҳмадшо, Наҷмиддини Шоҳинбод ва дигарон ба чоп расиданд.

Ҷоиз аст таъкид кунем, ки дар солҳои ошкорбаёнӣ мунаққидони мо мавқеи худро аз даст доданд. Маълум аст, ки қонуниятҳои адабиёт худ ба худ асар ба вуҷуд намеоранд, танҳо барои таҳқиқ кардани асар восита мешаванд. Аммо ин ҳам ҳаст, ки онҳо дар ҳар асари асил аз нав офарида мешаванд. Асаре, ки аз рӯи қонуниятҳо офарида мешавад, асари қолабӣ ҳисоб меёбад. Аз ин рӯ, ҷовидонии ҳар асари асил дар он дида мешавад, ки қонуниятҳои пешинаи адабиро шикаста, қонуниятҳои худро ба вуҷуд меорад. Вазифаи муқаддаси мунаққид ҳам дар он аст, ки маҳз ҳамон қонунияти  асарро кашф кунад. Ба гумонам, дар солҳои охир беривоҷ мондан ва кам ба назар расидани накди адабӣ дар  ҷуброн надоштани меҳнати мунаққид, яъне пардохи муносиби пулии кори ӯ мебошад. Боиси хурсандист, ки дар давоми ин солҳои мудҳиш дар бораи адабиёти бачагон асарҳои накди адабӣ ба табъ расиданд, дар бораи соҳаҳои дигари адабиёт қариб ки мақолае чоп нагаштааст.

Як бахши калони адабиёти моро адабиёти русизабон ташкил мекунад. Дар давоми солҳои охир ин шохаи адабиёти мо рӯ ба таназзул ниҳод. Чунки бисёре аз адибони русизабони мо аз сабаби бад будани вазъи сиёсӣ аз ҷумҳурӣ кӯч бастанд. Беҳтарин асарҳои мансуре, ки дар давоми ду соли охир маҷаллаи «Помир» чоп кардааст, повестҳои Череднеченко («Матрос»), адиби марҳум В. Демидчик, Макаров, ҳикояҳои Анвар Тавобов мебошанд.

Дар шеъри русиамон мавқеи шоирон Алишер Қиёмов, Виктор Полещук ва шоираи ҷавон Олга Хвастова қобили қайд аст.

Дар охир, бар он умед мебандам, ки роҳбарони нави давлати мо ки сухансанҷанд, адабиёти моро пуштибонӣ намуда, барои рушду такомули он ҳиссагузор мегарданд.

**Марти соли 1993, рӯзномаи «Ҷумҳурият»**

## АДАБИЁТ АЗ ДИДГО{И ЗАМОНИ НАВ*[158]

Мо дар бораи адабиёте, ки баъд аз Анҷумани даҳумамон ба нашр расид, суҳбат мекунем. Ман таъкид ба рӯи ба нашр расид барои он мекунам, ки асарҳои эҷодшуда, вале чопнашуда, яқинан аз асарҳои чопшуда бештаранд. Аз ин рӯ, ба назар чунин мерасад, ки кори маърӯзачӣ осон бошад. Аммо ин тавр нест ва ин чанд сабаб дорад.

Аввалан, сохти ҷомеа дигар шуда, баробари он баъзе меъёрҳои шинохти адабиёт, ки, мутаассифона, бештар эҷоди сиёсати замон ва замони сиёсат буданд, аҳамияти худро костанд ва ё гум карданд. Акнун меъёрҳои тозаи таҳқиқи адабиёт заруранд. Ин кори танҳо муҳаққиқони адабиёт нест, кори ҳар эҷодкор аст, зеро меъёри адабиёт аввал дар асари бадеӣ зоҳир мешавад.

Ҳоло дидгоҳи адиб ба зиндагӣ тағйир мехӯрад.

Вақти шиорзанӣ кайҳо гузаштааст, вақти андешаҳои амиқ ва дарёфти ҳақиқат аст, дигар хушҳолиҳои содалавҳонаи кӯдакона, зоҳирандешии бетааммуқи шоирона ҳам арзиш надорад. Оё мо пас аз он ки солҳо дар бораи гулгулшукуфии миллат ва абадияти давлати тоҷик сухан гуфта, дар як он аз марази маҳалгароию ҷоҳталабӣ қариб аз байн рафтани давлати тоҷиконро дидем, ҳақ дорем, ки мисли пешин ба зиндагӣ аз дидгоҳи хушбоваронаи фармуда нигоҳ кунем.

Бинобар ин, ҳоло сухан кардан дар бораи адабиёт, масъулияти адиб ва дидгоҳи тозаи эҷодкор амалест сахт мушкил. Зеро меъёрҳо дар даврони шакл гирифтан ва дидгоҳҳои эҷодӣ дар ҳоли пайдо шудан ҳастанд. Кори адабиёт хеле нозук ва фардист ва таҳқиқу тадқиқаш аз он нозук ва фардитар бояд бошад, дар ин кор таҳсин ва ё танқиди дастаҷамъона манфиат нахоҳад дошт, зеро дар ҳар ду ҳолат он на амиқу мутахассисона, балки сатҳию авомона ва баъзан бадтар аз он муғризона хоҳад буд.

Бинобар ин, Садорати Иттифоқи нависандагон дар давоми фаъолияти худ мекӯшид, ки оид ба авзои адабиёт ҷаласаҳо гузаронида, мутахассисону адибонро барои баррасии масъалаҳои умдаи адабиёт ҷалб кунад. Ҳамин тариқ, дар ҷаласаҳои Садорати ИН масъалаҳои «Равандҳои шеър ва худогоҳии шоир» – маърӯзаи Аскар Ҳаким, «Насри солҳои охир» – маърӯзаи Абдулҳамиди Самад ва «Масъалаҳои инкишофи драматургияи муосири тоҷик» – маърӯзаи Низом Нурҷонов баррасӣ шуданд, ки аз рӯи ақидаи аъзои садорат дар сатҳи баланди шинохти адабиёт ва танқид гузаштанд.

[158]* Маърӯза дар анҷумани XI Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, соли 1997

Имрӯз ҳаёти адабии мо махсусан, рафтори дурандешона, одилона ва ғамхоронаро ба адабиёту адибон тақозо мекунад, зеро ҷомеа дар натиҷаи ҷангҳои ҳамватанӣ дар қутбҳои гуногуни ақидавӣ рафтааст, ки адибон ҳам аз он мустасно нестанд. Дар ин ҳолат табиист, ки онҳо дар бораи ҳодисаҳои имрӯз ва иштироккунандагонаш назарҳои мухталиф доранд, ки ҳақиқати онро танҳо замон муайян хоҳад кард. Дар ин ҳолат кӯшиши аз замон пештар рафтан маҳсули хуб нахоҳад дод. Валекин мо аз ихтилофи назарҳо, ки ба ақидаи ҳар адиб ҳақиқат аз ӯст, чизи гаронбаҳотар ва муқаддастаре дорем, ки ба хотири он аз ихтилофи назарҳо даргузашта, бояд ба иттиҳоди назарҳо бирасем, ки он ваҳдату ягонагии Тоҷикистони азизи мост.

Адибон харобӣ ва фоҷиаҳои солҳои охир, ҷангҳои бародаркушӣ ва ватансӯзиро фаромӯш карда наметавонанд. Ин комилан табиист. Акси садои ин фоҷиаҳо эҳтимол солҳои сол дар эҷодиёти адибон шунида шавад, аммо на ба қасди аз нав барангехтани мардум, балки ба хотир ва муроди бахшоиши ҳамагонӣ, бародарӣ ва ваҳдату ягонагии мардуми азияткашидаи Тоҷикистон.

Дарди мо дар адабиёт танҳо барои дармон аст. Азобу уқубат дар адабиёти чанд соли охир аз мавзӯъҳои асосист, вале дард аз дарде, ки 15 - 20 сол қабл аз ин ҷой дошт, дигаргун аст. Агар он солҳо адиб ман дард дорам гӯён даст бар сина зада ифтихор мекарду таъсири дардаш камтар буд, зеро дар асарҳо нисбат ба дард вонамуд сохтани дардмандӣ бештар ҷой дошт, акнун хусусият, моҳият ва амиқии дард аз дарди пешина фарқ дорад, зеро ин дарди иҷтимоист, ки дармон мехоҳад.

Фарёди ин дард дар эҷодиёти қариб тамоми шоирони тоҷик ба гӯш мерасад. Мо онро дар шеъру достонҳои М. Қаноат, Қутбӣ Киром, Ашӯр Сафар, Бозор Собир, Гулрухсор, Низом Қосим, Ҳадиса, Зиё Абдулло, Шаҳрия, Доро Наҷот, Зулфия Атоӣ ва дигарон бараллo ва таъсирбахш мешунавем.

Дар ашъори ин шоирон, аз ҷумла М. Қаноат, шеъри иҷтимоъ мушаххасан дарк шуда, дар онҳо шахсияти шоир акс андохта, дарди инсони воқеӣ менолад, аз ин рӯ, шеърҳо шеваи нотакрорӣ касб мекунанд, ки яке аз талабҳои асосии шеър ва шоирист. Шоир дар ин ҳолат дарди иҷтимоъро чунон аз худ мекунад, ки дар байни ӯ ва ҷомеа фосила намемонад ва дарди замон дарди ӯ мешавад.

*Як мурғи хушпаём дар ин ошён намонд,*
*Тифли ҳуҷастапой дар ин остон намонд.*
*Ҷамъе ба дашту хайли азизон ба Рашт рафт,*
*Дар водии биҳишт ба ҷуз посбон намонд.*

Ин садои дардест, ки дар дили М. Қаноат аст ва дар ашъору достони «Ҳамосаи дод», ки дар ин солҳо ба чоп расид, ба гӯш мерасад. Дар он ашъор ифода тару тоза, услуб корхӯрда, сухан асолат ва истеҳком дорад, ки дасти қавии суханвар эҳсос мешавад.

Азбаски достони тозаи М. Қаноат «Ҳамосаи дод» ҳоло дар Тоҷикистон ба чоп нарасидааст, банда аз баррасии он худдорӣ мекунам, вале чанд ғазале, ки ӯ дар ин ҷо ба табъ расонд, бо гаронбории маънӣ ва асолати сабку сухан мумтозанд.

Назари амиқ, сидқӣ ва бадеъ мавзӯи иҷтимоъро шеър мегардонад, муҳим он аст, ки шоир бо чӣ дарду шодие онро ба забон меорад, ки хонандаро бо худ ҳамдил месозад. Агар хонанда ҳамдил нашавад, яъне онро дар дилу ҷони худ ҳис накунад, шеър ҳам нахоҳад буд.

Шоир танқиди нуқсони иҷтимоиро барои рафъи он, барои сохтани ҷомеаи адолатнок истифода кунад, он шеър ҳамдилии хонандаро ба вуҷуд меорад. Лоиқ ба ин хотир менависад:

*Бубин ту хасро, шуда Сикандар,*
*бубин магасро шуда Самандар,*
*Ба расми ино алайҳи оно, куҷост тобо, куҷо тавоно?*
*Ҳама разолат шуда рисолат,*
*ҳама фалокат шуда кафолат,*
*Ки корд акнун расида то бун ба мағзи ҷоно,*
*ба устухоно...*

Баробари танқиди нуқсҳо ва шикоят аз беадолатиҳои замони пурошӯб, ки дар ашъори зери унвони «Дар забон ғами миллат» чоп шуда, аз ҷумла, дар шеъри «Ману ту» ҳастанд, Лоиқ бо имзо шудани Созишномаи сулҳи ниҳоӣ бо мухолифин ашъоре гуфт, ки дар онҳо умеди зиндагии осоишта ба гӯш мерасад. Дар яке аз ғазалҳояш мехонем:

*Сулҳи деринтизори мо омад,*
*Нури ҳақ бар диёри мо омад.*

Як силсила шуарои тоҷик дар солҳои охир хуб дарёфтанд, ки шеъри иҷтимоъ ҳам на танҳо дар мавзӯу мӯҳтаво, балки дар сабку нигориш ҳам фардӣ бояд бошад. Ин дарк онҳоро ба ҷодаи ҷустуҷӯи сабку суратнигории тоза равона сохт, ки махсусан, Гулназар, Камол Насрулло, Алимуҳаммад Муродӣ, Фарзона, Раҳмат Назрӣ, Сиёвуш, Абдулқодири Раҳим аз ин роҳ бо ҷиддият пеш мераванд. Ашъори иҷтимоии онон рангу бӯ ва суратҳои тозаи хотирнишин дорад.

Мо ифодаи маънои нав, нигоҳи хос ва услуби тозаро, масалан, дар шеъри «Азон» - и Гулназар мушоҳида мекунем. Ӯ менависад:

*Эй офтоб, эй муаззини сафедриш,*
*Ту аз манораи кӯҳҳои Помир*
*Бархон азони рӯшноӣ.*
*То саф кашем бо дили рӯшан*
*Бо хутбаи вафою ошноӣ...*

Таърихи замони бозсозӣ ва истиқлоли мо хуншор аст. Ашъоре, ки дар бораи фоҷиаи мардум, хароб шудани кишвар, пулҳои шикастаю хонаҳои сӯхтаю валангор, гуфта шудаанд, дар китоби шеъри замон ҷой доранд. Бозор Собир фоҷиаи Вахшу Кӯлобро дар сурати пулҳои харобшуда, ки дар оби чашми ятимон шикастаанд, яъне бо рамзу маҷози пургунҷоиш хеле шоирона ба қалам медиҳад.

*Хунҳои гарм аз муҳаббати ҳамхунӣ(?) рехта,*
*Пулҳои хешу таборӣ*
*Дар обҳои чашми ятимон шикастаанд,*
*Кӯлобам аз миёна ба ғафлат ҷудо шуда,*
*Шояд, ки то ба рӯзи қиёмат ҷудо шуда.*
*Пулҳо намондаанд ба ғайр аз пули сирот*
*Ҳайҳот, ҳайҳот.*

К. Насрулло ин гуна таъсири амикро ба воситаи истифодаи суратҳои анъанавӣ ба мазмуни анъанавиашон ҳам ба даст меорад, вале ӯ он суратҳоро дар фазои дигаре ҷой медиҳад. Масалан, ин тавр:

*Ин сол дигар ҳаргиз нахоҳад гузашт,*
*Ин сол ақрабест, ки дар шиками худ*
*ақраби дигареро мепарварад.*

Дар ин ҷо сурати анъанавии ақраб бо ҳамон мазмуни дарду шиканҷаовариаш, аммо дар фазои дигар истифода шудааст ва аз ин рӯ, нав ва таъсираш ҳам амиқу тоза аст. Ин далели он аст, ки нигоҳи тоза ба суратҳои куҳан ҳам мазмуни тоза ато карда метавонад.

Дар шеър ва махсусан, шеъри ғиноӣ, ё ба таъбир лирикӣ, масъалаҳои иҷтимоии замон ба воситаи суратҳо ифода мешаванд ва ё ба воситаи ифодаи пуртаъсири эҳсосоти қаҳрамони лирикӣ, муфради ғиноӣ. Роҳи дуюм дар эҷодиёти шоирони дилбастаи сабки анъанавӣ бештар ба назар мерасад, ки дар ҳолати амиқ, асил аз дил ҷӯшидани эҳсосот таъсираш аз шеъри суратнигорона камтар нест. Ин роҳ бештар ба У. Раҷаб, С. Ҳалимшо, Ҳақназар Ғоиб, Н. Ниёзӣ, Озод Аминзода, Алӣ Бобоҷон, С. Маъмур, Салими Хатлонӣ, А. Баҳорӣ, Муҳаммад Ғоиб, А. Раҳматзод, Ҷ. Каримзода, Н. Оташ, Ҳ. Нозирӣ, Ҳоҷӣ Мурод, Мухтарам, Ҳайрат Шанбезода, Назрӣ Яздон, Норинисо, Ҷумъа Қувват, Нукра Суннатова, Акбари Абдулло ва ба шоирони ӯзбекамон Улмас Ҷамол ва М. Ҷӯра дилхуш афтодааст, ки намунаи хубашро аз ашъори Ҳақназар Ғоиб мисол меорам:

*Эй қавми пароканда, дар ин дам ба ҳам оед,*
*Шуд хонаи мо хонаи мотам, ба ҳам оед,*
*Эй дар ғами миллатбудагони раҳи ғафлат,*
*Бо хотири чашмони пур аз нам ба ҳам оед.*

Шеъри иҷтимоии замон на фақат аз роҳи тасвир ва ё гуфтани дарду шиканҷа, балки аз роҳи тасвири орзую умеди рангин низ ба даст меояд.

Дар як силсила ашъори Гулрухсор интизорӣ, умед ба рӯзгори хуш ҳаст, аммо азбаски кай ба ин умед расидан маълум нест, сухан пурдард аст.

*Дар сарам чатри барфу борон аст,*
*Дар танам ҷони хаста гирён аст.*
*Рӯзгорам*
*Шаби шабистон (?) аст,*
*Навбаҳорам*
*Ҳама зимистон аст,*
*Эй Худо,*
*Кай баҳор меояд?!*

Рӯҳи иҷтимоии замон, ки дар ашъори ин солҳо асосан ба воситаи таассуроти муфради ғиноӣ, тасвирҳои ҳамосӣ дар ашъори ғиноӣ ба назар мерасид, дар насри давраи байнианҷуманӣ ҳам ҷой дошт ва бештар ба воситаи тасвири объективӣ, яъне ҳамосӣ ба қалам меомад. Аз асарҳои нависандаи машҳур А. Баҳорӣ «Умеди ягона», «Дили гумҷӯ» ва «Қиссаи Нодир», ки дар ин давра ба табъ расиданд, охирин «Қиссаи Нодир» бевосита ба масъалаҳои иҷтимоии солҳои навад бахшида шудааст.

Дар ин қисса воқеаҳои нохушу фалокатбор аз назари нависанда, ки ровии объективист, дидаву ба тасвир кашида мешаванд. Онҳо ба мо шиносанд, бинобар ин мо зуд ба доираи масъала ва ҳодисаҳо кашида шуда, баробари нависанда фикр меронем, сабабҳои вуқӯи

онҳоро меҷӯем. Масъалаҳои майдондорӣ, маҳалгароӣ, баҳси мумтозии маҳалле бар маҳалли дигаре, ки асоси миллат ва давлатро рахна менамоянд, ҳеҷ яки моро ором намегузорад. Азму талоши қаҳрамони асосии асар Нодир хонандаро ба таҳрик меоварад, ки дар бораи ҳукумату ҳукуматдорӣ амиқан андеша мекунад. Ҳукуматдории нодуруст, ки гурӯҳҳои муфтхӯр, судҷӯ, ғоратгарро ба миён меорад, дар чанд боби романи «Садама»-и Саттор Турсун, ки нав ба чоп расидааст, низ мавриди мулоҳиза қарор гирифтааст.

Авзои ноҷӯри сиёсиву иҷтимоӣ, ки онро метавон сабабҳои сар задани ҷанги ҳамватанӣ ва оқибатҳои он номид, на фақат дар назму наср, балки дар жанрҳои дигар, аз ҷумла дар драматургия ҳам инъикоси худро ёфт. Зеро ин ҷанг ва оқибатҳои он ба тақдири ҳама на танҳо адибон, балки ба тамоми мардум таъсир кард. Аз ин ҷиҳат рӯй овардан ба он рӯй овардан ба сарнавишти мардум аст ва мавзӯе, ки ба қисмати халқ вобастааст, муҳимтарин масъалаҳои ҳастии ӯро дар як марҳилаи таърихан муҳим дар худ таҷассум карданаш мумкин мебошад. Бинобар ин, дар ин бора ба вуҷуд омадани намоишномаҳои А. Қаҳҳорӣ «Истиқлол», Ш. Солеҳ «Исёни майитҳои бекафан», М. Хоҷаев «Офат», А. Ҳамдам «Нардбони осмон», Н. Абдуллоев «Ман қотилам», «Куҷо равонем?», М. Сурӯш «Шумо ҳоло барои куштани ман фурсат меёбед», Нур Табаров «Тарс» ва чанди дигар, ки сарнавишти мардуми тоҷикро дар ҳамон солҳои мудҳиши ҷангҳои ҳамватанӣ ва ё каме пештару каме пасонтар ба тасвир гирифтаанд, аз мақсади муаллифон, ки азм кардаанд, бар жарфои сарнавишти халқ назари тааммуқ дӯзанд, дарак медиҳанд. Муаллифон дар ин намоишномаҳо дастовардҳои арзишманди гуногуне доранд, ки қисме ба маводу мавзӯъ, офариниши образҳои ҷолиб дахл дошта, қисме ба забону услуб ва хусусиятҳои саҳнавии онон вобаста аст.

Масалан, «Истиқлол»-и А. Қаҳҳорӣ роман - намоишнома буда, аз се песаи «Гардиши фалак», «Доғ» ва «Фирор» иборат аст, ки ба як мавзӯъ, воқеаҳои солҳои навад бахшида шудааст. Ин падидаи тозаест ва ба эътибори он маводи фаровоне, ки муаллиф дар он овардааст, аз баҳсҳои демократҳою ғайридемократҳои солҳои аввали навад сар карда то фирори Президент, ташкили ҳукумати муросои миллӣ, пайдо шудани дастаҳои ҷанговарон ва воқеаҳои баъд аз он қобили қайд аст. Намоишномаҳои «Исёни майитҳои бекафан»-и Ш. Солеҳ, ки фоҷиаи ҷанги бародаркушро ба саҳна мекашад, дар устухонбандӣ ва суҷаи шадиду фаъол бурди назаррас дорад. Муаллиф хусусиятҳои саҳна ва талаби асари драматургиро, ки воқеаро бояд бо амал нишон диҳад, хуб медонад ва ба иҷро мерасонад. Ҳамин гуна хусусиятҳо дар асарҳои Н. Абдуллоев «Ман қотилам» ва «Куҷо равонем?» низ бараллоина намудор аст. Ин ду муаллиф, ки ҳам адиб ва ҳам актёру режиссёранд, дар саҳнавӣ сохтани асар, ки диққати тамошобинро як лаҳза раҳо намекунад, маҳорати бебаҳсе доранд.

Камбудиҳои асарҳои драмавие, ки дар масъалаҳои доғи замон навишта шудаанд, ба наздикӣ дар маҷлиси ба ин мавзӯъ бахшидаи садорати ИН баён гаштанд, ки чандтои онро хулосатан зикр мекунам. Дар ин асарҳо муҳокимаҳои сиёсию иҷтимоӣ бештар буда, таҳлил ва ҷамъбастҳои бадеӣ каманд, мавзӯъ бештар на ба воситаи амалу воқеа, балки аз роҳи муколама баён мегардад. Ин нуқсҳо имкон намедиҳанд, ки характерҳои амиқ ва пурқуввати бадеӣ офарида шаванд.

Назари танқидӣ ва таҳсинӣ ба иҷтимои замон дар ҳар жанру намуде, ки бошад, бояд дар асоси тасвири ҳодисаю воқеа ва андешаю таассурот баён карда шавад, на аз роҳи «офарин» ва ё «нафринхонӣ» - и урён, ки заминаи ҳиссӣ ва воқеӣ надорад. Агар ин тавр аст он на чун асари бадеӣ, балки дар сатҳи шиор мемонад.

Шеър ва махсусан, шеъри ғиноӣ, агар аз анъанаи шеъри беҳиссиёт ва безаминаи солҳои пешин таъсир гирад, аз дарди шиорзанӣ халос шуданаш мушкилтар аст, ки қисмати калони

шеъри имрӯз ҳамин гуна касолат дорад. Вале умед бар он аст, ки дар натиҷаи дарёфти асолати шеър ва канораҷӯӣ аз суханҳои бебунёд шоирон тавонанд, ки худро аз ҷараёни суханбофии барҳадар берун кашанд. Ин нуқс дар ҳамаи жанрҳо ҳаст ва зуҳураш шаклан фарқ кунад ҳам, моҳиятан як аст. Масалан, он дар шеъри ғиноӣ асосан дар суханҳои урён ва безаминаи муфради ғиноӣ зуҳур кунад, дар наср дар он ки нависанда мавзӯъ ва масъаларо на ба воситаи тасвири ҳодисаю воқеа ва андешаю таассурот, балки ба воситаи танҳо сухани ровӣ ва ё ин ё он қаҳрамон нишон доданӣ мешавад, аён мегардад. Дар драматургия ҳам ҳамин тавр, муаллиф ба ҷои нишон додани воқеа ва задухӯрди қаҳрамонҳо ба гапгузаронии онон саргарм мешавад. Вале азбаски дар асоси наср ва драматургия аксаран ҳодисаю воқеа ҷой дорад, муаллифони ин ду намуд, ба ин дард нисбат ба шоирон камтар гирифторанд.

Дар шеър ҷои ҳодисаю воқеаро, агар шеъри ғиноӣ бошад, образу образнокӣ ва ҳиссиёту таассуроти амиқ мегирад ва онро аз урёну шиор шудан наҷот мебахшад. Бад-ин васила рӯҳи иҷтимоии замон дар шеъри ғиноӣ дар пирояи бадеӣ тасвир мешавад. Агар даҳ-понздаҳ сол пеш аз ин аз озодӣ танҳо ба маънои ҳама озодему озодии мо ҷовидона монанди офтоб дурахшон аст, барин суханҳо мегуфта бошем, дар солҳои ҷанги бародаркушӣ шоир Раҳмат Назрӣ аз воқеияти замон сухан гуфта, дар бораи шаҳидони фиребхӯрдаи роҳи озодӣ дар шеъри «Нур дар гӯр» чунин менависад:

*Сутхони шумо ба гӯр нур афшонад*
*Бо ёди чароғи мурдаи озодӣ.*

Фоҷиаи халқи мо бузург буд, дар ин бузургтарин фоҷиа хурдтарин умед ҳам ба дил қуввату рӯшноӣ мебахшад. Инсон ба умед зиндааст ва шоир инро бисёр қавӣ гуфтааст, ки ҳатто устухони мурдагон ба умеди озодӣ нур меафшонад ва боз дар шеъри дигараш навиштааст:

*Дареғо, Ховарон хуршеди худ дар Бохтар бохт,*
*Намози шом дорам ман дуои бомдодаш.*

Шоирон дар тасвири дирӯз ва имрӯз таъбирҳои тоза ёфта, аз муҷаррадгӯӣ канора меҷӯянд. Масалан, С. Маъмур барои ифодаи дирӯзи осуда ва имрӯзи пур аз ҳодиса рамзҳои нишонраси лонаи парасту ва хонаи занбӯрро истифода карда, мақсадро шоирона ва хотирнишон баён менамояд.

*Дӣ гар ба кунҷи айвон буд лонаи парасту,*
*Имрӯз дар паси дар занбӯр лона дорад.*

Авзои ноҳамвори сиёсӣ ва пурнуқсони иҷтимоӣ решаҳои гуногуне дорад, ки шуаро ба он ишораҳо мекарданду мекунанд. Яке аз онҳо, бешубҳа, беалоқагӣ ба авзои ҷамъиятӣ ва дарунхолигии насли имрӯз аст, ки худро ба машғулиятҳои фасодкунандаи шахсият овора медорад. Низом Қосим онро дар насли худ дида, ба заҳрханд мегӯяд:

*Хандаи гул зи мо намеояд,*
*Оҳи булбул зи мо намеояд.*
*Шиша гаштем аз шаробхурӣ,*
*Ғайри қул - қул зи мо намеояд.*

Назари адиб ба рӯҳи иҷтимоии замон бетафовут буда наметавонад, он ҳатман баҳое дорад. Дар шеър ин баҳо аён ба назар мерасад, зеро муфради ғиноӣ, ки аксаран сухан аз номи ӯст, бо

шахси шоир қаробати наздике дорад ва шеър, ки бозгӯи таассуроти ӯст, баҳои шоирро низ ифода мекунад. Дар наср, агар ин баҳо аз номи ровӣ ва ё ин ё он қаҳрамон ба забон оварда нашавад, онро худи интихоби ҷузъиёт ва воқеа баён менамояд.

Баҳои адиб ба авзои замон, танқиди норасоиҳои он бо сабку усулҳои гуногун дар асарҳои А. Самад, У. Кӯҳзод, К. Мирзоев, И. Насриддин, М. Хоҷаев, С. Зардон равшан ба назар мерасад. Ин танқид дар баъзе асарҳои У. Кӯҳзод оҳанги публисистӣ дошта, дар баъзеи дигар, масалан, дар ҳикояи «Очаи бачаҳо» аз зимни сухани ровӣ бармеояд. Худ аз субҳ то шом як лаҳза ором нагирифта ба ин ё он кор машғул шудани очаи бачаҳо, зан, модар дилро чунон ба танг меорад, ки «бас» гӯён фарёд задани кас меояд. На дар сухани ровӣ, на дар рӯзи муқаррарии очаи бачаҳо фазое барои дам рост кардан нест. Ин худ баҳои сахтест ба иҷтимои замон, ки сухани дигаре лозим надорад.

Очаи бачаҳо озоди бандист, ӯ аз рӯи қонунҳои ҷамъият озод, аммо бандии ташвиш ва азобу укубати рӯзгор аст. Вале қаҳрамони повести «Маҳбус» - и А. Самад «Фил» дар байни бандиён озод аст, зеро ҳукми ӯ бар атрофиёнаш равост. Масъалаи озодиро, озодии иҷтимоиро ду нависанда аз ду дидгоҳ мебинад, яке маҳбусиро дар байни озодон ва дигаре озодиро дар байни маҳбусон ва баҳои адиб ба иҷтимои замон аз интихоби худи ҳамин дидгоҳ маълум аст. Қаҳрамони асосии «Маҳбус» - и А. Самад, ки лақаби «Фил» дорад, ҳангоми аввалин бор аз маҳбас берун ба кор, ба шаҳр рафтан ба мошин савор мешавад ва мегӯяд: «Ба касе ҷонаш азизу ширин бошад, то ман ҳастам, дигар ин ҷо нашинад!» Ин як ҷумла ҳукмравоии ӯро ба маҳбусон ва озодиашро, ки аз ҳисоби маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодии дигарон аст, баён мекунад. Ин ҷо озодии «Очаи бачаҳо» - и У. Кӯҳзод ва маҳбусии «Фил»-и А. Самадро муқоиса карда, қонуниятеро метавон дарёфт: Очаи бачаҳо бо маҳбусии худ, яъне банди ташвиши рӯзгор буданаш фазои озоди дигаронро фарохтар мекунад, аммо Фил бо маҳбусии худ фазои озодии нисбиеро, ки дар байни маҳбусон аст, тангтар месозад. Аз ин назар, чӣ гуна шахсият ва чӣ баҳо доштани маҳбусӣ ва озодии ин ду қаҳрамон аён мешавад. Бубинед, бо ду роҳи мухолиф – роҳи аввал ба воситаи амали мусбати қаҳрамони мусбат – очаи бачаҳо ва роҳи дуюм бо амали манфии қаҳрамони манфӣ – Фил ду адиб ба дарёфти иҷтимоии замон меравад. Моҳияти фалсафии ин асарҳоро дар чигунаги ва то чӣ андоза дар ҷомеа нисбӣ будани озодию маҳбусӣ бояд ҷуст. Дар ин ҷо ҳамин қадар бар ин нукта меафзоям, ки А. Самад зиндагии маҳбусон, хулқу атвори персонажҳоро хеле хуб омӯхта, асаре офаридааст, ки баробари во намудани як зиндагии аз чашми ҷомеа пинҳон масъалаи фалсафӣ ва ҷовидони озодӣ ва асоратро дар мисоли ҳаёти маҳбусон амиқ ба тасвир гирифтааст.

Муносибати шахс бо ҷомеа, бо шахс низ аз масъалаҳои муҳимест, ки аҳамияти фалсафӣ дошта, барои дарёфти чигунагии рӯҳи иҷтимои замон хидмат мекунад. Ин масъала асосан бо ду роҳ ба қалам кашида мешавад, аз роҳи рафтан аз масъалаи иҷтимоӣ ба шахсӣ ва ё аз роҳи рафтан аз масъалаи шахсӣ ба иҷтимоӣ. Ба назари ман, чигунагии равишҳо аҳамияти баробар доранд, моҳият дар таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи масъала аст.

Нависандагон Ф. Ниёзӣ дар қиссаҳои «Пахта ва гул» ва «Фоҷиаи Боғистон», М. Хоҷаев дар романи «Кӯҳ беварта нест», И. Насриддин дар қиссаи «Як рӯзи хазонрез» бо воситаи тасвири амали иҷтимоӣ ба масъалаҳои маънавиёти шахс, ҷои ӯ дар ҷомеа ва хонавода, мубориза кӯҳна ва нав сар фурӯ бурда, адибон Сайф Раҳимзод дар қиссаи «Таронаҳо ва тавбаҳо», К. Мирзоев «Нишони зиндагӣ», Насим Раҷаб «Ишқи духтари яҳудӣ», Бахтиёр Ҷумъа «Чашми рашк» аз роҳи таҳқиқи масъалаҳои шахсӣ ва шахсият ба тааммуқи иҷтимои замон мерасанд.

Дар қиссаи устоди шодравон Ф. Ниёзӣ «Пахта ва гул» раиси колхоз Мустафоев бо сабаби офат маҷбур мешавад, ки ба ҷои пахта гул корад, аммо котиби кумитаи ҳизбии ноҳия ва вилоят ба ин кор сахт муқобил ҳастанд. Масъала истеҳсолӣ ва ҷамъиятист, вале дар ҳалли он на фақат мавқеъ ва симои ҷамъиятӣ, балки ботин ва шахсияти қаҳрамонҳо низ зоҳир мешавад.

Қаҳрамонони романи «Кӯҳ бе варта нест» - и М. Хоҷаев, ки сохтмончиёни истгоҳи барқанд, аз ҷумла Саидбек ва Ато  Муродов чеҳраи воқеии худро, ки яке сиришти ҳамидаи инсонӣ дораду дигаре ботини зишту палид, дар саҳнаи сохтмон, яъне дар майдони иҷтимоъ нишон медиҳанд. Чинугагии шахсиятҳои иҷтимоии онҳо шахсияти фардӣ, хонаводагиашонро муайян менамояд. Аз ин назар қиссаи «Як рӯзи хазонрез»-и И. Насриддин низ ҷолиби диққат аст, зеро муаллиф мекӯшад, нишон диҳад, ки дар ниқоби чеҳраи мусбати ҷамъиятии инсон, дар айни ҳол котиби кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист Раҳим Қурбонов, чӣ гуна шахсияти манфур пинҳон мебошад.

Моҳияти фалсафии ин тарзи тасвири инсон дар он аст, ки инсон дар як вақт наметавонад ҳам хуб бошаду ҳам бад, инсон наметавонад зиндагии дубаҳра ба сар барад, дар фаъолияти ҷамъиятӣ бад бошаду дар зиндагии шахсӣ хуб ва ё баръакс. Инсон бо ду сиришт ва ду сарнавишт зиста наметавонад, ҳатман яке аз он бояд ноасил бошад ва фош гардад. Агар сиришт асилу хуб аст, шахсият ба ҷомеа ва мардум таъсири файзбахше мерасонад, дунё аз ӯ рангинтар ва инсонҳо ҳалимтар мегарданд. Қаҳрамонҳои қиссаи «Таронаҳо ва тавбаҳо»-и Сайф Раҳимзод аз ҳамин қабиланд ва аз олами орзуву армон ва хаёлҳо ба ҷаҳони зиндагии воқеӣ менигаранд ва ё ворид мешаванд. Хугара – қаҳрамони асосии қисса дар муносибаташ бар зиндагӣ ҳамин гуна аст, сиришти ӯ раҳнамои зиндагии ӯст, ҳар коре ки мекунад, танҳо ба тақозои сиришташ аст. Ӯ аз қабили инсонҳоест, ки ба касе бадӣ намекунад, балки наметавонад бикунад ва бад кардан ба дигаронро бад кардан ба худ медонад. Зиндагии ботинию зоҳирии Хугара зиндагиест ба сӯи камолоти маънавию ахлоқии инсон.

Сабку забони шоирона, андешаҳои пурҳикмат ва рангомезиҳои ҳиссиёт, дар қисса, ҳама аз партави шахсияти Хугара мебошад, ки зодаи бардоштҳои нависандаи нозукхаёл Сайф Раҳимзод аст, аз зиндагии воқеӣ ва ормонӣ.

Дар ду асари Саидалии Саид, ки ба наздикӣ ӯро ба узвияти ИН қабул кардем, дар қиссаҳои «Вопасин парвози лошахӯр» ва «Ману шабҳои маҳтобӣ» қалами расои нависандаи баркамол эҳсос мешавад. Махсусан, қиссаи «Вопасин парвози лошахӯр», ки тамсилист, масъалаҳои ҷовидони ишқу садоқат, хушбахтиву бадбахтӣ, бедардию ҷавонмардиро, ки ба рӯзҳои мо ҳамоҳангӣ доранд, дар мисоли ҳаёти лошахӯрону уқобон хеле моҳирона ва огоҳона ба қалам медиҳад. Ин гуна нависандагон доираи фарогирии адабиётро фарохтар менамоянд, зеро аз зиндагие менависанд, ки то ҳол ба назари мо дуру ноошност.

К. Мирзоев дар қиссаи «Нишони зиндагӣ» аз масъалаи шахсӣ, хонаводагӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ мансабталошӣ, маҳалгароӣ (қишлоқгароӣ) мерасад. Қисса дар атрофи маҷбуран ҳамхона кардани духтарандару писарандар Соҳибаю Субҳонқул сурат мегирад. Образҳои манфӣ Мӯҳриддин Ниёзов ва Суяр, ки ҳар ду ҳам аз олами маорифанд, зиндагии дурӯя мебаранд, зоҳиран хуб, ботинан хароб. Аммо дар як вақт ҳам хуб ва ҳам бад будан имкон надорад, аз ин рӯ,  онҳо низ ба муҷозои ҷамъиятӣ ва ахлоқию маънавӣ мерасанд.

Азоби алим будани зиндагии дурӯяи инсон дар романи нависандаи русзабони мо Мансур Сурӯш «Чала» бисёр боварибахш, бо ҷузъиёти воқеияш ба қалам омадааст. Ин асар дар бораи яҳудиёни Бухорои аввали асри XX мебошад, ки барои осон кардани зиндагии сахташон исломро қабул карда, ба азоби аз он ҳам сахтари рӯҳонӣ гирифтор шудаанд – онҳоро на яҳудиён қабул доранд ва на мусулмонон. Вақте ки яҳудии чала Мурдахай вафот мекунад,

тобути наъши ӯро на яҳудиёни мутаассиб ва на эшонҳои мусулмон дар қабристони худ ҷой додан мехоҳанд.

Нависанда манзараи зиндагӣ, расму анъана, маишат, одобу услуб ва азоби радди маъракагии чалаҳои Бухороро хуб тасвир мекунад. Зиндагии Моше ва Або, Пинҳос ва авлоди ӯ, Юсуфи ҷавон, ки қисмати талхи худро шинохта, аз ҷони худ даст мешӯяд, тасдиқи ин гуфтаҳост.

Ин роман асосан хуб аст, аммо ҷо - ҷо зоҳирнигорӣ эҳсос мешавад ва ба нависанда зарур аст, ки дар он ҷойҳо таҳқиқи бадеиро амиқтар барад, то романе, ки чунин масъалаи муҳими маънавию рӯҳониро ба миён гузоштааст, ба дараҷаи масъалагузориаш амиқ ва таъсирбахш бошад.

Ҳаёти иҷтимоӣ аз дигаргунсозиҳои инқилобӣ на ҳамеша бурд мекунад, баъзан он на фақат ба решаҳои маънавию ахлоқии зиндагӣ теша мезанад, балки ҳатто ба олами табиат, ҳастии инсону ҳайвону хазандагон хатари нобудшавӣ ворид месозад. Ин маънӣ дар қиссаи «Гуреза» - и У. Кӯҳзод таҷассуми бадеии худро меёбад. Нависанда қувваи бадиро дар суратҳои Саиди Чирик, Чарминапӯш ташхис дода, Нусрати нурониро, ки таҷассуми некӣ ва адолат аст, гирифтори сарпанҷаи зулму тааддии онҳо месозад. Дахолати зӯроварона ба иҷтимоъ, ки сохти онро дигар кардааст, дар табиийт, ҳастии одам ҳам асари фоҷиабор гузашта, як одам - ду одам ва чӯҷаи ду нулу чашм болои сарро ба зуҳур овардааст. Қувваи бадии ҳаёти иҷтимоӣ, ки дар ин ашхос муҷассам шудааст, ба он дараҷаест, ки зиндагии шахсии ононро қариб нонамоён месозад.

Дар навиштаҳои гуногунжанр ва гуногунмавзӯи нависандагони маъруф Ю. Акобиров, Мутеулло Наҷмиддинов, Ибод Файзуллоев, Қодир Наимӣ, А. Яблоков, Холмурод Шарифов, ки дар ин солҳо ба табъ расиданд, ҷиҳатҳои гуногуни иҷтимои замон тасвир шуда, ба зиндагиро фарохтар фаро гирифтани адабиёт мадад кард.

Романи «Зарафшон» - и Сорбон аз доманадортарин асари насри солҳои охир аст, ки насиванда дар он ба воситаи тасвири сарнавишти шахсии қаҳрамонҳо ба нишон додани намои фарохи иҷтимои замон камар мебандад. Бешубҳа, аз роҳи сарнавишти шахсии қаҳрамонҳо, ки дар он муҳаббату нафрат, садоқату хиёнат, шарафу беномусӣ, хуллас, гуногунтарин ҳиссиёт, ангеза, қасду мaром ҷой дорад, рафтан ба тадқиқи масъалаҳои иҷтимои замон асарро шавқангез мекунад. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки Сорбон ба идроки иҷтимои замон ба роҳи офаридани характерҳои гуногун мерасад. Чеҳраҳои Усто Қодир ва махсусан, Шарифа дар офаридани характери миллӣ, ки асолати тоҷикӣ дошта, асрори устувории маънавии ахлоқии миллатро дар гирудорҳои нобудкунандаи таърих нишон медиҳад, дастовардҳои муҳими бадеист. Зӯрмандӣ ва ҳукмравоии ашхосе монанди Зуҳур, Қозӣ ва Қурбошӣ бо вуҷуди зимомдорони замона буданашон ҳамоҳанги замон нест, зеро мухолифи ҳикмати ҳаёти мардум аст.

Роман ниҳоят сервоқеаву серқаҳрамон аст ва ин баъзан ба нависанда имкон намедиҳад, ки ҳамаи онҳоро ба ифодаи мақсади асосиаш пурмаҳсул истифода кунад, баъзан воқеа як номбар мешаваду мантиқи пайвастагии он ба мақсади асосӣ зоҳир намегардад. Забони асар аз ҷиҳати луғат бою рангин аст, вале ноҷӯриҳои услубӣ, забонӣ ҳам ба назар расида, дар тасвири ҳолати қаҳрамонҳо ҳам номувофиқатиҳо ҷой доранд. Масалан, аз ин қабил: «... арӯс, ба ҷои он ки ба саломи шаҳ омода бошад, беҳушу беёд ба замин афтода, ба дастон чашму рӯ пӯшида буд.

- Ассалому алайкум! – одоб кард шаҳ.

Арӯс магар аз ҷавоби шаҳ хиҷолат кашид, ки як қад парид ва боз ғунчатар шуд».

Ҳоҷати исботу далел нест, ки агар инсон беҳушу беёд бошад, ихтиёри ба кафи дастон чашму рӯ пӯшидан, хиҷолат кашидан ва як қад париданро надорад. Мутаассифона, роман аз назари сабку забон ҳам таҳрир мехоҳад.

Асри XX барои иҷтимоии мардуми тоҷик асре буд пур аз шиддати муборизаҳо, сохтанҳою барандохтанҳо, сарфарозию сарафкандагиҳо, асре буд, ки низоми чандсадсолаи зиндагиаш аз ҳам фурӯ рехт, аз нав ба тарики тоза беқарор шуд ва боз дарҳам шикаст. Дар ин шикастану бастанҳои таърих хулқу атвор, феълу хӯй, хуллас, характери халқ зоҳир гашта, қобили ҳаёт ва худсозӣ будани он бори дигар санҷида шуд.

Ин ба нависанда мавод ва имкони фаровоне медиҳад, ки таъсири иҷтимоии замонро дар сарнавишти шахс ва саҳми шахсро дар дигаргунсозии иҷтимоии замон ба таҳлилу тадқиқ гирад. Ва табиист, ки нависандагони тоҷик ин корро на фақат дар асарҳои калонҳаҷм, роману қисса ва намоишномаҳои худ ба иҷро мерасонанд, балки дар ҳикоя ҳам ба ин кӯшида дастовардҳои назаррас доранд. Ҳикояҳои Саттор Турсун, Ҷонибек Акобиров, Бахманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муҳаммадраҳими Сайдар, Абдурофеъ Рабизода, Ҳасан Муҳаммадӣ, Муҳиб Қурбон, Нозирҷон Ёдгорӣ, Марямбонуи Фарғонӣ, Партав, Неъматуллои Худойбахш яке аз ҷиҳати мавзӯу мундариҷа, ки хусусиятҳои характерноки иҷтимоии замонро инъикос мекунад, бартарӣ дошта бошад, дигаре дар шакл, сохтмон, забону услуб тозаҷӯиҳо дорад. Таҳрики навҷӯӣ дар ин жанр махсусан, дар забон ва ҳикояҳои Саттор Турсун бештар эҳсос мешавад.

Дар радифи асарҳои ин муаллифон ҳикояҳои воқеӣ, саргузаштии шоирон Ғ. Мирзо ва Гулназар бо мушоҳидаҳои дақиқ, ҷузъиёти хотирнишин, таъбироти шоирона ҷои махсус ишғол мекунанд. Махсусан, ҳикояҳои «Сагвафо»-и Ғ. Мирзо ва «Ғамхар»-и Гулназар ҳикматомез ва пурғунҷоишанд.

Ҷамъият бо нуқсони худ бо ҳаҷву мазҳака хайрбод мекунад. Агар ин нукта мусаллам аст, пас ҷамъияти мо дар охири асри бист бештар дар ҳикоя ба айбу гуноҳ ва норасоиҳояш падруд мегӯяд, зеро ҳаҷв бештар дар ҳикояҳо ҷой дорад. Эҳтимол ин ҳам талаботи иҷтимоист, ки як силсила нависандагони воқеан соҳибистеъдоди ҳаҷвнавис арзи зуҳур карданд, ки Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ, Наҷмиддин Шоҳинбод, Саидаҳмади Зардон, Додохон Эгамзод, Ҳакималӣ Назаралӣ, Карим Давлат, Гурез Сафар, нависандаи рус Александр Сказков аз қабили онҳоянд.

Як худи ҳикояи Наҷмиддини Шоҳинбод «Ҳайкали кампир» далели он аст, ки ҳаҷв дар насри тоҷик сифати моҳиятан тоза, хусусияти иҷтимоӣ пайдо карда, дигар суханпарронию лафзбозиҳои сабукборро набояд ба эътибор гирад. Ҳаҷви ҳақиқӣ на дар ҳарф, балки дар зарф бояд бошад, яъне ба суханпаррониҳо қонеъ нашуда, шароит, вазъияти ҳаҷвӣ бояд эҷод кунад, вазъияти ҳаҷвӣ, ки эҷод шуд, он ҳатман ба иҷтимоии замон бармехӯрад. Ин сифат дар ҳикояҳои беҳтарини адибони ҳаҷвнигорамон ҳаст, ки аломати роҳ ба сӯи камолот гирифтани он аст. Аммо баробари ин ҳамон нуқсони калони ҳаҷв, ки муаллифон, ҳатто муаллифони хуб, дар асарҳояшон вазъияти ҳаҷвӣ эҷод накарда, ҳамаи бори асарро ба дӯши суханпаррониҳои сабук мегузоранд, кам ба назар намерасад. Ҳаҷви ҷиддӣ аз ин камбудӣ ҳатман бояд халос шавад.

Адиби ҳаҷвнигор ба воситаи вазъият ва сурату амалиёти ҳаҷвии офаридааш ба зиндагӣ дахолат мекунад, яъне дахолати ӯ бовосита аст, дахолати адибони публисист росто, яъне бевосита аст, ки ҷасорат ва дили сӯзоне мехоҳад. Ҳикояҳо ва мақолаҳои зиёде, ки адиби солманди мо Раҷаб Амонов дар ин солҳо ба табъ расонидааст, шаҳодати онанд, ки ин устод дарди ҷомеаро дар дилу ҷони худ ҳис мекунад ва барои дармони он мекӯшад.

Дирӯз давоми имрӯз аст, ба он маъно, ки дирӯз таърих аст ва дар ҳаёти маънавӣ ба хизмати имрӯз мерасад.

Дирӯзи халқ дар зиндагии иҷтимоии имрӯз нақши амиқ мегузорад. Баъд аз он ки адабиёт аз маҳдудаи сиёсат як андоза озод шуд, адибон ба гӯшаҳои ноошнои таърихи халқамон рӯй оварданд.

Ин ҷо муқоисаи ҷолибе метавон кард. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳам таваҷҷуҳи адибон ба таърих ва симоҳои барҷастаи таърихӣ афзуда, масалан, дар бораи Темурмалик, Муқаннаъ, Таҳмоси Хуҷандӣ, сарбардорон асарҳо офарида буданд, ки рӯҳи ватандӯстии халқро қувват бидиҳанд. Дар солҳои навад, солҳои ҷанги ҳамватанӣ, бародаркушӣ ё дақиқтараш худкушӣ дар Тоҷикистон адибон боз ба таърих рӯй оварданд, аммо ин бор ба шахсиятҳои эҷодӣ ва маънавӣ, зеро мехостанд он халои маънавиеро, ки халкро ба ҷанги бародаркушӣ овардааст, бо ҳикмати гузаштагон пур кунанд. Агар ин яке аз сабабҳои рӯйоварӣ ба таърих бошад, сабаби дигараш ба назари банда он аст, ки акнун баъд аз озодии сиёсии адабиёт ба таҳлилу ташвиқ ва офаридани асарҳо дар бораи бузургони рӯҳонии таърихамон, ки аксар ба ирфону ислому илоҳиёт вобаста буданд, имконияти бештар пайдо шуд.

Таваҷҷуҳ ба шахсиятҳои маънавии таърихӣ дар шеъру драматургия бисёртар ба назар мерасад ва ҳар адиб ба шахсияту мероси онҳо аз рӯи тақозои жанраш муносибат мекунад. Масалан, шоир дар бораи шоири куҳан шеър ё достоне эҷод карда, бад-ин васила на фақат андешаҳои ӯро, балки гуфтаниҳои худро низ вобаста ба ӯ баён менамояд, ё аз асари ҷудогона ва шеваи осори ӯ истиқбол карда, шеърҳо мегӯяд. Мо истиқболро аз ғазалҳои шуарои куҳан, махсусан, аз ғазалҳои Мавлавӣ дар солҳои охир фаровонтар мебинем. Сабаби ин ба назари банда, дар он аст, ки эҷодиёти Мавлавӣ то солҳои охир дар Тоҷикистон хеле кам интишор ёфта буд, баъди чопи се - чаҳор ҷилд аз ашъори ӯ ва Шамси Табрезӣ шуаро, махсусан, ҷавонон худро ба ин дарёи беканори шеър андохтанд. Ташна худро ба дарё мезанад. Бинобар ҳоло он истиқболҳое, ки дар шеъри имрӯз аз ғазалиёти Шамс ҳастанд, истиқболҳои ташнагон буда, аз шеъри замон камтар асар доранд. Аз ин рӯ, мо ҳам ба онҳо чун ба истиқбол нигариста, давронеро мунтазир мешавем, ки ташнагон аз ин дарё шодоб шаванд, ба қаър ва сарчашмаи он расида, чашмаҳои шеъри худро бикушоянд, то ташнагии ташнагони шеъри имрӯзро шикаста тавонанд. Аз истиқбол ба сӯи истиқлол бояд рафт.

Ин нукта на фақат ба истиқбол аз ғазалҳои Шамс, балки қариб ба ҳамаи истиқболҳо аз осори классикон дахл дорад, махсусан, ба ғазалу ғазалгӯӣ, ки солҳои охир фаровон ривоҷ мегирад.

Дуруст аст, на фақат дар байни ғазалҳои насли калон балки ҷавон ҳам баъзан ғазалҳои хуб ва ё байтҳои хуб ҳастанд, масалан, монанди ин байти шоири ҷавон С. Хатлонӣ:

*Ин баҳори хун, ин шаб лола-лола мерӯям,*
*Аз ғами дарун, аз таб, нола-нола мемӯям.*

Аммо на ҳамеша ин тавр аст ва нуқси равияи ғазалгӯии мо дар ин аст, ки баъзан мазмунҳои баланди гузаштаро имрӯз ба такрор, вале ношоирона бозгӯ мекунем, ҳарфҳои берӯҳу равонро ба хотири вазну оҳанге, ки аз онҳо ва махсусан, аз шакли ғазал бармеояд, шеър мепиндорем.

Банда дар ин бора дар маҷлиси махсуси Садорат оид ба мавзӯи шеър муфассал суҳбат карда будам, ҳоло хулосатан мегӯям, ки баъзе аз мо, ки ба шаклҳои суннатӣ сабукфикрона даст мезанем, ба он на ғолиб, балки мағлуб мешавем, зеро фиреби шаклро хӯрда, суханҳои равон, вале обшуста, мазмунҳои ночизро, ки ҳатто пирояи бадеӣ надоранд, ба қалам медиҳем.

Азбаски ин дард умумист, қариб ба ҳамаи мо дахл дорад ва ман, ки мисолҳояшро дар ҳамон суханронӣ оварда будам, ҳоло аз мисоловарӣ сарфи назар мекунам.

Қисмати дигари шеърҳо бевосита ба шуаро ва шахсиятҳои маънавии таърихӣ бахшида шудааст, масалан, Борбад, Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Фирдавсӣ, Мавлавӣ, Камол, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва дигар шахсиятҳо, ки осорашон дар зиндагии имрӯз зинда аст. Шоираи закитабъи мо Фарзона дар бораи он гуна шахсиятҳо силсилаи махсуси ашъор навишт, ки андешааш амиқ ва суханаш бо пирояи хушобу ранг оростааст. Ӯ ғарбгароии ҷомеаро, ки шефтаи зарқу барқи он шудааст, бемаҳсул мебинад ва моро ба сарчашмаҳои худӣ, ба пос доштани арзишҳои умумибашарии худ мехонад.

*Роҳи Афранг сипардиву ба ҷое нашудӣ,*
*Офтобат занад, аз мункири Ховар бошӣ!*

Тамоюли ҷустани арзишҳои умумибашарӣ дар маънавиёти гузаштаи худ дар шеъру манзумаҳои Лоиқ, Ҳалимшо, Гулназар, Низом Қосим, Зиё Абдулло, Доро Наҷот, Сиёвуш, Муҳаммадалии Аҷамӣ бештар ба назар расида, ифодагари таваҷҷуҳи махсус ба он арзишҳои маънавиёти миллист, ки моҳияти умумибашарӣ доранд. Онҳо таърихро ба хидмати имрӯз мекашанд ва равшан нишон медиҳанд, ки арзишҳои маънавиёти миллӣ ҳаргиз маҳдудаи замонӣ надоранд. Салимшо Ҳалимшо ин корро на фақат дар шеърҳояш, балки дар мақолаҳои маърифатбахшаш ҳам иҷро мекунад.

Гулназар ба ин хотир, ки тавонад ҳамоҳангии он арзишҳоро дар замони мо барҷаста нишон диҳад, ба драматургия рӯй меорад ва намоишномаҳои «Муҳокима дар шаҳри ҳазору як шаб» - ро дар бораи Мансури Ҳаллоҷ ва «Дар ин варта киштӣ фурӯ шуд ҳазор» - ро дар бораи Имом Ғаззолӣ менависад. Ин намоишномаҳои Гулназар аз назари мавод ва мубоpизаи андешаҳо, ки хоси намоишномаҳои тафаккурӣ, яъне интелектуалист, ҷолиб мебошад.

Эҳтимол дар таърихи драматургияи муосири тоҷик дар ҳеҷ даврае ин қадар асар дар бораи шахсиятҳои маънавию таърихии халқамон навишта нашуда бошад. Дар ҳамин камтар аз даҳ соли охир намоишномаҳои «Фирдавсӣ»-и М. Бахтӣ, «Дақиқӣ», «Меъроҷи Шоҳин», «Алии Сонӣ»-и С. Аюбӣ, «Оташи ашк»-и А. Сидқӣ, «Даъвати Носир»-и А. Мирхоҷа, «Мири кабир»-и М. Ғоиб, «Тири маломат»-и С. Сафар ва Қ. Киром, «Авҷу аҷзи Сомониён»-и Ҷ. Қуддус, «Кафорат» - и Ш. Қиём ва Н. Қосим ва спектаклҳои Ф. Қосимов, ба вуҷуд омаданд. Маводи ин намоишномаҳо аз рӯзгор ва осори Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Нақибхон Туғрал, Шоҳ Исмоили Сомонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷа Ҳофиз, Шайх Аттор, Абдураҳмони Ҷомӣ гирифта шуда андешаҳое, ки муаллифон аз онҳо бармедоранд, ба масъалаҳои замон гиреҳ мехӯранд. Дар байни ин асарҳо «Фирдавсӣ»-и М. Бахтӣ аз назари ҳунари намоишноманависӣ аз ҳама бештар афзалият дорад, забону услубаш ҳам корхӯрдааст. Симои Фирдавсӣ ба дараҷае, ки мебояд мӯҳташаму бузургворона буда, ботини ғановатманди ӯ дар амал ва гуфтаҳояш боз мешавад. Паҳлуҳои характери қаҳрамонҳо дар мусодамаҳои гуногуни иҷтимоию маънавии замон намоён гашта, яке аз сифат ва талабҳои асосии офариниши характер, яъне серпаҳлуиро таъмин менамоянд.

Агар драматургон ба дарозои таърихи ҳазорсолаамон нигаристанд, диққати носиронро, ба ҷуз А. Сидқӣ, ки дар бораи Камоли Хуҷандӣ романи «Пайроҳаи қисмат»-ро таълиф кард, бештар таърих ва чеҳраҳои асри бист ба худ ҷалб сохт. Шодравон Ҷ. Икромӣ романи «Гули бодом»-ро аз рӯзгори Тӯҳфа Фозилова, Ш. Ҳаниф романҳои «Хунбаҳо»-ро аз ҳаёт ва муборизаи мардуми афғон ва «Уқоби захмӣ»-ро аз ҳаёти шоири зиндаёди ҷанговар Ҳабиб

Юсуфӣ ба қалам овარданд. Романи «Хунбаҳо»-и Ш. Ҳаниф, ки бо тасвири зиндагии пурмашаққат, хулқу атвор, суннатҳои аҷдодӣ муборизаи имрӯзии халқи афғонро нишон медиҳад, ба эътибори маводу мавзӯи тозааш қобили таваҷҷуҳ аст.

Китоби аввали «Ҳазору як корнома»-и Р. Сафар, ки ҳолномаи ҷанговарони Ҷанги Бузурги Ватанист, низ ба чоп расид.

Ҳеҷ шакку шубҳае нест, ки як бахши муҳими адабиёти замон адабиёти кӯдакону наврасон аст ва ба ваҷҳе адабиёти махсус ҳам ҳаст, зеро агар дигар навъи адабиёт як насли хонандаи худ, масалан ҷавонон, калонсолонро дар назар дошта бошад, ин адабиёт ду навъ хонандаро ба эътибор бояд гирад, кӯдакон ва калонсолон, яъне онҳоеро, ки низ то хондан ёд гирифтани бачаҳо асарҳоро ба онҳо мехонанд. Дар вақти қазоват ҳам ин адабиётро на бачаҳо, балки калонсолон, мову шумо, на фақат аз назари кӯдак баррасӣ мекунем, чунки дар он ҳатман назари худи мо ҳам ҳаст.

Бинобар ин масъулияти адиби бачаҳоро баъзеҳо кам гиранд ҳам, он дучандон гаронтар аст. Агар адибони бачагон бачаҳоро адабиётхон накунанд, фардо адабиёти калонсолон ҳам хонанда нахоҳад дошт.

Махсусан, шеъру достонҳои устод М. Миршакар, У. Раҷаб «Бобо чаро ризо нест?», «Мурғак ва чӯҷаҳо», «Харгӯшак», Г. Сулаймонӣ «Асад», «Гаҳворафурӯш», «Хӯса», Н. Бақозода шеърҳо аз «Алифбои дилкушо», ки дар бораи ҳарфҳо ва рақамҳоянд, Ю. Аҳмадзода «Афсонаи модарбузурги меҳрубон ва Азроили ноком», Гулназар «Аз алиф то йо ба тифли доно» - алифбои манзум, Бобо Ҳоҷӣ «Суҳбати Сору Каждум», А. Бобоҷон «Арзи пиёз», «Қоқу ва шамол», Л. Кенҷаева «Мактаби чумчуқчаҳо», «Сӯзани бибӣ» бо образҳои маҳсус, ошно, фикри ба дарки бача мувофиқ, бозёфтҳои услубӣ ва шаклию забонӣ на фақат ба бачаҳо писанд меоянд, балки калонсолон ҳам онҳоро бо завқ мехонанд. Шеърҳои М. Ҳайдаршоҳ, С. Маъмур, У. Олим, Н. Назирӣ, М. Файзалӣ, З. Атоӣ, Абдусаттори Раҳмон, М. Ғоиб, О. Азимиро низ бачаҳо бо завқ хоҳанд хонд.

Дар насри адабиёти бачаҳо қиссаю ҳикояҳои Р. Ёрмуҳаммад «Қиссаи шаҳри бечон ё худ саргузашти духтари бофанда», «Гармсел», Н. Раҷаб «Вақте ки театр мегирист», М. Фарғонӣ «Нақши бад», Ҳ. Имомиддин «Бачаи каждум», А. Азиз «Ҳамсояҳо», «Фарзанди афсонаҳо», Б. Ҷумъа «Ручкаи тиллоӣ» аз асарҳое мебошанд, ки воқеаҳои диққатҷалбкунанда дошта ба хонанда таъсир мегузоранд ва ба ташаккули завқию ахлоқии ӯ мадад мерасонанд.

Ба адабиёти бачаҳо рӯй овардани адибони ҷавон Ш. Мӯсо, Султонмурод Ҳоҷибоев, Олимхон Исматӣ, Ҷ. Пиримов низ шоистаи ҷонибдорист.

Дар нақди адабиёти бачаҳо Ҷ. Бобокалонова, Б. Шермуҳаммадов, Азим Амин ширкат карда, дар нишон додани ҳусну қубҳи он саҳм мегузоранд.

Адабиёти бачаҳо эътибор ва ғамхории бештаре мехоҳад. Масалан, ба назари ман, аз ҷоизаҳои давлатии адабии ба номи устод Рӯдакӣ якеро ба монанди пештара ба адабиёти бачаҳо ҷудо кардан кори дуруст ва манфиатнок мебуд, зеро ин адабиёт на танҳо хидмати адабӣ мекунад, балки хонандаи адабиёти калонсолонро низ тарбия менамояд. Агар ба назари адибон дар ҳар ду сол як мукофот ҷудо кардан бисёр намояд, дар он ҳолат эҳтимол дар чаҳор сол як мукофот ҷудо кардан мумкин будагист. Дар ҳар ҳолат ба ин адабиёт муносибати махсус ва ҷудогона бояд кард.

Вазъи хароби чопи нашриёҳои даврӣ, маҷаллаву рӯзномаҳо ба жанрҳои очерку публисистика ва танқиди адабӣ таъсири сахти манфӣ расонд. Азбаски ин жанрҳо бештар аз рӯи фармоиши нашриёҳо навишта мешаванд, на фақат бо сабаби набудани фармоиш, балки ҳатто ҷои чоп онҳо кам дар кам арзи ҳастӣ карданд. Вале бо вуҷуди ин дар саҳифаҳои матбуот очерку

мақолаҳои адибон дар мавзӯъҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию ахлоқӣ ба чоп расиданд, ки очерку мақолаҳои Р. Амонов. М. Шукуров, Р. Ҳодизода, Б. Фирӯз, С. Турсун, Шодон Ҳаниф, У. Раҷаб, Р. Мардон, Ҷ. Тошматов аз ҷумлаи онҳоянд.

Авзои тарҷумаи бадеӣ ҳам аз ин беҳтар набуд. Ба истиснои тарҷумаи чанд афсонаи бачагона ва шеъру ҳикоя қариб асаре, ки тарҷумаи он ҳодисаи фараҳбахши адабӣ шуда бошад, ба назар нарасид. Тарҷумаи достони О. Сулаймонов «Эй замин, таъзим кун бар одамон!», ки аз ҷониби Н. Қосим ба ҷо оварда шудааст, воқеан тарҷумаи хуб буда, аз шеъри асл мондане надорад.

Мақолаҳои танқиду адабиётшиносӣ ҳам бо сабабе, ки қаблан зикр кардам, дар ин солҳо ангуштшумор буданд, ҳарчанд мақола ва китобҳои хеле муҳими олимону ноқидон рӯи чопро диданд. Аз ҷумла китобҳои М. Шукуров «Мактаби одамият», «Хуросон аст ин ҷо», А. Сайфуллоев, С. Абдуллоев «Малики адаб», А. Давронов «Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт», В. Самад «Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал», «Васил Василевич Фирдавсӣ ва Н. Г. Чернишевский» ва китобу мақолаҳои С. Табаров, Худоӣ Шарифов, А. Набиев, А. Афсаҳзод, А. Абдуманнонов, К. Айнӣ, Ҳ. Шодиқулов, Ю. Акбаров, М. Раҷабӣ, А. Саъдуллоев ва дигарон ба табъ расиданд, ки масъалаҳои адабиёти классикию муосир ва таъсиру робитаи адабиётҳоро ба таҳлил гирифтаанд.

Китоби устод М. Шукуров «Хуросон аст ин ҷо» дар масъалаи таҳқиқи мавқеи маънавиёт дар ҷомеа ва камолоти инсон асари мондагор ва гаронбаҳоест. Дар он муаллиф ба дирӯзи таърихӣ ва имрӯзи воқеӣ аз дидгоҳи фарохи илмию назарӣ нигариста, асосҳои маънавии рушди миллат ва тараққии ҷомеаро муайян менамояд, ки барои Тоҷикистони имрӯз ниҳоят зарур аст. Устод андешаҳои худро дар ин бора хулоса карда, аз ҷумла чунин менависад: «Бунёди консепсиони миллии тоҷикон бояд бар моҳияти маънавии инсон бошад ва ба назар гирифта шавад, ки дар кишвари мо аз замони Зардушт ва Авасто моддиёт тобеи асли маънавии одамизод дониста мешавад».

Мақолаҳои донишманди дигари мо Худоӣ Шарифов дар масъалаҳои маънавиёти таърихии халқ, ҳунари адабиёт дар гузашта ва имрӯз амиқ ва омӯзандаанд. Мақолаҳои Гулназар дар баррасии моҳияти навпардозиҳо дар шеъри имрӯз ва махсусан, мақолаи «Вожаҳоро бояд шуст» ниҳоят дақиқ ва воқеъбинона навишта шуда, муҳимтарин хусусияти тозакориҳоро дар шеър, ки дар чашми шоир хубтар аён мешаванд, хеле моҳирона нишон додааст. Ин гуна мақолаҳои Гулназар на фақат аҳамияти таҳқиқотӣ, балки барои шоирон, махсусан, ҷавонон аҳамияти амалӣ ҳам дорад.

Дар муддате, ки баъд аз Анҷумани X нависандагони Тоҷикистон сипарӣ шуд, сарфи назар аз душвориҳо ва нобасомониҳои вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавие, ки ба сари мо омад, Раёсати Иттифоқи нависандагон ҳаддалимкон ба корҳои ташкилие мекӯшад, ки барои ба эътидол овардани муҳити маънавию эҷодӣ мусоидат кунанд. Дар мураккабтарин ва ҳассостарин лаҳзаҳо, ки тақдири халқ ва давлатамон сари як мӯй қарор дошт, дар айёме, ки Иттифоқи нависандагон ва адибони чудогона пайваста ба фишору таҳдидҳои маънавӣ ва ҳатто таъқибу тазйиқҳои ғоявию ҷонӣ гирифтор буданд, Иттифоқи нависандагон ба ҷонсӯзӣ ба тақдиру сарнавишти миллат моҳи июли соли 1992 маҷлиси васеи машваратии Садоратро даъват намуд. Ба он маҷлис роҳбарони ҳамонвақтаи давлату ҳукумат даъват шуданд ва шояд онҳо маҳз дар маҷлиси мо аз забони аҳли адаб бори аввал ҳақиқати талхро дар бораи вазъи маънавии ҷомеа шуниданд. Дар он маҷлис аз ҷониби Иттифоқи нависандагон дар мавзӯи «Маънавиёт ва авзои ҷомеа» маърӯза арз шуд ва дар музокира адибону олимони зиёде сухан гуфтанд.

Зиндагии мардум, вазъи маънавиву ахлоқии ҷомеа ҳеҷ гоҳ аз мадди назари адибон дур набуд. Раёсати Иттифоқи нависандагон пайваста мекӯшид, ки дар солҳои душвортарин, яъне солҳои 1992 ва 1993 диққати ҳам адибон ва ҳам дигар зиёиёни эҷодкорро ба ин масъалаҳо ҷалб намояд.

Моҳи ноябри соли 1993 Раёсати Иттифоқ вохӯрии адибон ва зиёиёни эҷодкорро бо Раиси Шӯрои Олӣ Э. Ш. Раҳмонов ташкил кард. Суҳбати ошкоро ва самимонае баргузор шуд. Ҳамчунин моҳи октябри соли 1994 дар арафаи интихоби президент ва қабули Конститутсия дар Хонаи адибон бо номзад ба президентии мамлакат Э. Ш. Раҳмонов вохӯрӣ баргузор гардид, ки дар муайян ва равшан шудани мавқеи адибони мо нақши муҳим гузошт.

2- уми ноябри соли 1994 дар бинои Театри опера ва балети ба номи устод Айнӣ маҷлиси ҷашнии Садоратро бахшида ба 60-солагии Иттифоқи нависандагон баргузор кардем. Гузаронидани ин ҷашн хусусан дар он айём барои пос доштани хидмати устодон, ки ин иттифоқро бунёд гузоштанд ва барои рӯҳбаландии аъзо ва эътибори Иттифоқи нависандагон хеле муҳим буд.

Баъди қабули Конститутсия ва интихоби умумихалқии Президенти мамлакат вазъи сиёсиву иҷтимоии кишвар рӯз то рӯз рӯ ба эътидол овард. 25-уми июни соли 1997 дар бинои Иттифоқи нависандагон ба истиқболи имзои ҳуҷҷатҳои ниҳоии созишномаи миллӣ бо иштироки адибон, олимон, намояндагони ҳукуматҳои ҷумҳуриву пойтахт ба хотири пуштибонӣ аз сиёсати Президенти кишвар ҷаласаи муҳиме баргузор шуд, ки аз тариқи телевизион намоиш дода шуд.

Раёсати Иттифоқи нависандагон на танҳо дар маҷлисҳои Садорат авзои ҷомеа ва ҳолати адабиётро баррасӣ мекард, балки дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ барои мӯътадил гардонидани вазъият, барои расидан ба ваҳдати миллӣ кӯшиш ба харҷ медод.

Раёсати Иттифоқи нависандагон барои таҳкими фаъолият ва робитаҳои байналмилалии худ пайваста мекӯшид ва соли 1991 бо Кумитаи Марказии Созмони ҷавонони ҷумҳурӣ Фестивали адибони ҷавони ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, Қазоқистон ва Озорбойҷонро дар шаҳри Душанбе баргузор кард. Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон яке аз муассисони Созмони байналмилалии иттифоқҳои нависандагон дар Маскав мебошад.

Роҳи адабиёти мо ба адабиёти ҷаҳонӣ фарохтар шуд. Дар Эрон ҳафт маҷмӯа ашъори шоирони мо Лоиқ, Бозор Собир, Мӯъмин Қаноат, Гулрухсор, Аскар Ҳаким, Фарзона, Ашӯр Сафар ба табъ расид.

Муътабартарин маҷаллаи ЮНЕСКО «Имрӯзи адабиёти ҷаҳон» намунаҳои осори адибони мо Ӯрун Кӯҳзод, Гулназар, Бозор Собир, Баҳманёр, Саттор Турсун, Аскар Ҳакимро чоп кард. Ҳамчунин як китоби ашъори Гулрухсор дар Ҳуланд ва ду китоби шеърҳои нави Аскар Ҳаким дар Амрико нашр шуд, ки ин ҳама аз густариши нуфузи адабиёти тоҷик дар миқёси байналхалқӣ шаҳодат медиҳад.

Дар Раёсати Иттифоқи нависандагон дар ин муддат ҳайатҳо ва шахсиятҳои фарҳангӣ, кормандони сафоратҳо ва меҳмонои бисёре аз кишварҳои хориҷ пазируфта шуда, бо баъзеи онҳо қарордоду муоҳидаҳои ҳамкорӣ ба имзо расидаанд.

Бо ташаббуси Раёсат соли 1996 романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода ба озмуни «Китоби сол»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон пешбарӣ шуд ва барандаи ин ҷоиза гардид.

Рӯзҳои фарҳанги пойтахти Тоҷикистон дар шаҳри Маскав ва Рӯзҳои адабиёти Россия дар Тоҷикистон, ки ҳарду ҳамон сол баргузор шуданд, аҳамияти бузурги фарҳангӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ доштанд. Ҳамчунонки сафири Русия дар расми анҷоми Рӯзҳо қайд кард, ҳеҷ як аз сафару мулоқотҳои ҳайатҳои расмии Русия дар Тоҷикистон ин қадар хидмати бузург барои

таҳкими иртиботи дӯстӣ ва фарҳангӣ ба ҷо наоварда буд, ки ин баргузории Рӯзҳои адабиёт ба ҷо овард.

Дар як маърӯза имкон надорад, ки тамоми самтҳои инкишофи адабиёти солҳои охир ба таҳқиқ кашида шавад, барои ин тадқиқоти махсус ва муфассал зарур аст. Дар ин ҷо ба ҷараёни асосӣ, муҳтаво ва шакли адабиёти солҳои охир ишораҳо рафт. Ҳамин тариқ аз фаъолияти гуногунсоҳаи эҷодию ташкилии Иттифоқи нависандагон низ маълумоти мухтасаре дода шуд, ки ҳамаи шумо иштирокчии бевоситаи он ҳастед ва муфассал медонед.

Дар рӯ ба рӯи мо дарвозаи асри XXI аст, биёед, ба он бо дилҳои равшан, чашмони пурмеҳр ва бо илҳоми саршору нияти нек ворид мешавем.

## БАЪД АЗ {АЗОР СОЛ[159]*...

*Ёдгоре, к-аз одамизод аст,*
*Сухан аст, он дигар ҳама бод аст.*

Пеш аз ин омада, ки аввалқадами ҳастӣ сухан аст. Дар офаридгории сухан қудрати худовандист, ки инсони офарандаи онро аз тавони яздонӣ бархурдор мекунад, яъне Худованд яке аз беҳтарин сифатҳои худро, ки суханофаринист, ба инсони сухансоз бахшидааст. Муҳимтарин эҷоди инсон ҳам сухани ӯст. Сухан низ ба монанди зиндагӣ садранг ва ба навъҳои гуногун аст, ки сухани адабӣ дар ҷумлаи онон асилтарин, волотарин аст, ки умри абад дорад.

Таърихи сухани адабӣ ва абадии мо беш аз ҳазорсола аст, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бошад, акнун 60-сола мешавад. Вале ин Иттифоқ меросдори сухани адабии ҳазорсолаи тоҷик аст.

Пояи шеъру адаби мо бо пояи давлати аввали тоҷикон – Сомониён пушти ҳам рехта шуд. Пояи давлат, ки бар сиёсат буд, бо пояи шеъру адаб, ки бар сухан буд, ҳамроҳ устувор карда шуд. Ҳарчанд суханварон аз тамаркузе, ки дар давлати Сомониён доштанд, бенасиб шуданд, ҳавзаҳои адабие, ки дар Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Хатлон, Дарвозу Ҳисор ва ноҳияҳои дигар дар фаъолият буданд, чароғи адаби тоҷикро равшан нигоҳдорӣ карданд.

Бо хайри қисмат дар аввали асри XX, баъд аз ҳазор сол, давлати тоҷикон боз аз нав тарҳрезӣ мешуд. Забон ва адабиёти ягона яке аз рукнҳои асосии давлат аст ва тоҷикон маҷбур буданд, ки барои собит кардани мавҷудияти таърихии худ, дар аввали санадҳои дигар ҳуҷҷат ва ҳуҷҷатсозе пеш оваранд, ки ҳастии ононро бар ростӣ исбот кунад. Ин ҳуҷҷат «Намунаи адабиёти тоҷик» ва ин ҳуҷҷатсоз устод Садриддин Айнӣ шуд. «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳуҷҷати давлати нави тоҷикон буд.

Бо давлати нав ҳаёти нав оғоз шуд. Адибон дар ҳамаи соҳаҳои зиндагии тоза, бунёди ҷомеаи ҷадид пешрав буданд: илм, мактабу маориф, маданияту ҳунар, матбуот қисме аз соҳаи фаъолияти онон буд. Устод Абулқосим Лоҳутӣ аввалин дастгоҳи чопро савораю пиёда, аввал то Тирмиз, ва аз он ҷо ба Душанбе овард.

---

[159]* Ин гузориш пас аз суханони шифоҳие, ки Аскар Ҳаким дар ҷаласаи тантанавии 60-солагии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон 2 ноябри соли равон дар Театри Опера ва балети ба номи Айнӣ эрод карда буд, ба дасти худи гӯянда навишта шуд. Баъзе нукта ва номҳое, ки дар ин матн ҳастанд, танҳо бо сабаби тангии фурсат дар сухани шифоҳӣ гуфта нашуда буданд.

Зиндагии нав адабиёти худро мехост. Дар он солҳо адибоне, ки дар мактаби ҳазорсолаи адабиёти тоҷик дарс хонда буданд, ба монанди А. Фитрат, А. Ҳамдӣ, П. Сулаймонӣ, А. Мунзим ба ниёзи замони бунёдкориҳо асар меофариданд.

Шоироне, ки сарчашмаи гуфтаҳошон эҷодиёти халқ буд, ҳамчун Б. Худойдодзода, С. Ализода низ розҳои дили мардумро ба забони ӯ бозгӯӣ мекарданд.

Ин адибон ва эҷодкорони дигар дар «Ассосиатсияи Нависандагони пролетариати Тоҷикистон», ки соли 1931 таъсис ёфта буд, гирди ҳам омада фаъолият доштанд. Баъд соли 1932 КИ ҲКТ дар асоси Қарори КМ ВКП(б) «Оид ба навсозии созмонҳои адабиву эҷодӣ» қароре қабул кард, ки дар асоси он бояд Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон таъсис карда мешавад. Дар ҳайати комиссияи созмондеҳ С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода, К. Тарегулов, К. Дайламӣ, М. Ҳасанӣ, М. Рустамов, Б. Азизӣ, М. Бурҳонов, Юртаев ва Саид Носиров раиси он буданд.

Анҷумани созмондеҳ 10-18 маи соли 1934 баргузор гашт ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро таъсис кард, ки устод Абулқосим Лоҳутӣ аввалин раиси он интихоб шуд. Ду устод С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ поягузори адабиёти навини тоҷик  ва  Иттифоқи нависандагони он буданд.

Иттифоқи нависандагон маркази қувваҳои адабии на фақат ҷумҳурӣ, балки эҷодкорони бисёри тоҷикро аз шаҳру ноҳияҳои давлатҳои дигар ба Тоҷикистон кашид ва маркази ҳақиқии адаби тоҷик гашт. Ин созмон барои ба ҳам овардани илму адаб ва маданияти тоҷик, ки аз пояҳои решагии давлати нави тоҷикон буд, хидмати бунёдкоронаи таърихӣ кард.

Муқаддамтарин вазифаи Иттифоқи нависандагон ривоҷу равнақ додани адабиёт аст. Яке аз василаҳои асосии ин кор баррасии асарҳо, муҳокимаи масъалаҳои эҷодист. Шоистаи ибрат аст, ки Садриддин Айнӣ, бо вуҷуди аллакай устод буданаш, дар солҳои сӣ повести нави худ «Марги судхӯр»-ро дар Иттифоқи нависандагон ба муҳокимаи ҳамқаламон гузошт. Аввалин баррасии эҷодӣ дар Иттифоқи нависандагон бо ин асари безавол оғоз шуд.

Солҳои пасин аз адибони ҷавон то маъруф, ки соҳиби асарҳои мондагор буданд, эҷоди худро дар Иттифоқи нависандагон барои баррасии ҳамқаламон меоварданд, ки аз маслиҳатҳои эҷодии дӯстон баҳра бардоранд. Аз ин рӯ,  роману повест, ҳикоя ва шеъру достонҳои машҳур ва маҳбуби адибони зиндаёд Ҷ. Икромӣ, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил, М. Раҳимӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, Ҳабиб Юсуфӣ, А. Шукӯҳӣ, А. Деҳотӣ. Ф. Муҳаммадиев ва бисёри дигарон ба номи Иттифоқи нависандагон сахт вобаста аст. Адабиёти тоҷик имрӯз назму насри овозадор дорад. Муҳокимаи адабие, ки дар охири солҳои панҷоҳ ва аввали шастум дар Иттифоқи нависандагон ва маҳфилҳо мешуданд, аз насими тозае дар шеър дарак медоданд. Ин насим аз саросари эҷодиёти шоирон Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Қ. Киром болафшон гузашт. Баъдтар ашъори Лоикро эҳсоси тазоднок ва ҳамаҷонибаи зиндагӣ тоза мекард, Бозор Собир дар тасвиру сухан ва мафоҳим навӣ меҷуст. Имрӯз шеърҳои Гулназар, Гулрухсор, С. Шоҳзода, Ҳ. Ғоиб, К. Насрулло, Р. Назрӣ, З. Абдулло, Н. Қосим, Н. Ниёзӣ, А. Муродӣ, С. Хатлонӣ аз ҳиссиёти пуртаъсир ва тароватнок бархурдоранд. А. Сафар, С. Ҳалимшоҳ, А. Озод, Н. Баҳорӣ, Ш. Ҳайрат, Ш. Ёдгорӣ, С. Маъмур, Ҷ. Каримзода, Шаҳрия, Ш. Бунёд, М. Ғоиб, Д. Наҷот, Н. Яздон, Қ. Ҳадиса, З. Атоӣ, Ҷ. Қувват, Муҳтарам С. Ҳакимзода, Ҳ. Мурод, Норинисо, З. Ибод ба лаҳну шеваҳои гуногун мекӯшанд сухани худро бигӯянд. А. Қодирӣ ва С. Султон майл ба таронагӯӣ доранд. Фарзона ва Сиёвуш марғубтарин падидаҳои тозаи шеъри имрӯзанд.

Шоирон М. Шералӣ, Мавҷудаи Ҳаким, Ҳ. Файзулло, Ғ. Сафарзода, Б. Фаррух ва дигароне, ки ҷисман аз байни мо рафтанд, бо шеър ва рӯҳашон арзи ҳастӣ мекунанд.

Дар насри кунунӣ жанрҳои калонҳаҷм – роману қисса бештар пайдо мешаванд. Дар баъзеи онон воқеанигорӣ мавқеи муҳимтар дошта бошад, дар қисми дигар таҳлили андешаҳои дарунӣ мақом дорад. Нависандагон, ки паҳлуҳои гуногуни зиндагиро ба тасвир мегиранд, дар асарҳояшон фарохои ҳаёт бештар эҳсос мешавад. Асарҳои Ю. Акобиров, С. Турсун, Сорбон, Б. Фирӯз, Кӯҳзод, М. Хоҷаев, А. Самад, Ҷ. Акобиров, К. Мирзоев, С. Раҳим, Баҳманёр манзараҳои мухталифи зиндагиро бо назари вусъатнок ва борикбин ба тасвир мекашанд. Қиссаву ҳикояҳои С. Зардон, А. Рабиев, М. Сайдар, М. Қурбон, М. Солеҳ, Қ. Абулҳусейнов таровате дар бофт ва тозагие дар андеша доранд. Аз ҷавонон Сайдалии Саид нависандаи хеле хушлаёқат ба назар мерасад, ҳикмати навиштаҳояш амиқ, услубаш рехта, забонаш фасеҳу равон аст.

Тасвири инсони замон бо тавровишҳои қалбиаш, ки имрӯз дар назму наср мавқеъ пайдо мекунад, дар аввали аср оғоз шуда буд. Дуруст аст, ки он вақт ташаккул ва такомули он бештар мавриди андеша буд. Аз ин рӯ, маорифпарварон барои усули тозаи таълим дар мактабҳо камар баста, барои бачагону ҷавонон асарҳои таълимӣ ва адабию бадеӣ таълиф мекарданд, ки устод Айнӣ дар ин ҷода ҳам дар радифи аввал буд. Адабиёти тозае бо унвони адабиёти бачагону ҷавонон ба вуҷуд меомад, ки барои ташаккули инсони нав ғизои маънавӣ медод. Иттифоқи нависандагон дар маҷлисҳои адабӣ ва анҷуманҳои худ ҳамеша аҳамияти махсусе ба инкишофи адабиёти бачагону ҷавонон доданро дархост мекард, ки тарбияи инсони комил ба ин васила ба даст меояд.

Асарҳои М. Миршакар, Пӯлод Толис, У. Раҷаб, Г. Сулаймонӣ, А. Баҳорӣ, Ҷ. Одинаев, Б. Насриддинов, Б. Оритиқов, Насим Раҷаб, А. Бобоҷон, А. Шарифӣ, Ҷӯра Ҳошимӣ, Н. Бақозода, Р. Ёрмуҳаммад ва дигарон ин хидмати наҷиброро ба ҷо меоранд.

Дром ва очерку публисистика, ки бештар зодаи замони наванд, маҳз бо пуштибонии доимии Иттифоқи нависандагон ташаккул ёфтааст. Маҷлису семинарҳои адабӣ оид ба инкишофи ин соҳаҳо анъанавӣ шуда буданд ва дар натиҷа адабиёти нави тоҷик соҳиби дромнависони касбӣ ва соҳибқаламе шуд. Ғ. Абдулло, Ф. Ансорӣ, А. Сидқӣ, М. Бахтӣ, Ш. Қиём, С. Сафар, А. Атобоев, Ҳ. Ҳамдам, С. Аюбӣ, Ҷ. Қуддус, Н. Абдулло, М. Холов, Ш. Солеҳ аз пешравони он ҳастанд.

Аз назари доғии масъалаҳое, ки дар миён мегузорад, очерку публисистика ба дром қаробат дорад ва мавзӯи худро дар дромгоҳи зиндагӣ пайдо мекунад. Агар қариб ҳамаи шоиру нависанда ба публисистика рӯй оварда бошад, қариб ҳар публисист ҳам дар жанрҳои бадеӣ чун роману қисса ва ҳикоя асар навиштааст. Ин нукта, аз ҷумла, дар эҷодиёти адибон М. Наҷмиддинов, Ҳилолиёни Аскар, Ш. Ҳаниф, Д. Раҷабӣ, Х. Шарифов, И. Насриддинов, Б. Муртазоев, А. Истад, И. Файзуллоев, Н. Табаров, М. Бобоҷон, Ҷ. Тошматов, Б. Абдураҳмонов, М. Муллоҷонов, Р. Мардон, Ғ. Ҳакимов тақвияти худро меёбад. Аксари асарҳое, ки дар ин соҳа ба қалам омадаанд, натиҷаи ташвиқ ва роҳхатҳои эҷодии Иттифоқи нависандагон мебошанд.

Асри XX асри иртиботи кишварҳо ва фарҳангҳост. Пешрафти техник мафҳуми дур ва дастнорасро аз байн бардошт. Ҷаҳони воқеӣ кӯчак ва ҷаҳони огоҳии инсонҳо фарох гашт. Агар дар гузашта дар адабиёти тоҷик тарҷума, ки яке аз василаҳои огоҳии мардум аз маданиятҳои дигар мебошад, асосан аз адабиёти ҳинд, юнон ва араб сурат мегирифт, ки дар асри XX, ва махсусан, аз солҳои сӣ ва баъд, ки ба давраи ташаккули он рост меояд, аҳамияти бузург пайдо карда, доираи он хеле васеъ шуд. Беҳтарин асарҳои адабиёти бадеии халқу кишварҳои гуногуни олам ба тоҷикӣ тарҷума шуданд. Ба замми қариб ҳамаи шоиру нависандагон, ки тарҷума ҳам мекарданд, ба монанди С. Улуғзода, ки дар ин кор дасти тавоно доштанд, боз тарҷумонҳои касбӣ ба камол расиданд, ки мактаби тарҷумаи тоҷикро ба вуҷуд оварданд. Дар

ин мактаб номҳои Р. Ҳошим, Ҳ. Ахрорӣ, Ш. Собир, Э. Муллоқандов, Ҷ. Азизқулов, Ш. Шариф, А. Адҳам, А. Остонова, С. Салоҳ, С. Хоҷаев сабт шудааст.

Эҷодиёти шифоҳии мардум рози дили ӯст. Ин роз рози зиндагӣ, рози дили пурмаънист. Асосгузорони адабиёти замони нав ин матлабро зуд дарёфтанд ва ба гирдоварию интишори он пардохтанд. Иттифоқи нависандагон адибонро ҳамеша ба ин кор таблиғ ва равона мекард. Аз ҷумла адибон М. Турсунзода ва А. Деҳотӣ аз эҷодиёти халқ интихобҳои пурарзише таҳия карда ба чоп расонидаанд. Баъдтар мактаби мураттаб сохтан ва омӯзиши эҷодиёти шифоҳии мардум сурат гирифта, соҳиби дастовардҳои пурарзише гашт. Дар ин соҳа хидмати Р. Амонов, В. Асрорӣ, Б. Шермуҳаммадов бузург аст.

Адибон меросдори суннатҳои аҷдоданд ва Иттифоқи онон низ ҳамеша дар паи ин кор будааст. Дар ин ҷо фақат аз дутои он ёд овардан кофист. Эҳёи ҷашни Наврӯз дар солҳои ҳукумати сиёсати яктарафа, ки суннатҳои аҷдодиро ночиз, беманфиат ва зарарнок медонист, кори осоне набуд. Ин фақат дар натиҷаи муборизаи пайгиронаи адибон ва Иттифоқи онон мумкин гашт. Гаронбаҳотарин мероси бемислу монанди мусиқии мо «Шашмақом» бо заҳмати шуаро ва оҳангсозон мураттаб сохта ба адвор кашида шуд.

Адабиёти нави асил классикӣ мешавад, адабиёти классикӣ ҳамеша нави асил аст. Ин сифат дар натиҷаи пайванди ногусастании онон ба бор меояд. Иттифоқи нависандагон дар давоми фаъолияти шастсолаи худ масъалаҳоеро, ки ба пайванд иртибот доранд, доимо дар мадди назар доштааст. Мероси ҳазорсолаи мо аз устод Рӯдакӣ то Ҳайрат, агар аз имтиҳони замон гузашта классикӣ шуда бошад, дар замони нав омӯзишу ташвиқ ва интишори он ба номҳои олимону адибоне, ба монанди А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода, К. Айнӣ, Х. Шарифов, А. Сатторов, А. Афсаҳзод, сахт пайванд гирифтааст. Тадқиқоти эшон барои ба зинаи баландтар фаро рафтани маданияти адабиёти нав хидмат кардаасту мекунад.

Иттифоқи нависандагон дар ташвиқу тарғиби адабиёти ҳазорсолаи худ на фақат ба воситаи омӯзиш ва интишори он, балки ба василаи баргузор кардани ҷашнҳои бузургдошти чеҳраҳои дурахшони он низ саҳм мегузорад. Бовар дорам, ки ҷашнҳои бузургдошти устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ Сино, Ҳофиз, Ҷомӣ дар ёди бисёре аз ҳозирин зиндааст. Ҳоло ба ҷашни Камоли Хуҷандӣ омодагӣ мегирем.

Дар радифи ин аз ҷашнҳои бузургдошти устодони адабиёти замони нав Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Лоиқ ва дигарон низ бояд гуфт, ки бо фарру ҷалол ороста будем.

Худ аз худ равшан бояд бошад, ки ҷашнҳо фақат иду суханҳои идона набуда, барои таҳқиқу ташвиқ ва дарёфти моҳияти эҷодиёти адиб ва адабиёт хидмат мекунанд.

Адабиёти замони нав илми худро низ меофарад. Ин илм, ки танқиди адабию адабиётшиносист, ба аҳамияту пуштибонии махсус эҳтиёҷ дорад, то масъулияти муҳими худро, ки шинохту тарғиби адабиёти асил аст, ба ҷо оварда тавонад. Ин пешаи мушкил, вале беқадр аст. Бо вуҷуди ин олиму ноқидоне дар ин роҳ заҳмат кашида, пайваста барои ҳастӣ ва нумӯи он мекӯшанд. Иттифоқи нависандагон аз онҳо сипосгузор аст. Агар адибон на ҳама вақт ба қадри онон мерасанд, Иттифоқи нависандагон бояд бирасад, ки адабиётшиносоне мисли М. Шукуров, Н. Нурҷонов, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Л. Демидчик, Х. Отахонова, А. Маниёзов, А. Набиев, Ҳ. Шодиқулов, А. Абдуманнонов, Ҷ. Бақозода, Ю. Акбаров, М. Раҷабӣ дар ин соҳа қалам мефарсоянд.

Ҳаҷв сухани доғ аст аз нуқсонҳои зиндагии воқеиву маънавӣ. Он дар жанрҳои гуногуни назму наср гуфта мешавад ва агар собиқаи он бо номҳои М. Аминзода, С. Ҷавҳаризода, Ҳоҷӣ Содиқ, Б. Ғанӣ вобаста бошад, имрӯзаш номҳои Б. Ҳоҷӣ, Н. Назирӣ, Б.

Расо, Ф. Баҳодур, А. Маҳмадшо, Ҳ. Назаралӣ, М. Файзалӣ, Н. Шоҳинбод, Н. Асадуллоев, Д. Эгамзод, М. Пӯлодро дар бар мегирад.

Сарнаившти халқ ҳамеша сарнавишти аҷиб будааст. Дар солҳои сӣ, ки айёми бунёдкорӣ буд, адибон на танҳо бо эҷод, балки шахсан бо дасту бозуи худ дар сохтмонҳои бузург ширкат доштанд. Иттифоқи нависандагон дар ин кор дастгоҳи ташвиқгар буд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар дасти адибон қалам шамшер шуду шамшер қалам. Гурӯҳе аз онҳо дар майдонҳои ҷанг ҷовидон хуфтанд ва гурӯҳи дигар, аз қабили Ф. Ниёзӣ, А. Қаҳҳорӣ, М. Фарҳат, бо захмҳои зиёд аз он арса баргаштанд ва достони хуфтагони ҷовидро дар асарҳои мондагор бозгӯ карданд.

Тасвири он корномаи мардумӣ аз маҷоли як насл берун аст. Асарҳои пурарзиши М. Қаноат аз бузургии он шаҳодат медиҳанд. Достони «Сурӯши Сталинград»-ро Иттифоқи нависандагон дар Душанбею Москва бо иштироки адибони машҳур муҳокима карда, мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор дода буд. Асноди корномаи ҷанговарони тоҷикро Р. Сафаров ҷамъ оварда, кори судманде мекунад.

Иттифоқи нависандагон ташаббускори пайдо шудани ҳафта ва даҳаҳои адабиёту санъати халқҳои бародар буд. Дар Тоҷикистон идҳои адабиёту санъати халқҳои  русу украин, ӯзбеку қазоқ, арманиву озарӣ, гурҷиву белорус ва дар кишварҳои онон ҳафтаю даҳаҳои адабиёту санъати тоҷик баргузор шуда буданд. Симпозиуми назми форсӣ, ки соли 1967 барпо шуд, барои шинохти ҳамдигарии ашъори ҳамзабонони Эрону Афғонистон хидмати пурмаҳсуле кард.

Дар Иттифоқи нависандагон на фақат адибони тоҷик маркази худро ёфтанд, балки адибони дигар низ онро хонаи худ донистанд. Тоҷикистон ва иттифоқи адибонаш барои Б.Ясенский, И. Брагинский, А. Одинсов, М. Левин, Л.Пашенко, М. Яблоков, Б. Пшеничний ва бисёри дигарон азиз буду ҳаст, зеро ному эҷодашон ба он сахт вобастааст. Асарҳои адибони ӯзбек А. Назаров, Тӯлқин, У. Ҷамол, З. Дӯстматов, Мафтун Ҷӯра, Ҷ. Пиримов, Ш. Саттор, О. Раҷаброметавон ҷузъи адабиёти тоҷик ҳисоб кард.

Дар тӯли ин шаст сол дар роҳбарият ва бахшҳои Иттифоқи нависандагон адибони бисёре кор карда, барои маркази ҳақиқии адабӣ шудани он хидмат карданд. Устод Лоҳутӣ, Улуғзода, Турсунзода, Қаноат аз роҳбарони дараҷаи аввали он буданд. Махсусан, номи устод Турсунзода бо номи Иттифоқ тавъамон шудааст.

Маҷаллаҳои «Садои Шарқ», «Помир», ҳафтавори «Адабиёт ва санъат», моҳномаи «Пайванд», ки нашрияҳои Иттифоқи нависандагон мебошанд, барои такомули адабиёту фарҳанги муосири тоҷик ҳамчунон саҳме гузоштанд, ки онҳоро нирӯбахши фарҳанги тоҷик гӯем, муболиға нахоҳад шуд.

Иттифоқи нависандагон дар ташвиқу тарғиб ва чопи асарҳои адибон дар кишварҳои хориҷӣ низ хизмати назаррасе ба ҷо меорад. Пешбарии адибон ба ҷоизаҳои давлатию адабӣ, ба унвону нишонҳои давлатӣ низ ҳамеша дар madди назари он аст. Хазинаи адабиёти тоҷик, ки шаст сол боз дар назди Иттифоқи нависандагон амал мекунад, барои беҳбуди зиндагӣ ва эҷоди адибон ҳамеша саъю талош дорад.

Иттифоқи нависандагон хонаи адибон аст, ки аз муҳаббати онон гарм аст, хонаест, ки дил мекашад, по меравад, зеро қисмати ҳар яки мо ба он пайвастааст.

Адабиёт сарнавишти мост ва Иттифоқи нависандагон хонаи сарнавишти мост. То адабиёт обод аст, ин хона обод аст. Адабиёти обод, аз зиндагии нек, ва агар зиндагӣ бад аст, адабиёт аз бади он хоҳад гуфт, аммо он бадро ҳам бо нияти хайр мегӯяд, зеро мояи адабиёт хайрандешист.

Ривояте ҳаст, ки Муҳаммад Авфии Бухороӣ онро ба қалам кашидааст:

«Оварданд, ки дар рӯзгори Нӯшервони Одил ду мард биомаданд ва бар дари боргоҳи ӯ биистоданд. Яке бо овози баланд гуфт:

Бад макуну бад маяндеш, то бадат н-ояд пеш.

Дигари бихонд:

Некӣ куну некӣ андеш, то нек бинӣ беш.

Нӯшервон фармуд, то марди аввалро ҳазор динор оваранд ва марди дуввумро ду ҳазор динор доданд. Хосу надимони он ҳазрат суол карданд, ки ҳар ду калимаро як маънӣ буд, сила ва инъоми эшонро аз чӣ тафовут?

Гуфт: - Яке зикри нек кард ва дигари бадӣ гуфт».

Бигузор зиндагӣ нек бошад, то нависанда ҳам аз некӣ сухан гӯяд.

**Соли 1994**

## АДАБИЁТ ВА ИСТИҚЛОЛ

Дар анҷумани XI нависандагони Тоҷикистон Президенти мамлакат Раҳмонов Э.Ш. дар маърӯзаи барномавии худ саволе ба миён гузошта буданд: Ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстии мардумро кӣ бояд баланд бардорад?

Ва худ посух дода буданд: Шоир, нависанда, олим, рӯзноманигор.

Аз ин рӯ, Иттифоқи нависандагон тамоми фаъолияти ташкилӣ ва эҷодии худро, пеш аз ҳама, ба хидмати мустаҳкам кардани ваҳдати миллӣ, ягонагии Ватан, парвариши эҳсоси ватандӯстӣ ва баланд бардоштани ифтихори миллӣ равона сохт.

Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ шаш маҷлиси Садорат гузарондааст, ки яке аз онҳо ташкилӣ буда, панҷтои дигари он масъалаҳои эҷодиро баррасӣ кардааст. Моҳи апрели соли 1998 Маҷлиси Садорат ба масъалаи «Баъзе тамоюлҳои инкишофи драматургияи муосири тоҷик» бахшида шуд. Рӯи ин матлаб профессор Низом Нурҷонов маърӯза кард. Маҷлис мавқеи драманависон ва вазифаҳои ононро дар шароити нави иқтисодии ҷомеа баррасӣ намуд. Қайд карда шуд, истиқлолият, озодандешӣ, ҳуввияти миллӣ, худшиносӣ дар назди мо вазифаҳои нав мегузорад, ки ҷанбаҳои драмавӣ, ахлоқӣ, ҳақиқатгӯии асарҳоямонро пурқувват кунем.

Ба шумо маълум аст, ки адабиёти мо дар замони шӯравӣ асосан аз рӯи меъёрҳои хоси иҷтимоию сиёсӣ эҷод ва таҳлил мешуд, вале дар замони нав зарурати диди тозае дар адабиёт ба миён омад. Аз ҳамин рӯ, Раёсати Иттифоқи нависандагон масъалаи «Таҳаввулоти услубӣ дар адабиёти шӯравии тоҷик»-ро дар Маҷлиси Садорат 13 моҳи май соли 1999 мавриди баррасӣ қарор дод. Узви Раёсат, доктори илмҳои филологӣ Худоӣ Шарифов маърӯзаи пурмуҳтавое кард. Дар марҳилаи нав ба кадом самт ва услуб эҷод шудани асарҳо мавриди баҳс қарор гирифт.

25 майи соли 2000 Маҷлиси Садорат ба масъалаи «Авзои адабиёти кӯдакону наврасон дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Роҳи мо ба сӯи ҷомеаи ҳуқуқбунёд» аз 27 апрели соли 2000» бахшида шуд. Дастовардҳои адабиёти кӯдакону наврасон дар маърӯзаҳои Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самадов, шоир Ҷӯра Ҳошимӣ, драманависи бачаҳо Азимҷон Аминов ба таври васеъ таҳлил карда шуданд.

Яке аз ҳамин гуна маҷлисҳои Садорати Иттифоқи нависандагон якҷоя бо дигар Иттифоқҳои эҷодии ҷумҳурӣ гузашт, ки он ба суханронии Президенти мамлакат Э. Ш. Раҳмонов дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат ба таърихи 20 марти соли 2001 таҳти унвони «Фарҳанг ҳастии миллат аст» бахшида шуда буд, ки дар он Раиси ИНТ Аскар Ҳаким маърӯза кард. Аз рӯи маърӯза дар маҷлис роҷеъ ба вазифаҳои ба миён гузошташуда тадбирҳои махсус муайян карда шуданд.

Соли гузашта маҷлиси шашуми Садорат «Равандҳои тоза дар шеъри солҳои охир»-ро баррасӣ намуд. Шоир Гулназар маърӯза кард. Музокирачиён хусусиятҳои он равандро, ки аз нигоҳи тоза, амиқрафти андеша ва тасвиркорӣ иборат аст, таъкид намуданд.

Дар маҷлисҳои Раёсат зиёда аз сад масъала мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки онҳо масъалаҳои эҷодиву ташкилӣ буда, ба ҳаёти адабии ин давраи ҳисоботӣ дахл доранд.

Яке аз соҳаҳои фаъолияти Иттифоқи нависандагон таҷлили ҷашнҳо ва ёдбуди худи адибон низ мебошад.

Ҷашни 90-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода бо шукӯҳу шаҳомати хосе таҷлил гардид, иштироки Президенти мамлакат дар ҷашн ва суханронии ӯ шукӯҳу шаҳомати онро бештар гардонид. 90-солагии устод Мирзо Турсунзода дар Масква низ ботантана ҷашн гирифта шуд.

Ҷашнҳои 90-солагии шоирону нависандагони маъруфамон Боқӣ Раҳимзода, Сотим Улузода, Раҳим Ҷалил, Мирсаид Миршакар, 75-солагии Аъзам Сидқӣ, Абдумалик Баҳорӣ, шодравон Раҷаб Амонов, Холмурод Шарифов, 70-солагии Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Қутбӣ Киром, Гулчеҳра Сулаймонова, 60- солагии шоири шодравони маъруф Лоиқ Шералӣ, драманавис Меҳмон Бахтӣ низ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ботантана гузаронида шуданд. 60-солагии адибон Кароматулло Мирзоев, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳикмат Раҳмат, Мирзо Файзалӣ асосан дар маҳалҳо ва доираи Иттифоқи нависандагон таҷлил гардиданд. 100-солагии Пайрав Сулаймонӣ ва Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, 90-солагии Абдусалом Деҳотӣ ҳам, ки дар доираи Иттифоқи нависандагон доир гардиданд, хотирмон гузаштанд.

Бояд гуфт, ки ғайр аз ин ҳар сол 30-40 ҷашни зодрӯз ва ёдбуди адибон гузаронида шудаанд.

Пас аз Анҷумани XI адибони мо, Меҳмон Бахтӣ, Камол Насрулло, Ҳақназар Ғоиб, Раҳмат Назрӣ, Сафармуҳаммад Аббӣ, шодравон Сайф Раҳим сазовори Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ шуданд. Нависандаю шоирон: Аскар Ҳаким, Абдулҳамид Самадов, Гулрухсор Сафиева, Кароматулло Мирзоев, Юсуф Акобиров, Ӯрун Кӯҳзод, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Муҳаммад Ғоиб, Фарзона унвони Нависанда (Шоир)-и Халқии Тоҷикистонро гирифтанд, ки ин гувоҳи ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба адибон аст.

Бо хоҳиши Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва дастгирии шахсии Президенти мамлакат Ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи адабиёт ва санъат аз панҷ адад ба ҳафт адад зиёд гардид.

Мукофоти адабии ба номи Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода, ки 50 сомонӣ буд, ҳоло ба 500 сомонӣ баланд бардошта шуд.

Дар тӯли панҷ сол ду бор мукофоти адабии ба номи С.Айнӣ ва Мирзо Турсунзодаро эълон кардем. Ба ин мукофот адибон Саидаҳмади Зардон, Доро Наҷот, шодравон Маъруф Раҷабӣ, Шаҳрия, Равшани Ёрмуҳаммад, Худоӣ Шарифов сазовор шуданд.

Президенти мамлакат, ҳукумати Ҷумҳурӣ дар ҳаққи шоирону нависандагон пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Ҳоло ба шоиру нависандагони халқӣ аз буҷаи давлат ҳар моҳ 50 долларӣ маоши иловагӣ дода мешавад, ки гувоҳи чунин ғамхорӣ мебошад.

Соли гузашта Президенти мамлакат аз фонди худ барои табъу нашри асарҳои адибон 150 000 сомонӣ ҷудо кард, ки бо он бештар аз сӣ номгӯй китоб ба нашр расид.

Ҳамчунин аз ҷониби Президенти мамлакат барои таъмири бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ки аз сохта шуданаш қариб 25 сол мегузарад, маблағи зарурӣ ҷудо карда шуд. Дар ин таъмир саҳми Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Маҳмасаид Убайдуллоев ҳам ҳаст.

Бо ғамхории Раиси шаҳри Душанбе ҳаққи телефондорӣ ва рафту омади аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ки дар шаҳри Душанбе истиқомат мекунанд, дар нақлиёти ҷамъиятӣ бепул карда шуд.

Дар ин давра идораҳои зеридастии ИН, Идораи таблиғи адабиёт ва Хазинаи адабиёт кори худро ҷонноктар карданд.

Идораи таблиғи адабиёт (роҳбараш Меҳмон Бахтӣ) дар ҳолати хеле душвор қарор дошта бошад ҳам, фаъолияташро назар ба пештара вусъат дода, адибонро ба бисёр шаҳру ноҳияҳо ба вохӯрии меҳнаткашон сафарбар намуд.

Идораи Хазинаи адабиёт (сарпарасташ Абдураҳмон Абдуманнонов) дар тӯли панҷ сол ба 18 нафар стипендияи эҷодӣ дод. Ба нависандагони куҳансол, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, беморон ёрии моддӣ расонид. Ҳоло вазъияти Хазинаи адабиёт назар ба солҳои гузашта каме беҳтар шудааст.

Нашрияҳои ИН, аз ҷумла, «Адабиёт ва санъат» мушкилоти доштаи хешро рафъ намуда, ҳоло ҳафтае як маротиба дар ҳаҷми 16 саҳифа интишор мешавад, ки дастоварди бузург аст, зеро мақсади он расидан ба теъдоди солҳои аввали навади асри гузашта аст. Албатта, дар бораи муҳтавои он хеле эрод гирифтан мумкин аст, аммо худи барқарор сохтани ҳаҷми пешина ва бо теъдоди бештар аз 2000 чоп кардан шоистаи таҳсин аст, хуб кардани муҳтавои он бошад ба ҳар яки мову шумо вобаста мебошад.

Дар натиҷаи як кардани идораи маҷаллаи русизабони мо «Помир» бо «Адабиёт ва санъат», ки роҳбарии ҳар дуи он ба зиммаи Ҳ. Нозирӣ гузошта шудааст, маҷаллаи «Помир» низ аз ҳолати рукуд бароварда шуда, зери таҳрири Сергей Сухоян соли гузашта чаҳор шумора ба табъ расид. Ҳардуи ин нашрия рӯ ба ривоҷ ниҳодаанд, ки дар оянда боз ҳам беҳбуди кори онҳоро чашм дорем.

Дар давраи ҳисоботӣ маҷаллаи «Садои Шарк» дар 16 ҷилд нашр шуд. Ва дар ин ҷилдҳо беҳтарин намунаи осори адибон 15 повесту роман, силсилаи ҳикояҳо, шеърҳо, достонҳои шоирони маъруфу ҷавон, очерку публисистика, рисолаҳои тадқиқотӣ, мақолаву тақриз ва асарҳои тарҷумавӣ ба нашр расиданд. Ин ҷо мақсад таъкиди он аст, ки махсусан дар ду-се соли охир як пешравие дар чоп ва теъдоди нашри маҷалла ба назар мерасад, ки бояд қавитар гардад, то маҷалла мавқеи пешинаи худро дар инъикоси намои адабиёти тоҷик аз нав ишғол бикунад.

Дар ин давра доираи ҳамкориҳои ИН бо дигар ташкилотҳо, созмону муассисаҳои эҷодӣ вусъатноктару самарабахштар гардидааст.

Хурсандиовар аст, ки адибони мо, масалан, Равшани Ёрмуҳаммад дар озмуни ҷумҳуриявии драманависон бо асари таърихии худ «Ҷаъфари Бармакӣ» сазовори ҷои аввал гардид.

Шоир Ҷӯрабой Ҳошимӣ, нависанда Барот Абдураҳмонов, Иноят Насриддин, Латофат Кенҷаева дар озмуни адабии Вазорати фарҳанг ба муносибати ҷашни 10-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиб дониста шуданд.

Ҳаҷвнигор Ҳакималии Назаралӣ (бо тахаллуси Пирони Шодмон) бо ҳикояи «Номат дар гӯр, героин» дар озмуни «Ҷомеа ва нашъамандӣ» пирӯз гардид.

Ин ҳама аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар солҳои баъд аз анҷумани XI адабиёти мо хеле пеш рафтааст, шоирону нависандагонамон, дромнависону публисистонамон асарҳое эҷод кардаанд, ки ҷавобгӯи талаботи замон, замони истиқлолият ва бунёдкорӣ мебошанд.

Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон яке аз муассисони Созмони Байналмиллалии Иттифоқҳои нависандагон дар Москва гардид. Дар Москва аз осори адибони тоҷик китобҳои «Моление о дожде», «Тисяча родников» ва «Змеиное поле» ба табъ расид. Китоби аввал ашъори шоирон Лоиқ Шералӣ, Аскар Ҳаким, Озод Аминзода, Саидалӣ Маъмурро дар бар мегирад. Китоби дуюм аз эҷодиёти адибони ҷавони Тоҷикистону Ӯзбекистон мураттаб шудааст. Инчунин бо ибтикори созмони Байналмиллалии Иттифоқҳои нависандагон нашриёти «Стилистика» китобҳои Абдулҳамид Самадов «Аспи бобом» ва Сорбон «Дашти морон» дастраси хонандагони русзабон гардиданд. Дар Маскав китоби ашъори устод М. Турсунзода низ ба табъ расид.

Лоиқ Шералӣ сазовори ҷоизаи байналмиллалии СБИН Лотос – «Нилуфар» шуд.

Марямбонуи Фарғонӣ, Шодӣ Ҳаниф сазовори мукофотҳои Созмони Байналмиллалии Иттифоқи нависандагон гардиданд. Адибони тоҷик Мӯъмин Қаноат, Гулрухсор сазовори ҷоизаи хазинаи адабиёти байналмиллалӣ шуданд. Достони нави Аскар Ҳаким «Санги ман – алмос» дар Созмони Байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон бо иштироки шоиру нависандагони маъруф муҳокима карда шуд, ки натиҷаи он дар матбуот ба табъ расидааст. СБИН ба фаъолияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баҳои баланд дода, фаъолияти онро дар байни Иттифоқҳои нависандагони ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҷои аввал донистааст.

Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳамкории хешро бо Вазорати фарҳанг, Вазорати маорифи Тоҷикистон, иттифоқҳои эҷодӣ, иттиҳодияи журналистон, иттифоқҳои рассомон, оҳангсозон, кинематографистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон, Ҷамъияти ходимони театр, Агентии мубориза алайҳи маводи мухаддир, Сарраёсати сарҳадчиёни Федератсияи Русия дар Тоҷикистон, Кумитаи Сулҳи Тоҷикистон, Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ва бисёр ҷамъиятҳои дигар вусъат дод.

Ҳар сол бо ибтикори Иттифоқи нависандагон, Кумитаи сулҳ ва Вазорати маориф дар ҷумҳурӣ Фестивали китобу мусиқӣ мегузарад, ки адибони мо дар он фаъолона иштирок мекунанд. Ин фестивал қариб дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор шудааст.

Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон робитаҳои фарҳангиашро бо Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, Покистон, Афғонистон, Туркия, Амрико вусъат дод. Дар ИН бо сафирон ва намояндагони сафоратхонаҳои мазкур суҳбатҳо баргузор шуд. Дар ҳамкорӣ бо Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон чандин маҳфилҳои шеър гузаштанд.

Адибони тоҷик дар ҳамаи маъракаҳои муҳим: гузаронидани ҷашнҳо, аз ҷумла Наврӯз, Ҷашни истиқлолият, Рӯзи забони тоҷикӣ, Рӯзи мусолиҳаи миллӣ, ҷашнҳои 1100-солагии

Давлати Сомониён, 10-солагии Анҷумани тоҷикони ҷаҳон, 10-солагии сессияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон дар Хуҷанд, 2700-солагии китоби «Авесто» фаъолона иштирок доштанд.

Президенти мамлакат Э. Ш. Раҳмонов зимни суханронии худ дар анҷумани гузаштаи нависандагон чунин гуфта буд: «Яке аз вазифаҳои муҳими Иттифоқи нависандагон, пирони адабиёт тарбияи насли ҷавони адибон мебошад».

Роҳбарияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон чунин фармударо ба эътибор гирифта, робитаи хешро бо адибони ҷавон мустаҳкамтар ва ташкили корро беҳтар намуд, шӯъбаҳои дахлдори Иттифоқи нависандагон бо ҷавонон ва таълифоти онҳо хуб кор карданд, омӯзиш ва муҳокимаи асарҳои ҷавонон бештару беҳтар гардид ва шоистагони онҳо ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфта шуданд.

Соли 2002 Раёсати Иттифоқи нависандагон машваратҳои адибони ҷавонро гузаронд. Ин ташаббусро роҳбарияти вилоятҳои Суғд, Хатлон, Ҳукумати шаҳри Душанбе хуб ҷонибдорӣ карданд. Онҳо хоҳиши Раёсати Иттифоқи нависандагонро ба эътибор гирифта, барои гузаронидани ин машваратҳо ва чопи асарҳои беҳтарини иштирокчиёни он маблағҳои зарурӣ ҷудо карданд.

Дар вилояти Суғд асарҳои ҷавононро адибони соҳибтаҷриба А.Самадов, А.Сидқӣ, М.Хоҷаев, Н.Ниёзӣ, Фарзона, адабиётшиносон А.Сайфуллоев ва Н.Салимов хонда, оид ба ҳусну кубҳи таълифоти адибони ҷавон Мухлиса, Матлуба, Нарзуллои Азизиён, Раънои Зоирдухт, Гулноз, Гулнора Усмонова ва дигарон андешаҳои худро баён намуданд.

Ҳамин гуна машварат дар вилояти Хатлон низ баргузор гардид. Дар он Аскар Ҳаким, А.Самадов, Ҳақназар Ғоиб, Н.Худойбахш, Зариф Ибод ва С.Сабзаев иштирок карда, таълифоти ҷавононро мавриди муҳокима қарор доданд. Машварат нишон дод, ки дар байни ҷавонони Хатлонзамин Озар ва Офоқ барин ҷавонони соҳибистеъдод ҳастанд, ки дар сатҳи хуби адабӣ кор мекунанд.

Дар машварати адибони ҷавони шаҳри Душанбе асарҳои ҷавонон Ховари Абулҳай, Махфират Юсуфӣ, Мубашшири Акбарзод, Ҳанифаи Маҳмадохир, Муродалии Ҷаббор, Беҳрӯзи Забеҳулло, Мавлудаи Равшанёр, Робиа, Гулрухсор Холова ва дигарон аз ҷониби адибон А.Ҳаким, Меҳмон Бахтӣ, А.Самадов, С.Ҳалимшоҳ, Р.Ёрмуҳаммад, Ҷ.Акобиров, Ато Ҳамдам, баррасӣ гаштанд. Ҳамин гуна машварат дар Бадахшон ҳам гузаронида шуд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ чандин ҳавзаи адабӣ фаъолият дорад. Бояд гуфт, ки дар ҳавзаҳои адабии Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон адибони маъруф, устодони пуртаҷриба ҳамроҳи ҷавонони эҷодкор фаъолият менамоянд.

Ба ғайр аз ин, дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Ҳисор, Кофарниҳон низ ҳавзаҳои адабӣ ташкил шудаанд, ки онҳо бо Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ робитаи фаъоли корӣ доранд.

Машваратҳо нишон доданд, ки ҷавонони эҷодкор дар ҷодаи адабиёт бо диди тоза ва сабку шеваи ба худ хос пеш мераванд.

Ҷустуҷӯи ҳуввияти миллӣ, асли хешро дар таърихи дарозои халқ шинохтан, ки барои муайян кардани мақоми худ дар ҷомеаи башарӣ аз василаҳои муҳимтарин аст, дар шеъри ин давраи мо собиқаи пешин дорад, ки асосан ба қарни XX ва эҷодиёти шоироне чун М.Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Аскар Ҳаким, Гулназар, Гулрухсор, Фарзона, Салимшо Ҳалимшоҳ, Ҳақназар оиб, Низом Қосим, Раҳмат Назрӣ, Муҳаммад Ғоиб, Зиё Абдулло ва дигарон оид мешавад.

Ин маъниро ҳатто донишманди эронӣ Алӣ Асғари Шеърдӯст, ки маҷмӯаи бештар аз даҳ шоири муосири тоҷикро дар Эрон ба нашр расонид, дар муқаддимаи ба ин китобҳо навиштаи худ низ борҳо бо таъкид қайд кардааст.

Достони нави Мӯъмин Қаноат «Ҳамосаи дод» аз асарҳои хуби солҳои охири адабиёти мост. Достон ба фоҷиаи ҷанги шаҳрвандӣ бахшида шудааст. Дар ҳамин фоҷиа садои дили шоир, садои дили модар – Гавҳар, ки писарашро дар даруни он фоҷиа меҷӯяд, садои Мавлоно, ки ҷӯёи Меҳроби ҳақиқат аст, ба гӯш мерасад. Садои модар садои фариштаи ҳаётбахш дар арсаи ҷанг аст.

Шеъри ин давраи шоирони тоҷик дарди ҳуввият дорад ва ҳуввияти худро дар таърихи ниёгон ҷустуҷӯ мекунад. Ҳамин ҳуввияти миллӣ дар ашъори Лоиқ писанд ва мақбули ҳамагон афтодааст.

Дар ғазали «Гулфишони баҳори мо омад» Лоиқи нуктасанҷ фариштаи оштиро, сулҳи миллати худро бо табъи саршор васф мекунад.

*Раҳми парвардигори мо омад,*
*Нури ҳақ бар диёри мо омад.*
*Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,*
*Сулҳи бунёдкори мо омад.*

Ашъори солҳои охири Лоиқ аз ташвиқи ҳамин гуна ҳуввият саршор буда, маънои ҳастии шахсияти ӯро чун фарди эҷодкор таҷассум кардааст.

Гулназар дар назми тоҷик шоирест бо азми навҷӯӣ. Ӯ андешаҳои худро доир ба шеъри нав ва тасвирӣ дар мақолаи худ «Вожаро бояд шуст» ҷой дода аст, ки он бурду бохти шоирони моро, ки шеъри наву сафед мегӯянд, баррасӣ намудааст. Ва шоир ояндаи шеъри моро бе шеъри сафед тасаввур намекунад. Худ ҳам аз сарояндагони шеъри сафед ва рӯзи сафед аст. Аз ин ҷост, ки ӯ дар шеъри «Шеъре озод дар рӯзи озодӣ» сурудааст:

*Шеъри озоди маро бигзор,*
*То шавад хоки раҳи озодии ту.*
*Меҳри озоди маро бигзор,*
*То бичинад хорҳоро аз раҳи озодии ту.*

Дар эҷоди шеърҳои нав ва тасвирӣ шоирон Гулрухсор, Фарзона, Камол Насрулло, Зиё Абдулло, Доро Наҷот, Ворис ва дигарон тавфиқ доранд. Гулрухсор дар шеъри «Аз паси парда» қисмати худ ва ҳамдиёрони худро чунин ба ҷилва овардааст. Ӯ нигоштааст:

*Қисматамро чун насиба,*
*Чун ҷазо, чун ҷоиза*
*Мебарам бар шонаи шони занона ошиқона.*

Фарзона шоирест, ки аз овони ҷавониаш бо шеърҳои пурэҳсоси худ, на фақат дар ҷумҳурии мо, балки дар байни шеърдӯстони форсизабон шӯҳрати калон дорад. Фарзона соҳиби эҳсоси бузург ва истеъдоди худодод аст. Вай ҳам дар офариниши шеъри қадим ва ҳам ҷадид муваффақияти назаррасеро соҳиб шудааст. Дар шеъри «Паём»-и худ шоир шаҳри ҷангзада ва омадани фариштаи Оштиро хеле ва хеле ҳам таъсирбахш баён доштааст:

*Дар нигоҳаш садоқати равшан,*
*Дар сукуташ тулӯи андеша.*
*Дар лабонаш табассуми шаффоф,*
*Мисли борони ҳидоят ба сари як гули муштоқ,*
*дӯст меояд.*

Дар гуфтани шеъри сафед Доро Наҷот барор дорад. Дар раванди шеъри ин давраи мо ҷараёни услубие, ки дар жанрҳои суннатӣ тозагӯӣ ва тасвирсозӣ мекунад, низ ба назар мерасад. Ашъори солҳои охири яке аз шоирони беҳтарини мо Раҳмат Назрӣ ҳамин гуна аст.

Пас аз хондани азалҳои Раҳмат Назрӣ мо ба натиҷае меоем, ки дар жанрҳои қадим, хусусан дар жанрҳои ғазал ва дубайтӣ ҳам тасвиркорӣ кардан мумкин будааст. Дубайтиҳои «Хирмани моҳ»-и шоир таъсирбахшанд.

*Сариштам ман сариштамро худ аз нав,*
*Биҳиштам ман, биҳиштамро худ аз нав,*
*Қаламкаш як қалам илҳом бахшид,*
*Навиштам сарнавиштамро худ аз нав.*

Ашъори Низом Қосим, Шаҳрия, Сурӯш, Нукраи Суннатниё, Салими Хатлонӣ, Салими Зарафшонӣ дар намунаҳои беҳтарини худ аз ҳамин гуна сифатҳои тозагӣ дар жанрҳои суннатӣ ва асолати сухан дар шаклҳои наву озод бархурдор ҳастанд. Барои намуна байти зебои тозаеро аз ғазали Шаҳрия меорам:

*Ҷоно, катибаҳои диламро китоб кун,*
*Шаҳбайти абрувони маро интихоб кун.*

Мавзӯи бедорӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар шеърҳо ва достонҳои шоирон Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб ва Сафармуҳаммад Аюбӣ мақоми асосиро ишол менамоянд, ки онҳо низ дар ду услуб шеъри нав ва шаклҳои суннатӣ гуфта шудаанд.

Бо ҳамин равия дар ашъори С.Маъмур, Зулфия Атоӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Усмон Шарифзода, Н.Ниёзӣ, Ҳадиса, Одина Мирак, Ҳоҷӣ Мурод, Ҳикмат Раҳмат, Саидҷон Ҳакимзода, Меҳринисо, Мирзо Файзалӣ, Усмон Назир, Назокат, Ситора, Абдулло Қодирӣ, Норинисо мавзӯъҳои ваҳдати миллӣ одаму одамгарӣ ва ишқу муҳаббат ба тавсиф омадаанд.

Дар даврони истиқлол ва махсусан дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба таърих, ба асл ва решаи хеш бисёр қавӣ гардид.

Аз ҳамин ҷост, ки шоирони мо ба омӯзиши ибтидои кишвари худ, ба омӯзиши Авесто ва Ведоҳо, ба омӯзиши асотири Шарқ даст заданд. Ин омӯзиш ҳаргиз аз рӯи ҳавову ҳавас нест. Ин омӯзиш дар адабиёти мо анъанаи меросӣ дорад.

Рӯ овардани шоирон Салимшо Ҳалимшо, Муҳтарам Ҳотам, Назрӣ Яздон, Зиё Абдулло ба таҳқиқи ҷуғрофияи Авесто ва ҷаҳоншиносии он ба эҷодиёти онҳо таъсири назаррас расонд. Қасидаҳои Ҳалимшо моро ба ибтидои олам, ба ҷаҳоншиносии аҷдодамон рӯ ба рӯ месозанд.

Эҳёи ҷаҳон ба насли оянда, ба насли ҷавон иртибот дорад. Мо аз он хурсанд ҳастем, ки ба майдони адабиёти мо шоирони ҷавони боистеъдоду донишманд ворид шудаанд. Имрӯз қаламкашони ҷавон Парда Ҳабиб, Сайёд Ғаффор, Ато Мирхоҷа, Адиба, Ворис, Абдуқодири

Раҳим ва дигарон шеърҳое эҷод мекунанд, ки бо сеҳри сухани худ хонандаро дар худшиносӣ ва ҳақиқатпарастӣ илҳом мебахшанд.

Чун вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат беҳтар шуд, домони мавзӯъ ва ҷустуҷӯҳои эҷодии нависандагон низ васеътар гардид. Насрнависони соҳибтаҷрибаву ҷавон боҷуръатона ба пажӯҳиши бадеии шахсияту мавзӯъҳои таърихи дуру наздик, воқиаву падидаҳои матлубу номатлуб, дарду алам, талошу пирӯзии инсонҳо дар гардишҳои сангини зиндагӣ камар бастанд. Ва дар ин марҳала роману қиссаҳо, аз ҷумла, «Девори Хуросон»-и Муҳаммадзамони Солеҳ, «Ҳафт шаҳри рӯъё»-и Юсуф Аҳмадзода, «Мунтасир»-и Аброри Зоҳир, «Захми қасос» ва «Файзи Деҳмой»-и Аъзам Сидқӣ, «Қиссаи Мансури Ҳаллоҷ»-и Расул Ҳодизода, «Уқоби захмӣ», «Розҳои Шаҳнон», «Булбули гӯё» ва «Дар чорсӯи хуршед»-и Шодон Ҳаниф, «Достони писари Худо»-и Сорбон, қисми дуюми «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзоев, «Дунёи сабзи ишқ»-и Барот Абдураҳмон, «Сармаддеҳ»-и Баҳманёр, «Девона»-и Мираҳмади Амиршо ба қалам омаданд.

Муҳимтарин хусусияте, ки дар асарҳои таърихӣ ба назар мерасад, бо нигоҳи тозае нигаристан ба масъалаи мавқеи шахс дар таърих мебошад. Ҳамчунонки маълум аст, дар асарҳои асри XX адабиёти мо оид ба ин мавзӯъ мақоми шахс нисбат ба мақоми омма дар таърих хеле ночиз нишон дода мешуд. Акнун таносуби мавқеъҳо ба тарзи тозае ба зуҳур меояд ва он боис мешавад, ки характеристикаи қаҳрамонҳо, фаъолияти онҳо, муносибати байни табақоти ҷомеа дигаргуна тасвир гардад. Ин хусусият ба асарҳои таърихие, ки болотар номашонро зикр кардем, мансуб аст.

Талошу пайкори шахсияти дурахшони таърих Исмоили Сомонӣ ва ҳамзамонони ӯ дар романи нахустини Муҳаммадзамони Солеҳ «Девори Хуросон» ба тасвир омадааст, ки дар зимни хеш ин масъалаи муҳимро ба баррасӣ мегирад. Асар доманадор ва аз ҷиҳати ширкати қаҳрамонҳо бой ва сабки нигоришаш ғайри маъмулӣ аст. Метавон онро роман-сенария барои кино номид.

Ин масъала дар романи «Захми қасос»-и Аъзам Сидқӣ ҳам дар мисоли рӯзгори талху пурмоҷарои шоира Дилшоди Барно ба тасвир меояд. Албатта, фаъолияти адабии як тан зани соҳибистеъдод дар замони феодалӣ байни қувваҳои мухталиф ба сари худ бисёр ҷиҳатҳои муносибати шахс ва ҷомеа, фард ва таърихро нишон дода метавонад.

Воқеан як нуктаро бояд зикр кард, ки таълифи бисёр роману қисса ва шеъру достон ва асарҳои саҳнавӣ дар мавзӯъҳои таърихӣ ба шарофати ҷашни 1100-солагии давлатдории Сомониён ба вуқӯъ пайваст ва ин бори дигар шаҳодат медиҳад, ки ҷашнҳо на фақат иду тантана ҳастанд, балки барои ба амал баровардани ин ё он ҳадаф, дар айни замон, барои худшиносии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ, гиромидошти дастовардҳои таърихии халқ хидмат мекунанд. Романҳои «Ҳафт шаҳри рӯъё»-и Юсуфҷон Аҳмадзода ва «Мунтасир»-и Аброри Зоҳир низ дар ҳамин рӯҳия эҷод гаштаанд, ки бо тасвири ҷангу ҷидолҳои даврони Сомониён дар зимн воқиаҳои номатлуби солҳои охирро низ дар назар доштаанд.

Ҳамин гуна кӯшиши бо нигоҳи наве нигаристан ба чеҳраҳои таърихӣ дар романи Сорбон «Достони писари Худо», ки аз ҳаёт, ҷангу талош, бо чӣ усул сари қудрат омадан ва лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ нақл мекунад, низ ба назар мерасад.

Шояд таваҷҷуҳи нависандаи муосир ба мавзӯъҳои таърихӣ ва ё офаридани образҳо дар асоси маводи таърих аз он аст, ки дар асри гузашта устодони мо ба ин хазина аҳён-аҳён даст зада буданд. Аз ин рӯ, хонанда ташнаи донистани таърихи аҷдод ва шахсиятҳои таърихӣ монд.

Ин ташнагӣ водошт, ки Расул Ҳодизода «Қиссаи Мансури Ҳаллоҷ»-ро офарид ва зиндагиномаи бузургтарини шахсияти олами суфияро, ки чун образ асрҳо боз ҳусни шеъру қиссаҳост, пешкаши хонанда намонд.

Муноҷот, руҷӯъҳои ин қисса хеле муассир эҷод шудаанд, ки ҳамоно дилҳоро тасхир мекунанд.

Қиссаи Равшани Ёрмуҳаммад «Данонир» низ аз таърих сарчашма гирифта, аз сарнавишти печида, азияту нокомӣ, ғуруру мубориизаи як ҳунарманди баландистеъдод ҳикоят менамояд.

Инқилоби ибтидои асри бист дар баробари дигаргун кардани сохти ҷамъиятӣ ва роҳу равиши зиндагӣ ба сари мардум фоҷиаҳое овард, ки боиси нобуд гардидани баъзе арзишҳои фарҳангӣ шуданд. Қиссаи Кӯҳзод «Қатли китобҳо» ба ҳамин мавзӯи нозуку дарднок бахшида шуда, масъулияти инсонро дар назди таърих ба андеша мегирад.

Асри гузашта, яъне асри XX ҳам, имрӯз барои мо таърих гашт, албатта, таърихи наздик. Як гурӯҳи нависандагони мо ба андеша ва баррасии ҳамин таърих камар бастаанд, ки дар он муносибати фарду ҷомеа ва шахсияту таърих нисбат ба таърихи куҳан соддатар нест, балки мураккабтар аст, зеро муносибати инсон бо ҷамъият ва шахсият, бо таърих дар зинаҳои болотари инкишофи ҷамъият ҳамон қадар мураккабтар мешавад. Инро мо дар мисоли асари Абдумалик Баҳорӣ «Дастовез», ки насри тахайюлӣ мебошад ва ҳам дар асарҳои дигари реалистии нависанда «Писари милиса», «Баҳси нотамом», ки воқеоти даҳшатбори замон, заминаи ба вуҷуд омадани онҳоро ба тасвир гирифтааст, равшан мебинем. Дар киссаи Саттор Турсун «Санг дар бағал ба тӯфон» сарнавишти як марди интиқомҷӯ ҳикоят шуда, хонандаро ҳушдор медиҳад, ки оқибати кинаву кудурат парваридан чӣ балоҳое ба сари фарзанди инсон меорад.

Романҳои «Уқоби захмӣ», «Розҳои Шаҳнон» ва «Булбули гӯё»-и Шодон Ҳаниф низ аз ҳамин қабиланд. Ҳамчунин асари сегонаи «Дар чорсӯи Хуршед»-и ӯ, ки тасвири ҳаёти пурфоҷиаи мардуми ба мо дӯсту ҳамҷавор Афғонистонро дар бар мегирад, ҳамин масъалаҳоро дар доираи тасвир муқаррар кардааст.

Нақшаи воқеоти солҳои охири асри гузашта дар сарнавишти қаҳрамони асари Кароматулло Мирзоев «Дар орзуи падар» Меҳрубон мавқеи асосӣ дорад.

Дар асарҳое, ки ба таърихи наздик бахшида шудаанд, як масъалаи тоза, ки дар асарҳои ба масъалаи таърихи куҳан бахшида шуда камтар ба назар мерасанд, густурдатар ба қалам меояд, ки ин муносибати шаҳр ва деҳот аст. Воқеан ҳам ин масъала дар таърихи тоҷик падидаи асрҳои охир аст, аз ин рӯ, тасвираш ҳам акнун бештар доман паҳн мекунад, ки мо онро, масалан, дар романи «Дунёи сабзи ишқ»-и Бароталӣ Абдураҳмонов, ки олами беолоиши наврасӣ, ангезаи ишқ, ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ ва дар роҳи орзуҳо бо барору нобарорӣ ва муқобилату тазодҳои сангин дучор омадани ҷавононро ҳам дар деҳот ва ҳам дар шаҳр тасвир кардааст, равшан мебинем.

Аз мутоилаи китоби қиссаву ҳикояҳои Абдулҳамид Самад «Талош» ба рафтору кирдор, хӯву хислати инсонҳо дар ҳолатҳои мухталиф ошно шудан мумкин аст. Сабки нигориши қиссаи «Сарлашкар»-и ӯ бо истифодаи ҷузъиётҳои пурзарофат ҷолиб буда, нависанда махсусан дар саҳифаҳои аввали ин қисса дар тасвири характери пиразанҳо, ки ба воситаи гуфтугӯи онҳо аён карда мешавад, маҳорати комили нависандагӣ нишон медиҳад.

Гуногунии сабку нигориш дар тасвири муносибати деҳоту шаҳр, ки ҷузъи таърихи навини мо ба шумор меравад, падидаи тозаест дар насри солҳои охир ва он аз баракати қалами нависандагон Сайфи Раҳимзод (рӯҳаш шод бод!) Баҳманёр дурахши хубтар пайдо кард.

Табиист, ки дар тасвири таърихи навини мо тантанаи сулҳу ваҳдати миллӣ нақши намоён дорад. Дар тадқиқи бадеии ин мавзӯъ асарҳои Гулрухсор, Мираҳмади Амиршоҳ, Абдуғаффори Партав, Мирзо Насриддин, Салими Зарафшонфар чоп шуданд, ки қобили таваҷҷуҳ буда, моҷароҳои дохилиро аз назари шахсӣ, вале бо эътибори мабдаи иҷтимоӣ ва воқеии он ба тасвир мегиранд.

Пурқувват шудани назари таърихӣ ва иҷтимоиро мо дар жанри ҳикоя низ мушоҳида мекунем, ки ба он аз нависандагони баркамол сар карда то ҷавонони эҷодкор рӯй оварданд. Ин жанр барои офаридани хӯву хислати инсон, тасвири ҳолат, масоили зиндагӣ, ки дар як фурсати на чандон тӯлонӣ сурат мегирад, созгор буда, нашри он низ осонтар аст.

Ин солҳо ҳикоя на танҳо пеш рафтааст, балки банду басти он мустаҳкам гашта, тасвир ва навпардозиҳо дар он хеле ривоҷ ёфта, чун жанри пурғунҷоиш бой гардидааст. Адибон аз тасвирҳои қолабӣ даст кашида, бештар ба тасвири воқеии одамони оддӣ, муаммоҳои рӯзгор, ҳаёту табиат, зиддиятҳои ҳаёти инсонӣ мароқ зоҳир намудаанд. Ин жанр дар эҷодиёти Сорбон, С.Турсун, М.Хоҷаев, А.Самадов, Ӯ.Кӯҳзод, Р.Ёрмуҳаммад, Ҷ.Акобиров, А.Рабиев пурқувват шуда, вусъати тоза ёфтааст. Қобили зикр аст, ки дар чор-панҷ соли охир насри ҷавонон хеле пеш рафт. Ҷавонон бештар ба таҷрибаи насли гузашта, адабиёти асили ҷаҳонӣ такя намуда, асарҳои замонавӣ эҷод мекунанд. Дар ин роҳ адибони нисбатан ҷавон Абдуғаффори Абдуҷаббор, Тоҳири Маҳмадризо, Садриддини Ҳасанзод, Диловари Мирзо, Юнус Юсуфӣ, Карим Давлат, Муҳибуллои Қурбон, Нозир Ёдгорӣ, Марямбонуи Фарғонӣ, Аюб Кенҷа, Абдуқодири Раҳим, Сипеҳри Ҳасанзод, Маҷид Салим, Зариф Ғулом, Равшан Замир, Равшани Махсумзод, Анвар Олимӣ ва дигарон бо навиштаҳои худ ба ҳикояи муосир мавзӯъ ва рангу бори тозае ворид сохтанд.

Рӯ овардани шоирони мо Ғаффор Мирзо, Гулназар, Гулрухсор, Зулфия Атоӣ, Муҳаммад Ғоиб ба наср ва махсусан, ба жанри мухтасари он ҳикоя, рӯйдоди фараҳбахш аст, зеро асарҳои чун шеър мӯъҷазу нишонрас ба қалам оварданд.

Ҳаҷву мазҳака низ бештар хусусияти иҷтимоӣ мегирад, ки он ба амиқрафти андеша ва назар шаҳодат медиҳад. Навиштаҳои адибон Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ, Наҷмиддин Шоҳинбод, Саидаҳмади Зардон, Собир Зикирзода, Холмурод Шарифов, Додохон Эгамзод, Ҳакималӣ Назаралӣ, Гурез Сафар, Карим Давлат, Сайдаҳмади Ҳасанзод, Шералӣ Мӯсоев, Маҳкам Пӯлод аз ҳамин гуна хусусият бархурдоранд, ки сазовори ҷонибдорӣ ҳастанд.

Таърих ва замони муосир, инсон ва ҷомеа, асорат ва озодӣ, ватандорӣ ва беватанӣ, адолат ва разолат аз масъалаҳое ҳастанд, ки дар дарозои таърих рангу бори нав ба нав пайдо мекунанд, вале ҳамеша моҳияти ҳастии мусбӣ ва ё манфӣ ин ё он фардро амиқан ифода менамоянд. Воқеоти муҳими таърих дар атрофи ин масъалаҳо ба вуқӯъ мепайванданд, сиришти инсонҳо низ аз рӯи муносибаташон ба ин масъалаҳо муайян мешавад. Табиист, ки дар драмаи ин давра ин гуна масъалаҳо дар маркази таваҷҷуҳ буданд.

Дар асарҳои М.Бахтӣ «Шоҳ Исмоили Сомонӣ», С. Аюбӣ «Драмаи миллат», Нур Табаров «Тарс», «Дод чист? Бедод чист?», Нурулло Абдуллоев «Мусофир, ё худ ба куҷо равонаем», Шодӣ Солеҳ «Фиғон аз қарнҳо», «Тахти Султон Маҳмуд», Барот Абдураҳмон «Искандар ва Спитамен», Ато Ҳамдам «Як танга тилло» характери қаҳрамонҳо дар бархӯрди ҳамин гуна

масъалаҳои муҳим кушода мешаванд. «Шоҳ Исмоили Сомонӣ»-и М.Бахтӣ намоишномаи аз лиҳози бадеият, сабки эҷод тоза буда, корномаи Исмоили Сомониро аз рӯи осори таърихӣ, ба тарзи хуби бадеӣ ба саҳна меорад, ки он воқеаҳои таърихӣ, шахсияти Исмоили Сомонӣ бо талошҳои ватанпарастияш ҳамсадои замони мо мешавад.

Драмаҳои «Сомонхудот», «Амир Исмоил» ва чанд намоишномаи дигари Сафармуҳаммад Аюбӣ дар драматургияи тоҷик, хоса драмаи манзум, ба сабки хос эҷод шудаанд. Ӯ дар пешбурд ва такомули ин шохаи душвори адабӣ ҳиссаи сазовор гузошта, асарҳояш бо рӯҳияи саршор аз ифтихороти миллӣ ба қалам омадаанд.

Ба мавзӯи таърихӣ ва ҳам муосир даст задани драманавис Нур Табаров бесабаб нест: чи дар асари «Қиёмат» ва чи дар драмаи «Дод чист? бедод чист?» (Паёми Зардушт) ва ҳам дар фоҷиаи «Жернова» («Санги осиё») мо мебинем, ки муаллиф ба саволҳои асри нав ҷавоб меҷӯяд.

«Як танга тилло»-и Ато Ҳамдам тамошобинро дар рӯҳияи некуахлоқӣ, ҳалолкорӣ ва қадри одаму одамгарӣ тарбия намуда, хислатҳои манфур ва пастфитратии одамиро мазаммат мекунад.

Фаъолияти Нурулло Абдулло чун намоишиноманавис хеле қобили қайд аст. Ба хусус асари дар жанри фантастикаи муосир навиштан ӯ «Мусофир, ё худ ба куҷо равонаем», аз рӯи банду баст ва масъалагузорӣ ҷолиби диққат аст. Ҳарчанд дар ин мавзӯъ драмнависони кишварҳои гуногун асар эҷод карда бошанд ҳам, Нурулло Абдулло аз дидгоҳи худ аз андешаҳои солими имрӯз доир ба мавқеи инсон дар ин сайёра саҳнаҳои хотирмоне офаридааст.

Агар Нурулло Абдулло андешаҳои хешро аз номи махлуқи одамшакл изҳор дошта бошад, пас Шодӣ Солеҳ дар асари ба муносибати 1100-солагии давлатдории Сомониён навиштааш «Фиғон аз қарнҳо» воситаи баҳс ва таҳлили неку бадро пас аз марги қаҳрамонон, дар он дунё, ба қалам овардааст.

Драмнавис Султон Сафар бо ҳамкории шодравон Қутбӣ Киром бахшида ба Туғрал драмаи «Тири маломат»-ро рӯи саҳна овард, ки масъалаи ҳамеша пурфоҷиаи муносибати эҷодкор ва замони носозгорро дар бар мегирад.

Дар асарҳои драмнависон Ҷумъа Қуддус, Иноят Насриддин, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, А. Сайфуллоев, Муҳаммад Ғоиб, Тӯрахон Аҳмадхонов, Барот Абдураҳмон, Ҳикмат Раҳмат ҳамин гуна муносибати гуногунсоҳаи инсон бо ҷомеа ба тасвир омада, характери ӯ дар бархӯрдҳои шадид намоён мешавад.

Як нуктаи дигарро бояд зикр кард, ки дар солҳои охир дар эҷоди асарҳои саҳнавӣ барои кӯдакон ҳам пешравӣ эҳсос мешавад. Дар ин соҳа Азимҷон Аминов, Наримон Бақозода хизмати назаррас доранд.

Аз ҷониби драмнависон Гулназар, Равшани Ёрмуҳаммад, Низом Қосим, Ато Мирхоҷа, Мансур Суруш ва дигар адибон асарҳои пурарзише ба қалам омаданд, ки онҳо аз ҷониби Вазорати фарҳанг пазируфта шудаанд.

Дар соҳаи ба саҳна гузоштани асарҳои саҳнавӣ як нуктаи номатлубро ҳам бояд қайд кард. Баъзан бо баҳонаи набудани маблағғ асарҳои хуб рӯи саҳнаро намебинанд. Муаллифони корчаллон, чӣ тавре ки мо дар нашру табъи китобҳо мебинем, аз ин истифода бурда, маблағ меёбанд, ё бо тариқи ошнобозӣ бо режисёрҳо асарҳои сусташонро ба саҳна мегузоранд ва ин асарҳо пас аз як ё ду намоиш аз саҳна ғайб мезананд. Ин ҳолат тамошобинро аз театр дилхунук мекунад. Ва мо мегӯем: «Театр тамошобин надорад!»

Бале, театр он гоҳ тамошобини хешро пайдо мекунад, ки агар ба театр драмнависони боистеъдод ҷалб ва асарҳои шоиста ба саҳна гузошта шаванд.

Панҷ соле, ки гузашт, дар таърихи адабиёти кӯдакону наврасон ҳам нақши неке гузошт. Ин соҳаи адабиёт низ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод ва ба комёбиҳои назаррасе ноил шуд. Дар ин миён Абдумалик Баҳорӣ, Убайди Раҷаб, Абдулҳамиди Самад, Насими Раҷаб, Озод Аминзода, Додоҷон Раҷабӣ, Сафияи Носир, Азизи Азиз ва чанд тани дигар пурмаҳсул меҳнат карданд ва барои хонандагони хурдсоли худ асарҳои хубу хонданӣ офариданд.

Адибони маҳбуби бачаҳо Гулчеҳра Сулаймонӣ ва Акобир Шарифӣ барои китобҳояшон – «Лолаҳои дасти ман» ва «Суруди сулҳ» ба дарёфти мукофоти Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон мушарраф шуданд. Чандин нафар адибони бачаҳо барои хидматҳои арзандаашон дар адабиёт ва тарбияи маънавии насли наврас бо мукофотҳои гуногуни соҳавию давлатӣ қадршиносӣ ёфтанд.

Сатҳи шеър барои кӯдакон дар 15-20 соли охир бисёр боло рафтааст. Мақсади олитарини эҷодкори имрӯза роҳ ёфтан ба ҳавзаи умумифорсии шеър аст. Роҳ ба ин ҳавза яктост, офариниши асарест, ки ҷавобгӯи ҳамаи талаботи шеъри асили мо бошад.

Силсилаи китобҳои Наримон Бақозода ҳамчун «Алифбои дилкушо», «Иди Алифбо омад», «Мактаббозӣ» ва дигарон ба тарбияи маърифатнокӣ, донишомӯзӣ, сулҳу дӯстӣ ва ватанпарастии хонандагон бахшида шудаанд.

Шоирони маъруфи бачаҳо Абдумалик Баҳорӣ, Маҳмадалишоҳи Ҳайдаршоҳ, Бобо Ҳоҷӣ, Алӣ Бобоҷон ва Озод Аминзода шеъру достонҳои худро дар матбуоти даврӣ ба табъ расониданд ва гӯшаи адабиёти бачаҳоро обод доштанд.

Ғаффор Мирзо, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва Меҳмон Бахтӣ, ки замоне барои бачаҳо шеъру қиссаҳои хубу хонданӣ менавиштанд, дар ин давра низ як силсила шеърҳо офариданд, ки бачагони моро дар рӯҳи ватанпарварӣ, дӯст доштану муҳофизат кардани табиати кишвар ва сулҳу дӯстӣ тарбият мекунанд.

Китоби шеърҳои Латофат – «Мусича ва Дурдона», Қурбон Муҳаммадӣ – «Ширмаҳтоб», Абдусаттори Раҳмон – «Гулбоғи саодат» ва «Боғи анор» дар ривоҷи адабиёти кӯдакону наврасон мусоидат карданд.

Як гурӯҳи шоирони мо монанди Эгами Назрулло, Анварбеки Абӯнаср, Азизи Раҳим, Шарифи Маҳмадёр ва чанд нафари дигар фаъоланд, намунаи асарҳояшон дар матбуоти даврӣ пайваста чоп мешаванд.

Дар ин давра насри адабиёти бачаҳо нисбат ба назмаш бартариҳо пайдо кард. Яке аз ин гуна китобҳо «Қиссаҳои буду набуд»-и нависандаи шинохтаи мо Равшани Ёрмуҳаммад аст, ки чор қисса ва ҳашт ҳикояи гуногунҳаҷми ӯро гирд овардааст ва муаллиф онҳоро дар солҳои гуногун, вале махсус барои бачаҳо иншо кардааст.

Қиссаҳои «Ошиқи ситорачашм» ва «Асрори боғи бобом»-и Насими Раҷаб аз воқеаҳои нохуши солҳои охир ҳикоят мекунад ва аз ҷиҳати мазмуну ғоя ҳамдигарро пурра мегардонад. Симои хонандагони мактаб – Файзалию Ҳабиба, симои Бибихалифа муаллимаи миллии тоҷик ва марди фозил – Чормағзбобо аз бозёфтҳои наву хотирнишини нависандаанд, ки барои ифодаи мақсаду мароми муаллиф нақши муҳиме мебозанд.

Гулназар ва Сафияи Носир дар эҷоди ҳикояҳои хурд –хурди ибратангез, ки таронаҳо ё минётурҳои адабиро мемонанд, маҳорат доранд. Намунаи чунин ҳикояҳо дар эҷодиёти

Абдумалик Баҳорӣ, Абдулҳамиди Самад, Адаш Истад, Шодон Ҳаниф, Бахтиёри Ҷумъа, Исроили Иброҳим, Азизи Азиз ва баъзеи дигарон низ вомехӯранд.

Китоби Абдулҳамиди Самад «Ман –ошнои ту» ҳам аз ҳамин қабил ҳикояҳои дилнишину омӯзанда фароҳам омадааст, ки барои ин синну соли хонандагон эҷод шудаанд.

Симою бунёди кӯдакону наврасони мо дар эҷодиёти Додоҷон Раҷабӣ, Абдурофеъ Рабеъзода, Азизи Азиз, Ҳабиби Имодӣ, Ғанӣ Ҷӯразода, Тоҷинисои Султонӣ ва Маҳбуба Неъматзода низ равшан ба назар мерасанд.

Маҷиди Салим дар китоби «Ҳикояҳо дар бораи ҳайвонот» кӯшидааст, ки табиату хислатҳои ҷонваронро барои хонандагони хурдсоли худ шарҳу эзоҳ диҳад ва дӯстдорию ғамхории табиати зиндаро талқин намояд. Салими Зарафшонфар дар қиссаи «Ду овора» бо тасвири ҳодисаҳои даҳшатбори солҳои даргирӣ дар симои Гулнозу сагчааш Гултоз муваффақ шудааст, ки баъзе хислатҳои зишти инсонро ошкор созад ва хонандагонро ба сӯи адлу инсоф ва меҳру муҳаббат, ки аз аломатҳои асосии одамгарист, даъват кунад.

Адибони тоҷик махсусан дар қарни XX ба ҳаёти рӯзмара дахолати фаъолона доштанд, бо сухани худ барои ислоҳи камбудиҳою норасоиҳо, тарбияи мардум, ба рушду нумӯи ҷомеа саҳмгузорӣ мекарданд.

Симои қаҳрамони воқеӣ дар заминаи санад ва тахайюли бадеӣ ба қалам меомад, воқеият, санад ҷавҳари бадеият меёфт ва очерку мақолаҳои публисистии хонданӣ эҷод мешуд. Адибони мо имрӯз ин анъанаро давом медиҳанд.

Асарҳои Абдулҳамид Самад, Саттор Турсун, Шодон Ҳаниф, Ӯрун Кӯҳзод, Раҷаб Мардон, Холназар Муҳаббатов, Бахтиёр Муртазоев, Асадулло Саъдуллоев ва дигар қаламкашҳои ботаҷрибаю ҷавони мо гувоҳи ҷои худро дар таърихи замон, яъне рӯз, ки фардо таърихи кишвар мешавад, шинохтани адибони муосири тоҷик аст.

Очеркҳои беҳтарини ин давра чеҳраҳои илмию фарҳангии бузургони халқро ба ҷилва овардаанд, ки беҳтарини онҳо очеркҳои марҳум Мутеулло Наҷмиддинов «Одамият мадюн намонда зистан» (бахшида ба устод Мирзо Турсунзода) ва «Ёди бузургон қарз аст» (бахшида ба Бобоҷон Ғафуров) мебошад. Дар ин равия Ҷонибек Акобиров низ очерки «Назаркардаи худованд» (дар бораи ҷангноманавис Раҳмон Сафаров)-ро навишт.

Очерку публисистикаи мо бо ду роҳ аз доираи кишвар берун баромад, яке бо роҳи нишон додани худи Тоҷикистон, табиат ва сарватҳои он ва дигаре аз тариқи ба қалам овардани мавқеи иҷтимоии он дар байни кишварҳои дигар ва алоқаҳои гуногунсоҳа.

Китобҳои Холназар Муҳаббатов «Табиати кӯҳсори Тоҷикистон», ки дар Маскав, Тоҷикистон, Пориж ба табъ расиданд ва китоби Ато Ҳамдам ва Л.Чигрин «Зиндагиномаи Чжан Теян ё шоҳроҳи абрешим», ки дар Хитой ба забони чинӣ чоп шуд, аз ҳамин қабил асарҳоянд.

Китобҳои очерку публисистикаи Мирзо Қосим, Раҷабалӣ Аҳмадов, Исроил Иброҳим, Муҳаммадҷон Мирзошоев ва чанде дигар, ки масъалаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии моро дар бар гирифтаанд, аз дахолати фаъолонаи ин адибон ба зиндагӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар солҳои охир адибони мо ба навиштани хотираю ёддоштҳо рӯ оварданд. Ёддошту хотираҳо, сафарномаҳо ҳамеша қисми муҳими адабиёт буда, аҳамияти таърихию фарҳангӣ доранд. Бо кӯшиши Убайд Раҷаб, Бсуфҷон Акобиров, Шодон Ҳаниф, Сорбон, Усмонҷон Ғаффоров, Холмурод Шарифов симои як силсила шахсҳои таърихию фарҳангӣ, аз ҷумла

Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ҷаббор Расулов, Бобоҷон Ғафуров, Лоиқ Шералӣ офарида шудаанд, ки рӯзгору зиндагии онҳо дар таърихи навинамон саҳифаҳои дурахшон ба шумор меравokand.

Дар ин солҳо Собири Шоҳонӣ, Нозирҷон Ёдгорӣ, Низом Қосим низ дар жанри очерку публисистика пурмаҳсул кор карданд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Оби тоза» сазовори мукофоти аввал гардидани китоби Раҷабалӣ Аҳмадов ва дар озмуни зидди «Нашъамандӣ ва ҷомеа» сазовори ҷоизаҳо шудани очерку мақолаҳои публисистии як қатор адибони тоҷик гувоҳи ин мебошад.

Асари публисистии Худойназар Асозода «Афғонистони шоҳӣ» ва мақолаҳои Равшани Ёрмуҳаммад дар бораи Афғонистон гувоҳи фарохии доираи мавзӯи ин жанр аст. Дар асари Х.Асозода махсусан қобилияти хуби публисистӣ ва ёддоштнависии муаллиф намоён аст.

Имрӯз дар мамлакат айёми бунёдкорист. Бунёди нақби Анзоб, сохтмони шоҳроҳи бузурги аср Кӯлоб-Қулма-Қароқурум, корҳои бунёдгузорӣ дар истгоҳи азими барқии Роун ва истгоҳи барқии Сангтӯда идома меёбад. Силсилаи мақолаҳо, очеркҳои адибон аз ин сохтмонҳо таълиф гаштанд. Ин навиштаҳои адибон дар шакли китоби алоҳида мураттаб гашта, дар нашриёти «Адиб» бо номи «Роҳҳо ва ормонҳо» рӯи чоп омад.

Имрӯз ба мо, адибон, зарур аст, ки дар сохтмонҳои мамлакат бо эҷоди асарҳои худ фаъолтар ширкат дошта бошем, то таърихи навини кишварро сари вақт воқеъбинона ба қалам орем.

Адибони рус ва русзабони мо Александр Яблоков, Масъуд Муллоҷонов, Сергей Сухоян, Нисо Ҷӯраева, Мансур Суруш, Искандар Ҳамроқулов, Ҳамроқул Шодиқулов дар намудҳои гуногуни адабиёт – назм, наср, драматургия, адабиётшиносӣ пурмаҳсул кор карданд. Чунончи асарҳои Александр Яблоков «Горный стрелок», «Поражение», қиссаи «Возвращение» ба мавзӯи Тоҷикистон, табиати нотакрор ва ҳаёту фаъолияти одамони он бахшида шудаанд.

Нисо Ҷӯраева, ки ба ду забон – ба русӣ ва тоҷикӣ шеър менависад, шоираи ҷӯянда ва серғайрат аст. Китобҳои ӯ «Письма с войны», «Женщиной движет боль», «Я тороплюсь признаться вам в лббви» аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шоира истеъдоди худро беш аз пеш сайқал медиҳад, дар эҷодиёти ӯ баробари баёни ишқу орзуҳои наҷиби инсонӣ андешаҳои иҷтимоию фалсафӣ низ мавқеи муайян доранд.

Мансур Суруш ба адабиёти русизабони ҷумҳурӣ бо чандин маҷмӯаи ҳикояҳо ва романи «Чала» дохил шуд. Ӯ қувваи худро дар драманависӣ ҳам санҷидааст ва «Долгое, долгое эхо», «Вы меня ещё успеете убить» ва «Я на тебя не жалубсь, мой век» аз ҷумлаи драмаҳои ӯ мебошанд.

Акнун, ки чопи маҷаллаи «Помир», фаъол шуд, он соли гузашта чаҳор шумора ба табъ расид, ба ривоҷи ин адабиёт ва тарҷумаи адабиёти тоҷик ба русӣ хидмати шоиста хоҳад кард.

Асарҳои шоири маъруф Ӯлмас Ҷамол маҳбуби халқҳои ӯзбеку тоҷиканд. Очерку қиссаҳо, драма ва асарҳои публисистии Ҷамолиддин Тошматов бештар ба мавзӯъҳои дӯстии халқҳо, ҳаёту фаъолияти коргарону деҳқонон, зиёиён бахшида шудаанд. Нависандагон Сулаймон Эрматов, Эшмуҳаммад Донохонов, Муҳаммадҷон Тоштемиров шоирон Ҷамшед Пиримов, Шодӣ Сатторов, Мафтун Ҷӯра ва дигарон асарҳое эҷод кардаанд, ки орзую омоли инсони муосирро ифода карда, барои пурратар нишон додани намои ҳаёти кишвар хидмат намуданд.

Тарҷумаи бадеӣ яке аз сарчашмаҳои ғанӣ гардидани ҳар адабиёт ва воситаи муҳими тарғибу ташвиқи он мебошад. Вале ин сарчашмаи муҳим солҳои охир қариб аст, ки хушк шавад ва сабабаш маълум аст, ки музди қалам надоштани ин соҳа мебошад.

Бо вуҷуди ин, адибони тарҷумон Шариф Шараф, Ҷумъабой Азизқулов, Ҳикмат Раҳмат, Азимқул Насимов, Абдуғаффор Абдуҷаббор ва Истад Қосимзода корҳоеро ба субут расонидаанд, ки қобили қайд аст.

Дар бобати омӯзиш, таҳлил ва тадқиқи тарҷума ва алоқаҳои адабӣ ҳам кори муайяне анҷом дода шудааст.

Фаъолияти шӯрои тарҷумаи бадеӣ ва робитаҳои адабӣ дар шахси аъзои худ Ҳ. Шодиқулов, В. Самад, А. Давронов, А. Аминов дар кори ташкилию эҷодӣ қобили қайд аст. Онҳо дар кишвари худ ва кишварҳои дигар мақолаю тарҷумаҳои бисёре ба табъ расонида, дар конфронсу маҳфилҳои адабию эҷодии гуногун фаъолона ширкат доштанд.

Чанд падидаи дигарро ҳам номбар кардан лозим аст, ки аз сифатан нав шудани тарҷума ва тарҷумашиносӣ, омӯзиши робитаҳо дарак медиҳад. Аз ҷумла:

Рубоиёти Хайём, ки Усмон Назири Оташ дар 5 забон-тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, ӯзбекӣ бо мифтоҳи арабӣ (форсӣ) ва бо муқаддимаи муфассал нашр сохт.

Вусъат ва сифатҳои нав пайдо кардани муносибатҳои эҷодиву илмӣ бо Эрон, тадқиқи адабиёти муосири тоҷик аз тарафи олимони Эрон (А. Шеърдӯст, А.Қазва, А.М. Гарморӯдӣ, А. Шаҳриёрӣ…), нашри осори манзуми адабиёти тоҷик ва рисолаҳои олимони тоҷик дар ин кишвар (М. Шакурӣ, Р. Амонов, М. Муллоаҳмадов, В.Самад), конфронсҳои муштарак аз падидаҳои тоза ва қобили қайданд.

Танқид ва адабиётшиносӣ асосан аз таҳқиқу нашр ва тарғиби мероси адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик иборат буд.

Дар самти таҳқиқ осори Х.Шарифов «Шоир ва шеър», «Озурдагон ва умедворон», «Савти Аҷам», ки ба нақшу ҷанбаҳои ҳунарӣ дар осори шоирон ва таҳқиқи зиндагинома ва мавқеи устод М.Қаноат бахшида шудааст, А.Сатторзода «Таърихчаи назарияи адабии форсии тоҷикӣ», «Аристотель ва афкори адабии форсу тоҷик дар асрҳои X-XV» А.Сайфуллоев таҳқиқот дар бораи Зуфархон Ҷавҳарӣ ба қалам омаданд, ки ҳар яке дар бахши худ аҳамияти илмию танқидиро доро мебошад.

Солҳои охир устод М.Шакурӣ дар пажуҳиши масоили мактабу маориф ва дурнамои он, фарҳанг, забону адаби тоҷик, ҳуввияти миллӣ, низоми омӯзишу парвариш, худогоҳӣ хидматҳои шоиста карданд. Асарҳои эшон «Хуросон аст ин ҷо», «Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ» бисёр даричаҳои мушкилоти мактабу маориф, маънавият ва роҳҳои islоҳи онҳоро ба рӯи хонанда мекушоянд.

Тадқиқоти тозаи Х.Асозода ба пайванди қадимаи адабиёти тоҷику Афғонистон ва Эрон, падидаҳои тоза дар эҷодиёти шоирону нависандагони мамолики ҳамзабон бахшида шудаанд.

Мақола ва рисолаҳои тадқиқотии мунаққид Ҷӯрахон Бақозода, А.Давронов, Н. Салимов, А. Абдуманнонов дар мавзӯи адабиёти муосир ва классикии тоҷик ва асарҳои С. Табаров доир ба фаъолияти эҷодии Мунзим, Беҳбудӣ ва арзишҳои бадеӣ- эстетикии «Раҳбари наҷот»-и Фитрат ҳар яке масъалаҳои мубрами эҷодӣ ва илмиро мавриди таҳқиқ қарор дода, адабиётшиносиро нерӯмандтар сохтанд.

Ба нақди адабӣ таваҷҷуҳ намудани Гулназар «Лоиқе чун лоиқе», С. Ҳалимшо («Анъана ва эҳё»), Ҷ. Ҳошимӣ («Чанд сухан дар атрофи шеъри кӯдакон»), Зиё Абдулло ва дигарон низ ҷолиби диққат аст.

Аммо барои ба сатҳи солҳои пешин баромадани мавқеи танқиду адабиётшиносӣ маблағ зарур аст, яъне матбуоту нашриёҳо ҳаққи қалами муносиберо, ки заҳмати муаллиф талаб дорад, бояд бидиҳанд.

Бешубҳа, ривоҷи жанрҳои дигар ҳам бемаблағ гумон аст, дар зери мафҳуми маблағ ақаллан ҳаққ-ул-заҳмаи нависанда дар назар дошта шудааст. Ман қонунҳои иқтисоди бозор ва тариқи роҳбариро ба ҳаёти адабӣ дар кишварҳои дигар каму беш медонам, аммо, бо назардошти авзои иқтисодию иҷтимоии кишвари мо дар ин ҷо чораҳои хосе бояд андешида шаванд, ки муҳимтарини он пуштибонии давлатии адабиёт аст. Дар шароити ҳозира, ки нависанда асар офарида асосан на танҳо ҳаққи қалам намегирад, балки баръакс барои чопи асараш боз пул ҳам бояд ёфта диҳад ва баъд аз нашри асар хонанда онро бо сабаи гаронии нарх харида наметавонад, оё бе пуштибонии давлат адабиёт ривоҷ меёбад? Ҷавоб яқинан, ки манфӣ хоҳад буд. Ҳарчанд ман медонам, ки эҷодкори асил шояд ҳамаи сахтии рӯзгорро ба гардан гирифта, асари мондагор меофарад, вале он бо сабабҳое, ки дар боло гуфтам, дар вақташ ба хонанда намерасад, ҷараёни адабиро суръат намебахшад, пурқувваттар намесозад. Бешубҳа, он рӯзе нашр хоҳад шуд, ба дасти хонанда хоҳад расид, вале кай ва бо чӣ роҳ?

Бинобар ин, дар ин марҳилаи гузаштан ба иқтисоди бозор воситаҳои путибонии давлатии адабиётро бояд пайдо кард ва намунаи беҳтаринашро боз Президенти мамлакат, ки сарпарасти асили адабиёту фарҳанг ҳастанд, нишон доданд, аввалан, барои чопи теъдоди муайяни китобҳо аз фонди худ маблағғ ҷудо карданд, пасон, он китобҳо аз арзиши аслиашон хеле арзонтар ба фурӯш бароварда шуданд.

Ин ташаббуси Президенти мамлакат бояд аз ҷониби ҳамаи онҳое, ки фонд доранду маблағ, дастгирӣ карда шаванд, зеро адабиёт яке аз навъҳои бунёдии ҳунар буда, инкишофи соҳаҳои дигар ба он сахт вобаста мебошад ва ривоҷу равнақи он ба рушду нумӯи тамоми соҳаҳои фарҳанг мадад хоҳад кард, зеро адабиёт инсон месозад, бе инсонсозӣ, ҷомеасозӣ имкон надорад ва мо ҳар гуна инсон созем, ҷомеаамон ҳамон гуна хоҳад буд. Мо ҳамаамон, яқинан, дар он ақида ҳастем, ки инсони ватанпарвар, миллатдӯст, бунёдкор, одил ва ҳақиқатпеша бояд ба камол расонд, ки дар ҷомеаи шукуфову озод зиндагӣ кунем.

**Соли 2003**

## УФУR{ОИ ТОЗАИ АНДЕША

Анҷумани навбатии Иттифоқи нависандагон наздик мерасад ва ман дар байни корҳоям фикр мекунам, ки агар бо дӯстони ҳамқаламам, ки баъди ин муддати дароз ҳамдигарро мебинем, ҳарф мезадам, чӣ мегуфтам? Ҷавоби ин суол ба худам ҳам он қадар дақиқ равшан нест, аммо тарҳи мавзӯи суҳбатамро мебинам ва онро мехоҳам ба миён гузорам, то якҷоя бубинем, ки ман чаро мехоҳам ин ҳарфҳоро бизанам.

Ҳоло гуфтугӯи дар байни сарвазири Британиёи Кабир Уинстон Черчилл ва нависандаи фаронсавӣ Андре Моруа, ки дар Лондон соли 1935 воқеъ шуда буд, ба ёдам мерасад. Черчилл тақрибан чунин мегӯяд: – Ҷаноби Моруа, ҳоло вақти романнависӣ нест... Акнун танҳо як чиз

зарур аст: ҳар рӯз як мақола навистан... як гапро такрор ба такрор гуфтан зарур аст, ки қувваҳои ҳарбии ҳавоии Фаронса, ки як вақтҳо дар дунё дар ҷои аввал буд, ҳоло дар ҷои чорум ё панҷум аст... Қувваҳои ҳарбии ҳавоии немис, ки умуман вуҷуд надошт, ҳоло қариб дар ҷои аввал аст... Тамом...Дигар ҳеҷ... Ва агар Шумо ҳар рӯз бо тамоми овоз ҷор зада, фаронсавиёнро водор кунед, ки ҳарфҳои Шуморо шунаванд, Шумо ба халқи худ хидмати бештару бузургтаре мекунед... Зеро дар айни ҳол ягона мавзӯе, ки фаронсавиёнро ба ташвиш орад, ҳамин бояд бошад,- хатаре, ки қувваҳои ҳарбии ҳавоии немис барои шумо дорад. Ин тайёраҳои немис кишвари шуморо нобуд карда метавонанд... Фарҳанг, адабиёт – ин ҳама оличаноб, аммо фарҳанг бе пуштибонии қудрат маҳкум ба ҳалокат аст.

Андре Моруа ин суҳбатро дертар ба ёд оварда сахт таассуф мехӯрад, ки он талаби Черчиллро иҷро накард, агар мекард, шояд ба немисҳо дар осон забт кардани Фаронса халале эҷод карда метавонист.

Ман бо ин ҳарфҳо чӣ мехоҳам бигӯям? Мехоҳам бигӯям, ки муҳимтарин масъалаи ҳаёти кишвари мо чист, ки адибон имрӯз бояд ба он машғул бошанд?

Ҳоло, биёед, ба ҷумлаи охири Черчилл меандешем, ки яке аз барҷастатарин сиёсатмадор ва ҳукуматдорони қарни XX буд, барандаи ҷоизаи Нобел ҳам. Ҷоизаи Нобелро ӯ барои асарҳояш гирифтааст, яъне ҳар қадар сиёсатмадори бузург бошад, ҳамон қадар фарҳангии бузург ҳам ҳаст. Ӯ мегӯяд, ки фарҳанг бе пуштибонии қудрат маҳкум ба ҳалокат аст. Ин ҳарфи Черчилл, ки он вақт маънои қудрати ҳарбиро дошт, барои ҷаҳони имрӯз ҳам моҳияти худро гум накардааст, зеро мисоли онро дар сиёсати кишварҳо, махсусан, кишварҳои абарқудрат мебинем, ки адабиёташон ҳам бар адабиёти кишварҳои дигар нуфуз дорад. Маълум аст, ки расидан ба қудрати ҳарбӣ бе қудрати иқтисодӣ имкон надорад ва барои ман ҳоло ин ҷиҳати масъала муҳимтар аст, зеро ба Тоҷикистон қудратмандии иқтисодӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои ояндааш аз ҳама бештар зарур мебошад. Ин аз муҳимтарин масъалаҳои мост.

Зиндагии башарият аз он рӯзе, ки ба қудрати оташ даст ёфт, бо суръати ҳайратоваре тараққӣ кард. Имрӯз ҳам ҳамин тавр аст, ҳеҷ соҳае бе қудрати оташ, яъне қувваи барқ, наметавонад рушд кунад. Яке аз манбаъҳои бузургтарин, арзонтарин ва безарартарини ин қувва, ки барқи обист, дар кишвари мост. Шояд Офаридгор хостааст, ки қусури аз даст рафтани заминҳоямонро бо бахшидани сарчашмаи беинтиҳои обу қувваи барқ ҷуброн кунад. Бинобар ин эҳдо ва амри Худовандист, ки мо қудратмандии иқтисодии худро бо истифодаи ин сарчашма таъмин намоем. Дар ин ҷо ҳеҷ мамониат ва шакку шубҳае наметавонад садди роҳ бошад. Сохтани на танҳо Роғун, балки нирӯгоҳҳои дигари барқӣ низ воситаи асосии таъмини инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон ва тавоноии иқтисодии мост.

Дар ҷомеа масъалаҳое ҳастанд, ки ба тақдири халқу мамлакат иртиботи сарнавиштсоз мегиранд, дар ҳалли он ҳукумат бояд мухтор бошад ва иродаи худро ба амал барорад, на ин ки гӯш ба сару садои шахсу гурӯҳу гурӯҳчаҳо бидиҳад, ки як дафъа дар замони шӯравӣ дар масъалаи сохтани Роғун ҳамин хаторо карда буд. Ҳукумат аз ҷониби Президенти мамлакат таъйин ва Маҷлиси Олӣ, ки мақоми олии намояндагии мардум аст, тасдиқ мешавад, бинобар соҳибихтиёр аст, ки дар давоми ваколаташ барномаи худро озодона ба амал ҷорӣ кунад. Хушбахтона, вақте ки сохтмони НБО-и Роғун сохтмони умумихалқӣ эълон шуд, онро халқи мамлакат бо ҷону дил пазируфт ва то ҷое, ки имкон дошт, саҳми худро ҳам гузошт. Ин намунаи асили тавъамии халқу давлат, зуҳури ҳисси ягонагии миллӣ буд. Сипоси онро ҳамеша дар ёд бояд дошт.

Роҳ дар пешрафти мамлакат шояд дар мақоми дуюм бошад. Кандани нақбҳо ва сохтани роҳҳо далели он аст, ки ҳукумат муҳиммии онро ба андозаи зарурӣ дарк мекунад ва ба амал

мебарорад. Онро ҳоло ҳам беҳтару бештар бояд сохт, инкишофи ҳар минтақа бо роҳаш меояд, агар роҳ хуб нест, инкишоф ҳам намеояд.

Ин чизҳое, ки мегӯям, кашфиёте нест, аммо чаро мегӯям, зеро гумон мекунем, ки ҳалли масъала дар чизҳоест, ки гӯё онҳоро намедонем, аммо ҳалли он аксаран дар амалӣ кардани донистаҳоямон аст, махсусан, дар ин маврид. Инҳо масъалаҳои иқтисодианд, ки моҳияти онҳоро соҳибтахассусон аз ман беҳтар медонанд, вале нависандагон донандаи роҳҳои ба воситаи сухани бадеиву ташвиқотӣ таблиғ кардани онҳо мебошанд, ки ҳоло рӯи сухани ман ба онҳост, зеро муҳимтарин дастоварди таърихии халқу давлати мо ба ин чизҳо пайванди решагӣ дорад, ки он подории озодиву истиқлол ва эъмори ҷомеаи мардумсолорӣ мебошад.

Халқе, ки як бор нашъаи озодии ҳақиқиро чашидааст, дигар тайёр мешавад, ки барои он ҷонбозӣ кунад. Фикр мекунам, ки халқи мо акнун ин сифатро пайдо кардааст ва ҳоло, хушбахтона, мавриди ҷонбозӣ набошад ҳам мавриди ба ҷон ҳифз ва устувортар кардани ин арзишҳои зиндагии ҷомеаи мутамаддин аст, ки қарзи инсонӣ ва шаҳрвандии ҳар яки мост. Ду чиз аст, ки барои густариши ин арзишҳои зиндагии шоистаи инсонҳо зарур аст: аввалан, дар ҳолати фавқулода барои ҳифзи онҳо ҷонбозӣ кардан ва, сониян, дар вазъияти муътадил барои таҳкими онҳо бо дилу ҷон фаъолият кардан. Ҳоло, шукри қисмат, ки мо дар мавриди дуюм, мавриди таҳкими озодиву истиқлол ва низоми ҷомеаи мардумсолорӣ ҳастем, аммо масъулияти он аз мавриди аввал, аз ҷонбозӣ, ки дар фосилаи мухтасари вақт сурат гирифтанаш мумкин аст, камтар нест, зеро давраи дуюм заҳмати ҳамарӯзаи тӯлонӣ мехоҳад. Асли қаҳрамонӣ он аст, ки чизи як бор ба даст оварда абадан нигоҳ дошта шавад. Яқин аст, ки халқи мо дар таърих бо ҳамин сифат ёд хоҳад шуд.

Асоситарин шарти бурд дар зиндагӣ кори заруриро дар вақти зарурӣ кардан аст. Вақт, ки гузашт, он баробари бохт аст. Ҳоло, ки мо ва кишварҳои ҳамҷаворамон аз як ҷомеа ба ҷомеаи сохти дигар, ки муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиаш мутафовит аст, мегузарем, дарвақт ҷои худро дар он бояд муайян бикунем. Дар ин ҳангом мақоми ҳидоятгарии Роҳбар бузург аст, зеро ӯ на танҳо ба ташаккули афкори омма таъсир мегузорад, балки онро ба самтҳои афзалиятноки фаъолият ҷалб намуда, дар вақти зарурӣ натиҷаи дилхоҳро ба даст меорад. Агар аз ин дидгоҳ ҳоло ба вазъи ҷомеаи худ бингарем, мебинем, ки афкори омма асосан ба ҷараёни дуруст равона мешавад, аммо дар ин ҷо «аммое» ҳаст. Ин «аммо» ба таъсири ақидаҳои берунӣ тааллуқ дорад, ки Роҳбар ҳам аз ин ҷиҳат ҷомеаро ҳушдор дода, ҳамеша бо таъкид дар ин бора сухан мегӯяд.

Афкори омма намоёнгари навъи ҷаҳонбинии ӯст. Ҷаҳонбинии муосир, шакку шубҳае нест, ки дар асоси ақл ва илм устувор гашта, бо ишқу алоқа ироа ва татбиқ бояд бишавад. Ҳар кас, ҳар гурӯҳ ва ё ҳизби сиёсӣ, табиист, ки мубаллиғи ин ё он ақида аст ва ҳақ ҳам дорад, аммо он ақидаи худӣ бояд бошад, на ин ки аз берун омада, ба замми он, аз он тараф маблағгузорӣ ҳам шавад, ки хилофи қонун асту ҷиноят мебошад. То ҳол дар таърих ҳеҷ як ақидаи аз берун бо зар ё бо зӯр омада ба манфиати халқу миллати бумӣ кор накардааст, ки акнун кунад. Фикру ақидаи зиндагисоз дар жарфои муҳити ҳастии худи ҳар халқу миллат буруз ва рушд мекунад. Ин қонунияти таърихро ҳамеша дар ёд бояд дошт. Бинобар ин ҳушдори Сардори давлат дар ин бора аз ҷониби тамоми қишрҳои ҷомеа ва махсусан, зиёиён, ки адибон ҳам аз ҷумлаи ононанд, на танҳо шунидаву қабул бояд бишавад, балки ҳамарӯза ба воситаҳои гуногуни бадеиву ташвиқотӣ мавриди густариш қарор бигирад, то ба дилу ҷони ҳар фарди ҷомеа асар бигузорад.

Аммо, мутаассифона, гоҳе дар матбуот ҳарфҳое интишор мешаванд, ки агар нарм бигӯем, касро дар ҳайрат мегузоранд. Дар нашрияе хонда будам, ки рӯзноманигор ба адибе чунин суол

медод: - Шумо аввал тоҷик ҳастед ё мусулмон? Ҳоло ҷавоби адибро сарфи назар мекунем, ки аз он ҳам ҳайратовартар аст ва ба худи суол меандешем.

Бояд маълум бошад, ки на фақат дини ислом, балки тамоми динҳои дигар ҳам, аз ҷумла насронӣ, калимӣ, будоӣ... як ҷузъи фарҳанги он халқу миллатанд, ки ба ин динҳо гаравидаанд, зеро мафҳуми фарҳанг ҳамаи ҷиҳатҳои ҳаёт – таърих, забону адабиёт, расму одат, тарзи зиндагӣ, суннатҳо, ҷашну сурҳо, ҳатто шаҳрдорию шаҳрсозӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад, ки моҳияти ҳастӣ ва чеҳраи ҳар халқу миллатро дар худ таҷассум менамояд. Бинобар он, фарҳанги ҳар халқ аз дини ӯ фароху густарда ва деринасолтар аст. Аз ин бармеояд, шахсияти ҳар инсони фарҳангӣ, ки дар ин муҳит шакл мегирад, аввал дорои ин хусусиятҳост, яъне араб аввал араб, эронӣ аввал эронӣ, тоҷик аввал тоҷик ва ҳамин гуна юнонӣ аввал юнонӣ, фаронсавӣ аввал фаронсавӣ, рус аввал рус аст ва баъдан, агар диндор бошад, уммати он динест, ки ба он гаравидааст. Динҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла ислому насроният ҳам бо фарҳанги халқҳое, ки онҳоро қабул кардаанд, агар бо рукнҳои таълимоташон мухолифати бунёдӣ надошта бошад, асосан созиш кардаанд. Пас, он суол ё аз бехабарии суолдиҳанда аст, ки муносибати дини мубини исломро бо арзишҳои волои халқу миллатҳо намедонад ё бо мақсади ниҳони дигар матраҳ мешавад ва агар ин тавр аст, он мақсад чист?

Дуруст аст, ки дар ислом на танҳо тамоми инсонҳо, новобаста аз мақому манзалаташон дар ҷомеа, балки кулли халқу миллатҳо бо ҳам баробаранд, аммо дар ҳеҷ ҷои таълимоти ислом нуктае нест, ки он бар муқобили арзишҳои воқеан асил ва мардумии халқу миллатҳо баён шуда бошад. Яке аз фазилатҳои ҷаҳонӣ шудани дини мубини ислом ҳам дар ҳамин аст, ки на фақат ба арзишҳои асили миллии халқу миллатҳо, балки ба арзишҳои диниашон ҳам арҷ гузошта, ҳатто пайғамбаронашонро, масалан, пайғамбари яҳудият Мӯсо алайҳиссалом ва пайғамбари насроният Ҳазрати Исоро аз пайғамбарони ростин шинохтааст. Пас, ин суоли иғвоангез, ки дини мубини исломро бар муқобили арзишҳои миллии халқҳо гузоштанӣ мешавад ва ё арзишҳои миллиро бар муқобили он шӯрониданист, аз куҷо маншаъ мегирад ва ба хотири чист? Агар ба хотири ҳангома аст, на ҳар мавзӯъ бозичаи дасти ҳангома аст ва дар ин маврид сухан дониста бояд гуфт, ки масъала бисёр ҳассос аст. Ин мавридест, ки ҳарфи Роҳбари халқу мамлакат дар хусуси муқаддас доштани арзишҳои волои маънавии миллӣ ва суннати ислом бе чуну чаро бояд ба ҷо оварда шавад, зеро ин ягона роҳи дурусти ҳамзистии онҳост ва гарави суботи ҷомеаи имрӯза мебошад.

Дар айни ҳол дар назар бояд дошт, ки тамоми динҳо, аз ҷумла дини мубини ислом ҳам, пеш аз ҳама, барои ба ҳам овардани мардум ва аз байн бурдани айбу гуноҳ фиристода шудааст, на барои тафриқа андохтану ҷангу куштор, ки гуноҳи бузурге буда, имрӯз ҳатто дар байни пайравони як дин ҳам вуҷуд дорад, ки на бар манфиати дину мусулмонист ва на бар манфиати бовармандиву ҷомеа.

Дар матни ин гуфтугӯ масъалаи ҷавонон, ки ягонагии имрӯз ва махсусан, ояндаи ҷомеа ба онҳо сахт марбут аст, аҳамияти фавқулода пайдо мекунад. Чаро имрӯз ва оянда мегӯям, зеро мо дар солҳои ҷанги дохилӣ шоҳиди он будем, ки ҷавонон, агар дар зери таъсири ақидаҳои номатлуб бошанд, то чӣ андоза ба ноором кардани ҷомеа кашида шуданашон мумкин ва осон аст. Бинобар ин тарбияи дурусти ғоявии онҳо на танҳо барои фардо, балки на камтар аз он, барои суботи ҷомеаи имрӯз ҳам муҳим мебошад. Ин тарбия дар асоси ақл, илм, фарҳанг, маънавият, муҳаббат ва сиёсате, ки манфиатҳои миллиро аз ҳама гуна манфиатҳои дигар боло мегузорад ва ҳозир аст, барои он ҷонбозӣ кунад, амалӣ бояд бишавад. Онҳоро дар рӯҳияе тарбият бояд кард, ки зӯроварию ифротгароӣ аломати барбарият буда, на фақат дар ҳеҷ дину оин, балки дар ҳалли ҳеҷ як масъалаи зиндагии аҳли башар набояд ҷой дошта бошад. Адибон

ва тамоми аҳли матбуот ба онҳо бо муассиртарин василаҳо бояд фаҳмонанд, ки айёми ҷавониро ҳеҷ кас ва ҳеҷ қудрате наметавонад дубора баргардонад ва онҳое, ки ҷавононро ба зӯроварию ифротгароӣ ташвиқ ва ҳатто ба қурбон шудан водор мекунанд, ба қимати ҷони онҳо мақсадҳои манфиатҷӯёнаи худро ба даст меоранд. Пас, ҷавононро зарур аст, ки аввал ҳар ҳарфро дар мизони ақлу хирад бисанҷанд ва бубинанд, ки он то куҷо бар манфиати онҳо ва халқу ватани онҳост. Ҷавониро танҳо барои ба даст овардани ормонҳои олии хушбахтии халқу ватан бахшидан мумкин аст, ки онро то абад бо сипос ва номи нек ба ёд хоҳад овард.

Зиндагӣ рӯз ба рӯз дар назди эҷодкор вазифаҳои нав ба нав мегузорад. Мо, мардуми кишвари тоҷик, имрӯз дар ҷомеаи дунявӣ зиндагӣ дорем. Башарият барои ба даст овардани ин ҳақ асрҳои дуру дарози муборизаро паси сар карда, дарё-дарё хунҳо рехтааст. Имрӯз вазифаи муқаддаси мост, ки махсусан, ба ҷавонон ба чӣ ҷонбозиҳо гузошта шудани пояҳои ҷомеаи дунявиро дар кишвари худ нишон бидиҳем ва бифаҳмонем, ки он то чӣ андоза ба рушди ҳамаҷонибаи шахс мусоидат менамояд ва ба замми ин онро бо арзишҳои асили инсонӣ, аз ҷумла одамият, адолат, муҳаббат, садоқат, бовармандӣ ғанӣ гардонем, то афроди он дар инкишофи худ ба маънавияти комил бирасанд.

Адабиёт ва матбуот дар ҷавонон дар баробари шавқи омӯхтани ихтисосҳои зарурии замонавӣ, ишқ ба фарҳанг ва алоқа ба сиёсатро низ бояд парвариш бидиҳанд, зеро бефарҳангӣ агар аломати барбарият аст, беалоқагӣ ба сиёсат маънои беалоқагӣ ба ояндаи халқу ватанро дорад. Агарчи ба ҳамаи фарҳангиён сиёсатмадорӣ шарт нест, аммо ба ҳамаи сиёсатмадорон фарҳангӣ будан шарт аст, бинобар ин ҷавононе, ки рисолати худро фардо дар хидмати сиёсии халқу ватан мебинанд, аз имрӯз ба омӯхтани фарҳанг камар бастанашон зарур аст, зеро фарҳанг аст, ки сиёсатро инсонӣ мекунад. Дар сиёсати инсонӣ адолат бар разолат, озодӣ бар ғуломӣ, дӯстӣ бар душманӣ, ростӣ бар дурӯғ, покӣ бар фасод, садоқат бар хиёнат, муҳаббат бар шақоват ва ҳилм бар зулм... руҷҳон дораду пирӯз аст. Инсон худро аз ҷавонӣ бояд дар рӯҳи ҳалли мусолиматомези мухолифатҳо тарбият кунад, ки намунаи инро Роҳбари давлати тоҷикон дар муносибат бо мухолифини дохилӣ нишон дода буд.

Зӯроварӣ дар ҳар шаклу намуд ҷиноят аст, на танҳо дар соҳаҳои ҳаёти маънавию мафкуравӣ, балки дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷорат, моддию маишӣ ҳам, зеро боиси норизоии як қишри мардум шуда, вазъи ҷомеаро ноором мекунад. Ҳар кас озодона ва бехалал ба маҳсули заҳмати худ бояд соҳиб шавад, на ин ки зӯроваре бо роҳҳои аёну ноаён онро ғасб намояд. Ҳар муомила дар ҷодаи қонун ва адолат сурат бояд бигирад, халқ барҳақ мегӯяд, ки ҳар кӣ одил нест, оқил нест, зеро моли ба зӯр ба даст омада, ба зӯр хоҳад рафт. Ин мавзӯи махсуси адабиёт мебошад, зеро адабиёт маҳаки адолат ва ҳақиқат аст.

Ҳар фарде, ки ба ӯ аз ҷониби Президенти мамлакат ва ҷомеа ин ё он вазифаи ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бовар карда мешавад, ният ва дасту дили худро поку муназзаҳ нигоҳ бояд дорад, баробари мардум ба хоксорию фурӯтанӣ мардумвор зиндагӣ кунад. Оё ин аз соҳаи хаёлот аст? На. Касе, ки дар ҳокимияти давлатӣ ва ё ҷамъятӣ ҳасту масъулияти худро ба пуррагӣ дарк мекунад, бояд фаҳмад, ба ӯ имкон дода шудааст, ки дар сафҳаи таърих номашро ба некӣ (Худо нигоҳ дорад аз бадӣ) сабт кунад. Барои ин саодат ва ба хотири манфиатҳои миллӣ бояд аз гуноҳу айбу фасод ва судҷӯиҳои шахсӣ, қавмию маҳаллӣ барҳазар буд. Ҷовидонро бо лаҳза иваз набояд кард. Зиндагӣ ва фаъолияти давлатию ҷамъиятии Маҳатма Гандӣ аз Ҳинд, Раймон Пуанкаре аз Фаронса...ва агар аз таърихи наздики худ бигирем, Садриддин Айнӣ, Шириншо Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Ҷаббор Расулов, Абдулаҳад Қаҳҳоров тимсоли ҳамин гуна хидмати пок ба халқу ватан ҳастанд, ки имрӯз ҳам, хушбахтона, дар мисоли зиндагӣ ва фаъолияти баъзе

давлатмардони мо идома дорад. Зиндагӣ ва фаъолияти онҳо шоистаи асарҳои хуби эҷодкорон аст, ки ашхосро дар рӯҳи асили ватандӯстӣ тарбият кунад.

Суботи ҷомеа гарави ягонагии ватан ва сохти давлат аст. Ҳар дуи ин чиз на фақат барои ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, ҳаракату иттиҳодҳо, балки ҳар фарди ҷомеа дастоварди муҳимтарин буда, барои таҳкими он ҳар яки мо тамоми имкону иқтидори худро бояд бедареғ истифода кунем.

Ришелё, дар асри ХУ11, ҳангоми таъсиси Академияи Фаронса, ки омӯзиши соҳаҳои забон, адабиёт ва танзими меъёри забони адабии фаронсавиро фаро мегирифт, ба нависандагон гуфта буд: «Одамони давлатӣ бошед». Яке аз сабабҳои он ки дар давоми ин се аср нависандагон дар Фаронса нисбат ба дигар кишварҳои ҷаҳон мақоми баландтар дошта, ҳарфашон ҳам дар ҷомеа таъсир ва ҳамовозии бештар пайдо мекунад, дар фаъолияти ҳамин Академия ва аъзои он аст, ки аз 40 нафар иборат буда, аз беҳтаринҳои аҳли илму адаб ва фарҳанги мамлакат мунтахаб мешавад. Муносибат байни давлат ва Академия то имрӯз дуҷониба хуб аст, ҳар ҳукумате, ки меояд, онро бо иззату икром фаро мегирад, нависандагон ҳам муҳимтарин масъалаҳои фарҳангии мамлакатро мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор медиҳанд.

Дар мо ба ҳамин монанд ду ташкилот – Иттифоқи нависандагон ва Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳо амал мекунад, ки ҳайаташ аз нависандагону олимон ба ҳам омадааст. Оё моро зарур нест, ки ин қувваи бузургро барои ҳалли муҳимтарин масъалаҳои илмию фарҳангии мамлакат, ки аҳамияти давлатӣ доранд, ҳар чӣ бештару пурмаҳсултар истифода кунем? Тоҷикистони соҳибистиқлол нав давлати худро сохта, рукнҳои ҳокимияти қонунгузор, судӣ ва иҷроияро таҳким мебахшад, дар ин ҷараён пояҳои фарҳангии онро устувор кардан низ аз вазифаҳои муҳимтарини давлатӣ маҳсуб мешавад ва барои мо, аҳли илму фарҳанг, пеш аз ҳама кор дар ин масир афзалиятнок бояд ҳисобида шавад.

Ҷонибдории мо аз даъвати «одамони давлатӣ бошед», маълум бояд бошад, на ба он маъност, ки давлату давлатдоронро ба ҷову бе ҷо мадҳу ситоиш кунед (ҳарчанд ба ҷо ситоиш карданаш зарар надорад), балки ба он маъност, ки ба ҳар масъала пеш аз ҳама аз дидгоҳи манфиати давлатдории навини худ назар афканем, то заррае ҳам бошад, ба қудрати он биафзоем. Қудрат, бешубҳа, танҳо аз қудрати ҳарбию иқтисодӣ иборат нест, зеро қудрати маънавию фарҳангӣ ҳам барои ҷомеа на камтар аҳамият дорад, балки он аксаран барои расидан ба қудрати ҳарбию иқтисодӣ замина мегузорад, вале новобаста ба ин қудрати маънавию фарҳангӣ худ низ ба мақоми муътабаре дорост.

Ҳоло давлати мо қудрат дорад, сухани мо, адибону олимонро, на танҳо дар ҳудуди мамлакат, балки берун аз он ҳам интишор диҳад, ки он таъсири густардатаре хоҳад дошт, зеро имрӯз, дар ин марҳалаи таърих, мо аз давлатему давлат аз мост. Ва фақат ба худи мо, аҳли зиёву илму адаб, доштани ин ҳисси пурифтихори соҳибдавлатӣ кофӣ нест, балки мо онро дар тамоми афроди ҷомеа бояд парвариш бидиҳем.

Оё ин суханони ман ба он ақидаи маъмулу машҳур, ки адабиёт ва адиби асил на ҳамеша бо сиёсати ҳукмрони мавҷуда созгорӣ мекунад, зеро қариб тамоми асарҳои ҷовидони адабиёти ҷаҳонӣ ҳамин гунаанд, зиддият надорад ва оё маро ҳамчун адибе, ки мубаллиғи танҳо мадҳу ситоиш мебошад, нишон намедиҳад? Дар ин масъала хусусияти замонро ба эътибор бояд гирифт. Замони мо замонест, ки дигар ҳеҷ ҳукумати демократӣ мухолифини худро душман набояд ангорад ва намеангорад, дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва, хушбахтона, дар кишвари мо ҳам, ҳоло ҳамин тавр аст, зеро дигарандешони муътадил гарави саломат ва суботи ҷомеа мебошанд, албатта дигарандешони солим, на онҳое, ки бо ҳар роҳе бошад, ҳукумати мавҷударо

бадном карда, ба сари қудрат омадан мехоҳанд. Дар ҳамин марҳалаи инкишофи таърих аз шакли демократии давлатдорӣ, ки бархӯрди мусолиматомезро бо ақидаҳои гуногун тақозо дорад, шакли беҳтаре мавҷуд нест, ҳарчанд онҳое, ки асосҳои ин шакли давлатдориро гузоштаанд ва онҳое, ки имрӯз онро таблиғ мекунанд, худ мегӯянд, ки ин шакли беҳтарин нест, аммо ҳоло аз ин беҳтараш ҳам нест. Пас, роҳе, ки кишвари мо дар ҷомеасозӣ пеш гирифтааст, роҳи дурусти инкишофи таърихист, дар он озодона амал кардани чанд ҳизби сиёсӣ ва дар парламент ҳам намоянда доштани онҳо далели дигарандешони солимро ҳамкор донистани давлат аст.

Адабиёт ва адиби асил (ман махсус таъкид бар рӯи асил мекунам, зеро ноасилаш аз асилаш, мутаассифона, бештар аст), аз рӯи рисолати худ, ки тарғибгари ҳақиқат, адолат, озодӣ, ватандӯстию инсонпарварӣ ҳастанд, ҳаргиз наметавонанд тарғибгари ақидаҳои носолим бошанд, бинобар ин, агар онҳо аз нуқсу камбудҳо сухан мегӯянд, ба хотириислоҳи онҳост.

Моҳияти масъала, агар дақиқтар нигарем, барои адабиёт на дар мувофиқат ва ё номувофиқат ба ин ё он равия, таълимоту сиёсат аст, балки дар тасвиру ифодаи ҳақиқати зиндагист, ки меъёри асил ва ҷовидони адабиёт мебошад. Ҳақиқати зиндагӣ дар пешрафти зиндагист, тамоми чизе, ки бо ин пешрафт мухолифат дорад, ноасл аст, зеро ҳаёт аз рӯи тақозои сиришташ наметавонад ақибрафт кунад, ҳар қуввае, ки онро водор ба ақибрафт мекунад, муваққатӣ ва иртиҷоист, ки онро боз худи ҳаёт аз байн хоҳад бурд. Адиб ва адабиёти асил ҳамаи чизеро, ки ба пешрафти таърихии ҷомеа мухолифат дорад, наметавонад бипазирад. Дар ин ҳолат, агар нуқсе дар ҷомеа ва афроди он ҳаст, онро аз байн бояд бурд, зеро:

*Ойина гар айби ту бинмуд рост,*
*Худ шикан, ойина шикастан хатост.*

Бинобар ин, агар адибу адабиёт дар ҷое аз нуқсони зиндагӣ бо оҳанги интиқод суҳбат мекунанд, он на ҳамчун тахрибкорӣ, балки ҳамчун ҳамкорӣ дар беҳбуди авзои ҷомеа талаққӣ бояд бишавад, зеро сиёсату ҳукуматдор ва адабиёту адиб, ба василаҳои худ, ки аз ҳамдигар фарқ дошта, вале манзурашон як аст, барои хидмат ба ҷомеа фаъолият мекунанд. Оид ба ин масъала нависандаи оламшумули амрикоӣ, барандаи ҷоизаи Нобел Уилям Фолкнер, вақте ба ӯ эрод мегиранд, ки оё шумо ватандӯстии амрикоӣ надоред, ки дар асарҳоятон аксаран ҷиҳатҳои тиратарини зиндагии амрикоиро тасвир мекунед, аз ҷумла, чунин ҷавоб медиҳад, ки одилона ва айни ҳақиқат аст: «Ман ватани худро ба андозаи кофӣ дӯст медорам, ки мехоҳам камбуди онро ислоҳ кунам... Дар кишвари ман танҳо дар бораи чизи хуб навиштан маънои онро дорад, ки чизи бадро заррае ҳам ислоҳ накунӣ. Ман ба одамон аз чизи бад бояд бигӯям, то он ки онҳо ба андозаи зарурӣ ба ғазаб оянд ва ё шарм доранд, – ва онро ислоҳ карда тавонанд». Вақте ки дар яке аз кишварҳои пешрафтатарини ҷаҳон вазъ чунин аст, пас, дар кишварҳои дигар ин як амри табиӣ бояд дониста шавад.

Вале, бо вуҷуди мавҷудияти андешаҳои гуногун ва ҳатто мухолифи ҳамдигар дар ҷомеа, арзишҳое ҳастанд, ки барои ҳама тағийрнопазир ва муқаддас будани онҳо заррае ҳам баҳс надорад. Ин арзишҳо дар мо соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва ягонагии давлати Тоҷикистон аст, ки бо баҳои ҷонҳои фарзандони фидокори он ба даст омадааст. Ин арзишҳои волотарини башарӣ дар таърихи чандҳазорсола ба халқи мо замоне даст дод, ки кишвар дар оташи ҷанги дохилӣ месӯхт ва касе даркор буд, ки ба халқ ва нируи зиндагисозаш бовар дошта, онро муттаҳид гардонад ва ҳамчун мурғи самандар аз хокистар аз нав эҳё кунонад. Имрӯз як бор матбуоти солҳои навадро варақ занем, баъд хоҳем фаҳмид, ки дар он

солҳои яъсу ноумедӣ чӣ касе моро ба фардо умед мебахшид, барои бовар кардан ба қудрат ва хиради азалии халқ даъват мекард, ҷони худро ба гарав гузошта, барои муттаҳидии мардум мекӯшид ва дар он шабони зулумот ба мо паёми нур медод. Оё мо ҳама он шабу рӯз ҳамин гуна сифатҳоро доштем? Ба ҳақ инсоф бояд дод, ки на ҳама. Бинобар набояд куфрони неъмат кунем, ҳақшинос шавем ва барои абадан нигоҳ доштани он арзишҳое, ки ба даст овардаем, бо ӯ, ки Президенти мамлакат аст, ҳамдилу ҳампаймон бошем. Он солҳои фоҷиа ба ман ҳақиқатеро ошкор намуд: халқ ба касе бовар мекунад, ки ба ӯ бовар дошта бошад.

Мегӯянд, ҳамосаҳои Ҳумер («Илиада» ва «Одиссея») Юнонро муттаҳид сохт. Ҳамин гуна хидматро «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ барои ҳувияти миллӣ ва фарҳангии Аҷам кард, бинобар ин имрӯз мутакаллимони забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ дар иттиҳоди як фарҳангу як забон ҳастанд, ҳарчанд дар қаламрави давлатҳои гуногунанд. Ин хидмати камтаре нест, агар бисёртар набошад, зеро давлатҳои гуногунро дар доираи як фарҳанг нигоҳ доштан нисбат ба порчаҳоро дар дохили як қаламрав якпорча кардан осону камаҳамияттар нест. Зимнан, қайд бояд кард, «Шоҳнома» ҳам дар замонаш асаре буд, ки мухолифи сиёсати ҳукумати Султон Маҳмуд буд, бинобар онро қадр накарду Фирдавсиро хор дошт, аммо имрӯз сиёсати Султон Маҳмуд мурдаасту «Шоҳнома» дар сари забону дар дилу ҷонҳост ва дар ҳар се кишвари ҳамзабон, ва махсусан, дар кишвари мо, бар асари сиёсати фарҳангпарваронаи Сардори давлати тоҷикон, ки ба арзишҳои асили ориёии аҷдодӣ арҷ мегузорад ва онро василаи худшиносии миллӣ медонад, бештар аз ҳама мавриди ташвиқу тарғиб ва гиромидошт аст. Мисоли баръакси онро дар адабиёти асри бисти аҳди шӯравӣ мебинем, баъзе асарҳое, ки аз рӯи сиёсати ҳокими замон беҳтарин маҳсуб мешуданд, ҳоло на аҳамият доранду на харидору на хонанда. Аммо асарҳое, ки шебу фарози зиндагӣ, амалу ҷаҳони ботинии инсонро воқеъбинона ва ормонҳои зиндагисози мардумро бо ҳақиқати ҳаёти ӯ тавъам таҷассум кардаанд, новобаста аз гардиши давру замону сиёсат зарур ва хонданиву маҳбуб боқӣ мондаанд.

Ё мисоли дигар аз зиндагии Садриддин Айнӣ, дар аввали қарни бист ҳукумати мустабиди аморати Бухоро ӯро барои фаъолияти фарҳангиаш, ки бо сиёсати он мухолифат дошт, ба 75 чӯб задан маҳкум кард, ки маъмулан баъди он кас зинда намемонд, яъне ин ҳиллаи шаръӣ буд барои куштан, аммо дар охири қарн Сардори давлати соҳибистиқлолу дунявии тоҷик Эмомалӣ Раҳмон аввалин олитарин унвони мамлакат Қаҳрамони Тоҷикистонро ба устод Айнӣ эҳдо намуд. Ин аст намунаи бақои фарҳанг, қадршиносии он аз ҷониби давлати мардумсолор ва барқарор кардани адолати таърихӣ.

Аҳамияти адабиёту фарҳанг дар ҳаёти ҷомеа рӯз ба рӯз меафзояд, зеро воситаҳои интишори он, ба монанди радиову телевизион ва синамову матбуоту интернет, ки дар замонҳои куҳан мавҷуд набуданд, доираи фарогирию таъсири онро ҳазорҳо маротиба фарохтар ва масъулияташро низ азимтар кардаанд.

Оё мо дар баробари ин воқеият ва масъулият аз тамоми имкону қудрати худ истифода мекунем? Ман намегӯям, ки мисли Ҳумеру Фирдавсӣ асарҳо биофарем, ҳар кас луқмаро ба андозаи даҳонаш бояд бигирад, аммо ба қадри тавони худ асарҳое эҷод кунем, ки барои ягонагии кишвар, ваҳдати миллӣ, суботи вазъи ҷомеа, пирӯзии ҳақиқат, адолат ва кашфу тарғиби инсоният дар инсон хидмат кунад.

Дар радифи ин вазифаҳо мавқеи сазовор пайдо кардани адабиёти навини мо, на фақат дар байни адабиёти ҳамзабононамон, балки дар миқёси адабиёти ҷаҳон масъалаест, ки дар баробари заҳмати азими тавонфарсои эҷодӣ, корҳои ташкиливу тарғибиро низ талаб дорад.

Дар қарни бист дар ҳаёти фарҳангии башар воқеияте пайдо шуд, ки «фарҳанги омма» унвон гирифт, ҳарчанд ман бештар моилам, ки онро «анфарҳанги омма», яъне зидди фарҳанги

омма ном кунам, аммо он вуҷуд дорад ва наметавон сарфи назар кард. Фарҳанги омма, ки аз асарҳои сабуку камарзиш ба ҳам меояд, бо хусусияти дигари зиндагии муосир – ҷаҳонишавӣ ҳамовой мекунад, зеро, ба назари ман, фарҳанги омма шакли ҷаҳонишавӣ ва ҷаҳонишавӣ шакли фарҳанги омма аст. Ҳар дуи ин воқеият, ки новобаста аз иродаи мо мавҷуд аст, бештар бо сифатҳои манфӣ шинохта мешавад, махсусан, фарҳанги омма, ки он ба ҳаёти маънавӣ (ман дар айни ҳол қисмати адабии онро дар назар дорам) ва ҷаҳонишавӣ бештар ба ҳаёти моддӣ тааллуқ дошта бошад ҳам, ба ҳамдигар беиртибот нестанд, зеро онҳо дар миқёси ҷаҳон барои тавсеаи ҳамдигар мадад мерасонанд. Ҳоло вориди баҳси чигунагии фарҳанги омма ва ҷаҳонишавӣ нашуда, ҳамин қадар қайд кардан кофист: аз хусусиятҳои мусбати ҷараёни ҷаҳонишавӣ (дар ин маврид мо ҷаҳонишавии фарҳангиро дар назар дорем), аз ҷумла, монанди дар натиҷаи иртиботи фарҳангӣ ба ҳам наздик шудани халқҳо, аз ҳисоби ҳамдигар ғанитар ва ба зинаи баландтари инкишоф баромадани фарҳангҳо, дар маҳдудаи фарҳангии худ намонда, шиносондани худ ба ҷаҳон ва ҷои муносиби худро дар он пайдо кардан, пурмаҳсул истифода бояд кард.

Дар ҷаҳони муосир, ки вақту фазо рӯз ба рӯз тангу маҳдудтар мешавад, ба он маъно, ки як дастоварди фарҳангӣ дар як лаҳза аз як гӯшаи ҷаҳон то гӯшаи дигари ҷаҳон интишор ёфта метавонад, барои ба қаламрави фарҳанги ҷаҳонӣ ҳар чӣ зудтару васеътар муаррифӣ кардани дастоварди худ имкон бештар аст. Ҳамаи ин, на танҳо сад дар сад ба адабиёт вобаста аст, балки масъалаи решагии адабиёт аст. Пас, он адабиёт, ба маънои хубаш ҷаҳонӣ мешавад, ки ба ин қаламрав бо чеҳра, моҳият ва рангу бӯи хоси худ ворид шавад.

Инсон худро дар қиёс бо инсони дигар хубтар мешиносад, адабиёту адиб ҳам. Бинобар ин баробари фаро гирифтани фарҳанги худ барои тоҷик мондан дар муҳити ҷаҳонишавӣ, худро набояд аз дигарон ҷудо гирифт, балки баръакс, ба қолаби дигарон бояд даромад, масалан, рус, турк, фарангӣ, чиной, ҳинду... бояд бишуд, то худро беҳтар бишиносиву бишиносонӣ. Ин корро адабиёт бо чанд восита ба ҷо оварда метавонад, масалан, агар сода карда гӯем, бо навиштани асар дар мавзӯъҳои, ба истилоҳ, хориҷӣ (ҳарчанд вақте адабиёт мавзӯъеро аз худ мекунад, он худӣ мешавад на хориҷӣ, хуб, истифодаи ин истилоҳ аз ночорист), офаридани симои намояндагони халқҳои гуногун ва ё ба воситаи тарҷумаи асарҳои адабиёти дигар ба забони худ. Дар ин ҳолат таваҷҷуҳи дуҷониба ва ё бисёрҷониба байни халқҳову адабиётҳо пайдо мешавад, ки бар манфиати ҳар яки онҳо буда, роҳи моро ҳам барои воридшавӣ ба қаламрави адабиёти ҷаҳонӣ ҳамвортар мекунад.

Дар радифи ин масъала иртиботи фарҳангие, ки дар байни се кишвари ҳамзабон – Тоҷикистон ва Эрону Афғонистон мавҷуд аст, боз ҳам густардагӣ мехоҳад. Дар ин робита, албатта, забони муштараке, ки мо аз он истифода мекунем, нақши аввалдараҷа дорад. Ин як забон дар се кишвар рангу бӯи хосаи худро пайдо кардааст, ки бар зебой ва ғановату махсусияти он меафзояд ва, хушбахтона, рӯз ба рӯз бар асари иртиботи ҳар чӣ бештари фарҳангӣ дорои хусусиятҳое мешавад, ки барои як забони меъёр зарур аст. Баррасии ин масъала бар дӯши забоншиносон, ба вуҷуд оварданаш бар зиммаи адибон аст.

Вале ҳоло иттифоқан дармеёбам, лаззате, ки ман аз хондани асарҳои ҳамқаламони ҳамватани худ, масалан, дар шеър аз Муъмин Қаноат, Гулназар, Фарзона, Доро Наҷот, Низом Қосим, Муҳаммад Ғоиб, Камол Насрулло, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Рустами Ваҳҳоб, Раҳмат Назрӣ, Адибаи Хуҷандӣ, Озар... дар наср аз Ӯрун Кӯҳзод, Меҳмон Бахтӣ, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Кароматулло Мирзоев, Баҳманёр, Юнус Юсуфӣ, Анвар Мирзоҳакими Олим, Абдулқодири Раҳим... дар нақду адабиётшиносӣ аз Худой Шариф, Абдуҷаббор Раҳмон, Носир Салим, Абдунабӣ Сатторзода, Умар Сафар, Матлуба Хоҷаева, Боймурод Шарифзода,

Абдураҳмон Абдуманнон, Абдухолиқ Набавӣ, Ҷамолиддин Саидзода... мебарам, ҳамон гуна лаззатест, ки аз асарҳои адибони Эрону Афғонистон мебарам. Пас, фикр мекунам, ки оё хусусиятҳои забони меъёр дар забони ноби ҳар сеи ин кишвар нест, яъне агар асар ба забони ноби форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ навишта шуда бошад, дар ҳар се кишвар мафҳуму мақбул хоҳад буд. Албатта, фарқият дар забони илм ҳаст, махсусан, дар истифодаи истилоҳҳо, аммо замина ҳамон аст, ки, ба истилоҳ, дар ҳар се забон ҳаст. Аммо муроди ман танҳо меъёри забон нест, балки муқаддамтар аз он меъёри мухтаво ва ҳунар аст, ки на танҳо адабиётҳои ҳамзабонро ба ҳам қарин мегардонад, балки ҳамаи адабиёти асилро ба ҳар забон, ки навишта шуда бошад, ба ҳамдигар иртибот медиҳад. Ин нуктаро таҷрибаи адабиёти ҷаҳон собит менамояд ва на танҳо бо тарҷума, ки василаи асосии ин иртибот аст, балки ба воситаи хондану омӯзиш ҳам, ки ҳар нависандаву шоир аз адабиётҳои дигар дорад. Дар ҳамин замина меъёри ягонаи шинохти адабиёт пайдо мешавад, ки он меъёри адабиёти ҷаҳонист.

Ба назар чунин мерасад, ки мо ба худ бештар бо чашми кам менигарем, ҳарчанд ин бад ҳам нест, зеро намегузорад, аз худ қонеъ бошем, ки қаноатмандӣ аз худ дар кори мо бадтар аз рукуд аст. Аммо ба ҳар ҳол, ҳангоме ки зарур аст, бояд дар ёд дошта бошем, ки мо ҳам адибон ва асарҳое дорем, ки дар сатҳи адабиёти ҷаҳонианд. Ҳамин гуна номҳоро аз байни онҳое, ки болотар зикр шуданд, ба осонӣ метавон пайдо кард. Масъалаи мо, мутаассифона, баъзан дар шинохт ва эътирофи одилона, оқилона ва саривақтии онҳост.

Дар ин ҷода нақди адабӣ метавонад корҳое бикунад. Дар ман сол ба сол ақидае бештар нуфуз пайдо мекунад, ки дар шинохти асари бадеӣ, махсусан, мураккабтари он, дар ҳар навъе, ки бошад – ҳамоса, ғиноӣ, дром ба нақдкунанда завқи адабиёти бадеӣ зарур аст, ки бе он на ҳусн дарёфт мешаваду на нуқс, яъне ноқид соҳибзавқ ва бигзор, камтарак бошад ҳам, эҷодкори ҳунар бошад. Ҳоло мо дар нақди шеър ҳамин гуна мисол дорем, ки аз талаботи ман болотаранд, на фақат камтарак шоир, балки шоири хуб ҳам ҳастанду ноқиди хуб ҳам. Инҳо Муҳаммадалии Аҷамӣ, Рустами Ваҳҳоб, Нуралии Нурзод мебошанд, хуб мебуд, агар дар навъҳои дигар ҳам ҳар чӣ зудтар ҳамин гуна соҳибҳунарноқидон зуҳур мекарданду парвариш меёфтанд.

На танҳо дар мо, балки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон шоиру нависандагон, ва махсусан, шоирон, фақат бо даромад аз меҳнати шоирии худ таъмини маош карда наметавонанд ва ҳатман бо ягон кор ва ё хидмати дигар ҳам машғуланд, дар ҳоле шоирӣ худ заҳматест, ки батамом бахшидани зиндагӣ, яъне тамоми вақти умрро талаб дорад. Дар натиҷа ё ба камтарин маоши зиндагӣ қаноат бояд кард, ки бештар шоир бошӣ, ва ё, мутаассифона, баръакс... Роҳи дигар хеле кам иттифоқ меафтад, ба онҳое, ки иттифоқ афтодааст, масалан, Абдураҳмони Ҷомӣ, Иоҳан Волфҳан Гӯте ва..., онҳо баргузидагони тақдиранд. Вале, ба ҳар ҳол, ишқи ин пеша бо гаронии заҳматҳову подоши ночиз ва ҳатто фоҷиавиҳояш (қисмати Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳилолӣ, Адиб Собир... -ро ба ёд оред) бисёриҳоро маҷзуб мекунад, ки дар ҳар маврид, бешубҳа, сабабҳои хоси худро дорад, ки яке аз онҳо, яқинан, умеди мондагории ном аст. Ва шояд меарзад, ба хотири он аз зиндагии пурнозу неъмат ва ғановатмандона гузашт, ин ба интихоби ҳар кас вобаста аст, вале ин ҳам ҳаст, ки зиндагӣ ба ҳар навъе бошад, мегузарад, вале ном бе маҳсули шоиста мондагор намешавад. Дар он ҷо, ки як байт ҳам метавонад ба муаллифаш номи ҷовидон бибахшад, албатта, умеду иштиёқ бештар аст, ҳамчунонки мо имрӯз намедонем, Абӯҳафси Суғдӣ чӣ касе буду чӣ зиндагие дошт, аммо медонем, ки шоир будааст ва ҳамин як байт, ки аз ӯ мондааст, номи ӯро бештар аз ҳазору сад сол боз дар забонҳо зинда нигоҳ доштааст:

*Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,*
*Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?!*

Мо ҳоло дар як давраи мураккаб зиндагӣ мекунем. Давраи гузариш аз як сохти иҷтимоӣ ба сохти дигари иҷтимоӣ ҳамеша аз мушкилтарину печидатарин марҳалаҳои таърих аст. Андаррафтан ба қонунияти ташаккул ва инкишофи он на ҳамеша ба осонӣ даст медиҳад, дар ин роҳ лағзишҳое рух доданаш мумкин аст, бинобар ин дар канори сахтгирӣ, ба ҳамдигар назари бахшоиш ва меҳру муҳаббат бояд дошта бошем, ки бинои одамият ва адабиёту фарҳанг аст.

**Соли 2015**

## НАВБА{ОРИ {АМРАНГВ

*На афғонему на турку на таторем,*
*Чаманзодему аз як шохсорем.*
*Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром аст,*
*Ки мо парвардаи як навбаҳорем.*

Ин фармудаи яке аз бузургтарин чеҳраҳои шеъри форсӣ дар қарни 20, Аллома Муҳаммад Иқбол аст. Манзури ман аз иқтибоси ин суханон ишора ба ҳавзаи бузурги фарҳангиест, ки дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омада, агар ҳам аз ҷониби халқҳо ва забонҳои гуногун эҷод шуда бошад, рӯҳи ягона дорад. Худ зуҳури Муҳаммад Иқбол дар замоне ва дар кишваре, ки забони форсӣ дар он фақат яке аз забонҳои роиҷ ва барои ин нобиға забони омӯхта (ғайри модарӣ) буд, сирри бузургест, ки дар «Асрори худӣ» нуҳуфта аст. « Паёми машриқ », ки аз ин кишвар бархост, на танҳо ба сарзамине, ки ба он равона шуда буд – Афғонистон – расид, балки дар гӯши ҳамаи аҳли фарҳанги Осиёи Марказӣ нишаст ва дар кишвари мағриб низ танин андохт. Ин аст тасдиқи рӯҳи умумибашарии шеъру адаб.

Дар қарни бист соҳибони забону адаби форсӣ, тоҷикон, афғонҳо, эрониён рӯ ба ҷониби Покистон, ба номи Муҳаммад Иқбол сари таъзим фуруд меоваранд, ки имконоти беҳудуди забону шеъри ҳазорсолаашонро дар гунҷоиши маъниҳои амиқи фалсафӣ, андешаҳои тозаи башардӯстӣ, оҳангҳои баланди сиёсӣ ва иҷтимоӣ бо инъикоси нозуктарин ҷилваҳои табиат нишон дод.

Қарни бист барои машриқзамин даврони шикасту бозсозиҳои бузурги таърихӣ буд, ки чархҳои оҳанинаш ба рӯи синаҳои аҳли адаб гузар мекард. Аммо тазод ин ҷост, ки даврони пурфоҷиа чеҳраҳои дурахшони адабӣ ба вуҷуд меоварад, ки қудрати тасвири фоҷиа ва ба ояндагон боқӣ гузоштани онро дошта бошанд. Муҳимтарин арзишҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва озодиву истиқлол, ки дар муборизаи халқҳои кишварҳои мо дар нимаи аввали қарни 20 ҳадафҳои сиёсӣ буданд, аз тариқи шуаро худро ба арсаи таърих овარданд, ки Маликушшуаро Баҳор, Орифи Қазвинӣ, Фаррухии Яздӣ дар Эрон, Маҳмуди Тарзӣ, Абулалии Мустағнӣ, Халиллулоҳи Халилӣ дар Афғонистон, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ дар Тоҷикистон ва Муҳаммад Иқбол дар Покистон аз пешравони онҳо буданд. Шуаро дар даҳаҳои аввали ин аср маърифатнок кардани мардумро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҷомеа медонистанд, ки албатта дар ҳар кишвар хусусияти худро дошт, вале моҳиятан ҷараёне буд, ки расидан ба озодӣ ва истиқлолро дар роҳи маорифпарварӣ ҷустуҷӯ

мекард. Ашъоре, ки дар тарғиби илму дониш гуфта шуданд, хидмати замони худро ба ҷо овharданд ва ишқ ба саводу маърифатро дар дили мардум бедор карданд. Мухотабони ин ашъор тӯдаҳои бесавод ва камсавод буданд ва бадеҳист, ки шоирон на ҳама ва на ҳамеша сатҳи баланди шеърро нигаҳдорӣ карда метавонистанд ва ба ҷои он ки мардумро ба дараҷаи худ бардоранд, ба сатҳи онон фуруд меомаданд. Шуарое чун Муҳаммад Иқбол, Маликушшуаро Баҳор, Халилуллоҳи Халилӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, ки илму ирфонро чун талаботи азалӣ ва василаи асосии камолоти маънавии инсон дарк карда буданд, онро бо сухану бофти тоза ба қалам кашиданд ва дар ин ришта ашъори олӣ ва мондагор гуфтанд.

Маърифат дарвозаҳои ҷаҳонро ба рӯи мардум боз мекунад, то ки ҳамдигарро бишносанд. Шуарои маорифпарвар низ дар тарғиби ғояҳои худ на фақат ба хазинаи дониши гузаштаи халқи хеш, балки ба мероси умумии бузургони башар рӯй меоварданд, афкори ононро ба мардум пешниҳод мекарданд, дар ситоиши онҳо шеър мегуфтанд. Дар адабиёти маорифпарварӣ тарбияти дурусти ҷавонон ва озодиву баробарии ҳуқуқи занон мавқеи калон дошт. Афкори фалсафии Волтер, Руссо, Дидро, Ҳуго ва бузургони дигар тарҷума шуда, дар кишварҳои мо ба чоп мерасиданд. Адибони Афғонистону Эрон ва Тоҷикистон бештар ба афкори маорифпарваронаи хирадмандони ҷаҳонӣ мурочиат мекарданд. Дар Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқбол ба ёрии дониши амиқи фалсафии худ моҳияти таълимоти онҳоро ба риштаи назм мекашид, суҳбати ононро меорост, ҳамчунонки дар «Паёми Машриқ» кардааст ва на танҳо аз забони худ, балки ба забони таълимоти бузургоне чун Толстой, Кант, Ҳегел дар бораи иҷтимову сиёсат ва фалсафа суҳбат мекард ва хулоса мегирифт, ки вақт барои мубориза ва бархостани халқи муздур  расида аст. Пешвои ҳаракати мардуми бостон ба Фарҳоди кӯҳкан мегӯяд:

*Даври пирӯзӣ гузашт, эй куштаи Парвиз хез,*
*Неъмати гумгаштаи худро зи Хусрав бозгир.*

Мубориза барои озодӣ ва истиқлол, ки дар Афғонистон дар шакли сар фуруд наовардан дар муқобили истеъмори хориҷӣ, дар Эрон ба номи инқилоби машрута, дар Тоҷикистон ба сурати инқилоби Октябр ва ҳаракати зиддимустамликаӣ дар Ҳинду Покистон ҷарраён дошт, мавзӯе буд, ки дар ашъори шуарои ин кишварҳо эҷоди ҳамоҳангӣ мекард. Абулалии Мустағнӣ дар Афғонистон бар зидди истеъмор садо дармедод:

*Дар хонаи мо чанд бувад хонахудо ғайр?*
*З-ин нанг бимиреду ба ин ор бибинед.*
*Бастанд якояк ҳамаро даст ба гардан,*
*Чун чора наҷӯед ба ночор бибинед.*

Дар Эрон ин байтҳои Маликушшуаро Баҳор вирди забонҳо буд:

*Ман нагӯм, ки маро аз қафас озод кунед,*
*Қафасам бурда ба боғеву дилам шод кунед.*
*Ҷабри бедод кунад умри ҷавонон кӯтоҳ,*
*Эй бузургони Ватан, баҳри Худо дод кунед.*

Садои дили пурхун ва кину ситези Садриддин Айнӣ алайҳи амирони Бухоро баланд мешуд:

*Хоҳам ин хонаи бедоду ситам вайрон бод,*
*Хоҳам ин маҳкамаи ҷабр мазористон бод.*

Ва дар Ҳинду Покистон даъвати Муҳаммад Иқбол ба гӯш мерасид ва фикрҳоро ба таҳрик меовард:

*Гуфтанд ҷаҳони мо оё ба ту месозад?*
*Гуфтам, ки намесозад! Гуфтанд, ки барҳам зан!*

Шеъри мухолифат бо замон ва эътироз ба сохти иҷтимоӣ, ки оҳанги инқилобӣ дошт, бевосита барои мардум гуфта шуда буд ва аз доираи маҳфилҳо берун омада, бо тӯдаи мардум мепайваст ва доираи интишору таъсири худро фарохтар менамуд. Матбуот, ки дар ин давра як ҷузъи муҳими ҳаёти иҷтимоӣ мешуд, низ ба ин кор мадад мекард. Шуарои дигар ниёзи ҷомеаро аз шеър дармеёфтанд ва бештар ба мафоҳиме рӯй меоварданд, ки моҳияти шаҳрвандӣ ва оҳанги иҷтимоии онҳо қавӣ буд.

Инқилоби сусиёлистӣ, ки дар даҳаи дувуми асри 20 дар Русия ба вуқӯъ пайваст ва баъдан ба Осиёи Миёна таҳмил гашт, дар аввал аз рӯи мақсадаш, ки барҳам задани сохти истеъмор ва баробарии иҷтимоӣ додан ба мардум буд, аз ҷониби шуарои мутараққии ин кишварҳо хуш пазируфта ва ба роҳбарони он шеърҳову қасидаҳо навишта шуд. Даъват ба инқилоб ва бархостан аз хоби гарон дар ашъори Муҳаммад Иқбол баланд садо дод. Ӯ дар шеъри «Аз хоби гарон хез», ки бардошти рӯҳӣ аз инқилоби Русия дошт, дар солҳои бисти қарни бистум мардуми шаркро ба бедорӣ даъват мекард:

*Фарёд зи Афрангу диловезии афранг,*
*Фарёд зи Шириниву Парвезии афранг.*
*Олам ҳама вайрона зи чингизии афранг,*
*Меъмори ҳарам! Боз ба таъмири ҷаҳон хез,*
*Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!*

Таърих гардишҳои ғайричашмдошт, вале барҳақ доштааст. Инқилоби Русия, ки дар аввали қарн боиси пуштибонии шуарои мутараққии Осиёи Марказӣ гашта, ба мубориза҃ҳои озодихоҳонаи ин сарзамин такони бузург дод, дар охири қарн рамзи дастдарозӣ ва истеъмор шуд, то ин ки ҳамон шеъри Муҳаммад Иқбол «Аз хоби гарон хез», ки бо илҳом аз инқилоб гуфта шуда буд, баъди ҳафтод сол барои дарҳам шикастани як давлати абарқудрат, ки он инқилоб сохта буд, дар майдонҳои Тоҷикистон боз аз нав танин андохт.

Дар солҳои аввал дар партави дастовардҳои ин инқилоб, аз он аздастдодаҳое, ки низ кам набуданд, сухан гуфта намешуд, махсусан, дар Тоҷикистон, зеро ки, аввалан, матбуот озод набуд, сониян, адабиёти мухолифат баҳои ҷон дошт. Дар кишваре ва замоне, ки хомӯш будан ва ё фаъолона ҷонибдорӣ накардан аз сохти шӯравӣ басе сарҳоро ба бод дод, аз кадом мухолифат сухан гуфтан мумкин буд?

Вале аздастдодаҳо оқибати мудҳиш ва фоҷиабор доштанд, ки дар охири аср тақрибан тоқатшикан шуда буданд. Дар фосилаи даҳ сол ду бор дигар шудани алифбо дар охири солҳои бист, аз алифбои арабӣ гузаштан ба лотинӣ ва дар охири солҳои сӣ аз лотинӣ гузаштан ба алифбои сириллик, тоҷиконро на танҳо аз мероси маънавишон ҷудо кард, балки аз бародарони ҳамзабон, ҳамфарҳангу ҳамдинашон дур андохт. Хусусияти миллӣ кам – кам аз байн мерафт, забон мекоҳид, бохабарӣ аз фарҳанги гузашта ночиз мешуд, тарҳи инсоне ба вуҷуд меомад, ки

миллат надошт, инсоне буд аз асли худ кандаву ба васли дигаре норасида. Гӯё инсони ягонаи шӯравӣ эҷод мегашт, ки шиносномаи ӯ миллаташ набуда, тарзи давлатдориаш буд. Сиёсати дурӯяи давлатӣ, инсони дурӯя месохт. Шуарои кишварҳои ҳамсоя, ки давлати шӯроҳоро пуштибони озодӣ ва истиқлол ситоиш карда буданд, дигар ба эъломияҳои сулҳдӯстонаи он бовар надоштанд ва ҷои истиқболро инқилоб гирифт. Баъд аз вуруди артиши шӯравӣ ба хоки Афғонистон ҳеҷ ҷои шак ва шубҳае дар дурӯягии сиёсати ин мамлакат намонд. Устод Халилуллои Халилӣ дар канори оворагони афғон дар Покистон паноҳ ҷуст ва марсияи «Баҳори хунин»-ро навишт:

*Дареғо, ҷамъи бедардон ба дарди мо нафаҳмиданд,*
*Мусалмонон ба ҳоли зори мо диданду хандиданд.*
*Дареғо, урватулвусқои ишқангези имонро,*
*Ба поси хотири кофардилоне чанд бибриданд.*
*Ба бунгоҳи милал даъвогарони сулҳу озодӣ,*
*Ба номи мо бисоте чанд густарданду бигзиданд.*
*Дурӯғе чанд афзуданду лофе чанд бинвиштанд,*
*Ду – се сатри музаввир дар хилоли сафҳа печиданд.*
*Зи овози ҳақиқат гӯши худро пунба бинҳоданд,*
*Ба оҳанги ситамкорони гетӣ пой кӯбиданд.*

Гумони қавӣ меравад, ки ин гуна ашъори танқидӣ аз сиёсати истилогаронаи кишвари абарқудрат дар осори шуарои дигари Афғонистон ва Эрону Покистон низ буд. Аммо мо аз онҳо бо сабаби дар он замон сахт баста будани дарҳои кишвар  хабаре надоштем. Ин орӣ аз ҳодиса будан боз як бори дигар собит мекунад, ки сиёсат то чӣ андоза ноустувор, беэътимод, дурӯя аст ва шоиронро ҳушдор медиҳад, ки дар баробари ҳунари ҷовидони худ ҳамеша рӯй ба арзишҳои ҷовидонии адаб дошта бошанд.

Яке аз арзишҳои бобақо, ки дар шеъри форсии кишварҳои мо умумӣ аст, шинохти ирфонии оламу одам аст. Дар асл ирфон буд, ки бо пайванд додани инсон ба ҷовидон ва кашф кардани қудрати илоҳӣ дар ӯ, ба шеър мазмунҳои таҳтонӣ бахшид ва болҳои осмонӣ бахшида, онро байни ҳунарҳои дигар оламгир кард. Ин мероси бузург, ки аз Саноиву Аттор оғоз шуда, то Муҳаммад Иқбол мерасад, дар кишварҳои ҳамфарҳанг Афғонистон, Эрон ва Покистон дастрас ва роиҷ буда, аммо, мутаассифона, дар Тоҷикистон баъд аз инқилоби Октябр бар асари тасаллути сиёсати коммунистӣ ҷои истифода надошт ва шеъри муосири тоҷик то солҳои охир аз шодобтарин сарчашмаи шӯру ҳаяҷон, шавқу мастӣ ва ақлу ишқи ҷовидон барканор монд, ҳол он ки дар Афғонистон Халилуллоҳи Халилӣ, дар Эрон Муҳаммад Ҳусайни Шаҳриёр, дар Покистон Муҳаммад Иқбол аз сарчашмаи ирфон нӯш карданд, шеъри худро рӯҳу таровати тоза доданд, инсонро, ки вакили офаридгори оламҳост, ба тамоми гаронмоягиаш ва бо лаҳну оҳанги наве, ки дархури замону ҷовидон аст, ситоиш карданд. Ин холаъ акнун дар шеъри муосири тоҷик шурӯъ ба пур шудан мекунад. Намунаҳое, ки аз осори шуарои ирфонӣ, чун Аттору Саноӣ ва махсусан, Мавлоно Ҷалоллудини Балхӣ дар солҳои охир ба табъ расид, баъзе аз шуаро ва махсусан, шуарои ҷавони тоҷикро ба худ сахт мутаваҷҷеҳ сохт ва ҳоло яке аз сарчашмаҳои таровиши тозаи ашъори онон гаштааст. Нақши шинохти ирфонии олам, ишқ ва муҳаббат, ақлу хиради инсон, агар дар ашъори шоирони солманду миёнсол, мисли Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ ба назар мерасад, дар шуарои насли ҷавон, дар ашъори Доро Наҷот ва Фарзона мушоҳида мешавад, ки баъзан ин нақш бевосита аз Мавлоно Ҷалоллуддини Балхӣ омадааст ва гоҳи дигар ба воситаи таъсири Муҳаммад Иқбол зуҳур кардааст. Вале ин рӯйоварӣ ба ҳар васила, ки бошад,

ба шеър жарфои маънӣ ва асолати сабку сухан бахшида, онро ба маҳсули ягонаи ҳавзаи фарҳанги шеъри форсизабонон қарин сохтааст.

Истиқболи байналмилалӣ аз оҳангҳои ирфонӣ, ки дар шуарои мо ба назар мерасад, на фақат дар маъниву мазмун аст, балки дар шаклу анвоъи шеър ҳам пайдост. Масалан, ривоҷи дубораи дубайтӣ дар шеъри Афғонистон дар осори устод Хилилуллоҳ Халилӣ ва дар Тоҷикистон дар эҷодиёти Лоиқ бе таъсир аз дубайтиҳои Муҳаммад Иқбол нест, ки ин ду шоир дар зери таъсири онҳо андешаҳои фалсафиву ирфонии худро дар он ҷой додаанд.

Анвои шеъри классик, аз ҷумла рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ ва ғазал барои шуарои мо умумӣ аст, вале дар ҳар кишвару ҳар шоир баста ба вежагии истеъдоди ӯ ва сабке, ки пеш гирифтааст, низ фарқ дорад. Масалан, дар Афғонистону Эрон ва Тоҷикистон бештар сабки хуросонӣ доман густарда аст ва дар Ҳинду Покистон сабки ироқӣ. Вале ҳар гоҳ, ки шоири муқтадире ба вуҷуд омад, ӯ новобаста ба он, ки дар ин ё он ҳавзаи фарҳангӣ кадом сабк роиҷтар аст, таъсири файзбахши худро мегузорад. Ғазали Муҳаммад Иқбол, баробари дубайтиҳояш, ба ҳамаи ҳавзаҳои фарҳангии шеъри форсизабонон таъсиргузор буд. Дар аввали нимаи дуюми асри 20, дар Тоҷикистон, баъд аз устод Лоҳутӣ, ғазал мавқеи қаблии худро аз даст медод. Вале ду омили муҳим: аввал, дар солҳои 50 то 70 ба табъ расидани асарҳои Муҳаммад Иқбол, бо намунаҳои ғазал, ки бо рӯҳи тозаашон ва бо ҷустуҷӯҳои навини шеър ҳамоҳанг буд, шоиронро барои аз сари нав рӯй овардан ба ғазал такон дод. Сониян, нашри мунтахаби девони Соиби Табрезӣ ин таконро такрор ва пурдавомтар кард. Ғазалҳои Муҳаммад Иқбол ва Соиби Табрезӣ ба василаи шоироне, ки мафоҳиму сухан ва тасвири шеърро дар қолабҳои суннатӣ тоза кардан мехостанд, мавриди истиқбол қарор гирифт ва ҳатто баъзе аз шоирон, аз ҷумла Лоикро, ки аз ҷодаи шеъри нав равон буд, водор сохт, ки роҳи шеъри суннатӣ (куҳан ва муташаххис) - ро низ дунбол кунад ва ғазал ҳам бигӯяд. Пайравии Лоиқ аз газалҳои Соиб аз солҳои ҳафтодум мушоҳида шуд, вале аз газалҳои Иқбол аз солҳои аввали эҷодиёташ – солҳои шастум - ба назар мерасад, яъне, ӯ аз Иқбол ба Соиб роҳ ҷуста аст. Соиб аз онҳост, ки Иқбол дар баробари об хӯрдан аз сарчашмаи шеъри Носири Хусраву Мавлавӣ ва Ҳофизу Бедил, аз сарчашмаи шеъри ӯ низ шодоб гаштааст, аз ин рӯ, бадеҳист, ки шеъри Иқбол ба рӯҳи шуарое, ки дар солҳои шаст дар Тоҷикистон дар паи тозаҷӯӣ буданд, бо мафоҳими тозаи фалсафа ва шахсияти инсон бештар ҳамоҳангӣ мекард. Ҳарчанд таъсир ва умумияте, ки Муҳаммад Иқбол дар шеъри форсӣ эҷод кард, фақат дар шакли дубайтӣ ва ғазал маҳдуд шуда, соири мафоҳим ва диду бофти бадеиро фаро мегирад, бо вуҷуди ин мисоле аз таъсири ғазали ӯро меоварем, ки сарчашмаи умумият собит шавад. Муҳаммад Иқбол ғазале дорад, ки дар ситези ҷони нолон ва ғамгусори ӯ бо муҳити бегонаи шавқ ва ноғамгусор бо тазоду муқобала хеле устодона нигориш шуда, бар шахсияти ҳассосу дардошнояш меафзояд:

*Ҷонам даровехт бо рӯзгорон,*
*Ҷӯест нолон дар кӯҳсорон.*
*Пайдо ситезад, пинҳон ситезад,*
*Нопойдоре, бо пойдорон.*
*Ин кӯҳу саҳро, ин дашту дарё*
*Не роздорон, не ғамгусорон.*
*Бегонаи шавқ, бегонаи шавқ,*
*Ин ҷӯйборон, ин обшорон.*
*Фарёди бесӯз, фарёди бесӯз,*
*Бонги ҳазорон дар шохсорон.*
*Доғе, ки сӯзад, дар синаи ман,*

*Ин доғ кам сӯхт дар лолазорон.*
*Маҳфил надорад, соқӣ надорад,*
*Талхе, ки созад, бо беқаророн».*

Дар ғазали Лоиқ на фақат ҳамин вазну қофия, балки таъбирҳо низ иқтибос шудаанд, ки аломати сахт зери таъсир мондани ӯст. Ғазали Лоиқ ҳам агарчи ба сари худ хуб аст, аммо мартабаи ғазали Иқбол аз назари мафоҳим баланду ҳунар матин, бадеътар аст. Мафоҳиме, ки ғазали Иқбол дар бар дорад, бештар улвӣ аст ва ғазали Лоиқ заминитар аст. Бархурди тазоди эҳсосот дар Иқбол шадид ва дар Лоиқ оромтар аст, ки аз байти аввал пайдост.

Иқбол «Ҷонам даровехт бо рӯзгорон» ва Лоиқ «Ҷонам чӣ хоҳад аз рӯзгорон» мегӯяд, ки аз ҳамин мисраъ оҳанги давоми шеър, дар шеъри аввал оҳанги мубориза бо рӯзгор ва дар шеъри дувум оҳанги хоҳиш аз рӯзгор ба гӯш мерасад. Ғазали Иқбол бо истиораи худ хеле бадеъ аст, ки ҷони худро ба ҷӯи нолон ва зиндагиро ба кӯҳсорон, ки пойдори ноғамгусор аст, монанд мекунад. Хоҳиши Лоиқ аз зиндагӣ ба ин шакл зоҳир мешавад, ки камтар тасвирӣ ва бештар зикрӣ аст:

*Ҷонам чӣ хоҳад аз рӯзгорон,*
*Навбатгузорӣ бо ҳақгузорон.*
*Бо сӯзи пинҳон ёд оварам ман,*
*Аз ашки ёрон, дар рӯзи борон.*
*Бо худ ситезам, бе худ ситезам,*
*Коре надорам бо кинадорон.*
*Чун тангчашмон дунё наҷӯям,*
*Қисмат кунам дил, бо дилфигорон.*
*Дар синаи ман ҷӯшад ҳамеша,*
*Сад корзоре бе корзорон.*
*Одам ғанимат, ҳар дам ғанимат,*
*Эй ҳамнасибон, эй ҳамҷаворон.*

Дар байни ғазалҳои Лоиқ боз ин гуна монандиҳоро пайдо кардан мумкин аст, аммо моҳияти масъала дар ин аст, ки шоири тоҷик низ мекӯшад то аз он дидгоҳе, ки аллома Иқбол ба оламу одам менигарад, назар андозад, аммо ин дидгоҳ дастрасии фалсафии соҳибназарашро мехоҳад.Таъсири файзбахши Иқбол дар шеъри нимаи дувуми асри 20 – тоҷик муҳимтар ва густардатар аз монандиҳои зоҳирӣ аст. Он аз лиҳози мафоҳим асосан дар шинохти мавқеи навини инсон дар ҷаҳони имрӯз, эътиқоду маънавиёти вай намоён аст. Аз назари сабк, дар таровати образҳо ва ё маънидоди тозаи образҳои анъанавӣ ва дар фасоҳату балоғати сухан ҳувайдо мешавад. Ин умумиятро, ки аз чашмаҳои таҳтонии шеъри Иқбол об мехӯрад, дар осори Мӯъмин Қаноат метавон дид. Дилбастагии Мӯъмин Қаноат ба анвоъи шеъри классики арӯзӣ ва махсусан, оҳангнок гуфтани шеър ва асолату матонати сухан, аз сифатҳоест, ки шеъри ӯро бо шеъри Иқбол наздик мекунад.

Аз ин лиҳоз агар ба достонҳо ва маснавиҳои Қаноат, масалан, ба « Гаҳвораи Сино » назар дӯхта шавад, хусусияти сабки маснавиҳои Иқбол, махсусан, « Ҷовиднома » –ро ба хубӣ дарёфтан мумкин мумкин аст. Иқбол бузургу тавоност ва ҳар шоире аз ӯ чизеро меҷӯяд, ки дархури мақсадҳои эҷодиаш бошад, ҳамчунонки Мӯъмин Қаноат дар шеъри «Хиёбони Иқбол» мегӯяд:

*«Яке офтобу яке соя ҷӯяд,*

*Бараяд чу хуршеди тобони Иқбол».*

Ошноӣ бо осори Иқбол аз нимаи дувуми солҳои панҷоҳ ба баъд фаро расид. Миршакар аввалин бор дар Тоҷикистон намунаи ашъори ӯро ба чоп расонд. Шеърҳои худи ӯ низ сифатҳои тозаи фалсафӣ ва ҳикматписандӣ пайдо кард, ки қаблан ба назар намерасид. Истилоҳоте, ки дар шеъри Иқбол барои ифодаи афкори ирфонӣ ва фалсафии ӯ бештар истифода мешуданд, монанди ишқ, орзу, ҷустуҷӯ, амал, мавҷ, дарё, сӯзу соз, замину макон, махсусан, дар шеърҳои солҳои 70 то 80 Миршакар ҳам, на фақат ба маънии луғавӣ, балки барои ифодаи маъниҳои фалсафии ҳикматписанд ба кор рафтанд:

*Зиндагӣ бе орзу ширин набуд,*
*Зиндагиро орзу ширин намуд. –*

гуфтани Миршакар бешубҳа маҳсули илҳом аз Иқбол аст, ки ӯ орзуро ба ин маънӣ ва даҳҳо рангу тобиши гуногун тавсиф кардааст. Миршакар, ки дар асл шоири ҳамосагӯй ва ашъори ҳаҷман бузург аст, зери таъсири Иқбол, ки дар дубайтиҳо, қитъаҳо ва байтҳо низ афкори ҳикматписанду фалсафии худро ҷойгузин мекард, ба шеърҳои кӯтоҳ рӯй овард. Масалан, аз ашъори « Дил ҷаҳони орзуст » , « Офариданд туро », « Наззораам доим ба пеш» он умумияти мазмунӣ намудор аст, ки бо таъсири Муҳаммад Иқбол дар шеъри қарни 20 - форсӣ доман паҳн кардааст. Аз ин шеърҳо « Наззораам доим ба пеш » дар ҷавоби мисраи шоири маъруфи афғон Бориқ Шафеӣ « Мавҷ шав, аз худ баро, Бар дӯши тӯфон сайр кун» гуфта шудааст, ки дар ин мисраъ ва дар тамоми эҷодиёти Бориқ Шафеӣ ҳам оҳанги ошнои Аллома Иқбол ба гӯш мерасад. Агар шеъри барномавӣ маъмулан мақсаду мароми шоирро аз кори эҷод ифода кунад, пас мароми шоирии Бориқ Шафеӣ, ки дар шеъри барномавии «Ман» – и ӯ баён шудааст, дар зери таъсири файзбахши Аллома Иқбол сурат гирифтааст. Дар ин шеър қариб ҳамаи таъбирот ва образҳо – чашм, ҷустуҷӯҳо, рангу бӯҳо, офтоби орзуҳо, ҳастӣ, баҳри нопайдоканор, мавҷи беқарор, ахтари шабзиндадор ва ғайра, ки аз таъбироту образҳои асосии шеъри Иқбол ҳастанд, барои бозгӯии ҳамон маъниҳову мазмунҳо ва бо ҳамон услуб, ки ин аллома дошт, ба кор рафтааст.Ду банди аввалро нақл мекунем:

*Киям ман? Нури чашми ҷустуҷӯҳо,*
*Киям ман? Сурмасози рангу бӯҳо.*
*Дилам зебопарасти базми базми ҳусн аст,*
*Равонам офтоби орзуҳо.*
*Ду чашми равшани ҳастистам ман.*
*Киям ман? Баҳри нопайдоканоре*
*Дил андар сина мавҷи беқароре*
*Ба оғӯши фурӯғи гавҳари ишқ,*
*Ҳарифи ахтари шабзиндадоре*
*Гар ин гавҳар набошад, нестам ман».*

Шеъри Бориқ Шафеӣ бо таъсирбардорӣ аз маъниву мазмун ва диду бофти шеъри Муҳаммад Иқбол суруда шудааст. Ва ин ҳолат дар саросари эҷодиёташ ҳис мешавад. Вале дар шеърҳои «Бархез», «Баҳори орзу», «Бархез тӯфон ту астӣ» махсусан, ба ҳадди аъло намудор аст ва умумият, ба ҳам қаробат доштан, мароми эҷодии ду шоирро, ки нерӯи инсон, инқилобу озодӣ, баробариву истиқлолро ситоиш мекунанд, нишон медиҳад.

Даромехтагии оҳангҳо дар эҷодиёти шуарои кишварҳои мо на танҳо дар мавзӯъҳо ва мазмунҳои умумӣ, балки дар мавзӯъҳое, ки дар онҳо ба ҳамдигар баҳс мекунанд, низ зоҳир мешавад. Муҳаммад Иқбол дар аввали қарн барои қувват бахшидани таълимоти исломии худ аз ҳамаи чизи ғайри арабӣ даъват ба фаромӯшӣ мекард, ки ин маънӣ дар силсилаи ашъори «Забури аҷам» ва «Армуғони Ҳиҷоз»- ӯ пайдост. Вале дар нимаи дувуми қарни бист дар Эрон ва Афғонистону Тоҷикистон иштиёқ ба таърихи аҷамӣ пурзӯр мешавад, ки дар осори Аҳмади Шомлу, Ахавони Солис, Нодири Нодирпур дар Эрон, Халилуллоҳи Халилӣ, Абдулҳақи Орзу, Бориқ Шафеӣ дар Афғонистон ва Мӯъмин Қаноат, Лоиқ ва Салимшоҳ Ҳалимшоҳ дар Тоҷикистон нақши барҷастае дорад ва ҳоло мавзӯест, ки дар байни эҷодиёти шуарои кишварҳои мо ҳамоҳангӣ ба вуҷуд меоварад.

Умумияти дигаре, ки аз ин татаббӯъ ва ё мунозираҳо ба миён меояд, дар мавзӯи инсон ва қисмати ӯ дар рӯи замин аст. Ин мавзӯъ дар шеъри классик ва муосири мо асосан ба ду тариқ тасвир мешавад, ки яке назари инсони инқилобгар, тавоно ва фармонравои қисмати худ, дигаре инсони мутеъ, нотавону бандаи тақдирро муҷассам менамояд. Баъзан дар эҷодиёти як шоир баста ба ҳолатҳои гуногуни рӯҳӣ ва ё дигаргунии назари ӯ ба мавқеи инсон, аз ҳардуи ин тарзи тасвир истифода мешавад.

Мирсаид Миршакар яке аз шеърҳои худ «Мағрур наям»-ро ҳамчун назира ба як рубоии устод Халилуллоҳи Халилӣ навишта аст, ки аз лиҳози шинохти моҳияти инсон, ба он мубоҳиса ва муқобила мекунад.

*Эй ғарра ба ин, ки даҳр фармонбари туст,*
*В - ин моҳу ситораву фалак чокари туст.*
*Тарсам, ки туро чокари худ пиндоранд,*
*Он мӯрчагон, ки ризқашон пайкари туст.*

Мебинем, ки дар ин ҷо сухан аз инсони нотавону мутеъ нест, сухан аз инсонест, ки моҳу ситораву фалак чокару даҳр фармонбардори ӯст, аммо сухан аз ин аст, ки ӯ ба ин фармонравоӣ ғарра нашавад, ки фардо оқибат кор чунин хоҳад шуд, ки шоир мегӯяд ва аз он гурез нест.Дар айни ҳол Миршакар оҳанги мубоҳиса бо ин рубоиро дорад, ки мегӯяд:

*Ман одамаму ғурур дорам, лекин*
*Мағрур наям, ки даҳр фармонбари ман,*
*Як ҷаъбаи устухонаму косаи хун*
*Дар сина ниҳон дили умедовари ман.*
*Муштоқи ҳаётаму сарояндаи ишқ,*
*Пур аз маи орзу бувад соғари ман,*
*То зинда манам, талош дорам, ки шавад,*
*Ин моҳу ситораву фалак чокари ман,*
*Бигзор, ки чокарам бихонад паси марг,*
*Мӯре, ки шавад рӯзии ӯ пайкари ман.*

Таърихи шеър нишон медиҳад, ки дар замонҳои сахту душвор ва шикастҳои иҷтимоӣ, давраҳои фаҷеъ, вақте ки мардум аз беҳбуди авзои ҷомеа ноумед мешаванд, дар шеър, ки аз анвои эҳсосии адабиёт аст, оҳанги мадад хостан аз қувваи мовароӣ, такя овардан ба Худованд, таҳкими имону эътиқод бештар ба гӯш мерасад. Бешубҳа, баъзан ин ҳолат баста ба авзои рӯҳии фарди шоир ҳам рух медиҳад, вале замони фоҷиаҳои иҷтимоӣ низ то як андоза ҳамин ҳолатро доранд. Вақте ки инсон худро дар бартараф кардани мушкилот нотавон мебинад, аз дину имону

Худованд мадад меҷӯяд, то шахсияти ноқиси худро ба камолот бирасонад ва ба ин роҳ аз бухрони сиёсиву иҷтимоӣ раҳоӣ ёбад. Дар ин айём шуаро бештар ба маърифати илоҳӣ, дарёфти Қуръону ҷавҳари ислом машғул мешаванд, ки камолоти маънавиро ба даст оваранд. Дар солҳои охир бар асари ҷангҳои дохилии бародаркушу истиқлолталабии Афғонистону Тоҷикистон, махсусан, аз бовари мардум ба ояндаи амн ва обод сохтан коста шуда, дар рӯҳияи шуаро оҳанги яъсу ноумедӣ боло гирифт. Онҳо ислоҳи ин вазъро дигар аз қудрати инсонӣ берун дониста, ба тавфиқи Худованд умед бастанд. Устод Халилӣ дар ашъори солҳои охир, масалан, дар дубайтиҳояш, ки дар ғурбат офарида шудаанд, мегӯяд:

*Илоҳо, ҳар чӣ шоён аст, он кун.*
*Намегӯям чунин кун ё чунон кун.*
*Чӣ донад банда асрори худоӣ,*
*Худоё, ҳар чӣ мезебад, ҳамон кун...*

*Худовандо, ба тифли мо бибахшой.*
*Ба ин лабташнагон раҳме бифармой.*
*Ту гови шохзан бисёр дорӣ,*
*Ба гови ширдеҳ, ё Раб, бияфзой!*

Дар ин замона шуаро бештар ба китоби Илоҳӣ, Қуръони азиммушаън руҷӯъ мекунанд, табобати касолати замони худро аз он меҷӯянд ва аксар ба ин ақида мерасанд, ки дар такомули шахсияти инсон бояд кӯшид.

Дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи шуаро ба имону эътиқод ва таълими исламу ирфон з-он сабаб аст, ки солҳои тӯлонӣ ин соҳаҳои маърифати инсонӣ дар қафаси маҳдудияти сахте буданд ва имкони густардагӣ надоштанд. Адабиёт, ҳамчун қисмати мафкураи ҷамъиятӣ, даҳрӣ буд, ҳоло баъд аз истиқлол дар натиҷаи даст ёфтан ба таълимоти ислом он ташнагии чандинсола шодоб мешавад, шуаро ин таълимотро барои камолоти маънавии инсон ба кор меандозанд. Ҳоло он хусусияте, ки Абдулғафури Орзу, шоири Афғонистон дар шеъри худ қайд мекунад ва мегӯяд: «Шеъри касоне, ки аз ислом илҳом мегиранд ва ҳадиси Қуръонро низ дар шеърашон меоваранд ва касоне, ки ҷавҳари шеърашон ислом аст, аммо ҳадису Қуръон дар сурудаҳояшон бозтобе намеёбад» дар шеъри тоҷик низ ба зуҳур меояд, ки мисолашро дар шуарои нисбатан ҷавонсоли тоҷик пайдо мекунем. Инкишофи ин равия дар солҳои охир, дастрас шудани осори шуарои сӯфия, махсусан, Ҷалоллудини Румӣ, яъне ба ҳуруфи сирилик чоп шудани онҳо низ таъсири файзбахше кард. Ва дар бархе аз шуарои мардуми мо, ки исломӣ ҳастанд, новобаста ба авзои сиёсиву иҷтимоии кишварҳоямон, чароғи ислом дар замирашон равшан буда, ба эҷодиёташон нур меафканад. Осори Муҳаммад Иқбол, Муҳаммад Ҳусайни Шаҳриёр, Халилуллоҳи Халилӣ аз ин шӯъла дурахшон аст, ки гӯшаҳои қалби муслиминро равшан дошта, онҳоро барои расидан ба маърифату камолоти инсонӣ роҳ менамояд:

*Ба табобате, ки донӣ, бифирист дарди ишқам*
*Ба илоҷи бетабибиву давои бедавоӣ.*
*Ба хулуси хилвати шаб, ки барор сар зи хобам,*
*Ба сафои асфиёву ба валои авлиёӣ.*
*Дари боргоҳи нозам бикушо ба рух, ки он ҷо,*
*На ниёзи худфурӯшӣ, на намози худнамоӣ.*
*Чи мақоми кибриёӣ, ки фақири хоксораш,*
*Сари сарварӣ барорад ба мақоми кибриёӣ.*

*Ман агарчи бандагиро ба Худо расонда бошам,*
*Ҳама бандаам, Худоё, ба ту мерасад худоӣ.*
*Ба каманди худ, ки сайди дили ошиқони мискин*
*Бинавоз аз он асирӣ, бираҳон аз он раҳоӣ.*
*Ба ситорае саҳар кун раҳи водии шаби ман,*
*Ки сапеда сар барорам ба диёри рӯшноӣ.*

Ҳоло авзои Тоҷикистон аз ҷиҳати иҷтимоу маънавиёт сахт беҳбуд мехоҳад, бино бар ин тамҳиди ислом дар шуарои тоҷик ҳам ниёзи иҷтимоӣ аст ва ҳам эҳтиёҷи маънавии ҳар шоир, ки мехоҳад дар такомули шахсият саҳме бигузорад ва ин азм ба ҳар сурат, гоҳе ба дуо, гоҳе ба хоҳишу орзу ба забон меояд.

Дар Қуръони маҷид сураи «Сод» ояҳои 31 ва 32 бо ишора ба ҳазрати Сулаймон омада аст, ки «Он гоҳ, ки ба ҳангоми аср аспони тезравро ки истода буданд, ба ӯ арза карданд, гуфт: ман дӯстии ин аспонро бар ёди Парвардигор баргузидам, то офтоб дар пардаи ғуруб пӯшида шуд» ва дар зимни ин қиссаест, ки ҳазрати Сулаймон дар машғулӣ ба аспоне, ки ба ӯ ҳадя шуда буданд, аз намози аср қазо мекунад ва аз Худованд илтиҷо менамояд, ки хуршеди ғурубкардаро бозгардонад, то ӯ намози хешро адо бикунад ва Худованд ин илтиҷоро ба ҷо меоварад. Ва банда ҳам ба хоҳишу орзуе, ки меҳри ғуруб карда, бадар ояд ва боз ба сари мо нурафшон бошад, ин рубоиро гуфтаам, ки хотимаи суханам хоҳад буд:

*Яктост Худо, яке Худои ман ҳам.*
*Шояд, ки варо бувад ризои ман ҳам.*
*Эй меҳри ғурубкарда, оё як шаб*
*Вопас бадар оӣ ба дуои ман ҳам.*

**Соли 1996**

## АЗ ХАЁЛ ТО ВИСОЛ[160]

*Аз садои сухани ишқ надидам хуштар,*
*Ёдгоре, ки дар ин гунбади даввор бимонд. –*

ин сухани Ҳофиз, монанди худи ишқ, айни ҳақиқат ва ҷовидонист. Ва ин сухани ишқ, агар самимонаву содиқона ва бо отифату шоирона гуфта шуда бошад, махсусан, дар шеър, болотар аз он сухане нахоҳад буд.

Зеботарин мавҷуди рӯи замин инсони ошиқ аст, агар ӯ набуд, зебоие дар рӯи замин набуд, вуҷуди ӯст, ки зиндагиро маъно медиҳад, чашмони ӯст, ки ҳамаро зебо мебинад ва дили ӯст, ки ба ҳама ишқ меварзад. Инсони ошиқ аст, ки зебоӣ офаридаасту онро азиз медорад. Инсон будан ошиқ будан аст. Ба ин маънӣ ривояти ҳикматноке ҳаст. Шайхе дар масҷид вазъ мегуфт. Рустоие даромад ва пурсид, ки оё хари ман ин ҷо нест? Шайх гуфт, ҳоло бибош, ва маъвизаи худро давом дод. Чун ба ҷое расид, ки аз мақоми ишқ дар ҳастии инсон сухан мегуфт, аз ҳозирин суол кард, ки оё дар байни шумо касе ҳаст, ки ошиқ нашуда бошад? Яке бархост, ки манам. Шайх ба рустоӣ гуфт, инак ин хари туст, бигиру бирав!

---

160 Сарсухани маҷмуаи ашъори ошиқона, ки дар нашриёти «Нигоҳ»-и Эрон бо номи «Афсонаҳои ошиқӣ» аз ашъори шоирони муосири тоҷик мураттаб шуда, соли 2014 ба табъ расидааст.

Ишқ дар назари аҳли дил ҳар навъе, ки бошад, хоҳ маҷозӣ, яъне ишқи табиии инсон ба инсон ва хоҳ намозӣ, яъне ишқи рӯҳонии инсон ба Худованд, аз инсон Инсон месозад ва ҳар қадаре, ки мавҷуди мабҳаси ишқ дар мақоми олитар бошад, ишқ ҳамон қадар олитар, сӯзандатару созандатар аст.

*Ишқ ҳақиқист, маҷозӣ магир,*
*Ин думи шерест, ба бозӣ магир.* –

мегӯяд Низомӣ, ки дар ҳар ду маврид, ҳам ба ишқи намозӣ дуруст асту ҳам ба ишқи маҷозӣ. Ин ҳар ду дар зоти худ яке ҳастанд, танҳо дар мартабат фарқ мекунанд, ки яке дигареро ба зинаи олитар мебарорад.

Ишқ ҷавониву пирӣ надорад. «Любви все возрасты покорны» (Ҳамаи синну сол чокари ишқанд) мегӯяд шоири шаҳири рус Александр Пушкин дар қарни XIX милодӣ, ки айни онро ҳафтсад сол қабл аз ӯ шайх Аттор гуфтааст:

*Ошиқиро чи ҷавон, чи пирмард,*
*Ишқ бар ҳар дил, ки зад, таъсир кард.*

Ишқ дар як замон ҳам ҷавониву камолот ва ҳам шукуфоии инсон аст. Ишқ ҷавониро ба камолот мерасонад ва камолотро ҳамеша ҷавону шукуфо нигоҳ медорад. Ашъори ошиқона ҳамин маъниро дар сурату намоҳои гуногун ба ҷилва оварда, ҷавонони ошиқро сӯйи камолот савқ медиҳад ва баркамолҳоро ба сӯйи ҷавонию шукуфоӣ.

Ашъори ошиқона… чун ба асли масъала биандешем, шеъре нест, ки агар асил бошад, ошиқона набошад. Зеро шеър худ ишқ аст, новобаста ба он ки дар чӣ мавзӯе гуфта мешавад, зеро омили асосие, ки ба гуфтани ин ё он шеър вомедорад, аз асароте сарчашма мегирад, ки ба ишқ бастагӣ дорад. Ва ҳатто, дар мавриде, ки муҳтавои шеър нафрин бошад ҳам, зеро дар ин ҳолат низ такони асосӣ аз муҳаббат аст, ки шоирро водор кардааст ба хотири гиромидошти муҳаббате, ки дар муқобили он нафрат қарор дорад, бо нафрин сухан гӯяд, то зимни он ишқро азизу мондагор маънӣ кунад. Ва ба замми ин ҳама гуфтани шеър худ тақозои ишқ аст, тақозои ишқи сухан, тақозои бо сухан офаридани зебоӣ, зеро ҳар асаре, ки ошиқонаву ҳунармандона офарида мешавад, дар зоти худ зебост.

Ман бо чунин андешаҳо ин маҷмӯаи ашъори «Афсонаҳои ошиқӣ»-ро, ки асосан аз навиштаҳои шуарои садаи бисти тоҷик мунтахаб шудааст, сафҳагардон мекунам. Фазои шеъри тоҷикӣ дар садаи бист нисбат ба фазои шеъри Эрон тафовутҳое дошт, ки бар асари дигаргун будани авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ин ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг, ки дар гузашта муштаракан як адабиёти ҷаҳоншумул офарида буданд, ба амал омада буд. Шеъри тоҷикӣ, монанди шеъри ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, асосан дар чаҳорчӯби дастурҳои реализми сусиёлистӣ эҷод мешуд, ки талабҳои худро дошт. Вале ҳар гуна талаби қаблӣ ба адабиёт ва хосса шеър, ки аз ҳассостарин навъи адабиёт аст, новобаста ба он ки чӣ ҳусну қубҳе дорад, ба зоти он мухолиф буда, маҳдуд ва камранг кардани он аст, ки, мутаассифона, дар баъзе маврид дар шеъри садаи бисти тоҷикӣ ҳам асари худро гузошта буд. Зеро меъёр ва улгуҳои адабӣ дар асоси таҷрибаи бадеӣ бояд муайян шаванд, на баръакс, ки адабиёт мутобиқи талабҳои қаблии онҳо эҷод гардад.

Ҳар асари адабиёт, хоҳ рубоӣ бошад, ки аз чаҳор мисраъ иборат аст ва хоҳ маснавӣ, монанди «Шоҳнома», ки аз шаст ҳазор байт мураттаб шудааст, бо қавонине эҷод мешавад, ки маҳз махсуси он асар аст. Нотакрорӣ яке аз сифатҳои ҳамешагии адабиёти асил аст. Шеъри

ғиноӣ, ки шеъри шеърҳост, ва махсусан, шеъри ғиноии ошиқона, ки шеъри шеъри ғиноист, аз ҳамин навъ аст, зеро дар он ҳама чиз тару тоза ва нотакрор бояд бошад, аз муҳтаво, таассурот ва ҳолати ғиноӣ то тарзи ифодаву баёни он. Ин маҷмӯаи ашъори ғиноии ошиқона низ ба андозае тибқи ҳамин гуна талабот мунтахаб шудааст.

Адабиёти садаи бисти тоҷик қабл аз истиқлоли Тоҷикистон адабиёти советии тоҷик ном дошт, ки аз устод Садриддин Айнӣ оғоз шудааст. Маҷмӯаи мазкур ҳам асосан аз рӯйи ҳамин даврабандӣ мураттаб гаштааст, ба ҷуз он ки пеш аз устод Айнӣ ғазале аз Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ки як қисмати охири умрро дар ин замон гузаронидааст, оварда шудааст.

Маълум аст, ки адабиёти садаи бисти тоҷик то замони эҷоди асарҳои устод Айнӣ, асосан ба сабки суннатии дар бисёр маврид кӯҳнаву муқаллидона иншо мешуд. Адабиёти нав ва махсусан, насри бадеӣ, ки аз назари муҳтаво, забону баён ва сабк тозагӣ дошт, аз устод Айнӣ шурӯъ шуд. Устод Айнӣ дар шеър ҳам ибтикороти тозае аз худ нишон дод. Ӯ аввалин бор дар шеъри форсии тоҷикӣ дар соли 1918 милодӣ дар шеъри «Суруди озодӣ» (ё «Марши ҳуррият») - и худ рукни баҳрҳои гуногуни арӯзро ба иқтизои мазмун ба ҳам омехта, онҳоро дарозу кӯтоҳ кард ва тартиби қофияро ҳам дар қолаби мураббаъ ба тарзи нав овард, ки ҳоло яке аз хасоиси шохиси шеъри нимоӣ маҳсуб мешавад. Аммо тозакории ӯ дар наср ба маротиб бештару муаассир буда, самти тозаи рушду нумуви насри нави тоҷикро дар садаи бист муайян намуд. Шеъри устод Айнӣ, аз ҷумла ошиқонаҳои ӯ ҳам, асосан дар сабк ва қолабҳои шеъри суннатии куҳан, бо андаке гароиш ба забони мардум эҷод шудаанд.

Дар нимаи аввали садаи бист ошиқонаҳои устод Абулқосим Лоҳутӣ, ки баъди ҳиҷраташ аз Эрон як муддат дар Тоҷикистон ба сар мебурд, аз лиҳози муҳтаво, ифодаи таассуроти ошиқона, маҳорат ва ҳунари шоирона дар дараҷаи баландтарин буданд, ки ӯ сазоворона саромади шеъри нави тоҷик шинохта шудааст. Аммо ӯ ҳам аз ҷабри мубаллиғони кӯтоҳандеши ба ном реализми сусиёлистӣ дар шеър эмин намонд. Масалан, яке аз таронаҳои ошиқонаи ӯ «Хуршеди ман», ки чунин байт дошт:

*Дур аз рухат сарои дард аст хонаи ман,*
*Хуршеди ман куҷоӣ? Сард аст хонаи ман. –*

мавриди интиқод қарор гирифта, шоир айбдор карда мешуд, ки ӯ чӣ тавр дар ин мулки хушбахти шӯроҳо «сард аст хонаи ман» ва «хуршеди ман куҷоӣ» мегӯяд ва боз аз ҳамин гуна эроду музахрафоти дигар… Аз ҳамин як мисол ҳам чигунагии сиёсати замон нисбат ба адабиёт сароҳатан падидор аст. Аммо, ба ҳар ҳол, шуарои тоҷик дар он замони носозгорӣ бо ашъори ошиқона, шеърҳое мегуфтанд, ки ин эҳсосоти наҷиби инсониро бо он воқеияте, ки дорад, баён кардааст. Дар баробари ин иқрор бояд кард, ки сурурру шодмонии ишқ бештар ва дарду ранҷаш камтар ба қалам оварда шудааст, зеро инсони шӯравӣ дар ишқ ҳам ҳамеша хушбахту шод бояд мебуд.

Шеъри ошиқона баъд аз устод Лоҳутӣ дар эҷодиёти Пайрав Сулаймонӣ бо шеваи нав, ки дар баъзе ҳолатҳо пайравӣ аз ҷараёнҳои тозаи шеъри русии замони аввали инқилоб дошт, ба гӯш мерасад. Ҳабиб Юсуфӣ ҳам аз зумраи шоирони навгаро буд, вале, мутаасифона, ҳар ду хеле ҷавон даргузаштанд, Пайрав аз бемориӣ, Юсуфӣ дар ҷанги меҳанӣ (солҳои 1941 - 1945 м.) қурбон шуд. Ошиқонаҳои Боқӣ Раҳимзода сабукболу парвозӣ буда, ҷо - ҷо оҳанги шӯхиомез ҳам доштанд, ки аз хислати худи шоир бармеомад.

Аксари шеърҳои Мирзо Турсунзода маҳсули ангезиши ҳиссиёт аз ягон воқеа, шайъ ва ё ҳолати рӯҳии ӯ буда, нуқтаи оғози муайян доранд. Аз ин рӯ, мутаносибии вазъи шахсияти

ғиноӣ бо воқеияте, ки ӯро фаро мегирад, на аз рӯи нақшаи пешакӣ, балки ҳар дафъа бо тарзи дигаре, бо нишон додани чигунагии ин муносибат ба даст меояд, ки аломати табиӣ ва ба тақозои ҳол гуфта шудани шеър мебошад. Шахсияти ғиноӣ дар ашъори ошиқонаи Мирзо Турсунзода иҷтимоан фаъол аст, ӯ ошиқи нозукхаёлест, ки аз ҷудоии маҳбуба маҳзун мешавад ва онро, ҳамчунонки дар шеъри «Ситора наздик» аст, бо лаҳни дилнишине бозгӯ мекунад. Дар ин шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ, ки розу ниёзи шахсияти ғиноӣ дар атрофи маҳбубаи монанди ситора дурахшон, валекин дур, мечархад, аносири олами ҳастӣ, аз ҷумла, кӯҳ, кулла, бом, маҳ, осмон, рӯд, кабк ҳузур доранд, ки ҳар яке аз ин ё он ҷиҳат барои шайъию мусаввар ва маҳсус баён намудани таассуроти ошиқонаи ғиноӣ истифода шудаанд.

Ин сифат дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ боз густардатар гашт. Дар шеъри ӯ ҷаҳони ҳастӣ ҳамеша дар баробари ҷаҳони рӯҳии ошиқона вуҷуд дорад, бинобар ин, ҷаҳони шахсияти ғиноии ошиқ ҳодисаву воқеа, азобу изтироб, шодиву хурсандӣ, хуллас, зуҳуроти мухталифи ҷаҳони берунаро низ фаро мегирад. Шеърҳои ошиқонаи Аминҷон Шукӯҳӣ, ки аз солҳои панҷоҳуми қарни гузашта ба табъ мерасиданд, дар матни умумии ашъори ғиноии ошиқонаи он солҳо ғайричашмдошт ба назар меомаданд, зеро аксари ошиқонаи он солҳо бештар тасаввурию хаёлпардозона буда, камтар заминаи воқеиву ашёвӣ доштанд.

Шеъри Мӯъмин Қаноат, аз ҷумла, ошиқонаҳояш ҳам, бо фазову муҳити муайян, бо тасвиркориву баёни ҳиссиётманди пурҳаяҷон ва асолати сабку забон суруда мешаванд. Ӯ дилбастаи хушоҳангии шеър, ҷиноси вожаҳо ва тасвирҳои зебост. Дар шеъри ӯ андешамандии ҳиссиётангез ва тасвиркории ашёвӣ хеле хуб ба ҳам корбаст шуда, дар онҳо ин ё он зуҳури табиат ва ё шайъ воситаи ифшои розу ниёзи шахсияти ғиноии шеър қарор мегирад. Баъзан андешаҳои отифии шахсияти шеър ба воситаи намодҳое баён карда мешаванд, ки дар саросари шеър ҳузур доранд. Дар натиҷа ҳиссиёт, таассуроту андешаҳои отифӣ на фақат ба тариқи баёнӣ зикр, балки бештар ба воситаи рамзу маҷоз ва ташбеҳу истиораҳо маҳсус, бо назокату зебоӣ ва шиддату тазодаш тасвиру ифода мегарданд.

Шеъри Кутбӣ Киром бо эҳсосоти ошиқонаи гарму сӯзон, тасвирҳои пуробу ранг, баёни пурпару бол ва муболиғаву иғроқҳояш мутамайиз мебошад. Дар шеъри ӯ эҳсосоту таассуроти ошиқона ҳам суварнигорона ва ҳам гоҳе баёнӣ ба қалам меояд, аммо бо самимияти амиқ ва ҳиссиёти баландаш ба дил менишинад.

Лоиқ Шералӣ шоирест, ки дар шеъри садаи бисти тоҷик бештар аз ҳама ашъори ишқӣ сурудааст ва табиист, ки онҳо гуногунтарин андешаву эҳсосот ва лаҳазоти ошиқонаро фаро гирифтаанд. Дар онҳо шодиву сармастиҳо ва ҳам андӯҳу дилшикастагиҳои ошиқона бо самимият, муассир, бо тасвири собит ва ё сайёр, ташбеҳу тавсиф ва монанди ин орояҳои бадеъ ифода мешаванд. Шеъри ӯ аз назари истифодаи захираи луғавии забон, вожаҳои тоза ва дастнахӯрда, санъатҳои бадеӣ, маҳорат ва сабки баён мутамайиз мебошад. Лоиқ дар сурудани ашъори ошиқона баъзан аз «Девони Шамси Табрезӣ» - и Ҷалолуддини Балхӣ истиқбол карда, оламу одамро ба меъёри ишқ андозаву маърифат менамояд.

Эҳсосоти ошиқона дар шеъри Бозор Собир муътадил ба қалам меояд, вай оромона, батаанни, изҳори муҳаббат карда, ба вазъи ошиқонаи худ аз муҳити атрофаш ҳамоҳангӣ меҷӯяд. Аз ин рӯ, дар шеъраш ҷузъиёти олами ашё, тасвиркорӣ бештар аз дигарон ба назар мерасад. Ошиқонаҳояш тару тоза ва нарму латифанд.

Доро Наҷот нахуст дар қолабҳои маъмулӣ шеър мегуфт, пасон шеъри нимоӣ ва ҳоло асосан шеъри сафед мегӯяд. Баъзе ошиқонаҳое, ки дар ин навъ гуфтааст, дар ниҳояти хубиянд, ки ҳиссиёту таассуроти ғиноии ишқиро бо маҷозу истиораҳои тоза ифода намудаанд. Дар

шеъри ӯ беш аз ҳама вожаҳои куҳан, ки аз истифода канор монда, тозагии худро нигоҳ доштаанд, аз нав ба шеър ворид карда мешаванд. Ӯ мубтакири таркибҳои тару тозаи бадеъ аст.

Фарзонаи Хуҷандӣ чеҳраи тобноки насли ҷавонтари шоирон аст, ки ба ин мунтахаб дохил шудааст. Шеъри ӯ, ва махсусан, ошиқонаҳояш, отифитарин шеъри муосири тоҷик аст. Эҳсосоти ошиқонаи ӯ саршори самимият ва меҳрубонист. Анвои гуногуни шеъри ғиноӣ бо махсусиятҳои зотии худ беш аз ҳама дар эҷодиёти Фарзона ба зуҳур омада, ӯро яке аз ғиноитарин шоирони муосир муаррифӣ менамояд. Шеъри ӯ дар ҳама қолабҳо, ҳам дар суннатӣ ҳамчун ғазалу рубоиву дубайтӣ ва ҳам дар шеъри наву сапед, дар ниҳояти хубӣ гуфта шуда, эҳсосоти ошиқонаро бо камоли назокат, покиву иффат ва пардадорӣ баён менамояд. Ишқ дар ашъори ӯ бештар хаёлпардозона, тасаввуриву осмонӣ ба зуҳур меояд, ки солҳои охир ҳавои маънавияти Мавлоноро дорад.

Ашъори Адибаи Хуҷандӣ, ки насли аз Фарзона ҳам ҷавонтарро муаррифӣ менамояд, аксаран дубӯъдӣ мебошад, ки сарчашмаи ҳиссиёту таассуроти ошиқонаро ҳам дар ҷаҳони воқеият ва ҳам дар олами хаёлот мебинад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам эҳсосоташ тозаву муассир аст.

Ин андешаи мухтасарест, ки муаллифи сарсухан аз ошноии собиқ бо эҷодиёти ин шоирон ва ҳоло аз мутолиаи ин мунтахаб дар дил дорад. Аммо ӯро як ҳиссиёти таассуфовари дигар раҳо намекунад, ки бо сабаби дар вазну қофия нуқсони гуногун доштан як силсила навиштаҳои ошиқонае, ки аз назари муҳтаво, шакл ва забону баён хубанд, ба ин мунтахаб дохил карда нашуданд. Аммо ин кор дуруст ҳам ҳаст, зеро дар ашъори шоирони Эрону Афғонистон, ки мо, тоҷикон бо эшон дар шеър ҳамзабону ҳамсуннат ҳастем, ин гуна нуқсон ҷой надоранд. Сабаби чунин нуқсони шеъри муосири тоҷик дар чист?

Маълум аст, ки қавонини вазни арӯзу қофия дар шеъри форсии тоҷикӣ бар хатти форсӣ гузошта шудааст. Аммо халқи тоҷик дар садаи бист маҷбур шуд, ки хатти худро ду дафъа дигар кунад, соли 1929 милодӣ аз хатти форсӣ ба лотинӣ ва соли 1940 аз лотинӣ ба сирилик гузарад. Алифбои сирилики тоҷикӣ бар форсӣ тафовути сахте дорад. Масалан, дар алифбои форсӣ се ҳарф аст, ки садои «с»-ро мерасонад – ص، س، ث, вале алифбои сирилик барои ин се ҳарф як ҳарфи «с» дорад. Калимаҳои нафас, қисас, абас дар форсӣ бо се ҳарфи гуногун, вале дар сирилики тоҷикӣ бо як ҳарфи «с» навишта мешаванд. Ҳамин тариқ, дар хатти форсӣ се ҳарфи «т» – ت، ط، ة дар сирилик як «т», дар хатти форсӣ чаҳор ҳарф – ز، ذ، ظ، ض садои «з»-ро расонанд, дар сирилик онҳо бо як ҳарфи «з» навишта мешаванд. Бинобар ин, шоироне, ки хатти форсиро аз бар накардаанд, калимаҳои бо ин ҳарфҳои гуногун тамомшавандаро, ки дар сирилик бо як ҳарф тамом мешаванд, ноогоҳона аз асли онҳо ба ҳам қофия мебанданд, ки дуруст нест. Вақте ки ин ашъор ба хатти форсӣ баргардон мешаванд, нуқс аён мегардад. Ҳашву сактаҳои қабеҳ дар вазни арӯз ҳам аз боиси ҳамин тафовути алифбои сирилики тоҷикӣ бар хатти форсӣ сар мезанад. Дар алифбои сирилик барои ифодаи се навъи «вов», ки дар форсӣ ҳаст, як ҳарфи «у» ва ҳарфи ی ва «зер», ки бо ҳаракат ифода мешавад, агар ин ҳарфҳо дар байни калима омада бошанд, як ҳарфи «и» мавҷуд аст. Дар натиҷа шоирони аз тарзи навишти форсии ин калимаҳо бехабар, масалан, калимаҳои бино – дидавар ва бино – иморатро, ки дар форсӣ навишти гуногун яке бо ی ва дигаре бидуни он, вале дар сирилики тоҷикӣ дар ҳар ду ҳолат бо як ҳарфи «и» навишта мешавад, барғалат ҳамвазн меоранд. Ё дар бисёр ҳолат ҳиҷоеро, ки бо ی (йот) тамом мешавад, кӯтоҳ меоранд. Дар ин мунтахаб дар се маврид дар шеъри Лоиқ Шералӣ дар мисраъҳои «Ҷавонӣ бенишон гузашт», «Дар ҷаҳони фонӣ як дам бефаноӣ доштӣ», «Ту қадри шеър агар донӣ, хуб мефаҳмӣ», ҳамин гуна заҳф, сакта дар истифодаи калимаҳои «ҷавонӣ», «фонӣ», «донӣ», ки ҳиҷои охир ба ҷойи ҳиҷои кӯтоҳ омадааст, дида мешавад. Ё дар шеъри «Ишқнома»-и Гулрухсор Сафиева дар мисраи «шайтону эзиди манӣ» ҳиҷои дуюми

калимаи эзиди, ки кӯтоҳ мебошад, бо кашиши нораво ба ҷойи ҳиҷои дароз оварда шудааст. Ё, масалан, калимаҳои ҳофиз-ро бо чиз, худ-ро бо суд қофия мекунанд, ки на аз ҷиҳати вазн дуруст асту на аз ҷиҳати қофия. Мутаассифона, инҳирофоти дигари вазнӣ ҳам дар шеъри шоирони муосири тоҷик ба назар мерасад, ки ин, аввалан, натиҷаи таълими дуруст ва амиқ надоштани ин фанҳо дар донишгоҳҳо ва, сонияն, худомӯзӣ накардани шоирон мебошад. Агар ин нуқсон набуд, виростор имкони фарохтари интихоб дошт ва ин маҷмӯаи ашъори ошиқона нисбат ба он ки ҳаст, хеле пурмуҳтавову сармоядортар аз чоп дармеомад.

Аммо ба ҳар ҳол, мо дар даст маҷмӯаи ашъори ошиқонаро дорем, ки дар он ҷаҳони розу ниёз, сӯзу соз, талхии фироқу ширинии висол, сарафрозию сарафкандагии инсони ошиқ, ки мавриди муҳаббати ӯ аз инсони заминӣ то Офаридгори оламҳоро фаро мегирад, ба тасвир омадааст. Ин ҷаҳон гоҳе хаёливу гоҳе воқеист, ки шоирон ҳам дар он гоҳ бо маъшуқи хаёливу гоҳ бо маъшуқи воқеӣ ишқ меварзанд, ки дар ҳар ду ҳолат ҳам зебову муаассир аст, зеро аз хаёл то воқеият ва аз воқеият то хаёл дар олами ишқ як қадам роҳ аст ва хаёл аст, ки шоирро ба висол мерасонад ва висол аст, ки ӯро ба хаёл мебарад.

## МАСЪАЛА{ОИ АДАБИЁТ<br>МАСЪАЛА{ОИ ТАНRИДАНД*[161]

Дар чанд соли охир он ҳарфи бисёр маъмул, ки доимо аз минбарҳо садо медод, яъне дар мо танқид нест, дигар ба гӯш намерасад. Ин аломати шинохтан ва эътирофи танқид аст. Бешубҳа, он ибора дар вақташ ҳам на ба маънои танқид тамоман нест, балки суст аст, истифода мешуд.

Дар ин чиз, ба фикри мо, мартабаи танқидро баланд шинохтан, ҷиддияти тамоми онро дарк кардан барин як маъно ҳаст, чунки бо сустии жанрҳои дигар муросо карда шавад, сустии танқид ҳаргиз қобили муросо нест, чунки масъулияти он дар назди ҷамъият ва адабиёт бисёр бузург аст.

Хонандагон мунтазир мешаванд, ки баҳои танқидро ба ин ё он асар бидонанд. Ва зимнан бояд гуфт, ки муаллифони асарҳо ҳам ба ақидаи танқид беалоқа нестанд, чунки танқид аксаран ва асосан нисбат ба асар афкори ҷамъиятиро ба вуҷуд меоварад ва мавқеи онро дар ҷараёни адабӣ муайян менамояд. Ба ибораи дигар, ҳоло маъруфияти асар дар байни хонандагон аз баҳои мунаққид сахт вобастааст.

Ҳаёт, чунонки ба адабиёт вазифаҳои муҳимтарини ҳалталабро медиҳад, аз танқиди адабию бадеӣ ҳам ҳалли он гуна масъалаҳоро тақозо мекунад. Дар ин солҳо хеҷ асари шоистаи таваҷҷуҳ, асаре ки масъалаҳои муҳими рӯзгори моро бардошта, ба ҳаёт фаъолона мудохила карда, дар ҳаёти адабии мо ҳодисаи гуворое шуда бошад, аз назари танқид дур намондааст. Танқид ба ҳамаи онҳо фақат каме зудтар ва ё дертар баҳои сазовор дода, мавқеи онҳоро дар ҷараёни адабӣ асосан муайян намудааст.

Танқиди адабӣ ба масъалаҳое дахл кард, ки таҳқиқи онҳо дар адабиёти замонӣ аҳамияти дараҷаи аввал доштанд. Онҳо тасвири симои ҳамзамонон, фаъолиятмандии қаҳрамон ва

[161]* Ин маърӯзаи муаллиф дар анҷуманиVIII .Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (9-10 IV. 1981) мебошад.

мавқеи нависанда, имконоти реализм, ҷустуҷӯи маънавию ахлоқӣ дар шеър, инкишофи ҳуҷҷатписандӣ дар адабиёт барин масъалаҳое буданд, ки ҷиҳатҳои минбаъдаи инкишофи адабиётро дар бар мегирифтанд.

Асарҳои солҳои охири мунаққидон ва адабиётшиносон М. Шукуров, Р. Амонов, А. Сайфуллоев, Р. Ҳодизода, С. Табаров, Л. Демидчик, М. Муллоҷонов, Ҳ. Шодиқулов, Ҷ. Бақозода, А. Сатторов, ки ба ин масъалаҳо бахшида шуда буданд, хусусиятҳои асосии ҷараёни адабиро муайян карданд. Дар мақолаҳои онҳо аҳамияти ғоявӣ, хусусияти бадеӣ, мазмуну мундариҷаи асарҳо дар пайвастагӣ бо адабиёти муосир ба тадқиқ меомад.

Дар солҳои охир мақолаю тақризҳои як гурӯҳ мунаққидони тоҷик дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои «Литературная газета», «Дружба народов», «Вопросы литературы», «Литературное обозрение» ба табъ расиданд, ки масъалаҳои адабиёти замонии тоҷикро бо ҳамбастагии адабиёти халқҳои дигар тадқиқ мекарданд. Ин аломати баланд шудани савияи асарҳои танқидист. Акнун ба он муваффақ шудан зарур аст, ки асарҳои танқидии мо дар нашриётҳои умумииттифоқӣ ба шакли китобҳои алоҳида чоп шаванд.

Адабиёт дар солҳои охир ба мавзӯи замони ҳозира бештар майл мекунад. Кӯшиши он барои офаридани симои қаҳрамони ҳамзамон ва тасвири масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ фаъолтар мешавад. Аз деҳқонон ба вуҷуд омадани синфи коргар, ба пахтакори номӣ мубаддал шудани мардуми кӯҳнишин, аз хонашинӣ то пешоҳангии ҷомеа расидани занон, аз ҷумлаи ҳодисаҳои муҳими зиндагӣ буданд.

Ин ҷараён ва боз баъзеи дигар ҳамин гуна ҷараёнҳо ҳоло давом доранд, дар давраи инкишоф ва ташаккул мебошанд ва табиист, қисмати мардуме, ки онҳоро ин ҷараён фаро гирифтааст, ба монанди худи ҷараён ба охирин нуктаи ташаккул нарасидааст. Аз ин рӯ, хулосаҳои пешакии тайёр ҳам нестанд. Дар ин маврид, ки адабиёт бо ҳодисаи дар ҷараён сари кор дорад, вай бештар ба таассуроти зинда, дарки эмотсионалии зиндагӣ такя мекунад ва аз эҳсосоти қолабӣ мегурезад. Дар ин маврид танқид, ки барои он ҳам ин ҷараёнҳо наванд ва он ба тақдири одам чӣ гуна асар гузоштани онҳоро дар адабиёту дар ҳаёт дар муқоиса месанҷад, бо адабиёт мубоҳисакунон хулосаҳои худро мебарорад.

Аз ин ҷиҳат мақолаҳое, ки аз фаъолиятмандии иҷтимоии қаҳрамон, таносуби амалиёт ва андеша дар симои ҳамзамонон, консепсияи инсон барин проблемаҳо баҳс карданд, маҳз ба он масъалаҳо мудохила доштанд, ки адабиёт ба онҳо ҷавоби тайёре надошт. Дар ин ҳолат ҳақиқат дар мубоҳисаи адабиёту танқид аён мешуд. Ва бисёр хуб аст, ки танқид дар он ҳолат худро ба сифати мураббии аз ҳама чиз огоҳ вонамуд насохта, худдонамоии нобарҷо накарда, дар тадқиқи онҳо баробари адабиёт фикру андеша мекард.

Мубоҳисае, ки дар атрофи масъалаи қаҳрамони замон ва инкишофи наср дар Москва дар шӯрои адабиёти тоҷик шуда гузашт, дар мисоли таҳлили эҷодиёти се нависандаи сабку услубашон гуногун – Юсуф Акобиров, Сорбон ва Саттор Турсун нишон дод, ки як мақсади эҷодӣ – тасвири қаҳрамони фаъолиятманд бо чӣ роҳҳои гуногун амалӣ шуданаш мумкин аст. Ҳар яки ин нависандаҳо ба ин масъалаҳо ҷавобҳои худро доштанд, ки аз муҳити муайян ва ҳодисаҳои ба тасвир гирифтаашон бармеояд. Танқид мақсад ва услуби эҷодии ҳар муаллифро ба инобат мегирифт, дар эҷоди образи инсони фаъол то чӣ андоза муваффақ шудани онҳоро муайян менамуд.

Доираи тасвири адабиёт ҳар қадар васеъ бошад, чашмандози танқид ҳамон қадар фарох мешавад. Адабиёт ҳоло мавзӯъҳои таърихиро ба хизмати имрӯз мекашад, ки танқид ҳам ба тадқиқи масъалаи таърихӣ ва замонии адабиёт таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Дар танқиди адабиётҳои дигар ба ин масъала ақидаҳои гуногун изҳор мешаванд, ки танқиди мо ҳам истисно

нест. Баъзан моҳияти замонии адабиётро фақат дар тасвири мавзӯи рӯз, офаридани симои ҳамзамонон ва ё таърихи начандон дур мебинанд. Мавзӯи рӯз барои офаридани асарҳое, ки саҳми ҳамзамононро дар таърихи имрӯзаи мамлакат нишон диҳад, меҳнат, мубориза ва орзую ниятҳои онҳоро таҷассум кунад, аҳамият ва имконоти бузурге дорад. Шубҳа нест, ки инкишофи адабиёти реалистӣ маҳз бо ҳамин роҳ давом хоҳад кард.

Аммо фаромӯш набояд кард, ки на фақат инсон, балки ҷамъияти инсонӣ ҳам танҳо бо имрӯз зинда нест. Вай ба гузаштаи худ алоқаҳои аёну ноаён, вале бисёр мустаҳкам дорад. Ҷаҳони маънавии инсони муосир бисёр фарох ва амиқ аст, дар паҳнои уфуқи он на яку ду аср, балки чандин асрҳо гунҷоиш меёбанд. Аз ин ҷиҳат, ҳамаи он чизе, ки ҷаҳони маънавии инсони замони моро фароҳам меоварад, дар доираи мубодилаи маънавии он мебошад, аҳамияти замонӣ пайдо мекунад.

Моҳияти замонӣ доштани мавзӯъҳои таърихро ошкор кардан ҳар қадар муҳим бошад, таърихро бетаҳриф ба он муносибати таърихӣ карда, ба тасвир гирифтан аз он ҳам муҳимтар аст. Усули таърихияти адабиёти реалистӣ на фақат дар он аст, ки ҷузъиёт, маишати давраи таърих, ки ба тасвир меояд, пурра ва содиқона ба қалам кашида шавад,  он талаб дорад, ки бо нишон додани дигаршавии иҷтимоии воқеият пеш аз ҳама ҳаракати пешравандаи ҷамъият, такомули инсон дар маркази тасвир қарор ёбад.

Ин дурнамои инкишофи ҷамъият ва инсон дар асарҳои ба таърихи куҳан ва навин бахшидаи адибони тоҷик Мирсаид Миршакар, Мӯъмин Қаноат, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ, Юсуф Акобиров, Муҳиддин Хоҷаев ва дигарон равшан ва ба тарзҳои гуногун ба қалам кашида шудааст. Дар асарҳои онҳо, ки ин дурнамо ҳамеша дар назар дошта мешавад, мушкилӣ, задухӯрдҳое, ки дар ин роҳ ба миён меоянд, симои қаҳрамонҳои онҳоро барои зафари ғояҳои олии инсоният равшан ва мукаммалтар зоҳир менамоянд.

Танқиди адабӣ масъалаи таърихиятро дар асарҳои солҳои охир асосан дуруст ба тадқиқ гирифт ва моҳияти онро, ки дар интихоб ва тасвири муҳимтарин воқеаҳои таърих, муносибати серҷиҳатаи онҳо аён мешавад, муайян намуд, вай нишон дод, ки дар ин кор мавқеи ғоявии муаллиф бисёр муҳим аст.

Дар ҳамин ҷо мехоҳам ду ақидаи нодурустеро, ки вақтҳои охир дар танқид ривоҷ мегирад, зикр кунам. Он дар танқиди шеър бештар зоҳир мешавад.

Яке аз онҳо моҳияти ашъори граждаиниро яктарафа маънидод кардани он мебошад. Баъзан чунин ба назар мерасад, ки мунаққидон шеърҳои манзара, ошиқона ва розҳои камаҳамияти худиро ба ҷумлаи ашъори шаҳрвандӣ медароранд ва мегӯянд, ки шеъри манзара касро ба табиат дилбанд кунад ва ё ҳиссиёти ошиқона касро фаро гирифта, ҳамдил созад, хизмати шаҳрвандӣ мекунад. Вале ин ба шеъри шаҳрвандӣ он қадар муносибат дорад, ки об бо равған.

Мубоҳисае, ки маҷаллаи «Садои Шарқ» (1975, №10) бо мақолаи А. Сатторов «Шеър ва зиндагӣ» оғоз карда буд, мебоист ба ин масъала диққати ҷиддӣ медод, аммо дар он ҳам ин оҳанг бисёр пасту хафиф буд.

Зиёда аз ин, дар худи мақолаи А. Сатторов моҳияти иҷтимоии шеър дар маҳорат ва бадият маънидод шуда, категорияи ғоявӣ ба категорияи эстетикӣ табдил гардидааст. Мо талаби мунаққидро барои маҳорат ва бадеияти шеър бо тамоми ҷону дил қабул дорем, аммо онҳоро чун хусусиятҳои асосии шеъри шаҳрвандӣ қаламдод карданаш ҳаргиз қобили қабул нест.

Рафтори нодуруст ба категорияи ғоявӣ касро зуд ба натиҷаи номатлуб мерасонад, чунонки ин ҳолат ба А. Сатторов дар мақолаи мазкур рух додааст. Масалан, муаллиф як рубоии шоири гузаштаро чун намунаи аъло оварда, навиштааст: «Рубоии зерин, ба назари мо, камоли ҳунар дар шеър аст. Таносуби комили лафзу маънӣ ва лаҳну оҳанг онро ба суруд, ба мусиқӣ бадал кардааст.

*Кай бошаду кай бошаду кай бошаду кай,*
*Ман бошаму вай бошаду ҳам косаи май.*
*Вай аз лаби ман нӯшаду ман аз лаби вай,*
*Вай маст зи май гардаду ман маст зи вай.*

Афсӯс, ки ин қабил рубоиву дубайтии зебою шево дар эҷодиёти бисёр шоирони муосир, ки ба гуфтани ин навъҳои шеърӣ майл доранд, ба назар намерасанд». («Садои Шарқ», 1975, №10, саҳ. 128). Ба назари мо, фирефтаи суханбозии маҳз шудани муаллиф чунон ба назар аён аст, ки шарҳу баён ҳам ҳоҷат надорад ва баръакс, бисёр ҳам хуб аст, агар ин гуна шеърҳо дар эҷодиёти шоирони мо ба назар нарасанд.

Дигар ҳолати ба ҳамин монанд дар тафсири «ман»-и лирикии шоир низ ба назар мерасад. Қисме аз мунаққидон дар ҳар «ман»-и шоир ғунҷоиши «манҳои» бисёреро мебинанд ва шоирро бовар мекунонанд, ки «ман»-и ту «ман»-и умумиҷаҳонӣ ва бисёр пурмазмун аст. Онҳо «ман»-и танҳои шоирро қариб объекти ягонаи тадқиқ қарор медиҳанд.

Дар натиҷа худҷӯиву манхониҳо ба дараҷаи ифрот расидааст, ки як зумра шоирон ба ҷуз худашон дигар касеро намебинанд. Онҳо ба ҷои он ки ба олами дигарон ғӯта хӯранд, танҳо ба худ фурӯ меравaнд ва аз ин сабаб ашъоре, ки симои мардуми дигарро ба тасвир гиранд, ками дар каманд. Мо дар ин ҷо ҳаргиз ба худ фурӯ рафтани шоирро манъ карданӣ нестем, аммо таъкид мекунем, ки ин кор он вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки шоир дар худ дигаронро ҳам ҷо дода бошад. Дигаронро фаро гирифтан он вақт муяссар мешавад, ки шоир ба қолаби онҳо дарояд, дилу ҷони онҳоро ҳис кунад.

Ин маҳдудиятро боз А. Сатторов, вале ин дафъа дуруст таъкид карда, дар яке аз мақолаҳои ба эҷоди ҷавонон бахшидааш, чунин менависад: «Гӯиё барояшон (шоирони ҷавон – А. Ҳ.) ҳеҷ гуна олами берунае вуҷуд надорад, фақат дар ғами маҳбубаи тасаввурии худ ва пойбанди фикру хаёлоти романтиконаи мағшуше ҳастанду бас. Мисли он ки онҳо дар як холигоҳе зиндагӣ доранду аз он ҳама муборизаҳои шадиди идеологие, ки дар байни ду сохти иҷтимоӣ, ду таълимоти ба ҳам зид меравад, аз он ҳама муборизаҳое, ки мардуми дунё барои истиқлолияти миллӣ ва ҳаёти нав бурда истодаанд, бехабаранд». («Садои Шарқ», 1979, №12, саҳ. 115). А. Сатторов шеъри чандсолаи ҷавононро, ки дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба табъ расидааст, таҳлил карда, ба чунин хулоса омадааст. Агар шеъри рӯзнома, ки бояд шеъри зафарҳо ва корномаҳо бошад, чунин аст, пас аз нашрияҳои дигар чӣ гила? Танқид шоиронро ба вусъати чашмандоз ва эҳсосот бояд ташвиқ кунад ва барои ғӯта хӯрдан ба олами дигарон – офарандагони сарватҳои моддию маънавии ҷамъият ҳаракат диҳад. Ин вазифаи бечунучаро ва шаҳрвандии танқид аст.

Мубоҳисае, ки рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» дар атрофи мақолаи Атахон Сайфуллоев «Ба дараҷаи вазифаҳои баланд» ташкил кард ва дар он аксари мунаққидони номӣ иштирок доштанд, барои фаъолии эҳтиросоти шаҳрвандӣ ва мавқеи ғоявии мунаққид сурат гирифта буд. Умед аст, ки он натиҷаҳои дилхоҳ хоҳад дод. Аммо дар ин мубоҳиса, чунонки дар бисёр баҳсҳои мо мешавад, баъзеҳо ба ҷои он ки оид ба масъалаи баҳс ақида кунанд, ба ҷустани ноқисиҳои мақолаҳои дигарон машғул шуда, ба баррасии масъалаи асосӣ мададе накарданд.

Адабиёти бадеӣ ва махсусан, насри солҳои охир ба ҳуҷҷатписандӣ рӯ овард. Ба фикри мо, яке аз сабабҳои ин тамоюл дар ин аст: ҷамъияти мо шахсонеро ба камол расонд, ки муҳимтарин хусусиятҳои замонро дар худ муҷассам сохта, дар дигарсозиҳои таърихӣ ҳисса гузошта, худро ба шахсиятҳои комил мубаддал карданд, ки таърихи ҳаёт ва фаъолияти онҳо мавриди тадқиқи адабиёт шуда метавонад. Ин гуна инсон муваффақияти ҳаққонӣ ва бебаҳси ҷамъиятӣ мебошад. Танқид ҳам сари вақт ба таҳлили тамоюли ҳуҷҷтписандӣ машғул шуда, вобаста ба ҳар асар имконоти жанрӣ ва мундариҷавии онро нишон дода, мавқеи онро дар тадқиқи воқеияти давраҳои таърихӣ ва махсусан, замони нав санҷид. Истифодаи ҳуҷҷатписандӣ дар адабиёт ва тадқиқи он дар танқид давом меёбад.

Сатҳи танқиди ҷорӣ аз савияи асарҳои илмию назарӣ сахт вобаста аст. Бинобар он, дар солҳои охир ба масъалаҳои илмию назарӣ машғул шудани адабиётшиносон сабаби болоравии он шуд. Таносуби реализм ва романтизм, инкишофи реализм ва хусусиятҳои тоза пайдо кардани он, халқият, анъана ва навоварӣ аз масъалаҳое буданд, ки мавриди таваҷҷуҳ ва тадқиқи олимон ва мунаққидони мо гаштанд.

Маҷмӯаи мақолаҳои М. Шукуров «Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ» маҳсули хуби ба ҳам омехтани назари амиқи адабиётшиносӣ ва фикри танқидист.

Ба чоп расидани ду ҷилди «Таърихи адабиёти советии тоҷик» (ҷилди 2, «Насри солҳои сиюм» - муаллиф Лариса Демидчик ва ҷилди 4 «Насри баъди ҷанг то соли 1974» - муаллифаш Муҳаммадҷон Шукуров) барои амиқтар ва ҳаматарафа таҳлил кардани ҷараёни адабиёти муосир кӯмак менамояд.

Дар ҷилди дуюми таърих ташаккули инкишофи насри нави реалистии тоҷик, ҷараёни адабӣ, тағйир ёфтани ғояву мундариҷа, дигаршавии жанрию услубӣ ва воситаҳои тасвир ба тадқиқ омадааст. Дар ҷилди чорум инкишофи жанрҳои ҷудогона, эволютсияи сифатии таркиб ва сохти навъҳои адабӣ, пайдоиши шаклҳои нав, амиқ рафтани диди реалистии нависандагон ва омезиши анъанаҳои романтикии адабиёти классикӣ бо реализми сирф барин масъалаҳои муҳим таҳлил шудаанд. Муаллифони ҳар ду ҷилди таърих - Муҳаммадҷон Шукуров ва Лариса Демидчик вазъияти насри тоҷикро вобаста бо ҷараёни адабиёти умумииттифоқ таҳқиқ кардаанд.

Аммо дар нашри таърихи адабиёт аҷобате ба назар мерасад. Ҷилди якуми ин таърих қариб 15 сол боз дасти ба даст мегардаду ҳеҷ не ки ба чоп расад. Маълум мешавад, ки ба мо ҳам барои соҳиби ин таърих шудан сабру тоқати таърихӣ зарур аст.

Дар ин ҷо монографияҳоеро, ки ба шарафи 100-солагии устод Айнӣ навишта шуда, ба қаламми М. Шукуров «Садриддин Айнӣ», А. Сайфуллоев «Мактаби Айнӣ» тааллуқ доштанд ва асари Раҳим Ҳошим ва Радий Фиш «Бо амри виҷдон» - ро зикр кардан зарур аст, ки дар онҳо манбаъҳои ҳаётию адабӣ, мактаби адабӣ, ташаккулу инкишофи насри реалистӣ, консепсияи қаҳрамон дар эҷодиёти Айнӣ бо назари тоза тадқиқ карда шудаанд.

Омӯзиши монографии эҷодиёти адибони ҷудогона аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар онҳо саҳми адибон дар инкишофи ин ё он навъҳои адабӣ, баланд бардоштани тафаккури бадеӣ ва мақоми асарҳое, ки баъзан дар вақташ ба таври бояду шояд муайян нашуда буд, дақиқ карда шавад. Танқиди мо дар ин соҳа аз адабиёт қарздор аст. Вай мунтазири мешавад, кай адиб ба ҳафтод ё ҳаштод дарояд, ки ба муносибати ҷашнаш саросемавор ягон асар нависад. Ва ҳол он ки тадқиқотро фақат ба муносибати ҷашн навиштан шарт нест ва дар бораи онҳое, ки эҷодиёташон ба асарҳои алоҳида меарзад, асарҳо навиштан зарур аст. Мо то ҳол дар бораи М. Қаноат, Ф. Ниёзӣ, Ф. Муҳаммадиев, Лоиқ барин адибон рисолаҳои таҳқиқотӣ надорем. Ин

гуна рисолаҳо ба амиқтар фаҳмидани хусусиятҳои ҷараёни адабӣ хизмат мекунанд, чунки ҷараёни адабӣ аз пайванди эҷодиёти адибони ҷудогона ба ҳам меояд.

Силсилаи тадқиқоте, ки китобхонаи назарияи адабиёт нашр кард, аз ҷумла, асарҳои Холиқ Мирзозода, Атохон Сайфуллоев, Муҳаммадҷон Шукуров ва Ҳамроқул Шодиқулов, Юсуф Акбаров, Субҳон Давронов дар омӯзиши масъалаҳои назарӣ ба ҳамбастагии адабиёти имрӯза хизмат карданд. Навиштан ва нашри чунин силсиларо давом додан даркор аст.

Дар вақташ ҳамин гуна силсилаи «Китобхонаи мунаққид» ҳам дар назар дошта шуда буд, ки, мутаассифона, то имрӯз аз он ягон китоб ба чоп нарасидааст. Нашри чунин силсила бисёр зарур мебошад, вай такони бақуввате дар пешравии танқид хоҳад шуд.

Асарҳои дастаҷамъии аз таърихи адабиёт эҷодшуда, ба монанди ду ҷилди «Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI» ва «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV» ва асарҳое, ки ба қалами муҳаққиқони алоҳида мансуб буда, аз давраҳои таърихи адабиёт ва симоҳои барҷастаи он баҳс мекунанд, барои танқиди ҷорӣ ҳам муҳиманд. Онҳо масъалаҳои гуманизм, хусусиятҳои реалистӣ ва романтикӣ, эволютсияи ҷараёнҳо, тағйироти шаклу услуб ва жанрҳоро тадқиқ мекунанд, ки танқиди ҷорӣ ҳам аз онҳо огоҳии комил доштанаш зарур мебошад.

Дар замони нав робита, таъсири мутақобилаи адабиётҳо афзуд. Ҳоло дар инкишофи адабиёти халқҳои гуногун, ҷараёнҳои баҳаммонанди ғоявию бадеӣ ба назар мерасад, ки аз назари танқиди мо ҳам дур нест. Дар беҳтарин асарҳои танқидӣ таҷрибаи ин адабиётҳо ҳамеша зимни тадқиқ ҷой дорад, ки ин ягонагиро муайян менамояд. Акнун таҳлили типологии он ҳам сар шудааст, ки дар асарҳои А. Сайфуллоев ба назар мерасад.

Ҳоло барои аз назари зебоишинхтӣ омӯхтани адабиёт низ кӯшишҳо карда мешаванд. Рисолаи Фирӯза Турсунзода «Анъанаҳои адабӣ ва прогресси санъат» маҳсули ҳамин гуна иқдом аст.

Робитаи адабиёти тоҷик бо адабиётҳои форсизабон ҳамеша қавӣ буд. Ҳоло ҳамбастагии маданию маънавӣ ва адабию бадеӣ бо кишвари Афғонистон пурзӯртар мешавад. Акнун олимону мунаққидони мо на фақат бо омӯзиши адабиёти муштараки классик, балки дар таҳлилу тадқиқи адабиёти замонӣ бояд бо ҳамдастӣ кор кунанд. Ин ба манфиати ҳар ду адабиёт ва танқиди адабӣ хоҳад буд.

Танқиду адабиётшиносӣ дар солҳои охир махсусан, барои демократизми шакл мекӯшад, яъне жанру воситаҳоеро ҷустуҷӯ мекунад, ки барои оммафаҳм шудан ва доираи васеи хонандагонро фаро гирифтанаш ёрӣ расонад. Ин иқдоми хуб аст. Вай барои расидан ба ин мақсад аз жанрҳои гуногун чеҳраи эҷодӣ, мубоҳиса, муколама, мизи мудаввар бештар истифода мекунад. Дар ин кор хизмати рӯзномаҳо, телевизиону радио ва махсусан, маҷаллаи «Садои Шарқ» калон аст.

Ҳоло ба мунаққидон зарур аст, ки ин соҳаи фаъолиятро боз ҳам васеъ ва пуртаъсир кунанд. Онҳо аз рӯи талаботи рӯзномаҳо ва телевизиону радио, ки завқу фаҳмиши доираи бузурги оммаро ба назар мегиранд, мақолаҳо нависанд, мулоқотҳо кунанд, масъалаҳои мураккабро ба содагӣ баён карда, нуфузи танқидро биафзоянд. Албатта, хусусияти мақолаҳое, ки ба воситаи рӯзнома ва телевизиону радио нашр мешаванд, аз нашрияҳои илмӣ ва матбуоти соҳавӣ фарқ мекунад, ки онро мунаққидон бояд ба инобат гиранд. Идораҳои рӯзномаҳо ва телевизиону радио низ ба кори худ мунаққидонро ҳар чӣ бештар ҷалб карда, роҳҳои тоза ба тоза ва маҳсулноки истифодаи онҳоро ҷустуҷӯ карданашон зарур аст. Ин кор, ба назари мо, дар рӯзномаҳо ва телевизиону радио рӯ ва беҳбудӣ овардааст.

Маҷаллаи «Садои Шарқ» дар бораи вазъияти назму насри панҷсолаи охир мизи мудавваре ороста, ба он дар қатори мунаққидон шоиру нависандагонро низ ҷалб кард. Суҳбати хубе барпо шуд, ки асоси илмию танқидияш мустаҳкам ва тарзи ифодааш оммафаҳм буд. Вай ин корро дар атрофи асарҳои алоҳида ҳам мекунад. Ба ин восита дар танқид шоиру нависандагон ҳам ширкат меварзанд, ки ин кори бисёр зарурист. Назари хос ва тозаи онҳо ба адабиёт барои муайян кардани хусусиятҳои эҷодиёт, усулҳои эстетикии онҳо ва рафиқони ҳамқаламашон аҳамияти махсус дорад.

Вобаста ба ҳамон мизи мудаввари маҷаллаи «Садои Шарқ» масъалаи забон ва услуби асарҳои бадеиро махсус таъкид кардан зарур аст. Дар он суҳбат услубшинос Раззоқ Ғаффоров ба он таваҷҷуҳи танқидро ҷалб карда, мулоҳизаҳои манфиатнок гуфт. Вай дар ин бора тадқиқоте ҳам бо номи «Нависанда ва забон» нашр кунонд.

Аҳамияти дурустии забон ва услуби асари бадеиро таъкид кардан чизи барзиёдист. Онҳо дуруст набошанд, асари бадеӣ ҳам нест. Аммо танқид вақтҳои охир ба ин масъала бисёр сатҳӣ назар мекунад ва дар натиҷа дар адабиёт махлутии забону услуб бештар мешавад. Мо бояд бо забону услуб ҳамчуноне муносибат кунем, ки асосгузорони адабиёти замони нав Алексей Максимович Горкий ва Садриддин Айнӣ таълим медоданд.

Танқид барои он ки аз забону услуби адабиёти бадеӣ сухан ба миён оварад, аввал худ намунаи хуби онро бояд дошта бошад. Мутаассифона, аксари асарҳои мо бо забони хароб, услуби нохуш, такрору дилбазан навишта шудаанд. Баъзан мунаққид ба забону услуби асар нукта мегирад, вале дар мақолаи худаш як олам хатоҳои забонию услубӣ, вайронии таносуб ва мантиқи сухан ба назар мерасад. Албатта, аз чунин носеҳи ғайримутасаннеҳ (таъбири Муҳаммадҷон Раҳимӣ), яъне насиҳатгари насиҳатношунида манфиат нест ва баъзан, ба назари мо, беэътиноие, ки аз тарафи шоиру нависандагон ба мақолаҳои танқидӣ зоҳир мешавад, дар ҳамин паст будани маданияти сухани асарҳои танқидист.

Масалан, дар яке аз мақолаҳо мехонем: «Забон ва тарзи баёни Саттор Турсун ва Ӯрун Кӯҳзод нисбатан пурфасоҳат ва равон аст. Онҳо ҳам аз забони адабӣ ва ҳам забони халқ калимаҳоро эҳтиёткорона интихоб намуда истифода мебаранд. Бинобар ин забони асарҳояшон як андоза пуртаровват аст...Дар қиссаҳои Кӯҳзод, Сорбон ва Баҳром Фирӯз баъзан аз лиҳози композисия номавзунӣ, беалоқамандӣ ҳис мешавад». (Садои Шарқ», 1979, № 2, саҳ. 130). Акнун ба халалҳои мантиқию услубии сухан таваҷҷуҳ кунед: нисбатан пурфасоҳат дурусташ нисбатан фасоҳатнок, пурфасоҳат нисбатанро истисно мекунад; онҳо ҳам аз забони адабӣ ва ҳам забони халқ калимаҳоро эҳтиёткорона интихоб намуда истифода мебаранд – ин ба монанди он аст, ки бигӯем: ин нависанда бо забони адабӣ асар менависад, охир, нависанда ба забони адабӣ навишта бо кадом забон менависад? Боз як андоза пуртаровват – як андоза пурро истисно мекунад ва хулоса, дар он ҷумлаҳо боз ду се нуқси услубӣ ҳаст.

Ин мисолро мо аз мақолаи дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда, ки дар дурустии забону услуб яке аз беҳтарин нашрияҳост, иқтибос кардем. Дар нашрияҳои дигар ин гуна харобкориҳо пуропуранд. Муаллифи ин мақола мунаққиди ҷавон Саид Саъдизода аст. Ӯ фикрҳои ҷолиб, мушоҳидаҳои амиқ дорад. Ҳоло мо ӯро танқид карда, боз хуб медонем, ки яке аз душвортарин корҳои мо тарбияи мунаққидони ҷавон аст.

Одатан, онҳо бо роҳи аспирантура тайёр карда мешаванд, ки дуруст аст. Зеро дар давоми таҳсил онҳо имкон меёбанд, ки методология, назария, таърих ва умуман маводи фаровони адабиро омӯзанд, савияи зарурии илмӣ, танқидӣ ва адабӣ ҳосил кунанд, ки бе он мунаққид шудан ҳеҷ мумкин нест. Бинобар ин, ҷавонтарин мунаққидони мо 30-40 сола ҳастанд. Фикр мекунем, ки ин ҳолатро мактабҳои олӣ, институти забон ва адабиёт бо ҳамдастии Иттифоқи

нависандагон бартараф карда, синни мунаққидони ҷавонро ҳеҷ набошад 5 - 10 сол ҷавонтар ва сафашонро бисёртар карданашон зарур аст.

Тақриз соҳаи камривоҷи танқиди мост. Ҳоло асарҳо тақриз нашуда намемонанд, аммо сифати онҳо беҳбудӣ мехоҳад. Аксари тақризҳо ба шакли қолабӣ ва обшуста навишта мешаванд ва табиист, ки махсусиятҳои асарро нишон дода наметавонанд. Муқарризон баъзан чунон ба таърифу тавсиф машғул мешаванд, ки дар байни шоири навқалам ва устоди сухан тафовут намемонад.

Тақриз шакли зудамали танқид аст. Вай бояд ҳаққонӣ ва дар заминаи илмӣ навишта шавад. Тақризҳои Худоӣ Шарифов, Абнунабӣ Сатторов, Абдухолиқ Набиев, Абдураҳмон Абдуманнонов, ки дар ин давра ба табъ расиданд, ҳамин гуна сифат доштанд.

Дар баъзе тақризҳо кӯшиши аз ҳисоби паст кардани аҳамияти бешакку шубҳаи як асар боло бардоштани асари дигар ҳис мешавад. Ин чиз дар тақризи ба «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» навиштаи Ю. Бобоев равшан ба зуҳур омадааст. Муаллиф менависад: «Пайравон ва шогирдони Айнӣ романҳои устодро нуктаи истинод дониста, онро идома ва инкишоф доданд... Икромӣ кӯшидааст мавзӯи романҳои Айниро аз ҷиҳати методологӣ қавитар, аз ҷиҳати материали санадҳо ботароваттар, аз ҷиҳати сохту низоъ мураккабтар ва аз ҷиҳати зебу зинати бадеӣ баркамолтар ба қалам оварад». («Садои Шарқ», 1977, № 12, саҳ. 139). Агар дар ин ҷумлаҳо аз носаҳеҳии ифодаҳое, ки ба монанди шогирдони Айнӣ романҳои устодро идома ва инкишоф доданд, Икромӣ кӯшидааст мавзӯи романҳои Айниро аз ҷиҳати методологӣ қавитар... ба қалам оварад ва дигарҳо қатъи назар кунем ҳам, бояд ба таъкид бигӯем, ки муаллиф, аввалан, дар ин ҷо муҳимтарин усули танқид-таърихиятро риоя намекунад, сониян, ин даъвоҳо исбот надоранд ва онҳоро исбот карда ҳам намешавад, зеро усули таърихияти танқид талаб дорад, ки ба ҳар асар вобаста ба муҳит ва замонаш баҳо дода шавад. Ба замми ҳамаи ин, агар хоҳед, мо ҳоло ба бузургии устод Айнӣ наздик нарасидаем, ҳол он ки аз он гузаштан, мо ҳоло зебу зинат, лафзу сухани устодро пурра фаро нагирифтаем, ҳол он ки аз ӯ баркамолтар сухан гуфтан.

Ба хизмати нависандаи барҷаста Ҷалол Икромӣ дар инкишофи анъанаҳои насри устод Айнӣ шубҳае нест, аммо онро дар он сифатҳои хосае, ки ӯ ба ин наср ворид кард, на бо роҳи паст кардани аҳамияти асарҳои Айнӣ нишон додан зарур аст.

Танқиди адабию бадеӣ дар ҳама гуна шаклу зуҳуроти худ ғояҳои мутараққиро дар адабиёт тарғиб карда, таваҷҷуҳи адабиётро ба масъалаҳои муҳими иҷтимоию ахлоқию маънавӣ равона месозад, барои ривоҷи услубҳои гуногун ва ҳаррангии адабиёт мекӯшад, тозаҷӯиҳоро дастгирӣ менамояд, ҷараёни асосии адабиётро муайян мекунад.

Танқиди адабию бадеии тоҷик дар давраи ҳисоботӣ дар намунаҳои беҳтаринаш ҳамин гуна вазифаҳои муҳимро иҷро кард.

**Соли 1981**

## ТАНКИД ВА ХАРАЁНИ АДАБВ*[162]

«Дар замонҳои қадим мепурсиданд: «Шумо адабиёт доред?» «Дорем». «Нақди адабӣ чӣ?» «Не». «Набошад, адабиёт надоштаед» – сухани худро бо чунин суханон сар карда буд яке аз

[162]*Маърӯза дар анҷумани 1Х Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, соли 1986.

иштирокчиёни конференсияи дар Москва барпогаштаи Ассосатсияи байналмилалии мунаққидон. Ин суханҳо масъалаи пайвастагии адабиёт ва танқидро бо як тезутундӣ ба миён мегузоранд ва аз ҳамин ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ ҳастанд.

Моҳияти танқиди адабии бадеӣ дар он аст, ки вай на танҳо вазифаи «шореҳи» адабиётро ба зимма дорад, зиёда аз ин вай барои ташаккули завқи эстетикӣ ва такомули тафаккури бадеии хонандагон хизмат мекунад. Бинобар ҳамин ҳам танқиди адабӣ ин вазифаро бояд чунон иҷро кунад, ки аз доираи мансубияташ ба адабиёту санъат берун набаромада, дар айни ҳол, заминаи илмии барҷою устувор дошта бошад. Ба ин маънӣ, танқиди адабӣ на фақат як ҳиссаи тавъамони адабиёт, балки як узви зарурии илм ҳам ҳаст.

Дар таърихи адабиёти миллатҳо танқиди адабии илмӣ доимо ба монанди адабиёт минбаре буд, ки аз он на фақат афкори пешбарандаи ҷамъият изҳор мешуд, балки вай худ дар кушодани моҳияти иҷтимоию сиёсии воқеаҳои давр аввалқадами раҳкушоён буд. Масалан, танқиди адабии рус дар асри XIX дар эҷодиёти Белинский, Чернишевский, Добролюбов маҳз ҳамин хусусиятҳоро дорад.

Танқиди адабии тоҷик, ҳарчанд дар гузаштаи худ ин гуна захираи бой ва заминаи мустаҳками реалистӣ надорад, вале бо вуҷуди ин, имрӯз дар қатори танқиди адабии дигар халқҳо бори гарон ва пуршарaферо мекашад: танқиди адабӣ ташаккул ва такомули ҷараёнҳои адабиро дар худ инъикос мекунад, назарияи худшиносии онҳоро собит менамояд. Ин гуна вазифа доштани танқид ҳанӯз аз гуфтаҳои Белинский маълум аст, ки навишта буд: «... ҳар як давраи адабиёти рус назарияи худшиносие дошт, ки дар танқид ифода мегардид».

Ҳар майлони адабие, ки зуҳур мекунад, танҳо аз ҳамон рӯз ҳамчун майлон шинохта мешавад, ки асосҳояш ба қадри имкон пурра сурат гирифта, роҳу равиш ва усули ифодаи бадеии воқеиятро барои худ муайян карда бошад. Дар ҷараёни умумии адабиёт нишон додани мавқеи ҳамин гуна майлонҳо, рушду камол ва ҳусну қубҳи онҳо аз вазифаҳои танқиди адабист.

Ба масъалаҳои марказии ҳозирзамон дахл кардани танқид аз вазифаҳои асосии ӯст. Вай асарҳои навро аз ҷиҳати ҳамоҳангиашон ба замони ҳозира таҳлил карда, бурду бохти онҳоро нишон медиҳад. Яъне асарҳое дар зери назари вай қарор мегиранд, ки ҳоло дар тафаккури хонандагон ва аҳли ҷамъият нанишастаанд ва масъулияти танқид, ки бояд ҳаками ин асарҳо бошад, боз ҳам афзуда, вай дар байни алоқаи сегона – ҳаёт – адабиёт ва хонанда ҳамчун узви муҳим қарор мегирад. Ҳарчанд ки нависанда имкон дорад бе ёрии танқид ҳам ба дили хонандагони худ роҳ ёбад, аммо мунаққид дар бораи асари бадеӣ сухан ронда, ҳам ба муаллифи он ва ҳам ба хонанда муроҷиат мекунад. Шояд хусусияти хос ва ҷиҳати мушкилтарини танқид ҳам дар ҳамин бошад, ки якбора ба ду хонандаи савияашон гуногун сари кор дорад. Вай ба асар баҳо дода, афкори пешқадами табақаҳои гуногуни ҷамъиятро баён мекунад.

Бешубҳа, ин гуфтаҳо чунин маънӣ надоранд, ки танқиди адабӣ танҳо бо асарҳои алоҳида ва нависандагони ҷудогона сари кор дорад ва ба таҳлили онҳо мекӯшаду бас. Ин, бешубҳа, маҳдуд кардани вазифа, имконият ва доираи таъсиру тадқиқи он мебуд.

Мавзӯи таҳлили танқиди адабӣ ҷараёни умумии адабиёт аст. Ҷараёни адабиёт алоҳида шакл нагирифтааст, балки барои ташаккулу такомули он омилҳои мураккаб ва бисёр муҳиме, аз қабили, шуури иҷтимоӣ, таҷрибаи эстетикӣ, таърих ва маданияти мавҷудаи ҳамон халқ аҳамияти калон доранд. Ҳангоми таҳлилу баҳодиҳии асар ба танқиди адабӣ лозим меояд, ки онро дар ҷараёни умумии адабиёт дида тавонад ва ин воситаҳои таркибии ҷараёни адабиро ҳам зимнан дар назар дошта бошад.

Ин гуфтаҳо моро ба сари таърихияти тафаккури мунаққид мерасонанд. Ин хусусият дар натиҷаи дониши амиқ доштан ва ҳодисаҳои адабиро ба ҳамдигар қиёс карда, тамоюли асосии инкишофи адабиётро муайян намудан ҳосил мешавад.

Ҳоло нисбат ба танқид ва мунаққидон ҳусни тавааҷҷуҳ то андозае бештар гардид. Баъзе фикрҳои бебунёде, ки гоҳо зарурати танқидро ба зери шубҳа гузошта, мавқеи онро дар инкишофу тараққии адабиёт ночиз медонистанд, аз байн бардошта шуданд.

Масъалаҳои инкишофу тараққии танқид ҷиддан ба миён гузошта шуд. Маърӯзаю музокираҳое, ки дар пленуми II Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон сурат гирифтанд, вазъияти танқидро ба хубӣ нишон дода, вазифаҳои ояндаи онро низ муайян карданд.

Маърӯзаҳои Атахон Сайфуллоев «Танқид ва адабиёти имрӯз» ва Расул Ҳодизода «Танқиди адабӣ ва масъалаҳои бадеияти адабиёт» вазъи танқиди адабии тоҷикро дар панҷ соли пеш аз пленум асосан воқеъбинона инъикос карданд. Маърӯзаи Атахон Сайфуллоев бештар дар бораи принсипҳои танқиди адабӣ, пешгирии назарияҳои зарарнок ва беҳосили «дегероизатсия» (беқаҳрамонӣ) ва «фосила», меъёри баҳодиҳӣ ба баъзе марҳилаҳои таърихи адабиёти советии тоҷикро дар бар гирад, маърӯзаи Расул Ҳодизода масъалаҳои на камтар муҳими танқиди адабии бадеии моро ба миён гузошта буд.

Яқин аст, ки маҳорати адабии эҷодкор шарти бебаҳси мояи нависандагии вай аст. Тадқиқи ҳамаҷониба ва амиқи маҳорати адабӣ ва бадеиятро яке аз шартҳои инкишоф ва ҳатто мавҷудияти танқиди адабӣ донистани Расул Ҳодизода бештар аз ҳамин ҷиҳат аст. Ӯ тадқиқоти дар ин соҳа анҷомдодаи Муҳаммадҷон Шукуров, Атахон Сайфуллоевро, ки сабку услуб ва масъалаҳои бадеиятро дар асарҳои устод Айнӣ вобаста бо воқеияти тасвиршаванда ва принсипҳои эҷодкории нависанда борикбинона инъикос мекунанд, хеле заруру саривақтӣ мешуморад.

Дар ин муддат боз бо ташаббуси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ якчанд чорабинии муҳим гузаронида шуд, ки бешубҳа, барои инкишоф ва таҳрики афкори танқидӣ хизмати босазое кард. Конференсияи илмие, ки соли 1973 таҳти унвони «Масъалаҳои асосии инкишофи насри муосири тоҷик» баргузор шуда буд, барои амиқтар рафтани танқид ёрӣ расонд.

Мақолаҳои Атахон Сайфуллоев ва Расул Ҳодизода, ки дар боло зикрашон рафт, аз ҷумлаи мақолаҳои оид ба танқиди танқиданд. Ин мақолаҳо пеш аз ҳама бисёр вазифаҳои таъхирнопазири танқидро нишон дода, диққати аҳли танқидро ба онҳо равона намуданд ва дар кори танқиди танқид хидмати босазо карданд.

Сари кор сар кафонад, гуфтаанд, якбора ба миён мондан ва ҳал кардани масъалаҳои марказии танқид, муайян сохтани роҳу равиши асосии инкишофи он кори басо мураккаб ва мушкилписанд аст.

Методология ва ҷиҳатҳои назарии танқиди мо, ки хеле кам мавриди тадқиқот қарор гирифтааст, иҷрои ин вазифаро боз ҳам душвортар мекунад. Аз ин рӯ, бори дигар мақолаи Худой Шарифов «Танқиди адабӣ ва баъзе ҷиҳатҳои инкишофи он» («Маориф ва маданият», с. 1972) –ро хотиррасон кардан зарур аст. Назари амиқ ба муаллиф имкон медиҳад, ки методологияи танқидро на чун чизи яклухту шахшуда, балки дар асоси фалсафаи материалистӣ мутаҳаррику тағйирпазир ба мушоҳида гирад.

Зимнан, бояд иқрор кард, ки ҳоло дар бораи танқиди адабии тоҷик мақола навиштан ҳам осону ҳам мушкил. Аз як ҷиҳат, бешубҳа, шумораи асарҳои танқидӣ афзуда истодааст, онҳоро хонда таҳлил кардан нисбат ба мавқеъ ва усули тадқиқи муаллифон изҳори ақида кардан кори

ҳавасангез аст. Вале, аз ҷиҳати дигар, гумон меравад, ки масъалаеро ба миён гузошта, онро бевосита дар заминаи адабиёти бадеӣ омӯхта, таҳлил кардан нисбат ба он, ки «ин корро ин тавр кардан даркор, онашро ин тавр» гуфтан маҳсулноктар ва мароқангезтар бошад. Манфиати кори умумӣ талаб дорад, ки мо ба ин масъала ҳам бояд пайваста машғул шавем, то бо меҳнати дастаҷамъӣ кори танқидмонро пешрав гардонем. Иҷрои мақсад махсусан, ташаббус ва дастгирии олимони адабиётшинос, мутахассисони таърихи адабиёт, мунаққидони пуртаҷрибаи моро талаб дорад.

Ҳоло дар танқиди адабии мо баробари мунаққидони соҳибтаҷрибаамон Муҳаммадҷон Шукуров, Расул Ҳодизода, Раҷаб Амонов, Атахон Сайфуллоев, Соҳиб Табаров як силсила ҷавонон, ба мисли Худоӣ Шарифов, Ҷӯрахон Бақозода, Абдунабӣ Сатторов, Ҳамроқул Шодиқулов, Юсуф Акбаров ҳар яке мувофиқи истеъдоду қудрати худ пурмаҳсул кор карда истодаанд.

Дар байни ин ду–се соли охир чандин маҷмӯаи мақолаҳою асарҳои ҷудогонаи олимон ҳам нашр шуданд, ки дар онҳо баъзе масъалаҳои марказии адабиёт, аз ҷумла, инкишофи насри реалистӣ ва сарчашмаҳои ҳаётию адабии он, халқият, бадеият ва маҳорати адабӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз боби танқиди адабӣ сухан ронда, ин асарҳоро, ки бештар хусусияти адабиётшиносӣ доранд, ном бурдан набояд тааҷҷубовар намояд, зеро дар илми адабиёт ҳоло як навъ синтези жанрҳо давом карда истодааст.

Чунин ҳолат ба ғайр аз натиҷаи таъсири мутақобилаи жанрҳои илмӣ буданаш, шояд боз маҳсули аз асарҳои танқидӣ таҳлили аналитикӣ талаб кардани замон бошад. Хусусияти инкишофи адабиёти муосир ҳам, ки дар он тафриқаи сирф жанрӣ он қадар мустаҳкам нест, ба ин гуна хусусият пайдо кардани танқид мусоидат менамояд.

Ин омезиш дар адабиётҳои дигар, аз ҷумла, дар адабиётшиносӣ ва танқиди адабии рус, кайҳост, ки маҳсули хуб додааст. Асари А. Метченко «Кровное, завоеванное» (Худӣ, бадастомада) яке аз намунаҳои беҳтарини ин кӯшишҳо буд, ки соли 1973 сазовори Мукофоти давлатии СССР гардид.

Ҳамин чизҳоро ба назари эътибор гирифта мо гуфта метавонем, ки асарҳои Муҳаммадҷон Шукуров «Диди эстетики халқ ва насри реалистӣ», Расул Ҳодизода «Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик», Атахон Сайфуллоев «Ақидаҳои адабии Ленин ва адабиёти тоҷик» ва асари адабиётшиноси муҳтарам З. Г. Усмонова «Идроки бадеии шахсият дар адабиёти халқҳои Шарқи Шӯравӣ» муваффақияти танқиди адабӣ мебошанд. Онҳо боиси пешравии танқиди адабии мо шудаанд. Беҳуда нест, ки ин асарҳоро танқиди танқид низ ба хушӣ пазируфт.

Дар ин бора рисолаи Ҷӯрахон Бақозода «Навпардозиҳои наср», китоби дарсии Ю. Бобоев барои мактабҳои олӣ «Муқаддимаи адабиётшиносӣ» аз чоп баромад, ки мавриди баррасии танқиди танқид гаштани худро интизоранд.

Иштиёқи адибон дар тасвири ҳаёти қаҳрамонони сохтмонҳои азим беш аз пеш афзуда, мундариҷа ва мавзӯи адабиёти муосир ҳаррангтар мешавад. Ин маводи бои зиндагӣ ва қаҳрамониҳои меҳнатӣ шакл ва услуби мувофиқи тасвирро талаб доранд. Аз ҳамин ҷост, ки дар адабиёти муосир ҷараёнҳои реалистӣ ва романтикии услуб ба назар мерасанд, ки заминаи мустаҳками ҳаётӣ доранд.

Вақте ки дар бораи авзои танқиди имрӯзаамон сухан меронем, бешубҳа, вазифаи аввалиндараҷа он аст, ки тамоюл ва роҳу равиши асосии инкишофи онро муайян намоем. Агар бо ин мақсад ба масъала чашм андозем, мебинем, ки танқиди адабии мо кӯшиш мекунад пойдоршавии реализм, принсипҳои тасвири реалистӣ ва чуқуртар реша давонидани онро дар насру назми мо дурусттар баррасӣ намояд. Ҳоло маънидоди реализм аз он фаҳмиши

содалавҳона ва натуралистие, ки як вақтҳо ҳам дар танқид ва ҳам дар худи адабиёти бадеӣ ҷой дошт, дур шуда, дар танқид фаҳмиши илмии реализм чуқуртар меравад.

Азбаски таҷрибаи бадеӣ ҳамеша аз қонуну қоида, аз мафҳумҳои назарии мо фарохтару доманадортар аст, танқидро лозим меояд, ки барои ҳақиқати эҷодиёти нависандагонамонро нишон додан ҳамин мураккабиро ба назар гирад. Дар ҳамин ҳолат таҳлили асарҳои нависандагони гуногунзавқи мо аз назари иҷтимоӣ боварибахш мегардад ва танқид барои ба хонанда таъсири фаъолона гузаронидани ин асарҳо кӯмак мекунад. Дар мақолаи Муҳаммадҷон Шукуров «Фардияти инсон ва моҳияти иҷтимоии характер», Соҳиб Табаров «Ленин дар адабиёти тоҷик», Атахон Сайфуллоев, Лариса Демидчик «Дӯстии халқҳо - дӯстии адабиёт», «Кашфи олами инсон», Ҷӯрахон Бақозода «Назаре ба насри имрӯз» ҳамин гуна фаҳмиши диалектикии инъикоси ҳаёт дар адабиёти реалистӣ ҷой дорад, ки муаллифон ҳар як мувофиқи бардошти мақолаҳояшон ба ин масъала ҳам дахл кардаанд.

Муҳаммадҷон Шукуров ба ин масъала бештар эътибор медиҳад ва дар рафти таҳлили асарҳо ҳамин «ҷанбаи фаъолонаи иҷтимоии адабиёти тоҷик» - ро яке аз сифатҳои асосии он дониста, дар айни ҳол тарзу усулҳои гуногуни тасвири реалистӣ, имкониятҳои фаровони онро дар насри муосири тоҷик нишон медиҳад. Ӯ дуруст менависад, ки «… тамоюли асосӣ дар инкишофи насри ҳозираи тоҷик ҳамоно амиқтар шудани моҳияти иҷтимоии тадқиқи бадеӣ, мукаммалтар гардидани тадқиқи ҳодисаҳо, фактҳо ва характерҳо мебошад… Инро бо тарзҳои гуногун чи дар эҷодиёти нависандагони баркамол ва чи дар навиштаҳои насрнависони ҷавон дидан мумкин аст». Муаллиф ба ҷараёни адабӣ назари амиқ андохта, тасвири воқеъбинонаи зиндагӣ, гуногунрангии усулҳои реалистии тасвирро дар эҷодиёти нависандагони гуногунсабк Фазлиддин Муҳаммадиев, Сорбон, Мутеулло Наҷмиддинов, Саттор Турсун ва дигарон нишон медиҳад.

Дар ин мақола муаллиф ҳикояҳои Саттор Турсунро таҳлил карда, боз як нуктаи бағоят муҳимро зикр мекунад. Саттор Турсун дар ҳикояи «Ситораи корвонкуш» Назар – қаҳрамони ҳикояашро дар вопасин лаҳзаҳои умраш тасвир намуда, дар ин як муддати кӯтоҳ ба зиндагии ӯ аз оғоз то ба анҷом назар меандозад, бо тамкин ва ҳатто бераҳмии сангин мӯйсафеди ҷонбалабомадаро маҷбур мекунад, ки ҳамаи зишткориҳои дар рӯзгор содиркардаашро аз пеши назар гузаронад. Ин лаҳзаҳо пайи ҳам, ба оҳистагӣ, ҳамчунон кӯҳи гароне варо тазйиқ дода, афшурдаю поймол карда, аз хаёлаш гузаштан мегиранд. Муаллиф ҳам онҳоро болои ҳам меоварад ва дар ҳамин тарзи тасвир, ки аз хотири Назар танҳо бадкирдориҳои ӯ мегузаранд, дар оромии гуфтор ва тамкини сарди нависанда, мавқеи ӯ, баҳои ӯ ба зиндагии Назар аён мешавад. Ҳикоя ба ғайр аз ин қаҳрамони дигаре дорад, ки ҳукми халқ ба зиндагии ин «ситораи корвонкуш» аз забони ӯ баён карда мешавад. Ин Тӯрон – тракторчист. Вай баъди аз олам гузаштани Назар чашмони ӯро пӯшонданӣ мешавад, вале наметавонад ва «Ё тавба! – фикр кард Тӯрон – тракторчӣ… - мегӯянд, ки чашми майит кушода монад, аломати аз дунё норозӣ буданаш аст. Боз мегӯянд, ки аксар чашми одами қалтабон… наход ҳамин гап рост бошад?» - гӯён ба фикр меравад.

Муҳаммадҷон Шукуров дар сари ин суханони Тӯрон-тракторчӣ ва ин гуна тасаввуроти халқӣ андеша карда, менависад: «Дар санҷиши моҳияти рафтор муносибату муомилаи фарди алоҳида аҳамияти калон пайдо кардани назари халқ ва меъёрҳои баҳои халқӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки яке аз воситаҳои амиқтар шудан ва такмил ёфтани асосҳои халқии адабиёт мебошад». Ҳамин ҷиҳати ба адабиёти бадеӣ дохил шудани ҳикмати халқ, назару тасаввуроти вай аз зиндагӣ, аз як ҷиҳат, хусусияти миллии асарро таъкид карда, онро тару тоза ва дилнишин гардонад, аз ҷиҳати дигар, «принсипҳои ахлоқӣ» дурахшонтару олитар ба назар

расида, барои инкишоф ёфтан ва пойдор шудани худ ҳуқуқ пайдо мекунанд. Мунаққид дуруст қайд мекунад, ки такмили чунин ҷанбаи халқият дар асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев бештар ба назар мерасад. Дар ҳақиқат Фазлиддин Муҳаммадиев дар асарҳои худ наҷобати ҳикмати халқ, моҳияти расму одатҳои нек ва таҷрибаи ахлоқӣ ва эстетикии халқро ба хубӣ кашф мекунад ва лаҳзаҳоюю характерҳои пандомӯзе меофарад.

Мубоҳисае, ки идораи «Садои Шарқ» соли 1973 дар атрофи масъалаи «Қаҳрамони ҳаёт – қаҳрамони адабиёт» оғоз кард, барои тадқиқи бисёр хусусиятҳои ҷолиби диққати насри имрӯзаамон имконият фароҳам овард. Дар мақолаҳои оид ба мубоҳиса фикрҳои пухтае гуфта шуданд. Дар ин мубоҳиса тамоюли асосии наср ва махсусан, насри ҷавонон то андозае муайян гардид. Бесабаб нест, ки яке аз мубоҳисачиён Раҷаб Амонов менависад: «Дар повестҳои Сорбон, Саттор Турсун ва Муҳиддин Хоҷаев ҷузъҳо аксаран ҳамчун масолеҳи асосии иншои реалистӣ истифода шудаанд, азбаски қисми асосии ин ҷузъҳо ҳаётӣ буда, ба вазъияти тасвиршуда комилан мувофиқат мекунанд, барои мустаҳкам шудани заминаи реалистии асарҳо хизмат карда тавонистаанд».

Иштирокчиёни дигари мубоҳиса Абдухолиқ Набиев, Ҷӯра Бақозода, Юсуф Акбаров ва дигарон ҳам дар мақолаҳои худ мустаҳкамтар шудани заминаи реалистии тасвирро дар насри ҷавонон қайд кардаанд. Аз ҷумла Ҷӯра Бақозода менависад, ки «… имрӯз насрамон хеле пеш рафтааст, реализми он амиқу пурқувват гаштааст» ва ё Абдухолиқ Набиев ба чунин хулоса меояд, ки «нависандагон бештар ба олами ботинии шахс диққат дӯхта, сарманшаи талошу меҳнати мардуми советиро, ки аз талаботи маънавии он сар мезанад, ба тасвир гирифта истодаанд. Ин ҳама барои адабиёт муҳим ва зарур аст, зеро боиси мустаҳкам шудан ва амиқ рафтани реализми он мегардад». Муаллифони мақолаҳо баъди мушоҳидаҳои амиқ ба чунин хулоса омадаанд, ки дуруст аст.

Бамаврид аст қайд кунем, ки ҳоло диққати мунаққидону олимон на танҳо ба омӯзишу баррасии реализми насри муосир, балки ба реша ва пайдоишу унсурҳои он дар таҷрибаи бадеии адабиёти тоҷик ҷалб шудааст. Дар ин бобат мақолаи Шарифҷон Ҳусейнзода «Аз сарчашмаҳои тафаккури реалистӣ дар адабиёти тоҷик» ҷолиби диққат аст. Муаллиф аз адабиёти классикии мо, ки дар илми шарқшиносии рус ва Аврупо бештар ва асосан ҳамчун адабиёти романтикӣ маъруф шудааст, аз назаргоҳи наве, аз он назаргоҳе, ки ба он устод Садриддин Айнӣ нигариста, Саъдиро нависандаи реалист гуфта буд, чашм андохта, дар он унсурҳои зинда ва муҳаррики реалистиро кашф мекунад. Дар бораи хусусият ва ҷараёни ин анъана ӯ менависад: «Ин анъана пайваста ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ дар давоми асрҳо ба тадриҷ инкишоф ёфта, ҳатто ба ҷараён ва мактаби махсус (чун равиши вуқӯъ, дабистони вуқӯъ ва ғайра) мубаддал гардида ба типҳо ва марҳилаҳо низ ҷудо шудааст. Чунин ҳодисаи адабӣ зарурати ба таври ҷиддӣ омӯхтан ва таҳқиқ намудани моҳияти афкори реалистиро дар адабиёти клаасикии форсу тоҷик, принсипҳои идеявӣ ва эстетикӣ ва роҳҳои инкишофи онро ба майдон мегузорад». Албатта, таҳлили ҳамаҷонибаи реализм дар адабиёти ҳазорсолаи тоҷик аз имконияти як ё якчанд мақола берун аст. Ин корест, ки меҳнати дастаҷамъӣ мехоҳад. Вале афсӯс, ки олимону мунаққидони мо ба ин масъала то ба ҳол камтар даст задаанд. Дар ин бобат ба ғайр аз мушоҳидаҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев, Иосиф Брагинский, мақолаҳои Расул Ҳодизода дар бораи «Насри бадеии Аҳмади Дониш» ва Атахон Сайфуллоев «Оҳангҳои реалистӣ дар адабиёти тоинқилобӣ» чизи дигареро ном бурда наметавонем. Ногуфта намонад, ки дар асари З. Г. Усмонова «Идроки бадеии шахсият дар адабиёти халқҳои Шарқи Шӯравӣ» ҳам ин масъала вобаста ба анъанаи таҳлили психологӣ ва тадқиқи ботинии инсон гузошта мешавад. Муаллиф, вақте ки оё анъанаи таҳлили психологӣ

дар адабиёти халқҳои Шарқи Шӯравӣ вуҷуд дошт, гӯён рӯирост савол мегузорад, ба он ҷавоби возеҳ надода, онро ба тадқиқи ҷузъу кулли ҳарҷонибаи як миқдор масъалаҳои масъалаҳои методологӣ вобаста мешуморад, вале агар таҳлили психологӣ, яке аз хусусиятҳои адабиёти реалистӣ буда, дар идроки бадеи шахсият мавқеи муҳим дошта бошад, пас ин чиз дар саросари асари З. Г. Усмонова таъкид шуда, дар зимни таҳлилу таҳқиқҳои мӯътамад ҷой гардидааст.

Бояд гуфт, ки дар бораи анъанаҳои насри классикӣ солҳои охир (барои мо, бешубҳа, муҳимтаринаш анъанаи реалистии ин наср аст) баъзе андешаҳои пурқимат баён шуданд. Дар суҳбати мизи мудавваре, ки бо ташаббуси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва идораи журнали «Дружба народов» моҳи апрели соли 1972 барпо шуда буд, И. С. Брагинский ба ин масъала бештар диққат дод ва мушоҳидаҳои худро баён кард. Ӯ анъанаҳои адабиёти классикиро ба ду қисм ҷудо карда, қисмати аввалро мансуби доираи танги хонандагон донисту қисмати сониро доираи васеи мардум ва дар бораи қисмати дуюм чунин изҳор дошт: «Дар бобати анъанаи насрии «китобҳои халқӣ» бо камоли сароҳат метавон гуфт, ки ин анъана, умуман, хусусияти прогрессивӣ ва демократиро дорост. Агар нависандагони тоҷик имрӯз аз ин мерос бебаҳра бошанд ҳам, Садриддин Айнӣ дар эҷоди бадеияш аз ин анъана илҳом мегирифт. Нависандагони ҷавон, ба восита, ба туфайли эҷодиёти адибони калонсол аз он анъана бархурдор мегарданд ва бинобар он ҳам дуруст баҳо додан ба мероси адабии «халқӣ», ба фикрам, хеле муҳим аст». Ин фикрҳо, бешубҳа, ҳақиқат доранд ва омӯхтани тамоюли реалистӣ дар насри классикӣ барои пурратар тасаввур кардани вазъи реализми имрӯз ёрӣ хоҳад расонд. Чунонки Атахон Сайфуллоев менависад, «адабиёти советии тоҷик дар заминаи ҳаёти нави сотсиалистӣ ва тасвири реализми рус тараққӣ карда бошад ҳам, реализми адабиёти классикии форс-тоҷик яке аз сарчашмаҳои муҳимми инкишофи он мебошад». Мо бо ин таваҷҷуҳи худ ба омӯзиши масъалаҳои реализм дар адабиёти классикӣ ҳаргиз чунин фикреро илқо карданӣ нестем, ки ҳама бояд ба тадқиқи ин мавзӯъ пардозанд ва масъалаҳои дигар як дараҷа мавқуф гузошта шаванд. Балки ба гурӯҳи бузурги олимону адабиётшиносон, ки ба тадқиқи масъалаҳои гуногуни адабиёти классикӣ машғуланд, бори дигар ёдоварӣ карданӣ ҳастем, ки масъалаи таҳлилу тадқиқи диду тасвир ва тахайюлоти реалистӣ аз бисёр мавзӯъҳои дигари ночиз, ки мутаассифона, бисёриҳо ба онҳо саргарманд, муқаддамтар, зарууртар ва ба дарди адабиёти имрӯз бештар мехӯрад.

Дар асари тадқиқотии Муҳаммадҷон Шукуров «Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ» масъалаи анъанаҳои насри реалистӣ, на ин ки ба таври умумӣ қабул ва ё рад карда мешавад, балки дар эҷодиёти устодони насрамон Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода ва то асарҳои ҷавонтарин нависандагонамон ба заминаи илмӣ гузошта шуда, аз назари таҳлилу тадқиқ мегузарад. Дар тадқиқот нишон дода мешавад, ки услуби насри реалистии тоҷик маҳсули давоми ҷустуҷӯи роҳҳои тасвири реалистии инсон буда, баробари аз адабиёти халқҳои дигар ва, махсусан, адабиёти рус таъсири муайяне гирифтанаш заминаи халқияш ҳам мустаҳкам буда, аз анъанаҳои миллӣ баҳра бардоштааст. Масалан, муаллиф хусусияти услубии эҷодиёти Айниро муайян карда менависад, ки «муҳимтарин хусусиятҳои диди эстетикии халқ, ки асрҳо боз муайян мешуд, аз услуби Айнӣ нест нашудааст, балки сифатҳои наве пайдо кардааст, боз ҳам ғанитар ва қавитар гардидааст» ва ҳамин хулоса муаллифро водор мекунад, ки як нуктаи муҳими дигарро низ зикр кунад. Роли анъанаҳоро дар адабиёт на аз камбудиҳои нависандагон, балки аз рӯи комёбиҳои ҳақиқии ба даст овардаашон муайян кардан лозим аст. Танҳо дар ин сурат аҳамият ва нақши онҳо дар ҷараёни адабиёт беҳтар ва аниқтар равшан мегардад.

Дар суҳбати мизи мудаввари мазкур Масъуд Муллоҷонов маҳсули хуби тариқи устухонбандии «ҳикоят андар ҳикоят» ва «чорчӯбадор» - и классикиро дар эҷодиёти

навизандагони халқҳои дигар, аз ҷумла, дар романи «Мисрӣ» - и Сергей Бородин ва «Тронка» - и Олес Гончар дид. Ба ин номгӯй боз номҳои бисёреро илова кардан мумкин аст, вале мо танҳо асари нависандаи ӯзбек Асқад Мухтор «Чинор» - ро зикр мекунем. Ин роман, ки, бешубҳа, муваффақияти адабиёти ӯзбек аст, дар шакли афсонаҳо, ҳикояҳо ва повестҳо навишта шуда, дар чаҳорчӯбаи банду басти сафарномаҳои анъанавии Шарқ аст. Нависанда маҳорати эҷодии худро дар дохили ҳамин шакли анъанавӣ ба кор андохта, ба он дигаргуниҳои тозаеро дохил мекунад, ки ба шиддати задухӯрди асар, қувват гирифтани лаҳзаҳои драмматикии он ёрӣ медиҳад. Дар ин асар махсусан, симои Очил – бобои навадучаҳорсола, ки ба таърихи маданияти халқ ва инкишофи ояндаи он шавқе дорад, қобили таваҷҷуҳ аст. Очил-бобо ҳамроҳи наберааш Азимҷон, ки дар хориҷа таваллуд шуда ба воя расидааст, ба сафар мебарояд. (Пеш аз револютсия падару модари Азимҷон батрак буданд ва дар солҳои револютсия бой онҳоро фиреб дода, ҳамроҳ ба хориҷа бурдааст. Азимҷон дар он ҷо таваллуд мешавад. Ҳоло ба меҳмонии бобояш омадааст). Дар самолёт дар байни Очил-бобо, Азимҷон ва журналист чунин суҳбат оғоз мешавад. Вақте ки журналист дар бораи таърихи халқ бисёр чизҳоро нақл мекунад, Азимҷон ба Очил-бобо рӯй оварда мегӯяд:

« – Бобо, ман гумон мекардам, ки то инқилоб на танҳо дар авлоди мо, балки дар тамоми Осиёи Миёна ҷаҳолат, гадоӣ, беҳуқуқӣ ҳукмрон буд. Ҳар чӣ бошад ҳам, ман дар бисёр китобҳо ҳамин тавр хонда будам. Акнун фаҳмам, ки Олимтой падари Комила – муаллим, падари Юлдош ҳам муаллим ва ҳатто олим будааст.

– Дар мо ҳоло ҳам сабукфикроне, ки ҳама чизро оддию содалавҳона нишон медиҳанд, кам нестанд, - гуфт бобо. Бале, дар байни мардум беҳуқуқӣ, нодонӣ ва қафомондагӣ буд, лекин халқ чилчароғони тафаккури инсонии худро ҳам дошт. Ва таърих ҳам имрӯз сар нашудааст. Ва одамон ҳам дар як рӯз ба хушбахтӣ нарасидаанд… Агар фақат ғуломону ҷоҳилон ба сӯи хушбахтӣ мерафтанд, онҳо дар роҳ роҳгум мешуданд».

Шакли истифода бурдаи Асқад Мухтор, ки «сафарнома» ва «ҳикоят андар ҳикоят» аст, барои ба миён гузоштани бисёр масъалаҳои муҳими зиндагии имрӯза, маданияту маишат, дигаргуншавии тафаккуру рӯҳия, ахлоқу одоб имкони хубе медиҳад.

Аммо танқиди адабӣ баъзан бисёр жанрҳои адабиро пеш аз рӯзаш «мекушад» ва ҳол он ки масъалаи бақои жанрҳо андак мураккабтар ва худи жанр бар хилофи фаҳмиши мо ҷонсахттару мутаҳарриктар аст. Имрӯз ҳар жанре, ки метавонад ба ниёзи адабии мо ҷавоб гӯяд, яъне мундариҷаи реалистиро дар худ гунҷоиш диҳад ва барои инъикоси воқеияти имрӯза монеъ нашавад, ҳуқуқи зиндагӣ дорад ва дар эҷоди бадеӣ қобили истифода шудан аст.

Дар насри мо шаклу жанрҳои анъанавӣ аз ҳама бештар дар асарҳои устод Садриддин Айнӣ тағйир ёфта, ба вазифаи ифодаи мундариҷаи реалистӣ омадааст, дар назм ин чиз дар эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода хеле маҳсулнок аст.

Дар ҳамин маврид баъзан чунин ба назар мерасад, ки танқиди адабии мо ба нависандагону шоирон таълим доданро хеле дӯст медораду худ аз адабиёт камтар меомӯзад. Адабиёт мундариҷаи иҷтимоии замон ва таҷрибаи эстетикии даврро ба хубӣ инъикос мекунад, вале бисёр мешавад, ки танқиди адабӣ ин ҳамаро кушода дода наметавонад ва ё аз ҳамдигар ҷудоюю беалоқа мебинад.

Олами адабиёту санъат бо вуҷуди вобастагияш аз олами мавҷуд, олами комил ва ягонааст. Танқиди реалистӣ ҳам ҳангоми таҳлили ин ё он асар онро набояд ба қисматҳо тақсим кунад, балки дар пуррагӣ, мукаммалӣ ҳамчун ҷаҳони дар худ гунҷоишёфта баррасӣ намояд. Дар ҳамин ҳолат ӯ олами бадеиро аз олами воқеии мавҷуд камтару ночизтар надониста, онҳоро ҳамчун ду олами баҳам баробар ба мушоҳида гирифта метавонад.

Дар намунаҳои беҳтарини насрамон тадқиқи психологии қаҳрамони муосир амиқтар рафта истодааст ва ин танқиди адабиро водор мекунад, ки ба масъалаи тарзу усулҳои таҳлили психологӣ ҷиддитар машғул шавад. Бешубҳа, таҳлилу тадқиқ ва тааммуқи замиру рӯҳияи инсон аз дигаргуниҳои азиме, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии мо рӯй додаст ва ин ҷараён давомдору беохир буда, дар ҳар марҳила махсусиятҳои худро дорад, набояд аз ҳам ҷудою новобаста бошад. Таҳлили психологӣ ҳамон вақт арзиш дорад, ки тақдири қаҳрамон пурғунҷоиш бошад, муҳимтарин ҳодисаҳои давру замон дар сарнавишташ инъикос ёбад, маънавиёти қаҳрамон бою ҳарранг ба қалам кашида шавад. Ба насри мо лозим аст, ки ҳангоми тасвири қаҳрамони муосир, таҳлили рӯҳия ва психологияи вай инъикоси он дигаргуниҳои азимеро, ки дар республикаи мо ба амал пайвастаанд, дар ботин, дар замир ва дар шууру тафаккури қаҳрамон нишон дода тавонад. Танқиди адабӣ ҳар дуи ин чизро қиёс карда, амиқӣ, бунёди ҳаётӣ доштани андешаҳои ботинӣ ва қалбии қаҳрамонро дармеёбад ва маҳорати адибро дар тадқиқи психологии қаҳрамон муайян мекунад.

Танқиди адабӣ амиқ рафтани таҳлили психологиро на фақат дар насри муосир дар асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, Муҳиддин Хоҷаев, Сорбон, Саттор Турсун, балки дар назм ҳам дар эҷодиёти шоиронамон устод Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Убайд Раҷаб, Қутбӣ Киром, Бозор Собир ва баъзеи дигарон қайд кардааст. Чунин як мавҷи тозаеро дар равиши адабиётамон ба чӣ далел шарҳ метавон дод? Ин ҷараён, бешубҳа, аз ҳаёти мо оғоз гирифта, торафт мустаҳкамтар шудани бунёди гуманистӣ, инсонпарварии кулли адабиёти муосир ва дар навбати худ адабиётҳои миллии моро нишон медиҳад. Инкишофи ҷамъият мавқеи ҳар фардро дар зиндагӣ муайян карда, ба фард, ба ҳиссаи вай дар ҷараёни таърих баҳои муносибе медиҳад. Он ба ҳар инсон чун ба як фарди нотакрор менигарад ва дар натиҷа ҳар ҷунбише, ҳаракате дар ботини инсон барои муайян намудани мавқеи ӯ дар зиндагӣ аҳамият пайдо мекунад. Ин ҳам яке аз хусусиятҳо ва талаботи асосии адабиёти реалистист.

Баробари ин танқиди адабӣ дуруст пай бурдааст, ки бо чуқур рафтани таҳлили психологӣ чи дар насру чи дар назм ҷаҳони маънавию ахлоқии инсони муосир эътибори махсус пайдо мекунад. Дар ин ҷараён чизи ҷолибтар аз ҳама он аст, ки адабиёт пайваста кӯшиш ба кор мебарад, ки меъёрҳои абадии ахлоқ – хайру шар, неку бад, садоқату хиёнат, дурӯғу ростро дар зимни мавҷудияти рӯзҳои мо бисанҷад.

Тадқиқи хусусиятҳои инкишофи реализм дар насри муосир ба танқиди адабӣ имкон дод, ки ба баррасии масъалаҳои муҳими адабиёт ба тадқиқи қаҳрамони имрӯз, тафаккуру рӯҳия ва фаъолиятмандии иҷтимоии ӯ машғул шавад. Танқиди адабӣ аз ин дидгоҳ ба роману повестҳои Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Аминҷон Шукӯҳӣ, ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, Расул Ҳодизода, повесту ҳикояҳои Сорбон, Муҳиддин Хоҷаев, Ибод Файзуллоев, Ҷумъа Одинаев, Саттор Турсун чашм андохта, онҳоро баррасӣ карда баҳои муносиб дод.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ба насри тоҷик қаҳрамонҳо ҳам аз деҳу ҳам аз шаҳр, ҳам аз колхозу ҳам аз сохтмонҳо дохил шуда, дар симои худ майлҳои асосии инкишофу пешравии ҳаёти моро инъикос мекунанд. Фаъолияти шаҳрвандии онҳо бо ҳаёти фардӣ ва ботинӣ пайваста нишон дода шудаанд. Бо вуҷуди он ки адабиёти мо ҳоло бо симои қаҳрамонҳои коргари фаъол, ки тақдираш пургунҷоиш буда, аз ҷиҳати бадеӣ мӯътамаду боварибахш ва бо маҳорати баланди бадеӣ офарида шуда бошад, он қадар нозидаю фахрида натавонад ҳам, дар ин роҳ кӯшишҳои ҷудогонае ба амал пайваста истодаанд. Ҳақ ба ҷониби Мирзо Турсунзодааст, ки мо то ба имрӯз «дар бораи синфи коргар ба ҷуз «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил романеро ном бурда наметавонем» ва эроду таъкиди Атахон Сайфуллоев ҳам ҷон дорад,

ки «тадқиқи ин масъала дар маркази диққати мунаққидон низ қарор нагирифтааст. Ҳатто дар мавзӯи «Образи синфи коргар дар адабиёти тоҷик» ягон рисола ё мақолаи ҷиддие таълиф нашудааст», мегӯяд ӯ. Аммо, ҳоло аз Фазлиддин Муҳаммадиев сар карда (симои ронандагон аз ҳикояҳои «Роҳ», «Суди рафиқона» ва симои Хиромон аз романи «Палатаи кунҷакӣ»), то Юсуф Акобиров, Муҳиддин Хоҷаев, Ҷумъа Одинаев, Саттор Турсун кӯшиши барҳам задани ҳамин ақибмондагӣ ҳис карда мешавад. Лекин ин масъала ба осонӣ ҳал намешавад ва танқиди адабӣ инро бо тамоми ҷиддият ба назди нависандагону шоиронамон гузоштанаш лозим аст.

Дар адабиёт бояд симои бадеии коргари тоҷик бо тамоми хусусиятҳои миллияш ба тасвир гирифта шавад. Азбаски дар кишвари мо таърихи пайдоиши синфи коргар дуру дароз нест, вай ки деҳқони дирӯзаю меҳри хокпошию замин дар дилаш зиндааст, аз коргарони дигар халқҳо ва шаҳрҳои азими саноатӣ, ки таърихашон қадимтар аст, ба хосагӣ ва дигаргунии баъзе ҷиҳатҳои рӯҳию маънавиаш фарқ мекунад. Вале онҳо умумияти асосӣ ҳам доранд, ки бо ҷаҳонбинии комил, маънавиёти ғании худ ба зиёиёни замонамон ҳамсар будани онҳост. Масалан, Хиромон аз «Палатаи кунҷакӣ»-и Фазлиддин Муҳаммадиев, Мирзо Мурод аз қисми аввали повести «Об рӯшноӣ»-и Муҳиддин Хоҷаев аз коргароне ҳастанд, ки аз ҷиҳати савия ва эътибори дунёфаҳмияшон дар пояи хеле баланд ва мустаҳкам меистанд.

Хиромон коргарзани фаъолу поктинат, дилрабою шӯхтабиат аст. Нависанда дар ҳамон хатти инкишофи роман, ки аз дӯстдорию муҳаббати Иброҳимҷону Хиромон оғоз ёфта, хеле табиӣ ва боварибахш идома мекунад, ин ду ҷавонро ҳам дар сари кор ва ҳам дар мавриди андешаҳои ботиниашон нишон дода, мавқеи босазои ононро (махсусан, Хиромонро) дар ҳаёти ҷамъият ба маҳорату устодӣ ва бо бадеиёти реалистӣ таҷассум мекунад. Хиромон типи нави коргарзани тоҷик аст, ки баробари ҳамчун зан дилнишину боназокат будан, бори ҷамъияти имрӯзаи моро мекашад. Тадқиқи бадеии сарнавишти чунин як зан, бешубҳа, аз муваффақияти насри реалистии мост. Фазлиддин Муҳаммадиев симои Хиромонро офарида, ҳамон холигоҳро, ки насри мо дар офаридани симои коргари муосир ва махсусан, коргарзанон дошт, андаке пур кард. Таҳлили ҳамаҷонибаи роман ғоя, хусусиятҳои бадеӣ, маҳорат, устухонбандӣ ва симои қаҳрамонҳои он ҳоло дар уҳдаи танқиди адабист. Мақолаҳои Муҳаммадҷон Шукуров ва Соҳиб Табаров дар ин кор оғози хуб аст.

Чанд вақт аст, ки алоқамандона бо мавзӯи тасвири ҳаёти имрӯза ва махсусан, коргарон дар адабиёт танқиди адабӣ масъалаи инқилоби илмию техникӣ (ИИТ)-ро ба миён мегузорад. Дар мубоҳисаи зикрашрафтаи «Қаҳрамони ҳаёт - қаҳрамони адабиёт» ҳам ин чиз яке аз мавзӯъҳои асосии гуфтугӯ буд. Шубҳае нест, ки ИИТ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқии мамлакат дигаргуниҳои ба назар намоёне ворид кард. Ҳоло симои коргару бинокори тоҷикро ҳам ба тасвир гирифта, дар кору кирдор ва хислату рафтори ӯ инъикоси ин давраи ИИТ-ро ба назар нагирифтан, таъсири як ҳақиқати ҳаётро аз эътибор соқит кардан аст.

Вале чунин ба назар мерасад, ки баъзан нависандагон аз имконияти ИИТ сӯистеъмол карданӣ шаванд, гоҳи дигар танқиди адабӣ дар муайян кардани нақши ИИТ дар адабиёт муболиға мекунад. Сӯиистеъмоли масъалаи инқилоби илмию техникӣ дар он зоҳир мешавад, ки зиддиятҳои кӯҳнаи забонзадро нав нишон доданӣ шуда, онҳоро ба мавзӯи ИИТ мепайванданд. Ин кор боиси он мешавад, ки адабиёт аз нишон додани ҷараёнҳои амиқ ва мураккаби зиндагӣ дур шуда, онро танҳо ба ИИТ вобаста мекунад ва моҳияту мубрамии худро ночиз мегардонад. Дар ҷараёни мураккаби ҳаёти имрӯз бисёр масъалаҳо аз ҷиҳати ғоявӣ, маънавӣ ва ҳатто таърихию замонӣ дар доираи таъсири ИИТ нестанд.

Дар ҷамъият инкишофи бисёр ҷиҳатҳои иҷтимоию маънавии зиндагӣ бо масъалаҳои тараққиёт ва пешрафти техника ҳамсон нест. Адабиёт ҳам дигар ба инсон танҳо чун ба «инсони

кору вазифа» нанигариста, пеш аз ҳама ба одамгарӣ, муносибату рафтораш бо одамони дигар, маънавиёташ таammуқ карда, ба қалам медиҳад ва ба ин восита тасвири яктарафаи инсонро барҳам мезанад. Роҳи асосии инкишофи адабиёт ҳам ҳамин аст.

Дар эҷодиёти нависандагон чи насли калонсоламон Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ ва чи насли ҷавонтарамон Фазлиддин Муҳаммадиев, Муҳиддин Хоҷаев, Юсуф Акобиров, Сорбон, Саттор Турсун ва дигарон назари иҷтимоӣ ба воқеаҳо пурқувваттар мешавад. Қаҳрамони асарҳо, ки аз ҷиҳати хулқу хӯ мураккаб буда, ба зиддиятҳои сахте дучор меоянд ва онҳоро на ба осонӣ бартараф мекунанд, шахсияти худро чун қаҳрамони адабиёт бузургтару пурмаънитар нишон медиҳанд.

Аз ин ҷиҳат ҷанбаи фалсафӣ, махсусан, дар назмамон, дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Киром мустаҳкаму пурқувват гардида, барои кашфи имконоти тоза дар тасвири воқеият ва таровишҳои қалбии инсон, умумияти бадеӣ додан ба онҳо ва аз онҳо мазмуни фалсафӣ бардоштан афзуда истодааст.

Достони «Сурӯши Сталинград»-и Мӯъмин Қаноат дар ин хусус мисоли равшан аст. Дар бораи ин достон ва асосан хусусиятҳои услубӣ ва банду басти он мақолаи Худоӣ Шарифов «Тараннуми ҳаёт» ба табъ расида буд.

Муаллиф бобҳои достонро аз ҳам ҷудо карда, ба таҳлил мегирад ва оид ба устухонбандии он мушоҳидаҳои худро баён мекунад. Ин тарзи таҳлил, ки Худоӣ Шарифов дар мақолааш истифода кардааст, ба мақсади ӯ, ки таҳлили хусусиятҳои услубӣ ва банду басти асар аст, созгор омадааст. Бунёди фалсафии достон ҳам аз назари мунаққид бар канор намемонад ва ӯ менависад: «Бузургии ҷаҳон ба ақидаи шоир, чунончи аз сурӯшҳои панҷум, шашум ва ҳафтум хулоса кардан мумкин аст, инсон буда, пояи бузургии ӯ меҳру садоқат ва ишқ аст».

Аммо чунин гумон меравад, ки ин достонро дар яклухтияш омӯхта, яъне таҳлили синтетикӣ карда, хусусиятҳои ғоявӣ ва зебошинохтии онро нишон додан ҳам на камтар маҳсулнок бояд бошад. Фақат дар ин сурат ба умқи мақсади шоир, ки кӯшиш кардааст, ба фалсафаи ҷанг, ғалабаю мағлубият, инсону замин, ҳаёту мамотро на дар доираи як ҷанг ва атрофи Сталинград, балки ба воситаи он дар тамоми кураи арз - Замин андар равад, пай бурдан мумкин аст.

Масъалаи дигаре, ки баробари таҳлили ботинии инсон дар танқиди адабӣ зуҳур мекунад, масъалаи симои қаҳрамони лирикист.

Раҷаб Амонов ва Лариса Демидчик дар яке аз тақризҳои якҷояи худ бо таассуф эътироф карда буданд, ки «адабиётшиносони мо характери қаҳрамони лирикии назмро кам тадқиқ мекунанд. То ҳол ягон тадқиқоте ба табъ нарасидааст, ки дар он таҳаввули ғоявию бадеии симои қаҳрамони лирикӣ муфассалан ба назар расида бошад, хислату хусусиятҳои он дар шароити таърихии конкрет аз таҳлили ҷиддӣ гузашта бошад, алоқаи ин қаҳрамон бо қаҳрамони лирикии назми классикию халқӣ муқаррар гардида бошад». Танқиди адабӣ дар кори ҳаррӯзаи худ аз ин истилоҳ фаровон истифода мекунад ва баъзан, мутаассифона, сарҳади ин мафҳум батамом сутурда мешавад ва агар ҳамин тавр монем, натиҷаи неке доштанаш ба гумон аст.

Истад Қосимов ба номи «Қаҳрамони лирикӣ ва андешаҳо дар бораи он» мақола ба табъ расонида кӯшиш кардааст, ки дар роҳи як андозаи муайян кардани мафҳуми ин истилоҳ ва таҳлили ин қаҳрамон дар назми солҳои сиюм ҳиссае гузорад. Гузориши масъала бад нест. Дар ин бора баҳсҳои доманадори «ифшои худӣ»-и солҳои панҷоҳум ва қаҳрамони лирикии солҳои шастум, ки дар адабиёти рус барпо шуда буданд, ба хотир оварда мешаванд. Муаллиф тарафдори истифодаи ин истилоҳ аст ва онро барои таҳлили ҷиҳатҳои гуногуни лирика манфиатнок меҳисобад, ки дуруст аст. Вале чизе дигар тааҷҷубовар аст, ки ӯ мехоҳад аз ҳар

шеър тарҳ, хислат, симо ва шахсияти қаҳрамони лирикиро пайдо кунад, гӯё бо ин кор ба шеър қимате меафзуда бошад. Аз ҷумла, ӯ қасидаи машҳури устод Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-ро таҳлил карда менависад: «Аз ин қасида пеш аз ҳама симои шоир ва шахсияти ӯро тасаввур мекунем» ва ё боз сонитар «... аз ин шеъри ликирӣ симои маънавии шоир-қаҳрамони лирикӣ шахсияти беҳамтои вай бо тамоми бузургӣ пеши назари кас меояд...». Он чи ки муаллиф менависад, на аз мутолиаи бевоситаи шеър, балки аз он ҳикояте, ки ба таърихи сурудани ин шеър оид аст, ба назар мерасад. Бинобар ҳамин ҳам он тасаввуротеро, ки мо дар бораи шахсияти устод Рӯдакӣ дорем ва онро аз мутолиаи мероси ба мо расида ва аз ҳикояҳои тарҷумаи ҳолаш ҳосил кардаем, ба қаҳрамони лирикӣ вобаста кардан дуруст нест. Аз ин кор қимати ин қасида на паст мешавад ва на баланд. Вай ба ҳамон дараҷае, ки ҷолибу хушоҳанг, зебою дилнишин буд, мемонад.

Фарз кардем, ки муаллифи мақола дар ҳолати боло саҳв карда, факти ҳаётии шоирро ба қаҳрамони лирикии дар шеър набуда нисбат дод, вале ин кори ӯро чӣ хел маънидод кардан мумкин аст. Ӯ симои қаҳрамони лирикии яке аз шеърҳои Лоҳутиро таҳлил карда, чунин мегӯяд: «шоир симои қаҳрамони лирикиашро хеле возеҳ ба қалам медиҳад» ва ин пораи шеърро меорад:

*Акнун ин колхоз ҷои даҳто буз*
*Садҳо галла мепарваронад,*
*Ҷои чорта даст чанд ҳазорто даст*
*Ҳосил аз замин мерӯёнад.*

Оё аз ин сатрҳо симои қаҳрамони лирикиро возеҳ дида мешавад? Гумон аст.

Бисёр вақт муаллифони ҷудогона дар баҳо додан ба асар муболиға карда, ба он чизеро, ки дар он нест, нисбат медиҳанд. Ин кор махсусан, дар тавсифи ҳамин қаҳрамони лирикӣ ва ё таҳлили «ман»-гӯиҳо дар шеър ҳис карда мешавад. Қариб аст дар «ман»-и ҳар шеър ҷумлаи оламиён ва дарду ташвишҳои оламро кашф кунем, дар «ман»-и ҳар шеър рӯҳия ва авзои замонро ҳис кунем ва шоиреро, ки дар зимни «ман»-аш ба ҷуз шахсияти маҳдуди вай чизе дигаре нест, бовар кунонем, ки ту забони рози дили ҳазоронӣ. Оё чунин шарҳ додан ва маънӣ баровардан ба манфиати кор аст?

Баръакс онҳоро аз доираи танги тафаккуру эҳсосоташон берун баровардан зарур аст. Ин ба манфиати худи онҳо ва адабиёт хоҳад буд.

Нашавад, ки дар бораи маҷмӯаи шоире сухан ронда, мисли Ҳасан Муҳаммадиев «аз тарзи фикрронии вай кас чунин тасаввуроте ҳосил мекунад, ки гӯё мабдаи илҳоми шоир дар ҳастии худи ӯ, хотирот ва ёддоштҳояш ниҳон бошад» - гуфта инро дастгирӣ кунем ва чун сифати неки ашъори шоир ва айни ҳол шоири бешубҳа, соҳибзавқ Бозор Собир ба қалам диҳем. Ҳамин ақида дар тақризи дигари ӯ «Дар ҳукми сабзаи навдамида хеле доманадор ба қалам омадааст. Ҳол он ки ҳанӯз соли 1822 А.С. Пушкин дар яке аз мақолаҳояш навишта буд «... ба шоирони мо нисбат ба ин ғояҳои маъмулиашон андаке ғояҳои дигари бузургтар доштан зарар намекард; вагарна танҳо бо хотироти ҷавонии гузарон дур рафтани адабиёти мо муҳол аст».

Муболиға ва зиддияти фикр дар як тақризи ба маҷмӯаи шеърҳои Ҳабибулло Файзулло «Дунёи ҷавонӣ» навиштаи Юсуф Акбаров низ ба назар мерасад.

Ӯ менависад: «Аз шеърҳои ошиқонаи маҷмӯа дида мешавад, ки Ҳабибулло Файзулло характерҳои лирикӣ офаридааст. Ин ҷо пеши назар ду характер, яке маҳбуба ё духтари беиродаю паймоншикан, дигаре ошиқи қавиирода ва дар раҳи паймон устувор намудор мегардад». Аввал ин ки муаллиф шоир характерҳои лирикӣ офаридааст гуфта, муболиға мекунад ва сонияп, вақте ки ӯ тавсифи ин характерҳои лирикиро медиҳад, маълум мешавад, ки

онҳо хеле умумӣ, обшуста ва забонзад будаанд (беиродаю паймоншикан ва қавииродаю устувор).

Фарзан, ба гапи мунаққид бовар кардем, ки шоир характерҳои лирикӣ офаридааст, духтар беиродаю паймоншикан ва ҷавон қавииродаю устувор, вале пас аз чаҳор ҷумлаи дигари мунаққид мехонем, ки «... қаҳрамони лирикии Ҳабибулло Файзулло чандон ошиқ нест, шаҳди ишқро начашида ва танҳо лофи ошиқӣ мезанаду бас». Ва пас аз ду ҷумлаи дигар мехонем: «қаҳрамони лирикии шоир қадри ишқу ошиқиро кам медонад ва баъзан ишқро масхара мекунад». Охир, кадоми ин гапҳо ҳақиқат дорад ва агар ҳақиқат дошта бошад, хонанда ба кадомаш бовар кунад?

Вазъияти тақриз ва махсусан, тақризи шеър дар танқиди адабии мо чандон хуб нест.

Як мисоли дигар, ки дар он хатои тақризнавис ҷузъӣ ва тасодуфӣ набуда, маҳсули мавқеи барғалати ӯст. Муқарриз Ҳ.Муҳаммадиев маҷмӯаи марҳум Ғоиб Сафарзода «Ошёни офтоб»-ро таҳлил карда, чунин менависад: «Ба фикрам, Ғоиб Сафарзода ва ҳамсолони ӯро навомӯзу навқалам ҳисоб кардан чандон дуруст нест, ҳарчанд ки онҳо ҳанӯз дар сари роҳанд. Вақте ки маҷмӯаи аввалини онҳоро бо маҷмӯаҳои аввалини адибони солҳои сиюм, чилум, ҳатто панҷоҳум ба адабиёт қадам гузошта муқоиса мекунем, ин тафовут аёнтар мегардад».

Шояд, аммо дар ин ҷо зарур буд, ки аввал дар бораи умуман баланд рафтани сатҳи маданияти шеъри замони нав сухан ронд, пас ҳамчун натиҷаи он дар бораи эҷодиёти шоири мавриди таҳқиқ, ки усули таърихияти танқиди адабӣ талаб дорад.

Агар дар ин ҷо сурати ҳоли тақриз як қадар ҳузнангез ба қалам омада бошад, мақсади мо ҳамин аст, ки қувваҳои фаъол ва беҳтарини худро ба ин кор сафарбар карда, ҳар чи зудтар аз ин вазъияти ногувор бароем. Танқиди адабӣ ва махсусан, тақризи он кайҳо аз иштирок накардани донишмандони боэътибори мо, ки як вақтҳо бисёр аз шоирону нависандагони маъруфи имрӯзаамонро ба адабиёт раҳнамунӣ карда, фотеҳаи нек дода буданд, гилаҳо дорад. Манфиати адабиёт ҳамкории онҳоро тақозо мекунад.

Доираи як суханронӣ имкон намедиҳад, ки дар он ҳамаи масъалаҳои танқиди адабиро ба миён гузошта, хизмати ҳамаи мунаққидони муҳтарам сипосгузорӣ карда шавад.

Муаллиф умед дорад, ки дар оянда ин корро худи мунаққидон ба зимма мегиранд ва ба нишон додани ҳиссаи якдигар дар пешравии танқиди адабӣ кӯшиш мекунанд.

Ба ғайр аз ин, қайд кардан зарур аст, он таклифу пешниҳодҳое, ки аз тарафи мунаққидон Раҷаб Амонов, Соҳиб Табаров, Раҳим Ҳошим, Лариса Демидчик ва боз чанде дигарон ба унвони танқиди адабӣ карда шуда буданд, хеле саривақтӣ, фоиданок ва ба иҷрои онҳо пардохтан муҳим аст.

Ба як кӯшиш ва ғайрати дастаҷамъӣ танқид аз доираи маҳдуди хонандагонаш ба оммаи васеъ бояд рӯй биёрад. Ба ин кор дар замони мо махсусан, телевизион ва радиоро истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст. Агар шӯъбаҳои адабии телевизиону радио дар намоишномаю барномаҳои худ танқиди адабиро ҳамчун яке аз узвҳои адабиёт ба ҳисоб гирифта, тарғиб кунанд, барои тарбияи завқи бадеии тамошобинону шунавандагон кӯмаки хубе мешавад. Дар ин ҳолат танқиди адабӣ ҳам барои дарки асарҳо ёрӣ расонда, ҳам шавқи оммаро ба адабиёт афзунтар мегардонад.

Тамомкунандагони мактабҳои миёна аз фанҳои дақиқ ва техникӣ дониши нисбатан амиқ доранд, унсурҳои математикаи олиро меомӯзанд, вале донишашон аз фанҳои гуманитарӣ, махсусан, аз адабиёт хеле суст аст. Ин чиз ҳар сол аз имтиҳонҳои қабул ва иншоҳои тамомкунандагон маълум мешавад. Бинобар ҳамин ҳам дар мактабҳо ба таълими адабиёт

аҳамияти ҷиддӣ додан зарур аст, ки зиёиёни ояндаамон аз масъалаҳои адабиёт ҳам бохабар бошанд.

Барои дар донишгоҳҳои олӣ муаллимони хуб тайёр кардан курсҳои факултативии танқид ҷорӣ кардан зарур аст. Дар баробари шеъру ҳикояҳо дар маҳфилҳои «Адибони ҷавон»-и донишгоҳҳо мақолаҳои танқидии донишҷӯёнро ҳам муҳокима карда, онҳоро шавқманд кардан аз манфиат холӣ нест.

Агар Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ ҳам дар курс-конференсияҳои адибони ҷавони худ дар қатори намояндагони дигар жанрҳо мунаққидони ҷавонро даъват намуда, асарҳояшонро ба муҳокима мегузошт, хеле хуб мешуд.

Танқид имрӯз кори танҳо мунаққидон нест, дар он ба ғайр аз мунаққидони касбӣ оммаи васеи хонандагон ҳам иштирок мекунанд. Албатта дараҷаи илмию объективии мақолаҳои мунаққидони касбӣ аз ҳавасмандон ба маротиб фарқ мекунад ва равиши асосии танқидро ҳам маҳз асарҳои онҳо муайян менамояд, вале иштироки бештари хонандагон дар танқиди адабӣ доираи таъсир ва амали онро васеътар мекунад.

Ба маҷаллаву рӯзномаҳои ҷумҳурӣ лозим аст, ки баробари мақолаҳои мунаққидон фикру ақидаҳои хонандагонро мунтазам чоп кунанд.

Танқиди адабӣ пешаи осон нест. Достоевский пас аз як мақолааш чунин сатрҳоро ба ёдгор гузоштааст. «Аз ин ду ҷузъи чопиро навиштан, даҳ ҷузъ роман навиштан осонтар буд. Ҳамин қадар меҳнат карда, ба ҳамин расидам, ки ин мақолаи зормондаро, ягон панҷ бор навишта ва боз ҳамаро хат задаю сиёҳ карда, аз дигар сохтам. Ниҳоят ба як илоҷ онро шах кардам, вале ба ҳамин дараҷа бемаза, ки дилам беҷо мешавад. Маҷбур шудам, ки чӣ қадар санадҳои пурқиматро партоям! Аз рӯи чашмдошт фақат чизҳои бемаза ва миёнахелаш монд. Расвоӣ!».

Бояд дар ёд дошт, ки ин ҳарфи қаламкаши одӣ нест, ин сухани яке аз нависандагони нобиғаи башарист ва он моро водор месозад, дарк намоем, ки танқиди адабию бадеӣ то чӣ андоза соҳаи мушкилписанд ба шумор меравад.

## БА{С ИДОМА ДОРАД*[163]

Мубоҳиса дар атрофи шеъри муосир, ки бо манзури кушодани чигунагии пайванди шеър бо зиндагӣ ва дарёфтани хусусиятҳои шаҳрвандии он оғоз шуда буд ва акнун, баъди якуним сол, бо суҳбати мунаққидону шоирон дар гирди мизи мунаввар ба анҷом мерасад. Мубоҳиса чиро нишон дод, кадом хусусиятҳои умдаи назми муосирро кашф кард, пайванди шеърро бо зиндагӣ дар чӣ гуна мустаҳкамӣ дарёфт ва оҳанги шаҳрвандии шеърамонро дар чӣ поя дид?

Вақте ки дар бораи шеър ва зиндагӣ сухан меронем, ба ҳар дуи онҳо назари фарохе андохта, муҳимтарин ҷиҳатҳои пайвандашонро нишон додан лозим аст. Албатта, ҷои шубҳа нест, ки шеър ба зиндагӣ бо воситаи симои инсон таъсир мекунад. Чунки дар симои инсон таассурот ва андешаҳои вай, ормони зебошиносии замон аз ҳама хубтар инъикос мегардад. Бинобар ин ҳам, оид ба пайванди шеър бо зиндагӣ сухан ронда, зарур аст, ки ба ғайр аз инъикоси хусусиятҳои муҳимтарини зиндагии муосир дар бораи инсоне, ки ин зиндагиро месозад, андеша ронда шавад. Дар шеър тарзи тасвири инсон, ифодаи ҳиссиёт ва таассурот, баёни фикру ақидаҳои ӯ хеле

[163]*.Сухане дар ҷамъбасти мубоҳисаи маҷаллаи «Садои Шарқ» оид ба рӯҳи граждании шеър

гуногун аст. Бо вуҷуди ин, инъикоси гуногуни хулқу атвори инсонро дар назми ҳар давра таҳлил карда, симои умумият пайдо намудаи онро ба даст овардан мумкин аст. Ин симои умумият дошта, ки дар асарҳои ғиноӣ онро бештар қаҳрамони шеъри ғиноӣ мегӯянд, дар назми муосири тоҷик ормони ахлоқию зебошиносии замонро дар худ инъикос карда, ҳозираро дар инкишофи муттасил мебинад ва тарҳи ҷаҳони имрӯзаро дар худ аён мекунад.

Ҳар насли шоирон ба зиндагӣ бо чашми худ менигарад ва онро аз рӯи таҷрибаи ҳаётию эҷодии худ тасвир мекунад. Ҳоло дар назми муосири тоҷик се насли шоирон кору эҷод мекунанд. Симои фардӣ ва маҳорати эҷодии онҳо, бешубҳа, мувофиқи талаботи замони ба адабиёт дохил шуданашон сурат гирифтааст ва аз ин рӯ, нигоҳи ин се насл ба воқеият ва зиндагӣ аз ҳамдигар фарқ дорад. Агар ба насли аввал Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ва дигаронро дохил кардан мумкин бошад, симои фардии онҳо асосан дар солҳои сиюму чиҳилум шакл гирифтааст, ки ба давраи музаффариятҳои сохти сотсиалистӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ пурқуввату мустаҳкам шудани ҷумҳурии ҷавони мо рост меояд. Ва табиист, ки дар шеърҳои онҳо ҳарорати ситоиши зафарҳо ва бунёдкории инсон ҳамчун хусусияти доимӣ ба назар мерасад.

Насли дуюми шоирони муосири тоҷик мавқеи худро дар адабиёт дар солҳои панҷоҳум муайян кард, ки Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Гулчеҳра, Файзулло Ансорӣ, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ва дигарон намояндагони он мебошанд. Давраи ба арсаи адабиёт қадам ниҳодани онҳо даврае буд, ки халқи шӯравӣ пас аз ғалаба ба фашизм харобиҳои ҷангро барҳам зада, хоҷагии худро аз нав барқарор мекард ва дар ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ ҳисса мегузошт.

Насли сеюми шоирони муосири тоҷик пешу қафо дар охири солҳои панҷоҳ ва аввали шаст ба адабиёт дохил шуданд, ки инҳо Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ, Бозор Собир, Салимшо Ҳалимшо, Мастон ва дигарон мебошанд. Солҳои шаст ва ҳафтод давраест, ки мавқеи шахс дар ҷамъият афзуд, худшиносии инсон амиқ рафт. Муборизаи байни ҷаҳони сотсиалистӣ ва ҷаҳони капиталистӣ тезутунд гашта, муборизаи ғоявӣ дар ин давра мавқеи аввалдараҷа пайдо кард. Ва ин хусусият ба такомули эҷодии шоирони насли сеюм таъсир накарда намонд.

Тафриқаи наслӣ ва дарёфти хусусиятҳое, ки дар замони такомули эҷодии онҳо дида мешавад, ба мисли ҳамаи тафриқаҳо як андоза шартист. Шояд ин ё он хусусияти ҷудогона ба як ё ду давра ва як ё ду насл ба тарзи муштарак мансуб бошад, аммо ин ҷо маҳз ҳамон хусусиятҳои нисбатан барҷаста ба назар гирифта шудааст.

Мақсад аз ин гуфтаҳо он чизро қайд кардан аст, ки дар мубоҳиса таҷрибаи эҷодии ҳар се насли шоирон бояд мавриди мулоҳиза қарор мегирифт ва аз ҳамин бояд пайванди бо зиндагӣ доштаи шеъри имрӯзаи мо таҳлил ва тадқиқ мешуд. Вале афсӯс, ки аз мақолаи нахустин сар карда, ин чиз сарфи назар шуд ва гуфтугӯ асосан дар атрофи эҷодиёти насли сеюм сурат гирифт.

Мақолаи якуми мубоҳиса бо вуҷуди як дараҷа хусусияти тезутунд доштан ба масъалаи пайванди шеъру зиндагӣ ва моҳияти шаҳрвандии шеъри муосир камтар дахл карда, бештар ба таҳлилҳои ҷузъӣ оид шудааст. Муаллиф дар хотимаи мақола ин кӯшиши худро як дараҷа асоснок кардани шуда, навиштааст, ки «... мо, чунонки дар аввали мақола хотирнишон кардем, хостем, ки фақат дар бораи як ҷиҳати алоқаи шеър бо зиндагӣ, аз ҷумла, маҳорат ва бадеият дар эҷодиёти шоирони муосир, андеша ронем. Чунки, ба назари мо, ҳалли дурусти ин масъала дар вазъияти шеъри тоҷик яке аз заминаҳои асосии инкишоф ва равнақи минбаъда ва «ба назми пуриқтидори гражданӣ» (М. Турсунзода) табдил ёфтани он мебошад».

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаи қудрати шаҳрвандии шеър аввал мақулаи ҷаҳоншиносӣ ва баъд мақулаи бадеист. Бинобар ин, ба тадқиқи он аз назари маҳорату бадеият

ва услубу жанр кӯшидан масъаларо яктарафа ба баррасӣ гузоштан аст. Вақте ки дар бораи моҳияти шаҳрвандии шеър сухан ба миён меояд, таҳлили ғоя, мазмуну муҳтаво мавқеи иҷтимоӣ ва ба дархостҳои зиндагии муосир чӣ гуна ҷавоб додани шеър аз ҳама муҳимтар аст.

Маъмулан таъкид карда мешуд, ки танқиди адабии мо ғоя ва мазмуну муҳтавои шеърро дуруст таҳлил мекунад, вале дар таҳлили хусусиятҳои бадеии он мелангад. Ин фикр ҷон дорад. Аммо маънии таҳлили ғоя ва мазмуну мӯҳтаворо дурусттар, бо тамоми ҷиддият чун таҳлиле, ки асоси назарияш равшан буда, ба асар аз мавқеи муайяни ғоявию зебошиносӣ баҳо медиҳад ва ҳақиқати ҳаётро бо ҳақиқати бадеӣ муқоиса карда метавонад, бояд фаҳмид. Вагарна таҳлили хусусиятҳои бадеии шеърро, ки аз таҳлили мундариҷаи ғоявию зебошиносии асар ҷудост, таҳлили бадеият ҳисобидан нашояд, чунонки танҳо зикри мавзӯъ ва ба тарғиби кадом ғоя навишта шудани асарро низ ҳаргиз таҳлили мазмуну мӯҳтавои асар ҳисобидан дуруст нест. Мубоҳиса нишон дод, ки аз ин ҷабҳаи таҳлил ҳам хотирҷамъ будани мо барвақт аст.

Абдунабӣ Сатторов як хусусияти муҳими шеъри муосирро дуруст қайд кардааст, ки он «бештар маъмул гардидани тарзи тафаккури эҳсоси мусалсал (ассотсиативӣ) ва номуттасил» мебошад. Ин чиз шоистаи таҳлил ва тадқиқ буд ва ҳангоми кушодани асосҳои ин хусусият яке аз роҳҳои таҳлили пайванди шеър бо зиндагӣ муайян мегардид. Мулоҳиза меравад, ин сифатест, ки маҳз замони инқилоби илмию техникӣ ба шеър ворид кард. Тафаккури инсони муосир фарох ва қобилияти эҳсоси мусалсали ӯ афзудааст. Вай метавонад, ки миёни ашё ва ҳодисаҳои аз ҳам дур ба зудӣ як монандӣ ва робитаро пайдо кунад.

Ин хусусият дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ, Бозор Собир ба назар мерасад. Дар ин ҷо боз як чизро зикр бояд кард, ки аз назари аксари мубоҳисачиён дар канор монд. Дар рафти мубоҳиса ба достон қариб эътиборе дода нашуд. Оё дар мубоҳиса дар бораи ҷараёни шеъри имрӯз аз достон сухан нарондан мумкин аст? Ҳол он ки таҷрибаи қисме аз достонсароёни тоҷик на фақат дар адабиёти мо, балки дар миқёси умумииттифоқ ҳам эътироф шудааст.

Ғайр аз ин достон, бо махсусияти шакл ва мундариҷаи худ ҳамеша асоси мустаҳками ҳаётиро талаб мекунад ва аз ин ҷиҳат бо зиндагӣ бештар пайвастааст. Ангезаи башарие, ки дар достон зарур аст, имкон медиҳад, ки дар асоси моводи муҳими ҳаётӣ характерҳои қавӣ ва тасвири ҳолатҳои шадид ба даст оварда шавад. Барои амиқтар нишон додани пайванди шеър бо зиндагӣ ва моҳияти шаҳрвандии он таҳлили достон моводи фаровоне дода метавонист.

Мақсади ин қайдҳо аз мубоҳиса фақат камбудӣ ҷустан нест. Манфиате, ки мубоҳиса барои таҳлилу тадқиқ ва аён кардани вазъи шеърамон овард, маълум аст ва он дар аксари мақолаҳо қайд шудааст. Мақсади мо баробари зикри дастовардҳои мубоҳиса қайд кардани масъалаҳоест, ки мавриди гуфтугӯ қарор гирифтани онҳо аз ҳама зарууртар буд.

Аксари муаллифон ба ҷои таҳлилу тадқиқи муҳимтарин хусусиятҳои ҷараёни шеъри имрӯз бештар ба танқиди ашъори ҷудогона машғул шуданд. Хусусан муаллифони мақолаҳои «Чанд андеша», «Шеър машъал аст», «Замини барӯманди шеър», «Розҳои маҳрамона ё сурудҳои замонӣ» худро аз ин рӯҳия халос карда натавониста, баррасии худро дар атрофи шеърҳои ҷудогона ва масъалаҳои ҷузъӣ ба анҷом расонданд. Дуруст аст, ки дар ин мақолаҳо оид ба шеърҳои ҷудогона нақдҳои хубе ҳаст, вале азбаски онҳо вазъи шеъри муосирро як андоза бошад ҳам пеши назар намеоранд, маҳдуд мемонанд.

Мақолаҳои Абдураҳмон Абдуманнонов «Сухан аз қаҳрамони ғаноӣ» (ғиноӣ, на ғаноӣ, зеро ғано сарват аст, ғино лаҳну оҳанг, ки сифати шеър аст – А. Ҳ.) Ҳамроқул Шодиқулов «Ду мавзӯи муҳими шеъри имрӯз», Абдухолиқ Набиев «Шеър гар эъҷоз бошад» ва Фотеҳ Абдулло «Барои шеъри шоистаи замон» аз ҷиҳати он ки ҷараёни шеъри муосирро каме мукаммалтар ба андеша гирифтаанд, ҷолиби диққатанд. Ҳарчанд ки ин ҷо ҳам муаллифон гоҳо ба айбҷӯиҳои ҷузъӣ

рағбат зоҳир мекунанд, аммо онҳо аксаран кӯшиш кардаанд, ки мавзӯи интихобкардаашонро то қадри ҳол дар ҷараёни инкишофи шеъри муосир баррасӣ намоянд. Аз онҳо кӯшиши Абдураҳмон Абдуманнонов, ки симои маънавии қаҳрамони ғиноии шеъри муосирро ба андеша мегирад, қобили қайд аст. Махсусан, он чиз шоистаи тақдир аст, ки ӯ оид ба қаҳрамони ғиноии назми муосир сухан ронда, мехоҳад, хусусиятҳои типии ин қаҳрамонро нишон диҳад ва менависад: «Одатан ҳангоми таҳлили характери персонажҳои асарҳои эпикӣ дар бораи характерҳои типӣ сухан меронанд, вале нисбат ба қаҳрамонҳои ғаноии ашъори ғаноӣ ин истилоҳро ҷоиз намедонанд. Магар дар намунаҳои болоӣ мисолҳои барҷастаи инъикоси дунёи маънавии инсони муосири советиро намебинем? Магар қаҳрамони ғаноии намунаҳои боло типи инсони имрӯзи советӣ нестанд? Агар ҳамин тавр намешуд, дар бораи ифодаи «шаҳомати кулл дар сурати ҷузъ» сухан ҳам намерафт». Ин ҷо ҳаминро гуфтан даркор аст, ки ҳарчанд дар танқиду адабиётшиносии тоҷик дар бораи қаҳрамони ғиноӣ чун дар бораи яке аз роҳҳои таъмимӣ кунонидани хулқу атвори инсон сухан нарафта бошад ҳам, ин масъала дар танқиду адабиётшиносии халқҳои дигар кайҳо мавриди андеша қарор гирифта буд. Чунончи адабиётшиноси машҳури рус Л. Тимофеев дар баҳсе, ки аввали солҳои шастум, роҷеъ ба қаҳрамони ғиноӣ барпо шуда буд, ширкат варзида, дар бораи ин қаҳрамон чун дар бораи симои таъмимии бадеӣ ва ҷомеъ сухан рондааст. Баъд аз он ин фикр дар тадқиқотҳои минбаъда тақвият ёфта, ҷиҳаҳои тоза ва махсусиятнокии он ба андеша гирифта шуд.

Ба ин тарафи масъала диққат кардани маллиф аз он гувоҳӣ медиҳад, ки танқиди тоҷикро ҳам зарур аст, ки дар ин бора фикр кунад ва тарзу усулҳои таҷассуми хулқу атвори таъмимиро дар симои қаҳрамони ғиноии назми муосири мо муайян намояд.

Мубоҳисачиён дар баҳо додан ба хусусиятҳои шеъри муосир фикрҳои гуногун доранд, ки табиист. Масалан, Абдураҳмон Абдуманнонов «умумигӯӣ яке аз нуқсонҳои умдаи шеъри имрӯз, махсусан, лирика аст» гӯяд, Раҳим Мусулмонқулов баръакси он менависад: «Баъзе рафиқон солҳои охир ба шеърҳои умумӣ бо ҷиддияти том дарафтодаанд. Ба фикри мо, ин ҷо эҳтиёҷ ба бонги хатар нест, зеро аз як тараф ҳоло дар муҳити адабии мо шеърҳои умумӣ ҳеҷ мавқее надошта бошанд, аз тарафи дигар доираи он торафт маҳдуд шуда истодааст. Ҳоло хонанда соҳиби фазлу завқи салим аст, чизи носараро худ дур мекунад». Мубоҳиса нишон дод, ки шеъри умумӣ дар назми мо кам нест ва ҳар чи зудтар пешгирӣ кардани он яке аз вазифаҳои бетаъхири танқид аст. Ба замми ин, танқид на ин ки мунтазири «фазлу завқи салим»-и хонанда бояд истад, ки он кай чизи носараро худ дур мекунад, балки баръакс вай бояд аз хонанда пештар монеи роҳи ин гуна шеърҳо гардад, то ба ин восита барои тарбия ва такомули завқи бадеии ӯ кӯмак расонад.

Дар замони инқилоби илмию техникӣ баъзе хусусиятҳои шеър, аз ҷумла, фарохии робитаноки эҳсос ва тафаккур, шиддати азими ҳиссиёт, қувваи барангезандаи таассурот аҳамияти махсус пайдо кард. Вале моҳияти шеър ҳамчун як соҳаи ҳунар доимо устувор аст, ки он тасвири бадеии ҳаёт, ҳиссиёт ва таассурот аст. Аз ин рӯ, вай барои тадқиқи худ низ қонуниятҳои махсус талаб мекунад, ки табиаташ тақозо дорад. Ин ҳақиқати маъмулро барои он таъкид бояд кард, ки дар баъзе мақолаҳо муаллифон аз шеър хусусиятеро, ки ба завқи шахсии онҳо бештар наздик аст, талаб кардaнд, ки ба табиати он рост намеояд. Ин ҷо мо талаби муаллифони мақолаҳои «Чанд андеша» ва «Шеър машъал аст»-ро дар назар дорем. Муаллифони мақолаи «Чанд андеша» аз шеър «мазмунҳои фалсафӣ» ва муаллифи мақолаи дуюм «дониш» мехоҳанд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки шеъри ҳақиқӣ бояд мазмуни фалсафӣ дошта бошад, ба дониши хонанда чизе биафзояд. Ин чиз худ ба худ боиси эътироз нест, вале тарзе ки муаллифон аз шоирон талаб мекунанд, ба табиати шеър ҳеҷ мувофиқ намеояд. Масалан, онҳо менависанд: «агар шоир шеъри комил ва ҳақиқӣ навиштанӣ бошад, онро бояд ба мантиқи фалсафӣ устувор кунад», «танҳо фикри тозаи фалсафӣ сазовори ба хотир супурдан ва ҳифз намудан аст» ва ё

аҷибтар аз ҳама «истифода бурдани мазмунҳои фалсафӣ дар шеър ба хоҳиши шахсии худи шоир ва ё хонандагонаш вобастагӣ надорад...». Пурсида мешавад, ки ин чиз ба хоҳиши шоир ва хонанда вобаста набошад, пас ба чӣ вобаста аст? Ё мазмуни фалсафӣ шабаҳест, ки ба иродаи худ ҳар ҷой, ки хоҳад, пайдо мешаваду аз шоир ва хонанда вобастагӣ надорад?

Ҳол он ки кори огоҳонаи шоир ва ҳамчунин талаботи хонанда аз рукнҳои асосии талаботи замон ва шеър аст.

Муаллифи «Шеър машъал аст» дархости худро чунин изҳор медорад: «Шамси Қайс гуфта буд: «Шоир - олим аст, яъне доно». Аммо ба ин илова метавон кард, ки масъулияти шоир назар ба олим бештар аст, зеро олим вазифадор аст, ки соҳаи конкретии ин ё он илми конкретиро хуб донад, вале аз адиб талаб карда мешавад, ки ба замми дониши илми назарӣ боз тамоми соҳаҳои ҳаётро ба дараҷаи аъло донад». Аммо худи муаллиф ҳам бояд мусаллам бар он бошад, ки на фақат шоир, балки бузургтарин фарзанди таърих ҳам ба ин талабот ҷавоб дода наметавонад.

Оё ба шеър ва зиёда аз ин ба шеъри ғиноӣ бо меъёри чӣ қадар дониш доданаш ба хонанда руҷӯъ кардан мумкин аст? Агар ҳол ин тавр аст, мо ба рӯи қариб тамоми мероси шеърии инсоният бояд хати бутлон кашем. Чунин тамоюли ғалат ба иваз кардани қонуниятҳои як навъи маърифати инсонӣ ба навъи дигари он, дар айни ҳол ҳунар ва илм мебарад. Маърифати шеър, маърифати дил ва ҳиссиёт, маърифати маънавист.

Як нуқси дигаре, ки вақтҳои охир дар танқид ва дар мубоҳиса ҳам ба назар расид, ин аст: мунаққидон аксаран дар нақши омӯзгори шоир арзи вуҷуд карда, ҳарчи мехоҳанд ба ӯ таълим медиҳанд ва ё ҳатто барои ин ё он асар «ресепт» (нусха) ҳам пешниҳод мекунанд. Дур наравем. Муаллифони мақолаи «Чанд андеша» ба шеъри Гулрухсор эрод гирифта навиштаанд: «Давраи кӯдакӣ бояд тавре тасвир меёфт, ки ҳамчун замина, парвозҳои ояндаи шоирони моро таъмин мекард», албатта, ин тавр шавад хуб аст, вале мунаққид ҳақ надорад, ки ба шоир маҳз ҳамин тавр навис гӯяд ва зиёда аз ин, ба муаллифон ҳам шояд маълум бошад, ки ин фақат як усули тасвир аст. Ё худ як шеъри Лоиқ ба ин тарз мавриди нуктагирии онҳо шудааст: «Лоиқ... агар масъалаи ишқи аввалро оптимистона ҳал мекард, беҳтар буд». Муаллифи «Шеър машъал аст» ба шеъри «Зарафшон меравад сӯи Бухоро» эрод гирифта, ба шоир чунин анҷом ёфтани шеърро гӯшзад мекунад: «агар шеър бо рӯҳияи оптимистона анҷом меёфт, яъне ба шукӯҳу абадияти Рӯдакӣ ва қисмати безаволи ӯ (туфайли дохили ганҷинаи маънавии халқҳо гардидани осораш) ишора мегардид, образ ҳаматарафа мукаммал мегашт ва шеър ҳусни мақтаъ пайдо карда, ғояи он ҳаётӣ ва ибратбахш мешуд». Кори мунаққид нишон додани нуқси шеър, тарафи дигараш кори шоир аст.

Дар мубоҳиса баробари баёни андешаҳои салим, ки таҳлилу тадқиқи минбаъдаи онҳо ба намудор кардани вазъи шеъри муосир кӯмак мекунанд, фикрҳои баҳсталаб ва носаҳеҳ низ пеш ронда шуданд. Имрӯз мубоҳиса ҷамъбаст карда мешавад. Худ аз худ саволе ба миён меояд, ки вазъи шеъри имрӯз чӣ гуна аст ва аз мубоҳиса чӣ муроде ҳосил шуд. Ба ақидаи аксарияти иштирокчиёни баҳс, ки онро Ҳамроқул Шодиқулов ҳам таъкид кардааст, мубоҳиса муфид буд, «назари мунаққидон ба маҷрои умумии шеъри муосир мусбат аст ва аз он ки яке зиёдтар ва дуюмӣ камтар дар он камбуиҳо дидааст, аз талабот ва завқи эстетикии онҳо бармеояд».

Мубоҳиса баробари то андозае ба андеша гирифтани муҳимтарин хусусиятҳои шеъри имрӯз нишон дод, ки вақти ба танқиди шеърамон ҳам назари танқидӣ ва мубоҳисавӣ андохтан расидааст. Инро беҳбуди кор мехоҳад.

**Соли 1976**

# «БЕИ ХЕИ МЕЛИЁН» Ё «БОДИ ХЕИ МЕЛИЁН»

**Шоири ҳасуд Абӯзироа дар мазаммати устод Рӯдакӣ чӣ гуфтааст?**

**Устод Рӯдакӣ кӯри модарзод буд ва ё дар натиҷаи ихтилофҳои дарборӣ ҷабран кӯр карда шуд? Қатраборон чист? Гиёҳ ё қатраборон ?. «Бӯи ҷӯи Мӯлиён…» ё «Боди ҷӯи Мӯлиён…» ? Дар ин бора худи устод Рӯдакӣ ва Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ чӣ гуфтаанд?**

Дар яке аз шабҳои адабиаш дар музеи Политехникии Москва ба Маяковский барои мулзам кардани ӯ чунин мактубча дода буданд: «Шеърҳои Шумо аз ҳад зиёд рӯзмарраанд. Онҳо фардо мемиранд. Худи Шуморо фаромӯш мекунанд. Абадият насиби Шумо нест…»

Маяковский дафъатан ҷавоб гуфта буд:

-Баъд аз ҳазор сол дароед, он вақт гуфтугӯ мекунем! Ҳарчанд Маяковский ин ҷавобро бадоҳатан гуфтааст, аммо меъёри вақте ки ӯ ба забон овардааст, барои муайян кардани абадияти ашъори шоир бояд кофӣ бошад.

Ҳазор сол. Ду сол пеш аз ин 1125 солагии устод Абӯабдулло Рӯдакӣ буд. Дар абадияти устод Рӯдакӣ ҷои шубҳа нест. Шоире, ки шеъраш дар тӯли ҳазор сол дар забони мардум будааст, яқинан ҷовидона хоҳад монд.

Аммо дар замони устод Рӯдакӣ ҳам касоне буданд, ки ё аз ҳасад, ё аз нофаҳмӣ ба қадри пояи баланди шеъри ӯ нарасидаанд. Яке аз ин гуна мисолҳо то замони мо ҳам расидааст, ки шеъри шоири ҳамзамон, вале ҳасуд, Абӯзироа, дар мазаммати устод Рӯдакӣ мебошад.

Шарофати устод Рӯдакӣ чунон бузург аст, ки номи мазамматкунанда ва ҳасудашро ҳам дар ҳазор сол зинда дошт. Ҳоло мақсади мо аз шеъри Абӯзироа дигар аст. Ӯ навишта буд:

*Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,*
*Аҷаб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.*
*Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,*
*Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.*
*Ҳазор як з- он, к- ӯ ёфт аз атои мулук,*
*Ба ман диҳӣ, сухан ояд ҳазор чандонам.*

Дар масъалаи кӯри модарзод ва ё дар натиҷаи ихтилофҳои дарборӣ минбаъд кӯр карда шудани устод Рӯдакӣ мубоҳисаи дуру дароз ҳаст. Ҷонибдорони ҳар ду тахмин ҳам дар байни тадқиқотчиёни аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ бисёранд. Ҳар кадоме аз ин гурӯҳ, агар барои тақвияти тахмини худ аз маъхазҳои ҳар қадар қадим санад ёбад, онро ҳамон қадар мӯътамад ва асли воқеа ба қалам медиҳад. Ин, бешубҳа, кори дуруст аст. Аммо, дар айни ҳол, ба назари ман, аз ин шеъри Абӯзироа, ки ҳамзамони устод Рӯдакӣ ва аз ҳоли вай огоҳ будааст, маъхази қадимтаре нест. Ин шеър санади қадимтарин ва бурҳони қотеъ аст дар масъалаи муайян кардани кӯри модарзод будан ва ё ҷабран кӯр карда шудани устод Рӯдакӣ.

Аммо А. Тоҳирҷонов дар асари худ («Рӯдакӣ», « Ҳаёт ва эҷодиёт», «Таърихи омӯзиш» Нашриёти Университети Ленинград 1968, боби 11) ва ҳамаи онҳое, ки ин шеъри Абӯзироаро барои тасдиқи кӯри модарзод будани Рӯдакӣ овардаанд, аз маънои мисраи чаҳоруми шеър сарфи назар ва ё онро нодурст маънидод кардаанд. Абӯзироа дар байти дуюми ин шеър гуфтааст:

*Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,*

*Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.*

Шоири ҳасуд, агар дар мисраи аввали ин байт гетиро ба ду маъно истифода карда, ҳам ба олами маънавӣ ва ҳам ба молу сарват расидани устод Рӯдакиро таъкид карда бошад, дар мисраи дуюм барои он мазаммат мекунад, ки ӯ гӯё барои гетӣ, яъне молу сарват аз чашм ҷудо шудааст. Ин таъна ба он далолат мекунад, ки устод Рӯдакӣ дар натиҷаи ихтилофҳои дарборӣ ҷабран кӯр карда шуда, ҳаргиз кӯри модарзод набудааст.

Аз овардани ин шеъри Абӯзироа ду мақсад буд, ки аввалаш баён шуд ва дуюмаш он аст, ки дар таъйин кардани асли воқеа на фақат дар маъхазҳои ҷинси луғат, тазкира, таърих ва ғайра, балки дар худи шеър ҳам маълумотҳои дақиқ ва бурҳонҳои раднопазир ҳастанд. Мисоли дуюми он дар охири ин навиштаҳо оварда мешавад.

Ин мақола пас аз чопи нави ашъори устод Рӯдакӣ, ки дар нашриёти «Ирфон» (соли 1984) бо номи «1000 мисраи Рӯдакӣ» бо саъйи Расул Ҳодизода ва Ансор Афсаҳов ба табъ расид, ба қалам омад ва мақсадаш баён кардани чанд нуктаест, ки баъди мутолиаи он пайдо шуд.

Ҳар нашри осори устод Рӯдакӣ барои мо ҳодисаи фараҳбахш аст, зеро он, аз як ҷиҳат, ташнагони шеъри устодро шодоб кунад, аз ҷиҳати дигар, мекӯшад ноқисиҳоеро, ки дар нашрҳои пешина буданд, бартараф созад ва барои дуруст, комил ва нусхаи асл шудани ашъори Рӯдакӣ хизмат кунад. «1000 мисраи Рӯдакӣ» ҳам ба ҳамин мақсад ба ду забон – ба тоҷикӣ ва ба русӣ бо тарҷумаҳои нав таҳия шудааст. Ҳамин ҷо бояд гуфт, ки аввалин бор муаллифон мундариҷаи китобро аз рӯи мисраъҳои аввали шеърҳо тартиб дода, хонандаро аз заҳмати барзиёдӣ, ки барои ёфтани ин ё он шеър сарф мекард, халос кардаанд. Азбаски китоб ба ду забон аст, дар муқова овардани номи русиаш ҳам зарур буд, зеро хонанда то китобро варақ назанад, аз қисмати русӣ доштани он хабар намеёбад. Бинобар ин, хонандагони русзабон аз он бехабар монданашон мумкин аст. Ҳоло фақат қисмати тоҷикии ин китоб мавриди гуфтугӯ мебошад.

Маро, ки матншинос, тадқиқотчии осори Рӯдакӣ ва ё адабиёти классик нестам, чӣ водор месозад, ки дар бораи матни ин маҷмӯа изҳори ақида кунам?

Пеш аз ҳама худи осори устод Рӯдакӣ. Бисёр халқҳо имрӯз мероси ҳазорсолаи худро (агар дошта бошанд) бе тарҷума, тафсир ва ё луғатҳои махсус ба осонӣ хонда ва ё хуб фаҳмида наметавонанд. Масалан, забони асарҳои Шекспир, ки забони асрҳои XVI-XVII мебошад, аз забони ҳозираи англисӣ бо кӯҳнагии худ сахт фарқ кунад, забони «Достони полки Игор», ки ёдгори охири асри XII адабиёти рус аст, аз забони ҳозираи русӣ чунон дур аст, ки онро фақат дар тарҷума хонда фаҳмидан мумкин мебошад. Аз ин сабаб, ин асарро чанд бор ба забони имрӯзаи русӣ тарҷума карданд, ки охиринаш бо қалами шоир Игор Шкляревский ба наздикӣ ба ҷо оварда шуд. Аммо забони тоҷикии имрӯза аз забони тоҷикии асри X дар шеър қариб тафовут надорад ва ин ҳаргиз аломати аз инкишоф мондани забон набуда, далели пештар ба камолот расиданаш мебошад, ки тараққии он минбаъд дар сайқал хӯрдани услуб ва афзудани захираи луғаташ давом мекунад.

Ба ин ҷиҳат, шеъри устод Рӯдакӣ дар давоми ҳазор сол дар маърази забон ва адабиёти тоҷику форс буда, то имрӯз дар ҷараёни шеър зиндагӣ ва таъсири фаъолона дорад.

Яке аз сабабҳое, ки маро дар бораи китоби тозаи устод Рӯдакӣ ба сухан гуфтан водор мекунад, ҳамин ҳастии фаъолонаи шеъри ӯ дар ҷараёни адабӣ ва асари он ба шеъри замон аст.

Дар асл, барои ман ибтидои қариб аксари ҷараёнҳои асосии шеъри тоҷику форс, дар давоми ҳазор соли мавҷудияташ, аз осори устод Рӯдакӣ мебошад. Инро ман ҳатто аз ҳамон миқдори ками ашъор, ки дар ҳудуди ҳазор ва ё бештар аз якумин ҳазор мисраъ то мо расидааст, эҳсос мекунам. Масалан, ман дар он ашъори пароканда сарчашмаи фалсафӣ ва ҳаётии рубоиёти Хайём, ҳикмати ашъори Саъдӣ, маънавиёти Ҷалолиддини Балхӣ, ошӯби ирфонии ғазалиёти Ҳофизро сари ҳар байт дармеёбам. Фақат як намуна меорам:

*Шод зӣ, бо сиёҳчашмон, шод,*
*Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.*
*З- омада шодмон бибояд буд*
*В- аз гузашта накард бояд ёд.*
*Ману он ҷаъдмӯи ғолиябӯй,*
*Ману он моҳрӯи ҳурнажод.*
*Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,*
*Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.*
*Боду абр аст ин ҷаҳон, афсӯс,*
*Бода пеш ор, ҳар чӣ бодо бод…*

Ҳар байти ин пораи ғазал нуктаҳои болоиро ба хубӣ тасдиқ карда метавонад. Ба ғайр аз ин, ба байти охир таваҷҷуҳ кунед:

*Боду абр аст ин ҷаҳон, афсӯс,*
*Бода пеш ор, ҳар чӣ бодо бод.*

Ин ҷо калимаҳои ҳамоҳанги бод, бода, бодо бод таҷниси лафзианд, ки ин санъат минбаъд, масалан, дар осори Ҷалолиддини Балхӣ, махсусан дар «Девони Шамси Табрезӣ» ва ҳамчунин дар ғазалиёти Соиб фаровон истифода шуда, яке аз рукнҳои асосии санъати лафзии осорашонро ташкил додааст.

Ҳоло дар ашъори шоирони имрӯз ҳам, масалан, бештар аз ҳама дар Лоиқ, корбасти ин санъат – дар асоси калимаҳои ҳамоҳанг ва ҳамқарина сохтани шеър ривоҷ дорад. Аз ин пайдост, ки ашъори устод Рӯдакӣ ҳамеша яке аз сарчашмаҳои тозакориҳои шоирони минбаъда мебошад.

Аслаш, вақте ки дар бораи тозикориҳо дар шеър сухан меравад, шеъри куҳанро ҳамеша хуб дар ёд бояд дошт, зеро навовариҳои асил фақат дар ашъори шоироне буд, ки шеъри куҳанро хуб медонистанд ва ҷиҳатҳои беҳтарини онро бо фикру эҳсоси навини худ барои хизмати шеъри замон истифода мекарданд. Яъне дар ҳунари шеър гузашта ҳаргиз гузашта нест, вай дар байни имрӯз ва фардост, вай пулест, ки имрӯзро ба фардо мебарад. Ин яке аз меъёрҳоест, ки барои шинохтани абадияти осори ин ё он пешниҳод карда мешавад. Меъёри дигари муҳим он аст, ки осори шоир ба насл ва замонҳое, ки пас аз ӯ меоянд, чӣ гуна иртибот пайдо мекунад, бо онҳо чӣ гуна сухан мегӯяд ва ба ниёзҳои онҳо чӣ гуна ҷавоб медиҳад. Ба шоири оддӣ бо замони худ сухан гуфтан осон набошад ҳам, ба ҳар ҳол дастрас аст, аммо бо замон ва наслҳои оянда ва махсусан, пас аз гузаштани ҳазор сол сухан гуфтан кори ҳар шоир нест, ба ин фақат шоири классик, шоири нобиға қудрат дорад.

Устод Рӯдакӣ бо мо на танҳо сухан мегӯяд, балки ниёзҳои моро хуб медонад ва ба онҳо ҷавоб ҳам медиҳад. Ман бо ҳамин ният китоби тозаи ӯро мутолиа мекунам. Пеш аз ҳама бояд

гуфт, ки таҳиягарони он Расул Ҳодизода ва Аснор Афсаҳов дар таҳсеҳ ва дуруст кардани калимаҳое, ки дар навишти арабӣ якхела ҳастанду чанд тарзи хониш доранд ва дар нашрҳои пешина нодуруст хонда шуда буданд, дар ислоҳи ноҷӯриҳои вазн, мантиқи сухан, имло меҳнати бисёр кардаанд. Р. Ҳодизода дар сарсухани маҷмӯа навиштааст, ки «Тамоми шеърҳои маҷмӯа аз назари дурустии матн бори дигар санҷида шуд ва он ҷое, ки дар маҷмӯаҳои аз ин пеш саҳву хатое рафта бошад, тасҳеҳ ёфт. Ҳамаи тасҳеҳоте, ки дар ин маҷмӯа дарҷ гардидааст, дар қисмати тавзеҳот нишон дода шудааст». Ин суханҳо дурустанд ба он маънӣ, ки дар ҳақиқат бисёр саҳву хатоҳои нашрҳои пешина ислоҳ шудаанд, аммо, мутаассифона, баъзе байтҳои дурустро, баръакс, аз нав ғалат ҳам кардаанд. Бо вуҷуди ин нашри «1000 мисраи Рӯдакӣ» дар ҳоли ҳозир нисбат ба ҳамаи нашрҳои пешина камнуқс аст. Аз ин рӯ, хизмати таҳиякунандагон қобили тақдир мебошад.

Дар сарсухани маҷмӯа дар бораи нашри осори Рӯдаӣ, ки аз тарафи Саид Насифӣ, устод Айнӣ ва Деҳотӣ, Д. Комиссиров ва И. Брагинский, У. Каримов ва С. Саъдиев таҳия шудааст, аз назари танқидӣ сухан меравад ва қайд мешавад, ки саҳву хатои онҳо ислоҳ карда шуд. Аммо нашри нав дар тавзеҳот фақат бо таҳияи У. Каримов ва С. Саидов (Рӯдакӣ. Шеърҳо. Нашриёти «Ирфон», соли 1974) таҳти назари Р.Ҳодизода ва М. Усмонов сурат гирифта буд, қиёс карда шудааст. Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки гӯё хатоҳое, ки дар таҳияи У. Каримов ва С. Саъдиев ҷой доранд, танҳо акнун маҳз дар ҳамин нашри тоза тасҳеҳ шуда бошанд. Аммо шакли дурусти баъзе аз ин калимаҳо, мисраъҳое, ки дар нашри охир тасҳеҳ шудаанд, дар китоби «Осори Рӯдакӣ», ки соли 1958 аз тарафи А. Мирзоев таҳия шуда, таҳияи С. Нафисиро дар асос дошт, омада буданд. Вале, мутаассифона, дар таҳияи У. Каримов ва С. Саъдиев онҳо аз нав ғалат оварда шуданд.

Масалан, дар «Осори Рӯдакӣ» ин мисраъ чунин омада, ки дуруст аст:

*Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон аст.*

Дар «Рӯдакӣ. Шеърҳо» чунин омада, ки нодуруст аст:

*Ҳамеша шеъри варо зӣ мулк девон аст.*

Дар «1000 мисраи Рӯдакӣ» боз ба шакли «Осори Рӯдакӣ» баргашта, ки дуруст аст, ба ҷуз тарзи навиштан, ки зӣ бояд навишта мешуд.

*Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон аст.*

Ҳамин тавр, баъзе мисраъҳо, ки ҳамчун тасҳеҳ дар тавзеҳоти «1000 мисраи Рӯдакӣ» оварда шудаанд, дар нашри «Осори Рӯдакӣ» дуруст буд. Масалан мисраъҳои:

*Марди ҳарас кафкҳои пок бигирад*
саҳ.24
*Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб.*
саҳ.41
*Шӯрбахт он ки ӯ нахӯрду надод.*
саҳ.56

*Бода пеш ор, ҳар чӣ бодо бод!*

саҳ. 56

*Рӯдакӣ чанг баргирифту навохт.*

саҳ. 48

*Дасти хуши рӯзгори нох(в) аш моем.*

саҳ. 158

дар «Осори Рӯдакӣ» ба ҳамин тариқ дуруст омадаанд. Албатта, боиси таассуф аст, ки ин мисраъҳои як бор ба шакли дуруст чоп шуда, дар нашри «Рӯдакӣ. Шеърҳо» аз нав ғалат карда шудаанд. Ҳамин қабил аз нав ғалаткуниҳо дар нашри «1000 мисраи Рӯдакӣ» кам бошад ҳам, ба назар мерасад. Масалан, дар «Осори Рӯдакӣ» омада:

*Неъмати ӯ густурида бар ҳама гетӣ*
*Он чӣ кас аз наматаш набинӣ урьён.*

саҳ. 29

Дар «1000 мисраи Рӯдакӣ» оварда:

*Неъмати ӯ густурида ба ҳама гетӣ*

саҳ. 25

ки аз назари вазн ноқис шуда. Дар «Осори Рӯдакӣ» омада:

*Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,*
*Он шиносад, ки дилаш бедор аст. –*

ки вазн халал ёфтааст.

Дар «Рӯдакӣ .Шеърҳо» (саҳ.91) ва дар «1000 мираи Рӯдакӣ» (саҳ.47) оварда:

*Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,*
*Он шиносад, ки дилаш бедор аст. –*

ки вазн халал ёфта.

Дар «Осори Рӯдакӣ» (саҳ.64) ва «Рӯдакӣ. Шеърҳо» (саҳ.69) омада:

*Сурати ӯ – тухми кишту неъмати ӯ об,*
*Хотири маддоҳи ӯ – замини барӯманд.*

Дар «1000 мисраи Рӯдакӣ» оварда:

*Сурати ӯ – тухми кишту неъмати ӯ боб,*
*Хотири маддоҳи ӯ – замини барӯманд.–*

ки дуруст нест. Таносуби сухан об-ро тақозо дорад, ки неъмати мадҳшаванда ба он нисбат дода, хотири ситояндаи ӯ ба замини ҳосилхез монанд карда шудааст. Ин ҷо пайванде миёни тухми кишт, об ва замин ҳаст, ки ногусастанист.

Акнун дар бораи як нукта, ки дар тавзеҳ баён шудааст, изҳори ақида карданӣ ҳастам: он ҷо ин мисраи устод Рӯдакӣ аз қасидаи «Шикоят аз пирӣ» бо чунин тавзеҳ оварда шудааст: «Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд. Донишманди тоҷик Р. Мусулмонқулов дар мавриди ин мисраъ мақолаи ҷудогона навиштааст, ки гӯё дар ин ҷо Рӯдакӣ дандонро на ба қатраи борон, балки ба гиёҳе бо номи қатраборон ташбеҳ кардааст». Азбаски аз ин ҷумла то чӣ андоза ҳамфикр будан ва ё набудани муаллифон бо Р. Мусулмонқулов дар масъалаи тафсири мисраи Рӯдакӣ маълум нест, мехостам, андешаи худро дар ин бора бигӯям. Барои ин се байти аввали қасидаро оварда бо диққат хонадани онро хоҳиш мекунам:

*Маро бисуду фурӯ рехт, ҳар чӣ дандон буд,*
*Набуд дандон, ло бал чароғи тобон буд.*
*Сапеду симрада буд, дурру марҷон буд,*
*Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд,*
*Яке намонад кунун з-он ҳама, бисуду бирехт,*
*Чӣ наҳс буд? – ҳамоно ки наҳси Кайвон буд.*

Сабаби қатраборонро чун гиёҳ тафсир кардан аз он сар зада буд, ки агар Рӯдакӣ қатраи боронро дар назар медошт, онро ихтисоран ба чунин шакл – қатраборон намеовард, ки гӯё далели заифии истеъдоди суханварӣ будааст. Аввалан, агар Рӯдакӣ ҳамин тавр меовард ҳам, чунонки овардааст, ба эътибори шоирии ӯ халале намерасид, зеро ин тарзи ихтисорҳо дар шеъри классикӣ фаровонанд. Масалан, зиндаи – зин(а)ди, бандаи – банд(а) и, андозаи – андоз(а) и, хонаи – хон(а) и, шӯълаи – шӯъл(а) и ва монанди ин ихтисорҳо дар назми классикӣ маъмул мебошанд. Мисоле аз Ҷалолиддини Балхӣ меорам:

*Чашмбанд аст, эй аҷаб, ё ҳушбанд,*
*Чун насӯзонад чунин шӯъл (а) и баланд.*

Мисоли дигар ба ҳамин тарзи истифодаи қатраборон аз Саъдӣ:

*Яке қатра борон зи абре чакид,*
*Хиҷил шуд, чу паҳнои дарё бидид.*

Пас ин шубҳа аз миён бардошта шуд. Ин оид ба қатри борон хондани қатраборон буд. Аммо қатраборон хондани он калима бояд ба мақсади шоир мувофиқ бошад. Зеро дар забони адабии тоҷикӣ ва маҳалҳо бо исми борон таркибҳои гуногуне ҳастанд: шохборон, резаборон, риштаборон, борони гург, борони симсим, борони мӯяк ва ғайра. Бо шаҳодати Мӯъмин Қаноат дар маҳалҳои Дарвоз имрӯз ҳам таркиби қатраборон маъмул аст, ки бо таъбири дигар борони гург меноманд. Қатраборон боронест, ки ҳангоми дурахшонии офтоб аз як пораи абр калон – калон, бо қатраҳои алоҳида – алоҳида мерезад ва ин қатраҳо дар нури офтоб чун донаҳои гавҳар медурахшанд. Ин боронро ба русӣ грибной дождь мегӯянд. Бешубҳа, дандонро ба қатраҳои чунин борон ташбеҳ кардан бисёр шоирона, зебо ва мувофиқ аст, ки устод Рӯдакӣ ҳам бояд ҳаминро дар назар дошта бошад. Сониян, дар он се байт, ки оварда шуд, сувари хаёле омадаанд, ки аз як олам, аз як таркиб ҳастанд, ки ба ҳамдигар таносуб доранд: чароғи тобон, ситораи саҳар ва махсусан дурру марҷон, ки бо қатра ва борон дар шеъри классик робитаи бисёр қавии маънавӣ ва услубӣ доранд. Ҳатто ривояте ҳаст, ки дурру гавҳар дар садаф маҳз аз

қатраҳои борони найсон, ки ба даҳони як навъи моҳӣ мерезад, пайдо мешавад. Ба ғайр аз ин, сувари хаёли ин силсила ҳама аз фалак ҳастанд ва ҷавҳари пайдоиш, аз рӯи ақидаи шоирони куҳан, аз он ҷо ибтидо мегирад. Мавлавии Балхӣ дар «Маснавии маънавӣ» мегӯяд:

*Қатраи дилро яке гавҳар фитод,*
*К-он ба дарёҳову гардунҳо надод.*

Устод Рӯдакӣ ҳам хушбахтию неъматҳои зиндагии худ, ҷавонӣ ва дандонҳои симрадаи худро бо суратҳои фалакӣ қиёс мекунад ва ҳамчунин фоҷиаи пирии худро аз он ҷо – аз наҳси кайвон ва қазои яздон медонад. Ба замми ин шоир мегӯяд:

*Яке намонд кунун з-он ҳама бисуду бирехт…* –

ва овардани ин бирехт-ро на фақат дандон, балки ташбеҳкунандаи он қатраборон низ талаб кардааст. Бинобар ин, дар байни ин пайванди занҷирии сувари хаёл ва таносуби мантиқию маънавии суханҳо баногоҳ пайдо шудани сурати гиёҳ аз эҳтимол сахт дур аст.

Зимнан дар ин байт:

*Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирдгардон аст,*
*Ҳамеша то бувад оин-ш гирдгардон буд.*

дар мисраи бувад - ро буд бояд хонд ва навишт, ки онро мантиқи сухан ва замони феъл талаб дорад.

Таҳиягарони «1000 мисраи Рӯдакӣ» на ҳамаи хатоҳои бисёри нашрҳои пешинаро, ки тасҳеҳ кардаанд, дар тавзеҳ нишон додаанд, ки шояд аз фурӯтанӣ бошад. Аммо ду дигаргунӣ, ки дар ду шеъри устод Рӯдакӣ ворид шудааст, ҳатман бояд нишон дода мешуд, зеро он бисёр муҳим аст. Эҳтимол ин ду тағйирот аз тарафи таҳиякунандагон чунон ҳақиқати бебаҳс дониста шудааст, ки нишон додани он зарур на- намудааст. Аммо маҳз ҳар дуи ин тағйирот қобили қабул наменамояд.

Дар мисраи сеюми рубоии машҳури устод Рӯдакӣ калимаи олам ба одам иваз карда шудааст.

*Дар манзили ғам фиканда мафраш моем,*
*В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем.*
*Одам чу ситам кунад, ситамкаш моем,*
*Дасти хуши рӯзгори нохуш моем.*
(саҳ. 66)

Маъхази ин тағйирот нишон дода нашудааст. Ва агар он нишон ҳам дода мешуд ва ба ғайр аз худи шоир ба каси дигар мансуб мебуд, боиси шубҳа мешуд, зеро ҳангоми олам-ро ба одам иваз кардан ба шукӯҳи сухан, ба шаҳомати шахсияти устод Рӯдакӣ халал мерасад. Ҳарчанд дар рубоӣ устод Рӯдакӣ шикоят мекунад, аммо ин шикояти шахси ҳақиру ночиз нест, ин шикояти шахсияти бузургу бошаҳомат аст, ки дар қиёси бузургии худ фақат аз олам шиква карданаш мумкин аст. Ба замми ин, олам дар шеъри классикии мо аз қабили намодҳое ҳаст, ки ба монанди гардун, чархи гардун, чархи фалак, осмон дар қисмати инсон, хушбахтӣ ва ё бадбахтии ӯ нақши

аввалиндарача дошта, ҳамчун омили иродаи азалӣ зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, олам дар ҷои худ аст ва онро бо ягон калимаи дигар иваз кардан дуруст нест.

Тағйироти дуюм ба ин шеъри машҳури устод оид аст:

*Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

Пеш аз он ки дар бораи шакли дурусти ин байт сухан ба миён оварда шавад, ду тасҳеҳеро оид ба байтҳои дигари ин шеър қайд мекунам.

*Реги Омуву дуруштӣ роҳи ӯ,*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*

Таъбири «дурушти роҳи ӯ» нодуруст аст, зеро агар устод дуруштии роҳро таъкид мекард, дар ин ҳолат бо изофат дуруштии роҳ бояд мегуфт. Шакли услубан сареҳи ин мисраъ чунин бояд бошад:

*Реги Омуву дуруштиҳои ӯ,*

Дар байти:

*Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Мир наздат шодмон ояд ҳаме. –*

вожаи наздат бояд ба варианти дар «Осори Рӯдакӣ» омада, зӣ ту, иваз карда шавад, зеро дар ин ҳолат мақсади устод таъкиди ба назди Бухоро омадани мир набуда, ба худи Бухоро омадани ӯро таҳният гуфтан аст. Ба замми ин, ба шаҳр ба назди ту меоям гуфта хитоб кардан услубан сареҳ нест. Аз ин ҷиҳат дурусташ:

*Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.*

Акнун дар бораи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён».

Дар хусуси шаклҳои гуногуни ин байт, ки аз асри 12 то замони мо дар тазкира, баёту маъхазҳои гуногун омадаанд, мақолаи махсуси Ҷамшед Гиунашвили («Як байти устод Рӯдакӣ», дар журнали «Садои Шарқ», 1983, №9 саҳ. 120-124) ба табъ расида ва ӯ таҳриреро, ки дар нашри тоза овардаанд, чун шакли дурусти ин байт пешниҳод карда буд. Эҳтимол таҳиягарони нашри навро далелҳои ин мақола қонеъ кунонидаанд, ки онҳо ин таҳрирро қабул кардаанд.

Аммо маро далелҳои мақолаи Ҷ. Гиунашвили қаноатманд намекунанд. Ҷ. Гиунашвили навиштааст: «Дар замони мо ҳангоми хондани таҳрири бӯи ҷӯи Мӯлиён» ба сабаби шакли марғуб ва оҳанги хуби шеър шояд нуқси маъноие, ки мо зикр кардем (яъне шоир аз масофаи хеле дур ба амири худ бӯи ҷӯи Мӯлиён меояд намегуфт – А. Ҳ.), аз ҷониби тоҷикон ва форсҳо ҳис карда нашавад ва аз ин рӯ шояд ин нуқс ба чашми соҳибони забон барнахӯрад. Вале ҳангоми тарҷумаи ин шеър ба забонҳои ғайр, вақте ки матн бадеияти марғуби забони аслро аз даст медиҳад, ҷанбаи маонии шеър аҳамияти дараҷаи аввал касб мекунад. Маҳз дар ҳамин маврид аксари мутарҷимон ба вазъияти душвор меафтанд. Аввалан, худи Ҷ. Гиунашвили

менависад, ки «бо сабаби шакли марғуб ва оҳанги хуби шеър шояд нуқси маъноӣ… аз ҷониби тоҷикон ва форсҳо ҳис карда нашавад ва аз ин рӯ шояд ин нукс ба чашми соҳибони забон барнахӯрад». Маҳз асли масъала дар ҳамин аст, вақте нуқс, ҳол он ки дар ин ҷо нуқс нест, ба чашми соҳибони забон барнамехӯрад, онро чӣ сон метавон нуқс гуфт, он ҳусн аст. Шеърро ба забони модарӣ ва барои соҳибони забон менависанд, на барои тарҷумонҳо. Дар ин гуна ҳолатҳо ҳунари тарҷумон дар он зоҳир мешавад, ки ӯ аз захираи забони худ истифода карда, таъсир ва ҷаззобиятеро, ки шеър дар забони аслаш дорад, барои хонандагони забони худ ҳам ҳосил кунонад. Аз ин рӯ, бӯй-ро ветер тарҷума кардани И. Сельвинский кӯшиши бо образи дигар ба хонандаи рус расонидани рӯҳи шеъри Рӯдакист, на ин ки далели дар ин ҳолат бояд маҳз бод гуфтани шоири тоҷик, ки муаллиф дар мақолааш меорад. Дар шеъри ҳар халқ ва дар шеъри тоҷик ҳам як олам сувари хаёле ҳастанд, ки дар забонҳои дигар муродифи худро надоранд ва ба воситаи сувари хаёли дигар тарҷума мешаванд. Ба замми ин, боз намодҳои бисёре ҳастанд, ки дар забону адабиёти ҳар халқ мазмунҳои гуногун дошта, дар онҳо ҳиссиётҳои мухталиф бедор мекунанд. Масалан, дар забону адабиёти тоҷик бум рамзи харобӣ буда, дар мо ҳиссиёти ҳаросу мағшуш бедор кунад, дар адабиёти рус он рамзи хирадмандӣ ва табиист, ки дар онҳо боиси эҳсосоти ногувор намешавад.

Ҷ. Гиунашвили дар мақолаи мазкур барои тасдиқи фарзияи худ дар масъалаи муайян кардани хусусияти типологии тасвир ҳангоми дур афтодан аз касе ва ё ҷое, ё ҳангоми ёд кардан аз дурафтода ҷустуҷӯи боарзише кардааст. Ӯ шеърҳоеро овардааст, ки дар онҳо исми бӯй бо калимаҳои дигар ба монанди бод, дилбар, насим ва дигарҳо омада, маънои дурафтодагиро ифода кардаанд. Муаллиф бо инҳо тасдиқ карданӣ мешавад, ки бӯй бо калимаи ҷӯй наомада ва намеояд ва аз ин рӯ ба ҷои он бод-ро бояд овард. Аммо ман аз тарафи худ мегӯям, ки ӯ агар ҳамин гуна ҷустуҷӯро бо калимаи бод ҳам мекард, ба имони комили ман, аз ягон шоири соҳибзавқ шеъре пайдо намекард, ки бод-ро ба ҷӯ оварда, боди ҷӯ гуфта бошад. Пас, қиёси типологии ӯ бо исми бӯй ба сари худ хуб аст, аммо барои рад кардани ба ҷӯй нисбат надоштани он асосе намедиҳад.

Ба ғайр аз ин, муаллиф муайян карданӣ мешавад, ки ифодаи ин гуна дурафтодагиҳо дар шеъри шоирони классики форсу тоҷик «… чи тарзи хоси таҳкия, чи тасвирҳои қолабие доштанд…» аммо шоири бузург барои он бузург аст, ки аз тасвирҳои қолабӣ парҳез мекунад, бинобар ин ӯ бузургу нававар мешавад, ки Рӯдакӣ аввалқадами онҳост.

Соҳиби забони тоҷикӣ, ҳатто оне, ки маълумоти махсуси забон надорад, ҳаргиз боди ҷӯ намегӯяд, зеро ӯ савқан ва сареҳан ҳис мекунад, ки бод дар нисбати ҷӯ бузургтар, фарохтар, тундтар аст ва ба ҷӯ мувофиқат намекунад. Инро ҳатто худи забон ҳис карда, ҳангоми зарурат барои нармтар кардани бод ба он аз қабили сабо, форам сифатҳо дода, таркибҳои боди сабо, боди форамро барои ифодаи мақсади зарурӣ муҳайё кардааст, на фақат бод ҳатто насим, ки аз бод тобиши маъноии хеле нармтар дорад, барои ҷӯй дуруштӣ мекунад ва аз ин рӯ аз насими ҷӯй гуфтан насими ҷӯйборон гуфтан услубан сареҳтар аст. Бинобар, мавриде, ки устод Рӯдакӣ нисбат ба ҷӯй ба ҷои бод ва ё калимаҳои дигар бӯйро оварда, бӯи ҷӯ гуфтааст, мавриди зоҳир шудани савқи модарзоди суханшиносии ӯст, ва агар хоҳед, зиёда аз ин, мавриди дар сухан ва услуб падид омадани нозукписандии фавқултабии ӯст.

Як қиёси дигар меорам. Боди ҷӯ гуфтан мумкин нест, зеро номутаносиб ва гӯшхарош аст, аммо накҳати ҷӯ гуфтан мақбул аст, пас чӣ эътироз аст нисбат ба бӯи ҷӯ? Ба замми ин, таъбири бӯи ҷӯ дар забони халқ маъмул аст ва ниҳоят ҷӯй фақат ҷадвал, хонаи об нест, дар он даҳҳо

навъи гулу сиёҳ мерӯяд, ки аз онҳо бӯйҳои гуворо мерасад. Ва ниҳоят нуктаи аз ҳама муҳим: дар ин байти устод Рӯдакӣ, бӯи ҷӯ на фақат бӯи ҷӯи Мӯлиён аст, ки ҳоло ҳам аз миёнаи шаҳри Бухоро ҷорист, балки бештар ва пештар аз ҳама бӯи ватан, зодгоҳ аст, ва маҳз дар ҳамин аст, сабаби пас аз хондани ин шеър дар дили мо пайдо шудани он ҳиссиёти гарм, ки маҳсули муҳаббати ширину дардомези гуворо ба ватан аст, ва мо ҳар бори хондани шеър онро аз нав эҳсос мекунем, ва маҳз дар ҳамин аст саҳли мумтанеии ин шеър.

Акнун диққати хонандагони муҳтарамро ба аввали мақола, он ҷо ки сухан аз ҳамоҳангии калимаҳо мерафт:

*Боду абр аст ин ҷаҳон афсӯс,*
*Бода пеш ор, ҳар чӣ бодо бод! –*

ҷалб карда, ба мулоҳиза даъват мекунам, ки оё дар байни ин тарзи санъати шеър ва овардани бӯ-ҷӯ-мӯ ва ёд-ёр- дар байти мулоҳизавшаванда, қаробат нест?

Аз хушоҳангии

*Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме. –*

бисёр навиштаанд, ки ман дигар таъкид ва такрори онро ҳоҷат намебинам, вале мегӯям, дар қиёс таҳрири дигари он, ки пешниҳод шудааст:

*Боди ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

байтест, ки дар он аз эъҷоз ва афсуни байти боло хеле чиз коста шудааст. Ва ниҳоят, Ҷ. Гиунашвили барои тасдиқи фикраш, ки ҷое ҷӯй ояд, ҳатман бод, насим ва ғайра бояд гуфт, аммо на бӯй, қавли адабиётшиноси эронӣ М. Риёҳиро меорад, ки дар хусуси ин байти устодро тазмин кардани Ҳофиз «ба ҷодуи табъ дар он тасарруф кард», гуфтааст, яъне онро таҳрир ва ба он насимро ворид кард:

*Хез, то хотир бад – он турки Самарқандӣ диҳем,*
*К-аз насимаш бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме.*

Бисёр хуб. Агар ин тавр бошад, пас чаро Ҳофиз «Боди ҷӯи Мулиён ояд ҳаме»-ро тазмин накарда, «Бӯи ҷӯи Мулиён ояд ҳаме»-ро тазмин кардааст? Оё қудрати вай барои тасарруф кардани боди ҷӯ намерасид? Не, албатта, мерасид, аммо барои он бӯи ҷӯ-ро тазмин кардааст, ки он дуруст аст, ва гуфтаи Рӯдакист ва боди ҷӯ саҳеҳ нест.

Ба монанди он ки шеъри аввал, аз Абӯзироа овардаамон, кӯри модарзод набудани Рӯдакиро бавосита исбот мекунад, ин тазмини Ҳофиз ҳам ғайри мустақим далели он аст, ки маҳз бӯи ҷӯ дуруст ва ҳарфи устод аст.

Агар ба назари касе ҳамаи ин далелҳо нокифоя намояд, пас ба худи устод Рӯдакӣ рӯ меоварам , ки гуфтааст:

*Зи оби ҷӯй ҳар соат ҳаме бӯи гулоб ояд,*

*Дар ӯ шустаст пиндорӣ нигори ман рухи гулгун.*

Вақте ки мо дар ин шеър аз оби ҷӯй омадани бӯи гулобро қабул дорем, пас чӣ ҷои баҳсу талош аст, аз бӯи ҷӯ? Ин масъала ба мадади худи устод Рӯдакӣ ҳал шуд.

Бинобар ҳамин ҳам, ба қавли Ҳофиз:

*Хез, то хотир бад-он турки самарқандӣ диҳем,*
*К-аз насимаш бӯи ҷӯи Мулиён ояд ҳаме.*

**Январи соли 1985.**

## КИШТИНИШАСТАГОНЕМ
## Ё
## КИШТИШИКАСТАГОНЕМ?

*Киштинишастагонем, эй боди шурта бархез,*
*Бошад, ки боз бинем, дидори ошноро* [17, 7].

Дар ин байт аз қарнҳои пеш калимаи «киштинишастагонем» ба ду навъ навиштаву хонда мешавад, ки яке «киштинишастагонем» ва дигаре «киштишикастагонем» мебошад.

Ин байт аз «Куллиёт»-и Ҳофиз, ки соли 2001 дар Эрон бо хатти сириллик таҳти назари Муҳаммади Борӣ омода шуда, ба нашр расидааст, иқтибос шуд. Таҳтиназардори китоб навиштааст, ки ин нусхаро дар асоси нусхаи Ҷамшед Шанбезода, ки соли 1983 дар Душанбе нашр шуда буд, омода сохта, дар айни ҳол аз «…нусхаи муҳими Ғанӣ – Қазвинӣ ва Халхолӣ дар муқобала ва таҳрири муҷаддад истифода кардааст»[17, 3]. Аммо ин байт дар «Ҳофиз» (Девон) – и Насруллоҳи Мардонӣ, ки бино бар қавли худи ӯ дар асоси «…нусхаи хаттии 827 Халхолӣ, ки мабнои кори алломаи Қазвинӣ буда ва нусхаи чопии дуктур Хонларӣ, ки бар асоси 14 нусхаи куҳан тадвин гардида ва то ҳудуде нисбат ба дигар нусах аз эътибори бештаре бархурдор буданд»[16, 11], омода ва чоп шудааст, дар шакли «киштишикастагонем»[16, 35] омадааст. Байти мазкур дар «Луғатномаи Деҳхудо» ҳам ҳамчун шоҳид бар таркиби «боди шурта» ва калимаи «дидор», дар ҳарду ҳолат ҳам дар шакли «киштишикастагонем» нақл шудааст.

Аз ҷониби ҳар ду гурӯҳе, ки ин байтро ба тариқи худ менависанду мехонанд, барои исботи тарзи хондану навиштани худ далелу бурҳонҳои бисёре оварда мешаванд, ки шояд баъзе аз онҳо эътиборе ҳам дошта бошанд. Азбаски то ба имрӯз як шакли он аз ҷониби ҳама пазируфта нашудааст, онҳое, ки намехоҳанд ба ин баҳс дода шаванд, бо овардани ин байт ҷони худро халос мекунанд:

*Баъзе нишаста хонанд, ҷамъе шикаста хонанд,*
*Чун нест Хоҷа Ҳофиз, маъзур дор моро.*

Вале барои баъзеҳо то ҳол ин масъала боқист ва сари ҳар вақт боиси баҳсу мунозира мешавад. Ҳоло мо ба нақли ин байт аз нусхаву чопҳои дигар ва ба радду қабули далелу бурҳонҳои ҳар дуи ин гурӯҳ машғул нашуда, фикри худро мухтасар оид ба ин масъала баён хоҳем кард, ки бар мутолиаи ботааммули девони Хоҷа Ҳофиз такя дорад. Зеро ин ягона роҳи дурусти тасҳеҳ ва ё шарҳу баёни ин ё он байте мебошад, ки мавриди баҳсу мунозира қарор мегирад; ҳама чиз дар куллияи матни эҷодиёти шоир тасҳеҳу маънидод бояд шавад.

Аз мутолиаи девони Ҳофиз ва ахборе, ки дар бораи зиндагии ӯ дар дастраси мо ҳаст, бармеояд, ки ӯ «Қуръонро бо чаҳордаҳ ривоят дар ҳифз дошт» [3, 16], ҳамчунонки худ ҳам мегӯяд:

*Ишқат расад ба фарёд, ар худ ба сони Ҳофиз,*
*Қуръон зи бар бихонӣ дар чордаҳ ривоят [17, 58].*

Дар ҳофизшиносӣ таъкиди он нукта, ки дар саросари девони Ҳофиз таъсир, партав, маъниву мазмунҳое аз Қуръон гирифта шудааст, як чизи тамоман маъмуливу такрорист, ки ҳоҷате ба боз гуфтанаш нест. Бинобар ин, яке аз муҳаққиқони барӯманди осори Ҳофиз аллома Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ дар оғози баррасии ин масъала дар яке аз рисолаҳояш менависад, ки «ҳоло ман ҳам агар ин фаслро бо ин гуна суханон оғоз кунам, ки «»-ро Ҳофиз аз сураи Қадр ахз карда… ё мисроъи «ба Қуръоне, ки андар сина дорӣ» ё соири абётеро, ки калимаи Қуръон дар он ба кор рафта, ёдовар шавам, поёби шикебоии хонандагон аз даст хоҳад рафт. Ба вежа ки фаҳс (пажӯҳидан) ва истиқсои (тадқиқот) кофӣ дар ин замина ба амал омадааст» [3, 446]. Бинобар ҷое, ки дар ин бора пажӯҳишҳои Партави Алавӣ «Ақоид ва афкори Хоҷа (фасли «Иқтибосоти Хоҷаи Шероз аз абёти Қуръони маҷид ва ишороту аҳодису тафосир»)», Абдулҳусайни Зарринкӯб «Аз кӯчаи риндон (фасли «Суруди Зӯҳра»)», Муртазо Зарғомафар «Ҳофиз ва Қуръон, татбиқи абёти Ҳофиз бо оёти Қуръон», Тақии Пурномдориён «Гумшудаи лаби дарё (фасли «Маънӣ ва заминаҳои он дар ҷаҳони шеъри Ҳофиз»)» ва як силсила таҳқиқоти дигар ба қалам омадааст, ба тариқи хулоса гуфтан кофист, ки Ҳофиз худ гуфтааст:

*Субҳхезиву саломатталабӣ, чун Ҳофиз,*
*Ҳар чӣ кардам, ҳама аз давлати Қуръон кардам* [17, 189].

Ё дар ғазали дигараш гуфтааст:

*Ҳар ганҷи саодат, ки Худо дод ба Ҳофиз,*
*Аз юмни дуои шабу вирди саҳарӣ буд* [17, 128].

Ва ҳеҷ шакку шубҳае нест, ки ин «дуои шабу вирди саҳарӣ» ба Қуръон бастагӣ дорад. Бинобар ин, ҳамеша дар назар бояд дошт, ки замини боровари шеъри Ҳофиз шодоби Қуръон аст ва ҳангоми баррасии ашъораш онро ба эътибор бояд гирифт. Таъсиру партави маъниву мазмунҳои қуръонӣ дар осори Ҳофиз ба тарзу тариқи гуногун зуҳур мекунанд, гоҳо ояҳо ва ё таъбирҳое аз ояҳо ҳамчунонки ҳаст, иқтибос гашта, гоҳо мазмуни онҳо бозгӯ мешаванд ва гоҳо ғазал саропо аз мазмунҳои қуръониву ирфонӣ иборат бошад, гоҳи дигар як ё ду байт, бештар ё камтар ин гуна мазмунҳоро фаро мегиранд. Бинобар ин, ҳангоме ки аз маърифати шеъри Ҳофиз сухан мегӯянд, аксаран маърифати ҳамин олами рӯҳониро дар назар доранд.

Аммо маърифат, ба ақидаи инҷониб, дар баробари маълумот дар бораи тасаввуф, ҷаҳоншинохтӣ ва яке аз чаҳор дараҷаи ирфони сӯфия: шариат, тариқат, маърифат, ҳақиқат буданаш боз идрок ва илму дониш ва шинохт аз олами моддӣ ва бинишу тамизу фаҳм ҳам мебошад. Дар вожаи маърифат, агар он ба манзури ифодаи мазмуни ирфонӣ истифода шуда бошад, шинохти олами маънавӣ ва агар барои расонидани мазмуни дунявӣ ба кор рафта бошад, дарёфти олами моддӣ ҳам метавонад ҷой дошта бошад.

Олами шеъри Ҳофиз оламест дар миёни ду олам – рӯҳониву ҷисмонӣ, ки маъмулан барзахӣ ном дошта, сифатҳои ҳар ду оламро дорост. Ин махсусияти олами шеъри Ҳофизро

Тақии Пурномдориён дар таҳқиқоти арзишманди хеш «Гумшудаи лаби дарё» дар фасли «Маънӣ ва заминаҳои он дар ҷаҳони шеъри Ҳофиз» чунин таъбир мекунад: «Муҳимтарин кашфи ӯ (яъне Ҳофиз – А.Ҳ.) ва асоси ҳамаи зароифи сохтории шеъри ӯ ҳамон таъсиси олами барзахӣ дар шеър аст. Яъне ҳамон оламе, ки дар «Қуръон» низ вуҷуд дорад ва ба ҳамон сабаб, ҳам имкони тафсири зоҳириро дар иртибот бо олами воқеият мумкин месозад, ва ҳам имкони тафсири рӯҳониро дар иртибот бо ботин ва олами ҳақиқат» [8, 74].

Азбаски олами барзах аз ду олам – рӯҳониву ҷисмонӣ ба ҳам омадааст, дар он метавонад гоҳ сифатҳои олами рӯҳонӣ ва гоҳ сифатҳои олами ҷисмонӣ боло гирад ва мавридҳое ҳам имкон дорад, ки вуҷуди ин сифатҳо ба ҳамдигар ҳамсангу баробар бошад. Аз ин рӯ, шахсияте, ки дар шеъри Ҳофиз арзи андом мекунад, низ дар байни ҳамин ду олам зиндагӣ дорад. Ӯ, агар аз як сӯ, тамоми сифоти олами лоҳутро бо худ дошта бошад, аз сӯи дигар, ҳамаи фазилати олами носутро низ бо худ дорад, вале дар айни ҳол на тамом лоҳутӣ ҳасту на тамом носутӣ, яъне инсонест воқеӣ, ки рӯҳониву ҷисмонист ва дар ӯ гоҳо боло гирифтани сифати яке аз ин оламҳо комилан табиист. Аз ин рӯ, ин шахсият ҳар қадар мазҳари фазилатҳои олами улвии рӯҳонӣ бошад, ҳамон қадар мазҳари олами сифлии ҷисмонӣ ҳам ҳаст, ки шинохти инсон дар шеъри Ҳофиз аз даричаи ҳамин нигоҳ аст.

Дар ҳоле, ки Ҳофиз олами шеъри худро аз фазилатҳои олами рӯҳониву ҷисмонӣ, яъне барзахӣ сохтааст, ӯ ба ҳар дуи ин олам арзиш қоил аст ва шеъраш ҳам аз маърифати ҳар ду олам иборат мебошад. Аз ҷиҳати дигар, ба ақидаи мо, дунёи рӯҳ на фақат осмониву малакутист, балки дунёест, ки аз муносибати байни ду инсон ҳам ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, зеро инсон ҳам худ аз ҳамин ду мабдаъ – моддиву маънавӣ офарида шуда, мавҷуди дубуъдист. Пас, маърифат аз шинохти баробари ҳар дуи ин олам ҳосил мешавад, бинобар он мо ин байти Ҳофизро, ки аксаран ҳамчун шинохти олами рӯҳонӣ талаққӣ мешавад, ба маънои дарёфти олами ҷисмонӣ ҳам мешиносем:

*Шеъри Ҳофиз ҳама байтулғазали маърифат аст,*
*Офарин бар нафаси дилкашу лутфи суханаш!* [16, 165]

Зеро ҳамчунонки қайд карда шуд, ду олам дар шеъри Ҳофиз аз ҳам ҷудо набуда, ба ҳам таъаманд, ки олами барзахиро ба вуҷуд овардаанд ва инсони шеъраш ҳам дар байни ҳамин ду олам – улвиву сифлӣ, яъне олами барзахӣ ба такопӯи зиндагӣ машғул аст. Бинобар он шеъри Ҳофиз ҳар қадар заминаи рӯҳониву осмонӣ дошта бошад, ҳамон қадар заминаи ҷисмониву заминӣ ҳам дорад, мисли ин байт:

*Шароби талх меxоҳам, ки мардафган бувад зӯраш,*
*Ки то як дам биёсоям зи дунёву шару шӯраш* [16, 164].

Бинобар ин ҳангоми шарҳу тафсир ва тасҳеҳи осори Ҳофиз баробари ҳар шеърро дар заминаи он баррасӣ кардан сабку мазмуни куллияи девонро низ ба эътибор бояд гирифт. Агар шеър саропо ва ё байтҳое аз он бештар дар заминаи олами маънавӣ гуфта шуда бошанд, онро бо меъёрҳои олами маънавӣ ва агар дар заминаи олами моддӣ гуфта шуда бошад, бо меъёрҳои ин олам шарҳу тафсир бояд кард. Азбаски аксари ғазалҳои Ҳофиз аз байтҳое ба ҳам омадаанд, ки истиқлоли маънӣ доранд, дар онҳо ҳар ду навъи идрок – идроки олами маънавӣ ва моддӣ кам ё беш ва ё баробари ҳам ҷой доштанаш мумкин аст. Аз ин рӯ, мо он гоҳ ба ҳақиқати шеъри Ҳофиз мерасем, ки мазмунҳои маънавию ирфониро дар онҳо дар омезиш бо мазмунҳои заминиву нафсонӣ бубинем ва маънидод кунем. Асолати чеҳраи шоирии Ҳофиз аз ин ду дидгоҳ

возеҳ намоён хоҳад шуд. Ҳофиз ба ҳамин маънӣ шоири инсони дубуъдӣ, инсони заминиву осмонӣ, инсони воқеӣ, яъне мову шумост.

Ҳоло аз ин дидгоҳ он ғазалро, ки дар он байти мавриди баҳс ҷой дорад, мехонем ва дармеёбем, ки дар ин ғазал ва махсусан, дар ҳамон байт андешаи ирфонӣ мақоми куллӣ дорад. Бинобар он барои ба умқи маънои он расидан онро дар мақоме, ки худи байт ҳаст, яъне дар мақоми ирфонӣ баррасӣ бояд кард. Ҳарчанд он байтро дар мақоми дунявӣ ҳам мешавад тафсир кард, аммо дар он ҳолат жарфои маъною мазмун ва эҳсосоти фарогиру муассири он дар назар пӯшида хоҳад монд.

Аввалан, бар сари вожаҳои «киштинишастагонем» ва «киштишикастагонем» меандешем, ки онҳо бори чӣ мазмунро мекашанд. Вожаи «киштинишастагонем» дар ин байт мафҳумеро ифода мекунад, ки мардуме дар киштӣ дар ҳолати оромӣ нишаста, боди шурта – мувофиқеро интизоранд, аммо вожаи «киштишикастагонем» ҳолати мардумеро ифода менамояд, ки дар киштии шикаста ҳастанд ва ин худ бе ҳеҷ ҳарфи илова аз вазъи фоҷиавии онҳо - ғарқ шудан хабар медиҳад, зеро мардуме, ки дар киштии шикаста ҳастанд, наметавонанд ором бошанд, ба онҳо хатари ҷон таҳдид мекунад. Вожаи «киштишикастагонем» вожаи беалоқа ба ҳолат набуда, аз назари ифодаи мазмуну ҳиссиёт табу тоб ва ташдиди сахте дорад, ки онро нисбат ба «киштинишастагонем» хеле пурбор ва муассир месозад. Манзури Ҳофиз ҳам ҳамин аст, зеро сухани ӯ на аз касонест, ки дар киштӣ бо роҳату оромӣ нишаста, ба дидори ошно расиданӣ ҳастанд. Ин маъно ба матни эҷодиёти Ҳофиз ҳеҷ ошноӣ надорад, чунки барои ӯ ба дидори ошно расидан на ин гуна ба тасаввур меояд, ки дар киштӣ ба роҳат нишаста боди мувофиқ хоҳию ба дидори ошно бирасӣ, балки саъбтарин кор, пур аз ранҷу азобу укубат ва хатарҳои ҷонбохтанӣ мебошад, ки барои инсони одӣ шояд ҳаргиз муяссар ҳам нашавад. Ин маъно дар ғазали аввали девони Ҳофиз дар ин байт чунин изҳор шудааст:

*Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил,*
*Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо* [16, 5].

Ҳамчунонки мебинем, агар байти мавриди тасҳеҳро бо вожаи «киштишикастагонем» хонем, ки дар асл ҳамин тавр ҳам ҳаст, ҳар ду ин ҳолат ба ҳам шабоҳате пайдо мекунанд, зеро дар байти дуюм мисраи «шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил» низ хатари ҷонбохтанро ифода менамояд. Чунки ин сафар на сафари ҷисмонӣ, балки сафари маънавист барои расидан ба ёр ва дидори маънавӣ, ки хатарҳои муҳлике доштанаш мумкин аст. Албатта, муҳаррики ин сафар ишқ, ишқи Илоҳист ва дар ҳар мавҷи ин баҳр наҳангеву дар ҳар гирдобаш хатари ғарқ шудану аз даст додани ҷон ҳаст. Ҳамин ваҷҳ аст, ки Ҳофиз дар ғазали аввали девонаш мегӯяд:

*Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,*
*Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо* [16, 5].

Ё дар ғазали дигараш чунин мегӯяд:

*Дилам умеди фаровон ба васли рӯи ту дошт,*
*Вале аҷал ба раҳи умр раҳзани амал аст* [16, 31].

Ҳамин тариқ, ин мушкил – сипардани роҳи ишқ ва расидан ба кӯю дидори ёр хатари ҷон дошта, ин маънӣ дар саросари девони Ҳофиз доман густардааст, ки даҳҳо мисол метавон овард.

Пас, киштишикастагон кистанд ва дидори ошно чист? Пеш аз посухи ин пурсишҳо тааммуле бар девони Ҳофиз ва маъниву сурати шеъри ӯ бояд кард.

Ин киштишикастагон на онҳое ҳастанд, ки ҳамин ҳоло ба киштӣ нишастаанду сафар ба диёри ёр ихтиёр кардаанд, на, зеро тамоми девони Ҳофиз мегӯяд, ки сарнавишти инсон аз азал сиришта шудааст ва он чӣ аз азал сиришта шудааст, ногузир аст, ҳарчанд баъзан бар муқобили он исён ҳам мекунад, ҳамчунонки дар ин байт ҳаст:

*Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,*
*Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак* [16, 180].

Аммо асосан муътақид бар расми азалу абад аст. Бинобар он «киштишикастагон» истиора аз бани башар, фарзандони Ҳазрати Одам аст, ки ба дидори ошно – маҳзари Ҳақ расидан мехоҳанд, вале азбаски бо васвасаи Иблис, алорағми иродати Илоҳӣ, меваи мамнуъ аз дарахти маърифат хӯрда, муртакиби гуноҳ шудаанд, киштии муродашон шикаста аст:

*Ҷое, ки барқи исён бар Одами Сафӣ зад,*
*Моро чӣ гуна зебад даъвии бегуноҳӣ* [16, 292].

Аммо онҳо ошиқи Ҳазрати Ҳақ ҳастанд, бинобар ба дидори Ҳазрати Ҳақ расиданашон ҳар қадар мушкил дошта бошад, боз ҳам хоҳанд кӯшид, зеро онҳо ягонаи махлуқони Худованд ҳастанд, ки кашидани бори амонати ӯро, ки кӯҳу дарёву осмонҳо маҷоли қабул надоштанд, ихтиёран бар дӯш гирифтаанд. Ҳофиз мегӯяд:

*Осмон бори амонат натавонист кашид,*
*Қуръаи кор ба номи мани девона заданд* [16, 109].

Бори амонатро донишмандони ирфону тасаввуф, аз ҷумла, Аҳмад Алии Риҷоии Бухороӣ чунин таъбир кардаанд: «Баъзе калимаи «амонат»-ро вилоят донистаанд. Муташаръин, Қуръон ва салота ва урафои соҳибдил, онро ишқ тафсир мекунанд. Чи, амонати илоҳӣ дар ҷонҳои пок ва қулуби тобнок аст, ва ишқ аст, ки хоси одамӣ аст ва дигар мавҷудот аз он бебаҳраанд» [9, 83]. Саъбтарин корест кашидани ин бор, бинобар ин вақте ки онро бар кӯҳу дарёву осмонҳо арза карданд, онҳо аз қабули он оҷиз омаданд, одам, ки нодон буд, чӣ гуна сангин будани онро намедонист, қабул дошт. Ва мушкили дигар он ҷост, ки агар чӣ гуна сангин будани бори амонатро медонист ҳам, аз қабулаш гардан наметофт, ба ду сабаб: аввал ин ки аз азал чунин ирода шудааст, бояд қабул кунад, дуюм ин ки ӯ ягона мавҷуди худовандофаридаест, ки ишқ дорад, зеро аз хок офарида шудааст ва ишқ дар сиришти хок аст; фариштагон аз ишқ бенасиб ҳастанд, чунки аз нур офарида шудаанд. Ҳамчунонки Ҳофиз ҳам мегӯяд:

*Фаришта ишқ надонад, ки чист, эй соқӣ,*
*Бихоҳ ҷому гулобе ба хоки одам рез* [16, 156].

Дар ин ҷо бояд ба ёд овард, ки тамоми қисмати инсон ҳамчун фарзанди Ҳазрати Одам аз азал ғайри ихтиёри ӯ сурат гирифтааст: хилқати Одам, аҳду паймони аласт, қабули бори амонат, хӯрдани меваи мамнуъ ва ронда шудан аз биҳишт, дар ҳамаи ин амалҳо заррае раъйи одам нест, зеро он ҳама аз азал дар сарнавишти одам навишта шудааст. Вале ба ҳар ҳол Ҳофиз маслиҳат мебинад, ки аз тарафи одам чунин гуфта шавад:

*Гуноҳ агарчи набуд ихтиёри мо, Ҳофиз,*
*Ту дар тариқи адаб бош, гӯ: «Гуноҳи ман аст»* [16, 36].

Маълум аст, ки Ҳофиз на танҳо ҳамчун қории одии Қуръон, балки ҳамчун муқрие, ки онро дар чордаҳ ривоят аз бар медонисту мехонд, бар нуктаҳо, ривоятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳо иҳотаи тамом дошт ва дар ашъораш, ҳамчунонки аз чанд мисоли фавқуззикр ҳам бармеояд, аз онҳо устодона фаровон истифода мекард. Тардиде нест, ки ҳангоми гуфтани байти «киштишикастагон» қиссаи машҳури қуръонии Мӯсо ва Хизр, ки дар он аз сафари дарёии ин ҳар ду ва киштӣ шикастани Хизр барои озмоиши Мӯсо ҳикоят мешавад [11, 138-141], дар ёди ӯ буруз кардааст.

Барои онҳое, ки ин қиссаро дар дастрас надоранд, мухтасаран нақл мекунем, ки рӯзе Мӯсо, ҳангоми муноҷот бо Худой, аз ӯ мепурсад, ки: « Ё Раб, ҳеҷ халқ туро ҳаст бар пушти замин, аз ман донотар?». Худой ҷавоб медиҳад, бандае дорам, ба номи Хизр, ки ӯ ба илм аз ту бештар аст. Мӯсо аз Худой хоҳиши ба сӯйи Хизр роҳнамун кардани худро мекунад. Чун Мӯсо Хизрро дар байни ду дарё меёбад, ба ӯ мегӯяд, ки ман бо ту биёям, то ту маро он илм омӯзӣ, ки туро омӯхтанд. Хизр ҷавоб медиҳад, ки ту тоқат ва сабри онро нахоҳӣ дошт. Мӯсо ҷавоб медиҳад, ки аз собирон хоҳам буд. Хизр розӣ мешавад ва аз лаби дарё мерафтанд, ки киштие падид омад, гуфтанд, мо ғарибонем, моро ба киштӣ андар нишонед. Чун нишонданд, Хизр он киштии некро дар ҷое, ки нишаста буд, ду сӯрох кард, то об ба киштӣ даромад ва боз сӯрохро дуруст кард. Мӯсо гуфт, киштиро сӯрох кардӣ, то мардумро ғарқа кунӣ? Хизр гуфт, нагуфтам, ки бо ман сабр надорӣ? Қисса кӯтоҳ, дар давоми ин сафар Хизр як ғуломро бе ҳеч гуноҳ мекушад ва дар деҳе, ки мардумаш ба онҳо дар гуруснагиашон таом надода буданд, як девори каҷро рост мекунад, ки аз ҳар дуи ин амал ҳам Мӯсо ба ҳайрат омада, изҳори норизоӣ мекунад. Пас Хизр мегӯяд, ки ту сабр натавонистӣ кардан, ҳоло аз ҳам ҷудо мешавем ва таъвили корҳое, ки ман кардам, ин аст. Он киштии дарвешон буд, ки барои таъмини нафақаи худ сохта буданд, вале дар роҳи сафар малики ғоратгаре буд, ки киштии хуби мардумро ба ғорат мегирифт, сӯрох кардам, ки киштии нуқсдорро намегирифт ва нагирифт. Ғуломро барои он куштам, ки бадхулқ буд ва падару модари некаш аз ӯ ба дод омада буданду аз Худой ба ҷойи ӯ фарзанди солеҳе мехостанд. Худой ҳоҷати онҳоро раво кард, ман ғуломро куштам, Худой онҳоро фарзанди неке дод. Он девори каҷ аз они ду ятим буд, ки зери он ганҷе буд ва Худой хост, то он ганҷ ба онҳо бирасад, рост кардам, то бар ганҷи худ бирасанд. Ин аст таъвили амалҳои ман, ки ту сабру тоқати онҳоро надоштӣ, гуфт Хизр ва аз чашми Мӯсо нопадид шуд ва ҳар қадар талаб кард, дигар пайдо нашуд.

Ба ҳамин минвол, дар қиссаву ривоятҳои диниву ирфонӣ, дар ҳар ҷое, ки аз дарёву киштиву сафари воқеиву маънавӣ суҳбат мешавад, қариб ҳамеша киштӣ киштии шикаста мебошад ва ин ба ҳамон далел аст, ки болотар арз кардем, яъне Ҳазрати Одам бо гуноҳи худ он киштии муродро шикастааст ва онҳое, ки дигар ба ин киштӣ менишинанд, киштишикастагонанд.

Ҳоло ба далелҳои аз ин ҳам қотеътар рӯй меорем. Ҳофиз, бешубҳа, аз қиссаи Мансури Ҳаллоҷ огоҳии тамом дошт, зеро дар осораш борҳо бар қиссаи ӯ ишорат мекунад, масалан:

*Гуфт он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд,*
*Ҷурмаш он буд, ки асрор ҳувайдо мекард* [16, 84]. –

ва дар бисёр ғазалҳои дигараш ҳам ҳамин гуна ишоратҳо ҳастанд. Бинобар он ӯ аз ин ҳарфҳои Ҳаллоҷ набояд бехабар бошад, «…ки дар абёте чанд ҳоли худро ба касе ташбеҳ мекунад, ки дар дарё ё дар дарёи ишқ ғӯтавар аст ва мавҷҳои азим ӯро зеру забар мекунанд» [8, 427]. Ҳамчунонки мебинем, ҳоли ошиқони Ҳазрати Ҳақ ба ҳам хеле шабоҳат дорад, дар ин ҷо ҳам

дарёву мавҷҳои азим ва хатари ҷон бохтан равшан падидор аст, ки барои ба дидор расидан дар киштӣ оромона нишаста, боди шурта хостанро истисно мекунад.

Ҳамин тариқ, дар «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор дар бораи сӯфии маъруф Ҳасани Басрӣ (вафот соли 230 ҳ. қ.) чунин ривоят оварда шудааст, ки аз он огоҳ будани Ҳофиз тардид набояд дошта бошад, зеро ӯ на фақат бо ашъори Аттор огоҳии хуб дошта, аз он хеле татаббуъ кардааст, ки дар девонаш пайдост, балки тамоми осори Аттор ҳамеша дар маърази мутолиаи Ҳофиз қарор доштааст. «Нақл аст, ки яке аз ӯ пурсид, ки: Чӣ гунаӣ? Гуфт: Чӣ гуна бувад ҳоли қавме, ки дар дарё бошанд ва киштӣ бишканад ва ҳар касе ба тахтае бимонанд? Гуфт: Саъб бошад! Гуфт: Ҳоли ман ҳамчунон бошад» [1, 14]. Чунонки мебинем, дар ин нақл ҳам ҳоли талабгорони дидори Ҳазрати Ҳақ ба ҳоли қавме монанд аст, ки киштиашон шикаста асту ҳар яке тахтаеро доштаанд ва талоши ҷон ба саломат бурданро доранд. Акнун байти мавриди баҳсро бори дигар бо таammул ба шакле, ки мо қабул дорем, мехонем:

*Киштишикастагонем, эй боди шурта бархез,*
*Бошад, ки боз бинем дидори ошноро.*

Ва мебинем, ки Ҳофиз фақат ҳамин тавр, «киштишикастагонем» гуфтанаш мумкин аст, зеро онҳое, ки киштиашон шикастааасту бо тахтапораҳо ҷон ба саломат бурданашон имкон дорад, талаби боди шурта – мувофиқ мекунанд, ки худро ба соҳил расонида тавонанд, зеро барои касоне, худро бо тахтапораҳо аз дарё ба соҳил расониданӣ ҳастанд, боди шурта мададии бузурги ҳаётбахше мекунад. Вале барои «киштинишастагон» боди шурта он аҳамияти наҷотбахшеро надорад, ки барои «киштишикастагон» дорад, зеро «киштинишастагон», ки киштиашон беосеб аст, бо кор фармудани бодбонҳои худ ба ҳар тарафе, ки хоҳанд, ҳаракат карда метавонанд. Агар баъзе гумон доранд, ки «боди шурта» ба киштии шикаставу «киштишикастагон» дархур намеояд, ин фикр ҳам тасҳеҳ мехоҳад, ҳарчанд дар болотар ҳолати киштишикастагон баён карда шуд, ки боди шуртаро лозим доштанашон аён буд, боз мисоле меорем, ки ин шубҳа ҳам аз байн равад. Имомуддини Насимӣ (770 ҳ.қ. тав.) мегӯяд:

*Агарчи киштии тан бишканад, чӣ бок ӯро,*
*Ки боди шуртаи фазли ту бар карон андохт [7 ].*

Дигар шубҳае нест, ки талаби «боди шурта» аз забони «киштишикастагон», яъне бани башар аст, ки бо гуноҳи худ роҳи расидан ба дидори Ҳазрати Ҳақро барои худ бастаанд, вале боз ҳам аз даргоҳи Илоҳӣ умедвор ҳастанд, ки инояте ба онҳо ато фармояду мушкилашонро осон намояд, зеро даргоҳи Илоҳӣ даргоҳи умед аст. Чунонки Ҳофиз ҳам мегӯяд:

*Ноумедам макун аз собиқаи лутфи азал,*
*Ту паси парда чӣ донӣ, ки кӣ хуб асту кӣ зишт? [16, 50]*

Барои муайян намудани мавқеъ ва чандомади таъбири киштии шикаста, вожаҳои «киштишикастагон» ва «киштинишастагон» мурури бар осори гузаштагон карда шуд, ки аз устод Рӯдакӣ сар карда то Туғрал, аз ҷумла, Абулфараҷи Рунӣ, Абӯсаид Абулхайр, Хусрави Деҳлавӣ, Авҳадӣ, Анварӣ, Хоқонӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Бедил… хуллас, панҷоҳ-шаст девонро фаро мегирифт. Дар ин мурур вожаи «киштинишастагон» танҳо як бор дар осори Шайх Баҳоӣ дар «Кашкӯл» ба чашм расид, ки он ҳам ба маънои онҳое, ки гузари вақтро муоина мекунанд, истифода шудааст:

*«Ва аммо ба ҷаҳон чунонкиштинишастагонем,*
*Ки мепиндорем сокинем аммо,*
*замона дарангамон намедиҳад [2]».*

Аммо таъбири «киштии шикаста», «киштӣ шикаст» ба ин ё он шакли ба ҳам наздик фаровон ва «киштишикастагон» дар осори баъзеи онҳо, ки номашон ин ҷо зикр шуд, ба ҳамон маъное, ки роиҷ асту Ҳофиз ҳам ба ҳамон маъно ба кор бурдааст, дар чанд маврид ба назар расид. Ҳоло барои ба дарозо накашидани сухан фақат чанд мисоли ҷолиби онро ҳамчун намуна меорем:

Хоқонӣ гӯяд:

*Ҳурмат бирафт, ҳалқаи ҳар даргаҳе накӯбам,*
*Киштӣ шикаст, миннати ҳар лангаре надорам* [12].

Мавлавӣ гӯяд:

*Гар Хизир дар баҳр киштиро шикаст,*
*Сад дурустӣ дар шикасти Хизр ҳаст [4].*

Боз Мавлавӣ гӯяд:

*Киштибони шикастагон аст,*
*Он баҳри карам ба бурдборӣ* [5].

Абдурраҳмони Ҷомӣ гӯяд:

*Манам он баҳрии киштишикаста,*
*Бараҳна бар сари лавҳе нишаста [18].*

Ҳазини Лоҳиҷӣ гӯяд:

*Киштишикастагонем дар вартае, ки дорад,*
*Тӯфони беқарорӣ баҳру канор ҳар ду* [17].

Сойиби Табрезӣ гӯяд:

*Овораи талабро Хизрест ҳар сиёҳӣ,*
*Киштишикастагонро ҳар мавҷ нохудоест* [10].

Мирзо Муҳаммадтақии Ҳуҷҷатулислом гӯяд:

*Ку Нӯҳ, гӯ ба дашти бало ою боз бин,*
*Киштишикастагони муҳити балои мо* [6].

Дигар моро ҳамин қадар мемонад, хулоса кунем ва ба онҳое, ки ҷонибдори «киштинишастагон» буданд, аз худ ин байтро бигӯем:

*Киштишикастагонем, сидқи каломи Хоҷа-ст,*
*Киштинишастӣ гар, маъзур дор моро.*

***Илова:*** Ҳангоми навиштани ин мақола таҳқиқоти арзишманди аллома Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ «Ҳофизнома, шарҳи алфоз, эълом, мафоҳими калидӣ ва абёти душвори Ҳофиз» дар дастраси банда набуд. Инояти худовандӣ буд, ки бо сабабе ин китоб бо китоби пурбаҳои дигари ҳамин муаллиф «Зеҳну забони Ҳофиз» аз ҷониби дӯстам донишманди варзида, академики АИ Тоҷикистон Носирҷон Салимов ба банда пешниҳод шуд. Табиист, ки банда зуд китоби «Ҳофизнома» - ро, ки шарҳ аст, кушода ҳамон ғазалро, ки дар он байти мавриди баҳс ҷой дорад:

*Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро,*
*Бошад, ки боз бинем дидори ошноро [13, 126]. –*

хондам, то бубинам, ки ба чӣ шакле овардаанду чӣ гуна шарҳ кардаанд. Байт бо вожаи «киштишикастагонем» оварда шуда, дар давоми шарҳ чунин навишта шуда буд: «Ба ҷойи «киштишикастагонем», қироати марҷӯҳ (тарҷеҳдодашуда - А.Ҳ.), «киштинишастагонем» низ машҳур аст. Барои тафсил дар ин бора –-Зеҳну забони Ҳофиз, с. 132-133»[13, 127]. Банда «Китоби зеҳну забони Ҳофиз» вирости севумро, ки дар даст буд, дар саҳифаи нишондодашуда кушодам, вале матлабро пайдо накардам. Азбаски ин вирост бо афзоиши даҳҳо мақола чоп шуда буд, сафҳаҳои дигарро ҷустам ва матлабро дар саҳифаи 146-147 пайдо карда хондам ва дидам, ки дар баъзе маврид фикрҳои мо ба ҳамдигар монананд. Бинобар он ин шарҳу тасҳеҳро пурра меорам, ки хонандагон аз он ҳам бохабар бошанд.

*«Киштишикастагонем/ киштинишастагон*

*Киштишикастагонем, эй боди шурта бархез,*
*Бошад, ки боз бинем, дидори ошноро.*

Баҳси киштишикастагон ва киштинишастагон марбут ба ихтилофи нусах аст, валу чун ҳадисе машҳур аст, онро дар ин мақом матраҳ мекунем.

Мухолифони шикастагон мегӯянд киштишикастагон, ки дигар дасташон аз ҳама ҷо кӯтоҳ аст ва дар ҳоли ғарқанд, чӣ маҷоли розу ниёз бо боди шурта доранд ва орзуи боз дидани дидори ошно. Дар посухашон бояд гуфт, ҳадди шикастагии киштиро аз куҷо медонед, ки то чӣ қадар аст. Мумкин аст, маҷозан зикри куллу иродаи ҷузъ шуда бошад. Чунонки ба қавли дуктур Ҳиравӣ, ҳофизшиноси номдор, агар нӯки як худнавис ё як поя аз як нардбони сепилла шикаста бошад, урфан метавон итлоқ кард, ки ин худнавис ё нардбон шикастааст. Пас, мумкин аст, киштӣ андак тараке бардошта бошад, ва лозим нест аз ҳам пошида ва ба истилоҳи имрӯз «дарбу доғон» шуда бошад. Айби қироати нишастагон ин аст, ки аслан тасвир ва таҳарруке надорад. Садои шоир аз ҷойи комилан гарм дармеояд, ки мо ҷамоати фориғбол ҳастем, ки ба қасди сайру сафар дар киштии мутмаине нишастаем ва малоле надорем ҷуз дурии дилбару дидори ошно ва мунтазирем, ки боди шурта оғози вазидан кунад. Бо ин ривоят шеър аз «шеърият» меафтад.

Яке аз дӯстони нигоранда, ки ин асарро қабл аз чоп мехонд, ин нуктаро ёдовар шуд, ки: «киштишикастагон ҳастанд, ки бар тахтапорае дар дарёи Ором орзуи вазидани боде доранд, ки ононро ба сӯйи раҳ барад» [14, 146-147].

## Китобнома


Аттори Нишопурӣ, Фаридуддин . Гулчине аз Тазкират-ул-авлиё. Душанбе, «ЭР-граф, 2013.

Баҳоӣ, Шайх. Дурҷи 3. Кашкӯл, фасли «Таҳомӣ чунин сурудааст», ҷумлаи 2.

Дар бораи Ҳофиз чӣ мегӯянд? Бо кӯшиши Ҷамшеди Меҳрпӯё. Интишороти Ҷонзода, чопи аввал, 1367.

Мавлавӣ. Дурҷи 3. Маҷмуаи электронӣ. Маснавии маънавӣ, фасли «Баёни он ки куштану заҳр додани марди заргар ба ишорати Илоҳӣ буд, на ба ҳавои нафсу тааммули фосид», байти 15.

Мавлавӣ. Дурҷи 3. Девони Шамс, ғазал, шумораи 323, байти 19.

Муҳаммадтақии Ҳуҷҷатулислом, Мирзо. Дурҷи 3. Лаолии манзума, таркиббанд, байти 13.

Насимӣ, Имомуддин. Дурҷи 3. Девони ашъор, ғазали шумораи 22, байти 11.

Пурномдориён, Тақӣ. Гумшудаи лаби дарё. Тааммуле дар маънӣ ва сурати шеъри Ҳофиз. Теҳрон: Сухан, 1382. Фасли «Маънӣ ва заминаҳои он дар ҷаҳони шеъри Ҳофиз».

Риҷоии Бухороӣ, Дуктур Аҳмад Алӣ. Фарҳанги ашъори Ҳофиз. Чопи шашум. Интишороти илмӣ, Теҳрон, 1370.

Сойиби Табрезӣ. Дурҷи 3. Девони ғазал, ғазал, шумораи 631, байти 6.

Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. (Қиссаҳо). Навиштае ҷамъе аз уламои Мовароуннаҳр, вироиши матн: Ҷаъфар мударриси Содиқӣ, Теҳрон, чопи чаҳорум, 1387.

Хоқонии Шервонӣ. Дурҷи 3. Девони ашъор, Қасида, Матлаи дувум, байти 41.

Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. «Ҳофизнома, шарҳи алфоз, иълом, мафоҳими калидӣ ва абёти душвори Ҳофиз», бахши аввал, 1387.

Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Зеҳн ва забони Ҳофиз. Вирости севум, чопи ҳаштум, Интишороти Ноҳид, Теҳрон, 1384.

Ҳофиз (Девон). Аз нигоҳи Насруллоҳи Мардонӣ. Теҳрон: «Садо», 1370.

Ҳофизи Шерозӣ, Шамсиддин Муҳаммад Куллиёт. Нашри Замон, Теҳрон, 1379/2001.

Ҳазини Лоҳиҷӣ. Дурҷи 3. Девони ашъор, ғазал. Шумораи 715, байти 6.

Ҷомӣ, Нуриддин Абдураҳмон. Дурҷи 3. Ҳафт авранг, фасли «Дидани Зулайхо Азизи Мисрро аз шикофи хайма ва фарёд бардоштан, ки ин на он кас аст, ки ман дар хоб дидаам ва солҳо меҳнати муҳаббаташ кашидаам», байти 28.


**Соли 2013**

# ХОМЕА, ПРЕЗИДЕНТ, ПАРЛАМЕНТ, ҚОНУН

Таърих дар марҳалаҳои сарнавиштсоз ба дӯши шахсиятҳои алоҳида иҷрои муҳимтарин вазифаҳоро мегузорад. Агар ин масъулият бо фазилатҳои шахсии фард созгор ояд, беҳтарин натиҷа ҳосил хоҳад шуд, зеро он давра дар таърихи мамлакат даврае хоҳад гашт, ки ҳамаи қишрҳои ҷомеа нерӯи ақлонӣ ва ҷисмонии худро ба ҳаракат оварда, барои дастёб шудан ба иҷрои он вазифаи бузург кӯшиш хоҳанд кард, ки дар оянда боиси рушду нумӯи онҳо хоҳад гардид ва ин падидаест, ки саҳми ин ё он халқ ба таҷрибаи таърихии инсоният номида мешавад. Дар ин маврид хурдиву бузургии халқу давлат аҳамият надорад, моҳият дар чигунагии масъалаҳо ва чӣ тарз ҳал шудани онҳост.

Аммо инкишофи таърих диалектикист, ки дар муборизаи шадиди баҳамзидҳо сурат мегирад ва халқҳоро аз санҷишҳои сахти худ гузаронида, соҳиби таҷрибае мегардонад, ки барои афзуда шудан ба дастоварди таърихи башарӣ шоиста бошад.

Охири қарни бист барои халқи тоҷик ҳамин гуна давра буд, таърих моро ба санҷиши мушкилтарин рӯ ба рӯ сохт, то бубинад, ки мо аз он чӣ гуна бармеоем ва ин масъулиятро ба дӯши ҷавонмарди он вақт чиҳилсола, Раиси Шӯрои Олии мамлакат ва ҳоло Президенти Тоҷикистони соҳибистиқлол Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов вогузошт.

Толеи мо баландӣ кард, ки ӯ соҳиби чунин фазилатҳои инсоние мисли адолату ҳимматбаландӣ, хирадмандию бузургӣ будааст. Ин фазилатҳо ба иҷрои масъулияти таърихие, ки аз ин се вазифаи тақдирсоз – муттаҳид сохтани миллат, таҳкими асосҳои давлат, эъмори ҷомеаи навин иборат буд ва бар дӯши ӯ вогузор шуд, комилан мувофиқат ва мадад карданд.

Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар замоне ба сари қудрат омад, ки ҳокимияти давлатӣ фалаҷ шуда, дар натиҷаи сар ба сар бархӯрдани мардуми минтақаю маҳалҳо ҷанги шаҳрвандӣ оғоз шуда, давлату халқи тоҷик, бо он ҳама шукӯҳу шаҳомати таърихиаш хору зор ва бозичаи дасти дигарон гашта буд. Акнун шахсияти таърихӣ ва сарсупурдае зарур буд, ки парчами номуси миллиро баланд бардорад, нанги ватандории моро ангезиш диҳад, ба хотири оромии арвоҳи гузаштагон ва ҳастии бедори ояндагон, новобаста аз он ки чӣ хатаре ба сараш меояд, миллатро ба сарҷамъӣ ва ватандорӣ даъват ва раҳнамун созад.

Иҷрои ин масъулияти таърихӣ, ки бевосита аз талаботи шароити айнии замон бармеомад, бо эҳсосоти шахсии миллию ва-тандории Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ҷӯш хӯрда, ӯро водор мекард, ки воситаҳои ғайримуқаррарӣ ва далерона пайдо намуда, онҳоро дар ҳаёт татбиқ кунад. Дар ин роҳ ба ӯ Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати ягона мақоми қонунии давлат мусоидат намуд, ки дар он айём тамоми масъулияти таърихиро бар дӯш гирифта, барои барқарор сохтани рукнҳои асосии давлатдорӣ, таъмини қонуният ва ба даст овардани сулҳу ризояти миллӣ фаъолият кард.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, даъвати дувоздаҳум, ки моҳи ноябри соли 1992 дар Хуҷанд баргузор шуд, баъд аз баррасии ҳамаҷониба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия (Қонуни Асосӣ)» қабул кард, ки мувофиқи он ваколатҳои Президенти мамлакат бар дӯши Раиси Шӯрои Олӣ вогузор шуд, яъне Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ҳамзамон ба ҳайси Сардори давлати Тоҷикистон интихоб гардид. Бо назардошти шароити таърихӣ – даргирии тарафҳои муқобил, бухрони сиёсиву иқтисодӣ, фалаҷии хукумат ва бо мақсади пешгирии амалҳои номатлубе ҳамчун мансабталошӣ давлати Тоҷикистон аз тариқи идораи президентӣ даст кашида, дар қаламрави худ идораи парламентии давлатдориро қабул кард.

Муҳимтарин суханҳо дар мушкилтарин лаҳзаҳо бадоҳатан гуфта мешаванд, ки хилқат ва рисолати шахси гӯяндаро равшан нишон медиҳанд ва ҳамчунонки халқ мегӯяд, онро гӯё фариштаҳо ба даҳони кас меандозанд, вале аз назари ҷомеашиносӣ онро натиҷаи дарки дурусти вазъи сиёсӣ ва муайян карда тавонистани масъалае меноманд, ки ҳалли он аз ҳама муқаддамтар мебошад.

Аввалин суханҳое, ки Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ҳамчун Сардори давлати Тоҷикистон ба забон овард, ҳамин гуна сифат дошта, хилқат ва рисолати гӯяндаашро аён сохтанд.

Ӯ мухтасар, вале моҳиятбинона сухан гуфт: «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем». Ин суханон, ки баёнгари орзую умеди мардум буданд, дар дили вакилон ва тамоми мардуми кишвар амиқ ҷой гирифтанд ва аз ҳамон лаҳза Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ҳамчун паёмовари сулҳ ва наҷотбахши миллат шинохта шуд ва ин аз назари таърих чунин маъно дошт, ки халқи тоҷик ба ҷараёни муттаҳидшавии миллӣ дохил гардид, то асосҳои давлатдории навинашро гузорад.

Аммо тазод ин ҷост, ки барои таъмини сулҳ ҷанговар бояд буд, ҷанговари сулҳ, яъне барои таъмини сулҳ ба ҷабҳаи доғ бояд рафт ва ҷони худро дар баробари ҷабҳагирифтагон ба хатар бояд гузошт, ки дар фаъолияти сулҳовари Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ин гуна ҳолатҳо борҳо ҷой доштанд. Вале, бо вуҷуди ин, заковати роҳбарӣ дар он зоҳир мешавад, ки мардумро ба ин рисолати худ бовар кунонида, аз паси худ бурда ва тамоми ҳокимияти дар даст дошта, ҳокимияти қонунгузор ва иҷроияро, ба амалӣ сохтани он вазифа раҳнамун карда тавонӣ, ки инро ҳам ӯ комилан ба анҷом расонд.

Ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар Тоҷикистон аз ноябри соли 1992, аз иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ аз нав фаъол гашта, қарору қонунҳое қабул ва ба амал татбиқ кард, ки барои ба эътидол овардани вазъи шадиди кишвар ва баровардани он аз бухрони сиёсию иқтисодӣ зарур буда, мардумро бовар мекунонд, ки акнун ба сари давлат сарваре омадааст, ки мақсади асосиаш пуштибонӣ аз манфиати миллат, таъмини якпорчагии ватан ва пойдории давлат мебошад. Дар ҳамон иҷлосия зери роҳбарии ӯ қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» далели ғамхорӣ аз халқи азиятдида ва дурусту сиёсатмадорона шинохтани авзои ҷомеа буд, ки ба гурезагони иҷбории бехонумоншуда ҳифзи иҷтимоии ҳуқуқӣ кафолат дода, ҳукумати ҷумҳуриро вазифадор мекард, ки барои аз ҳисоби давлат ба маҳалли доимии истиқомат баргардонидани онҳо, барқарор сохтани хонаву ҷо, хариди чорво чораҳои зарурӣ андешида, ба онҳо қарзҳои имтиёзнок диҳад.

Тамоми ҷангҳо бо сулҳ меанҷоманд ва воситае, ки онҳоро ба ин натиҷа меорад, бахшоиш аст ва бахшоиш фазилати дилҳои бузург аст, ки эҳдои азалист. Сифатҳои азалии сарвар дар умури сиёсат ва давлат нақши намоён ва ҳалкунанда доранд, ки ин падида дар шахсият ва фаъолияти Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов бараллo намудор буда, он сулҳу оштии тарафҳои даргир ва ризояти миллиро дар Тоҷикистон таъмин намуд.

Ин сифат ҳамон замон аз қонуну қарорҳое, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи XVI зери раисии ӯ қабул кард, равшан ба назар мерасид. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои мухолифат ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд», Қарори иҷлосия «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии шахсоне, ки бар асари муноқишаҳои мусаллаҳонаи минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ зарар дидаанд» аз ҷумлаи онҳо буданд.

Инҳо ҳама тадбирҳои сулҳовар ва муттаҳидкунанда буданд, ки сифати бахшоиш дошта, соҳиби ин обу хок, ин Ватан будани халқро қонунан таъйид ва таъкид карда, аз оғози роҳбарии сиёсатмадори миллатсоз дарак медоданд. Шӯрои Олӣ дигар зери фишору таҳдиди гурӯҳҳои алоҳида зуд-зуд қарору қонунҳои худро тағйир намедод ва рисолати таърихии худро ба ҷо оварда, қонуну қарорҳое ба тасвиб мерасонд, ки барои амнияти мардум хидмат намуда, собит месохтанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон ҷонибдори сулҳу оромиш буда, аз роҳи сохтмони ҷомеаи

демократӣ – мардумсолор қадам мебардорад ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро вазифаи муқаддами хеш медонад.

Акнун Шӯрои Олӣ воқеан сарриштаи тақдири мамлакатро дар даст дошт ва ба воситаи қабули қарору қонунҳо сохтори фалаҷшудаи ҳокимиятро фаъол, мақомоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро барқарор, Артиши миллӣ ва Нерӯҳои посбони сарҳадиро таъсис намуд. Кори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷон гирифта, барои беҳтар кардани тартиботи қонунӣ мадад кард.

Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов танҳо дар ду соли мансаби Раиси Шӯрои Олиро бар зимма доштанаш, ки муддати кӯтоҳест, тавонист, авзои сиёсии ҷомеаро ба эътидол оварда, барои ислоҳоти конститутсионӣ дар мамлакат шароити мусоид фароҳам созад. Шӯрои Олии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1990 «Дар бораи ташкили комиссия оид ба тайёр намудани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул карда буд ва Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон ба он тағйироту иловаҳо ворид сохта, таҳти роҳбарии ӯ ҳайати нави Комиссияи конститутсиониро тасдиқ кард. Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар ҳамон Иҷлосия зарурати ин корро чунин шарҳ дода буд: «Муҳимтарин ҷиҳати ин вазифа то сатҳи юридикӣ ва маънавии ҳуқуқи байналмилалӣ ва тадбирҳои универсалии онҳо баланд бардоштани қонунгузории давлатист. Аз ин ҷиҳат мо ба хулоса омадем, ки системаи ҷории қонунҳоямонро ба экспертизаи байналмилалӣ фиристем ва ҳам дар баррасии Қонуни асосиамон аз кӯмаки машваратии ташкилотҳои дахлдори байналхалқӣ истифода барем». Дар ин ҷо таъкиди махсус рӯи сатҳи маънавии ҳуқуқи байналмилалӣ хеле муҳим аст, зеро аҳамияти алоҳида додан ба ҷиҳати маънавии Қонуни асосӣ ва ҳамаи қонунҳои дигаре, ки баъдан дар такя ба он тартиб дода мешаванд, амали фаъоли онҳоро таъмин намуда, барои аз чаҳорчӯбаи қонун берун нарафтани ахлоқи ҷомеа хидмат хоҳад кард, ки далели озодии воқеӣ ва солимии ахлоқию маънавӣ хоҳад буд. Агар ихтиёр ба ман мебуд ва ин сухбат шеър мебардошт, ин маъниро ба забони шеър чунин хулоса мекардам:

*Озодии инсон, ки ба сад мазмун аст,*
*Озод касе, ки бандаи қонун аст.*

Гурӯҳи корие, ки Раёсати Шӯрои Олӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсияи мамлакат таъсис кард, ин талаботро ба эътибор гирифта, ду лоиҳа тартиб дод, ки яке Конститутсияи сохти президентии идораи давлат ва дигаре Конститутсияи сохти парламентии идораи давлат буд, зеро аз замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки масъалаи шакли идораи давлатӣ ба миён омад, дар ин бора ақидаҳои мухталифи сиёсӣ ба ҳам бархӯрда, як натиҷаи муайян ҳосил нагашта буд.

Вале дар муддати таҳияи лоиҳаҳо ва амиқ сар фурӯ бурдан ба моҳияти вазъи ҷомеа, бо мақсади тамаркуз бахшидан ба ҳокимият ва бештар сохтани масъулият он ақида бартарии комил пайдо кард, лоиҳаи Конститутсияе, ки сохти президентии идораи давлатиро таъмин менамояд, ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод карда шавад, ки ин амал 6 ноябри соли 1994 сурат гирифта, бо ҷонибдории зиёда аз 87 дар сади интихобкунандагон пазируфта шуд.

Тоҷикистон соҳиби Конститутсияи (Сарқонуни) миллии худ гашт ва халқи он аввалин бор дар таърих бо таъкид арза дошт, ки: «Мо, халқи Тоҷикистон... ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем» ва худро «баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ» эътироф мекунем ва зимоми сарнавишти худро ба дасти худ гирифт. Сарчашмаи ягонаи

ҳокимияти давлатӣ шинохта шудани халқ аломати асосии усули тозаи давлатдорӣ буд, ки мақсад дошт, ҷомеаи навро бунёд гузорад, ва аз давлатдории пешин, ки рӯи арзишҳои табақотӣ қарор гирифта буд, ба куллӣ фарқ мекард. Аз рӯи ин усул тамоми шаҳрвандони мамлакат бемамониат дар умури давлатдорӣ шахсан ва ё ба воситаи интихоби вакили хеш ширкат варзида, ақидаи худро озодона ифода карда метавонистанд. Нуктаи муҳими дигаре, ки ба дурнамои инкишофи иқтисодии кишвар тааллуқ дошт, мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла, дар баробари моликияти давлатӣ моликияти хусусиро эътироф кардан ва дар ҳимояи давлат гирифтани он буд, ки ба муносибатҳои сифатан нави иқтисодию иҷтимоӣ асос мегузошт.

Мақоле ҳаст, ки мегӯяд: Ҳар чизи тоза кашфшуда, чизи хуб фаромӯшшуда аст ва агар мо муносибати давлату моликиятро аз замонҳои қадим ба ёд орем, ба ин гуфтаҳои файласуфи Юнони бостон Фишоғурс (Пифагор) рӯ ба рӯ хоҳем шуд: «Шаҳрванде, ки моликият надорад, ватан надорад» ва хоҳем дарк кард, ки эҳсоси ватандорӣ бо моликиятдорӣ пайваста аст, вале чизи дигаре ҳам дуруст аст, ки агар давлат ва қонунҳои он одилона ва пойдор будан хоҳанд, онҳо чунон бояд бошанд, ки барои моликиятдор шудани тамоми мардум хидмат кунанд.

Бо назардошти ин қонунмандии иҷтимоӣ Конститутсияи мо ба ҳама шаҳрвандон ҳуқуқи баробари моликиятдорӣ додааст ва қонунҳое, ки Парламенти мамлакат оид ба ин соҳа қабул мекунад, барои иҷрои ҳамин мақсад мебошанд.

Дар шароити нави таърихӣ ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф хоҳад ёфт, зеро шаҳрвандон ҳуқуқи ташкили ҳизбҳои мухталифи сиёсӣ ва дигар иттифоқҳои касабавию ҷамъиятиро пайдо карданд, ки заминаи гуногунандешӣ буда, барои пешрафти ҷомеа хидмат хоҳанд кард. Ҳоло дар Маҷлиси Олӣ фаъолият кардани вакилони ҳизбҳои сиёсии ҲХДТ, ҲКТ, ҲНИТ ва дар ҷомеа мавҷуд будани ҲДТ, ҲСДТ, ҲСТ ва иттифоқу иттиҳодияҳои сершумори касабавию ҷамъиятӣ маҳсули ҳамон озодие мебошад, ки Конститутсияи нав додааст.

Аз рӯи ин Конститутсия дар Тоҷикистон сохти президентии идораи давлат таъйин гашта, ба Президенти ҷумҳурӣ ваколати Сардори давлат ва ҳокимияти иҷроия дода шуда, ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад (моддаи 9). Ин истифодаи таҷрибаи давлатҳоест, ки аз роҳи мардумсолорӣ ва ҳуқуқбунёдӣ ба зинаҳои баланди тараққиёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ расидаанд.

Ин даврон барои кишвари мо мушкил, вале босамаруояндасоз буд, зеро, аз як тараф, рукнҳои асосии ҳуқуқии давлатдории навин гузошта мешуданд, аз тарафи дагар, Сардори давлат дар шахси Президенти интихобкардаи халқи Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов бо Сарварони Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин роҳҳои оштӣ ва ризояти миллиро меҷустанд, ки яке аз нуктаҳои он дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) кишвар низ буд. Баъд аз тайёр шудани андешаҳо оид ба ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди худро ба Маҷлиси Олӣ ирсол дошт ва Маҷлиси Олӣ қарори дахлдори худро қабул кард, ки аз рӯи он рӯзи 26 сентябри соли 1999 рӯзи раъйпурсии умумихалқӣ эълон шуда, ба Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистон як силсила тағйироту иловаҳо ворид гашт.

Аз рӯи яке аз ин тағйироту иловаҳо дар мамлакат Парламенти думаҷлиса – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, ки дуюмӣ доимоамалкунандаи касбӣ мебошад, ба фаъолият шурӯъ кард, ки парламентаризми миллии моро инкишоф дода, хусусияти мардумсолории

давлатдориамонро афзун намуд. Тариқи интихобу таъйинот, салоҳияту имтиёз, ҳуқуқу ихтиёрот ва фаъолияти ин ҳар ду Маҷлис дар Конститутсия ва қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баён ва муайян карда шудааст, ки ҳоҷати такрораш нест, аммо чанд нуктае ҳаст, ки дар ин ҷо ба он диққати ҷудогона бояд дод.

Аз чаҳор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ дар маҷлисҳои якҷояи вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, Душанбе, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (якҷоя) ба таври ғайримустақим, бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мегарданд, яъне онҳоро вакилони халқ интихоб менамоянд ва аз ин рӯ, онҳо ба ин маънӣ намояндагии воҳидҳои марзиву маъмурии ҷумҳуриро низ ба ҷо меоранд. Аз чаҳор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президенти ҷумҳурӣ таъйин мекунад ва онҳое, ки шоистаи ин таъйинот мешаванд, шарафмандӣ ва масъулияти ҷудогонае доранд, зеро Президент ягона шахсест, ки салоҳият дорад иродаи тамоми халқи мамлакатро ифода намояд.

Дар ташаккули Маҷлиси миллӣ зуҳури маънавиёт ва ахлоқи ҳамидаи халқамонро низ дармеёбем, ки он дар қадршиносӣ ва эҳтиром гузоштан ба заҳматҳои собиқ роҳбарони дараҷаи аввали ҷумҳурӣ зоҳир мешавад. Конститутсияи (Сарқонуни) мамлакат ба ҳар Президенти собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ додааст, ки бо изҳори иродаи худ узви якумраи Маҷлиси миллӣ бошад.

Бо мақсади ҳарчи мардумсолортар шудани низоми идории ҷомеа ва ба манфиати халк пурра татбиқ гаштани қарору қонунҳое, ки Маҷлиси Олӣ қабул мекунад, аъзои Ҳукумати Тоҷикистон, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва ашхоси дигаре, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян намудааст, наметавонанд узви Маҷлиси миллӣ бошанд ва ин маҳдудият имкон намедиҳад, ки як шахс ҳам масъули қабули қарору қонунҳо ва ҳам масъули иҷрои онҳо бошад, яъне ҳокимияти давлатӣ, ки ба се рукн таҷзия шудааст, ба ҳам махлут шавад.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон баробари салоҳияти якхелаи қонунгузорӣ салоҳияти мушаххаси ҷудогона ҳам доранд, аз ҷумла, таъсис ва барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва тағйири онҳо, интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент, ризоят барои таъйин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ, салоҳияти махсуси Маҷлиси миллӣ мебошад, қабули қонунҳои буҷети давлатӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ва авф, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд, салоҳияти махсуси Маҷлиси намояндагон аст.

Фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз рӯи усули муқовимат ва боздорӣ сурат метрад, ки он дар ҷонибдорӣ кардан ва ё баргардонидани қонунҳое, ки ба Маҷлиси миллӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд, ифода ёфта, барои мукаммалтар шудани онҳо хидмат мекунад.

Синни интихобии вакили Маҷлиси намояндагон аз 25 ва узви Маҷлиси миллӣ аз 35 муайян шудааст ва ин даҳ соли тафовут ба фарде, ки узви Маҷлиси миллӣ мешавад, барои он зарур аст, ки дар ҳалли масъалаҳои мураккаби ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа таҷрибаи зарурӣ андӯхта бошад.

Аъзо ва вакилони ҳар ду Маҷлис ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд, ки дар давоми бештар аз чаҳор соли фаъолияти хеш қонуну қорорҳоеро, ки барои ба танзим даровардани раванди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавию ҳуқуқии ҷомеа зарур буд, пешниҳод ва қабул карданд. Аз байни онон пешниҳоди ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли гузашта дар раъйпурсии умумихалқӣ аз ҷониби мардум тарафдории комил ёфт, махсус қайд кардан зарур аст.

Конститутсия ҳуҷҷате нест, ки бо як қабул шудан абадан як хел боқӣ монад, зеро он маҳсули шароити мушаххаси таърихӣ буда, бо хусусияти нав пайдо кардани воқеият бояд дигаргунӣ пазирад, вагарна вазифаи асосии худро, ки санади меъёрию ҳуқуқӣ будан аст, иҷро карда наметавонад. Бинобар ин, тағйироту иловаҳое, ки ворид шуданд, тақозои ҷараёни рушду такомули унсурҳои мардумсолорӣ ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷомеаи мо мебошад. Илова кардани мазмуни зайл ба моддаи панҷуми Конститутсия «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд» дастоварди солҳои охири ҷомеаи мо буда, тақозо мекард, ки қонунҳои дигари вобаста ба инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар партави ин таъйинот аз нав дида шаванд ва ин дар амал ҳам воқеъ шуд, ки мо аз мисолҳои бисёр танҳо якеашро зикр мекунем. Ин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки ба наздикӣ қабул гардида, ба Кодекс бештар аз 350 тағйиру илова ворид намуд, ки ҳама дар самти сабук кардани ҷазо мебошанд. Агар муқоиса карда шавад, дидан мумкин аст, ки дар қонун то соли 1998 дар 44 маврид, дар соли 2003 дар 15 маврид, дар соли 2004 дар 5 маврид ҳукми қатл раво markdown дониста мешуд, дар давоми шаш сол ҳукми қатл қариб чанд баробар кам шудааст.

Ҳоло Қонун «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки онро Маҷлиси намояндагон қабул кард ва Маҷлиси миллӣ ҳам онро бо раъйи комил ҷонибдорӣ намуда буд, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Зеро он натиҷаи раванди мардумсолор гаштани ҷомеа, ҳамчун арзиши олӣ шинохтани ҳаёт, ҳуқуқу озодиҳои инсон, устувор гаштани пояҳои давлатдорӣ ва бештар аз ҳама афзоиши таъсири маънавиёт ва ахлоқи ҳамида бар қонуну қонунгузории мо мебошад.

Ҳоло Президенти мамлакат ҳангоми амалӣ гардонидани салоҳияти мушаххаси худ, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистон муқаррар намудааст, дар бисёр маврид бо Маҷлиси Олӣ робитаю ҳамкорӣ мекунад, ки далели зарурати шинохти эътибороти ҳар ду ҳокимият - қонунгузор ва иҷроия буда, пояҳои ахлоқии муносибати байниҳамдигарии онҳоро қавитар месозад.

Ҷомеа ҳар қадар бештар тараққӣ кунад, ин маъноро ҳамон қадар бештар дарк хоҳад кард: ба он чизе, ки тавассути беҳтар карда-ни ахлоқ ба даст овардан мумкин аст, набояд ба воситаи қонун ноил шуд. Дурустии ин фикри файласуфона дар таърихи башарӣ ва амалияи қонунияти давлатҳои мутараққӣ ба исбот расидааст, ки ҳоло дар ҷомеаи мо татбиқ мешавад ва мисоли дурахшони онро боз ҳам Президенти мамлакат Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов нишон дод. Президенти Ҷумҳурӣ бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории хеш ҳанӯз соли 2001 ба Маҷлиси Олӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи авфи умумӣ» пешниҳод карда буд, ки якдилона қабул гашта, барои тақвияти моҳияти инсонпарварона ва беҳбуди ахлоқию маънавии ҷомеа хидмат карда, собит намуд, ки гумроҳшудагон низ аз меҳру шафқат ва бахшоиши давлати хеш бенасиб нестанд.

Таҷрибаи чандҳазорсолаи башарӣ нишон медиҳад, ки қонунҳо ҳар қадар дар заминаи ахлоқию маънавии мустаҳкам омода шуда, нармтару инсонпарваронатар бошанд, ҳамон қадар камтар вайрон карда шуда, амалашон ҳам комилтар мегардад ва ё аз назари илми қонуншиносӣ бигӯем, сахтии қонунҳо барои риояи онҳо мамониат пеш меорад. Аз ин рӯ, дар солимии ахлоқи ҷомеа на фақат қонунҳое хидмат мекунанд, ки барои ба танзим даровардани маънавиёту ахлоқ, яъне қонунҳое, ки асосан соҳаҳои иҷтимоӣ, илму фарҳангро дар бар гирифта, барои беҳбуди маънавии ҷомеа қабул шудаанд, балки ҳамаи он қонунҳое, ки низ ба ҷиҳатҳои дигари зиндагӣ бахшида шуда, моҳияти ахлоқӣ ва таъсири пурқуввати маънавиро доро ҳастанд.

Бинобар ин, ҳамаи қонунҳо, новобаста аз соҳаашон барои он ки ба беҳбуди авзои ҷомеа мадад расонанд, бояд моҳияти ахлоқӣ ва таъсири пурқуввати маънавӣ дошта бошанд.

Як силсила қонуну қарорҳое, ки шахсан аз ҷониби Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод шудаанд, барои ривоҷу равнақи иҷтимоиёт, илму маориф, фарҳанг ва ифтихороти миллӣ мусоидат карда, ҳамин гуна сифати беҳдошти ахлоқӣ ва маънавиётсозӣ доранд, ки табиати ҷомеаро нармтар, башардӯсттару фарҳангитар менамоянд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ки аз рӯи он 20 март ҳар сол Рӯзи зиёиёни эҷодкор қайд карда мешавад, табдил дода шудани номи вилояти Ленинобод ба Суғд ва шаҳри Ӯротеппа ба Истаравшан, ки бо пешниҳоди Президенти мамлакат шакли қонунӣ гирифтанду ба вуқӯъ пайвастанд, барои тарғибу ташвиқи нақши зиёиён дар бедории мардум, таъриху анъанаҳои фарҳанги миллӣ, тарбияи наслҳо дар рӯҳияи ватандустӣ ва ифтихори ватандорӣ хидмати шоиста ба ҷо меоранд. Пешниҳоди Президенти мамлакат дар бораи аз андози иловагӣ озод кардани нашри китоб ва матбуот низ аз силсилаи ҳамон чораҳое мебошад, ки таъсири мутақобилаи файзбахши ахлоқу маънавиётро бо низоми ҳуқуқиву сиёсии ҷомеа густариш хоҳад дод.

Дар ниҳояти кор ҳамаи қонуну қарорҳо барои расидан ба маънавиёти баланд ва ахлоқи ҳамида офарида мешаванд, низоми давлатӣ ва қонунҳое, ки ҳамин ҳадафро пайгирӣ менамоянд, бевосита барои ноил шудан ба асли мақсад кор мекунанд, ки татбиқи он дар умури давлатдории имрӯзаи мо низ равшан ба назар мерасад. Ман ҳамчун як нафар хидматгузори соҳаи маънавиёт (файласуфи оламшумули немис Гегел адабиётро маҳсули ниёзи маънавӣ медонад), наметавонам ин хусусияти давлатдории навинро, ки зери сарварии Сардори давлат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов бомуваффақият сурат мегирад, бо ташаккур қайд накунам, зеро давлату ҳукумат дар доираи имконоти мавҷуда ва баъзан шояд бештар аз он барои пуштибонии маънавиёт ва заҳматкашони он тадбиру чораҳое меандешанд, ки мавриди таваҷҷуҳи хоса будани онҳоро таъкид карда, нақши онҳоро дар таҳкими асосҳои маънавии давлат бузург мешиносанд. Дар ин радиф сазовори номи Қаҳрамони Тоҷикистон гаштани бузургони адабиёт, таҷлили ҷашну бузургдошт, дар асъори миллӣ ҷой гирифтани тасвири онҳо, гузоштани номи эшон ба шаҳру ноҳияву кӯчаву хиёбонҳо, аз ҳисоби маблағи захиравии Президенти кишвар ба нашр расидани асарҳо, аз панҷ ба ҳафт адад зиёд кардани Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ, имтиёз ва мадади моддӣ ба Нависандагони (Шоирони) халқии Тоҷикистон, ки бо амру фармоиши Президенти мамлакат, қарору қонунҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Маҷлиси Олӣ ба амал татбиқ мегарданд, аз ҳамин ҷумлаанд. Ё худи он ки як нафар хидматгузори маънавиёт, каминаи камтарин, бо таъйинот ва ҳидояти Президенти мамлакат узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии кишвар таъйин ва

муовини Раиси он интихоб мешавад, далели раднопазири он аст, ки дар мафкураи давлат ва сарваре, ки давлатдории навинашро бунёд мекунад, мафҳумҳои давлат ва маънавиёт ба ҳам пайванди решагӣ дошта, дар зеҳни Сардори давлат ҷой гирифтааст, ки дар умури давлатӣ ворид кардани ашхоси фарҳангиро беманфиат намешуморад. Ин таъйинот кори фарҳанги ҳазорсолаи мост дар ниҳоди ӯ.

Инъикоси таҷаллии маънавиёту фарҳанг дар умури давлатдорӣ, қонуну қарорҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба тарзи хоси худ сурат мегирад. Дар Конститутсияи (Сарқонуни) мо омадани ҳамчунин моддае, ки мегӯяд: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд» аз нури ҳамин маънавиёт мунаввар буда, хулосаи таҷрибаи чандҳазорсолаи фалсафии зиндагист, ки аз сарчашмаи фарҳанги ориёӣ – таълимоти маънавии Авесто оғоз гирифта, бар се рукни ҳастиофарин – пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек қарор дорад, ки мабдаи некӣ будани мавҷудияти инсонро таъкид мекунад. Ин таълимот бар ҳамаи дину оинҳои баъдии инсоният – буддоӣ, яҳудӣ, насронӣ ва ислом акси дурахшони худро андохта, дар таълимоти ирфону тасаввуф ва фалсафиён ҳам хулоса гаштааст, ки шинохти ҳар қадар бештари инсон шинохти мазҳари некӣ будани он аст. Конститутсияи мо ҳам, ки ин маъниро бо шеваи қонун баён мекунад, такя бар ҳамин таълимот дорад ва ҳамаи қонуну қарорҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки Маҷлиси Олӣ ба тасвиб мерасонад, дар ниҳояти кор манзурашон низ ҳамон аст, ки инсон аз шинохти мазҳари некӣ будани худ берун наравад ва бидонад, ки маънову мазмуни ҳастии ӯ, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ расидан бар маънавиёти баланд ва офариниши некист.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин санади сарнавиштсоз низоми давлатдории соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро дар мамлакатамон муайян намудааст, ки тибқи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳост ва агар мо қоил ҳастем, ки онҳо барои халқу давлати тоҷик арзиши таърихӣ ва тақдирсоз доранд, пас мо ба шахсияти ӯ низ ҳамин гуна сифатҳоро бояд қоил бошем, зеро ҳамчунонки файласуфи оламшумул Волтер мегӯяд: «Ҳеҷ чиз маро ба он ҳақиқати мутлақ шак оваронида наметавонад, ки ҳар чизи эҷодшуда далели гӯёи эҷодкори худ мебошад».

**Соли 2004**

## МУНДАРИҶА

Тимсоли шеър ва шоир дар шеъри ғиноӣ . . . . . . . . . . . .5
Вожа ва тасвир. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .80
Таҳаввули арӯз. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .142
Аз ғазал то шеъри озод. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 196
«Шоирӣ касб не, шоирӣ – қисмат» . . . . . . . . . . . . . . .230
Тазодҳои фаровонии шеър. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 237
Шеъри замонӣ ва ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқӣ. . . . . . . .250
Равандҳои шеър ва худогоҳии шоир. . . . . . . . . . . . . . . 276
Ҳарфи хеш аз даври хеш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 312

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад . . . . . . . . . . . . . . . . . . 329
Авзои замон ва адабиёт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 333
Адабиёт аз дидгоҳи замони нав . . . . . . . . . . . . . . 344
Баъд аз ҳазор сол... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 374
Адабиёт ва истиқлол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 384
Уфуқҳои тозаи андеша . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 413
Навбаҳори ҳамрангӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 433
Аз хаёл то висол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 450
Масъалаҳои адабиёт масъалаҳои танқиданд . . . . . . . . 460
Танқид ва ҷараёни адабӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 475
Баҳс идома дорад . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 501
«Бӯи ҷӯи мӯлиён» ё «Боди ҷӯи мӯлиён» . . . . . . . . . . . 510
Киштинишастагонем ё киштишикастагонем? . . . . . . . . 528
Ҷомеа, Президент, Парламент, Қонун . . . . . . . . . . . 546

**АСКАР ҲАКИМ**

**МАҶМӮАИ ОСОР**

**Ҷилди IV**

Муҳаррир: **Аҳмадҷони Раҳматзод**
Муҳаррири техникӣ: **А. Абдусамадов**
Мусаҳҳеҳ: **Марҳамат Олимӣ**

Ба матбаа санаи 15.06.2017 супорида шуд. Ба чопаш 25.07.2017
имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи шартии чопӣ 32,7.
Андозаи 60x84/16. Гарнитураи хуруф «Times New Roman Tj». Супориши №4696. Теъдод 500 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

Матбааи «Ношир»
735714 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев 2
Тел.: (83422) 5-65-95